
Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода

СИЁСАТИ ҶАВОНОН



Китоби дарсӣ

Бахшида ба 35-солагии
Истиқлоли давлатии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

МИРАЛИЁН Қиёмиддин Абдусалимзода

СИЁСАТИ ҶАВОНОН

(китоби дарсӣ)

Душанбе - 2026

ТКБ 66.5 – М63
ТДУ 329.78–323.22/.28

Муқарризон:
Набизода В. М. – доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров
Қозиён Ш. Қ. – доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
Додихудоев Р. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Миралиён Қ. А., Сиёсати ҷавонон: китоби дарсӣ. – Душанбе: 2026. – 500 с.

Китоби дарсии мазкур фарогири масъалаҳои илмию назариявӣ, таълимӣ, асосҳои мафҳумӣ ва равишшинохтии (методологияи) ҷавонишиносӣ (ювенология) ва сиёсати ҷавонон буда, барои истифода дар фаъолияти таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, эҷодӣ, маърифатӣ, иттилоотӣ ва барномасозӣ дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ пешниҳод мегардад.
Маводи мазкур барои таълим ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи фанни «Сиёсати ҷавонон» таҳия шудааст ва ҳамчун манбаъ барои истифода ба омӯзгорон, олимон, муҳаққиқон, унвонҷӯён, маъмурон ва хизматчиёни давлатӣ тавсия дода мешавад.

Бо қарори Шурои илмӣ-методии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №1/7 аз 28.08.2026 барои нашр тавсия дода шуд.

© Миралиён Қ. А., 2026 ISBN: 978-9906-9918-03

МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР 7

ИХТИСОРАҲО ВА МАФҲУМҲОИ КАЛИДӢ 19

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА РАВИШШИНОХТИИ (МЕТОДОЛОГИИ) ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН 24

§ 1. Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши ҷавонон ва сиёсати ҷавонон 25

§ 2. Зарурати ташаккулёбии сиёсати ҷавонон ҳамчун илм ва фанни таълимӣ 29

§ 3. Хусусиятҳои мафҳумии (консептуалии) сиёсати давлатии ҷавонон 51

§ 4. Иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, шуғлмандӣ ва тарзи ҳаёти солим: ҳолат ва пешомад 69

§ 5. Шароити таҳсилот, таъминоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷавонон 84

§ 6. Тарбияи ватандӯстию ахлоқӣ ва шаҳрвандии ҷавонон 115

§ 7. Ҷанбаҳои ниҳодсозӣ ва илмию равишии сиёсати давлатии ҷавонон 127

БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ, ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР САМТИ РУШДИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН..... 135

§ 8. Вазифаҳои амалӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон 136

§ 9. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқ ва рушди сиёсати ҷавонон 151

§ 10. Таҳкими имконоти мақомоти худидоракунии маҳал дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон..... 169

§ 11. Хусусиятҳои ҳамкории байни доираи тиҷорат ва ҷавонон 178
§ 12. Асосҳои рушди соҳибкории ҷавонон ва сармоягузории шаҳрвандӣ.....190
БОБИ III. АСОСҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ВА ҶАНБАҲОИ МАФКУРАВИИ (ИДЕОЛОГИИ) СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН: ХУСУСИЯТҲО ВА РАВАНДҲО..... 209
§ 13. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: вазъи қонунгузорӣ 210
§ 14. Заминаҳои меъёрию амалӣ ва ташкилии сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити рушди ҷомеаи муосир....236
§ 15. Банақшагирӣ ва лоиҳасозии иҷтимоӣ дар доираи татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон.....255
§ 16. Барномасозии иҷтимоӣ дар доираи татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон 266
БОБИ IV. ҶАНБАҲОИ МАФКУРАВИИ (ИДЕОЛОГИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ВА МАФҲУМИ (КОНСЕПСИЯИ) «ИШТИРОКИ ҶАВОНОН» ҲАМЧУН СОЗУКОРИ (МЕХАНИЗМИ) РУШД 276
§ 17. Хусусиятҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати ҷавонон 277
§ 18. Ҷанбаҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати давлатии ҷавонон 298
§ 19. Рушди иштироки ҷавонон дар ҳошияи демократикунонии муносибатҳо..... 318
§ 20. Иштироки ҷавонон дар таҳкими рукнҳои демократии ҷомеа.....328
БОБИ V. ФАНОВАРИҲОИ (ТЕХНОЛОГИЯҲОИ) РУШДИ УСТУВОРИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН 346

§ 21. Нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва фаъолияти волонтёрӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ.....347
§ 22. Парламентаризми ҷавонон: ҳолат, таҷриба, мушкилот ва дурнамо 361
§ 23. Аҳамиятнокии фаъолияти парламенти ҷавонон дар ҳошияи рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ 377
§ 24. Заминаҳои назариявии рушди сиёсати ҷавонон дар ҳошияи таҳкими ҳамкориҳо байни субъектҳои асосӣ 387
§ 25. Тарҳи (модели) рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон: иштироки ҷавонон; шуғлнокӣ; тандурустӣ, таҳсилоти муносиб ва таъминоти иҷтимоӣ 395
§ 26. Тарҳи (модели) рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон: ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; мустақилияти иқтисодӣ; ватандӯстӣ; ахлоқи шоиста ва усулҳои рушди сиёсати давлатии ҷавонон.....424
АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲО.....453
САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ 470

ПЕШГУФТОР

Зарурат ва аҳамиятнокии ташаккул ва рушди сиёсати ҷавонон аз мавқеъ, нақш ва эътирофгардии он дар шароити муосири Тоҷикистон ва арсаи ҷаҳонӣ асос меёбад. Сиёсати ҷавонон дар рушди самти иҷтимоии давлат ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва стратегӣ муқаррар гардидааст. Дар ин росто – «Мо *ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаем*» – иброз мекунад, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 23 майи соли 2013[1].

Заминаҳои илмии сиёсати ҷавонон ҳамчун равиши илмии муосир ба масъалагузории моҳият, рисолат ва таъсиррсонии нав ба ҷомеа ва ҷавонон, инчунин бунёдгузорӣ ва ояндадории он асос меёбад. Вижагиҳои назариявӣ, таҷрибавӣ ва ниҳодикунонии сиёсати ҷавонон дар ҷараёни ташаккулёбӣ қарор дорад, зимнан, таҳқиқи шаклҳои гуногун ва фановариҳои (технологияҳои) рушд, устувории низом, таҳкими сохторӣ, идорӣ, илмӣ ва равишшинохтии (методологии) онҳо тақозо мегардад.

Дар доираи яке аз паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлкат соли 2017 «Соли ҷавонон» эълон мегардад. Дар ҳамин ҷо иброз менамояд, ки «*Амалисозии босамари сиёсати давлатии*

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 23.05.2013 [Маводи электронӣ] – Душанбе: 2013. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/node/4438

ҷавонон аз рӯзҳои аввали истиқлолият дар меҳвари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад» [1].

Аҳамиятнокии рушди сиёсати ҷавонон дар ҷомеаи муосир ҳамчунин, ба эътирофёбии он дар сатҳи байналмилалӣ ба сифати ниҳоди фаъоли ҷараёнҳои сиёсӣ асос меёбад.

Ҳанӯз соли 1965 аз ҷониби Ассамблеяи генералии СММ Декларатсия «Дар бораи дар миёни ҷавонон паҳн намудани идеалҳои сулҳ, эҳтироми мутақобила ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо» қабул гардида буд, ки асосан хусусияти тарбиявӣ дошта, ҷавононро ба сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ ҷалб менамуд. Дар соли 1998 за ҷониби ҳамин ташкилоти байналмилалӣ Декларатсия (Лиссабонӣ) оид ба сиёсати ҷавонон ва барномаи ҷавонон қабул мегарад, ки бо назародошти ташаккулдиҳии сиёсати ҷавонон дар ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон 8 самтро фаро мегирад, мувофиқан ин муносибат аҳамиятнокӣ ва зарурати омӯзиши илмию амалии сиёсати мазкурро, аз ҷумла таҳияи тадбирҳо ва технологияҳоро оид ба ташаккулдиҳии асосҳои ниҳодсионалӣ, илмии технологӣ ва таҷрибавӣ (эмпирикӣ) баланд мебардорад [2].

Ҳамчунин, дар сатҳи кишварҳои ИДМ Созишномаи давлатҳои иштирокчии ИДМ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон қабул мегардад, ки аз эътирофи нақш ва иштироки ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа дарак медиҳад, зимнан, ин муносибат аҳамиятнокии рушди сиёсати давлатии ҷавононро дар шароити демократикуноний ва ё дигаргунсозии ҷомеа баланд мебардорад [3].

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [Маводи электронӣ] – Душанбе, 2016. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/13747

[2] Манко, Ю. В. Ҷомеашиносии ҷавонон: маводи таълимӣ [Матн] / Ю. В. Манко, М. Оганян. - СПб.: Петрополис, 2008. - 316 с. (забон-русӣ)

[3] Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон: Созишномаи кишварҳои узви ИДМ аз 25.11.2005 [Маводи электронӣ] – Минск: 2012. – Тартиби дастрасӣ: http://cis.minsk.by/reestr/ru/Reestr.html#reestr/view/text?doc=3044 (забон-русӣ)

Ҳамин тариқ, дар шароити таваҷҷӯҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат ба масъалаҳои ҷавонон, эътироф гардидани сиёсати ҷавонон дар сатҳи байналмилалӣ ва ИДМ зарурати омӯзиши (тадқиқи) бунёдӣ, баррасӣ ва таҳияи тадбирҳои муосир, механизмҳо ва технологияҳо барои беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии ҷавонон тариқи рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон зарурат пайдо мекунанд. Вазифаи асосии баррасии илмии сиёсати ҷавонон – ин омӯзиши (таҳқиқи) назариявию методологӣ ва таҷрибавии (эмпирикии) вазъи ҷавонон ҳамчун объекти (ҳамзамон субъекти) асосӣ ва равонасозии онҳо ҷиҳати беҳтаргардонии муносибатҳо дар ҷомеа мебошад.

Зарурати омӯзиши ҷавонон ба сифати субъект ва ё объекти илм ба якчанд хусусиятҳои табиӣ, ҷамъиятӣ (демографӣ), сириштшиносӣ (физиологӣ), психологӣ ва гуманистӣ ба монанди ҷавонӣ, оммавият, серҳракатӣ, тавононӣ, чандир (ёзанда), нерӯмандӣ, захиравӣ ва ояндасозӣ доштани онҳо асос меёбад.

Имрӯз аз нисф зиёди аҳолии рӯи ҷаҳонро шахсони то 30 сола, яъне шахсони ҷавон ташкил медиҳанд, ки аҳамиятнокӣ ва арзишмандии ҷавонон ва сиёсати ҷавонон ва нақши онҳоро дар рушди муносибтаҳо дар ҷаҳони муосир инъикос менамояд [1].

Тоҷикистон аз рӯи нишондодҳои ҷамъиятӣ (демографӣ) дар байни кишварҳои ҷаҳон ҷавонтарин давлат ба ҳисоб меравад, чун синну соли миёнаи аҳолӣ ба 26,6 сол баробар аст – 70 фоизи аҳолиро шахсони ҷавон ташкил медиҳанд [2, с.38].

---

[1] Фрич, П. Ҷавонон дар шаҳрҳои пур [Маводи электронӣ] Лондон: 2015. – Тартиби дастрасӣ: http://www.youthpolicy.org/blog/youth-research-knowledge/cities-are-definitely-full-of-youth-but-are-they-youthful/#FN1 (забон-англисӣ)

[2] Маҷмӯаи омории шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025. [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 55 с.

Ҳамин тариқ, ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ҳар рӯз набзи нав касб намуда, дар шароити ҷомеаи муосир ҳар қадар зиёд талабот ва талабгор пайдо мекунанд. Дар ҳолати имрӯза дар қисми зиёди кишварҳо сиёсати давлатии ҷавонон аллакай ташаккул ёфтааст. Шумори зиёди олимону муҳаққиқон ва ташкилотҳои тадқиқотӣ ҳам сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳам ҷавононро дар маҷмӯъ ва ҳам дар алоҳидагӣ меомӯзанд. Ҳадаф аз ин таҳлилу омӯзишҳо, ин дарёфти механизмҳо ва фановариҳои (технологияҳои) мувофиқ ва муносиби мутақобилан судманди истифодаи самаранок ва рушди ҷавонон ҳамчун қисмати ҷамъияти илмӣ ва ҷомеаи фаъол, инчунин таҳкими сиёсати ҷаҳонӣ ва сиёсатҳои миллии давлатӣ нисбат ба онҳо мебошад.

Ҷавонон – ин гурӯҳи мураттабсоз ва иҷтимоии демографиест, ки қисми серҳаракати эҷодӣ ва ҳасоси аҳолиро ташкил медиҳад. Шахси ҷавон қувваи зиёд дорад ва қобилияти зудмутобиқшавиро ба талаботи ҷомеа ва табдилёбиро ба равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ соҳиб мебошад.

Омӯзиши ҷавонон ҳамчун объект, ҳамзамон субъекти илм ҳанӯз аз аввалҳои асри ХХ оғоз гардидааст. Дар даҳсолаҳои охир доираи омӯзиши масъалаҳои (мушкилоти) ҷавонон васеъ гардида, ба мавзӯи тадқиқотҳои илмҳои гуногуни инсонӣ (гуманитарӣ), ба монанди равоншиносӣ, педагогика, ҷомеашиносӣ, демография, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, таърих ва ғайра табдил меёбад.

Олимонро усулҳои гуногуни омӯзиши мавзӯъ, ҳамчунин анъанаҳои басинҷудокунӣ дар мактабҳои муайяни илмӣ ташаккулёфта ҷудо месозад. Омилҳои ғоявӣ (идеологӣ) низ, нақши аҳамиятнок мебозанд, чун ҷавонон дар раванди муборизаи ҳасоси сиёсӣ қарор доранд.

Қисми зиёди олимон, ба сифати нишонаҳои муҳими гурӯҳбандии ҷавонон, хусусиятҳои синнусолӣ ва асосҳои вазъи иҷтимоии ба онҳо робитадоштаро, ки ба ин ва ё он

рукнҳои иҷтимоии психологӣ вобастагӣ дорад, эътироф намудаанд.

Оилмони зиёди хориҷӣ ва ватанӣ, ба монанди Боенко Н. М., Григорева Р., Илинский И. М., Михайлова М. В., Митева П., Нехаева В. В., Новикова Т., Радионова В. А., Раҳимов И. Х., Икромов Ғ. Х., Тураева З. Н., Ҳоидбоев Ф. А. ва дигарон ҷавононро ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ мавзӯи тадиқиқоти худ қарор додаанд, ки чандин маротиба ба зарурати омӯзиши амиқи ин гурӯҳ ба сифати василаи сифатӣ ва миқдорӣ дар самти беҳгардонии вазъи иҷтимоӣ ва рушди ҷомеаи муосир таъкид кардаанд.

Дар ҳақиқат, ҷавонон қисми ҷудонашавандаи дигаргуниҳои иҷтимоии ҷомеа буда, қувваи бузург ва иқтидори (нерӯи) навоварро, ки барои ташаккулёбии дилхоҳ шакли давлатдорӣ зарур мебошад, ташкил медиҳанд. Барои ҳамин ҳам мебояд ин захираро бисёр боэҳтиёт ва самаранок истифода бурд.

Илми хос, ки дар шароити омӯзиши гуногунҷабҳаи мушкилоти шахсиятҳои ҷавон дар муҳити илм ҳамчун соҳаи нави дониши маҷмӯии байнифаннӣ – илм дар бораи наврасӣ, ҷавонон (juventilis – лот.: ҷавонӣ, наврасӣ; logos – дониш) [1] ба омӯзиши амиқи ҷавонон ва масъалаҳои ҷавонон машғул гардидааст, ин ювенология мебошад. Ювенология ба дониши байнифаннӣ оид ба раванди рушди насли наврас дар робитаҳои иҷтимоии иқтисодӣ, фарҳангӣ, рӯҳӣ ва сириштшиносӣ (физиологӣ), ки ташаккулёбии комили шахсиятро таъмин менамояд, асос меёбад.

Фарди ҷавон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи зиёди ҷомеашиносонро ҷалб намуд. Дар баробари ин, қисми зиёди донишҳо дар бораи ҷавонон хусусияти иҷтимоии инсонӣ (гуманитарӣ) доранд, ки аҳамиятнокии онро (донишро) нисбат ба шахсони ҷавон зиёд мегардонд. Омӯзиши зичи мушкилоти иҷтимоии ҷавонон фани нав –

[1] Википедия. Ювенология [Манбаи электронӣ] – Тартиби дастрасӣ: http://dic.academic.ru/dic.nsf/ruwiki

«ҷомеашиносии ҷавонон»-ро ба вуҷуд овард. Ҷомеашиносии ҷавонон ҳамчун илм аз се зина иборат мебошад: 1) умумиравишшиносӣ – шинохти ҷавонон ҳамчун ҷамъиятан фавқулода / беҳамто; 2) махсуси назариявӣ, ки ҷавононро ба сифати қисми алоҳидаи иҷтимоии ҷамъиятӣ (демографӣ) меомӯзад; 3) таҷибавӣ (эмпирикӣ) – таҳлили вазъи ҷавонон бар асоси омилҳои собитшаванда дар соҳаҳои дахлдори [1].

Омӯзиши зичи моҳияти ҷавонон ва муносибатҳои мутақобилаи онҳо дар ҷомеа, иштирок дар азнавсозиҳои иҷтимоии иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо ва ҷамъиятҳо, афзоиши талаботи онҳо аз ҳукуматдорон ба ташаккулдиҳии сиёсати ҷавонон боис мегардад.

Амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир дар шароитҳои зудтағйирёбӣ ва демократикунонии ҷомеа беш аз пеш зарурат пайдо мекунад, инчунин хусусияти аҳамиятноки сиёсати мазкур бар ҷавон будани он ва он ки ояндаро имрӯз муайян месозад, асос меёбад.

Масъалаҳои ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар корҳои олимони зерини ватанӣ кушода шудаанд: Асадуллоев Р. Н., Ашуров С. Б., Набиев В. М., Ҳакимов Ш., Раҳимова И., Тураева З. Н., Ҳоидбоева Ф. А. Аз ҷониби олимони мазкур то ҳадди муайян нақши ҷавонон дар шароитҳои демократикунонии ҷомеа, тарбияи сиёсии ҷавонон, ҷараёнҳои таърихии барқароршавии сиёсати ҷавонон, масъалаҳои амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон тавассути низомҳои махсусгардонидашудаи идоракунӣ, сохтори мақомоти давлатии кор бо ҷавонон, таҳкими иқтидорнокии ташкилотҳои ҷавонон, дастгирии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки онҳо дар татбиқи барномаҳои давлатии соҳаи сиёсати ҷавонон дар Тоҷикиситон омӯхта шудаанд.

[1] Лисовский, В. Т. Ҷомеашиносии ҷавонон: китоби дарсӣ [Матн] СПб: 1996. - 460 с. (забон-русӣ)

Мактаби ватании «сиёсати ҷавонон», дар ҳақиқат, шароитҳои зиёдеро барои ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон фароҳам овардааст, аммо иқтидори он дар таносуб ба мактабҳои аврупоӣ ва ё россиягӣ хеле заиф арзёбӣ мегардад. Танҳо як далел, ки дар ин кишварҳо соҳаи мазкур, аллакай, ба сифати фанни илмӣ ва мавзӯй ворид гардидааст (пазируфта шудааст) ва дар Тоҷикистон не, шаҳодати хулосаи боло мебошад. Барои ҳамин ҳам тадқиқоти мазкур идомаи мантиқии мактаби ватанӣ мебошад, мувофиқан, ба рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон тавассути коркарди фановариҳои (технологияҳои) муосир, зимнан, воридсозии он ба сифати фанни илмӣ ва мавзӯй мусоидат менамояд.

Заминаҳои назариявӣ-методолгии рисолаи мазкур ба тавсеаҳои муосири илмию назариявӣ ва таҳлилии дар тадқиқотҳои олимони гуногуни ватанию хориҷӣ асос меёбад. Ҳамчунин, дар раванди тадқиқот таҳлилҳои ташкилотҳои байналмилалии СММ (Муҳоҷирати ҷавонон) [1], Бонки умумиҷаҳонӣ (Гузориш дар бораи рушди ҷаҳонӣ) [2], Ташкилоти умумиҷаҳонии меҳнат (Қатъномаи алоқаманд ба шуғли ҷавонон) [3] ва маводҳои маҷаллаи байналмилалии «Youth & Policy» [4] (бо забонҳои русӣ ва англисӣ) истифода бурда шудаанд.

Дар ҳошияи тарҳи (модели)кунонии сиёсии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон мафҳуми (консепсияи)

---

[1] Ҳисоботи ҷаҳонии ҷавонон [Маводи электронӣ] / СММ. – Нюйорк (ИМА) – тартиби дастрасӣ: https://www.un.org/publications (забон-англисӣ)

[2] Ҳисоботи ҷаҳонии рушд 2007 [Маводи лектронӣ] / Бонки фаҳонб. - Вашингтон (ИМА)., 2006. - Тартиби дастрасӣ: http://www-wds.worldbank.org/external/default/WDSContentServer/WDSP/IB/2006/09/13/000112742_20060913111024/Rendered/PDF/359990WDR0complete.pdf (забон-англисӣ)

[3] Резолютсияи марбут ба шуғли ҷавонон [Маводи электронӣ] / ТҶМ. – Женева., 2005. – 21 с. – Тартиби дастрасӣ: http://www.ilo.org/employment/areas/youth (забон-русӣ)

[4] Маҷаллаи “Youth & Policy Journal” [Маводи электронӣ]: NE21 6DX. – (1982) 2016. – Тартиби дастрасӣ: https://www.youthpolicyandpolicy.org (забон-анлисӣ)

рушди бонизоми байнисоҳавии он тавассути амалҳои мутақобилаи ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ таҳия гардидааст. Дар ин росто, дар тадқиқот мафҳуми (консепсияи) Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва ҷанбаҳои сиёсӣ-дипломатии Барномаи умумиҷаҳонии амалиёти ҷавонон то соли 2000 ва пас аз он истифода гардидаанд [1].

Ҳамин тариқ, дар доираи тадқиқоти мазкур масъалаҳои зерин ҳамчун навовариҳои илмӣ ва ё механимзмҳои ташаккул ва рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон муайян карда шуданд.

- Муҳимтарин масъалаҳои назариявӣ ва мафҳумии (консептуалии) омӯзиши сиёсати ҷавонон дар ҷараёни ташаккулёбии муносибатҳои муосири илмӣ–назариявӣ, сиёсӣ ва ниҳодсионалӣ баррасӣ карда шуда, мулоҳизаи муаллифии рушди он дар шароитҳои дигаргунсозии демократии ҷомеа пешниҳод гардидааст. Дар ҳамбастагӣ ба ин, зарурати рушди равияи нави илмӣ бо фарогирии омӯзиши масъалаҳои интегратсионӣ, байнисоҳавӣ ва методии сиёсати ҷавонон ва мушкилоти ҷавонон, чӣ дар маҷмӯъ ва чӣ дар алоҳидагӣ (аз рӯи соҳаҳо) асоснок карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки омӯзиши илмии сиёсати ҷавонон дар ҷомеа, одатан, ҳамчун як равияи илмӣ (сиёсӣ) фаҳмида мешавад, аммо танҳо далели аҳамияти байнисоҳавӣ, бисёрамалӣ ва байнифаннӣ доштани он, бисёрҷабҳа будани ин соҳаро инъикос менамояд, ки дар баробари омӯзиши сиёсии он, боз омӯхтани асосҳо, ҷараёнҳо, падидаҳо ва хусусиятҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, идоракунӣ, фарҳангӣ, омӯзгорӣ, равонӣ ва таърихии он тақозо мегардад;

- Мафҳуми (консепсияи) назариявии амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон бар асоси вазъи иҷтимоӣ,

[1] Барномаи ҷаҳонии амал барои ҷавонон: Резолютсияи СММ аз 13.03.1996 #50/81 [Маводи электронӣ] – Нбйорк, 2010. – Тартиби дастрасӣ: www.un.org/youth. (забон-англисӣ)

иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ бо сохторҳои (тарзҳои) амудӣ ва уфуқӣ, ҳамчунин усулҳои мудохилаи бисёрсоҳавӣ, масъулияти бонизом ва таъсиррасонии амалӣ (принсипиалӣ) пешниҳод гардидаст. Мафҳуми (консепсияи) мазкур бо назардошти амалисозии бонизом ба рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат мекунад;

- Соҳаҳои асосии афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, ки ба сифати технологияи асосии заминавии рушди он, иборат аз: 1) иштироки ҷавонон; 2) шуғли ҷавонон; 3) ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон; 4) таҳсилоти муносиб барои ҷавонон; 5) таъминоти иҷтимоии ҷавонон; 6) таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; 7) мустақилияти иқтисодии ҷавонон; 8) ватандӯстии ҷавонон; 9) рафтори шоиста ва фарҳанги ҷавонон; 10) ҷанбаҳои ниҳодсионали ва илмӣ–амалии сиёсати давлатии ҷавонон, тартиб дода шудаанд, ки бар шароитҳои вазъияти баамаломада нисбат ба ҷавонон, талаботи онҳо, вобастагӣ ва робитаи мутақобила байни ҷомеа, ҳукумат ва худи ҷавонон таҳия (коркард) гардидаанд;

- Вазъияти умумии (бори аввал дар мамлакат) иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва сиёсии ҷавонон дар робита ба амалисозии афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон пешниҳод (таҳлил) гардидааст.

Муайян карда шуд, ки механизмҳои ҷории амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон бар сохтори нақшавии амалӣ бо усулҳои анъанавии татбиқсозӣ асос ёфтаанд, ки ба низомҳои патриархалии (оддии) идоракунӣ шомил мебошанд. Мувофиқан, фановариҳои (технологияҳои) идоракунии муосири байнисоҳавӣ, бисёрсоҳавӣ, маҳаллӣ ва матрисавӣ пешниҳод карда шуданд;

- Низоми ниҳодикунонии илмӣ, тадқиқотӣ ва назариявӣ-равишшинохтии (методологии) алоқаманд ба сиёсати давлатии ҷавонон пешниҳод карда шудааст, ки аз

чунин ҷузъиётро / вазифаҳоро фаро мегирад: ошкорсозии мураттаб, омӯзиш, таҳлил, пешбинӣ ва пешгӯии мушкилоти ҷавонон, касбикунонии «кор бо ҷавонон», сохторҳои амудӣ ва уфуқии таҳлили (мониторинг ва баҳогузории) амалисозии соҳои сиёсати давлатии ҷавонон, натиҷанокии он ва таъсиррасонӣ ба фаъолнокии сиёсӣ ва мутобиқати иҷтимоии ҷавонон дар ҷомеа;

- Тарҳи (модели) нави муосидаткунанда ба рушди устувори сиёсати ҷавонон дар шароити рушди демократии ҷомеа – созукори (механизми) байнисоҳавии амалҳои мутақобила байни ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ муайян гардид;

- Василаҳои дастрас – усулҳои амалисозии самараноки қонунгузории сиёсати ҷавонон, аз ҷумла барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон тавассути ҳамкориҳои мутақобила ва шарикии байни сбуъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ муайян карда шуданд;

- Созукори (механизми) муосири рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар робита ба хусусиятҳои мафкураи (идеологияи) миллӣ бо назардошти ба ҷавонон талқин намудани асосҳои демкоратӣ, озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва арзишҳои фарҳангии ҳаёт бо усули амалҳои мутақобилаи байнисоҳавӣ ва маҳаллии байни ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ҳамчун амалисози самараноки асосҳои ғоявии сиёсати давлатии ҷавонон арзёбӣ мегардад, таҳия гардид. Мафҳуми мафкураи (идеологяи) миллӣ ҳамчун таълим (омӯзонидан), талқин ва рӯҳбаланд намудани ҷомеа ба пояҳои демократӣ, озодӣ, мустақилият ва фарҳангии арзишҳои ҳаётӣ – муайян карда шуд;

- Мафҳуми (консепсияи) «иштироки ҷавонон» дар рушди ҷараёнҳои демократии давлат тавассути муайян кардани ҳиссаи намояндагии ҷавонон дар ҳар се шохаи ҳокимият, ки ба ҷавонишавии кадрӣ ва таҳкимёбии низоми идоракунии давлатӣ боис мегардад коркард (таҳия) карда

шуд. Ҳамзамон, ба низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон додани мақоми «мактаби кадрҳо» асоснок карда шудааст, ки дар ҳақиқат бояд рисолати асосии худ – омодасозӣ ва баамалбарории захираҳои кадриро иҷро намояд;

- Созукори (механизми) наври рушди сиёсати ҷавонон – ташаккулдиҳии парламентаризми ҷавонон, ки фарогири иштироки фаъоли (намояндагии) ҷавонон дар мақомоти қонунгузории ҳокимияти давлатӣ мебошад, коркард (таҳия) гардид.

Созукори (механизми) мазкур ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон ва таҳкими иқтидори фановарии (технологии) сиёсати ҷавонон, ки бар таҷриба, дастовардҳои мамлакатҳои хориҷӣ ва уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон асос меёбад, равона гардидааст;

- Тарҳи (модели) рушди мунтазам ва устувори сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба муттаҳидсозӣ ва рушди иқтидорҳои тарафҳои гуногун, ба монанди ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ таҳия гардид.

Тарҳи (модели) мазкур бо назардошти афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ба сифати мехнизми ягонаи стратегӣ, ки фаъолияти амалӣ ва рушди сиёсати ҷавононро дар шароитҳои демократикунонии ҷомеа таъмин месозад, пешниҳод гардидааст. Қисмати амалии роҳандозии тадбирҳо аз рӯи тарҳи (модели) мазкур ба маҳалликунонӣ ва ғайримуттамарказонии муносибатҳо, ҳамчунин тақсимоти баробари уҳдадориҳо дар асоси имкониятҳои воқеии амалии субъектҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон равона гардидааст.

Маводи мазкур, масъалаҳои илмию назариявӣ, заминаҳои консептуалӣ, хулоса ва тавсияҳои он барои истифодаи васеъ дар фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ, таълимӣ-педагогӣ, эҷодӣ-маърифатӣ, иттилоотӣ ва барномавӣ (барномасозӣ ва банақшагирӣ) пешниҳод

мегарданд. Масъалаҳои мафҳумии (консептуалии) ошкоршуда, усулҳои мутақобилаи ҳамгироӣ ва байнисоҳавӣ ба васеъ гардидани майдони тадқиқоти илмӣ ва рушди назариявӣ-равишшинохтии (методологии) сиёсати ҷавонон имокният медиҳанд.

Аҳамиятнокии амалии фан ё тахассуси мазкур ба коркарди фановариҳои (технологияҳои) мукаммали рушди устувори сиёсати ҷавонон ҳамчун «хусусиятҳои илмӣ-назариявӣ ва мафҳумии сиёсати давлатии ҷавонон», «афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон», «иштироки ҷавонон», «заминаҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати давлатии ҷавонон», «парламентаризми ҷавонон» ва «тарҳи (модели) мураттаб, байнисоҳавии амалҳои мутақобилаи ҳокимият, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ» асос меёбад.

Китоби мазкур барои таълим ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи фанни «Сиёсати ҷавонон» таҳия шудааст, ҳамчунин барои истифода ба олимон, муҳаққиқон, омӯзгорон, маъмурон, хизматчиёни давлатӣ, унвонҷӯён, довталабони илм ва шахсони дигари дар соҳаи идоракунии сиёсӣ, иҷтимоӣ ва менеҷмент тавсия дода мешавад.

ИХТИСОРАҲО ВА МАФҲУМҲОИ КАЛИДӢ

Ихтисораҳо ва мафҳумҳои поён дар ҳошияи таҳкими ҳувияти хат ва забони тоҷикӣ, ки таърихи қадима дошта, дар равишшинохтии илми муосир нақши созгор дорад, оварда шудаанд. Албатта, қисми муайяни онҳо дар шароити имрӯза ба ҷамъияти илмию амалӣ ошно нестанд, чун адабиёти мо дар саддаи охир бештар аз мафҳумҳои эҷодкардаи доираи илм ва сиёсати иттилоотии Ғарб таркиб ёфтаанд. Зимнан, матлаб он аст, ки чун адабиёт ва мафҳуму вожаҳои ҷомеаи мо қадимтар, устувор ва дар фаҳм пурмазмун ҳастанд, ба онҳо бояд ботадриҷ баргардем ва онҳоро ҳувият бахшем.

- ✓ Ангеза – манфиат, омили ҷолиб, шавқангез.
- ✓ Вазифаи амалӣ – «функсия». Ҳамчунин, вазифа, уҳдадорӣ ва ваколат фаҳмида мешавад.
- ✓ Дастнигар – «объект». Ҳамчунин мавзуъ, ҳадаф, мунтазир ва идорашаванда фаҳмида мешавад.
- ✓ Даҳшатафканӣ – «терроризм». Усули муборизаи сиёсӣ, «динӣ» ё мафкуравӣ мебошад, ки тавассути зӯроварӣ, таҷовуз, куштор ва тарсонидани ҷомеа, яъне даҳшат афкандан амалӣ карда мешавад. Ҳадафи асосӣ ин падида ҷорӣ кардани тарсу ваҳм ва ноумедӣ дар байни омма бо роҳи зӯроварии ошкоро ва бераҳмона (гаравгирӣ, таркиш, куштор...), истифодаи мардуми осоишта ва бегуноҳ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои сиёсии муайян мебошад.
- ✓ Демократикунонӣ – таҳким бахшидани озодӣ ва мустақилият дар муносибатҳои идоракунии ҷомеа ва ё давлат.

- ✓ Демократия – озодӣ ва мустақилияти шаҳрвандон дар муносибатҳои идоракунии ҷомеа ва ё давлат.
- ✓ Дурамал – «стратегия». Мафҳуми маъмулгаштаи «стратегӣ» ё «стратегия», ки фарогири хусусиятҳои дурбинӣ, дурномаӣ, дарозмудатӣ, мушаххасӣ, ба амалия наздик, натиҷанок ва маҷмӯӣ мебошад.
- ✓ Интернет – шабакаи умумиҷаҳонии интиқоли маълумот.
- ✓ Кордон – «кадр». Ҳамчунин зери мафҳум маъмулгарштаи «кадр» коршинос, коргузор ва корманд фаҳмида мешавад.
- ✓ Кӯмаки пулии бебозгашт – грант.
- ✓ Мафкура – «идеология». Ҳамчунин, тафаккур ва ғояи маънавӣ фаҳмида мешавад.
- ✓ Мафҳум – «консепсия». Ҳамчунин, фаҳмиш, таркиб ва барнома фаҳмида мешавад.
- ✓ Мафҳумӣ – «консептуалӣ». Ҳамчунин, фаҳмишӣ, таркибӣ ва барномавӣ фаҳмида мешавад.
- ✓ Маърифат – шинохт, дарк, таҳлил ва арзёбии воқеият.
- ✓ Талаботи ҳатмӣ – «принсип». Ҳамчунин, меъёри амалию ташкилӣ, меъёри хусусияти ҳатмидошта, тартиб ва қоида фаҳмида мешавад.
- ✓ Муассир – таъсиркунанда, таъсирбахш.
- ✓ Навоварӣ – «инноватсионӣ», инноватсия.
- ✓ Намунаи ибрат – «идеал».
- ✓ Низомнок – «системавӣ».
- ✓ Ниҳодсозӣ – «институтсионалӣ».
- ✓ Равишшиносӣ – «методология».
- ✓ Рақамгузориш – «диаграма».
- ✓ Робита – «коммуникатсия».
- ✓ Робитавӣ – «коммуникатсионӣ».

- ✓ Рушди устувор – «рушди динамикӣ». Ҳолати бо суръати баланд, пайваста ва бомуваффақият тағйир ёфтан ва ба пеш ё боло ҳаракат кардани сохтор, низом ё ҷараёни муайяни муносибатҳои идоракунӣ.
- ✓ Сармоягузории шаҳрвандӣ – тарҳи нави рушд, ки ба оила нигаронида шудааст, дастрастар, намоёнтар, дорои пояи устувор ва кафолатбор мебошад.
- ✓ Сиёсати нерӯи инсонӣ – «сиёсати кадрӣ». На ҳамеша тарҷумаи лафзӣ маънои аслиро медиҳад, аз ин рӯ, агар кадр ҳамчун кордон маънӣ дода тавонад, пас маънои сиёсати кадриро ҳамчун сиёсати нерӯи инсонӣ маънидод кардан мувофиқ мебошад.
- ✓ СМР-2030 – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030
- ✓ Таассур – таъсирпазирӣ, қабули таъсиррасонӣ (ба қабули таъсиррасонӣ омода будан)
- ✓ Тафаккур - раванди фаъоли коркарди маълумот, таҳлил ва ҳалли мушкилот
- ✓ Тундгаро, тундрав - шахсе, ки ба ақидаҳо ва усулҳои яктарафаи ниҳоят тунд, канорӣ ва бераҳмона пайравӣ мекунад, фикри дигаронро тамоман қабул намекунад, танҳо як ғоя ё ақидаи носолимро дуруст меҳисобад ва омода аст барои расидан ба он ҳама чизро қурбон кунад, нисбат ба дин, фарҳанг ё сиёсати дигарон нафрати шадид дорад, барои бор кардани ғояи худ зӯроварӣ ва таҷовузро усули асосӣ медонад.
- ✓ Тундгароӣ, тундравӣ – «экстремизм».
- ✓ Тундравӣ (экстремизм) ва даҳшатафканӣ (терроризм) – тундравӣ марҳилаи омодасозӣ (бештар фарогири мафкура, ғоя ва ақидаҳои тунд) буда, даҳшатафканӣ марҳилаи амалии тундравӣ аст (яъне даврае, ки ғояҳои

тунд ба усули куштору таҷовузи мустақим табдил меёбанд).

- ✓ Фановарӣ – «технология».
- ✓ Фаъолсозанда – «субъект»; ҳамчунин соҳибҳуқуқ, идоракунанда.
- ✓ Хирадмандии сиёсӣ – «дипломатия». Воситаи асосии сиёсати хориҷии давлат, ки барои гуфтушунидҳо, устувор гардонидани муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳалли осоиштаи низоъҳо истифода мешавад.
- ✓ Ҷавонишиносӣ – «ювенология».
- ✓ Ҷомеашиносии ҷавонон – сотсиологияи ҷавонон».
- ✓ Шуур - қобилияти дарк кардани худ ва ҷаҳони атроф.
- ✓ Шуури ҷамъиятӣ – «менталитет».
- ✓ Эъломия – «Декларатсия».

- ✓ ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
- ✓ ВНМО/БПНМ – вируси норасоии масунияти одам / бемории пайдошудаи норасоии масуният.
- ✓ ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.
- ✓ ИҶ – иттиҳодияи ҷамъиятӣ.
- ✓ КМД – мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ё кумитаҳои маҳаллаву деҳот.
- ✓ ММД - Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ.
- ✓ ММД – маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.
- ✓ МОИ - минтақаи озоди иқтисодӣ.
- ✓ СДҶ – сиёсати давлатии ҷавонон.
- ✓ СММ – Созмони Милали Муттаҳид
- ✓ СҶС - Созмони Ҷаҳонии Савдо
- ✓ ТҒТ - ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ

- ✓ ТҒҲ – ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ба қайди давлатӣ гирифта шуда)
- ✓ ҲРУ – Ҳадафҳои рушди устувор
- ✓ ҲХДТ – Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

БОБИ 1. ЗАМИНАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА РАВИШШИНОХТИИ (МЕТОДОЛОГИИ) ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН

§ 1. Ҷанбаҳои назариявии омӯзиши ҷавонон ва сиёсати ҷавонон

Ҷавонон ҳамчун захира ва сиёсати ҷавонон ҳамчун дастгоҳи идоракунии ин манбаъ (захира) ҳар рӯз такони нав пайдо мекунанд ва дар ҷомеаи муосир ба онҳо талабот бештар мешавад. Бисёр олимон, тадқиқотчиён, сиёсатмадорон, доираи тиҷорат, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷомеаҳои байналмилалӣ ва дигарон онҳоро барои дарёфти нуқтаҳои мувофиқ ва равишҳое, ки барои ноил шудан ба ҷанбаҳои башардӯстонаи рушд, инкишофи муносибатҳо ва имкониятҳои ҷавонон ҳамчун як ҷузъи ҷомеаи фаъол меомӯзанд.

Даҳсолаҳои ахири рушд ва шароит, бахусус талаботи рушди технологӣ, ки ба тағйироти босуръати ҷомеа таъсир мерасонанд, аз он шаҳодат медиҳад, ки наслҳои нав устувортар, қобилиятнок ва чандирпазиранд ва аз ин рӯ, метавонанд хеле зуд дигаргун, ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ шуда, ҷои наслҳои гузаштаро ишғол кунанд. Ин қобилияти зудтағйирёбӣ ва мутобиқшавии устувори ҷавонон таваҷҷӯҳи атрофиён, аз ҷумла муҳити ташкилию амалӣ ва илмиро ба худ ҷалб мекунад.

Дар баробари ин мувофиқи хосиятҳои сириштшиносӣ (физиологӣ) ва биологии ҳаёти ҷамъиятӣ, захираҳои кӯҳна ҳамеша бо захираҳои нав иваз карда мешаванд, ки тадриҷан ба захираи наву тоза табдил меёбанд ва ба шароити муҳити зист мутобиқ мешаванд. Нуқтаи муҳим дар ин табдилёбии мунназами ирсию ҷинсӣ (генетикӣ) дар он аст, ки ҳама чиз бояд дар ҷойи худ бошад ва сари вақт тағйир ёбад. Вайрон кардан ё қасдан тағйир додани ин низоми коркардшуда номувозинатиро ба вуҷуд меорад ва дар ниҳоят метавонад ба оқибатҳои хатарбор оварда расонад.

Аз ин рӯ, ин қишри ҷомеаро аз нуқтаи назари илмӣ хеле бодиққат бояд омӯхт, механизмҳои тағйирёбии

табиӣ ва ба ҷомеаи муосир мутобиқ шудани онҳоро мавриди амал қарор додан лозим мегардад. Яъне, субъектҳои илмию таҳқиқотӣ бояд ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳ намуда, дар ҳамкорӣ бо мақомоти ваколатдори марказӣ ва маҳаллӣ раванди тағйирёбӣ ва талаботи онҳоро ба шароитҳои муносиб муайян амалӣ намоянд.

Зарурати омӯзиши ҷавонон ҳамчун субъекти мустақили илмӣ ва амалӣ аз якчанд хусусиятҳои табиӣ, ҷамъиятӣ (демографӣ), сириштшиносӣ (физиологӣ), равонӣ ва иҷтимоӣ, аз қабили ҷавонӣ, оммавӣ, пурҳаракатӣ, пуқувватӣ, чандирӣ, пуриқтидорӣ, захиравӣ ва ғайра доштани онҳо бармеояд.

Имрӯз беш аз 50 фоиз аҳолии ҷаҳонро шахсони то 30-сола, яъне ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин аҳамиятнокии ҷавонон ва нақши муҳим доштани сиёсати ҷавононро арсаи ҷаҳонӣ инъикос менамояд [1].

Тоҷикистон аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷамъиятӣ (демографӣ) дар байни кишварҳои ҷаҳон ҷавонтарин кишвар мебошад; синни миёнаи аҳолӣ 26,6 сол буда, 70 фоизи аҳолии кишварро шахсони то 30 сола, ҳамчунин 32,9 фоизи сокинонро ҷавонони 14–30 сола ташкил медиҳад [2, с.27].

Ҷавонон – гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ (демографӣ), ташаккулдиҳандаи низомҳо буда, ҳамчун қисми серҳаракат ва осебпазири аҳолӣ арзёбӣ мегардад. Шахси ҷавон нерӯ ва тавоноии бештар дорад, зимнан ба шароити ҷомеа зуд мутобиқ мешавад ва ба низоми сиёсиву иқтисодӣ зуд ҳамгиро мегардад.

Омӯзиши ҷавонон ҳамчун объект ва ҳамзамон субъекти илм аз ибтидои асри 20 оғоз ёфт. Дар ин давра

---

[1] Фриш, П. Ҷавонони шаҳрҳои пурра [Манбаи электронӣ] / П. Фриш. – Лондон: 2015. – тартиби дастрасӣ: http://www.youthpolicy.org/blog/youth-research-knowledge/cities-are-definitely-full-of-youth-but-are-they-youthful/#FN1 (забон-англисӣ)

[2] Маҷмӯаи омории шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025. [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 55 с.

олими амрикоӣ Стэнли Холл назарияи фанҳои психологӣ, антропологӣ ва иҷтимоӣ-мантиқии ҷавононро пешниҳод кард [1, с.110]. Дар даҳсолаҳои охир доираи омӯзиши муҳити ҷавонон васеъ шуда, ҳамчун мавзӯи тадқиқоти бисёр илмҳои инсонӣ (гуманитарӣ), аз қабили фалсафа, равоншиносӣ, педагогика, ҷомеашиносӣ, демография, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, таърих ва ғайра табдил ёфт.

Олимонро равишҳои гуногуни омӯзиши ҷавонон ҷудо менамояд, инчунин анъанаҳои таснифӣ, ки дар мактабҳои муайяни илмӣ ташаккул ёфтаанд. Омилҳои ғоявӣ (идеологӣ) низ, дар ин самт нақши муҳим мебозанд, зеро ҷавонон дар марҳилаи муборизаҳои шадиди сиёсӣ қарор доранд.

Аксари олимон хусусияти синну солӣ ва нишондодҳои иҷтимоии ба он алоқамандро ҳамчун мавқеи иҷтимоӣ эътироф кардаанд, инчунин хосиятҳои муайяни иҷтимоию–психологиро муҳимтарин омили ба гурӯҳи муайян шомил шудани ҷавонон арзёбӣ намудаанд.

Ҷомеашиносон аввалин шуда ҷавононро ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоӣ бо хусусиятҳои фарҳангӣ, манфиатҳои мушаххас, арзишҳо ва меъёрҳои рафтории ба худ хос шинохтанд.

Пас аз бартараф гардидани нофаҳмиҳо ва равишҳои маҳдуди классикӣ оид ба муайян кардани ҷавонон, инчунин мафҳумҳои маҳдуди эмпирикӣ, ки ба бисёре аз мактабҳои ювенологӣ хос мебошанд, тадриҷан ба гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ (демографӣ) назари васеътар ташаккул ёфт.

Ҷавононро ҳамчун субъекти илм бисёре аз олимони хориҷӣ ва ватанӣ, аз қабили Н.М. Боенко, Р. Григорева, И. Илинский, М.Михайлова, Митева П., Нехаева В.В., Новикова Т., Радионова В.А., Раҳимов И. Х., Миралиён Қ.А., Икромов Ғ.Х., Тураева З.Н., Ҳоидбоев Ф.А. ва дигарон омӯхтаанд, ки борҳо зарурати омӯзиши амиқи ин гурӯҳро

[1] Стэнли, Г. Ҷавонон - маориф, низом ва гигиена [Матн] / Г. Стэнли Холл. - Зеландияи Нав: Донишгоҳи Кларк, 1904. –168 с. (забон-англисӣ)

ҳамчун воситаи муҳим ва калидӣ дар самти беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоӣ ва рушди ҷомеаи муосир таъкид кардаанд.

Лисовский В.Т. яке аз аввалинҳо шуда мафҳуми «ҷавонон»-ро муайян кард: «Ҷавонон – насле мебошанд, ки марҳилаи иҷтимоишавиро (сотсиализатсияро) гузашта, қобилияти азхудкунии функсияҳои (вазифаҳои) омӯзишӣ, касбӣ, фарҳангӣ ва дигар падидаҳои иҷтимоиро дошта ва онҳоро дар калонсолӣ аз худ карда ба ҳисоб мераванд; вобаста ба шароити мушаххаси таърихӣ нишондодҳои синнусолии ҷавонон метавонанд аз 16 то 30 сола бошанд» [1, с. 38].

Ҳамчунин, аз ҷониби олимони болозикр муайян гардидааст, ки ҷавонон – дар дигаргунсозиҳо ва навовариҳои иҷтимоӣ қувваи бузург ва субъекти муҳим мебошанд. Ин қувваро мебояд оқилона истифода бурд. Аммо набояд фаромӯш кард, ки намояндагони гурӯҳҳои ҷавонон аз рӯи минтақа ва сатҳи азхудкунии таҳсил ва фарҳанг фарқ мекунанд ва ба таълиму тарбия низ, тавақҷуҳи гуногун доранд. Аммо талабот нисбат ба ҷавонон, дар умум яксон аст ва на ҳама ба онҳо тоб оварда метавонанд.

Ба ақидаи М.Илинский - ҷавонон арзиши асосӣ ва навъи махсуси ҷамъиятӣ мебошад; ин на танҳо як мафҳуми ҷамъиятӣ (демографӣ) аст, балки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ низ мебошад; ин падидаи воқеии ҷамъиятиест, ки ҳамеша ҳамчун зергурӯҳи бузургу мушаххаси синнусолӣ боқӣ мемонад, барандаи неруи бузурги зеҳнӣ ва қобилияти махсуси эҷодӣ мебошад [2, с.108].

Дар ҳақиқат, ҷавонон қисми ҷудонопазири дигаргуниҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошанд, онҳо

---

[1] Лупандин, В. Н. Ҷомеашиносии ҷавонон: Китоби дарсӣ [Матн] / В. Н. Лупандин. – Орел: 2011 - 238 с. (забон-русӣ)

[2] Масалов, А. Г. Равишҳои назариявӣ барои муайян кардани моҳияти ҷавонон [Матн] / А. Г. Масалов // Бюллетени силсилаи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Шолохов, илмҳои сиёсӣ – 2012. - С. 102-110 (забон-русӣ)

қудрати бузург ва иқтидори инноватсиониро барои ташаккули ҳама гуна шаклҳои сохти давлатӣ ташкил медиҳанд, аз ин рӯ бояд аз ин манбаъ хеле бодиққат ва самаранок истифода намуд.

И.С. Кон: Ҷавонон – гурӯҳи иҷтимоию-демографие мебошад, ки дар асоси маҷмӯи нишондодҳои синнусолӣ ва хусусиятҳои вазъи иҷтимоӣ ва шароитҳои иҷтимоию психологӣ муайян карда мешаванд [1, с.478].

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ:

1. Тафовути байни наслҳои калонсолону ҷавонон дар чи ифода меёбад?
2. Чанд фоизи аҳолии ҷаҳонро шахсони то 30-сола, яъне ҷавонон ташкил медиҳанд?
3. Синни миёнаи аҳолӣ дар Тоҷикистон чанд аст?
4. Чанд фоизи аҳолии кишварро шахсони то 30-сола, яъне ҷавонон ташкил медиҳанд?
5. Чанд фоизи аҳолии кишварро шахсони ҷавон ташкил медиҳанд?
6. Ҷавонон кистанд (назарҳои олимонро тавзеҳ диҳед)?

§ 2. Зарурати ташаккулёбии сиёсати ҷавонон ҳамчун илм ва фанни таълимӣ

Ҷавонон чун як қишри муҳимми ҷомеа мавриди омӯзиши илмҳои гуногуни ҷамъиятшиносӣ қарор дошта, ҳар кадом мувофиқи самт ва ё равиши худ мафҳуми «ҷавонон»-ро баррасӣ мекунанд. Аммо дар умум мафҳуми ҷавононро чунин мқарра кардан мумкин аст: «ҷавонон - гурӯҳи иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ (демографӣ) ва

[1] Кон, И. С. Ҷавонон: Энсиклопедияи бузурги шӯравӣ. Нашри 3-юм. Ҷилди 16. [Матн] / И. С. Кон.– Москва: 1998. (забон-русӣ)

ташаккулдиҳандаи низомҳо буда, қишри нисбатан пурҳаракат, эҷодкор, аммо осебпазири аҳолӣ мебошад» мебошад. Шахси ҷавон нерӯ, қувва ва тавоноии бештар ва қобилияти зуд мутобиқ шудан ба шароити ҷомеа ва мувофиқи низоми сиёсиву иқтисодӣ хоситяи дигаргун шуданро дорад.

Ба омӯзиши васеи мушкилоти наврасон ва ҷавонон ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ ҷавонишиносон (ювенологҳо) машғул шудаанд. Дар шароити омӯзиши мушкилоти гуногунҷанбаи ҷавонон дар муҳити илмӣ соҳаи нави дониши маҷмӯии байнифаннӣ – ҷавонишиносӣ (ювенология), илм дар бораи наврасон, ҷавонон (juventilis лот.: ҷавонӣ, наврасӣ; logos дониш) падид омад [1].

Ҷавонишиносӣ ба дониши маҷмӯии байнифаннӣ дар бораи раванди рушди насли наврас дар робита бо падидаҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва сириштшиносӣ (физиологӣ) асос ёфтааст, ки онҳо ба ташаккулёбии шахсияти баркамол мусоидат мекунанд. Ин фанҳо демография, ҷамъиятшиносӣ, ҳаётшиносӣ (биология), равоншиносӣ (психология), сиёсатшиносӣ, иқтисод, ҳуқуқшиносӣ ва ғайра мебошанд.

Мактаби илмии ҷавонишиносӣ (ювенология) дар солҳои 90-ум дар Федератсияи Русия маъруфият пайдо кард, аммо оғози ташаккулёбии ин илм ба солҳои 60-уми асри гузашта рост меояд. Яке аз муассисони он Е.Г.Слутский соли 1996 ташкили Академияи ҷавонишиносиро ташаббус мекунад, ки ба он олимон ва таҷрибаомӯзони 25 шаҳри Русия шомил мегарданд [2, с.66]. Дар идомаи омӯзиши мушкилоти ҷавонон, соли 2004 рисолаи илмии дастаҷамъии «Ҷавонишиносӣ (ювенология) ва сиёсати ноболиғон дар асри 21: таҷрибаи

[1] Википедия. Ювенология [Маводи электронӣ]. Тартиби дастрасӣ - http://dic.academic.ru/dic.nsf/ruwiki (забон-русӣ)

[2] Луков, А. Ювенология: Масъалаҳои ташаккули назарияи ҷавонон [Матн] / Вал. А. Луков // Бюллетени Академияи Байналмилалии Илмҳо.– 2007. - №2. - С. 66-69 (забон-русӣ)

омӯзиши байнисоҳавӣ» дар шаҳри Санкт-Петербург таҳти таҳрири Е.Г.Слутский нашр мегардад. Дар рисолаи илмӣ мавзӯи омӯзиши ноболиғон ҳамчун ҷанбаҳои гуногун, унсурҳои равандҳо ва падидаҳои ювенологӣ, ки бо хусусияти объекти назариявӣ ва таҷрибавӣ (эмпирикӣ) – шахс (гурӯҳ) ба «ҷаҳони калонсолон» ворид мешавад, муайян карда мешавад [1, с. 27].

Тибқи назари О.В. Лукичев ҷавонишиносӣ (ювенология) - ин илми инсонӣ (гуманитарӣ) мебошад, ки донишҳои табиии илмии ҷамъиятиро дар бораи шахсони ҷавон ва ҷавонон муттаҳид мегардонад. Олим ювенологияро хамчун илми мустакил муайян мекунад, ки сохтори ба худ хосе чун методология, феноменология ва праксеология дорад [2, с.38].

Асоси ҷавонишиносиро ҳамчун илми байнисоҳавӣ нишондиҳандаҳои зерин ташкил медиҳад:

- ҳамкории ҷомеа ва ҷавонон;
- махсусияти муносибатҳои байни ҷавонон ва давлат;
- ҷавонон ҳамчун манбаи дигаргунсозиҳои вазъи ҷомеа;
- ҷавонон ҳамчун захираи меҳнатии ояндаи ҷомеа;
- ҳамкории ҷчавонон бо дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ.

Воқеан, дар Русия, махсусан дар даҳаи аввали асри 21, ҷавонишиносӣ ба марҳилаи устувор ворид мешавад. Дар сатҳҳои гуногуни ҳукумат ва ҷомеа ва дар байни олимони соҳаҳои гуногун омӯзиши ҷавонон торафт маъмул мегардад. Дар ин давра чи дар Русия ва чи дар дигар давлатхои

[1] Слутский, Э. Г. Ювенология дар асри 21: Дониши ҳамаҷонибаи байнифаннӣ дар бораи насли ҷавон [Матн] / таҳрири Э. Г. Слутский ва В. В. Журавлев. - Санкт-Петербург: 2007. – 734 с. (забон-русӣ)

[2] Лукичев, О. В. Падидаи ювенология ҳамчун дониши ҳамаҷонибаи байнифаннӣ дар бораи насли ҷавон [Матн] / О. В. Лукичев // Криминология. – 2011. - С. 36-40 (забон-русӣ)

пасошуравӣ истилоҳҳои нави илмӣ ва фаннӣ бештар истифода мешаванд: ҳуқуқи ҷавонон, адлияи ҷавонон, тибби наврасон, кори иҷтимоӣ бо ҷавонон ва ғайра.

Дар гурӯҳи мактабҳои таҳсилоти олии касбии Русия масъалаи омӯзиши ҷавонишиносӣ ба роҳ монда мешавад ва аз рӯи ихтисоси нави «Кор бо ҷавонон» мутахассисон тайёр карда мешаванд. Масалан, дар Донишгоҳи давлатии технология ва дизайни Санкт-Петербург кафедраи омӯзиши ювенология фаъолият менамояд, мувофиқан дар доираи он фанҳо ва нақшаҳои таълимии алоҳида ҷорӣ мегардад, ки шоёни таваҷҷӯҳи махсус мебошад [1, с.386].

Новобаста аз ҷанбаҳои мусбати омӯзиши ҷавонишиносӣ, махсусан дар Русия, татбиқи фаъоли он ҳоло ҳам таваҷҷуҳи хосса талаб мекунад. Зиёда аз 50 сол аст, ки масъалаҳои ташаккули илмии ҷавонон бо таваҷҷуҳи махсуси гурӯҳи олиону муҳаққиқон омӯхта мешавад, аммо то ҳол ҷавонишиносиро (ювенологияро) ҳамчун илми махсуси ташаккулёфта ҳисоб кардан номумкин аст. Бахусус дар Тоҷикистон, ки то ҳол ягон муассисаи илмӣ ё таълимӣ ба ин масъалаи муҳим ҳамчун илм ва ё фанни мустақил таваҷҷуҳ накардааст ва машғул нагардидааст.

Ҷавонон ҳамчун як гурӯҳи иҷтимоӣ таваҷҷӯҳи зиёди ҷомеашиносонро ҷалб кардааст. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди донишҳо дар бораи ҷавонон хусусияти иҷтимоӣ-инсонӣ (гуманитарӣ) дорад, ки таваҷҷуҳро ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ бештар мегардонад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши мунтазами мушкилоти иҷтимоии ҷавонон як фанни тамоман наверо ба вуҷуд меорад — «Ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон», яъне илм дар бораи хусусиятҳои иҷтимоии фарди ҷавон. Ҷомеашино-

[1] Елисеева, И. И., "Ювенология ва сиёсати ноболиғон дар асри 21: Таҳқиқоти ҳамаҷонибаи байнифаннӣ" (баррасии монографияи муштарак) [Матн] / И. И. Елисеева // Бюллетени Донишгоҳи Санкт-Петербурги Вазорати корҳои дохилии Русия. – №3 (31). - 2011. - С. 383-386 (забон-русӣ)

сии ҷавонон ҳамчун илм аз се марҳила иборат аст: 1) умумиуслубӣ – дониши иҷтимоӣ ва падидории (феноменалии) ҷавонон; 2) назариявӣ-иҷтимоии махсус - омӯзиши ҷавонон ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи иҷтимоию ҷамъиятӣ (демографӣ); ва 3) эмпирикӣ (таҷрибавӣ) – таҳлили вазъи ҷавонон дар асоси омилҳои собитшаванда дар соҳаҳои алоқаманди ҳаёт [1, с.5–6].

Дар ташаккулёбии ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон олимон ба монанди И.С. Кон, М. Титма, Ю. Г. Волков, Е.Г. Слутский, Г.И. Хмара, Ю.В. Манко, К.М. Оганян, И. Валев, П. Митяев, М. Семов, В. Фридрих, У. Старке, И. Рихтер, З. Бекели ва дигарон саҳм гузоштаанд [2].

Ҷомеашиносон мушкилоти ҷавононро нисбатан васеъ меомӯзанд, аз ҷумла: ҷавонон дар низоми донишҳои ҷомеашиносӣ (сотсиологӣ); асосҳои назариявии мушкилоти иҷтимоии ҷавонон; маданият ва тамоюлҳои рушди ҷавонон; мушкилоти меҳнат ва шуғли ҷавонон; ҳаёти маънавии ҷавонон; тамоюли ҷавонон ба дин; мушкилоти ҷаъмиятии (демографии) ҷавонон; инкишофи ҳаракатҳои ҷавонон; нақши ҷавонон дар сохти иҷтимоию сиёсии ҷомеа; низоъ дар байни ҷавонон ва ғайра, ки ин масъалагузориҳо барои таҳлили амиқи иҷтимоишавӣ ва рушди сиёсии ҷавонон имкон медиҳад.

Масъалаҳои ҷомеашиносии ҷавонон хеле муфассал дар маводи таълимии «Ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон: китоби дарсӣ», ки соли 1996 зери таҳрири В.Т. Лисовский чоп гардидааст, ҳамчунин дар асарҳои Ю.В. Манко ва М. Оганян «Ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон: маводи таълимӣ» (Санкт-Петербург: 2008) инъикос ёфтаанд.

---

[1] Лисовский, В. Т. Ҷомеашиносии ҷавонон: Китоби дарсӣ [Матн] / В. Т. Лисовский. - Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи Санкт-Петербург,1996. - 460 с. (забон-русӣ)

[2] Манко, Ю. В. Ҷомеашиносии ҷавонон: Китоби дарсӣ [Матн] / Ю. В. Манко, М. Оганян. - Санкт-Петербург: Петрополис, 2008. - 316 с. (забон-русӣ)

Тибқи Энсиклопедияи Сотсиологии Русия ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон дар соли 1999 мақоми фанни илмиро касб мекунад, ки ҷавононро ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ бо хусусиятҳои иҷтимоӣ–демографии онҳо (сарҳадҳои синнусолӣ, сохтор, динамика) бо назардошти маҷмӯи нишондодҳои объективӣ ва субъективӣ, ҳамчунин робита ва муносибатҳои онҳо бо дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ меомӯзад [1, с.97].

Мактаби ҷомеашиносии ҷавонон дар самти худшиносӣ ва худогоҳии ҷавонон дар шароити таҳаввулоти ҷомеа ва иштироки онҳо дар рушди ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсии давлатӣ асарҳои зиёд ва василаҳои хеле мукаммал эҷод (таҳия) мекунад. Аммо ин асарҳо дар бисёре аз кишварҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон нопадид боқӣ мемонанд; Дар даҳсолаҳои охир бо ин масъалаи барои ҷомеаи муосир муҳим чӣ ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, ҳуқушиносон ва ё маъмурон хеле кам машғул мегарданд. Масалан, дар Ҷумҳурии Африқои Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар ҷомеаҳои илмӣ ва таълимӣ мафҳуми ниҳоди ҷомеашиносии ҷавонон амалан вуҷуд надорад.

Дар шароити рушди иҷтимоӣ олимон ба гурӯҳи коргарҷавонон диққати махсус додаанд. Онҳо ҷавононро ҳамчун қувваи асосии корӣ мешуморанд, ки иқтидори ба зудӣ ба бозори меҳнат мутобиқ шудан ва дар шуғл ва вазъи иқтисодӣ ба муваффақият ноил шуданро доранд.

Д.Колб (олими амрикоӣ) чор марҳилаи бебозгашти шуғлмандии ҷавононро муайян кардааст: таҷрибаи мушаххас; мушоҳида ва мулоҳиза; ташаккули мафҳуми (консепсияи) назорат ва арзёбии интизориҳо; таҳлили

[1] Манко, Ю. В. Ҷомеашиносии ҷавонон: Китоби дарсӣ [Матн] / Ю. В. Манко, М. Оганян. - Санкт-Петербург: Петрополис, 2008. - 316 с. (забон-русӣ)

оқибатҳои мафҳуми (консепсияи) назорат ва арзёбии интизориҳо [1, с.56].

М. Смит гурӯҳи ҷавонони коргарро бо тарзи дигар – алоқаманд бо таҳсилот тавзеҳ медиҳад. Тибқи назри ӯ таҳсилоти амалӣ ба се хусусият асос ёфтааст: 1) одамон беҳтар меомӯзанд, агар беовиста ба таҳсилоти амалӣ ҷалб карда шаванд; 2) дониш ба таври инфиродӣ ташаккул меёбад, агар он барои ҷавонон аҳамияти назаррас дошта бошад ё рафтори онҳоро тағйир дода тавонад; 3) майлу кӯшиши шахси ҷавон ба таҳсил вақте зиёд мешавад, ки агар ӯ дар муайян кардани (интихоби) мақсадҳои таълимии худ озод бошад ва ба амалисозии муваффақонаи онҳо қодир гардад [2, с.55].

Ашӯров С.Б. дар натиҷаи кори илмии худ зарурати татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро дар заминаи рушди устувори иқтисодӣ, афзоиши иқтидори навгонии (инноватсионии) кишвар, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва таъмини шуғли пурсамари қувваи кории ҷомеа, бахусус ҷавонон асоснок мекунад [3, с.123].

Бо назардошти таҳлилҳои боло метавон гуфт, ки масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷавонон ва шуғли онҳо дар ҷомеа, аз ҷумла дар Тоҷикистон, воқеан хеле муҳим аст, зеро ин гурӯҳ қувваи асосии кории кишварро ташкил медиҳад ва аз ин рӯ, барои беҳбуд бахшидан ба вазъи ҷавонон ва ҷомеа андешидани таҳлилҳои иловагӣ ва тадқиқотҳои илмию услубӣ боз ҳам тақозо мегардад.

Омӯзиши табиати ҷавонон ва муносибатҳои онҳо дар ҷомеа, иштирок дар дигаргунсозиҳои иҷтимоию

---

[1] Ҷон, О. Ҷ. Дюи ва омӯзиши таҷрибавӣ: Таҳияи назарияи кори ҷавонон [Матн] / О. Ҷ. Ҷон // Ҷавонон ва сиёсат. – 2012. - №108. - С. 55-72 (забон-англисӣ)

[2] Ҷон, О. Ҷ. Дюи ва омӯзиши таҷрибавӣ: Таҳияи назарияи кори ҷавонон [Матн] / О. Ҷ. Ҷон // Ҷавонон ва сиёсат. – 2012. - №108. - С. 55-72 (забон-англисӣ)

[3] Ашуров, С. Б. Ташаккул ва танзими бозори меҳнат дар минтақаи изофаи меҳнат (назария, методология ва амалия) [Матн]: Хулосаи рисолаи доктори илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 / Ашуров С. Б. – Душанбе., 2012. – 40 с. (забон-русӣ)

иқтисодӣ ва сиёсии давлат, ҳамгироӣ ба талаботи ҷаҳони муосир ва талаботи рӯзафзуни низомҳои сиёсиро идома дода, мо ба ташаккули сиёсати муносиб ё махсус нисбат ба ҷавонон наздик мешавем.

Гузашта аз ин, ҷавонӣ ё наврасӣ ин як амал нест, балки маҷмӯи муносибатҳоест, ки давраи мушаххаси инкишофёбии инсонро аз даврам кӯдакӣ то камолот дарбар мегирад. Аз ин рӯ, зимни таҳқиқи донишҳо дар бораи ин муносибатҳо, аз ҷумла омӯзиши муносибатҳои рафторию (интизомии) ҷавонон нисбат ба давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, мо ба асосҳои илмии ин масъала - илми соҳаи сиёсати ҷавонон рӯ меорем.

Омӯзиши пуршиддати табиати ҷавонон ва муносибатҳои онҳо дар ҷамъият, иштирок дар дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии давлат ва ҷомеа, афзоиши талабот ва эҳтиёҷоти онҳо нисбат ба ҳокимияти давлатӣ масъалаи ташаккули сиёсати ҷавононро пеш мегузорад.

Сиёсати ҷавонон – ин системаи маҷмӯи тадбирҳои интизомӣ мебошад, ки дар раванди инкишофи ҳамаҷонибаи ҷавонон ба ташкили шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, фароғатӣ, таълимӣ, тандурустӣ ва дигар шароитҳо равона гардидааст. Гузашта аз ин, дар сатҳи ҷаҳонӣ, бахусус аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ ғояи иштироки ҷавонон дар татбиқи (амалисозии) масъалаҳои худ, аз ҷумла фаъолнокии сиёсӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ҳарчи бештар таблиғ мешавад.

Сиёсати давлатии ҷавонон – ин сиёсате байнисоҳавиест, ки аз ҷониби сохторҳои гуногуни давлатӣ, вазорату идораҳо, аз қабили вазоратҳои маориф, меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, тандурустӣ, варзиш, сайёҳӣ, мудофиа, корҳои дохилӣ, кор бо ҷавонон, кор бо занон ва оила ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Масъалаҳои ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои Асадуллоев Р.Н., Ашӯров С.Б., Набиев В.М., Ҳакимов Ш., Раҳимов И., Тураева З.Н., Ҳойидбоев Ф.А., Миралиён Қ.А. ва дигар олимони ватанӣ баён шудаанд [1]. Ин олимон нақши ҷавононро дар шароити демократикунонии ҷомеа, тарбияи сиёсии ҷавонон, равандҳои таърихӣ ва марҳалаҳои ташаккули - сиёсати ҷавонон, масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон тавассути системаи махсуси идоракунӣ, сохтори мақомоти давлатии кор бо ҷавонон, таҳкими иқтидори ташкилотҳои ҷавонон, дастгирии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва иштироки онҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ва ғайраро то андозае омӯхтаанд.

Мактаби ватании «Сиёсати ҷавонон» дар ҳақиқат шароитҳое зиёдеро фароҳам овардааст, ки ба ташаккул ва рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон мусоидат менамояд, аммо иқтидори он дар қиёс бо мактабҳои аврупоӣ ва русӣ хеле заиф арзёбӣ мегардад. Танҳо далели он, ки дар ин кишварҳо ин соҳа (сиёсати ҷавонон) аллакай ҳамчун як риштаи илмӣ ва фанни таълимӣ ҷорӣ шудааст, ин иддаъоро тасдиқ мекунад. Аз ин рӯ, идомаи пажӯҳишҳо, мутаносибан рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон тавассути таҳияи механизму фановариҳои (технологияҳои) муосир ва татбиқи он ҳамчун як фанни илмӣ ва таълимӣ саривақтӣ арзёбт мегардад.

Дар ин замина, дар баъзе кишварҳо олимон ва сиёсатмадоронро як рисолати муштарак муттаҳид мегардонад - омӯзиши ҷавонон на ҳамчун як фард, балки ҳамчун субъекти сиёсат. Мутаносибан, дар гурӯҳи кишварҳо ниҳодҳои сиёсати ҷавонон таъсис ёфтаанд,

[1] Асадуллоев, Р. Н. Ҷавонон дар равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишвар (бо истифода аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мисол) [Матн] / Р. Н. Асадуллоев. – Душанбе, 2004. – 179 с. (забон-русӣ)

вале бо шаклҳои гуногун ва равишҳои ташкилии хос – дар ҷое дар шакли муассисаи давлатӣ ва дар ҷои дигар ҷамъиятӣ, вале ҳадаф як аст, - омӯзиши ҷавонон ва сиёсати ҷавонон, таҳияи тавсияҳо оид ба инкишофи ҳамаҷонибаи ҷавонон. Аз ҷумла:

- Донишгоҳи ҷавонони Чин оид ба илмҳои сиёсӣ - соли ташкилёбӣ – 1985, мутахассисони соҳаи кор бо ҷавононро бо фарогирӣ бо донишу малакаи идоракунии муосир омода месозад. Ба ғайр аз ин дар донишгох Ниҳоди илмӣ-тадқиқотии равоншиносӣи ҷавонон ва Ниҳоди илмӣ-тадкикоти сиёсати ҷавонон фаъолият мекунанд. Дар Донишгоҳ донишҷӯён аз тамоми ҷаҳон таҳсил мекунанд ва барои донишҷӯёни хориҷӣ шариоти махсус фароҳам оварда шудааст [1];
- Ниҳоди фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Новосибирски Федератсияи Русия – соли таъсис-2003. Ниҳод ба тайёр кардани кадрҳо оид ба сиёсати ҷавонон ва кори иҷтимоӣ машғул мебошад [2];
- Институти илмии ҷавонон дар Калифорния (ИМА) аз соли 1953 инҷониб фаъолият дошта, доираи васеи барномаҳои таълимиро барои ҷавонон пешкаш мекунад [3];
- Институти Тадқиқоти Ҷавонони Коннектикут (ИМА) аз соли 1996 инҷониб дар соҳаи рушди сарварии ҷавонон, пешгирии таваккалҳо ва тағйироти иҷтимоӣ фаъолият мекунад. Он ҷавононро барои пешбурди фаъолиятҳои гуногун дар байни ҳамсолони худ таълим медиҳад ва омода мекунад, барномаҳо ва модулҳои ташаббусҳои ҷавононро таҳия мекунад, тадқиқот

[1] Донишгоҳи ҷавонони Хитой оид ба илмҳои сиёсӣ [Манбаи электронӣ] – 2025. – Тартиби дастрасӣ: https://www.cyu.edu.cn/ (забон-англисӣ)

[2] Институти фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Новосибирски Федератсияи Русия [Манбаи электронӣ] – 2025. – Тартиби дастрасӣ: https://nspu.ru/obuchenie/instituty-fakultety/detail.php?ID=176 (забон-русӣ)

[3]Институти илмии ҷавонон дар Калифорния (ИМА) [Манбаи электронӣ] – 2025. – Тартиби дастрасӣ: https://www.ysi-ca.org/index.html (забон- англисӣ)

мегузаронад ва модулҳоро барои таълимм интерактивии ҷавонон дар самтҳои гендер, фарҳанг ва балоғатрасӣ таҳия мекунад [1];

- Институти ҷавонони Олмон – соли 1963 таъсис ёфта, дорои 170 омӯзгор буда, дар самти дастгирии кӯдакон, ҷавонон ва оилаҳо фаъолият мекунад. Он масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва оилаҳоро меомӯзад, - барои ҳалли мушкилоти мавҷуда дар сатҳи ҷомеа ва сиёсӣ тавсияҳо таҳия мекунад, ба муассисаҳои давлатӣ машваратҳои сиёсӣ медиҳад ва ба бахшҳои сеюм аз ҷиҳати амалӣ ва махсус хизматрасонӣ менамояд [2].

Чи тавре мебинем, равишҳои илмию таълимии соҳаи сиёсати ҷавонон, асосҳои назариявӣ ва таҷрибавию амалӣ, ҳамчунин иқтидори таҳқиқотию таҳлилии ин соҳаи илм хеле барвақт (50-70 сол қабл) ба роҳ монда шудааст. Донишгоҳҳо, институтҳои илмию тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳо ташкил карда шудаанд, ки ҷавононро дар доираи татбиқи сиёсати ҷавонон ва омодагӣ ба ҳаёту фаъолияти мустақилона меомӯзанд ва таълим медиҳанд. Аз ин рӯ, таълими сиёсати ҷавонон ҳамчун як фанни алоҳида бахусус дар шароити Тоҷикистон, ки кишвари ҷавонтарини ҷаҳон аз лиҳози аҳолӣ ба ҳисоб меравад, саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Гузашта аз ин, имрӯз дар мамлакат соҳае нест, ки бо ҷавонон сарукор надошта бошад, аз ҷумла дар соҳаи маориф – таълим ва омодасозии мутахассисони соҳаҳои гуногун ва омӯзгорони ҷавон (сафарбарсозии ҷавонон ҳамчун омӯзор, таълимдиҳанда), мудофиа – тарбияи ҳарбию ватандӯстии ҷавонон (истифода ҳамчун сарбоз), ҳифзи ҳуқуқ (ВКД, прокуратура ва ғ.) – тарбияи ҳарбию ватандӯстӣ ва ҳуқуқию сиёсии ҷавонон (сафарбарсозии

[1]Институти Тадқиқоти Ҷавонони Коннектикут (ИМА) [Манбаи электронӣ] – 2025. – Ҳолати дастрасӣ: https://sites.tufts.edu/iaryd/about/ (забон- англисӣ)

[2] Институти ҷавонони Олмон [Манбаи электронӣ] – 2015. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.dji.de/ (забон- англисӣ)

ҷавонон ҳамчун сарбоз), мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – ҳифзи манфиатҳо, тарбияи идоракунӣ, сиёсӣ ва кадрӣ (сафарбарсозии ҷавонон ҳамчун субъект ва қувваи таҳрикдиҳанда), ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ – тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худшиносӣ, худогоҳӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ (сафарбарсозии ҷавонон ҳамчун актори иҷтимоӣ, иштирокчӣ), ташкилотҳои соҳибкорӣ, аз ҷумла тиҷорат, сохтмонӣ ва кишоварзӣ – омӯзиш ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (сафарбарсозии ҷавонон ҳамчун қувваи асосии корӣ) ва ғайра.

Аммо дар кадом вазъ ё ҳолат субъект (истифодабаранда) метавонад аз иқтидори фарди ҷавон босамар истифода барад ва ё ӯро ба самти дуруст роҳнамоӣ намояд?

Посух: албатта, танҳо дар ҳолате, ки агар субъект дониш ва малака оид ба идоракунии ҷавононро дошта бошад ва ё омӯхта бошад, аз услуби таълиму тарбияи муосир ва муносиби онҳо, усулҳои таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои сиёсию иҷтимоии онҳо, тарзи дурусти истифодаи (сафарбарсозии) ин захира (қувва) ва дар маҷмӯъ аз роҳу усулҳои татбиқи босамари сиёсати ҷавонон бархурдр бошад. Яъне, маъмурони оянда ва имрӯзи аксари ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро зарур аст, ки вобаста ба сиёсати давлатии ҷавонон ва роҳу усулҳои татбиқи самарноки он дониш омӯзанд ва маълумоти касбӣ гиранд. Илова бар ин, вақти он расидааст, ки дар бахши кор бо ҷавонон, занон, оила ва робита бо ҷомеа мутахассисони касбии соҳаи кор бо ҷавонон омода карда шаванд. Ин на танҳо тақозои илми сиёсӣ, ҷомеашиносӣ ва идоракунӣ аст, балки талаботи Конститутсия, қонунгузорӣ, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии Ҳукумати Тоҷикистон дар ҳошияи рушди сармояи инсонӣ мебошад.

Ҷавонон дар сатҳҳо ва соҳаҳои гуногун ҳамчун як воқеият ва субъекти махсусан муҳим мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, ки барои омӯхтан ва муайян кардани қадамҳои эҳтимолии ояндаи рушди онҳо ҳамеша равишҳои наву замонавӣ пеш гузошта мешаванд, ки дар натиҷа ба рушди тамоми башарият хизмат мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити қонеъ гардонидани талабот ва манфиатҳои ҷавонон зарурати ташаккули низоми муносибатҳои муносиби давлат ва ҷавонон ба миён омад, ки он сиёсати давлатии ҷавонон ном гирифт.

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир дар шароити пеш омадани дигаргуниҳои бошиддат ва демократикунонии ҷомеа беш аз пеш, ки ояндаи он имрӯз муайян карда мешавад, зарур мегардад.

Ҷавонон ҳамчун субъекти асосӣ ва ҳам объекти сиёсати давлатӣ дар айни замон бештар осебпазиранд ва ба таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ва дастгирии доимӣ ниёз доранд. Дар ҷаҳони имрӯза, мутаассифона, на ҳама вақт ба насли наврас таваҷҷуҳи лозима дода мешавад, ки дар натиҷа як қатор мушкилот, аз ҷумла иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, каҷравӣ ва ғайра ба вуҷуд меояд. Маҳз ҳамин мураккабии мушкилот амалӣ намудани сиёсати давлатиро нисбат ба ҷавонон тақозо мекунад, зеро масъалаи ҷавононро ягон ниҳоди давлатӣ ё низоми маъмурӣ дар танҳоӣ ҳал карда наметавонад.

Масалан, маҷмӯи мушкилоти имрӯзаи ҷавонон инҳоянд: бекорӣ, ҷиноятқорӣ, маҳдудият дар таҳсил, поймолгардии ҳуқуқ, танфурӯшӣ, истеъмоли маводи мухаддир ва ғайра. Аз ин рӯ, барои ҳалли ин мушкилот тадбирҳои ҳамоҳангшуда, байнисоҳавӣ, бисёрсоҳавӣ ва маҳаллӣ зарур аст, то ки онҳо зина ба зина ва мунтазам ҳал карда шаванд.

Аз ин нуқтаи назар мо метавонем як масъаларо муфассалтар баррасӣ кунем. Масалан, хадамоти шуғли аҳолӣ метавонад масъалаҳои шуғлро ҳал кунад. Бо вуҷуди

ин, мушкилоти дигаре вуҷуд доранд, ки бо шуғли аҳолӣ низ дар ҳам мепайвандад, аз қабили танфурӯшӣ, ҷиноят-корӣ ва истеъмоли маводи мухаддир. Ин масъалаҳо бевосита ба ваколати хадамоти шуғли аҳолӣ алоқамандӣ надоранд, вале бояд ҳал карда шаванд.

Вақте мо «ҷавонон» мегӯем, сухан танҳо дар бораи як гурӯҳи ҷамъиятӣ (демографӣ), ки дар вазъияти душвору мураккаби иҷтимоӣ қарор дорад, намеравад, инҷо пеш аз ҳама қисми иҷтимоӣ, ғоявӣ (идеологӣ) ва қувваи асоси кории ҷомеа дар назар дошта мешавад, ки ба хотири онҳо ислоҳотҳои гуногуни идоракунӣ гузаронида мешаванд ва он ки дар ояндаи наздик худи ҳамин гурӯҳ раванди ин ислоҳотҳоро муайян менамояд.

Аз ин лиҳоз, дар аввли солҳои 90-ум дар Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои пасошӯравӣ зарурати ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон ба миён омад.

Сиёсати давлатии ҷавонон – ин системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон бо мақсади таълиму тарбия, ташаккул ва рушди ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи самараноки нерӯи онҳо ба манфиати ҷомеа истифода ва амалӣ карда мешаванд.

Ин мафҳуми сиёсати давлатии ҷавонон ба мафҳуми «сиёсати давлатии ҷавонон ба маънои васеъ» мувофиқат мекунад. Инчунин мафҳумҳои дигари «сиёсати давлатии ҷавонон ба маънои маҳдуд» низ мавҷуданд, ки асосан ба масъалаҳои муайянкунии соҳавии сиёсати давлатии ҷавонон, яъне «фаъолияти соҳаи кор бо ҷавонон» вобаста мебошанд.

Маълум аст, ки раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон «ташаккули низоми комил, аз ҷумла заминаи қонунгузории системаи мақомот ё сохторҳои кор

бо ҷавонон ва татбиқи тадбирҳоро (асосан дар асоси усули барномасозии мақсаднок)» пешбинӣ мекунад. Раванди ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон аз ташкили заминаҳои қонунгузории он ва мақомоти давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон, ки барои татбиқи он муайян (вобаста) шудаанд, иборат аст [1, с.14] .

Сиёсати давлатии ҷавонон сиёсати байнисоҳавӣ буда, аслан тавассути мақомоти гуногуни давлатӣ, аз қабили сохторҳои (вазоратҳои) маориф, илм, меҳнат, муҳоҷират, ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг, тандурустӣ, варзиш, сайёҳӣ, мудофиа, корҳои дохилӣ, кор бо ҷавонон, занон, оила, дин ва ғайра, инчунин аз ҷониби иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳҳои ташаббускор, ниҳодҳои байналмилалӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Сиёсати давлатии ҷавонон барои Тоҷикистон сиёсати нав нест; он ҳануз дар шароити гузариш ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ташаккул ёфтааст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» сиёсати давлатии ҷавонон - низоми ягонаи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷамъият татбиқ мегардад. Яъне, он ҳамчун як низоми (системаи) ягона барои ҳалли гурӯҳи масъалаҳои ҷавонон тавассути ҷалб ва ба самти мувофиқ равона кардани тамоми соҳаҳои фаъолияти давлатию ҷамъиятӣ нигаронида шудааст.

Зимнан, сиёсати давлатии ҷавонон чун низоми қонунӣ, яъне расмиёт ва зарурати он бо қонун пазируфта шуда мебошад, татбиқи он бояд дар ҳамаи сатҳҳо ва аз

[1] Миралиев Қ.: Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими иқтидори ҳаракатҳои ҷавонон дар Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи муосир [Матн] - Душанбе: Рафиграф , 2006. - 186 с.

ҷонби ҳамаи субъектҳо, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба таври самаранок таъмин карда шавад.

Масъалаҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бевосита аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи баланд дастгирӣ карда мешавад. Дар раванди ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон (1993-2025) аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ 10 вохӯрӣ ва мулоқотҳои васеи расмӣ бо намояндагони ҷавонони кишвар ташкил карда шуда, дар онҳо мушкилоти ҷавонон ва масъалаҳои рушди сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла тарбияи ҷавонон, ҳифзи иҷтимоӣ, рушди иттиҳодияҳои ҷавонон, гурӯҳҳои ташаббускор, маҳфилҳои гуногуни таълимӣ, марказҳои соҳибкорӣ, гурӯҳҳои дастгирии ҷавонон ва ғайра муфассал мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар натиҷаи ҳар кадом вохӯрӣ тадбирҳои зиёде барои беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон ва ҷомеа ва ташаккули асосҳои ниҳодисозии сиёсати давлатии ҷавонон андешида шуданд.

Ҳамчунин, Сарвари кишвар дар доираи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2016) соли 2017-ро «Соли ҷавонон» эълон карда, иброз намуд, ки «*Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ дар меҳвари фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон қарор дорад*» [1].

Дар натиҷаи ин вохӯриҳо дар ҷумҳурӣ дастовардҳои зиёд ба даст оварда шуданд: мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон таъсис дода шуд, стипендияҳои махсус барои донишҷӯён, мукофотҳои соҳавӣ (давлатӣ) барои олимони ҷавон, грантҳои ҳукуматӣ

[1] Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] – Душанбе, 2016. – Тартиби дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/12756

барои дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, бурсия (квота) барои қабули (дохилшавии) ҷавонон аз оилаҳои камбизоат ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таъсиси марказҳои ҷавонон ва кӯдакон, ташкилёбии Шӯрои миллии кор бо ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯроҳои маҳаллии кор бо ҷавонон ва ғайра амсоли инҳо.

Дар вохӯрӣ бо намояндагони ҷавонон санаи 23 майи соли 2013 Президенти кишвар оид ба аҳамиятнокии сиёсати ҷавонон ва ҷавонон дар ҷаҳон чунин ибрози назар намуданд: «*Дар ҷаҳони муосир ҳалли мушкилоти ҷавонон ва истифодаи неруи зеҳнӣ ва ҷисмонии онҳо яке аз шартҳои ноил шудан ба рушди устувори давлат ва ҷомеа мебошад*» [1].

Дар баробари ин, Президенти Тоҷикистон аз дигар давлатҳо ва ҷамъиятҳо низ даъват ба амал овардаанд, ки ба рушди ҷавонон ва ҳалли мушкилоти онҳо, бахусус дар роҳи мубориза бо шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротӣ, террористӣ ва радикалӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намоянд. Аз ҷумла, зимни суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои сарони кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои Шанхай, 10 июли соли 2015 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз мекунанд: «*Кор бо ҷавонон ва манфиатҳои ҷавонон бояд яке аз авлавиятҳои муҳими СҲШ арзёбӣ гардад. Бинобар ин пешниҳод мекунам, ки яке аз солҳои оянда «Соли ҷавонон» эълон карда шавад* [2].

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки давлат дар шахсияти Пешвои миллат, Президенти кишвар татбиқ ва инкишофи сиёсати ҷавонон ва баланд бардоштани нақши ҷавононро дар ҷомеа ҳамаҷониба дастгирӣ менамояд. Барои воқеан қонеъ гардонидани ин интизориҳо ва амалӣ

---

[1] Миралиев Қ.А. Президент ва ҷавонон [Матн]: Дастури иттилоотӣ / Қ. А. Миралиев. – Душанбе: Тараққиёт, 2013. – 55 с.

[2] Суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои СҲШ [Манбаи электронӣ] – Русия, 2015. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/9366

гардонидани ҳадафи давлат – татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон зарур аст, ки иқтидори мактаби илмии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, аз ҷумла заминаи устувори назариявӣ ва таҷрибавии он ташаккул дода шавад ва сатҳи фановарӣ ва илмию методии сиёсати давлатии ҷавонон баланд бардошта шавад.

Ҷавонон ҳамчун фард ва захираи иҷтимоию маънавӣ ба дигаргуниҳо вобаста ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсири назаррас доранд. Зимнан, ин вазъият ба омӯзиши асосҳои илмию услубии муносибатҳои байналмилалии ҷавонон моро водор месозад.

Аҳамияти рушди сиёсати ҷавонон низ, ин натиҷаи эътирофи он ҳамчун ниҳоди фаъоли равандҳои сиёсӣ дар сатҳи байналмилалӣ мебошад.

Ҳануз соли 1965 Ассамблеяи Генералии СММ Эъломия «Дар бораи дар байни ҷавонон паҳн кардани идеалҳои сулҳ, эҳтироми якдигар ва ҳамдигарфаҳмии байни халқҳо»-ро қабул намуд, ки асосан хусусияти тарбиявӣ дошт ва ҷавононро ба сулҳдӯстию таҳаммулпазирӣ даъват мекард. Зимнан, ин ташаббус ба вокуниши оммавии ҷавонони солҳои 60-ум асос меёбад. Ҳамчунин, соли 1998 аз ҷониби ин ниҳоди умумиҷаҳонӣ Эъломия оид ба сиёсати ҷавонон ва барномаи ҷавонон қабул мегардад, ки 8 самтро дарбар мегирад, аз ҷумла ташаккули сиёсати миллии ҷавонон дар ҳама кишварҳои ҷаҳон [1, с.15-16]. Дар муқаддимаи ин ҳуҷҷат қайд карда мешавад: «*боз ҳам дар асоси нуқтаи дар сархати 112-уми Барномаи ҷаҳонии амал зикршуда таъкид мегардад - давлатҳое, ки ҳанӯз ин корро накардаанд, чораҳои зарурирo вобаста ба таҳия ва қабули сиёсати миллӣ дар бораи ҷавонон амалӣ созанд...*», ки аҳамият ва зарурати омӯзиши ин сиёсат, бахусус таҳияи чораҳо ва технологияҳоро барои

[1]Манко, Ю. В. Ҷомеашиносии ҷавонон: китоби дарсӣ [Матн] / Ю. В Манко, М. Оганян. - Петербург: Петрополис , 2008. - 316 с.

ташаккули асосҳои ниҳодисозӣ, илмӣ, фановарӣ ва таҷрибавӣ баланд мебардорад.

Илова бар ин, танҳо бо ташаббуси СММ якчанд ҳуҷҷатҳои стратегии байналмилалӣ, аз қабили Талаботи (принсипҳои) роҳбарӣ оид ба иштироки ҷавонон дар бунёди сулҳ, Эъломияи Амман оид ба масъалаҳои ҷавонон, сулҳ ва амният (2015) ва Барномаи амал оид ба пешгирии экстремизми зӯроварона ва таҳкими сулҳ дар ҷаҳон қабул ва амалӣ карда мешаванд. Ғайр аз ин, дар қатъномаи қабулшудаи Шӯрои Амнияти СММ (9.12.2015) зикр шудааст, ки: «*Шӯрои Амният аз кишварҳои узв даъват мекунад, ки роҳҳои афзоиши намояндагии фарогири ҷавононро дар раванди қабули қарорҳо дар ҳама сатҳҳо дар доираи муассисаҳо ва коркардҳои (механизмҳои) маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ оид ба пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо, аз ҷумла муассисаҳо ва коркардҳои (механизмҳои) муқовимат ба экстремизми зӯроварона, ки метавонад ҳамчун заминаи парвариши терроризм хизмат кунад, омӯзанд ва дар ҳолати зарурӣ таъсиси коркардҳои (механизмҳои) ҳамаҷонибаро барои таъмини иштироки пурмазмуни ҷавонон дар раванди сулҳ ва ҳалли баҳсҳо баррасӣ намоянд*» [1].

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки Созмони Милали Муттаҳид, ки 193 (аз 195) кишвари ҷаҳонро муттаҳид мекунад, ба масъалаҳои ҷавонон ва сиёсати ҷавонон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд. Дар доираи ин созмон масъалаҳои ҷавонон аз ҷониби зерсохторҳои гуногуни он, ба монанди монанди Хазинаи кӯдакон, Хазинаи нуфузи аҳолӣ, Иттиҳодияи волонтёрон, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ ва ғайра фаро гирифта шудааст.

---

[1] Дар бораи Қатъномаи Шӯрои Амнияти СММ аз 9.12.2015, № 2250 [Манбаи электронӣ] – Ню Йорк: 2015. - Тартиби дастрасӣ: http://www.un.org/en/ga/search/view_doc.asp?symbol=S/RES/2250(2015)&referer=http://www.youthpolicy.org/blog/peacebuilding/un-security-council-resolution-youth/&Lang=R (забон-русӣ)

Айни замон аксари кишварҳои ҷаҳон сиёсати мақсаднокро нисбат ба ҷавонон пеш мебаранд; онҳо сиёсати миллиро дар соҳаи ҷавонон амалӣ мекунанд ва дар натиҷа санадҳои махсуси қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои рушд ва ҳифзи ҷавонон қабул шудаанд, зимнан дар қисми зиёди кишварҳо мақомоти давлатии соҳаи сиёсати ҷавонон фаъолият мекунанд [1].

Ба нақши ҷавонон ва иштироки онҳо дар ҷомеа дар сатҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) баҳои баланд дода мешавад. Ин муқаррарот ва ҳадафҳо дар Созишномаи давлатҳои аъзои ИДМ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон, ки 25 ноябри соли 2005 қабул шудааст, баён мегардад. Дар моддаи 4-уми ин санад аз ҷумла гуфта мешавад: «*Тарафҳо дар самтҳои зерин ба ҳамдигар мусоидат менамоянд: тайёр кардани кадрҳои касбӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон; мубодилаи маводҳои илмӣ, маълумотӣ, иттилоотӣ ва методӣ, таҷрибаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон ва дигар ташкилотҳо ва иттиҳодияҳое, ки дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дастгирии ташаббусҳои ҷавонон иштирок мекунанд; гузаронидани тадқиқоти муштараки илмӣ ва чорабиниҳо оид ба масъалаҳои гуногуни сиёсати ҷавонон ва ҳамкории ҷавонон*» [2, с.2].

Дар баробари Тоҷикистон, аксари кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ИДМ-и имрӯза татбиқи системаи сиёсати давлатии ҷавононро дар кишваҳои худ қабул кардаанд. Ғайр аз ин, ин сиёсат дар аксари кишварҳои Ғарб низ татбиқ карда мешавад, ки аҳамият ва

[1] Хулосаҳо аз Форуми якуми ҷаҳонӣ оид ба сиёсати ҷавонон [Маводи электронӣ] – ш.Боку : 2014 (2015). – Тартиби дастрасӣ : http://www.youthpolicy.org/ (забон-русӣ)

[2] Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон: Созишномаи кишварҳои узви ИДМ аз 25.11.2005 [Маводи электронӣ] – М: 2005. – Тартиби дастрасӣ: http://cis.minsk.by/reestr/ru/Reestr.html#reestr / view / text ?doc =3044 (забон-русӣ)

афзалиятнокии онро дар рушди давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад.

Амалӣ намудани сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир, дар шароити тағйирёбиҳои босуръат ва демократикунонии ҷомеа муҳим аст ва яке аз асосҳои ин сиёсат худи ҷавонон ба ҳисоб меравад, ки ояндаи онҳо, яъне ояндаи ҷомеа (дар симои ҷавонон) имрӯз муайян карда мешавад.

Хулоса мегардад, ки дар шароити Тоҷикистон – давлати ҳам аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ (демографӣ) ҷавон амалӣ намудани сиёсати мақсаднок ва устувор дар самти кор бо ҷавонон, аз ҷумла ташкил намудани ниҳодҳои илмию тадқиқотӣ ва тахассусии омӯзиш ва таълими сиёсати давлатии ҷавонон аҳамиятнок ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани фанни «Сиёсати ҷавонон» ва тахассуси (касби) «Сиёсати ҷавонон» ва ё «Кор бо ҷавонон» метавонад гурӯҳи мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаро дар самти худшиносӣ, худогоҳӣ, ҳувияти миллӣ, захираи кадрӣ, рушди сармояи инсонӣ, таҳкими шуури сиёсӣ, маданияти иқтисодӣ ва ғайра ҳал намояд ва ё ба ҳалли муносиб ва муосири онҳо мусоидат намояд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ:

1. «Ҷавонишиносӣ (ювенология)» чист?
2. Мактаби илмии ҷавонишиносӣ (ювенология) кай ва дар куҷо маъруфият пайдо кардааст?
3. Бори нахуст рисолаи илмии дастаҷамъии «Ҷавонишиносӣ (ювенология) ва сиёсати ноболиғон дар асри 21: таҷрибаи омӯзиши байнисоҳавӣ» кай ба нашр расидааст?
4. Ҷавонишиносӣ ҳамчун илми байнисоҳавӣ ба кадом нишондиҳандаҳо асос меёбад?

5. Аз рӯи ихтисоси «Кор бо ҷавонон» бори нахуст дар фазои Шӯравӣ дар куҷо мутахассисон тайёр карда мешуданд?
6. «Ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон» чист?
7. Ҷомеашиносии ҷавонон ҳамчун илм аз кадом марҳилаҳо иборат аст?
8. «Ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон: китоби дарсӣ» кай ва дар куҷо интишор гардидааст?
9. Чор марҳилаи бебозгашти шуғлмандии ҷавонон (назари Д.Колб) кадомҳоянд?
10. Се хусусияти таҳсилоти амалии М. Смит кадомҳоянд?
11. Сиёсати ҷавонон чист?
12. Чарои сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун сиёсати байнисоҳавӣ ном бурда мешавад?
13. Донишгоҳи ҷавонони Чин оид ба илмҳои сиёсӣ кай таъсис ёфтааст ва дар кадом самт фаъолият дорад?
14. Институти илмии ҷавонон дар Калифорния (ИМА) кай таъсис ёфтааст ва дар кадом самт фаъолият дорад?
15. Институти ҷавонони Олмон кай таъсис ёфтааст ва дар кадом самт фаъолият дорад?
16. Таълими сиёсати ҷавонон ҳамчун фанни мустақил ба чи асос меёбад?;
17. Дар ҳошияи рушди сармояи инсонӣ дар ҳамбастагӣ ба татбиқи сиёсати ҷавонон кадом амал тақозо карда мешавад?
18. Ҷавонон ҳамчун субъект ва ё объекти сиёсати давлатӣ баррасӣ мегарданд?
19. Сиёсати давлатии ҷавонон аз ҷониби кадом ниҳодҳо амалӣ карда мешавад?
20. Дар давраи солҳои 1993-2025 аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ чанд вохӯрӣ ва мулоқотҳои васеи расмӣ бо намояндагони ҷавонони кишвар ташкил карда шудаанд?

21. Кадом сол «Соли ҷавонон» эълон гардида буд?
22. Чанд кишвар узви Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст?

§ 3. Хусусиятҳои мафҳумии (консептуалии) сиёсати давлатии ҷавонон

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сиёсати ҷавонон як бахши нави ҷомеа аст, яъне он то аввалҳои асри 21 расман вуҷуд надошт ва дар шароити рушди равандҳо ва тағйиротҳои сиёсӣ ташаккул ёфт. Ин навъи сиёсат дар шароити талошҳои зиёд ва муштараки соҳаҳои гуногун дар раванди ҳалли мушкилоти бисёрҷанбаи ҷавонон ба манфиати шукуфоии ояндаи ҷомеа ташаккул ёфта, дар ин замина имкониятҳои муайянро барои мутобиқшавӣ, худшиносӣ ва рушди ҷавонон дар роҳи шахсиятсозӣ ва пайдо кардани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа фароҳам овард. Аз ин рӯ, назарияи сиёсати давлатии ҷавонон маҷмӯи чораҳоеро дар бар мегирад, ки барои ташаккул ва рушди муносибатҳои ҳамаҷониба байни давлат, ҷомеа ва ҷавонон равона шудаанд [1].

Аз ин ҷо, хулоса метавон кард, ки сиёсати давлатии ҷавонон ба имкониятҳо ё шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷавонон дар ҷомеа асос меёбад. Ин хусусияти бисёрҷонибаи сиёсат 4 усулҳо ва ё сохтори зарурии фаъолиятро пеш мегузорад: уфуқӣ, амудӣ, бисёрсоҳавӣ, интизомӣ ва бунёдӣ (принсипиалӣ)[2].

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, №1830

[2] Миралиён Қ. А. Баъзе назарияҳои сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / Қ. А. Миралиён // Маркази ҳамкории илмӣ “Интерактив Плюс”: Фановариҳои (технологияҳои) инноватсионӣ дар илм ва маориф. – 2015. - №3 (3). - С. 24-30 (забон-русӣ)

Зимни таҳлили ин муқаррарот ва роҳҳои ноил шудан ба онҳо, метавон тасаввуроти амиқро оид ба сиёсати давлатии ҷавонон, аҳамият ва нақши он дар ҳаёти ҷомеа ва ҷавонон ба даст оварад.

Усулҳо ё сохтори амудии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чунинанд:

- равонасозии сиёсати ҷавонон аз боло ба поён, яъне аз сатҳи миллӣ то ба сатҳи минтақавӣ ва сипас ба сатҳи маҳаллӣ ва худидоракунӣ;
- таҳияи қонунгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи миллӣ ва пешниҳоди он барои татбиқ ба сохторҳои сатҳи минтақавӣ ва маҳаллӣ;
- ташаккули низоми (системаи) идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон аз боло ба поён, мувофиқан муайян кардани ҳад ва ҳудуди ваколатҳо, уҳдадориҳо ва самтҳои амалӣ ва муносиби фаъолият;
- барномасозӣ ва банақшагирии вазифаҳо оид ба таъмини устуворӣ ва рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷомеа ва самти татбиқи барномаҳо ва нақшаҳои таҳияшуда дар сатҳҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ;
- арзёбӣ (мониторинг) ва баҳодиҳии раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва мутаносибан ташаккули махзани миллии иттилоотӣ, ки тамоми сатҳҳои фаъолияти низоми идоракунӣ ва вазъи байни ҷавононро дар бар мегирад;
- ташаккули созукори (механизми) миллии таъсиррасонии мафкуравии (идеологии) сиёсати давлатии чавонон, тарбия ва таълими ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, ваҳдати миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайра;
- таҳкими заминаҳои илмии сиёсати давлатии ҷавонон, бо назардошти ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли масъалаҳо ва таъмини манфиатҳои ҷавонон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва

дастгирии фаъолияти илмии истеъдодҳои ҷавон, ки ин ба рушди нерӯи зеҳнии кишвар мусоидат менамояд;

-ташаккули созукори (механизми) таъмини кадрҳо дар низоми сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла муайян намудани фаъолияти намуди «кор бо ҷавонон» ба сифати ихтисос ё касб (омодасозии кадрҳо, роҳнамоии касбӣ ва таҷрибаомӯзии мутахассисони ин соҳа).

Сохтори амудии идоракунӣ бештар ба низомҳои сотсиалистӣ ва коммунистии ҳокимият, ки асоси онро муттамарказонидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва танзими онҳо ташкил медиҳад, монандӣ дорад [1, с.86]. Зимнан, дар Тоҷикистон, ки беш аз 70 сол тобеи давлати Шӯравӣ буд, равишҳои амудии идоракунӣ то ҳол таъсиррасон мебошанд. Бо вуҷуди ин, низоми демократии ҳокимияти давлатӣ низ ҳукмфармоӣ намуда, ҳолати баръаксро талқин мекунад, яъне ғайримарказикунонии идоракуниро, ки дар навбати худ воридсозии равишҳои (усулҳои) уфуқӣ ба низоми идоракунӣ тақозо мегардад.

Ҳамин тариқ, сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун як қисми сиёсати давлатӣ айни замон бояд усули омехтаи идоракуниро дошта бошад; аммо ба равиши демократикунонии ҷомеа, яъне усули уфуқӣ, зарур аст, ки афзалият дода шавад. Усули уфуқӣ, яъне ғайримарказикунонии муносибатҳо бештар ба рушди қобилиятҳои идоракунии ҷомеаи маҳаллӣ мусоидат менамояд [2, с.190].

Усулҳо ва ё сохтори уфуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон инҳоянд:

- равонасозии сиёсати ҷавонон ба як самти уфуқӣ, 1) дар асоси шароиту имкониятҳои маҳал ва 2) сиёсати дар сатҳи миллӣ таҳияшуда. Яъне, дар татбиқи сиёсати

---

[1] Гостенина, В. И. Ҷомеашиносии идоракунӣ: Стандарти насли сеюм [Матн] / В. И. Гостенина. – СПБ.: Питер, 2013. – 368 с. (забон-русӣ)

[2] Тошенко, Ж. Т. Ҷомеашиносии идоракунӣ: китоби дарсӣ. [Матн] / Ж. Т. Тошенко. – Москва: Маркази пешгӯии иҷтимоӣ ва маркетинг, 2011. – 300 с. (забон-русӣ)

ҷавонон бояд ба иқтидори маҳаллӣ афзалият дода шавад, зимнан эҳтимолияти он ҷой дорад, ки татбиқи на ҳамаи вазифагузориҳои сиёсати миллӣ дар сатҳи маҳал имконпазир мебошад;

- таҳияи заминаи меъёрии сиёсати давлатии ҷавонон дар асоси қонунгузории миллӣ бо дарназардошти мутобиқгардонии он ба шароит ва иқтидори идоракунии сатҳи маҳал;

- ташаккули системаи идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи маҳал бо тартиби уфуқӣ (айни замон амал намекунад). Дар ин низом мебояд воҳидҳои роҳбарикунанда дар сатҳи маҳал муайян карда шуда, маблағгузории он аз ҳисоби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда шавад. Ҳамчунин барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ва низоми мукаммали идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон иқтидори идоракунии мақомоти вилоятиро пурзӯр кардан зарур меояд. Дар навбати худ, мақамоти вилоятиро зарур аст, ки низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавононро дар сатҳи вилоятӣ ва бо дарназардошти имконоти худ ташкил намоянд;

- ташаккули низоми татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи сохторҳои мақомоти маҳаллӣ, мутаносибан муайян намудани сатҳ ва ҳудуди ваколатҳо, салоҳиятҳо ва самти фаъолият. Дар ин равиш, сохтори кор бо ҷавонон бояд такягоҳи асосӣ бошад ва он бояд вазифаҳои ҳамоҳангсозӣ, назорат ва арзёбии фаъолияти тамоми сохторҳоро дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба уҳда дошта бошад.

- барномасозӣ ва банақшагирии вазифаҳо оид ба таъмини устуворӣ ва рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи маҳал дар асоси барномаҳо ва нақшаҳои миллӣ ва бо назардошти шароит ва имкониятҳои маҳаллӣ;

- ҳамгироии кушишу талошҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус барномаҳои иҷтимоию

иқтисодӣ ва фаъол гардонидани иштироки доираи соҳибкорони маҳаллӣ дар раванди татбиқи ин сиёсат.

- таъсиси фондҳо ва марказҳо барои дастгирии ташаббусҳои ҷавонон, ки барои ҷалби мунтазами ҷавонон ба татбиқи барномаҳои иҷтимоии ҷавонон равона шудаанд. Яъне, ҳавасманд гардонидани онҳо ҷиҳати иштирок дар амалисозии барномаҳои алоқаманд;

- ташаккули созукори (механизми) фаъолсозии иҷтимоии ҷавонон тавассути рушди иқтидори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ;

- арзёбӣ (мониторинг) ва баҳодиҳии раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, мутаносибан ташаккули махзани омори иттилоотии маҳаллӣ бо фарогирии фаъолияти низоми идоракунӣ ва танзими вазъи ҷавонон дар сатҳи маҳал;

- ташаккули созукори (механизми) маҳаллии тарбияи мафкуравии (идеологии) ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, мутаҳиддӣ, худшиносӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ғайра;

- ташаккули созукори (механизми) бо кадрҳо таъмин намудани низоми маҳаллии идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳамгироӣ бо низоми миллӣ.

Тавре маълум мегардад, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба равиши (усули) идоракунии уфуқӣ, яъне татбиқи он дар сатҳи маҳал зиёд вобастагӣ дорад, ҳамчунин, низоми идоракунии демократӣ талаб мекунад, ки ин равиш таҳким бахшида шавад. Аз ин рӯ, барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ, бояд ба ҳадафҳо ва мақсадҳои вазифавии (функсионалии) ин ду равиш (амудӣ ва уфуқӣ) диққати махсус дода шавад.

Усули дигари татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, ки хусусияти бисёрҷанба дорад, ба якчанд самти фаъолият нигаронида шуда, таъсиррасонӣ ё саҳмгузории соҳаҳои гуногуни низоми идоракуниро тақозо мекунад.

Усули бисёрсоҳавӣ

Дар баробари ду усули дар боло баррасишуда, равиши таъсиррасонии бисёрсоҳавӣ низ ҳадафи хос дорад.

Дар боло ба якчанд далел муайян гардид, ки сиёсати ҷавонон як низоми байнисоҳавӣ буда, ба фаъолсозии ҷавонон ва ҳалли мушкилоти ҳаётии онҳо равона шудааст [1, с.335]. Ин маънои онро дорад, ки сиёсати давлатии ҷавонон бе ҳамкории мутақобилаи соҳаҳои дахлдор, бахусус маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, меҳнат, шуғл, занон, оила, фарҳанг, варзиш, дин ва дигарон вуҷуд дошта наметавонад. Ғайр аз ин, сарфи назар аз вазифаҳои ҳамоҳангсозии соҳаи кор бо ҷавонон, ҳудудан ҳамаи дигар соҳаҳо нисбат ба ҷавонон вазифаҳои хоси худро доранд ва маҳз ҳамин нуқта ҷиҳати муайян кардани дараҷаи уҳдадориҳо ва нақши онҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун асос ва дар як сатҳ арзёбӣ мегардад.

Моҳияти сиёсати давлатии ҷавонон дар он аст, ки он бояд дар ҳама соҳаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун воҳиди қисми махсус фаъол ва намоён бошад, фаъолияти он бояд ҳамеша эҳсос шавад ва ба рафтор ва муносибати муҳит таъсири назаррас расонад. Он инчунин, бояд рӯҳияи худшиносӣ ва худогоҳии ҷавононро тақвият бахшад ва бо ин васила ба тақвияти асосҳои мафкураи (идеологияи) миллӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоию фарҳангӣ, таълимӣ ва дигар масъалаҳои мубрам мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, нақш, аҳамият ва дараҷаи таъсиррасонии бисёрсоҳавӣ дар таъмини рушди устувори сиёсати давлатии ҷавононро метавон чунин муайян кард:

- ташаккул ва тақвияти созукори (механизми) ҳамоҳангсозӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон байни соҳаҳо, бахусус муайян кардани сатҳи ҳамоҳангии

[1] Лисовский, В. Т. Ҷомеашиносии ҷавонон: китоби дарсӣ [Матн] / В. Т. Лисовский. - Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи Санкт-Петербург, 1996. - 460 с. (забон-русӣ)

мутақобила ва таъсиррасонии соҳаи кор бо ҷавонон ба дигар соҳаҳо, ки беш аз 40 фоизи вазифаҳои онҳо мустақиман ё ғайримустақим ба масъалаҳои ҷавонон алоқамандӣ дорад;

- азнавсозии (таҷдиди) сиёсати идоракунии соҳаҳо (сохторҳое, ки дар онҳо беш аз 30 фоиз кормандонро ҷавонони то 30-сола ташкил медиҳанд) бо назардошти ташкил намудани воҳиди махсуси оид ба кор бо ҷавонон дар ҳайати роҳбарикунанда;

- таҳия ва татбиқи сиёсати амалӣ (функсионалӣ) ва бонизоми байнисоҳавӣ нисбат ба ҷавонон бо фарогирии нақшаҳои амалӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои дорои хусусияти ғоявӣ (идеологӣ), иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ;

- мунтазам ва бо тартиби муайян ҷалб намудани доираи соҳибкорон дар ҷараёни татбиқ ва рушди сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла рушди соҳибкорӣ ва ҳунармандии ҷавонон;

- фаъол гардонидани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, муайян кардани мушкилоти иҷтимоӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои алоқаманд дар байни ҷавонон;

- таҳия ва ба роҳ мондани созукори (механизми) амалисозии василаҳои ҳавасмандгардонии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар соҳаҳои мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ бо мақсади тақвият бахшидани рӯҳия, сатҳи тафаккур ва обутоби ҷисмони сарбозон, инчунин тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва ахлоқи ҳамида;

- рушди иқтидори кадрӣ барои инфрасохтори соҳаҳои варзиш ва фарҳанг ва ҷалби мунтазами ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим, тарбияи ҷисмонӣ ва маърифати фарҳангӣ.

Ҳамчунин бисёр тадбирҳои дигаре низ мавҷуданд, ки хусусияти соҳавӣ дошта, аз як соҳаи муайян ва ё сохтори

ғайриҳукуматӣ вобастаанд ва метавонанд барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон роҳандозӣ шаванд.

Фаъолияти амалии ин механизм – усули байнисоҳавӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон на танҳо инкишофи пурраи ҷавононро метавонад таъмин кунад, балки вазифаҳои давлатро сабук мегардонад, маблағҳои муайянро сарфа мекунад, иҷрои самараноки вазифаҳои амалии (функсионалии) соҳаҳоро таъмин мекунад ва аз ҳама муҳим, барои худинкишофёбии соҳаҳо дастгоҳи зудфаъоли ёрирасонро эҷод мекунад. Ба ибораи дигар, ин равиш (усул) ҳам барои ҳокимияти давлатӣ ва ҳам барои ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳамиятнок ва фоидаовар мебошад.

Дар боло чанде назарияҳо оид ба усулҳои идоракунӣ ва татбиқи унсурҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон баррасӣ карда шуданд. Ғайр аз ин, дар заминаи таҳияи сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин баъзе назарияҳои умумӣ марбут ба шахсияти ҷавон мавҷуданд. Яке аз вазифаҳои маъмултарин ва муҳимтарин дар самти тарбияи ҷавонон, ин усулҳои интизомии таъсиррасонӣ мебошад, ки дар солҳои охир дар самти идоракунӣ бештар истифода мешаванд.

Усули интизомӣ

Ин усул ба масъулияти субъект дар таъмини интизом ҳамбастагӣ дорад ва он аз маҷмӯи муносибатҳо ва чораҳои интизомие иборат мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади таълиму тарбияи ҷавонон ба амал бароварда мешавад.

Бояд қайд кард, ки интизом дар ин ҷо ҳамчун як чораи тарбиявӣ барои субъектҳо ва объектҳои сиёсати ҷавонон баррасӣ мешавад. Мувофиқан, масъулияти интизомӣ ҳамчун як чораи байнисоҳавӣ ва байнисубъективии соҳаи тарбия пешниҳод карда мешавад.

Масъулият барои таълиму тарбияи ҷавонон, бахусус кӯдакон (то 18-сола) шохчаҳои зиёди доманпаҳнкарда дорад, ки сараввал ба оила, сипас ба мактаб (муассисаҳои

таълимӣ) ва дар ниҳоят ба муҳити зист (ҷомеа) бор мегардад. Ин шохчаҳоро метавон ниҳодҳои омӯзишӣ номид, ки ҳар кадом дар таълиму тарбияи ҷавонон масъулияти ҳадафноки худро дорад [1, с.10].

Оила шахси ҷавонро аз рӯзи аввали ба дунё омадан тарбия мекунад, ӯро бо муҳаббат ва меҳрубонӣ фаро мегирад, аз таҳдиду таъсирҳои беруна муҳофизат мекунад ва ба пайроҳаи зиндагӣ сафарбар менамояд. Мактаб бо шахси ҷавон аз лаҳзаи ворид шудани ӯ ба марҳилаи нави ҳаёт ё давраи худшиносӣ – ба миён омадани талабот барои дониш ва пайдо шудани эҳсоси худшиносӣ дар ӯ, ҳамкорӣ мекунад. Ниҳоятан ҷомеа ҳамеша тавассути чораҳои ибратбахши тарбиявию маърифатӣ ва иттилоотӣ ба шахси ҷавон таъсир мерасонад.

Аммо, дар муқоиса бо ду ниҳоди аввалӣ мубрамияти чораҳои таъсиррасони ҷомеа камтар аст; яъне онҳо умумӣ ва асосан иттилоотӣ мебошанд. Маҳз аз ҳамин сабаб зарурати таҳияи равиши (усули) масъулият дар таъмини интизоми ҷавонон пеш меояд, то ин ки ниҳодҳо якдигарро пурра кунанд. Дар айни замон, масъулияти интизомии ҳарсеи ниҳодҳо, ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар ҳамбастагӣ номукаммал боқӣ мемонад. Ба таври содда чунин метавон баррасӣ намуд: шахси ҷавон дар як оила хуб, аммо дар дигар оила нохуб тарбия меёбад; таълимгирандагон дар як мактаб бо ҳам дӯстанд, аммо дар мактаби дигар дар низоъ қарор доранд; сокинон дар як кӯча дар фазои сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ мекунанд, аммо дар кӯчаи дигар нооромаанд ва ғайра.

Ҳамин тариқ, чораҳои масъулияти интизомиро байни соҳаҳои алоқамнд чунин вобаста кардан мумкин аст:

- Масъулияти байнисоҳавии ҳамоҳангшуда: ташаккули созукори (механизми) ҳамоҳангсозии амалҳо байни ниҳодҳои тарбиявии ҷавонон, ки дар инҷо яке аз

[1] Манко, Ю. В. Ҷомеашиносии ҷавонон: Китоби дарсӣ [Матн] / Ю. В. Манко, М. Оганян. - Санкт-Петербург: Петрополис, 2008. - 316 с. (забон-русӣ)

ниҳодҳо илова бар масъулияти асосиаш ҳамчун ниҳоди ҳамоҳангсоз муқаррар мегардад. Ниҳодҳо барои ноил шудан ба ҳадафи умумӣ чораҳои муштарак ва ҳамоҳангшударо таҳия ва амалӣ мекунанд. *Масалан, вобаста ба тарбияи мавкуравии (идеологии) ҷавонон ҳар як соҳа саҳми худро мегузорад, ки он пешакӣ ба нақша гирифта шуда, бо дигар ниҳодҳо мувофиқа карда шудааст ва барои ҳамоҳангсозӣ бо онҳо нуқтаҳои муайяни боҳамоӣ (амалиёти муштарак) дорад. Намунаи чунин чорабинӣ, ин таҳия ва татбиқи нақшаи амалиёти байнисоҳавӣ мебошад, ки дар он нақши ҳар як ниҳод муайян ва барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххас равона карда шудааст.*

- Масъулияти мувофиқашуда оид ба таъмини интизом: ҳадафи мушаххаси ба таъмини интизом равонагашта бо ҳамоҳангии байни ниҳодҳои тарбиявии ҷавонон таҳия ва амалӣ мегардад. Ҳар ниҳоде, ки амалисозии гурӯҳи муайяни вазифаҳоро ба нақша гирифтааст, онҳоро бо дигар ниҳодҳо мувофиқа мекунад, то инки такрори чорабиниҳо пешгирӣ карда шавад ва бо ин васила ниҳодҳои дигарро аз чораҳои банақшагирифташуда ва натиҷаҳои пешбинишуда огоҳ месозад.

- Масъулияти сатҳи миллӣ дар таъмини интизом: – иқтидори умумии ниҳодҳо ҷиҳати иҷрои вазифаи мушаххаси сатҳи миллӣ муттаҳид карда мешавад, зимнан ҳар як ниҳод барои ноил шудан ба ҳадафи муқарраршуда, яъне дар доираи нақшаи умумии амалҳо саъю кӯшиш мекунад.

- Арзёбии (мониторинги) амалҳои байнисоҳавӣ: Барои пайгирии татбиқи чораҳои интизомӣ, ҳар як ниҳод бояд бахши арзёбӣ (мониторинг) ва баҳодиҳӣ ташкил намояд. Нақши он бояд аз назорат кардани ҷараёни чораҳои амалӣ, бахусус чорабиниҳое, ки аз ҷониби дигар ниҳодҳо амалӣ карда мешаванд, иборат бошад. Ин усул

ҳамчунин қоидаҳои (принсипҳои) усули «Масъулияти байнисоҳавии ҳамоҳангшуда»-ро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, бо истифода аз усули интизомии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, мо ба як қатор чораҳои бонизом, ҳамоҳангшуда, банақшагирифташуда ва мувофиқашуда, ки ҳамаи ҷонибҳо, аз ҷумла худи ҷавононро дар бар мегиранд, ноил хоҳем шуд. Мушкилоте, ки бисёре аз субъектҳои сиёсати давлатии ҷавононро ҳам дар кишвари мо ва ҳам дар саросари ҷаҳон ба ташвиш овардааст, ин масъулият дар таъмини интизоми ҷавонон мебошад, ки гурӯҳи васеътари субъектҳоро ҷалб месозад.

Асоси назариявии сиёсати давлатии ҷавононро як василаи муҳими дигар низ, ишғол мекунад – таъсиррасонии бунёдӣ ба тафаккури насли ҷавон», ки дар навбати худ, дар шароити афзоиши зуҳуроти манфӣ дар байни ҷавонон, аз қабили экстремизм, терроризм, ҳуқуқвайрнокунӣ, ҷинояткорӣ, фоҳишагӣ, нашъамандӣ ва ғайра аҳамияти хосса пайдо мекунад.

Усули бунёдӣ (принсипиалӣ)

Усули бунёдиро метавон ба сифати яке аз фановариҳои (технологияҳои) асосии тарбияи мафкуравии (идеологии) ҷавонон ва татбиқи ҷанбаҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати давлатии ҷавонон муносиб донист, ки дар шароити ҷомеаи муосир, бахусус барои муқовимат бо зуҳуроти манфӣ, ки ба соҳибихтиёрии давлат, сулҳу осоиштагии ҷомеа таҳдид мекунанд, тақозо мегардад [1, с.52].

Бояд қайд кард, ки барои ҳар як давлати муосири демократӣ меъёрҳои асосие, ки аз ҷониби шаҳрвандон бояд риоя ргданд, инҳоянд: эҳтиром ба (ҳифзи) соҳибихтиёрии давлат ва арзишҳои миллӣ, иҷрои

[1] Лисовский, В. Т. Ҷомеашиносии ҷавонон: китоби дарсӣ [Матн] / В. Т. Лисовский. - Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи Санкт-Петербург, 1996. - 460 с. (забон-русӣ)

вазифаҳои шаҳрвандӣ ҳамчун қарз дар назди Ватан (масалан, хизмати ҳарбӣ), риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуққҳои шаҳрвандӣ ва ғайра. Барои таъмини риояи ин меъёрҳои бунёдӣ Ҳукумат барномаҳои гуногуни мафкуравиро (идеологиро) бо мақсади таҳкими сатҳи тафаккури шаҳрвандон ва роҳнамоии он ба самти дуруст таҳия мекунад.

Сиёсати давлатии ҷавонон, дар навбати худ, ҳадафҳое дорад, ки тавассути татбиқи баъзе тадбирҳои бунёдӣ онҳоро ба даст овардан мумкин аст. Роҳу усулҳои татбиқи тадбирҳои бунёдии сиёсати давлатии ҷавонон ба 4 гурӯҳ ҷудо мешаванд, (1) барои субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, (2) тавассути субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, (3) барои ҷавонон ва (4) тавассути ҷавонон.

Субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон ба талаботи (принсипҳои) зерини фаъолият бояд асос ёбанд (бунёд гарданд):

- аз синни 30 сола хурдтар будани на кам аз 30 фоизи кормандон;
- татбиқи сиёсати дохилиидоравӣ оид ба ҷавонон (тариқи таҳия ва амалисозии стратегия ё консепсия);
- доштани на кам аз ду воҳиди (корманди) доимӣ (маошгиранда) оид ба кор бо ҷавонон;
- таъмини кадрҳо дар низоми сиёсати давлатии ҷавонон, инчунин касбигардонии соҳаи кор бо ҷавонон (ба амал баровардани тахассуси «кор бо ҷавонон»;
- робитаи доимӣ (ҳамоҳангсозӣ) бо сохторҳои болоии соҳаи кор бо ҷавонон.

Риояи ин талабот (принсипҳо) дар назари аввал содда ба назар мерасад, аммо, бо таъмини риояи онҳо, ҳар як ниҳод метавонад ба ҷавонон таъсири манфиатбахш расонад ва дар натиҷа ба ҳадафҳои барномавии худ ноил гарданд.

Ҷанбаи дигари таъсиррасонӣ ба ҷавонон дар он аст, ки онҳо ҳамчун захираи асосии меҳнатӣ имрӯз ва ояндаи

ҷомеаро муайян мекунанд. Барои истифодаи пурраи ин захира ва равонасозии дурусти он татбиқи талаботи (принсипҳои) зерини таъсиррасонӣ тавсия дода мешавад:


- таълим ва тарбияи маънавии ҷавонон (аз давраи кӯдакӣ то синни 30-солагӣ) дар оила, мактаб ва ҷомеа дар ҳошияи талқини рукнҳои ватандӯстӣ, озодӣ дар муносибатҳои идоракунии (демократикунонии) ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, таҳаммулпазирӣ, сулҳдӯстӣ ва ғайра;
- таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, аз ҷумла дар идоракунии ҳокимияти давлатӣ;
- фаъолсозии ҷавонон тавассути татбиқи барномаҳои рушди фарҳанг, эҷодкорӣ, ихтироъкорӣ ва ғайра;
- татбиқи усули омӯзиши «ҳамсол ба ҳамсол» дар муҳити ҷавонон, яъне амалӣ гардонидани чорабиниҳо тавассути худи ҷавонон (пешвоён ва сухангӯёни ҷавон).

Татбиқи ин тадбирҳои бунёдӣ сифат ва самаранокии сиёсати давлатии ҷавононро таъмин намуда, аҳамиятнокии онро барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ афзун мегардонад.

Бо такя ба таҷрибаи татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон ва сабақҳои омӯхташуда, метавон хулоса кард, ки танҳо дар сурати амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо, бахусус чораҳои бунёдӣ нақш ва аҳамиятнокии сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷомеа воқеӣ ва пурсамар ҳисобида мешавад.

Дар қадами оянда мавқеъҳои муҳимтарини ҷавононро, ки дар Ҷадвали 1 нишон дода шудаанд, баррасӣ менамоем; унсурҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқию маънавӣ нишондиҳандаҳои асосии таъмини самаранокии сиёсати давлатии ҷавонон мебошанд.

Ҷадвали 1



Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон. Дар шароити демократикунонии ҷомеа, бахусус иҷтимоишавии ҷавонон яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон, ин беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон муқаррар карда мешавад, ки гурӯҳи чорабиниҳо дар самти таъмини иҷтимоӣ ва фаъолсозии ҷавонон, иштироки ҷомеа ва маориф дар ҳаёти ҷавонон, ноилгардӣ ба мустақилияти иқтисодӣ ва ғайраро дарбар мегирад [1].

[1] Мафҳуми (консепсияи) миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014, №228 тасдиқ шудааст)

Вазъи сиёсии ҷавонон. Вазъи сиёсии ҷавонон аз фаъолнокии сиёсӣ ва иштироки онҳо дар маъракаҳои сиёсӣ вобаста аст. Ин зарурат аз он бармеояд, ки ҷавонон ҳамчун қишри асосии ҷомеа бояд ба идоракунӣ омода бошанд, зеро дер ё зуд ба ин рисолат мерасанд. Яъне, қабл аз он ки масъулияти идоракунӣ бар души ҷавонон меафтад, онҳо бояд дониш, малака ва таҷрибаи заруриро ба даст оранд. Зеро ҳокимият такягоҳи ҷомеа аст, ки дар навбати худ захираҳои инсонии озмудашуда ва ботаҷрибаро тақозо мекунад [1, с.6].

Аз ин рӯ, истилоҳи «иштироки ҷавонон» - иштироки дар ҳаёти сиёсии ҷомеа – дар саросари ҷаҳон рӯз аз рӯз эътироф ва пазироии бештари субъектҳои сиёсиро пайдо менамояд. Ин маънои онро дорад, ки сарфи назар аз меъёрҳои қатъии идоракунӣ, ҷалби қувваи нави маънавӣ – ҷавонон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, гӯш кардани андешаҳои онҳо ва қабул намудани қарорҳои мувофиқ зарурат пайдо мекунад.

Тарбияи фарҳангӣ ва эҷодии ҷавонон. Барои ҳар як халқу миллат фарҳанг нуқтаи тамос – робитаи байни наслҳо ва давраҳои таърихӣ ва ҳомии ҳувияти миллӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, тарбияи фарҳангии ҷавонон, саҳмгирӣ ва иштироки онҳо дар таъмини ҳифзи мероси моддию маънавӣ ин нуқтаи тамос ё робитаро таҳким ва тақвият мебахшад [2, с.270].

Ташаббусҳои эҷодкорӣ ва ихтироъкорӣ дар байни ҷавонон дар ҳошияи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷомеаи муосир нақши муҳим мебозад. Эҷодкорӣ, дар навбати худ, қисми маърифат ва баррандаи фарҳанг ҳисобида мешавад, аз ин рӯ рушди муштараки онҳо ба ҳамин ҳадаф хизмат мекунад.

---

[1] Миралиён, Қ. Ташаккули сиёсати ҷавонон ва ҷанбаҳои идеологии он [Матн] / Қ. Миралиён. – Олмон: Нашриёти академии LAPLAMBERT, 2015. – 89 с. (забон-русӣ)

[2] Набиев, В. М. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / В.М.Набиев. - Душанбе: Ирфон , 2013. - 340 с.

Қобили зикр аст, ки дар солҳои охир ташаббусҳои эҷодӣ ва ё ихтироъкориҳои ҷавонон на танҳо ба рушди фарҳанг ва рукнҳои ватандӯстӣ равона гардидааст, балки барои таъмини рушди шахсят, бахусус мустақилияти иқтисодӣ равона шудаанд, ки ин барои ҷалби бештари ҷавонон ба ин самти фаъолият хизмат мекунад.

Мавқеи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон. Мавқеи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон маҷмӯи мураккаби хусусиятҳои равонӣ ва рафториро дарбар мегирад ва муҳимияти рафтору кирдори шахси ҷавонро нисбат ба муҳити зист муайян мекунад, ки ин дар навбати худ аз сатҳи тарбия ва таълими шахси ҷавон бармеояд.

Дар робита ба ин, тарбияи ҷавонон, бахусус тарбияи ватандӯстӣ дар маркази диққати аксари давлатҳо қарор дорад [1, с.335].

Бо назардошти вазъияти кунунӣ дар робита ба афзоиши амалҳои экстремистӣ ва террористӣ дар саросари ҷаҳон мавқеи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон барои ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамияти бештар пайдо кардааст. Зеро шумори зиёди аъзои аксари ҳаракатҳои экстремистиро ҷавонон ташкил медиҳанд. Илова бар ин, маҳз ҷавонон бинобар иродаи заиф ва сатҳи пасти маълумотнокӣ гурӯҳи осебпазиреро мемонад, ки ҳаракатҳои экстремистӣ ҳамчун луқмаи тайёр ба онҳо назар мекунанд.

Дар айни замон аксари кишварҳо бо дарназардошти талаботи (принсипҳои) озоди (демократии) идоракунӣ, яъне гуногунандешии (плюрализими) сиёсӣ аз татбиқи барномаҳои идеологии сиёсии давлатӣ даст кашидаанд, ки вазъиятро боз душвортар мегардонад. Зимнан, зарур аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ ҳамчун ниҳодҳои салоҳиятдор ба ташаккули мафкураи (идеологияи) сиёсӣ бо назардошти

[1]Лисовский, В. Т. Ҷомеашиносии ҷавонон: китоби дарсӣ [Матн] / В. Т. Лисовский. - Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи Санкт-Петербург, 1996. - 460 с. (забон-русӣ)

рукнҳои мафкураи (идеологияи) миллӣ таваҷҷуҳ карда, ҷавононро дар рӯҳияи сиёсати озоди идоракунӣ тарбия намоянд ва ҷомеаи шаҳрвандиро низ дар ин самт фаъол гардонанд.

Ҳамин тариқ, чунин хулоса ба миён меояд:

1. Сиёсати ҷавонон дар шароити муттаҳидсозии талошҳои соҳаҳои гуногун барои ҳалли мушкилоти ҳамарӯзаи ҷавонон ташаккул ёфтааст, ки боиси таҳия ва татбиқи чораҳои гуногунҷанба ҷиҳати мутобиқшавӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва худамалигардии ҷавонон гардидааст.

2. Муайян карда шуд, ки сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан тибқи сохтори амудӣ амалӣ карда мешавад, яъне сохтори уфуқии идоракунии сиёсати ҷавонон, ки асосҳо ва талаботи (принсипҳои) озоди идоракунии (демократии) рушди ҷомеаро тақозо мекунанд, амалан кам ба назар гирифта мешавад. Яъне, рӯи ин масъала андешидани табирҳои бетаъхир тақозо мегардад.

3. Сиёсати давлатии ҷавонон таҳия ва ё ташаккули маҷмӯи тадбирҳоро дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ тақозо мекунад. Яъне, барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, бояд равишҳо ё сохторҳои амудӣ ва уфуқии идоракунӣ тавассути таҳияи ва амалисозии василаҳои мувофиқ ба роҳ монда шаванд. Ин як назарияи комилан нав дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон буда, аз фановариҳои (технологияҳои) идоракунии ниҳодҳои сиёсӣ ва талаботи (принсипҳои) озоди идоракунии (демократии) рушди ҷомеа бармеояд.

4. Дар шароити Тоҷикистон – ҷавонтарин кишвари ҷаҳон аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷамъиятӣ (демографӣ) - равиши (усули) бонизоми пешниҳодшуда, ки маҷмӯи сохторҳои амудӣ ва уфуқӣ, амалҳои байнисоҳавӣ ва интизомӣ, чораҳои ҳамоҳангсозӣ ва арзёбисозиро бо назардошти мушкилоти воқеии ҷавонон дар шароити

татбиқёбии талаботи (принсипҳои) озоди идоракунии (демократии) рушди ҷомеа фаро мегирад, метавонад татбиқи самаранок ва рушди устувори сиёсати давлатии ҷавононро ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар дигар кишварҳо, бахусус дар кишварҳои дорои аҳолии ҷавон таъмин намояд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Хусусияти бисёрҷонибаи сиёсати ҷавонон 4 усулҳои зарурии фаъолиятро пеш мегузорад, онҳо кадомҳоянд?
2. Усули амудии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
3. Усули уфуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
4. Усули биёрсоҳавии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
5. Усули интизомии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
6. Усули бунёдии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
7. Роҳу усулҳои татбиқи тадбирҳои бунёдии сиёсати давлатии ҷавонон ба 4 гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳоняд?
8. Нишондиҳандаҳои асосии таъмини самаранокии сиёсати давлатии ҷавонон ба кадом унсурҳо асос меёбанд?
9. Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон кадом чораҳоро фаро мегирад?
10. Вазъи сиёсии ҷавонон кадом чораҳоро фаро мегирад?
11. Иштироки ҷавонон чиро ифода мекунад?

12. Тарбияи фарҳангӣ ва эҷодии ҷавонон кадом чораҳоро фаро мегирад?
13. Мавқеи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон ба чи асос меёбад?

§ 4. Иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, шуғлмандӣ ва тарзи ҳаёти солим: ҳолат ва пешомад

Тавре дар боло зикр гардид, объекти асосии сиёсати давлатии ҷавонон, ин ҷавонон аст, мувофиқан, вазъи умумии ҷавононро дар кишвар метавон ҳам дастоварда ва ҳам камбудии ин низом арзёбӣ намуд.

Аз ин рӯ, дар ин зербоб мушкилоти нисбатан муҳимми ҷавонон дар заминаи аҳамиятнокии самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун созукори (механизми) асосии ин самти сиёсати иҷтимоӣ баррасӣ хоҳад шуд.

Солҳои охир дар шароити демократикунонии кишвар дар ҳаёти ҷавонон тағйироти зиёде ба амал омаданд: гурӯҳе пешрафт карда, дар ҷомеа мавқеи хосса пайдо намуданд; гурӯҳи дигар барои беҳтар кардани вазъи зиндагӣ мубориза мебурданд ва дар ҳошияи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ муқовимат доранд; гурӯҳи сеюм бошад, ба талаботи ҳаёти муосир мутобиқ шуда натавонистаанд ва ақибмонӣ дошта, ба мушкилоти зиёд дучор омадаанд.

Тоҷикистон ҷавонтарин кишвар дар ҷаҳон аст, ки синни миёнаи аҳолии он ба 26,6 сол мерасад, 70 фоизи аҳолии Тоҷикистон шахсони то 30-сола мебошад, зимнан, ҷавонони аз 15 то 30 сола қувваи асосии корӣ ё меҳнатӣ арзёбӣ гардида, 20,2 фоизи аҳолиро ташкил медиҳанд [1,

[1] Маҷмӯаи омории шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025. [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 55 с.

с.27]. Ин мавқеъҳои номуназзами ҷавонон дар баробари афзалиятнокии онҳо ҳамчун захираи калидӣ барои рушди ҳамаҷонибаи давлат аҳамиятнокии ҳадаф ва нақши воқеии сиёсати давлатии ҷавононро дар Тоҷикистони муосир афзун мегардонад. Барои муайян ва арзёбӣ кардани ин номуназзамӣ мушкилоти рӯзмарраи ҳаёти ҷавононро дар зер муфассалтар баррасӣ менамоем.

Иштироки ҷавонон

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир дар доираи татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон самти нави фаъолият ва хеле аҳамиятнок буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фаррох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд, дастрасӣ ба грантҳо ва фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, таъсиси ташкилотҳои мустақил ва кафолати таъмини адолати ҳуқуқиро барои ҷавонон фаро мегирад.

Айни замон, дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон, бахусус дар сатҳи маҳал мушкилоти назаррас мавҷуд аст. Аз як тараф, ҳалли ин мушкилот чандон душвор нест, аз тарафи дигар, дарки масъала ва дастрасии субъектҳои алоқаманд ба ин мушкилот хеле маҳдуд аст, ки сабаби ин вазъият сершуғл будани ин субъектҳо ва тахассусманд набудани кормандони онҳо, зимнан, таваҷҷӯҳи кам доштан ба ҳалли мушкилот арзёбӣ мегардад.

Воқеан тахассусманд набудан ва сатҳи пасти донишу малакаи кормандони мақомоти дахлдори давлатӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба рушди ҷомеа ва давлат дар ин самт, аз ҷумла рушди сармояи инсонӣ монеаҳо эҷод карда, боиси доманадор гардидани мушкилоти болозикр (татбиқи заифи СДҶ дар сатҳи маҳал) мебошад. Ин мушкилот ба таври васеъ эътироф

нашудааст, аммо таъсири он, бахусус дар ҳошияи ҷаҳонишавӣ ва муқовимат бо таҳдидҳои муосир назаррас ва ташвишовар арзёбӣ мегардад.

Масалан, «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон» (дар гузашта «Барномаи миллии ҷавонон» дар сатҳи миллӣ мутаносибан беҳтар, бо фарогирии аксари нишондодҳои (вазифаҳои) муайяншуда, амалӣ карда мешавад. Аммо, дар сатҳҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ ин нишондодҳо таҳриф (ба маротиб кам) шуда, дар баъзе ноҳияҳо ҳамагӣ дар сатҳи 8-10 фоиз амалӣ карда мешаванд. Қобили зикр аст, ки ин Барнома созукори (механизми) бонизомеро ташкил медиҳад, ки ба сохторҳои маҳаллии кор бо ҷавонон ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи маҳал ҳамчун василаи асосӣ кумак мерасонад. Вале бинобар сабаби сатҳи пасти дониши субъектҳои маҳаллӣ ва пурра дарк нагардидани аҳамиятнокии ин фишанги амалӣ, ҷараёни татбиқи Барномаи мазкур дар сатҳҳои минтақа ва маҳал қаноатбахш намебошад. Омили дигар он аст, ки дар як ноҳия ҳамин Барнома ҳамчун Барномаи маҳаллӣ қабул мегардад, ки мувофиқ аст, вале дар дигар ноҳия он ҳамчун Нақшаи амал ё Нақшаи чорабиниҳо қабул карда мешавад, ки хилофи меъёрҳои муқарраршуда ва сиёсати идоракунии барномасозӣ мебошад [1, с.27].

Барномаи мазкур худ ба худ низомеро ташкил медиҳад, ки ба роҳ мондани фаъолияти дурусти он иштироки ҷавононро дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ таъмин намуда, фаъолнокии онҳоро дар бартарафсозии мушкилоти худ ва ҷомеа бедор месозад.

Масъалаи дигаре, ки ба иштироки ҷавонон марбут аст, ин фаъолноксозии сиёсии ҷавонон ба ҳисоб меравад ва ин масъала хоси ҷомеаи муосир, аз ҷумла кишвари

[1] Гузориши «Барномаи миллии рушди иҷтимоии чавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2018» дар соли 2017 [Матн]: Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ. - Душанбе: 2018. - 28 с.

дорои сохти идоракунии демократӣ мебошад. Аз ин рӯ, таъмини мунтазами ҳар се шохаи ҳокимият (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) бо кадрҳои ҷавон бо роҳи татбиқи созукорҳои (механизмҳои) ҳавасмандгардонӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҷомеаи Тоҷикистон ва умуман ҳамаи кишварҳои пасошӯравӣ аз сиёсати идоракунӣ, аз ҷумла имтиёзҳо ва ё афзалиятҳои низоми кадрии собиқ «Комсомол» хуб огоҳӣ доранд, насли калонсол то ҳол ин низомро ҳамчун низоми устувор ва намунавии тарбия ва омодасозии кадрҳои ҷавон ба ёдоварӣ менамоянд. Мутаассифона, аммо бо мурури замон ҳангоми пошхӯрии ҳукумати Шӯравӣ ин низом ва ё мактаби омодасозии кадрӣ чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар дигар кишварҳои ИДМ фаъолияти худро қатъ намуд.

Низоми амалии тарбияи сиёсии кадрҳои ҷавон дар симои мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва чанде аз бахшҳои (қанатҳои) оид ба кор бо ҷавонони ҳизбҳои сиёсӣ то имрӯз аз уҳдаи ин рисолати созанда, тарбия ва ё омодасозии сиёсии кадрҳои ҷавон, набаромадаанд. Воқеан, имтиёзҳое, ки дар ин самт муқаррар ва таҷриба шуда буданд, мебоист, ки онҳо дар шароити нави идоракунӣ такмил дода шуда, беҳтару хубтар истифода мегардиданд, зеро Тоҷикистон кишвар ҷавон аст, зуд ё дер мо ба ин ҳадаф бояд бирасем.

Масалан, яке аз имтиёзҳои афзалиятноки ин низом чунин муайян карда шуда буд, ки агар шахси ҷавон узви «Комсомол» бошад ва дар ташкилоти комсомолӣ таҷриба гирад, ба ӯ кафолати таъмин гардидан ба ҷойи кор дар ташкилоту муассисаҳои давлатӣ дода мешуд. Бояд қайд кард, ки ин низоми таъмини кадрҳои озмӯдашуда танҳо дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд дошт; дар дигар кишварҳо, аз ҷумла Аврупо ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико чунин низом вуҷуд надошт ва ҳоло ҳам вуҷуд надорад. Ин маънои онро дорад, ки низоми қаблии кор бо ҷавонон

вазифаҳои худро дар сатҳи баланд иҷро мекард ва аз ҷониби ҳамаи сохторҳо ҳамчун қувваи пешбарандаи идеологияи сиёсӣ эътироф карда мешуд.

Албатта, дар шароити идоракунии шакли демократӣ ҷорӣ кардани маҳз ҳамин имтиёз ё низоми омодасозии кадрӣ имконнопазир аст, аммо мумкин аст, ки бар ивази он ва ё ҳаммонанд ба он низоми миллии омодасозии кадрӣ ташаккул дода шавад. Мисол, афзалият додан ба шахсони ҷавоне, ки узви иттиҳодияҳои ҷамъиятию сиёсии ҷавонон буда, то ба зинаҳои роҳбарикунандаи ин иттиҳодияҳо фаъолият карда (расида), таҷрибаи хуби идоракунии иҷтимоию сиёсиро аз худ кардаанд.

Яке аз ҷанбаҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон дар раванди демократикунонии муносибатҳо ин иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин иштироки мунтазами онҳо дар таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои дахлдори давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Барои аҳолии кишвар, аз ҷумла ҷавонон то ҳол аҳамиятнокии ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дарки нақши он дар рушди ҷомеа ва давлат, зимнан, тарзу услуби дастгирӣ ва идоракунии он чандон равшан нест. Ин вазъиятро дар мисоли фаъолнокии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва бахши хусусӣ дар Ғарб ва камфаъолии онҳо дар Шарқ, бахусус кишварҳои ИДМ иброз каран мумкин аст.

Боиси зикр аст, ки фаъолияти босамари ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз талаботи (принсипҳои) асосии ниҳоди демократия, яъне талаботи ҷомеаи муосир мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд дар баробари мақомот ва ё ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ дар муайян ва ҳал намудани мушкилоти ҳаррӯзаи аҳолӣ ҳамқадам бошанд.

Дар солҳои охир дар Тоҷикистон афзоиши иттиҳодияҳои ҷавонон мушоҳида мешавад, аммо, дар муқоиса бо талаботи ҷомеа суръати ин раванд хеле суст аст. Айни замон ҷавононро дар Тоҷикистон 72 ниҳоди давлатии кор бо ҷавонон, 53 марказҳои ҷавонон, 40 бахшҳои кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, беш аз 4000 ҳаракатҳои хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, тақрибан 300 маҳфилҳои ҳаваскорон ва 200 иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ намояндагӣ менамоянд. Дар айни замон, шумораи аҳолӣ, зимнан, ҷавонон дар кишвар ҳар сол ба андозаи 260 ҳазор нафар меафзояд [1, с.15]. Ин нишондиҳанда агарчанде хусусияти мусбӣ дошта бошад ҳам, аммо дар вазъияти имрӯза, тибқи мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо ба тарбияи комили (босифати) насли ҷавон, таъминоти иҷтимоию иқтисодӣ ва фаъолияти сиёсию маънавӣ ва ахлоқии онҳо то андозае таъсири манфӣ дорад. Дар натиҷа сатҳи падидаҳои номатлуб, аз қабили камсаводӣ, бекоргардӣ, ҷиноятқорӣ, экстремизм ва ғайра дар байни насли ҷавон ҳамасола афзоиш меёбад. Яъне, ҷиҳати истфодабарии босамари ин нерӯ зарур аст, ки дар баробари афзоишёбии он инфрасохтори алоқаманд ва низоми муносиби идоракунӣ таҳким бахшида шавад.

Иштироки фаъоли ҷавонон ҳамчун як қишри фарогири ҷомеа дар раванди демократикунонӣ дар таҳия ва татбиқи барномаҳо ва стратегияҳо хеле муҳим аст. Аммо, ҷавонон дар бораи татбиқёбии барномаҳо ва ташаббусҳои ҷамъиятию давлатии ба онҳо алоқаманд огоҳии кам доранд ва то андозае, бинобар сатҳи пасти дониш ва дарк накардани вазъият, барои иштирок дар татбиқ ва ё бардоштани самара аз онҳо ҳавасмандӣ изҳор наменамоянд.

[1] Маҷмӯаи омории шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025. [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 55 с.

Аз ин рӯ, имрӯз мо бояд шароитеро барои тақвияти иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам оварем, ки ҷавононро барои таъсиси иттиҳодияҳо ва ҳаракатҳои гуногуни муташаккил ва худфаъол дар шакли марказҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳо, иттиҳодияҳои донишҷӯён, ихтиёриён ва ғайра ҳавасманд гардонад. Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ таҳияи низомҳои татбиқи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ барои ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон дар ҳама сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ, ҳамчунин ҷамоатҳо ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар баробари ин, барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муҳим аст, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди ҳаракатҳои ҷавонон, аз ҷумла таъсиси марказҳои маҳаллии кор бо ҷавонон дар (то ба сатҳи) ҳар як ҷамоат саҳм гузоранд. Ин ба ҷавонон имкон медиҳад, ки пас аз соатҳои дарсӣ ва дар вақти таътил ба фаъолиятҳои гуногуни худташаккулёбӣ ва донишомӯзӣ, яъне сайқал додани донишу малака машғул шаванд.

Иштироки ҷавонон ҷавҳари сиёсати давлатии ҷавононро ташкил медиҳад; рушди устувори ин равиш ё созукор метавонад иштироки самаранок ва муназзами ҷавононро дар ҳама самтҳо, бахусус рушди сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъмин созад.

Шуғли ҷавонон

Дар давраи гузариш ҷавонон, ки дар ҳама табақаҳои иҷтимоӣ намояндагии худро доранд, нобаробарӣ дар моликият ва камтаваҷҷуҳӣ ба онҳо ба таври возеҳ инъикос мегардад, аммо маҳз ҳамин гурӯҳи иҷтимоӣ ҳамчун захира, имконият ва дурнамои рушди иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Фаъолияти иқтисодии ҷавонон асосан бо рушди бахши хусусӣ алоқамандии зич дорад. Бо иштироки

ҷавонон дар муносибатҳои иқтисодӣ як гурӯҳи нави шахсони шуғлманд пайдо мегарданд, ки бо таъсиррасинӣ ва тағйирдҳиҳиҳои шакли хусусӣ (ҳамчун ашхоси ба меҳнати кироя ҷалбнагардида) робитаи мустақил доранд. Инҳо соҳибмулкон ва роҳбарони корхонаҳои хусусӣ, шахсони (соҳибкорони) инфиродӣ, коргарони оилавӣ (бемузд коркунанда) ва ғайраро дар бар мегирад [1, с.182].

Барои қисми зиёди ҷавонон машғул шудан ба худкорӣ (шуғли музднoки худэҷод) ҳанӯз аз даврaи наврасӣ, яъне бармаҳал одат шудааст, зеро маҳз талаботи ҷомеаи муосир дар ҳошияи талқини мустақилияти иқтисодӣ онҳоро ба ҳамин гуна муносибат водор месозад. Одатан, ин корҳои намуди камтахассуснок буда, бештар дар соҳаи хизматрасонӣ дастрас мебошанд. Ин намуди фаъолияти меҳнатӣ, яъне шуғлмандии бармаҳали ҷавонон бештар бо номи «меҳнати сиёҳ» - бидуни касбу тахассуси махсус тавсиф мешавад. Мутаассифона, дар баробари нафъи пулӣ ин намуди корҳо ба ҷавонон таъсири зиёди манфӣ низ, мерасонад. Ҷавонон бо машғул гардидан ба «меҳнати сиёҳ» худро ба ҳолати номусоиде мерасонанд, ки имконият ва ё фурсати омӯзишӣ ва рушди касбиро аз даст медиҳанд.

Боиси зикр аст, ки дар бозори худкор (ғайрирасмӣ) дар баробари ҷавонон гурӯҳи дигари иҷтимоӣ низ, фаъолнокӣ нишон медиҳад – шахсони бекор ва ё машҳур бо номи «мардикор». Мардикорон бештар ба кӯчабозорҳо баромада, ба ҳама намуди коре, ки ба онҳо муносиб аст ва аз уҳдаи он мебароянд, машғул мегарданд. Ин намуди ҷойҳои корҳо, одатан хусусияти муваққатӣ дошта, дар шакли ғайрирасмӣ аз ҷониби шахсони воқеи ва ҳуқуқии ба қувваи корӣ эҳтиёҷдошта ташкил карда мешаванд ва

[1] Орлова, В. В. Усулҳои таҳқиқоти ҳамаҷониба ва арзёбии мавқеи ҷавонон дар ҷомеа: китоби дарсӣ. [Матн] / В. В. Орлова. - Томск: Нашриёти Томск. Донишгоҳи давлатии системаҳои идоракунӣ ва радиоэлектроника, 2013. – 224 с. (забон-русӣ)

аксар вақт бе асоси қонунӣ роҳандозӣ мегарданд. Илова ба номгӯи боло ҳамчунин фаъолияти меҳнатии муваққатӣ, ки ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон дастрас аст, дар шароити имрӯза чунин номгир мешаванд: «корҳои донишҷӯӣ», «фрилансер», «хонакор», «дастраскунӣ (курер)», «худкорӣ» ва ғайра. Аксари ин намуди меҳнати муввақатӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ аз кишварҳои Ғарб ба мо кӯчидаанд.

Албатта, мавҷуд будани шароити корӣ ва ё имкониятҳои ташаккулёбӣ аз ҷиҳати мустақилияти иқтисодӣ хуб аст, аммо ин низоми муносибатҳои меҳнатӣ бояд ба танзим дароварда шуда, хавфи ба пулу мол мафтуншавии ҷавонон, зимнан паст гардидани сатҳи касбияти онҳо дар бозори меҳнат ва дур шудани онҳо аз таҳсилот аз байн бурда шавад.

Мутобиқи таҳлилҳои охир, ҳар сол беш аз 9,2 фоизи (550 ҳазор нафар) қувваи кории кишвар, аз ҷумла ҷавонони 15-29 сола барои кор ба кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Русия сафар мекунанд [1, с.37]. Таносуби муҳоҷирони меҳнатии ҷавон ба 49,1 фоизи (270 ҳазор нафар) шумораи умуми муҳоҷирони меҳнатӣ баробар аст [2, с.253].

Дар инҷо омили ташвишовар он аст, ки шумори зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ дараҷаи маълумоти касбӣ надошта (миёнаи пурра - 71,7 фоиз), дар корҳои намуди дуюмдараҷа истифода мегарданд. Ин воқеист, чун бидуни маълумоти касбӣ дигар кореро уҳдабаро наметавон шуд. Зимнан, ҳамагӣ 15 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун дорои дараҷаи маълумоти касбӣ муайян карда шудаанд. Аз инҷост, ки қисми зиёди муҳоҷирони тоҷикистонӣ дар Федератсия Русия доимо зери маломат қарор доранд, на

[1] Тоҷикистон дар рақамҳо, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 167 с.

[2] Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.

манфиати иҷтимоию иқтисодии худ ва манфиати давлатро ҳифз карда наметавонанд.

Боиси иброз аст, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам таъсири манфӣ дорад, аммо дар шароити кунунии иқтисодӣ таъсири мусбии муҳоҷирати меҳнатӣ афзалиятнок арзёбӣ мегардад. Тибқи таҳлилҳо ҳар сол дар натиҷаи фаъолияти муҳоҷирати меҳнатии шаҳравандон ба иқтисодиёти кишвар беш аз 5 миллиард доллари ИМА (2022-$5,2 млрд) ворид мешавад, ки ба ҳалли мушкилоти сершумори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мусоидат мекунад.

Масъалаи дигар истифодаи самараноки ин захираи меҳнатӣ мебошад, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи маърифати иқтисодӣ ва касбии ҷавонон – муҳоҷирони эҳтимолии меҳнатӣ (дар ояндаи наздик), фароҳам овардани шароити зарурӣ барои фазои сармоягузорӣ (сармоягузории муҳоҷирони меҳнатӣ ба соҳибкории хусусии кишвар), мувофиқан таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди шуғлмандии ҷавонон аз шумори чораҳои афзалиятнок арзёбӣ мегарданд.

Дар давраи Шӯравӣ, яъне дар доираи режими коммунистӣ мардум ба он эътимод доштанд, ки ҷойи корӣ аз ҷониби давлат таъмин карда мешавад ва то андозае чунин ҳам буд. Аксари муносибатҳои идоракунӣ дар ҷомеа зери инҳисори далвати Шӯравӣ қарор дошт, мувофиқан таҳлили вазъи бозори меҳнат, аз ҷумла эҳтиёҷот ба кадрҳои тахассуснок, яъне нақшабандии воҳидҳои корӣ ба таври васеъ дастраси ҳокимияти давлатӣ буд. Ҳамин тариқ, шумори зиёди хатмкунандгон бо ҷойи корӣ фаро гирифта мешуданд.

Аммо, ҷомеаи демократӣ шароити комилан дигари бо ҷойи кор таъминкунӣ - бозори меҳнатро барои шуғлмандии ҷавонон пешниҳод мекунад, ки он дар Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои демократӣ мунтазам рушд мекунанд. Бо ифодаи дигар, агар дар

доираи режими коммунистӣ ба ҷавонон таъмини ҷойи корӣ кафолат дода мешуд, пас дар ҷомеаи демократӣ барои таъмингардии ҷавонон бо ҷойи корӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда мешавад, ин ҳам шароити бозорӣ.

Яъне, ҳар нафар бо назардошти кӯшиш, талош, қобилият ва касбияти худ метавонад дар бозори меҳнат мавқеи сазоворро ва ё ҷойи кори муносибро соҳиб гардад. Дар робита ба ин, мушкили асосӣ дар дараҷаи дарк кардан ё сарфаҳм рафтани ин низом аз ҷониби шаҳрвандон ба миён меояд; ҳоло ҳам қисми зиёди аҳолӣ, бахусус насли калонсол ба ин тақозои ҷомеаи муосир мутобиқ нашудаанд ва барои фарзандони худ, яъне ҷавонон (мисли пештара) ҷойи корӣ (аз давлат) талаб мекунанд. Зиёда аз ин, яъне ҳолати бадтар ва хавфбор он аст, ки гурӯҳи зиёди волидон дар пасманзари собиқ давлати Шӯравӣ фарзандони худро дар рӯҳияи интизорӣ ё номуайянӣ тарбият медиҳанд ва умедвор мекунанд, ки новобаста аз ҳолат (қобилият, дониш, касбият) давлат ҷавононро бо ҷойи корӣ таъмин мекунад.

Аз ин лиҳоз, хурду бузургро мебояд донист, ки иқтисоди бозоргонӣ тамоман равиши дигари шуғлмандсозиро талаб мекунад, онеро ки ба талаботи Шариат низ, муносиб аст. Ин иҷтимоишавии ҳар як шахс ва интихоби мустақилонаи роҳи зиндагӣ, аз ҷумла аз худ кардани дониш, малака, касб ва тахассуси муносб, шуғлмандӣ, фаъолнокӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити ҷомеаи муосир мебошад.

Аз ин рӯ, дар масъалаҳои шуғлмандии ҷавонон дар баробари ҳокимияти давлатӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ низ, ки аз оилаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва бахши хусусӣ иборат мебошад, бояд нақши фаъол дошта бошад. Иштироки бахши хусусӣ дар ташаккули захираи кадрии худ ҳолати беҳтарро тақозо мекунад, зеро ин созукор (механизм) дар кишвар амалан ба назар намерасад, дар

ҳоле ки дар кишварҳои пешрафта ин низом барои ҳар як корфармо ҳатмӣ ва асосӣ мебошад.

Маълум аст, ки маҳаки мушкилоти бо шуғл таъмингардии ҷавонон дар Тоҷикистон ин сатҳи пасти маълумотнокӣ ва огоҳии субъектҳои калидӣ, аз ҷумла оилаҳо ва корфармоён оид ба асолат, воқеият ва талаботи иқтисоди бозорӣ ва ё бозори меҳнат арзёбӣ мегардад.

Дар ин ҷо нақши ниҳодҳои сиёсати давлатии ҷавонон ин тарбияи ҷавонон ҳамчун оилаҳо ва корфармоёни оянда, ҳамзамон (ҳамчун созукори (механизми) нав) ҷалб ва муттаҳид кардани доираҳои соҳибкорон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули созукори (механизми) шуғлмандии ҷавонон дар шароити бозори меҳнат мебошад.

Саломатии ҷавонон

Саломатӣ дар роҳи ҳама гуна талошҳо баҳри беҳтарсозӣ ва рушди вазъи иҷтимоӣ неъмати бебаҳост. Мувофиқан, мафҳуми (консепсияи) ташаккули тарзи ҳаёти солим омили муҳими суръат бахшидани рушди устувор, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар кардани сифати зиндагии аҳолӣ мебошад.

Дар солҳои аввали соҳбистиқлолӣ сарфи назар аз мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ дар кишвар барои ҳифзи саломатии аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакон ва ҷавонон чораҳои муайян андешида шуданд.


Новобаста аз ин, дар ҷомеа шумори бемориҳои хавфнок афзоиш дорад ва яке аз онҳо, ки тавлиди тарзи ҳаёти муосири одамон мебошад, ин бемории ВНМО/БПНМ (ВИЧ/СПИД) аст, ки то ҳол табобатнашаванда арзёбӣ мегардад. Мутобиқи маълумоти дастрасшуда ба ҳолати имрӯза дар саросари ҷаҳон 39,9 миллион нафар бо ВНМО/БПНМ зиндагӣ мекунанд ва 4,5 миллион нафари онҳо мубтало будани худро ба ин беморӣ намедонанд. Сеяки онҳое, ки ба ин беморӣ гирифтор

шудаанд ҷавонони аз 15 то 24 сола мебошанд. Дар соли 2023, 630 ҳазор нафар аз бемориҳои марбут ба БПНМ фавтиданд. Аз ибтидои мубталошавӣ (с.1981) то имрӯз 88,4 миллион нафар ба ВНМО гирифтор шуда, 42,3 миллион нафар аз ин беморӣ фавтидаанд [1].

Ба ҳолати январи 2021 дар Тоҷикистон расман 1084 (аз ибтидо 12876 нафар) ҳолати сироятёбии ВНМО ба қайд гирифта шудааст, ки 197 нафари онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ мебошанд [2]. Вазъият бо ин сироят чунин аст, ки аз соли 2001 инҷониб дар Тоҷикистон афзоиши сироятёбӣ мушоҳида мешавад, ки ҳалли муносиб ва ҳамаҷонибаро талаб мекунад.

Расми 1

Сатҳи паҳншавии ВНМО дар байни ташхисшудагон дар ҶТ, барои солҳои 2015-2020



Сабабҳои асосии ин мушкилот муносибатҳои тасодуфии байни одамон, бахусус ҷавонон мебошанд.

[1] Омори ҷаҳони оид ба ВНМО: Дастурамали иттилоотӣ, 2024. [Маводи электронӣ] Тартиби дастрасӣ - https://www.unaids.org/sites/default/files/media_asset/UNAIDS_FactSheet_ru.pdf (бо забони русӣ)

[2] Шумораи ҳолатҳои бақайдгирифташудаи ВИЧ дар Тоҷикистон, аз соли 1991 инҷониб [Маводи электронӣ] / Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо СПИД. - Душанбе: 2021. – Тартиби дастрасӣ: http://nac.tj/omori_rasmi/

Аз ҷумла, тамоюли алоқаи ҷинсии бармаҳали ҷавонон ба паҳншавии сироятҳо мусоидат мекунад. Набудан ё паст будани сатҳи дониш ва маълумотнокӣ дар бораи бемориҳои хавфнок ва тарбияи ҷинсӣ низ, боиси паҳншавии бемориҳо дар байни наврасон мегардад ва онҳоро аз имконияти тарзи ҳаёти солим ва муносиб маҳрум месозад.

Мутобиқи тадқиқотҳое, ки дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон (2010-2013) гузаронида шуда буданд, сабабҳои афзоиши ҳолатҳои ҳомиладории бармаҳал, исқоти ҳамл, истеъмоли маводи мухаддир, паҳншавии сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва ВНМО дар байни ҷавонон ин сатҳи пасти маълумотнокӣ оид ба тарзи ҳаёти солим ва малакаҳои нигоҳубини худ мебошанд.

Ин тадқиқотҳо, агарчанде куҳна ҳам шуда бошанд, вазъияти имрӯзаро низ инъикос мекунанд; тибқи натиҷагирӣ аз ин пурсишҳо 73 фоиз ҷавонон аз гузаштани ташхиси ВНМО худдорӣ кардаанд, сарфи назар аз он ки 74,5 фоиз ҷавонон боварӣ доранд, ки санҷиши ВНМО ба онҳо аҳамиятнок аст. Шумораи назарраси ҷавонон - 18,1 фоиз мардон ва 27,4 фоиз занон - аз оқибатҳои алоқаи ҷинсии тасодуфӣ огоҳ нестанд ва намедонанд, ки дар асл кадом ҳолат ба сироятшавӣ аз бемориҳои хавфнок оварда мерасонад. 9,3 фоиз ҷавонон тасдиқ мекунанд, ки истеъмоли маводи мухаддир ба ВНМО ва бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда оварда намерасонад ва 34 фоиз онҳо қайд карданд, ки шиноварӣ ва газидани магас метавонад ба ВНМО ва дигар бемориҳо мубтало гардонад.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки сарфи назар аз муқовимати мунтазам бар зидди бемориҳои махсусан хавфнок, афзоиши онҳо то андозаи зарурӣ суст намешавад; ғайр аз ин, сатҳи огоҳии аксарияти одамон, бахусус ҷавонон, паст боқӣ мемонад, ки ин боиси афзоиши паҳншавии ин намуди бемориҳо мегардад.

Дар давраи гузариш, дар асри 21 маълум мешавад, ки баъзе аз мушкилоти мураккаби тандурустии ҷомеаро танҳо тавассути тағйири рафтору кирдор ва рушди малака дар самти тарзи ҳаёти солим ҳал кардан мумкин аст. Ин воситаҳо, дар навбати худ, дар заминаи ҳамкории байнисоҳавӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон дастрас мегардад. Ин тадбирҳо ба натиҷаҳои муассир оварда мерасонанд, агар онҳо бештар дар байни ҷавонон дар марҳилаи аввали ташаккулёбии шахсияти онҳо амалӣ гардида, иштироки онҳо дар ин раванд таъмин карда шавад. Ғайр аз ин, хизматрасонии тиббӣ, ки ба ҷавонон пешниҳод карда мешавад, бояд ба таври оқилона бо назардошти манфиатҳо ва ниёзҳои онҳо мутобиқ карда шуда, ҳама гуна хизматрасониҳо бояд дар шароити муносибати дӯстона расонида шаванд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Дар шароити демократикунонии кишвар ҷавонон ба 3 гурӯҳ ҷудо карда шудаанд, онҳо кадомҳоянд?
2. Синни миёнаи аҳолии Тоҷикистон чанд сол аст?
3. Чанд фоизи аҳолии Тоҷикистонро шахсони то 30-сола (кӯдакон ва ҷавонон) ташкил медиҳанд?
4. Иштироки ҷавонон чист?
5. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон чи гуна низом аст?
6. Афзалиятнокии низоми омодасозии кадрии «Комсомол» ба чи асос меёфт?
7. Фаъолияти босамари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба чи тақозо мегардад?
8. Дар Тоҷикистон шумори ниҳодҳои давлатии кор бо ҷавонон чанд адад аст?
9. «Меҳнати сиёҳ» чист?
10. «Мардикор» кист?
11. Фаъолияти меҳнатии муваққатӣ чист, намудҳои онро номбар кунед?

12. Чаро қисми зиёди муҳоҷирони тоҷикистонӣ дар Федератсия Русия доимо зери маломат қарор доранд?
13. Дар ҷомеаи демократӣ барои таъмингардии ҷавонон бо ҷойи корӣ чи чора андешида мешавад?
14. Иқтисоди бозоргонӣ нисбат ба шахси ҷавон чи талабот мегузорад?
15. Нақши ниҳодҳои сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба шуғлмандии ҷавонон ба чи асос меёбад?
16. Ташаккули тарзи ҳаёти солим чи гуна омил аст?
17. Чанд нафар аҳолии дунё бо бемории сироятии ВНМО/БПНМ зиндагӣ зиндагӣ мекунанд?
18. Сабаби асосии ба бемориҳои махсусан хавфнок гирифтор шудани ҷавонон дар чист?

§ 5. Шароити таҳсилот, таъминоти иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷавонон

Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон

Дастовардҳои таълимӣ на танҳо ба тарзи фикрронӣ ва рафтори шахс таъсир мерасонанд, балки имкониятҳоро барои худмуайянкунии иҷтимоию маънавӣ низ фароҳам меоранд. Маориф муддати тӯлонӣ боз, омили калидии рушди соҳаи иқтисод, воситаи муҳими сиёсати давлатӣ ва таҳкимбахши ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад.

Дигаргуниҳои ҷомеаи муосир, ки бо фановариҳои (технологияҳои) иттилоотии робитавӣ (коммуникатсионӣ) алоқаманданд ва тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро гирифтаанд, ҳам барои фард ва ҳам барои соҳаи маориф аз як тараф рушду пешрафт, аз тарафи дигар таҳдидҳои нисбӣ ба миён овардаанд. Тартиби таҳсил, санҷиши сатҳи дониш, дастрасӣ ва ё расонидани маводи таълимиро ба таълимгиранда сабук ва шавқангез гардонида, таълимгиранда ва омӯзгорро

бинобар дастрасии фарроҳи иттилоот дар шабакаи Интернет то андозае танбал гардонидааст. Ин танбалӣ бештар дар дуршавӣ аз таҳлилу омӯзиши воқеӣ, омодагии сарсарӣ ба тадрис ва камфаъолӣ инъикос мегардад.

Илова бар ин, яъне дар шароити рақамигардии муносибатҳо аксари ҷавонон ба донишҳои иттилоотӣ ва технологӣ рӯ овардаанд, ки то як андоза нуфузи низоми анъанавии таҳсилотро (маорифро) коҳиш додааст.

Солҳои охир дар ҳошияи рушди рақамигардӣ, дастрасии фосилавии интернет ва иқтисоди бозорӣ имкониятҳои нав ва нисбатан амалии талқиндиҳандаи худмуайянкунии фардӣ пайдо шудаанд, ки дараҷаи баланди маълумоти касбиро (таҳсилотро) чандон талаб намекунанд. Барои гурӯҳи зиёди ҷавонон ин имкониятҳо хеле ҷолибанд, гарчанде онҳо дар ин раванд ба муваффақияти воқеӣ ё пойдор намерасанд ва ба заифгардии нерӯи эҷодии фардӣ ва камфаъолии ҷамъиятӣ дучор мегарданд.

Воқеан дар сурате, ки шахси ҷавон имконияти дар бозори меҳнат, бахусус бахши тиҷорат машғул ё соҳиби кор шуданро дорад ва он ки ин машғулият тахассус ё дараҷаи касбии баландро талаб намекунад, аммо ӯ бо ин машғулият даромади зарурӣ барои зиндагӣ ба даст оварда метавонанд, пас, афзалияти таҳсилоти касбӣ то андозае паст мегардад ва ҷавонон ба таҳсил ва омӯзиши тахассуси касбӣ то дараҷаи зарурӣ талош намеварзанд, зимнан, ҳанӯз аз айёми навҷавонӣ (бармаҳал) ба бозори меҳнат мебароянд.

Дар ҳамин асно, омили хатарнок, ҳатто дар дараҷаи аввал на бӯҳронҳои иқтисодӣ ва на сиёсӣ, балки камсаводии ҷомеа, бахусус ҷавонон (аксарият) меистад – надоштани маълумоти касбӣ, зимнан бо роҳи осон ба даст овардани пулу мол ба паст гардидани сатҳи дониши маънавию ахлоқӣ, машғул шудан ба беҳудагардию айшу ишрати аз ҳад зиёд мусоидат намуда, оқибат ба ташаккул

ёфтани ҷомеаи дорои мафкураи пасти миллӣ (худшиносӣ, худогоҳӣ) боис мегардад. Дар натиҷа ҷавонон ба арзишҳои моддӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, аз иштироки мустақим ва фаъол дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар дур мегарданд.

Ҳамин аст, ки ба арзишҳои ғоявии сиёсӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ ва худшиносву худогоҳӣ насли имрӯза таваҷҷӯҳи кам доранд.

Дар баробари ин, мутобиқи таҳлилҳо шакли (низоми) имрӯзаи таҳсилот талаботи ҷавононро то дараҷаи зарурӣ қонеъ намегардонад, бахусус ҷиҳати мавқеъгирӣ дар бозори меҳнат фишангҳои муосирро, аз қабили ҳамкорӣ бо кордиҳандагон (ҷиҳати ташкили ҷойҳои корӣ), омодасозии мутахассисон дар доираи фармоишҳои махсус (соҳавӣ), мутобиқати касбҳои тахассусӣ ба бозори меҳнат, созукори озоди ташкили тахассуси бозорӣ, ҷорӣ набудани фишангҳои талқиндиҳандаи донишҷӯ ба фаъолияти таҳқиқию илмӣ ва эҷодию ихтироъкорӣ (ба мисоли дастгирии молиявии корҳои дипломӣ, магистрӣ) ва ғайраро татбиқ наменамояд.

Дар кишвар байни талаботи бозори таҳсилот (маориф) ва меҳнат номувофиқатӣ дида мешавад ва дар натиҷа гурӯҳи зиёди ҷавонон пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти касбӣ наметавонанд ҷойи кори муносиб пайдо кунанд [1].

Дар соли 2025 шумораи умумии хатмкардагон, яъне мутахассисон 77,2 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, аз ин 59,2 фоиз бо маълумоти дараҷаи олии касбӣ (духтарон-50 фоиз), 29,8 фоиз бо маълумоти дараҷаи миёнаи касбӣ (духтарон-43,9 фоиз) ва 11 фоиз бо маълумоти дараҷаи

[1] Барномаи дастгирии таҳсилоти босифат II [Маводи электронӣ] / Сомонаи Вазорати маориф ва илми ҶТ. – Тартиби дастрасӣ: https://maorif.tj/index.php/projects/qesp2/sections/14/simple

ибтидоии касбӣ (духтарон-6,1 фоиз) ба бозори меҳнат баромадаанд [1, с.8].

Дар ҳамин давра мактаби таҳсилоти умумиро 186,3 ҳазор нафар хатм карда, 46,3 фоиз (86,2 ҳаз. наф.) аз ин таносуб ба таҳсилоти ояндаи касбӣ роҳ наёфтаанд.

Ҳамин тариқ, дар соли 2025 ба бозори меҳнат, албатта, ҳамчун захираи озоди меҳнатӣ ё эҳтиёҷманд барои ҷойи корӣ 163,4 ҳазор нафар баромадаанд. Аз ин таносуб ҳамагӣ 47,2 фоиз соҳиби маълумоти касбӣ буда, бақия (86,2 ҳаз. наф.) дараҷаи маълумоти миёна доштаанд [2, с.8].

Тибқи таҳлилҳои оморӣ дар соли 2024 ба 24,8 ҳазор нафар (32,1 фоиз) хатмкардагон мақоми бекорӣ дода шудааст, яъне мутахассисони нав, ки ба бозори меҳнат баромадаанд, натавонистаанд, ки бо ҷойи кори мувофиқ таъмин шаванд. Аз ин таносуб ба мутахассисони (шаҳравандони) дорои мақоми «бекор» аз рӯи дараҷаи таҳсилот: бо маълумоти дараҷаи олии касбӣ - 15,7 фоиз; бо маълумоти дараҷаи миёнаи касбӣ - 23,4 фоиз; бо маълумоти дараҷаи ибтидоии касбӣ - 19,4 фоиз ва бо маълумоти дараҷаи таҳсилоти миёнаи умумӣ - 41,5 фоиз рост меояд [3, с.143].

Аз инҷо хулоса бармеояд, ки қисми назарраси хатмкардагон аз рӯи тахассуси касбии хеш натавонистанд, ки ҷойи кор пайдо намоянд. Аз ҷумла, аксари ҷавонони дорои дараҷаи таҳсилоти миёнаи касбӣ бекор мондаанд, гарчанде дар шароити бозори муосири меҳнат маҳз ҳамин гурӯҳ бояд аввалин шуда, ҷойи кор пайдо кунанд.

---

[1] Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 96 с.


[2] Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.

[3] Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.

Вазъият дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонони бекори дорои дараҷаи маълумоти миёнаи умумӣ (41,5 фоиз аз шумораи умумии хатмкардагон) низ, нигаронкунанда аст.

Таҳлилҳои боло номувофиқатии барномаҳои таълимии омодасозии кадриро бо талаботи бозори меҳнат ва ё камфаъолии соҳаҳои маориф ва шуғлу меҳнати кишварро инъикос менамояд.


Дар ин ҳошия дигар мушкилот, ин коҳиш ёфтани сатҳи донишомӯзии ҷавонон дар давраи пас аз хатми мактаби миёна ба ҳисоб меравад. Ҳудудан нисфи хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (беш аз 100 ҳазор нафар) аз идома додани таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ худдроӣ мекунанд ва ё роҳ намеёбанд; ҳарду сабаб дар шароити имрӯзаи муносибатҳои иҷтимию иқтисодӣ, ки ба талабот ё тартиботи (принсипи) бозорӣ асос меёбад, нигароникунанда аст.



Чи тавре аз рақамгузориши боло дида мешавад, дар давраи таҳлил омили коҳиш ёфтани таносуби таҳсили касбии писарон низ ҷой дорад, яъне агар таносуби хатми мактаби миёна бештар ба писарон рост ояд, пас ин пешравӣ дар зинаи таҳсилоти касбӣ ба духтрон насиб мегардад.

Аз инҷо бармеояд, ки тамоюли коҳишёбии маълумоти касбии мардон ҷараён дорад, ин омил дар шароити иқтисоди бозорӣ ва шуури ҷамъиятӣ (менталитет) ва ё фарҳанги тарбияи оилавии мо хеле ташвишовар аст.

Мушкилоти дигар дар кишвар, ин фарогирии нокифояи духтарон бо маълумоти олии касбӣ ба шумор меравад.



Тавре дар рақамгузориши боло нишон дода шудааст таносуби хатми писарон ва духтарон дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муътадил аст, аммо ин нишондиҳанда дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, бахусус дар зинаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ номуътадилӣ ва номуназзамӣ ба миён меорад. Аммо, ин нишондод дар шароити маданияти тарбияи шарқӣ ва ё шуури ҷамъиятӣ барои ҷавонзанон бояд устувортар бошад, яъне онҳо бояд имконияти аз худ кардани (омӯхтани) маълумоти касбии дастрасро (ибтидоӣ ва миёнаро) дар наздикии макони зисти худ дошта бошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби асосии аз таҳсилоти олии касбӣ дур мондани гурӯҳи зиёди ҷавонзанон бинобар маҳдудият ва ё монеагиҳои

калонсолон, аз ҷумла волидон мебошад. Умуман, дар ҷаҳон, бештар дар Шарқ чунин тамоюл роиҷ аст, ки занон имкони дар зиндагӣ баробар бо мардон пешравиро надоранд ва ин табиист, чун зан аслан заиф аст ва на ҳамеша ба тазодҳои ҳаёт истодагарӣ карда метавонад. Яъне, чунин муносибат на танҳо монеаи сунъӣ, балки ҳамчун имконияти маҳдуди табиӣ низ арзёбӣ мегардад. Аммо ин маънои онро надорад, ки занон ҳуқуқи гирифтани маълумоти олии касбиро баробар бо мардонро надоранд, зеро зан-модар мураббии ҳамаи инсонҳои рӯи замин аст, зимнан маҳз маълумотнокии (донишмандии) зан боиси тарбияи шахсияти комил ва пешрафти ҷомеаи устувор шуда метавонад.

Боиси зикр аст, ки чунин муносибат ва ё рафтори насли калонсол аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ҳамчун поймол кардани ҳуқуқи инсонӣ арзёбӣ мегардад ва оқибати он ҷавобгарии ҷиноӣ низ, дар аксари кишварҳо дорад. Ҳамчунин дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак» амал мекунад, ки дар ҳошияи муқовимат ба ҳамин гуна рафтоҳои номатлуб қабул шудааст. Баъзе аз намояндагони насли калонсол, махсусан дар деҳот талаботи шариати Исломро асоснок мекунанд, ки занон бо мардон ҳуқуқҳои баробар надоранд, ки дар асл иштибоҳ ва нодуруст аст. Дар китоби муқаддаси Қуръон оварда (амр) шудааст, ки тарбияи фарзандро (додани маълумот, донишро) волидон бояд ба таври комил анҷом диҳанд. Яъне, мутобиқи шариат ҳама дар назди Худо баробаранд ва ҳама ҳуқуқҳои баробар доранд, аз ҷумла дар таҳсил.

Ҳамин тариқ, барои таъмини таҳсилоти шоистаи ҷавонон ва рушди нерӯи зеҳнӣ ва эҷодии ҷомеа зарур аст, ки шароити муносиб фароҳам оварда шавад.

Барои худфаъолии ҷавонон таҳияи чораҳои ҳавасмандгардонии иқтисодиро барои корхонаҳо ва

муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, фондҳои хайриявӣ ва дигар ташкилотҳо ва афроде, ки барои дастгирии ҷавонон даъват шудаанд, тақозо мегардад.

Сиёсати давлатӣ оид ба рушд ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон ҳамчун сиёсати умумии рушди захираҳои инсонӣ амалӣ гардонида мешавад. Аз ин рӯ, фароҳам овардани шароит барои таъмини таҳсилоти муносиб ва босифат барои ҷавонон бояд мутобиқи талаботи ҷомеаи муосир, аз ҷумла дар заминаи рушди фановарии (технологияи) иттилоотию рақамӣ анҷом дода шавад .

Тақвият ва аз нав ташкил кардани ҳаракатҳои донишҷӯён дар заминаи муассисаҳои таълимӣ тавассути ташкили ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва ихтиёрии ҷавонон хеле саривақтӣ аст. Муҳим аст, ки идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии низоми тарбиявии ҷавонон ва наврасон ба як ё якчанд ниҳоди ваколатдори давлатӣ оид ба корҳои ҷавонон ва ё иттҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон вогузор карда шавад.

Дар ҷаҳони муосир шаклҳои гуногуни таҳсилот, аз қабили фарогир, фосилавӣ, иловагӣ, ғайрирасмӣ ва ғайра пайдо шудаанд. Акнун шахси ҷавон метавонад дар ҳар ҷо ва дар вақти муносиб барои худ таълим гирад. Дар шароити Тоҷикистон, бахусус бо назардошти хусусиятҳои тарбияи маърифати миллӣ рушди низомҳои таълими ғайрирасмӣ ва фосилавӣ метавонад ба ҳавасмандгардонӣ ва зиёд шудани шавқи ҷавонон ба таҳсил мусоидат кунад.

Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки танҳо он давлатҳо ва ё ҷомеаҳо метавонанд ба дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва эҷодӣ ноил гарданд, ки ҷавонони онҳо бо кор ва таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳудудан ҳамаи имкониятҳои зарурӣ барои самти тахассуснокӣ ва касбии ҷавонон дар заминаи - демократикунонии ҷомеа мавҷуданд; аммо, рушди ин низом дар ҳамоҳангӣ бо ҳамаи сохторҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва тиҷоратӣ масъулияти дигар аст, ки онро дар

ин самт мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон роҳбарӣ карда метавонад.

Таъминоти иҷтимоии ҷавонон

Низоми таъмини кӯмак ва дастгирии иҷтимоии ҷавонон аз бартараф кардани ниёзҳои ҷавонони дар вазъияти душвор ва низоъ қарордошта, барқарорсозии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароит барои иштироки минбаъдаи онҳо дар ташаккули ҳаёту фаъолияти комил иборат мебошад.

Давлат барои коҳиш додани шиддати иҷтимоӣ дар байни ҷавонон ва тақвияти низоми хизматрасонии дастрас ва муносиб барои ҷавонони табақаҳои осебпазир (маъюбон, ятимон, кӯдакони бесарпаноҳ) тадбирҳои фаврӣ меандешад, инчунин ҷиҳати муқовимат бо паҳншавии нашъамандӣ, майзадагӣ, ҷиноятқорӣ, қочоқи инсон, тундгароӣ ва экстремизм дар байни наврасону ҷавонон мунтазам чораҳо амалӣ менамояд.

Мувофиқан, вазъи ҷавонон аз нигоҳи таъминоти иҷтимоӣ рӯз аз рӯз беҳтар мешавад, дар баробари ин, мушкилоти гуногун дар байни гурӯҳҳои осебпазири ҷавонон афзоиш меёбад. Масалан, ҷавонони маъюб - шахсони маъюб, ятимон ва кӯдакони кӯчагард ба хизматрасонии соҳаҳои маориф ва тандурустӣ дастрасии маҳдуд доранд. Аз як тараф, ҳамаи дарҳо барои ин гурӯҳҳо кушодаанд, аз тарафи дигар, меъёрҳои ҳуқуқӣ, таълимӣ ва инфрасохторӣ имкон намедиҳад, ки хизматрасонии зарурӣ таъмин карда шавад. Тибқи омори расмӣ дар соли 2025 дар ҷумҳурӣ 51 мактаби махсус фаъолият мекард, ки ба 13355 кӯдак (68,4 фоиз духтар) аз гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла шахсони маъюб (шумораи умумии шахсони маъюб беш аз 147000 нафар), ятимон ва кӯдакон аз оилаҳои камбизоат хизмат мерасониданд [1, с.21].

[1] Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 96 с.

Вобаста ба кӯдакони кӯчагард дар айни замон омори махсус пеш бурда намешавад, аммо тибқи маълумоти тадқиқотӣ шумораи онҳо тақрибан 13000 нафар аст. Бисёре аз онҳо дар шаҳрҳои калон зиндагӣ мекунанд ва ба фаъолиятҳое машғуланд, ки барои саломатии онҳо номусоид ва зараровар мебошад, ба монанди шустани мошинҳо, кашондани бор, гадоӣ ва ғайра.

Инсон дар ҳаёт якчанд маротиб ба фурсат ва ё имконияти интихоб пешорӯ мегардад, мувофиқан интихоби дуруст ба муваффақият ва интихоби нодуруст ва нокомӣ мерасонад. Яке аз ин фурсатҳо дар давраи ба балоғатрасии шахс, синни 14-18 солагӣ пешорӯ меояд.

Дар ин давраи камолот кӯдакони ятим бори нахуст ба имконияти интихоб дучор мегарданд, яъне ба онҳо фурсат дода мешавад, ки таҳсилро дар мактаб-интернат барои дарёфти дараҷаи таҳсилоти миёнаи умумӣ идома диҳанд ё инки барои омӯзиши касб ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва ё миёнаи касбӣ дохил шаванд. Албатта, ин интхоб осон нест, чун мавриди интихоби таҳсилоти касбӣ шахси ятим бояд 1) ба масофаи муайян аз ҷйи истиқоматӣ, мактаб-интернат дур равад, 2) ҳар рӯз хароҷоти роҳ ва хӯрок лозим мегардад, 3) пас аз синни балоғат, 18-солагӣ мактаб-интернатро тарк кардан лозим меояд, ин аз як тараф; аз тарафи дигар, дар ин давраи синнусолӣ шахси ҷавон (ятим) чун осебдида аст, бояд барои фаъолияти меҳнатии ояндаи наздики хеш пайроҳаи касбӣ ва ё ихтисоси кушояд.

Амри рисолат он аст, ки тибқи қонунгузорӣ пас аз ба синни балоғат расидан муҳлати парастории мактаб-интернат нисбат ба кӯдаки ятим ба анҷом мерасад, зимнан, ӯ мактаб-интернатро бояд тарк карда, ба ташаккули ҳаёти мустақилона пардозад.

Тибқи таҳлили 10 мактаб-интернатҳои интихобӣ маълум гардид, ки ҳамасола ҳудудан 3-4 фоиз таълимгирандагон мактаб-интернатро хатм карда, ба

муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дохил мешаванд, дар ҳамин зимн мактаб-интернатро тарк менамоянд.

Мутобиқи таҳлили як давраи 5-сола ятимони наврас дар соли 2018 ба таҳсилоти олии касбӣ майл доштаанд, аммо то соли 2022 ин тамоюл тағйир ёфта, онҳо бештар ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дохил шудаанд.

Дар шароити ҷомеаи муосир, сарфаи маблағ ва вақт ин тамоюли интихоби зинаи таҳсилоти касбӣ хуб аст ва боиси дастгирӣ аст, аммо масъалаи бо ҷойи хоб таъмин намудани ятимону бепарасторон – тарафи дигари масъала аст, ки дар ҳолати имрӯза ва иқтидори амалию ташкилӣ ва манзилии коллеҷҳо мушкилбор мебошад.

Таъминот бо манзил ва ё макони истиқоматӣ на танҳо барои гурӯҳҳои осебдида, балки барои кули навхонадорони ҷавон низ мушкилбор аст, зеро мамлакат, ки кӯҳсор аст, замин ва ё майдони мутобиқ барои бунёди манзилҳои истиқоматӣ хеле кам дорад, дар баробари ин афзоиши аҳолӣ ҳамасола ба беш аз 2 фоиз баробар аст. Агар дар солҳои 90-ум 4,5-5 миллион аҳолӣ буд, пас соли 2026 ин рақам ду маротиб бештар гардида, ба 10,5 миллион нафар расид.

Аз ин ҷо бармеояд, ки сиёсати ҷамъиятӣ (демографӣ) вобаста ба талаботи маишии аҳолӣ ва меъёрҳои шаҳрсозӣ ё бунёди манзилҳои истиқоматӣ бояд тағдиди назар карда шавад, аз ҷумла масъалаи бунёди маҳаллаҳо ва ё шаҳракҳо дар кӯҳхамиҳо барномарезӣ карда шавад.

Аз таҳлили боло бармеояд, ки таносбуи шумораи кӯдаконе, ки бо хизматрасониҳои иҷтимоӣ фаро гирифта шудаанд, хеле кам мебошад, теъдоди зиёди кӯдакони осебдида ва осебпазир, аз ҷумла кӯдакони кӯчагард ва маъюб аз куамку дастгириҳои иҷтимоӣ фориғанд. Зимнан, ин мушкилот боиси афзоиши ҷиноятқорӣ ва дигар падидаҳои номатлуб дар байни ҷавонон гардидааст, яъне мушкилоти дигарро ба бор овардааст, ки ташвишовар арзёбӣ мегардад.

Дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосии таъминоти иҷтимоӣ, ин бартарафсозии бекорӣ, аз ҷумла дар байни ҷавонон мебошад. Афзоиши табиии солонаи аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна 260 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки суръати миёнаи афзоиши солонаи шуғлнокӣ дар иқтисодиёт, ба ҳисоби миёна то 70 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, яъне ҳамагӣ 27 фоизи талабот қонеъ карда мешавад [1, с.54].

Шумораи бекорон (расман ба қайд гирифташуда) 51,3 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, аз ин 30,1 ҳазор нафар ҷавонон мебошанд. Ин маънои онро дорад, ки аксари бекорон – 58,6 фоиз ҷавонон мебошанд. Тибқи маълумоти тадқиқотӣ сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон ба 76,6 фоиз (ҷавонзанон-30 фоиз) мерасад, яъне ду баробар бештар нисбат ба омори расмӣ. Дар ин ҷо, номувофиқатии рақамҳои оморӣ ба он асос меёбад, ки на ҳамаи бекорон дар хадамоти шуғл худро ба қайд гузоштаанд [2, с.75].

Боиси зикр аст, ки дар тадқиқоти боло сатҳи бекорӣ ва бешуғлӣ аз ҳам ҷудо карда нашудааст. Яъне, шумори муайяни ҷавононе, ки ҳамчун бекор дониста шудаанд, машғули фаъолияти меҳнатӣ дар бозори ғайрирасмӣ (мардикор, фрилансер, хонакор ва ғ.) ва муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд ва таносуби ин омор номуайян боқӣ мемонад, чун омори расмӣ дар ин самт пеш бурда намешавад. Аммо мушкилоти бекорӣ дар байни ҷавонон ташвишовар боқӣ мемонад.

Афзоиши сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон аз якчанд сабабу омилҳо вобаста аст, аммо муҳимтаринаш таҳсил ва тамоюли касбӣ мебошад. Шумори зиёди бекорон маълумоти мактабӣ (дарафаи маълумоти миёна) доранд,

[1] Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.

[2] Вазъияти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳисобот дар асоси натиҷаҳои пурсиши қувваи корӣ, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шудааст, таҳия шудааст) [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: ҶДММ Бебок, 2018. - 219 саҳ .

зимнан аксари онҳо дар бозори меҳнат наметавонанад мавқеъгир бошанд.

Илова бар ин, бекорӣ дар Тоҷикистон чун дар кишварҳои минтақа бисёрҷанба буда, барои ба сатҳи шахсият расидани фард таъсири зиёди манфӣ дорад, ҳамчунин ба оила, ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, бозори меҳнат ва маориф низ таъсири манфӣ мерасонад. Барои мавқеъгирии фард дар ҷомеа ҷавонон бо иттилои зарурӣ фаро гирифта намешаванд, онҳо дар ҳошияи маданияти иқтисодии шахсият тарбия карда намешаванд, илова бар ин ба шахси ҷавон, мерос аз таълимоти ғоявии (идеологияи) Шӯравӣ, интизориҳои носолим ва эътимод ба он, ки онҳо дар ояндаи наздик бо шуғл ва ё ҷойи кор таъмин мегарданд (ҳамчун кафолати давлатӣ), талқин карда мешаванд. Маҳаки ин тарбияи нокомил дар он аст, ки наслҳои то соли 90-ум дар фазои Шӯравӣ тарбия ёфта буданд ва дар воқеъ дар даврони Шӯравӣ таъмин бо ҷойи кор ба шахси ҷавон кафолат дода мешуд, чун тамоми инфрасохтори ҷомеа таҳти инҳисори (монополияи) давлати Шӯравӣ қарор дошт. Имрӯз бошад, ин ҳолат баръакс аст, яъне кулли имкониятҳо ва ё захираҳо дар ихтиёрдории ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорад.

Таъсир ва ё муқовимати ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо бекорӣ, аз ҷумла дар байни ҷавонон амалан ноаён аст, дар ҳоле ки дар кишварҳои пешрафта ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ мустақиман дар таълим, тарбия ва тамоюли (роҳнамоии) касбӣ ба ҷавонон, махсусан дастгирии ҷавонони дорои мақоми маъюбӣ, иштирок мекунанд, то ки онҳо худро танҳо, нотавон ва ё осебпазир ҳис накунанд. Аҳамиятнокии ин тарзи корбарӣ дар он аст, ки ҷавонон дар рӯҳияи мустақилона пайдо кардани мавқеи касбии худ тарбия карда мешаванд.

Дигари мушкилоти иҷтимоии мубрам дар доираи муҳоҷирати меҳнатӣ (дар байни гурӯҳҳои мақсаднок) ҷой

дорад, - сатҳи пасти тахассус, надоштани малака ва ё дараҷаи касбӣ, паст будани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқӣ, надонистани забони хориҷӣ ва талаботи бозори меҳнати кишварҳое, ки ба қувваи корӣ ниёз доранд, аз гурӯҳи ин мушкилот мебошад.

Дар ҷомеаи муосир муҳоҷирати меҳнатӣ на ҳамчун мушкилот, балки зарурат, қисми ҳаёти гурӯҳи муайяни одамон ба ҳисоб рафта, сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро муайян мекунад. Ҳамчунин, барои баъзе гурӯҳҳо он ҷанбаҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои миллиро низ ташкил медиҳад [1, с.99] .

Муҳоҷирати меҳнатӣ дар асл фаъолияти дорои хусусияти манфӣ нест, чуноне ки дар аксар мавридҳо он ҳамчун мушкилот баррасӣ карда мешавад, яъне он мушкилот нест. Муҳоҷирати меҳнатӣ тарзи ҳаёти табақаи муайяни шахсоне мебошад, ки барои худкифоӣ, фаъолияти меҳнатӣ, соҳиби шуғл шудан ва беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ дар ҷомеа талош мекунанд.

Дар Тоҷикистон муҳоҷирати меҳнатӣ дар давраи гузариши кишвар ба низоми нави идоракунии давлатӣ ва иҷтимоӣ пайдо шуд. Ин давра, мисли дигар кишварҳои пасошӯравӣ, барои Тоҷикистон ғайричашмдошт буд ва боиси коҳиши иқтисодиёт ва таъминоти иҷтимоии аҳолӣ гардид. Дар баробари ин омилҳо ҷанги шаҳрвандӣ пешорӯ омад, ки ба иқтисодиёт ва худкифоии иҷтимоии кишвар таъсири зиёди манфӣ расонид.

Тоҷикистон бо аҳолии ҷавонаш кишварест дорои захира ва қувваи меҳнатӣ, 57,1 фоизи аҳолӣ қишри қобили меҳнат мебошад, ки дар таносуб ба талаботи бозори меҳнат ва ё шуғл зиёд (изофа) аст [2, с.54]. Аз ин рӯ, дар

[1] Миралиён, Қ. А. Муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон: мушкилот ва дурнамо [Матн] / Қ. А. Миралиён // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2015. - № 1 (237) 2015. - С. 97-103

[2] Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.

баробари дигар омилҳо изофаи қувваи кории кишвар низ ба шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ мусоидат мекунад.

Имрӯз қисми назарраси Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии (ММД) ҷумҳурӣ аз маблағҳое иборат аст, ки дар натиҷаи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷа ба даст омадаанд, яъне муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди вазъи иқтисодии кишвар мавқеи муҳимро ишғол мекунад.

Дар айни замон, муҳоҷирати меҳнатӣ дар баробари аҳамиятнокӣ пайомадҳои дорои хусусияти манфии муайянеро ба бор овардааст, ки ин махсусан дар соҳаи иҷтимоии фарҳангӣ ба назар мерасад. Мувофиқи таҳлилҳо 37,8 фоиз муҳоҷирони меҳнатӣ азм доранд, ки дар Русия ба таври доимӣ бимонанд; ҳамкорӣ байни муҳоҷирони меҳнатӣ/шаҳрвандони мо заиф аст; Ҷамъияти миллӣ ва дигар намояндагиҳо бо муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамкории зич надоранд; 25,8 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ амалан ба ҳаёти ҷамъиятии кишвар таваҷҷӯҳ надоранд; 14,4 фоизи шаҳрвандони мо намедонанд, ки пас аз хатми мактаб фарзандонашонро ба кадом намуди таҳсилоти касбӣ равона созанд [1, с.10–15].

Яке аз мушкилоти асосии муҳоҷирати меҳнатӣ ин фаъолияти меҳнати ғайрирасмии онҳо дар хориҷ, бахусус дар Федератсияи Русия мебошад. Тибқи маълумоти расмӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2024 ба 550 ҳазор нафарро ташкил дода, аз ин беш аз 120 ҳазор (ё 21,8 фоиз) нафар фаъолияти меҳнатии ғайрирасмӣ доштанд [2].

Ин мушкилот низ, аз якчанд омил иборат аст, аз ҷумла надоштани маълумоти касбии зарурӣ ва паст будани сатҳи маърифати ҳуқуқии муҳоҷирон, аз як тараф, аз тарафи дигар ба таври сунъи ташкил гардидани шароити (ҷалб гардидан ба) фаъолияти ғайрирасмӣ аз

[1] Диаспора – шарики рушди Тоҷикистон [Матн] / Созмони байналмилалии муҳоҷират. Миссия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2014. – 149 с.

[2] Россия 120 ҳазор тоҷикро ба рӯйхати вайронкунандагони қонун ворид кард [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ: https://oila.tj/news/rossiya-120-azor-toikro-ba-rykhati-vayronkunandagoni-onun-vorid-kard

ҷониби кордиҳандагони кишварҳои будубош (қабулкунанда). Охирин бо мақсади саркашӣ кардан ва дурӣ ҷустан аз супоридани андозҳои давлатӣ ҷорӣ гардидааст, чун зимни фаъолияти расмии меҳнатӣ якчанд намуди андозҳо ситонида мешаванд.

Ҳудуди 85 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ маълумоти касбӣ надоранд, зимнан, аксари онҳо дар гурӯҳи корҳои пастсифат ва камарзиш, аз ҷумла дар самти сохтмон 345 ҳазор нафар (64,4 фоиз) ва дар самти савдо 79,3 ҳазор нафар (13,3 фоиз) фаъолият доранд; дар гурӯҳи корҳои баландмақому гаронарзиш бошад, ба мисли фаъолияти касбӣ, илмӣ, техникӣ, маъмурӣ ва ғайра ҳамагӣ то 1 фоиз машғул мебошанд [1, с.64].

Албатта, барои миллати дорои тамаддуни қадима ва таъриху фарҳанги ғанни ин рақамҳо нанговар ва ташвишовар аст.

Ҳазамон, мушкилоте, ки ҷомеаро нигарон мекунад, ин сатҳи пасти ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Чи тавре болотар зикр гардид, имрӯз гурӯҳи зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ дар хадамоти дахлдори расмӣ ба қайд гирифта нашудаанд ва ин ба он оварда мерасонад, дар оянда онҳо аз имтиёзҳои иҷтимоӣ, бахусус нафақа фориғ мемонанд.

Шумораи зиёди ҷавонон оила барпо мекунанд ва барои кор ба хориҷа мераванд, ки дар натиҷа оилаҳои носолим, талоқ, низоъҳои оилавӣ ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Илова бар ин, шумораи зиёди фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ аз таҳсилоти муносиб ва нигоҳубини комили волидайн, яъне аз тарбияи оилавӣ фориғанд.

Дар маҷмӯъ, ин ва дигар мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ ба рушди ҷомеаи мо таъсири манфӣ мерасонад ва зарур аст, ки ҳарчи зудтар шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ паст карда шавад.

---

[1] Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.

Дар ҳошияи ин масъала насли ҷавони кишвар мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар соли 2016 шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар 517 ҳазор нафар ба ҳисоб гирифта шудааст, ки 40 фоизи онро ҷавонон ташкил медиҳанд [1, с.105].

Ҷавонон ҳам захираи асосии рушди иқтисодӣ ва ҳам гурӯҳи пешбарандаи муносибатҳо ва тағйиротҳои иҷтимоӣ ва муосирсозӣ (модернизатсия) мебошанд. Тафаккури эҷодӣ, ғоявӣ, қувваи (энергияи) пуриқтидор ва фаҳмиши зуди ҷавонон барои таъмини рушди пайвастаи ҷомеае, ки онҳо дар он зиндагӣ мекунанд, хеле аҳамиятнок аст.

Ба ибораи дигар, натиҷагирӣ аз дурнамои иҷтимоӣ ва иқтисодие, ки насли имрӯза бо мақсади рушд интихоб кардааст, аз насли оянда вобаста аст, зеро маҳз ҷавонон барнадаи ғояҳо, назарҳо, талаботи (принсипҳои) ахлоқӣ, инчунин шаклҳо, усулҳо ва арзишҳои ҳаёти ҷамъиятӣ арзёбӣ мегарднад. Аз ин рӯ, вазъи иҷтимоию иқтисодии насли ҷавон, ҳамчун дурнамои захираи инсонӣ, - ки рушди минбаъдаи иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро таъмин мекунад, - мундариҷа ва вижагиҳои ояндаро муайян мекунад ва ин вазъ (муносибат бо ҷавонон) имрӯз муқаррар мекунад, ки кадом ғояҳо метавонанд амалӣ шаванд ва кадом не. Яъне, сармоягузорӣ барои оянда, ин сармоягузорӣ ба насли имрӯзаи ҷавонон аст.

Масъалаи дигаре, ки ҳалли он тақозо мегардад, ин дастгирии оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавон ҷиҳати таъмин бо манзили истиқоматӣ мебошад. Тавре аз таҳлилҳои боло бармеояд дар Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳои рӯ ба инкишоф, оилаҳои ҷавон барои харидан

[1] Вазъияти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳисобот дар асоси натиҷаҳои пурсиши қувваи корӣ, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шудааст, таҳия шудааст) [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: ҶДММ Бебок, 2018. - 219 саҳ .

ё сохтани манзил ва дастарсӣ ба қарзҳои бонкӣ (ипотекӣ) имконияти фарох надоранд.

Мутобиқи таҳлиҳои оморӣ 24,5 фоизи аҳолӣ (64 фоиз аз шумораи умумии ҷавонон) ҷавонони синни издивоҷ мебошанд. Дар натиҷа, мушкилоти марбут ба таъминоти иҷтимоии оилаҳо афзоиш дорад, аз ҷумла норасоии манзили истиқоматӣ, сатҳи бекорӣ, низоъҳои оилавӣ ва ғайра [1, с. 25].

Яке аз мушкилоти асосии марбут ба таъмини сифати хизматрасонӣ, ин норасоии кадрҳо, бахусус дар соҳаи маориф мебошад. Азбаски шароит дар шаҳрҳо нисбат ба деҳот беҳтар аст, мутахассисони ҷавон, аз ҷумла омӯзгорон фаъолияти омӯзгориро дар шаҳрҷойҳо афзалтар медонанд ва дар натиҷа гурӯҳи муайяни ҷавонон пас аз хатми муассисаҳои олии касбӣ ба макони зисти худ, яъне ба деҳот барнамегарданд.

Гузашта аз ин, барои дастгирии мутахассисони соҳибтахассус ҷиҳати таъмин бо манзил ва дигар намудҳои дастгириҳои иҷтимоӣ дар давраи муҳоҷират ё ҳангоми интиқол ба ҷои дигари корӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда намешавад, ки боиси норасоӣ ва кам будани ҳавасмандии мутахассисони ҷавон дар низоми маориф ва идоракунӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, бо назардошти мушкилоти мавҷуда, таҳия ва татбиқи созукори (механизми) дастгирии оилаҳои ҷавон ва мутахассисони ҷавон дар таъмини шароити муносиби зиндагӣ ба онҳо мувофиқи мақсад аст, аз ҷумла тариқи татбиқи барномаҳои дастгирии иҷтимоии давлатӣ ва ҷалби ташкилотҳои молиявӣ, қарзӣ ва бонкҳо дар таъмини қарзҳои имтиёзнок (ипотекӣ) барои харид ё сохтмони манзил.

[1] Маҷмӯаи омории шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025. [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 55 с.

Ҳамин тариқ, татбиқи сиёсати иҷтимоии ҷавонон дар ҳолати имрӯза заиф арзёбӣ мегардад. Дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таҳияи созукорҳои (механизмҳои) нав ва устувори дастгирии иҷтимоии ҷавонон зарур аст. Дар ин робита, истифодаи имкониятҳо ва захираҳои мавҷуда бо муттаҳид кардани талошҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор – ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва ҳокимияти давлатӣ аҳамиятнок аст.

Таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон

Сиёсати давлатии ҷавонон бар он асос ёфтааст, ки ҳама гуна ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фардии шаҳрвандони ҷавон, ки дар Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, бояд эътироф карда шаванд. Пеш аз ҳама, ҳангоми татбиқи амалии ҳамаи ҳуқуқ ва манфиатҳое, ки қонунгузорӣ дар ҷомеаи муосир нисбат ба ҷавонон муайян кардааст, ба назар гирифта мешавад.

Ҷавонон бинобар мавқеи иҷтимоию ҳуқуқии маҳдуди худ ҳамарӯза ба фишор ва ё таъсиррасонии манфии – «ҳукмфармоии» қишри калонсол дучор мешаванд. Ин муносибатҳо ҳамчун меъёрҳои умумиҷтимоии қабулшуда ва дорои хусусияти рафторӣ, равонӣ ва сириштшиносӣ (физиологӣ) дар раванди тарбияи насли наврас ба таври васеъ амалӣ мегарданд. Мувофиқан, ҳамчун вокуниш дар ҷомеа афзоишёбии падидаҳои манфӣ дар байни ҷавонон мушоҳида мегардад, ки мо онро муфассалтар баррасӣ хоҳем кард.

Албатта, дар шароити тарбияи ҷавонон то ба замони қобили амал ва комилҳуқуқ гардидани онҳо татбиқи василаҳои фармоишии тарбиявӣ раво аст, аммо аз онҳо набояд сӯиистифода кард.

Дар муҳити ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир дар баробари мушкилоти асосии ҳуқуқӣ рафтори номатлуб ё

манфии ҷавонон афзоиш меёбад, ки ин боиси афзоиши ҳуқуқвайронкунӣ, ҷинояткорӣ, танфурӯшӣ, нашъамандӣ ва ғайра мегардад.

Рафтори номатлуб, ин амал ва кирдори шахсест, ки ба меъёрҳо, интизориҳо ва вазифаҳои муқарраршуда ё мавҷудаи иҷтимоӣ дар ҷомеа мувофиқат намекунад.

Умуман, муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа ба ду маъно фаҳмида мешавад: 1) мусбат, ки ба рушди устувори низоми муносибатҳо, тақвияти сатҳи ташкилии онҳо ва таҳким бахшидан ба рафтори мутташаккилона мусоидат мекунанд; *мисол: фаъолияти эҷодкорӣ, илмӣ, идоракунӣ, ихтироот ва ғайра* ва 2) манфӣ, ки ба ташаккул ё рушди низоми муносибатҳо халал мерасонад ва монеъ мегардад; *аз қабили, тундгароӣ, хурофот, экстремизм, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, танфурӯшӣ ва ғайра.*

Фарқи байни муносибатҳои иҷтимоии мусбат ва манфӣ дар он аст, ки аввалӣ созанда аст, дар ҳоле ки дуюмӣ харобиовар арзёбӣ мегардад. Аммо, муаммо дар он аст, ки яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад; яъне онҳо бо ҳам алоқаманданд. Аз ин рӯ, аз замони пайдоиши инсоният дар ҷаҳон некӣ ва бадӣ, бесарусомонӣ ва тартибот, ахлоқ ва бадахлоқӣ ва ғайра дар муборизаи абадӣ қарор доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муносибат ба рафторҳои ғайриахлоқӣ дар байни гурӯҳҳои ҷавонон баъзан фарқ мекунад. Гурӯҳи муайяни ҷавонон дуздӣ, зӯроварӣ, ғорат, қалобӣ, танфурӯшӣ ва роҳзаниро то андозае ҷиноят намешуморанд. Яъне, нерӯ ва ё диди равонии онҳо хароб гардида, бадро бо нек омехта намуда, мутаассифона, аз амалу рафторҳои бадахлоқонаи хеш ҳаловат мебаранд.

Оқибатҳои манфии шинос шудан ба саҳнаҳои бераҳмӣ ва зӯроварию таҷовуз дар воситаҳои телевизион ва интернет ба неруи равонии кӯдакон ва ҷавонон зарба зада, онҳоро ба тақлидкорӣ ва намоиш додани худ ба

мисли «қаҳрамонҳо»-и дӯстдошта такон медиҳанд. Робитаи эҳсосотӣ бо бузургқаҳрамонҳои беҳамто, саргузаштҳои ошиқӣ, задухӯрдҳо ва муборизаҳо эътиқод ва эътимодеро ба вуҷуд меоранд, ки танҳо тавассути истифодаи қувваи ҷисмонӣ метавон ба муваффақият ва хуб гардидани сатҳи зиндагӣ ноил шуд. Дар натиҷа, шахси ҷавон аксар вақт ба ҳолате (интихобе) рӯбарӯ мешавад: кӣ бояд шавад, қурбонӣ ё ҷиноятқор? Бисёриҳо роҳи дуюмро интихоб мекунанд ва сабаби ин интихоб асосан аз «таваҷҷуҳи» насли калонсол маншаъ мегирад.

Дар байни наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла ятимон ва кӯдакони кӯчагард ҳолатҳои зиёди ҷиноятҳо, аз қабили дуздӣ, роҳзанӣ, ҳамла, зӯроварӣ, қочоқи маводи мухаддир ва ғайра ба қайд гирифта шудаанд. Дар солҳои охир ҷиноятқорӣ дар байни ҷавонон, бахусус байни ноболиғон афзоиш ёфтааст. Дар соли 2024 шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда 22315 ҳазор ҳолатро ташкил медиҳад, ки аз ин 3964 ҳолат (17,7 фоиз) ба ҷавонон рост меояд. Мутаассифона, ҳолати зиёди ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон содир карда мешаванд, ки ин хеле нигаронкунанда аст [1].

Сабабҳои асосии ҷиноятқории ҷавонон рафтори номатлуб ва одатҳои бад мебошад. Тибқи таҳқиқоте, ки аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва роҳнамоии ҷавонон гузаронида шуда буд, ҷавонон чунин рафторҳоро манфӣ арзёбӣ мекунанд: таҳқир (64,9 фоиз), кашидани тамоку (бинӣ) (63 фоиз), таҷовуз (61 фоиз), танфурӯшӣ (57 фоиз) ва ғайра [2, с.7–9].

[1] Самтҳои фаъолияти раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - https://www.mvd.tj/7350-samtoi-faolijati-korii-raesati-ogoon-va-peshgirii-uuvajronkun-dar-bajni-nobolion-va-avononi-vkd-tarbijai-avonon-dar-ruijai-vatandstiju-vatanparast.html

[2] Вазъи ҷиноятқорӣ дар байни ҷавонон [Матн]: Бюллетени иттилоотӣ / Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва роҳнамоии ҷавонон . – Душанбе : 2014. – 52 с .;

Тавре аён аст, таҷовуз сеюмин шакли маъмултарини рафтори номатлуб арзёбӣ мегардад, дар ҳоле ки маъмултар тамокукашӣ ва таҳқири касе мебошад.

Ба саволи «Шумо кадом намудҳои рафтори номатлубро амалӣ кардаед?» ҷавобҳо чунин буданд: 25 фоиз-таҳқир кардан, 16 фоиз-корҳои аблаҳона кардан, 13 фоиз-беандеша рафтор кардан, 12 фоиз-роҳзанӣ, 10 фоиз-амалҳои зӯроварӣ, 7 фоиз-тамоку кашидан, машрубот нӯшидан ва 5 фоиз-маводи мухаддир истеъмол кардан.

Новобаста аз он ки маълумоти таҳлилии боло каме кӯҳна шуда бошад ҳам, вазъ ҳоло ҳам беҳбудиро талаб мекунад, рафторҳои номатлуб ва намудҳои ҳуқуқвайронканӣ қариб ки тағйир наёфтааст.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини тарбияи ҷавонон иштироки доимии волидон дар ҳаёти онҳо ба ҳисоб меравад. Набудани робитаи самимии эҳсосот ва ё меҳрубонӣ байни ҷавонон ва волидон дар оила метавонад ба осеби равонии бебозгашт оварда расонад, ки дар натиҷа ба рафтори хашмгинона ва бадахлоқонаи шахси ҷавон боис мегардад. Чуноне, ки олими Ғарб, Б.Спок иброз кардааст: «Ҷиноятқорон аз ҳисоби он кӯдаконе ба воя мерасанд, ки на аз муҷозоти аз ҳад зиёд, балки аз набудани муҳаббат азоб мекашанд» [1, с.226]. Муҷозот на танҳо таҷовузро (зӯровариро) аз байн намебарад, балки онро ташвиқ менамояд ва тақвият мебахшад, - инро озмоишҳои зиёди байни кӯдакон ва таҷрибаҳои алоқаманди анҷомдода, тасдиқ мекунанд. Мутобиқи таҳлилҳо аксар афроде, ки ба ҷиноятҳои таҷовузкорона даст задаанд, дар айёми кӯдакӣ аз ҷониби волидон ва дигар калонсолон таҳқир, таҷовуз ва амалҳои дигари номатлубро дидаанд.

Дар ҳақиқат, агар дар муносибати волидайн ва фарзанд меҳр, муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ кам бошад ё

[1]Лисовский, В. Т. Ҷомеашиносии ҷавонон: китоби дарсӣ [Матн] / В. Т. Лисовский. - Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи Санкт-Петербург, 1996. - 460 саҳ.

набошад, кӯдак хашмгин ва ё бадхӯй (бадахлоқ) ба воя мерасад. Зимнан, ин хашм ва бадхӯй на танҳо ба волидон, балки ба муҳити иҷтимоӣ, мактаб ва дӯстони ӯ низ равона мегардад.

Вақтҳои охир бинобар паст будани сатҳи нигоҳубини кӯдакон аз ҷониби волидон ва сатҳи пасти дониши ҳуқуқӣ ва сиёсӣ, ҷавонон бештар ба ҳаракатҳои гуногуни иртиҷоӣ ҳамроҳ шуда истодаанд. Дар ин робита, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз мекунад: «*Дар солҳои охир терроризм ва экстремизм ба як таҳдиди ҷаҳонӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро нигарон мекунад. Афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусияти экстремистӣ ва террористӣ ба густариши терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои радикалӣ, ҷалби ҷавонон ба созмонҳои экстремистӣ ва террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳона дар кишварҳои хориҷӣ мусоидат мекунад*»[1].

Дар ҳақиқат, имрӯз мушкилоти экстремизм ва терроризм ба як масъалаи ҷаҳонӣ мубаддал гардидааст, зеро он аз марзҳо, фарҳангҳо ва миллатҳо фаротар доман дорад. Аммо, дар кишварҳое ба монанди Тоҷикистон, ки аҳолии он ҷавон аст, бояд ба омилҳои номатлуб дар байни ҷавонон таваҷҷӯҳи бештар зоҳир карда шавад, зеро онҳо боиси рушди ҷинояткорӣ, экстремизм ва дигар рафторҳои манфии иҷтимоӣ мегарданд.

Дар робита ба ин, дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон фаъолсозии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, соҳаи маориф, фарҳанг ва тарбияи маънавии ҷавонон таҳияи низоми ягонаи таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон зарур аст, то инки дар самти

[1]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] – Душанбе, 2016. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/13747

муқовимат ба омилҳои номатлуб ва тундгароии шаҳрвандони ҷавон тадбирҳои тарбиявӣ рафторӣ, фарҳангӣ, ватандӯстӣ, худшиносӣ ва худогоҳӣ ба таври муназзам таҳия ва амалӣ гардонида шаванд.

Мустақилияти иқтисодии ҷавонон

Вазъи иқтисодии ҷавонон асосан аз сатҳи шуур, тафаккур, рафтор ва амали онҳо вобаста аст. Шуур на танҳо хусусият ва сифати фаъолияти инсонро муайян мекунад, балки ҳангоми интихоби воситаҳои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда ба мавқегирии маънавӣ низ мусоидат мекунад. Одатан шуури иқтисодӣ бо доираи объекти алоқаманд маҳдуд аст, аммо он ҳамчун як шакли шуур дорои ҳамаи хосиятҳои табиӣ мебошад, аз ҷумла ҳушдор намудан аз ниёзҳо, талабот, арзишҳо ва манфиатҳо. Тавре маълум аст, маҳз ҳамин ҳушдорсозӣ ва ё огоҳонӣ тафаккур, интихоб ва шакли аслии рафтори инсонро нисбат ба шароити муҳити зист ифода мекунад.

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки рафтори инсон дар асоси таъсири мутақобилаи байни шуур ва воқеият муайян карда мешавад, ки ба ташаккулёбии арзишҳои ҳаётӣ таъсир мерасонад ва баръакс, арзишҳои аллакай ташаккулёфта асосан ба дарки воқеият боис мегардад. Дар робита ба ин, баррасии ҷанбаҳои иҷтимоии ташаккули иқтисоди бозорӣ аҳамияти хосса пайдо менамояд.

Зимнан, вазъи иқтисодии ҷавононро танҳо дар ҳолати мутобиқшавии онҳо ба талаботи давраи гузариш, бахусус ба иқтисоди бозоргонӣ беҳтар кардан мумкин аст, ки ин дар навбати худ, аз рафтори дуруст, малака ва дониши андӯхтаи онҳо вобаста аст.

Аксарияти аҳолии Тоҷикистонро оилаҳои серфарзанд ташкил медиҳанд. Тибқи таҳқиқоти ҷамъиятӣ (демографӣ) ва тиббӣ дар мамлакат ба ҳар зан 4,8 нафар

кӯдак рост меояд, яъне ҳар як оила ба ҳисоби миёна 5-6 нафар фарзанд дорад [1, с.13].

Ин маънои онро дорад, ки сарфи назар аз вазъи ноустувори иқтисодӣ афзоиши сатҳи таваллуд ҷой дорад.

Бо вуҷуди ин, даромади миёна ба сари ҳар нафар ба 1174 сомонӣ (124 доллари ИМА) дар як моҳ баробар аст, ки ба воқеияти вазъи даромад ва хароҷоти оила мутобиқат намекунад. Зеро, тибқи таҳлилу мушоҳидаҳо дар аксари оилаҳо 1-2 нафар машғули кор буда, даромад ба даст меоранд, 5-6 нафар боқӣ бошад, истеъмолкунанда ва ё дастнигар ба ҳисоб мераванд [2, с.48].

Дар ин масъала дар Гузориши Рушди Ҷаҳонӣ «Рушд ва насли оянда», ки соли 2007 нашр шудааст, иброз мегардад, ки: «*Ҷавонони имрӯза коргарони фардо, соҳибкорон, волидон, шаҳрвандони фаъол ва албатта, пешвоёни ҷомеа мебошанд. Аз сабаби коҳиши сатҳи таваллуд, ҷавонони имрӯза нисбат ба насли волидонашон фарзандони камтар хоҳанд дошт. Ин, дар навбати худ, метавонад ба афзоиши босуръати рушди иқтисодӣ тавассути афзоиши саҳми аҳолии қобили корӣ ва ҷамъоварии пасандозҳои оилавӣ хизмат кунад. Кишварҳои сарватманд ва камбизоат бояд ин имкониятро пеш аз он ки дар натиҷаи пиршавии аҳолӣ аз даст дода шавад, истифода баранд. Ин ба ноил шудан ба суръати баланди - рушди иқтисодӣ ва таъмини коҳиши боз ҳам бештари камбизоатӣ мусоидат мекунад*».

Дар шароити ҷамъиятии (демографии) Тоҷикистон, ки сатҳи таваллуд афзоиш меёбад, ин масъала, яъне банақшагирии оила ва танзим намудани (коҳиш додани) сатҳи таваллуд метавонад ба рушди устувори (динамикии)

[1] Маҷмӯаи омории шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025. [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 55 с..

[2] Тоҷикистон дар рақамҳо, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 167 с.

иқтисодӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Дар ҳақиқат, бо пеш гирифтани ҳадаф ҷиҳати сармоягузорӣ ба рушди устувори ҷавонон – ба таҳсилоти онҳо, танзим ва банақшагирии оила, тарзи ҳаёти солим ва иштироки онҳо дар дигаргунсозиҳои (рушди) сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ мо мтеавонем ба рушди устувори ҷомеа бирасем.

Рушди иқтисодии ҷавонон асосан аз худи ҷавонон, рафтори онҳо, мутобиқшавии онҳо ба шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва шуғлнокии онҳо дар ҳошияи ташаббускорӣ ва тавсеаи қобилиятнокии худ вобаста аст. Имрӯз барои таҳким бахшидани худташаккулёбӣ ва худшиносии ҷавонон ва дарёфти мавқеъ дар зиндагӣ корҳои зиёде анҷом дода шудаанд. Ин навбат, шахси ҷавонро зарур аст, ки аз тақлиду пайравӣ ва ҳавас ба насли калонсол дурӣ ҷуста, худ тақдири худро таҳким бахшад, ҳомии ояндаи зиндагӣ худ шавад, ба муассисаҳои таҳсилоти касбии мувофиқ дохил шавад, тахассус омӯзад ва малакаҳои касбии муосирро аз худ намояд.

Зимнан, дар Қуръони Карим, сураи Наҷми, ояти 39 чунин ҳидоят расидааст: «*Ва ин ки барои инсон чизе (мукофот ва баҳрае) нест, ҷуз он чӣ худаш талош кардааст*». Яъне, инсон ба ҳамон нияту ҳадафе мерасад, ки баҳри он талош варзида бошад. Соддатар, метавон гуфт, ки тақдири инсон то андозае дар дасти худи ӯст; шахс доимо бояд барои дарёфти мавқеи худ дар ҷомеа, ризқу рӯзӣ, дониш, малака, маҳорат ва анҷом додани корҳои нек дар талош бошад. Давомнокии чунин ҳаракату талошҳо бошад, беохир – то лаҳзаи ҷон дар бадан доштан, нуқтагузорӣ мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати имрӯза барои шуғли ҷавонон шароити зарурӣ ё ин ки заминаи мусоид барои талошкориҳо фароҳам оварда шудааст. Имрӯз ҳар як ҷавоне, ки дорои малака ва маҳорати риштаи иқтисодӣ

аст, метавонад соҳибкории (тиҷорати) худро ташаккул диҳад, ширкат кушояд, корхона созад, хадамоти иҷтимоӣ ва ғайра ташкил намуда, ҳамзамон шумори зиёди ҷавононро соҳиби кор намояд.

Дар ҷомеаи муосир, дар аксари кишварҳо яке аз манбаъҳои асосии даромади оила ин фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ин намуди фаъолият дар шароити иқтисоди бозорӣ яке аз роҳҳои мусоиди ба даст овардани шуғл мебошад, зеро он бисёрҷанба буда, хадамоти гуногуни озодро фаро мегирад ва ё ба бозори меҳнат пешниҳод менамояд ва барои ҳар касе, ки хоҳиш, дониш ва малака зарурӣ, ҳатто заминавӣ барои оғоз кардани тиҷорати худро дорад, дастрас аст.

Дар шароити Тоҷикистон, дар давраи гузариш гурӯҳи зиёди шаҳрвандон ба тиҷорати хурд рӯ оварданд. Истеҳсолот рушд карда истода, коргоҳҳо ва корхонаҳои хурд, хоҷагиҳои хусусӣ ва ширкатҳои гуногун таъсис дода шуданд. Имрӯз соҳибкорӣ яке аз манбаъҳои муҳими даромади аҳолии кишвар ва иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо, масъалаи омӯхтан ва ё аз худ кардани рисолати воқеии соҳибкорӣ, аз ҷумла таҳким бахшидани сатҳи дониш ва малака барои пешбурд, рушд ва васеъ гардонидани тиҷорат дар байни ҷавонон ҳанӯз ташвишовар боқӣ мемонад. На ҳама дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дониш ва малакаи зарурӣ доранд, аксар ин заруратро дарк намекунанд ва гурӯҳе низ ҳастанд, ки ба ғизои маънавӣ (дониш) майлу хоҳиш надоранд. Аз тарафи дигар, ҳоло ҳам монеаҳои муайяни қонунгузорӣ ва анъанавӣ низ, дар самти рушди соҳибкорӣ мавҷуданд, ки ногузир ба соҳибкорони умедбахш, яъне ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд. Қонунгузорӣ то ҳанӯз як созукори (механизми) устувор ва ё ҷолиби ҳавасмандгардонии соҳибкорони ҷавони умедбахшро ба таври возеҳ муқаррар накардааст.

Мисол, дар шароити ҳамсоякишвари мо, Чин, соҳибкор шахсе пазируфта мешавад, ки агар худ ва боз як нафари дигарро бо ҷойи кор таъмин карда бошад, мувофиқан, ба ин гурӯҳи соҳибкорон имтиёзҳои гуногун, ибтидо аз давраи донишҷӯӣ то ба зинаи устувории фаъолият, муқаррар карда мешавад. Яъне, ҳокимияти давлатӣ ва ё ҷомеа бо фарди соҳибкор ҳамроҳи доимӣ буда, ӯро ҳар лаҳза дастгирӣ менамоянд.

Зимнан, аз лиҳози миқдорӣ шумори бисёри соҳибкорон, ин хазинаи пури давлат аст, манбаи андозҳо ва захираи иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Мутобиқи таҳқиқоти «Диаспора – шарики рушди Тоҷикистон» фазои соҳибкорӣ дар Тоҷикистон барои ҷалби фаъоли сармоягузорони дохилӣ ноустувор аст. Ҳудуди 55 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ хоҳиши оғоз кардани тиҷорат дар Тоҷикистонро надоранд; илова бар ин, 56,7 фоизи онҳо ҳатто бо қарзҳои бефоиз ҳам намехоҳанд машғули соҳибкорӣ шаванд. Дар гузориши расмии Форуми ҳамватанон дар бораи «Ҷалби диаспора барои рушди миллӣ» омилҳои асосие, ки мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ бояд ба назар гиранд, муайян ва пешбиниҳод карда шудаанд. Масалан, 33 фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ бинобар сабаби мавҷуд будани фасод (коррупсия), 31 фоиз - ноустувории иқтисодӣ ва 22 фоиз бинобар паст будани сатҳи эътимод намехоҳанд ба рушди Тоҷикистон саҳмгузор бошанд [1, с.38].

Албатта, то андозае ба ин маълумот розӣ нашудан ҳам мумкин аст, чун он солҳои қабл ҷамъоварӣ гардидааст, аммо мушоҳида кардан мумкин аст, ки воқеан, то ҳол низоми хоси сармоягузорӣ ва ё бақайдгирии саҳмгузории муҳоҷирони меҳнатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ташаккул наёфтааст.

[1] Диаспора – шарики рушди Тоҷикистон [Матн] / Созмони байналмилалии муҳоҷират. Фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2014. – 149 с.

Ин маънои онро дорад, ки ҳоло ҳам дар ҷомеа гурӯҳи мушкилоте вуҷуд дорад, ки монеи рушди соҳибкорӣ мешавад ва ин таъсиррасонии мақсаднок ва бетаъхирро тақозо мекунад.

Дар робита ба ин, шахсони ҷавонро мебояд тиҷорати худро ташкил намоянд, малакаҳои заруриро ба даст оварда, касбу ихтисоси дуруст ва муносибу мувофиқ ба бозори меҳнатро интихоб намоянд. Ҳамзамон, ҳокимияти давлатӣ бояд барои рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон ҳарчи бештар шароит фароҳам оварад ва барои ниҳодҳое, ки ингуна ташаббусҳоро дастгирӣ мекунанд имтиёзҳои мушаххас ва натиҷабор муқаррар созад.

Яке аз ҳадафҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ барои ҷавонон, ин роҳандозии созукори (механизми) муосир барои дастгирии барномаҳои тиҷоратии соҳибкорон ва шаҳрвандони ҷавоне, ки соҳиби тиҷорати муайян ҳастанд, арзёбӣ мегардад. Бинобар сабаби он, ки аксарият дар деҳот зиндагӣ мекунанд, дар самти рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар байни ҷавонон намудҳои гуногуни соҳибкориро роҳандозӣ кардан мумкин аст, масалан таъсиси хоҷагиҳои ёрирасони боғдорӣ, парвариши картошка, ҷамъоварии асал ва дигар корҳои деҳот.

Барои ҳавасмандгардонии соҳибкорони ҷавони оянда таъсиси созукори (механизми) хостагирӣ, дастгирӣ ва омодасозии (таълиму таҷрибаомӯзӣ, таъмини шароити маишӣ, маблағгузории) соҳибкорони ҷавон ҳанӯз аз давраи дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар давоми таҳсил соҳибкорони ҷавонро (ояндаро) метавон ба гурӯҳҳо тақсим кард ва дар самти таъсиси корхонаҳо, коргоҳҳо ва татбиқи фаъолияти муосири соҳибкорӣ омӯзиш дод.

Бешубҳа, барои ноил шудан ба ин ҳадаф, рушди соҳибкории ҷавонон, пеш аз ҳама истифодаи шароити мавҷуда, захираҳои сармоягузории дохилӣ ва ҷалби

сармоягузории хориҷӣ зарур аст. Аз ин рӯ, зарурати роҳандозӣ намудани лоиҳаҳои иҷтимоӣ (грантҳо) ва татбиқи самараноки фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, ҳамчунин ташкили фаъолияти марказҳои омодасозии лоиҳаҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла дар ҳошияи рушди хизматрасониҳои рақамӣ ва навоварӣ барои ташкили фаъолиятҳои соҳибкорӣ ва тиҷоратии ҷавонон ба миён омадааст. Ин ташаббус, дар навбати худ метавонист ба шуғлнокии ҷавонон тавассути рушди тиҷорати хурду миёна таъсири натиҷабахш расонад.

Зарур аст, ки имкониятҳо, захираҳо ва иқтидори бахши тиҷорат, ҷавонон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун як ниҳоди муштарак муттаҳид карда шаванд ва дар заминаи таҳияи сиёсати давлатии ҷавонон лоиҳаҳои муштараки иҷтимоию иқтисодӣ ва мутақобилан судманд таҳия ва амалӣ гардонида шаванд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Вобаста ба истифодаи захираҳои шабакаи интернет танбалии таълимгиранда ва омӯзгор дар чи инъикос мегардад?
2. Аз бӯҳронҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дида, кадом мушкилот хатраноктар аст?
3. Чаро шакли (низоми) имрӯзаи таҳсилот талаботи ҷавононро то дараҷаи лозима қонеъ намегардонад?
4. Мутобиқи таҳлилҳо шакли (низоми) имрӯзаи таҳсилот талаботи ҷавононро то дараҷаи зарурӣ қонеъ намегардонад, чаро?
5. Тибқи таҳлилҳои оморӣ дар соли 2024 ба чанд ҳазор нафар хатмкардагон мақоми бекорӣ дода шудааст (яъне мутахассисони нав, ки ба бозори меҳнат баромадаанд, натавонистаанд, ки бо ҷойи кори мувофиқ таъмин шаванд)?

6. Чаро ҷавонзанон бояд имконияти аз худ кардани (омӯхтани) маълумоти касбии дастрасро (ибтидоӣ ва миёнаро) дар наздикии макони зисти худ дошта бошанд?
7. Мутобиқи шариат, фарҳанги ислом ҳуқуқи зан ва мард дар кадом сатҳ аст?
8. Кадом шаклҳои таҳсилотро медонед, ки шахси ҷавон метавонад дар ҳар ҷо ва дар ҳар вақти муносиб аз онҳо истифода карда, таълим гирад?
9. Низоми таъмини кӯмак ва дастгирии иҷтимоии ҷавонон чист?
10. Киҳо ба гурӯҳҳои осебпазири ҷавонон дохил мешаванд?
11. Паёмади интихоби дуруст ва интихоби нодуруст дар ҳаёти инсон ба чи асос меёбад?
12. Ҳангоми ба синни балоғат, яъне 18-солагӣ расидан, наврасони маъюб ва ятим бояд мактаб-интернатро тарк кунанд, пас онҳо куҷо мераванд?
13. Чаро масъалаи таъминот бо манзили истиқоматӣ барои гурӯҳҳои осебдидаву осебпазир ва ҳамчунин барои навхонадорони ҷавон мушкилбор аст?
14. Афзоиши табиии солонаи аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна чанд ҳазор нафарро ташкил медиҳад?
15. Сабаби асосии афзоиши сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон ба чи асос меёбад?
16. Чаро дар давраи Шӯравӣ таъмингардии шахси ҷавон бо ҷойи кор кафолат дода мешуд?
17. Мушкилоти асосии ҷавонон вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба чи асос меёбад?
18. Муҳоҷирати меҳнатӣ чист?
19. Чанд фоизи аҳолии Тоҷикистон қишри қобили меҳнат мебошад?
20. Чанд фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ маълумоти касбӣ надоранд?
21. Сармоягузорӣ барои оянда, ин сармоягузорӣ ба насли имрӯзаи ҷавонон аст, чаро?

22. Чанд фоизи аҳолӣ ҷавонони синни издивоҷ мебошанд?
23. Рафтори номатлуб чист?
24. Наврасон ва ҷавононро чиҳо ба тақлидкорӣ ва намоиш додани худ ба мисли «қаҳрамонҳо»-и дӯстдошта такон медиҳанд?
25. Сабабҳои афзоиши ҷинояткории ҷавонон, ки ба волидон вобаста дониста мешаванд, кадомҳоянд?
26. Вазъи иқтисодии ҷавонон аз чи вобастагӣ дорад?
27. Дар шароити ҷамъиятии (демографии) Тоҷикистон ба рушди устувори (динамикии) иқтисодӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоӣ кадом тадбирҳо метавонанд мусоидат намоянд?
28. Тақдири инсон чист ва ё дар дасти кист (мутаносибан)?
29. Чи бояд кард барои рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон?
30. Ҷавононро чи мебояд кард барои рушди фаъолияти соҳибкории худ?
31. Хостагирӣ, дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавон ҳанӯз аз давраи дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ чи аҳамият дорад?

§ 6. Тарбияи ватандӯстию ахлоқӣ ва шаҳрвандии ҷавонон

Тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандии ҷавонон

Тарбияи ватандӯстию ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ, худшиносӣ ва худогоҳии ҷавонон унсури асосии сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин асно Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 1995 «Барномаи тарбияи ҷавонони Тоҷикистон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ»-ро қабул карда буд.

Ташаккул ва талқин намудани тарбияи шаҳрвандӣ ва мерос гузоштани равишҳои анъанавии тарбиявӣ ба наслҳои оянда аз гурӯҳи дастовардҳои наслҳои мебошад,

ки ин равиш ҳамзамон ба раванди иҷтимоишавӣ, дарк ва азхудкунии арзишҳо, эътиқодҳо, меъёрҳо, анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ ҳамчун асос арзёбӣ мегардад.

Дар шароити муосири ҳаракати шадиди равандҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа тарбияи ҷавонон бояд дар якчанд ҷанба ва ё бо усулҳои муносиб баррасӣ карда шавад, ки ба сатҳ ва самти худамалисозии шаҳрвандӣ мутобиқат намояд. Ин равишро метавон ҳамчун ҷанбаи муҳими масъулияти шаҳрвандии ҷавонон баррасӣ кард, ки бо ангезаҳои мушаххаси фарҳангӣ, ниёзҳо ва малакаҳо шартгузорӣ шудааст ва амалҳои воқеиро дар бар мегирад.

Давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ, зимнан, тағйир ёфтани баъзе аз арзишҳои миллӣ ба он боис гардид, ки дар байни аҳолӣ ноумедӣ ҳукмфармо бошад ва мутобиқшавии иҷтимоӣ бо душворӣ пеш омад ва албатта, ин омил ба арзишҳои хоси ҷавонон таъсири мустақим гузошт. Ҷустуҷӯи мавқеи худ дар ҷомеаи муосир, тамаркуз ба пешрафт ва мавқеъгирии босуръат, ҳамзамон иҷтимоишавии мушкилбор ба ташаккулёбии маданияти махсуси худамалигардии ҷавонон боис гардид.

Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва мадании ҷавононро ғояи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдат ва ҳувияти миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан, таъмини амнияти давлат ва миллат, ҳифзи якпорчагии қаламрав ва манфиатҳои миллӣ ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ дар мулоқот бо ҷавонони ҷумҳурӣ, 21 майи соли 2005 иброз кард: «*Ба андешаи ман, рафтор, амал ва сатҳи фарҳанги ҷавонон ва наврасони мо дар даҳ-дувоздаҳ соли охир ба таври назаррас беҳтар шудааст; эҳсоси худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар байни онҳо тақвият меёбад ва мо аз ин хеле қаноатмандем. Мо бояд инро ҳамчун як падидаи мусбат ва рӯҳбаландкунанда арзёбӣ кунем ва ба густариши он саҳм гузорем*» [1].

---

[1] Раҳмонов, Э. Ватани худро дӯст доред, эҳтиром кунед ва ҳифз кунед: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо намояндагони

Дар ҳақиқат, агар солҳои 90-умро ба ёд орем, ба кӯчаҳо баромадан ғайри қобили қабул буд; ҷавонон бе ягон сабаб якдигар ва атрофиёнро таҳқир мекарданд, нисбат ба роҳгузарон амалҳои зӯроварона анҷом медоданд ва ғайра. Ҳеҷ кас интизор набуд, ки пас аз муддате ин вазъият, ки аз сабаби сатҳи пасти маданияти ҷавонон ва камсаводии калонсолон ба вуҷуд омада буд, тағйир ёбад. Аммо имрӯз рафтори ҷавононро мушоҳида намуда, ба ёд овардани он рӯзҳои даҳшатнок қобили хоҳиш нест; мо бояд ҷавонони имрӯзаро боз ҳам дар рӯҳияи ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ ва донишмандӣ ангеза ва тарбия намоем.

Нақши дини мубини ислом дар тарбияи ҷавонон дар Тоҷикистон мақоми хоса дорад. Дар Тоҷикистон беш аз 90 фоизи аҳолӣ мусалмонанд. Онҳое, ки асли дини исломро медонанд, анъанаҳо ва расму оинҳои диниро риоя мекунанд, тарзи зиндагии нисбатан беҳтар, мутавозин, таҳаммулпазир ва бофарҳанг доранд.

Бо вуҷуди ин, муносибатҳои байни калонсолон ва насли ҷавон мураккаб боқӣ мемонад. Тибқи таҳлилҳо 57 фоизи ҷавонон иброз (нигаронӣ) кардаанд, ки калонсолон онҳоро эътироф намекунанд ё аз онҳо ҳасад мебаранд ва 23,4 фоизи ҷавонон аз ҷониби калонсолон мавриди хушунат қарор гирифтаанд [1, с.15].

Ингуна муносибати калонсолон нисбат ба ҷавонон асосан хоси ҷомеаи атиқа ва асримиёнагӣ аст, аммо барои рушди ҷомеаи муосир ин равишро мебояд тағйир дод ва шароиту имкониятҳо ва ангезаҳои худташаккулёбӣ ва худамалигардиро барои насли ҷавон бояд фароҳам овард.

ҷавонони ҷумҳурӣ, 21 майи соли 2005 [Матн] / Э. Раҳмонов - Душанбе: Деваштич, 2005. - 49 с.; Исаев, Д. Н. Тарбияи ҷинсӣ ва психогигиенаи ҷинсӣ дар кӯдакон (русӣ) [Матн] / Д. Н. Исаев, В. Е. Каган // Ҷавонони Русия: Феҳристи библиографӣ/РГУБ. - М., 1995. - шумораҳои 1-4. - С. 154-162; Сиёсати ҷавонон (русӣ) [Матн]: Бюллетени иттилоотӣ / Институти ҷавонон. - М .: Socium, 1996. - № 127.

[1] Барномаи рушди хизматрасониҳои дӯстона барои ҷавонони номуташаккил [Матн]: Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои татбиқ / Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва роҳнамоии ҷавонон. - Душанбе, 2006. - 35 с.

Ҷавонон вақтхуширо дӯст медоранд: мусиқӣ, рақс, синамо ва ғайраро доимо ҷустуҷӯ менамоянд. Дараҷаи тамоюли фароғатӣ (майл ба фароғат) ҷавононро ба гурӯҳҳои хос аз рӯи синну сол ва мавқеи иҷтимоӣ ҷудо мекунад. Самти фароғатӣ асосан амалҳои вақтхушӣ ва ё беҳудагардию бекоргардиро иҷро менамояд. Зимнан, амалҳои маърифатӣ ва ҷустуҷӯӣ дур мегарданд ва ё ба таври нокифоя иҷро мешаванд.

Имрӯзҳо маконҳои вақтхушии ҷавононро асосан марказҳои дилхушию фароғатӣ ташкил медиҳанд, ки тартиби фаъолияти онҳо, бештар ба талқини бадахлоқӣ равона буда, аз фарҳанги миллӣ бегона мебошанд. Марказҳои дилхушию фароғатӣ одатан аз соати 10-и шаб то 5-и субҳ фаъолият мекунанд, воридшавии ҳам ҷавонон ва ҳам калонсолон озод аст, яъне ягон маҳдудият вуҷуд надорад. Аксар вақт дар ин маконҳои фароғатӣ шумораи зиёди ҷавонон бо падидаҳои гуногуни манфӣ пешорӯ меафтанд, аз ҷумла нашъамандӣ, фоҳишагӣ, хатари гирифтор шудан ба сироятҳои ҷинсӣ ва ғайра. Ин маконҳо манбаи асосии паҳншавии бемориҳои махсусан хатарнок дар байни ҷавонон ва бадахлоқӣ арзёбӣ мегардад.

Иштироки ҷавонон дар ҳаёти фарҳангӣ, маънавӣ ва сиёсии ҷомеа мутаносибан паст аст. Назарсанҷие, ки аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки танҳо сеяки ҷавонон медонанд, ки бо иштирок дар маъракаҳои интихоботӣ метавонанд ба рушди сиёсии кишвар саҳм гузоранд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки бо дарназардошти ҳифзи мероси фарҳанги миллӣ, дар ҳошияи рушди ҷомеаи демократӣ ва дар заминаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таҳияи механизмҳои нав ва устувори тарбияи ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ, худшиносӣ ва худогоҳии ҷавонон, фаро гирифтани шаҳрвандони ҷавон бо хизматрасониҳои гуногуни фарҳангӣ, таълимӣ ва иттилоотии пайваста зарур аст.

Ахлоқи шоиста ва фарҳанги (маданияти) ҷавонон

Ҳар як халқ, миллат бо фарҳанг, илм, санъат ва тамаддуни худ дар саҳифаҳои таърих сабт мегардад. Ҷаҳониён иттило доранд, ки мардуми тоҷик (дар гузашта форс) таърих ва фарҳанги ғанӣ, инчунин санъат ва адабиёти беназир дорад.

Аз ин рӯ, василаи асосии таҳким бахшидани тафаккури шаҳрвандӣ барои ҷавонон ин ташаккул ва рушди маданияти сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши таърих ва адабиёти ғании миллати худ ба ҳисоб меравад.

Мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла ҷавонони солҳои 90-ум рӯзҳои даҳшатноки ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронидаанд, ки дар ҳаёти сокинон ҳамчун хотираи андӯҳбор ҷой дода шудааст. Ин ҷанг дар байни ҷавонон падидаҳои зиёди манфиро ба вуҷуд овард, ки дар солҳои баъдӣ ба тарбия ва фарҳанги ҷамъиятӣ таъсир расонид. Дар он солҳо умуман дар бораи тарбия ва фарҳанг ҳарф задан душвор буд, зеро аксари одамон доимо зери андешаи «зинда мондан» ҳаёт ба сар мебурданд; азнавсозии арзишҳо доман паҳн намуда буд, насли калонсол аз таъсир расонидан ба насли ҷавон худдорӣ мекард. Барои ҷавонони имрӯза ҷанги шаҳрвандии гузашта ва бетарафии волидон дар тарбияи фарзанд як афсона аст; онҳо тасаввур карда наметавонанд, ки он давра як падар имкон надошт, ки ба писараш бигӯяд, ки «ту нодуруст рафтор кардӣ ё хато карди ё ба калонсолон бояд эҳтиром гузошт...».

Аммо, рафтор ва муносибати ҷавонони имрӯза низ тағйироти муносибро талаб мекунад. Дар ҳақиқат, дар рафтори наслҳои ҷавон дар таносуб ба наслҳои гузашта фарқият бо маънии мусбӣ ба назар мерасад, аммо шароити имрӯзаи ҷомеаи муосир талаботи махсуси худро талқин мекунад. Дастрасӣ ба фановариҳои (технологияҳои) иттилоотӣ, шабакаи умумиҷаҳонии интиқоли маълумот (интернет) ва гушакҳои (телефонҳои) сайёр (мобилӣ) дар баробари манфиатнокӣ ба рафтори

насли ҷавон таъсири манфии худро низ, доранд. Имрӯз ҷавонон имконият доранд, ки дар вақти дилхоҳ ба шабакаи интернет пайваст шуда, ба қиморбозӣ ва тамошои наворҳои (филмҳои) номуносиб машғул гарданд, бо бегонагон робитаи маҷозӣ анҷом диҳанд ва дигар амалҳои номатлуб ва бегонафарҳангро ба иҷро расонанд. Ҳамаи ин имкониятҳо барои ҷавонон дастрасанд ва новобаста аз майлу хоҳиши калонсолон ва муҳити онҳо рафтори ҷавонон коста мегардад, одатҳои бад пайдо мекунанд, ба бемориҳои рӯҳӣ то андозае гирифтор ҳам мешаванд, эҳтиром ба калонсолонро гум мекунанд, арзишҳои фарҳангӣ ва оилавиро аз даст медиҳанд.

Агар дар соли 2010 дар Тоҷикистон 1,3 миллион нафар аз шабакаи интернет истифода мебурданд, пас дар соли 2024 ин рақам ба маротиб (беш аз 3 миллион) [1] зиёд шудааст. Мо бояд аз он омил дар ташвиш бошем, ки ҳамарӯза маводҳо ва наворҳои зиёди намоишии (видеоии) даҳшатбор дар шабакаи интернет ва телевизион намоиш дода мешаванд, ки наврасонро ба кҷравӣ водор месозанд. Ин наворҳо пур аз саҳнаҳои зӯроварӣ, таҷовузи равонӣ ва сӯиистифодаи ҷисмонӣ нисбат ба ҳамсолон, инчунин пиронсолон мебошанд. Шумораи ҷиноятҳое, ки аз ҷониби кӯдакон ва наврасоне, ки аз нашъамандии киберӣ азият мекашанд ва аз назорати амалҳои худ маҳруманд, ҳар сол афзоиш меёбад [2].

Албатта, дар ҳошияи озодии матбуот ва гуногунандешӣ имконияти дастрасӣ ба шабакаҳои умумиҷаҳонии иттилоот ва синамо қобили қабул аст, аммо дар ҳошияи таъмини солимии шуур, амнияти манфиатҳои миллии ҷамъиятӣ ва арзишҳои фарҳангию

[1] Раҳмон, Э. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. – Душанбе - Тартиби дастрасӣ: http://www.prezident.tj /node/2943

[2] Шелина, Т. Т. Падидаи вобастагии интернетӣ ҳамчун сабаби рафтори кҷравии наврасон [Маводи электронӣ] // Олими ҷавон / Т. Т. Щелина, В. С. Маслова. - 2014. № 21.1. - С. 143-145. - Тартиби дастрасӣ: http://www.moluch.ru/archive/80/13809/

инсонӣ ҷорӣ кардани маҳдудиятҳои муайян афзалтар мебошад.

Эҳтиром ба калонсолу пиронсол дар хотираи ирсии мардуми тоҷик реша давонидааст ва он ҳамеша дар тӯли асрҳо моро ҳамроҳӣ кардааст. Эҳтиром, дар навбати худ, ҳамчун як ҷузъи фарҳанге фаҳмида мешавад, ки ба тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, муттаҳидӣ ва даъват ба тарзи зиндагии шоиста нигаронида шудааст.

Аммо вақтҳои охир бинобар таъсири манфии фановариҳои (технологияҳои) иттилоотӣ ва фаъолияти густурдаи созмонҳои тундравӣ (экстремистӣ) эҳтироми ҷавонон нисбат ба калонсолон, махсусан дар байни мутаассибони динӣ коҳиш ёфтааст. Дини ислом ба бадахлоқӣ, беэҳтиромӣ, нажодпарастӣ, бадахлоқӣ, тундравӣ (экстремизм) ва даҳшатафканӣ (терроризм) ҳеҷ иртиботе надорад, зеро асли ислом чунин амалҳоро қатъиян маҳкум мекунад. Ғайр аз ин, тибқи шариати ислом касоне, ки одамонро ба қатл мерасонанд, нисбат ба ҷомеа нафрат доранд ва дурӯғ мегӯянд, ба азоби дӯзах маҳкуманд. Зимнан, дар ҷаҳони муосир зери ниқоби ислом амалҳои зиёди манфӣ ва ғайриинсонӣ анҷом дода мешаванд. Дар асл, ислом маънои таслим шудан, ибодат ва итоат ба як Худоро дорад ва яке аз аҳкоми асосии он эҳтиром ба тамоми инсоният, новобаста аз дин, забон, ҷинс ва дигар фарқиятҳо мебошад [1].

Новобаста аз ин, чи тавре иброз гардид, зери ниқоби ислом гурӯҳҳои гуногуни ифротгаро ва тундрав барои ба даст овардани эътимоди мардум ва расидан ба ҳадафҳои ғаразнок ва нопоки худ бештар ҷавононро ба сафи худ ҷалб месзонад, онҳоро бо таълимоти гуногун ва бегона аз асли ислом меомӯзонанд ва онҳоро ба амалҳои ношоиста, аз ҷумла беэҳтиромӣ ба ҷамъияти худ, ҳукумат ва ҳатто волидони худро ташвиқ мекунанд.

---

[1] Википедия. Ислом [Маводи электронӣ]. - Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/

Мисол: ба ҷавонони гумроҳ чунин ақида талқин карда мешавад, ки онҳо дар ин ҳаёт бояд Худо ва «роҳбар»-и худро эҳтиром кунанд ва он чиро, ки роҳбар мегӯяд ва роҳнамоӣ мекунад, иҷро кунанд (зимнан, дигаронро ҳамчунин падару модарро эҳтиром накунанд), вагарна онҳо ба биҳишт намедароянд. Дар ҳоле, ки мутобиқи талаботи асли ислом, инсон бояд ба волидонаш эҳтироми хосса дошта, ҳеҷ гоҳ беэҳтиромӣ накунад.

Ҳамин тариқ, бо таъсиррасонии гурӯҳҳои тундрав эҳтиром ба насли калонсол ва умуман ба дигарон аз байн меравад, ки ин зарурати андешидани чораҳои фавриро барои муқовимат бо ингуна гурӯҳҳо ба миён меорад.

Дар ҷаҳони муосир таҳаммулпазирӣ ва сулҳдӯстию сулҳҷӯӣ меъёрҳои асосии хирадмандӣ ҳисобида мешаванд ва дар муносибатҳои сиёсати хориҷӣ (дипломатӣ) васеъ истифода мегарданд. Дар фарҳанги мардуми тоҷик таҳаммулпазирӣ ва сабр хоси шахси хирадманд аст ва онҳое, ки ин хислатҳоро доранд, дар ҷомеа эҳтироми хоса пайдо мекунанд. Ин хислатҳоро инчунин қариб ҳамаи пешвоёни динӣ, омӯзгорон ва табибон соҳиб мебошанд ва ҷавонон аз онҳо пайравӣ мекунанд, ҳатто баъзеи ин шахсиятҳоро ҳамчун намунаи ибрат (идеал) интихоб менамоянд.

Аммо, дар ниҳоди худи ҷавонон таҳаммулпазирӣ ва сабр хеле заиф ба назар мерасад; ин хислатҳо аксаран хоси ҷавонон намебошанд, ҳарчанд ҷомеаи муосир аз инсон муносибати таҳаммулпазирро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, барои мутобиқ шудан ба ҷомеаи муосир, аз ҷмула талаботи бозори меҳнат ва муқовимат бо ҷанбаҳои манфии ҳаёти имрӯза ҷавонон бояд муносибатҳои таҳаммулпазирро омӯзанд, аз худ кунанд ва фаъолона истифода баранд, мавриди қабули қарорҳо ботаҳаммул бошанд ва аз неъматҳои зиндагӣ оқилона баҳра баранд.

Фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон умқи қадимӣ доранд. Дар ҳудуди Тоҷикистон маҳалаҳои қадимаи аҳолинишин, ки ба асрҳои VI-V пеш аз милод тааллуқ доранд, ба мисоли

қалъаҳои хиштӣ ва гилӣ, инчунин осори бадеии аз оҳан, санг ва дигар маводҳо сохташуда (ба ҳазорсолаи 1 пеш аз милод тааллуқ доранд) ёфт шудаанд. Фарҳанги динию маънавии мардуми тоҷик ба дарки ҷаҳони инсонӣ тавассути илм ва адабиёт равона карда шудааст. Дар тӯли ҳазорсолаҳо мардуми тоҷик забони худро ҳифз карда, онро аз насл ба насл ҳамчун ганҷинаи гаронбаҳо интиқол додаанд. Забон ва хатти тоҷикӣ (дар гузашта форсӣ) дар байни бист забони беҳтарини ҷаҳон қарор дорад ва беш аз 200 миллион нафар дар саросари ҷаҳон бо он ҳарф мезананд [1]. Фарзандони халқи тоҷику форс асарҳои беназиреро дар соҳаи тиб (Абуалӣ ибни Сино), нуҷумшиносӣ (А. Берунӣ), риёзӣ (Риёзӣ ва О. Хайём), адабиёт (А. Рӯдакӣ, О. Хайём, А. Фирдавсӣ), инсондӯстӣ ва муттаҳиддӣ (Ҷ. Румӣ) ва ғайра боқӣ гузоштаанд.

Аз ҷавонон мунтазам даъват ба амал оварда мешавад, ки фарҳанги миллиро ҳифз кунанд, аммо на ҳамаи онҳо аз арзишҳои фарҳангии мардуми тоҷик бархурдоранд, дар ҳоле, ки мероси ҳазорсолаи мардуми тоҷик дар ҷаҳони муосир сазовори эҳтироми хоса ва эътироф аст.

Дар ҷомеаи муосир бахши сайёҳӣ, ки яке аз бахшҳои асосии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба ҳисоб меравад, ба рушди устувори иқтисодиёти кишварҳо ва беҳтар шудани муносибатҳои байналхалқӣ ва байнидавлатӣ мусоидат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси бойи таърихӣ, фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ ва фароғатӣ мебошад, ки ҳам ба рушди сайёҳии дохилӣ ва ҳам ба қабули шаҳрвандони хориҷӣ мусоидат мекунад. Бо назардошти омилҳои зикршуда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ эълон кардааст. Чуноне ки коршиносони Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ иброз менамоянд, - бартарии

[1] Фарҳанг ва ҳаёти ҳаррӯза [Маводи электронӣ]: Маркази миллии иттилоотии фарҳанг ва санъат / Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: – Тартиби дастрасӣ: http://www.mmifs.tj/index.php/kultura

(рақобатпазирии) Тоҷикистон дар фарҳанги беназири он (сайёҳии фарҳангӣ ва таълимӣ), захираи бойи табиӣ (экотуризм), фаъолияти тиҷоратӣ (сайёҳии тиҷоратӣ) ва имкониятҳо барои истироҳати фарогир, аз қабили сайёҳии варзишӣ ва саргузаштдор мебошад. Қобили зикр аст, ки зимни сафари Дабири кулли Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ ба Тоҷикистон, соли 2016 чунин пешниҳод карда буд: «*Масъулини ин бахш бояд чораҳои зарууриро барои афзоиши шумораи сайёҳон ба Тоҷикистон андешанд. Илова ба рушди бахши сайёҳӣ ба масъалаҳои таблиғотӣ низ диққати махсус дода шавад*».

Бо вуҷуди захираҳои бойи табиӣ ва мероси фарҳангии кишвар насли ҷавон ба соҳаи сайёҳӣ таваҷҷӯҳи кам зоҳир мекунад. Сатҳи маълумотнокии мардум дар бораи ҷойҳои тамошобоби сайёҳӣ ва таърихию фарҳангии кишвар паст буда, ба сайёҳии дохилӣ таваҷҷӯҳи кам доранд.

Тибқи гузориши солонаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2025 – 2 миллион сайёҳи хориҷӣ аз Тоҷикистон дидан кардаанд. Аммо, дар бораи сайёҳии дохилӣ низоми оморӣ то ҳанӯз ба таври комил ташаккул наёфтааст. Илова бар ин, сайёҳии дохилӣ – худ воситаи рушди инфрасохтори сайёҳӣ, маданияти сайёҳии шаҳрвандон ва рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин, такмили қонунгузорӣ ва таҳкими низоми маъмурӣ, таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки сайёҳӣ дар ташкилоту корхонаҳо, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ намудани сафарҳои сайёҳии наврасон ва ҷавонон ба мавзеҳои таърихии кишвар ва ғайра мувофиқи мақсад дониста мешавад. Беҳтарин роҳи ҷалби ҷавонон ба мавзеҳои таърихӣ ва ҷойҳои тамошобоб, ин таблиғи соҳаи сайёҳӣ дар байни аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди ин соҳа, ҳамчунин талқин ва роҳнамоии ташкилоти муассисаҳо барои ташкили сайёҳии дохилӣ мебошад.

Гурӯҳи муайяни ҷавонон бинобар дарк накардан ва надоштани дониши зарурӣ оид ба асли ислом ба доми фиреб, шиканҷа, зӯроварӣ ва даҳшат меафтанд; новобаста аз тадбирҳои андешида ҳоло ҳам дар байни шаҳрвандони ҷавон афзоиши ифротгароӣ ва тундгароӣ ҷой дорад. Аз ин рӯ, усулҳои устувори таъсиррасонӣ, аз ҷумла равишҳои ҳамкории бисёрсоҳавӣ дар ин самт тақозо мегардад.

Барои ҳифзи мероси фарҳангӣ ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи инкишофи фарҳанг, таҳаммулпазирӣ ва сулҳдӯстию муттаҳидӣ таҳия ва амалӣ намудани созукори (механизми) ҳамкории байнисоҳавӣ ва маҳаллӣ бо ҷалби ҳамаи ҷонибҳои дахлдор (субъектҳо) ва ба низом даровардани чораҳо дар доираи татбиқи ҷанбаҳои фарҳангии сиёсати давлатии ҷавонон аҳамиятнок ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. «Барномаи тарбияи ҷавонони Тоҷикистон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ» бори нахуст кай қабул гардида буд?
2. Кадом вазъият ба ташаккулёбии маданияти махсуси худамалигардии ҷавонон боис гардид?
3. Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва мадании ҷавононро чи ташкил медиҳад?
4. Тартиби фаъолияти кадом марказҳо (нуқтаҳои хизматрасон) бештар ба талқини бадахлоқии ҷавонон равона буда, аз фарҳанги миллӣ бегона – мебошанд?
5. Ба сифати василаи асосии таҳким бахшидани тафаккури шаҳрвандӣ барои ҷавонон иҷрои кадом амалҳо заруранд?
6. Кадом давра аксари аҳолии Тоҷикистон доимо зери андешаи «зинда мондан» қарор доштанд?

7. Таъсири манфии шабакаи интернет ва синамо чи гуна аст?
8. Роҳи раҳоӣ аз таъсири манфии шабакаи интернет ва синамо кадом аст?
9. Эҳтиром чист?
10. Иртиботи дини ислом ба бадахлоқӣ, беэҳтиромӣ, нажодпарастӣ, бадахлоқӣ, тундравӣ (экстремизм) ва даҳшатафканӣ (терроризм) чигуна аст?
11. Асли мафҳуми ислом чист?
12. Ба ҷавонони гумроҳ тундгароён чигуна ақидаро талқин менамоянд?
13. Намунаи ибрат (идеал) кист?
14. Чи бояд кард, то инки дар ниҳоди ҷавонон таҳаммулпазирӣ ва сабр ҷой дода шавад?
15. Фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон умқи қадимӣ доранд, чаро ё чигуна?
16. Дар дунё чанд нафар бо забони тоҷикӣ (дар гузашта форсӣ) сухан мегӯянд?
17. Бахши сайёҳӣ чи афзалият дорад?
18. Сайёҳии дохилӣ чист?
19. Чаро гурӯҳи зиёди ҷавонон ба доми фиреб, шиканҷа, зӯроварӣ ва даҳшат меафтанд?
20. Барои ҳифзи мероси фарҳангӣ ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи инкишофи фарҳанг, таҳаммулпазирӣ ва сулҳдӯстию муттаҳидӣ чи бояд кард?

§ 7. Ҷанбаҳои ниҳодсозӣ ва илмию равишии сиёсати давлатии ҷавонон

Дар ҷаҳони муосир сиёсати давлатии ҷавонон рушди босуръат дорад ва дар бисёр кишварҳо он ҳамчун як равияи ҷавонишиносӣ эътироф шудааст. Дар арсаи ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои ҷавонон ва сиёсати ҷавонон ниҳодҳои сершумори илмӣ ва тадқиқотӣ фаъолият мекунанд ва онҳо барои рушди сиёсати ҷавонон ҳамчун таҳкурсӣ ё бунёдгузор арзёбӣ мегарданд. Чун анъана ин соҳа ниҳоди (низоми) омодасозии кордонҳо (кадрҳо) низ, ба ҳисоб меравад ва мутахассисони дар ин соҳа омодашуда ва ё таҷрибаомӯхтаро мунтазам ба сатҳҳои баланди идорӣ, аз ҷумла хизмати давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҷалб менамоянд, ки аҳамиятнокии сиёсати ҷавононро ҳамчун василаи самараноки идоракунӣ боз ҳам афзун мегардонад.

Дар Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон ба сифати яке аз шаш ҳадафҳои дурамал (стратегӣ) ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эътироф шудааст ва аз ин рӯ, барои ноил шудан ба ҳадафи муқарраршуда татбиқи чораҳои низомнок ва ҳамаҷониба зарур аст.

Илова бар ин, ҷомеаи муосир, бахусус дар шароити Тоҷикистон ҳамчун як кишвари ҷавон татбиқи устувори сиёсати ҷавононро ба дарназардошти асосҳои назариявӣ ва илмию равишшинохтии (методологии) он иборат аз панҷ зинаи зерин тақозо менамояд: 1) назариявӣ ё илмию равишшинохтӣ; 2) машваратӣ; 3) иттилоотию таҳлилӣ; 4) таълимию касбӣ; 5) амалӣ.

Тибқи таҳлилҳо муайян шудааст, ки зинаҳои якум, дуюм ва чорум дар низоми идоракунии сиёсати ҷавонон амалан ноқис аст, яъне амали комил надоранд; дуи боқимонда амал мекунанд, аммо фаъол нестанд.

Низоми сиёсати ҷавонон дар маҷмӯъ аз ҳамаи зинаҳои дар боло зикршуда, бахусус аз асосҳои илмӣ ва

равишшинохтии (методологии) он вобастагӣ дорад. Фаъол ё мавҷуд набудани як зина монеи ташаккулёбии зинаҳои дигар мегардад ва ин имкон намедиҳад, ки низоми сиёсати давлатии ҷавонон дуруст фаъолият кунад. Дар натиҷа мушкилоти зиёди ҳалнашаванда ва ташвишовар ба миён меояд ва низоми дар таносуб ба талаботи ҷомеаи муосир ноустувор арзёбӣ мегардад.

Дар Тоҷикистон, тавре аз таҳлилҳо бармеояд, ҷанбаҳои илмӣ ва равишшинохтии (методологии) сиёсати давлатии ҷавонон ноустувор ҳисобида мешавад, новобаста аз он ки заминаи қонунгузории соҳа ҳанӯз соли 1992 ташаккул ёфтааст. Ғайр аз ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» муқаррар мекунад, ки «Давлат барои амалисозии босамари сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди заминаҳои илмӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ, таълимӣ, омодасозии кордонӣ (кадрӣ) ва касбии сиёсати давлатии ҷавонон шароит ва заминаи зарурии илмию амалӣ ва идоракуниро фароҳам меорад» [1]. Аммо, ин муқаррарот чӣ дар таҳрирҳои қаблӣ ва чӣ таҳрири Қонуни амалкунанда дар сатҳи зарурӣ иҷро намешавад. Чуноне ки таҷрибаи дигар кишварҳо нишон медиҳад, ҷанбаҳои илмӣ ва равишшинохтии (методологии) сиёсати давлатии ҷавононро бидуни мавҷуд будани ниҳодҳои махсуси илмию илмию тадқиқотӣ амалӣ гардонидан имконнопазир аст.

Илова бар ин, фаъолияти ниҳодҳои илмию тадқиқотӣ ин талаботи асосӣ ҷиҳати татбиқи зинаи илмӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад, яъне танҳо дар сурати мавҷуд будани сохторҳои илмию тадқиқотӣ заминаи илмию иттилоотӣ ва усулию амалии сиёсати давлатии ҷавонон ташаккулёфта ҳисобида мешавад.

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, №1830.

Масъалаи дигари ҳамбаста, ин бо кордон ва ё мутахассис таъмин намудани низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон арзёбӣ мегардад. Дар Қонуни болозикр муқаррар шудааст, ки мақомоти ваколатдори давлати оид ба корҳои ҷавонон мутахассисони ҷавонро барои пешбарӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда омода ва пешниҳод менамояд. Аммо, чунин созукор то имрӯз ташаккул наёфтааст, ки нокомил мондани низоми нерӯи инсонии сиёсати давлатии ҷавононро инъикос менамояд. Ин маънои онро дорад, ки дар кишвар бояд низоми омодасозии кордонҳо (кадрҳо) аз ҳисоби ҷавонони болаёқат ба роҳ монда шавад ва мавриди зарурат ба сохторҳои маъмурию идоракунӣ кордонҳои болаёқату ботаҷриба пешбарӣ карда шаванд.

Тибқи таҳлилҳо дар ҷумҳурӣ зиёда аз 9100 нафар ҷавонони то 35 сола дар мақомоти гуногуни давлатӣ, аз ҷумла вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият мекунанд, ки ин таносуб 49,9 фоизи хизматчиёни давлатиро ташкил медиҳад. Ҳамчунин, 28,6 фоизи кормандони роҳбарикунандаи мақомоти ҳокимияти давлатиро ҷавонон ташкил медиҳанд, ки ин дар ҳошияи рушди сиёсати ҷавонон нишондоди хуб аст [1]. Аммо дар таносуб ба нишондодҳои омории ҷавонон ин ҳисса кам баҳогузорӣ мегардад. Зимнан, бо назардошти сатҳи омодагӣ ва донишу малака, ҳамзамон тамоюли ҳувиятшиносӣ мебояд сараввал ҷиҳати таъмини сифатии ин омор кор бурда бошем.

Чунончӣ барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон ва ноил шудан ба ҳадафҳои дурамал (стратегӣ) таъсиси ниҳодҳои илмию тадқиқотӣ, таълимӣ, озмоишӣ ва иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон зарур

[1] Дар Тоҷикистон фисади ҷойҳои холиро дар мақомоти давлатӣ номбар карданд [Маводи электронӣ]. – Душанбе: 2016. - Тартиби дастрасӣ: https://tj.sputniknews.ru/20250721/tajikistan-vakansiy-gosstruktura-1069183884.html

аст. Дар мамлакати аз лиҳози аҳоли ҷавони мо то ҳанӯз чунин ниҳодҳо таъсис наёфтаанд ва чаҳорчӯба ва ё низоми таълим ва омодасозии касбии кордонҳои ҷавон – сарварони оянда низ ташаккул наёфтааст.

Ин вазъ водор месозад, ки барои таъмини мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятию тиҷорӣ бо мутахассисони ҷавон меъёри тавсиявӣ муқаррар карда шавад. Чунин муқаррарот имкон медиҳад, ки созукори омодасозии кордонҳои ҷавон дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ, ҳамзамон зина ба зина пеш бурдани онҳо ташаккул ёбад. Зимнан, вобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоии минтақа дар ин самт андешидани чораҳои саривақтӣ, аз ҷумла таъсиси ниҳоди махсус оид ба пешбурди фаъолияти тадқиқотӣ, таҳлилӣ, иттилоотӣ, таълимӣ ва омодасозии кордонҳои ҷавон зарур аст.

Низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон, ки сохтори амудӣ (иерархӣ) дорад, дар сатҳи ноҳия ва шаҳр ба охир мерасад, яъне дар сатҳи маҳал – ҷамоатҳо (мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот) бахши кор бо ҷавонон амал намекунад, гарчанде беш аз 70 фоизи аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд, яъне онҳо – қисми зиёди ҷавонон, мустақиман аз ҷониби дастгоҳи ҷамоатҳо идора карда мешаванд. Зимнан, дар ин дастгоҳҳои маъмурӣ масъулон ва ё мутахассисони оид ба кор бо ҷавонон фаъолият намекунанд, чунки чунин талабот муқаррар нашудааст.

Дар ҷумҳурӣ омори сиёсати давлатии ҷавонон асосан дар сатҳи мақомоти ваколатдори давлатӣ пеш бурда мешавад, ки ин ба омӯзиши вазъи воқеӣ ва ҳамаҷонибаи фаъоляит кифоя нест ва дар натиҷа барои қабули қарорҳои боэътимод оид ба рушди соҳа монеъ мегардад. Мувофиқан, дар сатҳи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мақомоти давлатии омор бояд бахши нав - алоҳида дар робита ба сиёсати ҷавонон ҷорӣ карда шавад, то инки чораҳои

пешбинишаванда бо далелҳои воқеӣ асоснок карда шаванд.

Бар асоси талабот ва арзишҳои беназири инсон соҳибистеъдодон (шахсони боистеъдод) ҳамеша ба дастгирӣ, ҳавасмандгардонӣ ва рӯҳбаландӣ ниёз доранд, аммо ин эҳтиёҷоти воқеан муҳим ба таври кофӣ қонеъ карда намешавад.

Албатта, дар ҷумҳурӣ чораҳои муайяне дар ин самт андешида шудааст, аз ҷумла татбиқёбии Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, идрорпулиҳо (стипендияҳо) барои донишҷӯён ва муҳаққиқони ҷавон ва ғайра, аммо ин ташаббусҳо, асосан дар сатҳи миллӣ (ҷумҳурӣ) амалӣ карда мешаванд, яъне кам мебошанд. Ҳамчунин, созукори (механизми) пайгирӣ, натиҷагирию самаранокӣ ва ё дараҷаи амалиёбии онҳо (тадқиқотҳо ва ё ташаббусҳои дастгириёфта) ташаккул наёфтааст.

Масалан, дар давоми 20 соли охир (то 2018) беш аз 150 олимони ҷавон бо Ҷоизаи Исмоили Сомонӣ сазовор гардонида шудаанд, аммо шумори хеле ками ин тадқиқотҳо дар амалия ба назар мерасанд, илова бар ин, дар ин самт корҳои таҳлилӣ низ дастрас нестанд.

Аз ин рӯ, дар доираи «20 – солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» таҳияи созукори (механизми) устувори ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии олимону муҳаққиқон, лаёқатмандон ва ташаббускорони ҷавон тавассути барномаҳои мақсадноки давлатӣ зарур шуморида мешавад, зимнан истифодаи нерӯи амалии истеъдодҳо, бешубҳа ба ҷомеа ва ояндаи миллат манфиати зиёд меорад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти таҳлилҳои боло айни ҳол вазъи татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон заиф арзёбӣ мегардад. Тоҷикистон ҷавонтарин кишвари ҷаҳон аст ва шумораи ҷавонони он ҳамасола афзоиш меёбад, мувофиқан, низоми кор бо ҷавонон дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон бояд дорои иқтидори устувор

бошад, то инки ба ҳамагуна тазодҳои ҷомеаи муосир истодагарӣ карда тавонад.

Муайян карда шуд, ки дар ҷумҳурӣ низоми сиёсати давлатии ҷавонон бештар хусусияти иттилоотӣ, ниҳодӣ ва амалию ташкилӣ дошта, ҷанбаҳои илмӣ, таҳлилӣ, равишшиносӣ, тахассусию касбӣ ва омодасозии кордонӣ (кадрӣ) бошад, дар сатҳи зарурӣ амалӣ карда намешаванд.

Дар асоси таҳлилу омӯзишҳои тадқиқотӣ, оморӣ, иттилоотӣ ва амалӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар Тоҷикистон дар айни замон қаноатбахш намебошад; дар байни ҷавонон, дар ҳошияи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мушкилоти зиёде муайян гардиданд, ки ҳалли онҳо фаъолияти (таъсиррасонии) густурдаи байнисоҳавӣ ва бисёрсамтаро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, барои ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва сиёсии ҷавонон дар маҷмуъ, таҳияи созукори (механизми) мувофиқ ё тарҳи (модели) ягонаи татбиқи афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон, ки дар ҳамин таҳқиқот баррасӣ ва муайян карда шудаанд, зарур мебошад. Аз ҷумла, тақвияти асосҳои илмӣ, назариявӣ, таҳлилӣ ва равишшинохтии (методологии) сиёсати давлатии ҷавонон, - гузаронидани таҳқиқотҳои бонизом, таҳлили дохилию берунӣ ва арзёбии (мониторинги) ҷараёни татбиқи чораҳои марбут ба ҷавонон, ҳамзамон муайян ва ҳалли мунтазами вазъ ва мушкилоти ҳаётии ҷавонон муҳим арзёбӣ мегардад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Чун анъана кадом соҳа ҳамчун ниҳоди омодасозии кордонҳо (кадрҳо) ба ҳисоб меравад?
2. Ҷомеаи муосир татбиқи устувори сиёсати ҷавононро иборат аз панҷ зина тақозо менамояд, ин зинаҳо кадомҳоянд?
3. Амалӣ гардонидани ҷанбаҳои илмӣ ва равишшинохтии (методологии) сиёсати давлатии ҷавононро бидуни мавҷуд будани ниҳодҳои махсуси илмию тадқиқотӣ имконнопазир аст, чаро?
4. Кадом низом ё мақомот мутахассисони ҷавонро барои пешбарӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда омода ва пешниҳод менамояд?
5. Барои таъмини мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятию тиҷорӣ бо мутахассисони ҷавон чигун меъёр бояд муқаррар карда шавад ва чаро?
6. Низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон, ки сохтори амудӣ (иерархӣ) дорад оё то ба сатҳи маҳал – ҷамоатҳо ва кумтаҳои маҳаллаву деҳа фаъолият мекунад?
7. Дар сатҳи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд бахши нави (алоҳидаи) омори давлатӣ дар робита ба сиёсати ҷавонон ҷорӣ карда шавад, чаро?
8. Таҳияи созукори (механизми) устувори ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии олимону муҳаққиқон, лаёқатмандон ва ташаббускорони ҷавон тавассути барномаҳои мақсадноки давлатӣ зарур шуморида мешавад, чаро?
9. Вазъи татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон чигуна арзёбӣ мегарад?

10. Чаро низоми кор бо ҷавонон дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон бояд дорои иқтидори устувор бошад?
11. Муайян карда шуд, ки дар ҷумҳурӣ низоми сиёсати давлатии ҷавонон бештар хусусияти иттилоотӣ, ниҳодӣ ва амалию ташкилӣ дорад, пас, кадом самтҳо дар канор мондаанд ва чи аҳамият доранд?
12. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар Тоҷикистон дар айни замон чигуна аст?
13. Барои ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва сиёсии ҷавонон чи бояд кард?

БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ҲАМКОРИИ МУТАҚОБИЛАИ ҲОКИМИЯТИ СИЁСӢ, ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ДАР САМТИ РУШДИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ТОҶИКИСТОН

§ 8. Вазифаҳои амалӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон

Ҳадафҳо, вазифаҳо ва меъёрҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон

Зарурати татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон ба маҷмӯи мушкилоти шахси ҷавон, ки ҳангоми қадам гузоштан ба ҳаёти мустақилона, расидан ба давраи комилҳуқуқӣ ва пайдо намудани масъулият дар назди ҷамъият бо онҳо рӯбарӯ мешавад, асоснок мегардад.

Зимни ташаккулдиҳии сиёсати ҷавонон Ҳукумат эътироф мекунад, ки ҷавонон як қишри фаъоли иҷтимоии аҳолӣ буда, ба ояндаи ҷомеа метавонанд таъсири назаррас дошта бошанд ва нодида гирифтани ин афзалият - нақш ва мавқеи ҷавонон дар рушди давлат имконнопазир мебошад.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар қиёс ба сиёсати анъанавии иҷтимоӣ танҳо бо таҳияи созукорҳои (механизмҳои) дастгирии иҷтимоӣ ё кумакрасонӣ маҳдуд намешавад, он ҷанбаҳои фаъол, навоварӣ (инноватсионӣ) ва истеҳсолотиеро дар бар мегирад, ки нерӯи меҳнатӣ ва эҷодии ҷавононро инъикос мекунад. Ин омил тақозо мекунад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун самти калидии рушди захираҳои дурамали (стратегии) ҷомеа баррасӣ шавад.

Сиёсати давлатии ҷавонон, ин сиёсати давлат оид ба танзими муносибатҳои байни ҷавонон ва ҳокимияти давлатӣ аст. Ҷавонон дар доираи манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва давлатӣ ҳамчун ҳадаф (объект) ва яке аз омилҳои асосӣ дар таъмини рушди устувори давлат ва ҷомеа арзёбӣ мегарданд. Ояндаи наслҳои нав бояд бо вазифаҳои муҳим ва дурамали (стратегии) давлатӣ - ҳифз ва рушди устувори кишвар, таъмини интиқоли мероси таърихӣ ва фарҳанги миллӣ байни наслҳо ва ташаккули ҳувияти миллӣ пайванди ногусастанӣ дошта бошад.

Дар ин замина фароҳам овардани шароити зарурӣ барои таҳким бахшидан ва рушди ҳамаҷонибаи сиёсати давлатии ҷавонон яке аз ҳадафҳои асосӣ ба шумор меравад.

Сиёсати давлатии ҷавонон қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, низоми ҳамаҷонибаи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва идоракунӣ, молиявӣ ва иқтисодӣ, илмӣ, иттилоотӣ ва нерӯи инсониро (кадриро) ифода мекунад, ки барои фароҳам овардани шароити зарурӣ барои шаҳрвандони ҷавон ҷиҳати интихоби роҳи зиндагии худ ва иштироки фаъол дар рушди кишвар равона карда шудааст [1].

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба фароҳам овардани шароит ва кафолатҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилӣ барои худташаккулёбии шахси ҷавон, дастгирӣ ва рушди иттиҳодияҳо, ҳаракатҳо ва ташаббусҳои ҷамъиятии ҷавонон ва кӯдакон нигаронида шудааст. Сиёсати давлатии ҷавонон самти дурамали (стратегии) давлатро дар ростои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба таърих ва фарҳанги миллӣ ва дигар халқҳо ва риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон соли 1992, баробари ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ташкил ёфт, ки ин аз таваҷҷуҳи хоссаи ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Қадами аввал дар ҳошияи ташаккулёбии ин сиёсат бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» моҳи марти соли 1992 гузошта шуд, ки ин Қонун чаҳорчӯбаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ва талаботи

1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, №1830

(принсипҳои) татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро муайян намуд.

Соли 2004 бо назардошти таҳкими талаботи (принсипҳои) демократии рушди ҷомеа ин Қонун дар таҳрири нав қабул карда шуд ва ҳамчун «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» номгузорӣ гардид. Ҳамин тариқ, бо назардошти талаботи ҷомеаи муосир Қонуни мазкур соли 2021 дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда мешавад, ки то андозае ба раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити рушди ҷомеаи муосир сабукӣ меорад.

Ҳадаф ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, инҳоянд:

1) ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон;

2) тарбияи шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ;

3) ҷалб намудани ҷавонон ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар [1].

Ҳадафҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷавонони Тоҷикистон ва дар заминаи рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ муайян карда шудаанд.

Низоми татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, мисли дигар низомҳои идоракунии давлатӣ, бар меъёрҳои амалӣ (принсипҳо) ва самтҳои мушаххаси фаъолият асос ёфтааст. Ҳадафи асосии сиёсати давлатии ҷавонон таҳияи равишҳои ягона барои татбиқи сиёсати ҷавонон мебошад, ки бояд аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар асоси меъёрҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- қонуният;
- ошкорбаёнӣ ва шаффофият;

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, №1830

- иштироки ҷавонон дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон;
- дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббусҳои ҷавонон ва иттиҳодияи онҳо;
- ҳуқуқи баробари ҷавонон ба дастгирии давлатӣ;
- афзалиятнокии арзишҳои миллӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ;
- ҳамкории байниидоравӣ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон;
- амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон.

Меъёрҳои муқарраргардидаи сиёсати давлатии ҷавонон бояд аз ҷониби мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба эътибор ва назорати доимӣ гирифта шуда, ба сифати яке аз нишондодҳои арзёбии фаъолияти онҳо истифода карда шаванд.

Татбиқи ин меъёрҳои амалӣ ба сиёсати давлатии ҷавонон шароити амалигардии пайдарпайӣ, рушди устувор, воқеият ва ягонагӣ мебахшад ва пайвастагии мантиқии зарурироро таъмин мекунад, ғояҳо, дурамал ва тамоюлҳои муносибро барои амалисозии самтҳои асосии он ташаккул медиҳад.

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон амалҳои пайдарпайиро дар самтҳои асосии фаъолият дар бар мегирад, аз ҷумла:

a) таъмини риояи ҳуқуқ ва озодиҳо;
b) таъмини кафолатҳо дар соҳаи маориф, меҳнат ва шуғл;
c) фароҳам овардани шароит барои рушди фаъолияти касбӣ, маънавӣ ва ҷисмонӣ;
d) рушд ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон;
e) ташаккули низоми кӯмаки иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ дар шароити ҷомеаи муосир ва

мусоидат ба рушди иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва ғайра [1].

Ҳадафҳо, талабот (принсипҳо) ва самтҳои дар боло зикршудаи сиёсати давлатии ҷавонон як низоми пурраи идоракуниро ташкил додаанд, ки аз инҳо иборат аст:

- мақомоти идоракунӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи корҳои ҷавонон;
- вазорату идораҳое, ки дар самти таълим, рушд ва камолоти ҷавонон фаъолият мекунанд;
- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон;
- иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, дигар иттиҳодияҳо ва муассисаҳое, ки татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро таъмин мекунанд);
- барномаҳои мақсадноки давлатии ҷавонон;
- Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон;
- Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон; барномаи рушди иҷтимоии ҷавонон ва ғайра.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда, самтҳои афзалиятноки зерини сиёсати давлатии ҷавонон муайян карда шудаанд [2, с.54–56]:

1. Иштироки ҷавонон;
2. Шуғли ҷавонон;
3. Тарзи ҳаёти солими ҷавонон;
4. Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;
5. Ҳифзи иҷтимоии ҷавонон;

---

1 Самаранокии чаҳорчӯбаи институтсионалӣ ва қонунгузорӣ барои таъмини ҳуқуқи шахсони таҳти васоят ва парастории қарордошта [Матн]: Ҳисоботи тадқиқотӣ / ТҒҲ "Ҳуқуқ ва некӯаҳволӣ". - Душанбе: 2005. - 15 саҳ.

[2] Мафҳуми (консепсияи) миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014, №228 тасдиқ шудааст)

6. Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;
7. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон;
8. Тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
9. Ахлоқ ва фарҳанги шоистаи ҷавонон;
10. Ҷанбаҳои ниҳодсозӣ ва илмию амалии сиёсати давлатии ҷавонон.

Самтҳои афзалиятноки зикршуда бо назардошти вазъ ва ҳолати имрӯза нисбат ба ҷавонон, ниёзҳои аввалия, муносибатҳои мутақобила ва робита бо ҷомеа, давлат ва ҷавонон муайян карда шудаанд.

Барои дарки васеи ҳар як самти афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон, зарурат ва аҳамиятнокии онҳо мухтасар дар поён тавзеҳ дода мешаванд.

Иштироки ҷавонон масъалаҳои фаъолсозии ҷавононро дар ҳама сатҳҳо ва соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон, бахусус иштирок дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа, худмуайянкунӣ ва худташаккулёбӣ, мустақилият дар ташкили оила ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар ин ҷо ба фаъолияти сиёсии ҷавонон, аз ҷумла иштироки онҳо дар сиёсат ва идоракунии ҳокимияти давлатӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Васеъ кардани имкониятҳо барои ҷавонон ҷиҳати интихоби роҳи зиндагии хеш низ яке аз авлавиятҳо ба шумор меравад. Зимнан, дар шароити Шарқ калонсолон – волидон аксар вақт ба таҳсил ва интихоби касби ҷавонон дахолат мекунанд. Издивоҷ бо таъсиррасонии калонсолон низ, як одати куҳнашудаест (стереотипест), ки интихоби ҷавононро вобаста ба ташкили оила то андозае маҳдуд мекунад.

Калонсолон бояд ба ҷавонон имкон диҳанд, ки муносибатҳоро дар раванди ташкили таҳсил, касбу ихтисос ва ҳаёти оиладорӣ мутаносибан мустақилона ба роҳ монанд, зеро дар ояндаи наздик, мувофиқи талаботи табиати инсонӣ ҷавонон бояд роҳи худро дар зиндагӣ пайдо намоянд. Яъне, хоҳ нохоҳ онҳо мустақил

мегарданд, аммо вақт дар инҷо нақши муҳим дорад, мустақилияти саривақтӣ ва ё эҳсоси ин мустақилият ҳаёти ҷавононро гуворо мегардонад, дар ҳоле ки мустақилияти батаъхирафтода роҳи зиндагиро ба ҷавонон душвор ва ногувор месозад. Дар чунин вазъият, беҳтарин ва муносибтарин равиш маҳдуд кардан нест, балки васеъ кардани имкониятҳо барои ҷавонон дар интихоби озодонаии роҳи зиндагӣ мебошад.

Масъалаи дигари муҳим барои ҷавонон иштирок дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки тавассути таъсиси ҳаракатҳои ҷавонон, аз қабили иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маҳфилҳо, гурӯҳҳои ташаббускор, марказҳои ҷавонон ва ғайра ташаккул меёбад.

Шуғл чуноне ки аксарият онро мефаҳманд, танҳо аз кор ё меҳнати ҷисмонӣ иборат нест. Шуғл ин машғулияти мунтазами шахс дар фаъолиятҳое мебошад, ки барои ҷомеа ва шахс муфиданд, аз ҷумла меҳнат, кор, таҳсил, хизмати ҳарбӣ, ихтиёригӣ (волонтёрӣ), варзиш, сайёҳат ва ғайра.

Шуғлмандии ҷавонон барои ҷомеаи мо ва иқтисоди кишвар хеле муҳим аст, зеро ҳиссаи зиёди қувваи кории кишварро ҷавонон (15-29 сола) ташкил медиҳанд ва беш аз нисфи бекорон маҳз ба ҳамин гурӯҳи иҷтимоӣ рост меояд [1, с.75]. Бо шуғл таъмин будани ҷавонон вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ ва ҷомеаро дар маҷмӯъ беҳтар мегардонад.

Ҷавononи солим ояндаи ҷомеаи солим мебошанд; мардуми тамоми ҷаҳон дар мубориза бо бемориҳои махсусан хатарнок, ба монанди ВНМО/БПНМ (ВИЧ/СПИД), нашъамандӣ, сироятҳои бо алоқаи ҷинсӣ гузаранда, табларза ва сил муттаҳиданд.

Барои Тоҷикистон, ки аксарияти аҳолӣ ҷавон аст, ин масъала афзалиятнок ҳисобида мешавад. Зеро, танҳо

[1] Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.

шахси солим метавонад фаъолияти комил дошта, ба худ ва ҷомеа саҳм гузорад.

Дар робита ба ин, таъмини тарзи ҳаёти солими ҷавонон дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба се самт ҷудо карда мешавад:

1) пешгирии бемориҳои хатарнок дар байни ҷавонон ва муҳити онҳо;
2) дастрасии ҷавонон ба хизматрасонии тиббии муносиб (дӯстона);
3) рушди варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ дар байни ҷавонон.

Дар ҷомеаи муосир маориф воситаи асосии рушди шахсият арзёбӣ мегардад, ки самти ҳаёти касбӣ ва фаъолияти зеҳнию ахлоқӣ ва маънавию мадании ҳар як инсонро муайян мекунад.

Дар Тоҷикистон мисли аксари кишварҳои рӯ ба инкишоф таъмини таҳсилоти муносиб барои ҷавонон таваҷҷуҳи хосса тақозо менамояд. На ҳама тахассусҳо ва ё касбҳои амалӣ (омӯхташуда дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ) ба ниёзҳои бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд, ки яке аз сабабҳои афзоиши сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон мебошад.

Таҳсилоти муносиб ин тарз ё шароити таълимиест, ки ба талаботи бозори меҳнат ва худи ҷавонон мутобиқ ва ҷавобгӯ бошад. Ғайр аз ин, бозори муосири меҳнат аз ҷавонон аз худ кардани (омӯхтани) дараҷаи маълумотеро тақозо мекунад, ки ба талаботи бозори минтақавӣ ва байналмилалии шуғл ҷавобгӯ бошад.

Барои таъмини сифати таълим дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон таҳия ва татбиқи низоми миллии таҳсилот, гузаронидани арзёбии (мониторинги) ҷамъиятии ҷараёни таҳсил ва муайян кардани талаботи бозори ҳамоҳангшудаи таълим ва меҳнат, ҳамчунин фароҳам овардани имкониятҳо барои васеъ кардани дастрасии ҷавонон ба таҳсилоти муносиб зарур аст.

Ҳифзи иҷтимоии ҷавонон хусусияти хоси сиёсати давлатии ҷавонон аст, зеро аксари ҷанбаҳои он ба иҷтимоикунонии ҷавонон нигаронида шудаст.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст ва барои рушди иҷтимоии аҳолӣ чораҳои зиёдеро анҷом медиҳад.

Мушкилоти мубрами иҷтимоие, ки ҷавонони гурӯҳи осебдида бо онҳо рӯбарӯ ҳастанд ва таваҷҷӯҳи махсусро талаб мекунанд, инҳо: бекорӣ, дастрасии маҳдуд ба таҳсил ва манзил, маъюбӣ, бепарастории ва ғайра мебошанд.

Дастоварди назаррас дар ин самт, ин таҳияи чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ оид ба фармоиши иҷтимоии давлатӣ мебошад, ки тавассути он иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоии ҷавонон имкон пайдо менамоянд.

Зимнан, ҳалли ин масъалаҳо амалисозии чораҳои ҳамоҳангшуда ва маблағгузории пайдарпайиро талаб мекунад. Қадамҳои минбаъдаи ин созукор (механизм) ниҳодсозии он ва фаъолсозии ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегирад.

Интихоб гардидани таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон ҳамчун афзалият ба он асос меёбад, ки яке аз мушкилоти асосии камфаъолӣ ва ё танбалии ҷавонони мо дар таносуб бо ҳамсолони аврупоии худ ин сатҳи пасти маърифати ҳуқуқии онҳо мебошад. Ғайр аз ин, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон яке аз авлавиятҳои сиёсати байналмилалӣ дар самти демократикунонии ҷомеа мебошад. Тоҷикистон кишвари озоду халқӣ (демократӣ) аст.

Боиси зикр аст, ки яке аз омилҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-ум ин сатҳи дониш ва огоҳии пасти аҳолӣ вобаста ба ҳуқуқу манфиатҳо ва имкониятҳои худ буд. Аз ин рӯ, масъалаи дастгирии ҳуқуқӣ бояд яке аз масъалаҳои асосӣ бошад.

Табиатан одамон пайваста дар бораи манфиатҳо ва ҳуқуқҳои худ дар талошанд ва ин онҳоро водор месозад,

ки имконоти худро доимо омӯзанд, баррасӣ намоянд ва роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳояшонро ҷустуҷӯ кунанд. Дар ин замина, ҷавонон аз ҳуқуқу манфиатҳои худ ба қадри кофӣ огоҳ нестанд, ки ин дар аксари мавридҳо онҳоро ба интихоби нодуруст ва дар натиҷа пешорӯ гардидан ба омилҳои (оқибатҳои) номатлуб водор мекунад.

Аз ин рӯ, сиёсати давлатии ҷавонон ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ, маълумотнокӣ ва дониши ҷавонон оид ба имкониятҳои ҳуқуқӣ ва дастёб гардидан ба манфиатҳои худ диққати махсус равона кардааст.

Мустақилияти иқтисодии ҷавонон. Дар ҷаҳони муосир иқтисодиёт ба як васила ва ё аслиҳаи пуриқтидор дар ростои мубориза барои ба даст овардани моликияти дигарон, бахусус захираҳои табиӣ - ҳамчун манбаи ташаккулёбии иқтисодиёт, - табдил ёфтааст. Сатҳи иқтисодиёти устувор имрӯз ҳамчун нишондиҳандаи муваффақият ва комёбӣ арзёбӣ гардида, барои расидан ба ин сатҳ кишварҳои ҷаҳон доимо дар рақобатанд ва маҳз ҳамин муносибат боис ба он гардидааст, ки кишварҳо пайваста бо ҳамдигар дар низои иқтисодӣ қарор дошта бошанд.

Барои Тоҷикистон, ки кишвари рӯ ба инкишоф аст, суботи иқтисодӣ барои аҳолӣ, бахусус ҷавонон хеле муҳим аст. Зеро вазъи хуби ҷомеа - вазъи хуби давлат аст.

Дар ин самт ҳадафи сиёсати давлатии ҷавонон ин баланд бардоштани сатҳи маърифати (донишҳои) иқтисодӣ дар байни ҷавонон, мусоидат ба коҳиши сатҳи бекорӣ, танзими хароҷоти пулии оилаҳо, рушди соҳибкорӣ ва фароҳам овардани маҷмӯи имтиёзҳое мебошад, ки ба ҷалби таваҷҷӯҳ ва фаъолнокии ҷавонон ба масъалаҳои иқтисодӣ, бахсус мустақилияти иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ватандӯстӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар байни ҷавонон. Кишварҳое, ки захираи фаровони табиӣ (дар

мисоли канданиҳои фоиданок) ё қобилияти коркард ва фурӯши онҳоро надоранд, яъне фишангҳои мутаносибан дастраси иқтисодиро надоранд, то андозае наметавонанд амнияти давлат ва мардумро ба таври комил таъмин намоянд. Зимнан, дигар васила ва ё фишанги дастрас ва пуриқтидор ин захираи инсонӣ, яъне аҳолӣ, шаҳрвандон - сатҳи маънавиёти онҳо, садоқат ба арзишҳои миллӣ, муҳаббат ба Ватан, фарҳанг ва маърифати воло, ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистон бинобар мавқеи ҷуғрофии худ айни замон дар самти рушди муносибатҳои иқтисодӣ маҳдудиятҳои муайянеро пешорӯ аст. На ҳамаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ба рушди иқтисодии Тоҷикистон, бахусус дар соҳаҳои саноат ва фановарӣ (технологӣ) хушбинанд.

Дар ҳамин асно, таҳким бахшидани ҳувияти миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандии ҷавонон ягона роҳи муносиб дар самти таъмини амнияти миллӣ ва пешрафти давлат, ҳамчунин рушди муносибатҳои мутақобила бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон арзёбӣ мегардад.

Дар ин самт ба баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва дониши ҷавонон дар бораи ҷомеаи муосир, таърих, манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ, муттаҳидӣ, таҳаммулпазирӣ, волоияти қонун ва ғайра бояд таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Ахлоқи шоиста ва фарҳанги ҷавонон. Ин самти сиёсати давлатии ҷавонон пеш аз ҳама тарбияи насли ҷавон, эҳтироми онҳо ба арзишҳои миллӣ, насли калонсол ва пос доштани мероси фарҳангиро дар бар мегирад.

Ҳадафҳои баррасишаванда ва имконпазир ин мубодилаи фарҳангӣ, тарбия дар рӯҳияи рафтори боэҳтиром, саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ ва фарҳангии кишвар, муборизa бо одатҳои номатлуб, падидаҳои манфӣ ва ғайра мебошад.

Ҷанбаҳои ниҳодсозӣ ва илмию амалии сиёсати давлатии ҷавонон. Равшан аст, ки ҳама гуна фаъолият танҳо дар сурате метавонад ба рушди устувор ноил гардад, агар он асоснокии илмӣ, услубӣ (методӣ), амалӣ ва низомнок дошта бошад. Аз ин рӯ, ин самти афзалиятнок ба рушди ниҳодсозии (институтсионалии) ҷанбаҳои сиёсати давлатии ҷавонон нигаронида шудааст.

Барои дастгирии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон санадҳои меъёрию ҳуқуқии зарурӣ мавҷуд буда, гурӯҳи муайяни ниҳодҳо дар шаклҳои муносиби ташкилию ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд, аммо иқтидори онҳо барои рушди муътадил ва устувори ин соҳа нокифоя арзёбӣ мегардад.

Зарур аст, ки дар ин самт ниҳодҳои илмию тадқиқотӣ ва таълимӣ таъсис дода шаванд ва низоми сиёсати давлатии ҷавонон барои татбиқ дар сохтори ҳамаи бахшҳои ҳукумати кишвар ҷойгир карда шавад.

Ҳамзамон, дар сатҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун самти афзалиятнок дар ҳошияи амалисозии сиёсати иҷтимоии давлат муайян шудааст. Ин масъала аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ 23 майи соли 2013 чунин изҳор гардидааст: «*Мо ҳалли мушкилот ва масъалаҳои марбут ба ҳаёти наврасон ва ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардем*» [1, с. 12].

ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО:

Ҳамин тариқ натиҷаи баррасии вазъ, вазифаҳои амалӣ (функсияҳо), соҳаҳои афзалиятнок ва равандҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моро ба чунин хулоса ва тавсияҳо мерасонад.

---

[1] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 23 майи соли 2013 [Манбаи электронӣ] – Душанбе: 2013. - Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/node/4438

1. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз умри беш аз 30-солаи он дар зинаи ташаккулёбӣ қарор дорад, он қисми таркибии сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ буда, аз ҷониби Ҳукумат таҳти назорати доимӣ қарор дорад. Санадҳои дахлдори меъёрию ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ гардида истодаанд.

2. Муайян гардид, ки сиёсати давлатии ҷавонон низоми байнисоҳавӣ буда, аз таҳия ва татбиқи чораҳои маҷмӯии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, илмӣ, иттилоотӣ ва нерӯи инсонӣ (кадрӣ) иборат мебошад. Ин низом ҷиҳати фароҳам овардани шароити зарурӣ барои шаҳрвандони ҷавон ҷиҳати интихоби роҳи дурусти зиндагӣ равона шудааст. Аммо, сифати татбиқи он, бахусус ҳадафҳо ва вазифаҳои амалии он хеле паст аст ва ба ин омил иқтидори заифи ниҳодсозӣ боис гардидааст.

3. Самтҳои афзалиятнок (барои татбиқи самараноки ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати давлатии ҷавонон) ҳамчун созукор (механизм) ва ё нишондиҳандаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон муайян карда шуданд, ки мушкилоти ҷорирo ҳамчун масъалаи асосӣ ва муҳимтарини ҷавонон фаро мегиранд. Дар ин ҷо, яке аз сабабҳо ё асосҳои таҳияи самтҳои мушаххаси афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон, сарфи назар аз чаҳорчӯбаи муқарраршудаи қонунгузорӣ ва ниҳодсозӣ, номуайянии он барои субъектҳои асосӣ – иштирокчиёни раванд ва шаҳрвандон ҷой дорад. Даҳ самти афзалиятнок созукореро (механизмеро) ё чаҳорчӯбаи ба ҳам алоқамандеро ташкил менамояд, ки барои татбиқ ва рушди устувори сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамиятнок ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, метавон иброз намуд, ки дар ҳошияи татбиқ ва рушди самараноки сиёсати давлатии ҷавонон ҳудудҳои возеҳ ва самтҳои калидии фаъолият муқаррар

гардиданд, ки низомнокӣ, баҳампайвандӣ, ҳамоҳангӣ, ҳамгироӣ ва пайвастагии тадқиқотҳо ва тадбирҳои ояндаро ҳамчун як манбаи асосӣ ташкил медиҳанд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Зарурати татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон ба чи асос меёбад?
2. Чаро сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун самти калидии рушди захираҳои дурамали (стратегии) ҷомеа бояд баррасӣ шавад?
3. Нақши ҷавонон дар доираи манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва давлатӣ чигуна аст?
4. Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба чи нигаронида шудааст?
5. Сиёсати давлатии ҷавонон самти дурамали (стратегии) давлатро дар дар кадом самтҳо инъикос менамояд?
6. Сиёсати давлатии ҷавонон кадом сол дар Тоҷикистон ташкил ёфт?
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» кай қабул гардид?
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» якчанд маротиб дар таҳрири нав қабул гардидааст, чаро?
9. Ҳадаф ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, кадомҳоянд?
10. Татбиқи меъёрҳои амалии сиёсати давлатии ҷавонон чи аҳамият доранд?
11. Низоми пурраи идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон аз кадом гурӯҳи ниҳодҳо ташкил ёфтааст?
12. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?

13. Иштироки ҷавонон чист?
14. Калонсолон бояд ба ҷавонон имкон диҳанд, ки муносибатҳоро дар раванди ташкили таҳсил, касбу ихтисос ва ҳаёти оиладорӣ мутаносибан мустақилона ба роҳ монанд, чаро?
15. Шуғл чист ва шуғлмандии ҷавонон чи аҳамият дорад?
16. Таъмини тарзи ҳаёти солими ҷавонон дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба се самт ҷудо карда мешавад, кадомҳо?
17. Дар ҷомеаи муосир маориф воситаи асосии рушди шахсият арзёбӣ мегардад, чаро?
18. Таҳсилоти муносиб чист?
19. Барои таъмини сифати таълим дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон чи бояд кард?
20. Мушкилоти мубрами иҷтимоие, ки ҷавонони гурӯҳи осебдида бо онҳо рӯбарӯ ҳастанд, кадомҳоянд?
21. Ба таври кофӣ огоҳ набудани ҷавонон аз ҳуқуқу манфиатҳои худ ба чи оварда мерасонад?
22. Ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон чи мусоидат мекунад?
23. Кишварҳое, ки захираи фаровони табиӣ (дар мисоли канданиҳои фоиданок) ё қобилияти коркард ва фурӯши онҳоро надоранд ба чигуна мушкилот рӯбарӯанд?
24. Барои таҳким бахшидани ҳувияти миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандии ҷавонон чи бояд кард?
25. Ахлоқи шоиста ва фарҳанги ҷавонон ба кадом амалҳо асос меёбад?
26. Барои рушди муътадил ва устувори сиёсати давлатии ҷавонон чи бояд кард?

§ 9. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқ ва рушди сиёсати ҷавонон

Ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди нав дар шароити гузариш ба низоми идоракунии демократӣ ташаккул ёфт. Низоми демократӣ, дар навбати худ, ҷомеаи шаҳрвандиро ҳамчун шохаи асосӣ ва бунёдии давлат ва ҷомеаи муосир баррасӣ мекунад.

Яке аз қуввaҳои пешбаранда ва рушддиҳандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ хоҳ нохоҳ ҷавонон мебошанд, зимнан, ба ин захираи инсонӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ ба наздикӣ, дар шароити тағйирёбиҳои босуръати ҷомеа таваҷҷӯҳ зоҳир кардааст.

Вобастагии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷавонон дар он аст, ки аксарияти намояндагони (аъзои) он дар ҷаҳон, бахусус дар Тоҷикистон ҷавононанд ва ин афзалиятнокӣ талаботи аҳли ҷомеа ва ниҳодҳои алоқамандро ба ин гурӯҳи иҷтимоӣ зиёд мегардонад. Зимнан, маҳз ҳамин вобастагӣ боиси пайдоиши мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ дар байни ҷавонон мегардад, ки албатта ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсир мерасонад.

Чаро чунин бояд бошад?

Асли масъала он аст, ки шароити рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳошияи таҳким бахшидани талаботи (принсипҳои) заминавии ниҳоди демократия аз ҷавонон фаъол будан, босавод, бомаърифат, худшинос, худогоҳ, аз лиҳози иқтисодӣ мустақил, донандаи ҳуқуқу манфиатҳои хеш, бо ҷойи кор ва манзил таъмин будан ва ғайраро тақозо менамояд. Аммо ин талабот, дар навбати худ, барои ҷавонон мушкилбор буда, ба осонӣ ба даст овардани он бинобар камфаъолӣ имконнопазир мебошад.

Тибқи мушоҳидаҳо имрӯз на ҳамаи ҷавонон дар худ малакаҳои худфаъолӣ ва мутобиқшавиро парвариш медиҳанд; мутаассифона аксарият – оқибат аз тарбияи

мафкуравии (идеологии) собиқ давлати Шӯравӣ – бо умеди дастёбӣ ба кӯмак ва дастгирӣ, яъне вобастагӣ аз дигарон зиндагӣ мекунанд, ки дар ниҳоят ба изтироб ва рӯҳафтодагию ноумедӣ оварда мерасонад.

Яъне, байни талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва қисми зиёди ҷавонон номувофиқатӣ ҷой дорад, ки баррасӣ ва ҳалли ояндаи он мавзӯи ҳамин тахассус ва бахши илм мебошад.

Масъалаи номувофиқатии манфиатҳои байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷавонон пеш аз ҳама роҳи ҳалли амалӣ ва бонизомро талаб мекунад, ки онро метавон тариқи усулҳои муосири таъсиррасонӣ дарёфт (таҳия) намуд.

Барои баррасии муфассалтари масъалаҳои робита ва муносибатҳои байни ҷавонон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст, ки тафсири мафҳуми ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод карда шавад.

Мувофиқи назари П.М. Баренбойм ҷомеаи шаҳрвандӣ – ин доираи худмуаррификуни шаҳрвандони озод ва иттиҳодияҳои ба таври ихтиёрӣ (мустақил) ташкилёфта мебошад, ки аз дахолати мустақим ва танзимнамоии мақбурии мақомоти ҳокимияти давлатӣ мустақил (озод) мебошанд [1, с.8].

Мувофиқи тавзеҳи манбаи дигар, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ин низом ниҳодҳо ва ё иттиҳодияҳои ҷамъиятии мустақил аз ҳокимияти давлатӣ ва муносибатҳои байниҳамӣ буда, барои худамалигардии фард ва гурӯҳҳои алоҳида шароит фароҳам меорад [2].

Аз ин рӯ, ҷомеаи шаҳрвандӣ як низоми муносибатҳои ба ҳам алоқаманди шаҳрвандон буда, инкишофи онҳо бидуни вобастагӣ (мустақил) аз давлат ба роҳ монда

---

[1] Баренбойм, П.Д. Волоияти қонун ҳамчун шарики ҷомеаи шаҳрвандӣ: ба муносибати 150-солагии мафҳуми (консепсияи) «Давлат ҳамчун асари санъат» [матн] // Қонунгузорӣ ва иқтисод. - 2010. - № 9. - С. 7 – 11 (забон-русӣ)

[2] Ҷомеаи шаҳрвандӣ [Манбаи электронӣ]: Давлат ва ҳуқуқ. – 2016. – Реҷаи дастрасӣ: http://otherreferats.allbest.ru/law/00314820_0.html (забон-русӣ)

мешавад. Яъне, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ комилан мустақил буда, ба ҳокимияти давлатӣ вобастагӣ ва ё пайвастагӣ надошта, ҳуқуқи ба таври васеъ истифода бурдани имкониятҳо барои худташаккулёбӣ, ишғол кардани мавқеъ ва рушд ёфтан дар ҷомеаро доро мебошанд.

Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иборатанд аз оила, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ВАО, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, ҳаракатҳои ҷавонон, иттиҳодияҳои динӣ, гурӯҳҳои ташаббускор, такшилотҳои волонтёрӣ ва ғайра. Ҳамчунин дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму техника як ниҳоди дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфтааст – шабакаи интернет, ки аксари муносибатҳоро фаро гирифта, тамоми ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро мутеъ (вобаста) кардааст. Қобили зикр аст, ки аксарияти истифодабарандагони ин шабака ҷавонон мебошанд ва мутаассифона, дар таҳаввулоти манфии ин фазо низ, фаъолтаринанд.

Шабакаи интернет айни замон имкониятҳо ва захираҳои бузургеро барои ҳамкорӣ байни ҷавонон ва дигар бахшҳои ҷомеа фароҳам меорад. Истифодаи самараноки ин ниҳод имкон медиҳад, ки ҳиссаи зиёди мушкилоти рӯзмарраи ҷавонон роҳи ҳалли муназзам пайдо кунанд. Имкониятҳои саҳифаҳои иҷтимоии интернетӣ дарҳои зиёдеро барои ҳамкории мутақобила ва рушд бо иштироки омма, аз ҷумла ҷавонон боз мекунанд.

Ба ҳолати октябри соли 2025 истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ 67,5 фоизи аҳолии ҷаҳонро ташкил додааст, яъне ба 5,6 миллиард нафар расидааст, аз ин истифодабарандагони Facebook-3,2 миллирад нафар, YouTube-2,8 млрд, Instagram-2,2 млрд, TikTok-1,7 млрд, Linkedin-1 млрд нафарро ташкил медиҳад [1, с.46].

[1] Истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар соли 2026: Ҳама рақамҳо, тамоюлҳо ва далелҳо барои маркетинги шумо [Манбаи электронӣ] – 2016. –

Мувофиқи ақидаи И.А. Бронников иштироки корбарон ва ё истифодабарандагони фаъоли интернет, яъне ҷавонон ба ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ мусоидат мекунад [1, с.46]. Яке аз ҳадафҳои асосии давлат дар самти татбиқи сиёсати ҷавонон ин ноил шудан ба фаъолнокии сиёсии ҷавонон мебошад. Зимнан, шабакаи интернет имкон медиҳанд, ки ин ҳадаф, дар сурати дуруст истифода шудан, дар муҳлати кутоҳ ва хаҷри кам амалӣ гардонида шавад, он барои шаҳрвандони ҷавон дарҳои зиёди имкониятҳоро боз кунанд. Татбиқи ғояҳо ба монанди ҳукумати электронӣ имконият медиҳад, эътимоди ҷавонон то ҳадди имкон ба сиёсати давлат баланд гардад. Дар ҷомеаи муосир, ҷавонон ба интернет на танҳо ҳамчун воситаи муошират ва ҷамъоварии иттилоот, балки ҳамчун воситаи шуғл, таҳсил ва ба даст овардани малакаҳо менигаранд. Аз ин рӯ, ин васила таъсири қавӣ дорад ва имкониятҳои васеъро барои татбиқи бисёре аз ҳадафҳои идоракунии ҷомеа ва давлат фароҳам меорад.

Дар Тоҷикистон чун дигар кишварҳои пасошӯравӣ дар ҳошияи ташкилдиҳии давлати миллӣ аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ниҳоди заминавии сохти нави идоракунӣ - демократия ҷараён дорад. Дар ҳамин асно, айни замон ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ де-юре (қонунан) фаъолият карда, барои ҳалли мушкилоти гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсии аҳолӣ ошкоро мубориза мебаранд, де-факто (амалан) фаъолияти хеле заиф дошта, мавҷудияти онҳо бештар ба талошҳои ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои байналмилалию ватании маблағгузор вобастагӣ дорад.

Реҷаи дастрасӣ: https://www.blog2social.com/en/blog/monthly-active-users-in-social-media/ (забон-англисӣ)

[1] Бронников И. А., Хусусиятҳои муосири аудиторияи интернетии Русия ҳамчун иштирокчии муошрати сиёсӣ [матн] // PolitBook. – 2013. - № 2. – С. 44 - 59 (забон-русӣ)

Намояндагии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар байни аҳолӣ дар симои ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ чандон назаррас нест. Дар соли 2021 дар Тоҷикистон ташкилотҳои ғайритиҷоратии муаррификунандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамагӣ 11935 ададро ташкил додааст, ки аз ин ҳудуди 3000 ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ба қайди давлатӣ гирифта шуда), аз ҷумла 7 ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд, зимнан, беш аз 8000 адад мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои деҳоту маҳалла) фаъолият доранд [1, с.3].

Тибқи таҳлилҳо шумораи ками ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (ТҒҲ), ҳудудан 15 фоиз дар деҳот фаъолият мекунанд, яъне аксари онҳо дар шароити шаҳрӣ фаъолият доранд, зимнан аз вазъи воқеии деҳа огоҳии пурра дошта наметавонанд. Ҳамчунин, ҳизбҳои сиёсӣ, ба истиснои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), асосан дар шароити шаҳрӣ фаъолият дошта, бештар дар давраи маъракаҳои сиёсӣ фаъол мегарданд.

Илова бар ин, шумори зиёди ТҒҲ ва ё иттиҳодияҳои ҷамъиятии расмӣ асосан аз грантҳо ва ё маблағгузории ташкилотҳои байналмилалӣ вобастагӣ доранд, ки ин вазъият мавсимӣ будани фаъолияти онҳоро инъикос менамояд. Ҳамчунин, мутобиқи таҳлилҳо шумори зиёди кумитаҳои маҳаллаву деҳот, ки ҳамчун иттиҳодияи ҷамъиятии ҳудудӣ нақши муттаҳидсозандаии ҷомеаи маҳалро дар рушду нумуъи маҳали зист дорад, аз қайди расмӣ (дар ҷамоат) нагузашта, тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» фаъолият намебаранд.

Дар деҳот, ки беш аз 70 фоизи аҳолиро фаро мегирад, ба хизматрасониҳои ТҒҲ бештар ниёз доранд ва ин

[1] Каримов Ш.Т. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон – Душанбе: 2021. – Тартиби дастрасӣ: https://www.osiyoavrupo.tj/pdf/nepravitelstvennye-organizacii-kak-institut-grazhdanskogo-obshchestva-v-tadzhikistane (забон-русӣ)

тақозои ниҳоди низоми муосири идоракунӣ (демократия) аст, аммо шароит ва имконоти фароҳамгардида ба амалисозии ин рисолати иҷтимоӣ маҳдуд арзёбӣ мегардад. Бахусус ҷавонони деҳот нисбат ба ҳамтоёни шаҳрии худ ба хизматрасониҳои мутташакили ҷамъиятӣ бештар ниёз доранд, аз ҷумла ба тарбияи ғоявӣ (идеологӣ), таҳсилоти иловагӣ, омӯзиши малакаҳои ҳаётӣ, дастгирии иҷтимоӣ ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ, аз худ кардани малакаҳои соҳибкорӣ, кишоварзӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайра.

Маҳз ҳамин вазъият ба он боис гардидааст, ки кӯчиши аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо афзоиш дорад. Мисол, агар соли 2005 таносуби аҳолии шаҳр 26,5 фоизро ташкил медод, пас соли 2025 он ба 29,1 фоиз расидааст, яъне 2,6 фоиз афзоиш ёфтааст [1, с. 8-11].

Ҳамин тариқ, барои маълумот ва арзёбии вазъият кушишҳо ва чораҳои амалигардонидаи чанде аз ТҒҲ-ро ҳамчун иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ манзур мегардонем.

Аз соли 2003 инҷониб Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон фаъолият мекунад, ки ҳадафи он муттаҳид кардани талошҳои ташкилотҳои ҷавонон ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Ин ассотсиатсия (иттиҳодия) машваратӣ буда, ҳамаи ташкилотҳоеро, ки бо ҷавонон кор мекунанд, ҳамоҳанг месозад. Ба ҳолати соли 2017 ба ин ассотсиатсия 154 ташкилотҳои ҷавонон шомил буд. Ҳар сол ташкилотҳои аъзо барои мубодилаи дастовардҳои худ, муҳокимаи мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои ҳалли онҳо мулоқот дар шакли форум баргузор менамоянд [2, с.4].

[1] Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2025. – 55 саҳ.

[2] Анҷуманҳои созмонҳои ҷавонони Тоҷикистон [Матн]: Ҳисоботи солона барои соли 2017. – Душанбе: 2017. – 18 саҳ.

Иттиҳодияи дигари бонуфузи ҷамъиятии ҷавонон - Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон аст, ки вориси ҳуқуқии иттиҳодияи Комсомол (дар гузашта) дар Тоҷикистон мебошад. Он 12 октябри соли 1991 пас аз барҳам хӯрдани Комсомол таъсис дода шудааст. Ҳадафи ин иттиҳодия ҳифзи истиқлолияти ҷумҳурӣ, мусоидат ба бунёди ҷомеаи демократӣ, иҷтимоӣ ва шаҳрвандӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои олии инсонӣ, тарбияи эҳсоси худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ дар байни ҷавонон, тақвияти огоҳии насли ҷавон аз масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ва баланд бардоштани ифтихори миллӣ, ахлоқ ва фарҳанг дар байни насли ҷавон мебошад.

Дар шароити демократикунонии ҷомеа иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд саҳми бузурге дар рушди вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ гузоранд. Дар натиҷа, қисми муайяни сабории давлат, аз ҷумла татбиқи сиёсати ҷавонон ба зиммаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вогузор карда мешавад, чуноне ки дар кишварҳои пешрафтаи Ғарб ин усул таҷриба мегардад.

Дар ҳамин асно, аз соли 2005 инҷониб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ кӯмакҳои пулии бебозгашт (грантҳо) таъсис додааст. Маблағи ҳар як кумаки пулӣ (грант) 10 ҳазор сомониро ташкил медиҳад ва ҳамасола шаш грант ҷудо карда карда мешавад [1, с. 198]. Ҳамчунин, дар доираи барномаҳои давлатии мақсадноки ҷавонон фармоишҳои иҷтимоӣ, асосан тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон амалӣ карда мешаванд.

Бояд иброз намуд, ки дар самти дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон гурӯҳи санадҳои меъёрию ҳуқуқи ислоҳталаб мебошанд, зеро ташаббусҳои ҷумҳуриявии ҷавонон (дастгирии грантӣ) дар сатҳҳои ви-

[1] Миралиён, К. А. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди сиёсати ҷавонон [Матн] / К. А. Миралиён // Сино . – 2014. - №3/3(316). - С. 195-200

лоятӣ ва ноҳиявӣ хеле кам амалӣ карда мешаванд, ҳамчунин фармоиши иҷтимоии давлатӣ дар айни замон татбиқ намегардад. Ин маънои онро дорад, ки низоми давлатии дастгирии ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон фаъолияти заиф дошта, ба таҷдиди амиқи назар ва амал ниёз дорад.

Бо вуҷуди ин, тавре маълум гардид, ҳукумат дар симои мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон чораҳои муайянеро барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус барои дастгирии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд. Аммо нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои маҳаллӣ дар фаъолсозии ҷавонон ва татбиқи ташаббусҳои давлатӣ қариб ноаён аст; ташаббуси мутақобила вуҷуд надорад.

ТҒҲ асосан бо реҷаи интизории маблағгузорӣ аз ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатӣ фаъолият мекунанд, гарчанде дигар манбаъҳои маблағгузорӣ низ, ба монанди ҷамъоварии маблағ, соҳибкорӣ, ихтиёрӣ, ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ташкили бунёдҳои мустақили мардумӣ ва ғайра мавҷуданд.

Танҳо дар сурати рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолнокии ниҳодҳои он ва татбиқи василаҳои илмии фаъолият мо метавонем ҷомеаи демократии худро равнақ дода, самти пешрафтро ихтиёр намоем.

Дини ислом дар ҳошияи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ниҳодест нисбатан бартаридошта ва таъсиргузор. Иттиҳодияҳои динӣ ва ходимони динӣ дар ҷомеаҳои мусулмонӣ мақоми хоссаро соҳибанд. Бо вуҷуди фаъолияти ҷамъиятӣ ва ноаён баъзе ходимони динӣ дар байни аҳолӣ таъсири калон доранд ва ин таъсиргузориро мебояд баҳри рушди унсурҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ ва худогоҳию худшиносии ҷавонон бомаром истифода бурд.

Шахси мусулмон аслан инсони имондор, ботақво ва ботаҳаммул мебошад. Он на танҳо ба ҳидоятҳои иллоҳӣ бовар мекунад, балки ба онҳое, ки дониши нисбатан бартаридошта ва илми исломро доранд, эътимод менамояд.

Дар ҷамъият ингуна шахсиятҳоро «мулло», «эшон», «шайх», «мавлавӣ» ва ғайра меноманд. Ин тамоюл то андозае дуруст аст, зеро мутобиқи Қуръони Карим Худо ба баъзе дониш ва маҳоратҳои бештар медиҳад ва дигарон (нафароне, ки дониши кам доранд) бояд донишмандонро итоат кунанд. Аммо, дар баъзе кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, ин дониш на ҳамеша мувофиқи мақсад ва ё дуруст истифода бурда мешавад. Дар ҳоле ки дар доираҳои динӣ шахсиятҳои зиёди шинохта ва мӯътабар мавҷуданд, на ҳамаи онҳо сатҳи муносиби дониши исломиро доранд.

Масалан, аксари пешвоёни динӣ дуо мехонанд, гурӯҳе аз онҳо ба ҷавонон каломи Қуръонро меомӯзонанд, аммо шумори ками онҳо донандаи забони арабӣ (Қуръонӣ) мебошанд. Зимнан, аксари ходимони динӣ ба моҳияти асосӣ ва ё асли Китоби Муқаддас – Қуръони Карим пурра сарфаҳм намераванд. Дар робита ба ин, яке аз ташаббусҳои беназири Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ин тарҷумаи Қуръони Карим бо забони тоҷикӣ ва бо ҳуруфи кириллӣ буд; то имрӯз ду маротиба (то соли 2014 ва соли 2023) тарҷумаи Китоб ба миқдори 232 ҳазор нусха нашр гардида, ба аксари иттиҳодияи динӣ ва масҷидҳо дастрас гардонида шудааст [1].

Мушкили муаммобор он аст, ки аксари насли пиронсол, ҳамчунин ходимони динӣ, ки аҳли ҷомеа ба онҳо чун анъана (дар гузашта ва имрӯз) эҳтиром доранд, шароит ва талаботи ҷомеаи муосир ва асли дини исломро то ҳадди зарурӣ дарк намекунанд; гузашта аз ин, онҳо аз мавқеи ҳукмфармоёнаи ҷамъиятии худ истифода карда, мардумро, бахусус мардонро роҳнамоӣ мекунанд. *Масалан,*

[1] Тақдими 32 ҳазор китоби Қуръон бо тарҷумаи тоҷикӣ дар арафаи моҳи Рамазон [Маводи электронӣ] / 2023. Тартиби дастрасӣ https://old.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20230316/tadimi-32-azor-kitobi-uron-bo-tarumai-toik-dar-arafai-moi-ramazon

ин «тафаккури бартаридошта» ба он боис гардидааст, имконияти занон, бахусус духтарон дар гирифтани таҳсилоти муосир то андозае маҳдуд гардидааст. Ҳикмати куҳнашудаи халқӣ - бинобар роҳнамоии нодуруст - бар он аст, ки занон бояд дар хона бимонанд ва хонаву кӯдаконро нигоҳубин кунанд, дар ҳоле ки мардон бояд кор кунанд ва оиларо нигоҳубин ва таъмин кунанд. Дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар деҳот қисми назарраси сокинон то ҳол ба ҳамин назар ё андешаи қолабишудаи куҳна пайравӣ мекунанд. Аммо, Қуръони Карим таълим ва тарбияи кӯдаконро (новобаста аз ҷинс) вазифаи асосии волидайн муқаррар кардааст.

Чуноне ки Худованд дар сураи 40-уми ояти Аъроф амр мекунад «*Ҳаройина касоне, ки оятҳои Моро ба дуруғ нисбат додаанд ва аз фаҳми онҳо такаббурӣ кардаанд, барои онҳо дарвозаҳои Осмон кушода намешавад, ва дар Биҳишт дохил нашаванд, то онгоҳ ки шутур дар сурохии сӯзан дарояд. Ва гунаҳгоронро ҳамчунин ҷазо медиҳем*».

Чор (навъ) амале барои зиндагон (барои ба даст овардани савоб аз ҷониби Аллоҳ) амр шудааст, ки нисбат ба гузаштагон (фавтидагон) идома медиҳанд: (1) шахсе, ки пас аз худ фарзандони солеҳро боқӣ мегузорад, ки барои ӯ дуо мекунанд - дуоҳои онҳо ба ӯ нафъ меорад (фоида мерасонад); (2) шахсе, ки садақаи доимӣ (садақаи ҷория) мекунад, ки пас аз маргаш савоб мегирад, то он даме, ки он (нафъи ин садақа) идома ёбад (истифода гардад); (3) шахсе, ки ба дигарон илм омӯхтааст ва онҳо пас аз маргаш ба он амал кардаанд (Табаронӣ) ва (4) шахсе, ки пас аз худ навиштаҳое (китобҳое) боқӣ гузоштааст, ки мардумро ба роҳи рост ҳидоят мекунанд (бо ин амал низ, пас аз маргаш савоб мегирад, то он даме, ки он (нафъи ин навиштаҳо) идома ёбад (истифода гардад) [1].

[1] Пайравӣ аз суннат: 3 вазифаи падар нисбат ба фарзандонаш [Маводи электронӣ] / 2026. Тартиби дастрасӣ - https://islam-

Аз инҷо хулоса бармеояд, ки таълиму тарбияи фарзанд новобаста аз ҷинсияти ӯ (хоҳ духтар бошад, хоҳ писар) ба фарди мусулмон ҳатмӣ аст, зеро нафъ ва ё фоида аз фарзанд чи дар ин дунё ва чи дар роҳи охират танҳо аз фарзанди босаводу соҳибхирад мерасад. Зимнан, шахсе, ки малакаи хондану нашвиштанро надорад, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад на ба худ, на ба ҷомеа ва на ба наздикон нафъе биёрад.

Аз ин лиҳоз, рисолати асосии ин ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ (дини ислом), ки аз маърифатнокӣ, тарбия ва роҳнамоии ҷомеа, бахусус ҷавонон ба роҳи рост ва дуруст таркиб ёфтааст, мутаносибан заиф арзёбӣ мегардад, яъне гурӯҳи зиёди аҳолӣ на аз асли ислом бархурдоранду на аз нафъи он.

Роҳи рост ва дуруст дар ҷомеаи муосир, илова бар эҳтиром ба атрофиён, рафтор, гуфтор ва кирдори нек инчунин, гирифтани маълумот (таълим), дониши касбӣ, соҳиб шудан ба шуғли муносиб, кӯмак ба ниёзмандон ва наздиконро дар бар мегирад; ва инро метавон тавассути муошират ва робитаи зич (ҳамкорӣ) бо шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ва расонидани ҳадафи аслии ислом ба онҳо дар ҳошияи рушди ҷомеаи соҳибтамаддун ба даст овард.

Ниҳоди муҳими дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ин оила мебошад, ки дар самти худташаккулёбӣ, худшиносӣ ва рушди афрод нақши калон дорад. Дар Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳо, оила таҳти ҳимояи бевоситаи давлат қарор дорад, аммо ҳамчун як воҳиди алоҳидаи ҷомеаи шаҳрвандӣ, он низ бояд дар рушди ҷомеа саҳми назаррас дошта бошад.

Дар кишвари мо ба оила бо назардошти арзишҳои фарҳангӣ, анъанавӣ ва таърихии ҷомеа арзиши баланд дода мешавад ва дар рушди шахсияти инсон он нақши муҳим аст. Оила бо меҳру муҳаббати самимӣ, ғамхорӣ ва

today.ru/veroucenie/sleduem-sunne-3-obazannosti-otca-pered-svoimi-detmi/ (забон-русӣ)

назорати доимӣ иҳота шудааст, мутаносибан ба аъзои худ муҳити мусоид фароҳам меорад.

Аммо як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки ҳалли онҳо на танҳо ба инкишофи иҷтимоӣ ва фардӣ, балки ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ахлоқию маънавии ҷомеа низ, таъсири амиқ мерасонад. Аз ҷумла, масъалаи банақшагирии оила, ки ҳангоми барпо гаштани он доимо аз мадди назар дур мемонад ва дар натиҷа Тоҷикистон ҳамчун кишвари бисёрнуфуз бо оилаҳои серфарзанд арзёбӣ мегардад. Албатта, аз як тараф ин хуб аст, чун захираи инсонӣ таҳким меёбад, аммо аз тарафи дигар тавозуни таъминоти иҷтимоию иқтисодӣ вайрон мегардад, ки барои кишвари ҷавони мо номумкин аст.

Тибқи таҳлилҳо ва омори расмӣ ба як зани қобили таваллуд (18-50 сола) 4-5 нафар рост меояд, яъне ҳар як оила ба ҳисоби миёна аз 6-7 нафар аъзо иборат аст [1, с.8], дар ҳоле ки дар Аврупо ин таносуб ба 3-4 нафар баробар аст.

Тибқи омори расмӣ дар соли 2024 музди миёнаи моҳона 2310 сомониро (243 доллари ИМА) ташкил дода, хароҷоти моҳона барои як нафар баробар ба 1150 сомонӣ (121 доллари ИМА) ҳисоб карда шудааст [2, с.19].

Чуноне маълум аст, дар дилхоҳ оилаи анъанавӣ одатан 1-2 нафар машғули кор мебошанд, яъне таносуби даромад (4610 сомонӣ) ва хароҷот (камаш 6900 сомонӣ) норасоии маблағро дар ҳаҷми 2290 сомонӣ (-33 фоиз) ташкил медиҳад. Ин ҳолат вазъи ноустувори иқтисодии оиларо инъикос менамояд. Албатта, дар оила манбаъҳои дигари даромад низ мавҷуданд, аммо онҳо аз вазъияти воқеӣ дуранд ва ҳисоб кардани онҳо дар маҷмӯъ имконнопазир мебошад.

---

[1] Шумора ва ҳайати хонавода [Матн]: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. – 75 с.

[2] Тоҷикистон дар рақамҳо [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. - 167 с .

Ин нишондиҳандаҳо далели иштироки заифи оиларо дар рушди ҷомеа, аз ҷумла таъмини ҳаёти мусоиди насли ҷавон, бахусус банақшагирии оила, тарбия, таҳсил, шуғл ва ғайраро тасдиқ мекунад.

Аз лиҳози иқтисодӣ ҳоло ҷомеаи мо барои идома гирифтани тамоюли серфарзандӣ омода нест, зарур аст, ки шумори таваллуд кам гашта, таваҷҷуҳи беш ба сифати он ва таълиму тарбияи фарзандони комил, соҳибдонишу соҳибкасб равона карда шавад.

Дар робита ба ин, ҳанӯз соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун ташаббуси халқӣ Қонуни миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд (ҳоло кӯдак)» пешниҳод намуд, ки ҳадафи он тақвияти масъулияти волидон дар таълим ва тарбияи кӯдакон дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон мебошад [1]. Ғайр аз ин, ин мафҳум соли 2016 тавассути раъйпурсӣ ҳамчун воситаи муҳим барои тақвияти ниҳоди оила ва таъмини таълиму тарбияи шоиста барои кӯдакон ва наврасон ба Конститутсия ворид карда шуд.

Чи тавре аз таҳлилҳо бармеояд, оилаҳо одатан тарзи анъанавии (классикии) зиндагиро пеш мебаранд: онҳо худ аз худ, яъне бе назардошти вазъ ва имконияти иқтисодию иҷтимоӣ серфарзандиро нақша мегузоранд, дар натиҷа фарзандонро дар шароити душвори иҷтимоию маънавӣ тарбия мекунанд. Илова бар ин, бо инобати қолабҳои кӯҳнашуда (стереотипҳо), ки табъизи (дискриминатсияи) ҷинсиро раво мебинанд ва вазъи ноустувори иқтисодӣ монеи таҳсили касбии ҷавонзанон мешаванд ва онҳоро барои издивоҷи аз лиҳози таъминоти иҷтимоӣ бармаҳал

[1]Дар бораи масъулияти волидон дар тарбия ва таълими кӯдакон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08/02/2011, № 762 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – № 7–8. - модда. 616.

(дар сини 18-20 солагӣ) маҷбур месозанд. Дар натиҷа, оилаҳо – хоҳ нохоҳ – навхонадоронро дар ҳудуди хоҷагии худ ҷойгир мекунанд, ин низ дар шароити ҷомеаи муосир қобили қабул нест.

Ин гурӯҳи меъёрҳои умумиҷтимоӣ, агарчанде қисми зиёди онҳо куҳнашуда ва зараровар ҳам бошанд, ҳамчун фарҳанг ва анъанаи оиладорӣ тӯли асрҳо ташаккул ёфтаанд ва меросгузории онҳо байни наслҳо идома дорад. Мувофиқан, зарур аст, ки барои аз байн бурдан ва ё танзими онҳо ҳамоҳангӣ ва ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва худи ҷавонон ба роҳ монда шавад.

Ҳамин тариқ, аз байни мушкилоти асосӣ ва ё нуқтаҳои заифи ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷавонон метавон инҳоро номбар кард:

- сатҳи пасти маълумотнокии (огоҳии) ҷомеаи маҳал (деҳот) оид ба талабот (принсипҳо) ва аҳамиятнокии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва хусусиятҳои динии ислом;
- иштироки заифи оила ҳамчун ниҳоди фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккул ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон ва ҷавонон;
- камфаъолӣ ва дар аксар мавридҳо бетарафии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ходимони динӣ дар таълиму тарбияи босифати ҷавонон;
- сатҳи пасти дониш ва фаҳмиши ходимони динӣ оид ба асолати дини мубини ислом, меъёрҳои воқеии он ва ниёзҳои ҷомеаи муосир;
- камфаъол ва заифии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ нисбат ба рушди ҷомеаи маҳаллӣ, бахусус дар ҳалли мушкилоти муҳими иҷтимоию иқтисодӣ;
- иқтидори заифи иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва ё иҷтимоишавии ҷавонон;

- ниҳодсозии заифи сиёсати давлатии ҷавонон;
- камаҳамиятии вазорату идораҳо, инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба татбиқи ташаббусҳои ҷавонон, маблағгузории давлатии онҳо ва таҳкими қонунгузории ҷумҳурӣ, ҳамчунин имкониятҳои буҷетӣ дар соҳаи фармоиши иҷтимоии давлатӣ;
- дастрасии маҳдуди ҷавонон ба имкониятҳои шабакаи интернет ва фановариҳои (технологияҳои) компютерӣ дар сатҳи маҳал.

ХУЛОСАҲО:

Дар натиҷаи баррасии ин қисмати омӯзиш чунин хулосаҳо ва пешниҳодҳо рӯи кор оварда шуданд:

1. Мафҳуми «ҷомеаи шаҳрвандӣ» чунин муайян карда шуд: низоми муносибатҳои бо ҳам алоқаманди байни шаҳрвандон ва рушди ҳамҷояи онҳо дар мустақилият аз ҳокимияти давлатӣ. Мувофиқан, ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таносуб ба дигар соҳаҳо бо ҷавонон робита ва вобастагии бештар дорад, зеро аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд;

2. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи сиёсати ҷавонон, таълим, тарбия ва фаъолсозии ҷавонон нақши муҳим дорад, аммо на ҳама ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба талаботи ниҳодсозии сиёсати давлатии ҷавонон ҷавобгӯ мебошанд; аксари онҳо вазифаҳои худро вобаста ба таълиму тарбия ва рушди ҷавонон иҷро намекунанд ё наметавонанд иҷро кунанд, чун иқтидори заиф доранд;

3. Дар баъзе мавридҳо, ниҳодҳои оилавӣ ва динӣ вокунишҳои эҳсосӣ ва муқовиматро нисбат ба татбиқ ва рушди меъёрҳои демократӣ (озод) дар ҷомеа нишон медиҳанд. Масалан, маҳдудиятҳо барои ҷавонон, бахусус духтарон оид ба гирифтани маълумоти касбӣ, издивоҷи бармаҳал ва маҷбурӣ ва ғайра;

4. Муайян карда шуд, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ дар байни ниҳодҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ нисбатан фаъол ва таъсиргузоранд ва дар шароити демократикунонии ҷомеа метавонанд дар тарбияи маънавию мафкуравӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии ҷавонон саҳми назаррас гузоранд. Аммо, дар кишвар аксарияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ (ба истиснои ҲХДТ) асосан дар шаҳрҳо фаъолият мекунанд ва дар таносуб ба ниҳодҳои минтақа иқтидори амалӣ (функсионалӣ), нерӯи инсонӣ ва фании (техникии) заиф доранд;

5. Шумораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон нисбат ба кишварҳои минтақа камтар аст, ки саҳми заифи онҳоро дар татбиқи сиёсати ҷавонон инъикос мекунад. Дар маҷмӯъ, фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди калидии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад. Ислоҳоти сохтории низоми иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, баррасии воситаҳои ҳавасмандгардонӣ ва барномаҳои маблағгузорӣ (грантӣ), бахусус ташаккули созукори (механизми) мутақобилан масъул (вобаста) ё ба ҳам алоқаманд ҷиҳати ҳамкорӣ ва шарикӣ дар татбиқи сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон зарур аст;

6. Шабкаи интернет ниҳоди нав, вале нисбатан пурқудрати робитавӣ (коммуникатсионӣ) ва фановариест (технологиест), ки метавонад саҳми бузурге дар рушди ҳам ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳам давлат гузошта бошад. Аммо, тавре маълум аст, ин ниҳод ба як воситаи осони таъсиррасонии манфӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ҷараёни истифодаи дурусти он аз ҷониби волидон назорат бурда шавад, мувофиқан дастрасии васеи он аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ баррасӣ карда шавад, чун ягона воситаест – роҳнамо (новобаста аз таъсирҳои манфӣ) дар раванди мутобиқшавии шахси ҷавон ба талаботи ҷомеаи муосир. Истифодаи дурусти ин васила ҳамчун захира ва усули муосири таълиму тарбияи ҷавонон ва татбиқи босамари сиёсати ҷавонон арзёбӣ мегардад;

7. Муайян карда шуд, ки Ҳукумат бо мақсади фаъолсозии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва оилаҳо якчанд лоиҳаҳо ва барномаҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ – грантҳоро (кумакҳои бебозгаштро) барои дастгириии фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ равона кардааст; инҳо грантҳо барои ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва имтиёзҳои қонунгузорӣ мебошанд, ки ҳалли масъалаҳои банақшагирии оила, таълим ва тарбияи кӯдаконро осон мекунанд. Аммо, низоми идоракунии ин лоиҳаҳо ва ё барномаҳо, аз ҷумла татбиқёбии онҳо дар сатҳи маҳал ва таъмини самаранокӣ ва натиҷагирии онҳо чораҳои иловагӣ ва таъхирнопазирро тақозо менамояд.

Ҳамин тариқ, ҷомеаи шаҳрвандӣ камфаъол арзёбӣ гардида, мушкилоти гуногунро ба бор дорад ва ба роҳу усулҳои ҳалли муносиб ниёз дорад, аз ҷумла: фароҳам овардани шароит барои ҳамкории зич, ҳамкорӣ ва шарикӣ бо ҷонибҳои асосии манфиатдор - ҷавонон ва онҳое, ки сиёсати давлатии ҷавононро амалӣ месозанд.

Танҳо дар сурати муттаҳидӣ ва ҳамоҳанг кардани кӯшишҳои (фаъолияти) ҳамаи ҷонибҳо – ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ ва худи ҷавонон – мо метавонем ба арзишҳо ва меъёрҳои умумиҷаҳонии ҷомеаи демократӣ ва татбиқи босамари сиёсати ҷавонон ноил гардем. Омили асосии ин ҳамгироӣ метавонад манфиатҳои муштарак, аз ҷумла баррасии мушкилоти иҷтимоии ҷавонон бошад, ки дар заминаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон (дар сурати муттаҳидӣ) ба осонӣ муайян ва ҳал карда мешаванд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Вобастагии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷавонон дар чи инъикос меёбад?

2. Тибқи мушоҳидаҳо имрӯз на ҳамаи ҷавонон дар худ малакаҳои худфаъолӣ ва мутобиқшавиро парвариш медиҳанд, чаро?
3. Ҷомеаи шаҳрвандӣ чист?
4. Кадом ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ медонед?
5. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму техника як ниҳоди дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфтааст, кадом аст?
6. Нақши шабакаи интернет дар ҳаёти ҷавонон дар сурати дуруст истифода шудан чи гуна аст?
7. Айни замон вазъи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ чи гуна аст?
8. Чаро фаъолияти ТҒҲ ва ё иттиҳодияҳои ҷамъиятии расмӣ мавсимӣ арзёбӣ гардидааст?
9. Иттиҳодияи ҷамъиятии ҳудудӣ чигуна ниҳод аст?
10. Чаро шумори зиёди кумитаҳои маҳаллаву деҳот мутобиқи қонунгузорӣ фаъолият намебаранд?
11. Чаро кӯчиши аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо афзоиш дорад?
12. Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон чигуна ташкилот аст?
13. Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон чигуна ташкилот аст?
14. Дар шароити демократикунонии ҷомеа иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ чи гуна саҳм гузошта метавонанд?
15. Аз соли 2005 инҷониб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон кадом кӯмаки пулии бебозгашт (грант)-ро таъсис додааст?
16. Ташаббусҳои ҷумҳуриявии ҷавонон (дастгирии грантӣ) чи аҳамият доранд?
17. Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои маҳаллӣ дар фаъолсозии ҷавонон ва татбиқи ташаббусҳои давлатӣ дар кадом сатҳ аст?

18. Кадом манбаъҳои маблағгузории фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавҷуданд?
19. Нақши дини ислом дар ҳошияи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чигуна аст?
20. Қуръони Карим бо забони тоҷикӣ ва бо ҳуруфи кириллӣ чанд нусха ва кай тарҷума ва интишор шудааст?
21. Нақши Қуръони Карим дар таълим ва тарбияи кӯдакон ва духтарон чигуна аст?
22. Чор (навъ) амале барои зиндагон (барои ба даст овардани савоб аз ҷониби Аллоҳ) амр шудааст, кадомҳоянд?
23. Роҳи рост ва дуруст дар ҷомеаи муосир чиро ифода мекунад?
24. Нақши оила дар рушди шахсияти инсон чигуна аст?
25. Серфарзанд будани оила дар ҷомеаи муосир чи аҳамият ва ё чи зарар дорад?
26. Аз лиҳози иқтисодӣ ҷомеаи мо барои идома додани тамоюли серфарзандӣ омода аст?

§ 10. Таҳкими имконоти мақомоти худидоракунии маҳал дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон

Дар шароити ҷомеаи муосир, ки муносибатҳо ва амалҳои нав, муқовиматнок ва тобишоваранда нисбат ба тазодҳои ҷомеа тақозо мегардад, таҳкими иқтидор ва инкишофи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҳамчунин мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳаллаву деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқи мақсад аст.

Дар шароити Тоҷикистон, ки аксариятро (73,6 фоиз) аҳолии деҳот ташкил медиҳад, таҳкими иқтидор ва инкишофи мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, бахусус кумитаҳои маҳаллаву деҳа ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ бояд дар мадди аввал истад, чун маҳз ҳамин ниҳодҳои ибтидоӣ метавонанд ба тағйирдиҳии набзи ҳаёти ҷомеа таъсиррасон бошанд [1].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Констиутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии пазируфтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Яъне, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити заминавии ҳуқуқӣ ҷиҳати рушду такомули мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам оварда шудааст, гарчанде истифодаи самараноки он беҳбудиро талаб мекунад.

Воқеъист, ки бо дарназардошти талаботи (принсипҳои) ҷомеаи демократӣ тамоми фаъолияти шаҳрвандон озодона, дар чорчӯбаи қонунгузорӣ, сурат мегирад ва ҳамин тавр ҳам ҳаст, вале айни ҳол бештар дар сатҳи назариявӣ.

Мувофиқи қонунгузории ҷорӣ мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ аз ҷониби шаҳрвандони маҳал интихоб мешавад ва ӯ ҳамчун «Ҷамоат» ифода мегардад. Роҳбар, яъне «Раис» ва «Дастгоҳи Ҷамоат» аз ҷониби вакилони Ҷамоат ва раису раёсати кумитаҳои маҳалла/деҳа аз ҷониби сокинони маҳалла/деҳа интихоб мегарданд, ҳамчунин тамоми шаклҳои ҳуқуқӣ, идорӣ,

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [Матн] / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №1 қисми 2, мод. 12

молӣ ва ташкилии фаъолияти онҳо аз ҷониби интихобкунандагон бояд муайян гардад.

Вале дар шароити имрӯза чунин муносибат ва риояи тартибот дар сатҳи маҳалҳо ба таври возеҳ эҳсос карда ва ё дида намешавад, ки мухолифи талаботи (принсипҳои) идорӣ ва асноди ҳуқуқии қабулгардида мебошад.

Мисол: ҳангоме, ки ба дилхоҳ шаҳрванд бо саволи «Раиси ҷамоатро ки интихоб ва ё таъин менамояд?» муроҷиат мекунем, аксаран посух медиҳанд, ки «Раиси ноҳия», яъне шаҳрвандон ҳатто оид ба интихобӣ (на инки таъинӣ) будани роҳбарияти ҷамоат иттилои пурра надоранд.

Сабаби асосии ин муносибат ягона аст, - камфаъолии шаҳрвандон, дар бисёр ҳолатҳо, бетарафӣ ва беаҳамиятӣ ба имконоту тақдири ояндаи худ, оила, ҳамсоя, деҳа ва кишвари худ.

Яке, аз сохторҳои фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ташкилотҳои ҷамъиятӣ мебошанд, дар сатҳи маҳалҳо қариб ки фаъолият надоранд, қисми зиёди онҳо дар шаҳрҷойҳо кор мебаранд. Тибқи маълумоти таҳлилӣ ҳамагӣ 15 фоиз ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо фаъолият доранду халос.

Камфаъолии шаҳрвандон асосан ба камаҳамиятӣ, зимнан, маълумоти кам ва дастрасии маҳдуди онҳо ба қонунгузории ҷумҳурӣ ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ асос меёбад. Дар инҷо, ҳамчун роҳи ҳалли масъала, агар аз як тараф серталабӣ ва фаъолнокии шаҳрвандон лозим бошад, аз тарафи дигар фароҳам овардани шароит ҷиҳати дастрасӣ ва таъмин намудани шаҳрвандон бо иттилооти зарурӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ тақозо мегардад.

Дар баробари ин, дар ҷомеа як омили рафтории номуносиб – «интизор ва ё умедвор будан аз номуайянӣ» ташаккул ёфтааст. Интизории мардум (аксаран калонсолон) ва пайваста ба таҳлилу баррасӣ ва муҳокимаи

сарсарии тадбирҳои ҷории Ҳукумат пардохтан (машғул будан) аз ҷониби шаҳрвандон анъана гардидааст. Яъне, қисми муайяни аҳолӣ мавқеъи интизориро касб кардаанд ва интизоранд, ки кай Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои онҳо шароити беҳтари зисту зиндагониро фароҳам меорад. Аммо мутаассифона дарк намекунанд, ки талаботи (принсипҳои) ҷомеаи демократӣ аз шаҳрвандон худфаъол будан ва иштироки фаъол дар идораи давлатию ҷамъиятӣ доштанро талаб мекунад. Яъне, дар баробари тадбирҳои андешидаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шаҳрвандон ба сифати мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ё мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ ва шахси воқеъӣ ва дар маҷмуъ ҷомеаи шаҳрвандӣ низ, тадбирҳои алоқмандро вобаста ба шароити маҳалли худ бояд андешанд ва амалӣ гардонанд.

Тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ва меъёрҳои ташкилию амалии (приниспҳои) демократии идораи маҳаллӣ, Ҷамоат, ҳамчунин Кумитаи маҳалла / деҳа дар таъсиси буҷет ва ҷамъоварии маблағ мустақил буда, имкони васеъи татбиқи ин амалро доранд. Ин маънои онро дорад, ки Ҷамоат ва Кумитаи маҳалла / деҳа метавонанд вобаста ба беҳбуди дилхоҳ мушкилоти ҳаёти шаҳрвандон ва ободонии маҳал таъсир гузоранд ва имкони кофии молявӣ низ, дошта бошанд.

Ҳамчунин, Ҷамоат имкон дорад, ки мавриди зарурат вобаста ба масъалаҳои афзалиятнок, аз ҷумла татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳамкории зич бо ҷомеаи шаҳрвандӣ хазинаҳои (фондҳои) махсус таъсис дода, маблағи заруриро чи аз ҳисоби имконоти дохилии маҳал ва чи берун аз он ҷамъоварӣ намуда, амалӣ гардонад.

Вале, мутаассифона, дар ин самти фаъолият низ, ноустувории мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба назар мерасад. Бисёре аз Ҷамоатҳо на танҳо барои ободонии маҳал маблағи зарурӣ

надоранд, балки вобаста ба зиёд кардани маоши кормандон норасоии маблағӣ доранд.

Дар шароити ҷомеаи мусоир ва иқтисоди бозоргонӣ мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ ва хоҷагидорӣ мувофиқи мақсад аст. Дар маҳалҳо то ҳол на ҳамаи роҳбарон/масъулон манфиати воқеъии ин амалҳоро дарк кардаанд. Зимнан, гурӯҳе аз масъулон бинобар сабаби камдонишӣ барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ ва ё соҳибкории шаҳрвандон монеаҳо эҷод мекунанд, гарчанде ҳар як субъекти иловагӣ ба маҳал ин имкони иловагӣ ва манбаи молиявӣ буда, шароити корӣ фароҳам меорад.

Дар самти рушди соҳибкорӣ Ҷамоатро зарур аст, ки бо соҳибкорон ва сармоягузорон ҳамкории зич дошта бошад ва мунтазам бо соҳибкорони маҳаллӣ мулоқотҳо ташкил намуда, иштирок ва саҳмгузории онҳоро ба дастгирии қишрҳои ниёзманд, осебдидаи аҳолӣ ва ободонии маҳал таъмин намоянд.

Мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандиро месазад дар самти таъминоти кордонҳо ва корҳои ташкилию амалии маҳал фаъол бошанд. Дар бисёр мавридҳо корҳои ташкилӣ ба таври амудӣ ва бе низом сурат мегиранд; яъне масъулон бо реҷаи интизорӣ фаъолият менамоянд - то лаҳзае, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фармоиши дахлдор нарасад ва ё мӯҳлати иҷро наздик наояд, чорабинҳо кашол дода мешаванд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ - сокинон дар навбати худ, фармоиши дахлдори Ҷамоатро интизор мегардад.

Чи тавре дар боло ишора гардид, омили «интизорӣ» имрӯз ба як одати номатлубе табдил ёфтааст, ки онро ҳар қадам эҳсос кардан мумкин аст. Ҳамин аст, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доимо ташаббускор, навовар, чолок ва

кордон буданро аз хизматчиёни давлатӣ ва ҷамъиятӣ, бахсус ҷавонон тақозо мекунад.

Тибқи меъёрҳои ташкилию ҳуқуқии идорӣ Ҷамоатро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чорабиниҳои ба маҳал хосро мустақилона (бидуни вобастагӣ аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) таррҳрезӣ ва амалӣ гардонад, яъне тартиби уфуқии фаъолиятро ба роҳбарӣ гирад. Чун, Ҷамоат мушкилот, эҳтиёҷот ва имкони маҳалро хубтар медонад ва ба сокинон наздиктар аст.

Масъалаи таъминот бо кордонҳо (кадрҳо) низ дар сатҳи мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ боиси таваҷҷуҳ аст. Яке аз мушкилоти ин самт, нисбатан кам муқаррар гардидани маоши моҳона мебошад, ки он ҳам ба камаҳамиятии роҳбарияти Ҷамоатҳо хос аст. Дар боло ишора шуда буд, ки дар воқеъ имконоти молиявии Ҷамоатҳо васеъ буда, ба дилхоҳ фаъолият басанда аст, аз масъулин танҳо талошу фаъолият дар доираи талаботи муқарраршуда тақозо мегардад. Дар ин ҷодда низ, роҳбарияти мақомоти худидоракунандаи маҳаллиро мебояд маоши моҳона ва ҳавасмандии кормандонро зиёд намуда, мутахассисонро мунтазам ба такмили касбу ихтисос равона созанд. Чун, сарчашмаи устувории дилхоҳ фаъолият мутахассис-кордон аст, аз ҷумла дар шароити ҷомеаи муосир, ки аз ҳар кордон ҳамасола такмил додани тахассусу касб тақозо мегардад.

Қисми зиёди чорабиниҳо дар сатҳи маҳалҳо хусусияти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ доранд. Чун Тоҷикистон дар шароити гузариш қарор дорад, масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа хело зиёд аст ва татбиқи онҳо иштирок ва саҳмгузории фаъоли мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо менамояд.

Вале имрӯзҳо тадбирҳои аз ҷониби мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ андешидашаванда ками дар кам ба назар мерасад. Аслан

дар ин ҷодда, бо дарназардошти таввақ̄ӯҳи бевоситаи Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, бахусус дастгирии қишрҳои ниёзманди ҷомеа бо ҷалби вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои алоқаманд андешида мешаванд.

Ҷамоатҳо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт камфаъоланд, ҳатто барои дастгирии оилаҳои камбизоат имкони кофии молӣ надоранд (дар айни замон). Новобаста аз ин, масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъминоти иҷтимоӣ, кӯмакпулӣ, тандурустӣ, дастгирии маъюбон, бепарасторон ва оилаҳои камбизоат, беҳдошти вазъи мактабҳо, таҳсилоти духтарон ва ғайра таввақ̄ӯҳи зиёд ва дастгирии доимӣ тақозо мекунанд.

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти таҳлилҳои боло ва бо мақсади татбиқи босамари меъёрҳои ташкилии идоракунии ҷомеаи маҳаллӣ ва қонунгузории ҷорӣ дар раванди ташаккули имконот ва рушди мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зарур аст, ки тадбирҳои зерин ба таври муташаккилона андешида шаванд:

1. Ҷиҳати боло бурдани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва маълумотнокии шаҳрвандон оид ба талаботи (принсипҳои) асосии ҷомеаи демократӣ дар самти идораи мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои дахлдор, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятии ватанӣ ва байналмилалии дахлдор чораҳои маърифатию иттилоотӣ ва фаҳмондадиҳӣ андешида шаванд;

2. Ташкилёбии шумори зиёди (афзоиш ёфтани) иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар маҳал дастгирӣ карда шавад ва барои фаъолияти пурсамари онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои

байналмилалии муқимӣ ва доираи тиҷорат шароити мусоид фароҳам оварда шавад;

3. Фаъолнокии шаҳрвандон мавриди иштирок дар интихоб ва идораи мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ташвиқ ва талқин карда шавад;

4. Ҷиҳати баланд бардоштани маърифати иқтисодии кормандону мутахассисони мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ташкили буҷет ва идораи самараноки он мунтазам давраҳои (курсҳои) такмили касбу ихтисос ташкил карда шаванд;

5. Барои рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар маҳалҳо дар дастгоҳи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (Ҷамоат) воҳиди махсуси кор бо ҷавонон таъсис дода шавад. Ҳамчунин, бо иштироки фаъоли мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ, методӣ ва амалӣ ташкил карда шаванд;

6. Ба мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ, мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ (кумитаҳои маҳала / деҳа) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста ба татбиқи масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъминоти иҷтимоӣ, кӯмакпулӣ, тандурустӣ, дастгирии маъюбон ва бепарасторон ва оилаҳои камбизоат, беҳдошти вазъи мактабҳо, таҳсилоти духтарон ва ғайра аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор дастурҳои методию амалӣ таъмин карда шавад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Чанд фоизи аҳолии Тоҷикистонро сокинони деҳот ташкил медиҳанд?
2. Мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ чи гуна ниҳод аст?
3. Мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ чи гуна ниҳод аст?

4. Мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ аз ҷониби ки(ҳо) интихоб мешавад?
5. Раису раёсати кумитаҳои маҳалла/деҳа аз ҷониби ки(ҳо) интихоб мегарданд?
6. Чаро шаҳрвандон оид ба интихобӣ будани роҳбарияти ҷамоат иттилои пурра надоранд?
7. Чанд фоиз ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо фаъолият доранд?
8. Камфаъолии шаҳрвандон вобаста ба фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба чи асос меёбад?
9. Қисми муайяни аҳолӣ мавқеъи интизориро касб кардаанд ва интизоранд, ки кай Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои онҳо шароити беҳтари зисту зиндагониро фароҳам меорад, чаро?
10. Талаботи (принсипҳои) ҷомеаи демократӣ аз шаҳрвандон чи тақозо мекунад?
11. Шаҳрвандон ба сифати мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ ва ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахси воқеъӣ, дар маҷмуъ ҷомеаи шаҳрвандӣ амалан ба чи корҳо бояд машғул бошанд?
12. Буҷети Ҷамоат, ҳамчунин Кумитаи маҳалла / деҳа тибқи талаботи қонунгузорӣ чигуна ташкил меёбад?
13. Вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Ҷамоат чи имкониятҳо дорад?
14. Гурӯҳе аз масъулон барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ ва ё соҳибкории шаҳрвандон монеаҳо эҷод мекунанд, чаро?
15. Дар самти рушди соҳибкорӣ Ҷамоат кадом тадбирҳоро бояд ба роҳ монад?
16. Масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъминоти иҷтимоӣ, кӯмакпулӣ, тандурустӣ, дастгирии маъюбон,

бепарасторон ва оилаҳои камбизоат, беҳдошти вазъи мактабҳо чиро тақозо мекунанд?

17. Дар дастгоҳи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (Ҷамоат) воҳиди махсуси кор бо ҷавонон амал мекунад?

§ 11. Хусусиятҳои ҳамкории байни доираи тиҷорат ва ҷавонон

Дар ҷомеаи озоди сиёсӣ (демократӣ) иқтисодиёт бар пояи бозор бунёд мешавад ва танҳо дар шароити иқтидори устувори иқтисодӣ, бахусус тақвияти имкониятҳо ва захираҳои соҳибкорӣ ва ҳамкории зичи ҳокимияти давлатӣ бо бахши хусусӣ нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодӣ ба даст оварда мешаванд.

Эзоҳ: *дар ин фасли тадқиқот зери мафҳуми доираи тиҷорат ё худ «бизнес» доираи васеи фаъолияти соҳибкорӣ ва дар умум бахши хусусӣ фаҳмида мешавад. Албатта, дар илми иқтисодӣ ин мафҳумҳо маъноҳои гуногун доранд, аммо дар маводи мо, ки таълимӣ аст, ин мафҳумҳо (тиҷорат ва ё соҳибкорӣ) ҳамчун тарҷумаи мазмунии «business» фаҳмида мешаванд.*

Бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, ки солҳои охир таваҷҷуҳи беши ҷавононро ҷалб кардааст, дар шароити рушди ҷомеаи муосир бахши афзалиятнок буда, барои шуғлнокӣ ва таҳкими вазъи иқтисодии фард, давлат ва дар умум ҷомеа мусоидат мекунад.

Дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ҳадафи олии Тоҷикистон муқаррар гардидааст. Барои ноилшавӣ ба ин ҳадаф 4+1 зерҳадафҳо чунин муқаррар карда шудаанд:

а) таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ;

б) раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдилёбӣ ба кишвари транзитӣ;

в) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат;

г) вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул;

д) саноатикунонии босуръати кишвар (зерҳадафи мазкур иловатан қабул ва эълон гардидааст) [1, с.8].

Ҳамчунин, самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ дар доираи СМР-2030 чунин муқаррар карда шудаанд: (1) ислоҳоти идоракунии давлатӣ; (2) инкишофи бахши хусусӣ ва ҷалби сармоягузорӣ; ва (3) рушди неруи инсонӣ [2, с.12].

СМР-2030 инчунин, уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Рӯзномаи асри XXI ва Ҳадафҳои рушди устувор»-ро (ҲРУ), ки дар ҷаласаи 70-уми Ассамблеяи Генералии СММ моҳи сентябри соли 2015 тасдиқ шудаанд, ба инобат мегирад. Диққати асосӣ дар ҲРУ ба моҳияти (консепсияи) рушди устувори инсон равона шудааст. Бинобар ин, пурра аз байн бурдани камбизоатӣ, иваз намудани тимсолҳои (моделҳои) ноустувор ва пешбурди тимсолҳои (моделҳои) устувори истеъмолот ва истеҳсолот, инчунин ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодию иҷтимоӣ, вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳими рушди устувори инсон маҳсуб меёбанд.

Ҳамаи ҳадафҳои калидии миллӣ ва шартҳои ноил шудан ба онҳо хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозӣ, шавқангезӣ ва навоварӣ (инноватсионӣ) доранд.

---

[1] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [матн] / Душанбе, 2015 – 103 с.

[2] Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [матн] / Душанбе, 2015 – 103 с.

Аз ин рӯ, масъалаи мазкур то андозае кумак ба амалисозии ҳадафҳои калидии СМР-2030 мебошад, яъне татбиқи тавсияҳо ва ё натиҷаҳои илмии мавод, ин татбиқи чанде аз ҳадафҳо ва нишондиҳандаҳои миллӣ, аз ҷумла мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва таҳкими нерӯ ва имкониятҳои ҷавонон ҳамчун замина барои рушди сармояи инсонӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар ҳақиқат, танҳо кишварҳои дорои иқтисодиёти рушдёфта метавонанд вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии устувор дошта бошанд. Баръакс, кишварҳое, ки сатҳи иқтисодёташон паст аст, ба табодулот ва таҳаввулоти гуногуни сиёсӣ ва иҷтимоӣ зуд-зуд дучор мешаванд.

Бо дарназардошти ин, дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон, бахусус таълиму тарбияи иқтисодии наврасон, рушди соҳибкории ҷавонон, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои тиҷоратии ҷавонони болаёқат ва ҳамкории ҳокимияти давлатӣ бо бахши хусусӣ дар ин раванд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Чуноне Карл Маркс иброз кардааст: «*Барои он ки воқеан озод бошем, объекти дастнигар (итоаткунанда) нею субъекти амал (фармоишгар) будан лозим, инсон бояд худро ҳам аз ҳукмфармоии номатлуби (зулми сиёсии) давлат ва ҳам аз вобатстагӣ ба молу ашё ва ҳолат озод кунад ва раванди истеҳсоли неъматҳои моддиро ба ихтиёри худ мутеъ гардонад*» [1, с.415].

Ҳамчунин, муттафакири барҷастаи халқи тоҷик Ҷалолиддини Балхӣ дар боби равшании илму мустақилӣ ва торикии гумону танбалӣ дар роҳи ҳаёт чунин баён мекунад:

Илмро ду пар аст, гумонро як пар аст,
Ноқис омад зан(н), ба парвоз абтар аст.
Мурғи якпар зуд афтад сарнигун,

[1] Зотов В.Д., Зотова Л.В. Таърихи омӯзишҳои сиёсӣ: Китоби дарсӣ [Матн] / М.: Юрист, 2005. – 605 с. (забон-русӣ)

Боз барпаррад ду гоме ё афзун... [1, с.234].

Асоси пешрафти давлату ҳукумат ва ҷомеаи кунунӣ на дар зулму истибдод ва ё дар гумону шубҳаву ҳарос, балки дар илмомӯзию, озодию шуҷоат ва мустақилияти маънавию молии шахс, бахсус фарди ҷавон инъикос мегардад. Чунончӣ шакли демократии идоракунии ҷомеа, ки мо онро аз солҳои 90-ум инҷониб ихтиёру интихоб кардаем, озодию соҳибихтиёрӣ ва талошварзию мустақилияти иқтисодии ҳар фардро ва дар умум давлатро тақозо мекунад.

Тоҷикистон кишвари ҷавон аст, зимнан ҳамагӣ 26,1 фоизи аҳолӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоланд, ки аксари ин гурӯҳро ҷавонон ташкил медиҳанд [2, с.18]. Ин таносуб дар байни ҷавонон ба 73 фоиз баробар аст.

Тибқи таҳлилҳо ҳар сол ба бозори меҳнат 163 ҳазор нафар ҳамчун қувваи нави корӣ ворид мешаванд, ки аз ин ҳамагӣ 47,2 фоиз соҳиби маълумоти касбӣ мебошанд [3, с.10-30].

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки барои бо ҷойи кори муносиб таъмин гардидани ин гурӯҳи азими ҷавонон шароити муносиб фароҳам овардан лозим мегардад. Маҳз ҳамин таносуб барои таъмини тавозуни муносибатҳо дар бозори меҳнат фаъолнокии бахши тиҷоратро тақозо менамояд.

Қобили зикр аст, ки даҳсолаи охир маҳз бахши тиҷорат ё соҳибкорӣ таваҷҷуҳи ҷавононро ҳамчун соҳибкор, ҳамзамон ҳамчун корҷӯ - қувваи корӣ бештар ҷалб менамояд. Фаъолияти намуди соҳибкорӣ на танҳо ҷойи кории муносиб аст, балки барои мустақилияти иқтисодии ҷавонон шароит фароҳам меорад. Ин маънои онро дорад, ки рушди фаъолияти соҳибкорӣ барои давлат

---

[1] Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ [Матн] / Душанбе: “Адиб”, 2022. – 688 с.

[2] Тоҷикистон дар рақамҳо [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 167 с.

[3] Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 96 саҳ .

ин зиёд гардидани шумори ҷойҳои корӣ муосир мебошад, илова бар ин он ҳамчун сабуккунандаи сарбории давлат ҷиҳати бо ҷойи корӣ таъмин намудани қувваи корӣ нав арзёбӣ мегардад.

Албатта, дар ин самт аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои муайян андешида шудаанд, аз ҷумла дар сатҳи қонунгузорӣ якчанд имтиёзҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва татбиқи ташаббусҳои шаҳрвандӣ дар байни ҷавонон муқаррар карда шудаанд, аммо аксари онҳо, мутаассифона, бо сабабҳои муайян аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ истифода намегарданд ё истифодаи онҳо аз лиҳози таъсиррасонии инсонӣ (субъективӣ) имконнопазир аст.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» фаъолсозони (субъектҳои) сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолияти соҳибкории ҷавононро тавассути таъминоти моддию техникӣ, кумакҳои пулӣ (грантҳо) ва қарзҳои имтиёзнок дар доираи амалисозии барномаҳои мақсадноки рушди соҳавӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ менамоянд. Ҳамчунин, муқаррар гардидааст, ки лоиҳаҳои тиҷоратии ҳунармандони ҷавон оид ба коркард ва истеҳсоли молу маҳсулоти дастӣ дар доираи фондҳои дастгирии соҳибкорӣ ва барномаҳои мақсадноки рушди давлатӣ дастгирӣ карда мешаванд [1].

Ин гурӯҳи имтиёзҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ хеле саривақтӣ ва муҳим мебошад, аммо аз ин имкониятҳо то кунун (аз соли 2004 инҷониб) ташкилоти соҳибкорӣ ба таври назаррас баҳра набардоштаанд, ба истиснои андак дастгириҳое, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон амалӣ мешавад. Ҳамчунин, пайваста фондҳои дастгирии рушди соҳибкорӣ мустақиман ташаббусҳои ҷавононро

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” [Матн] / №1830 аз 23.12.2021

дар доираи имкониятҳои мавҷуда (хеле кам) ҳамчун фаъолияти умумӣ дастгирӣ менамоянд, на ба сифати имтиёзи махсус, ки барои дастгирии ҷавонон нигаронида шуда бошад.

Санади дигари қонунгузорӣ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, имкониятҳоро барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ фароҳам меорад. Ин Кодекс бахшеро дар бар мегирад, ки низомҳои имтиёзноки андозро, аз ҷумла барои сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, коркарди нахи пахта ҳамчун маҳсулоти тайёр, истеҳсоли мурғ, фаъолият дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғайраро муайян мекунад [1].

Дар айни замон, маҳз бахшҳои имтиёзноки тиҷорат дар Тоҷикистон воқеан фоидаоваранд. Масалан, сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ айни замон барои соҳибкорон ташаббус ва ё имконияти хеле дастрас аст, зеро Тоҷикистон 4 фоизи иқтидори барқи обии (гидроэнергетикии) ҷаҳонро соҳиб аст. Ғайр аз ин, дар кишвар айни замон танҳо 4-5 фоизи ин иқтидор истифода мегардад [2].

Бо вуҷуди ин имкониятҳо суръати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар байни ҷавонон дар таносуб бо дигар кишварҳои минтақа заиф аст.

Масалан, дар кишвари ҳамсоя – Ҷумҳурии Халқии Хитой ба соҳибкорони ҷавон имкониятҳои хеле фасеҳ фароҳам оварда шудааст, зимнан имрӯз кишварҳои зиёд аз молу колои истеҳсоли Хитой фаровон мебошад. Илова бар ин, самтҳо ва ё лоиҳаҳое, ки дар кишвари мо фоидаовар ба ҳисоб намераванд, ба монанди коркарди партовҳо ва маҳсулоти коғазию пластикии

---

[1] Дар бораи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901 [Матн] // Ахборӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. - № 9. - Моддаи 838. – 2013. - № 12. - Моддаи 889

[2] Шарҳи бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] : Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: – Тартиби дастрасӣ: http://mfa.tj/ru/energetika/obzor-energeticheskogo-sektora-rt.html

истифодашуда, дар Хитой ва дигар кишварҳои пешрафта ба тиҷорати калон табдил ёфтаанд.

Аз инҷо хулоса бармеояд, ки агар аз як тараф созукорҳои (механизмҳои) дастгирии фаъоли соҳибкорӣ фароҳам нагардида бошанд, аз тарафи дигар сатҳи пасти дониш, маҳорат ва малакаи иқтисодии ҷомеа, ҷавонон ва соҳибкорон низ, монеи рушди фаъолияти соҳибкорӣ гардидааст.

Ин номувофиқатӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки манбаи пайдоиши тамоми мушкилот, ин заифии қобилияти зеҳнии инсон ва танбалию камфаъолӣ дар омӯхтани илму дониш мебошад. Ҳамин аст, ки вобаста ба муайян кардани ғояҳои созанда, таҳлил, таҳияи мафҳумҳои амалӣ (консепсияҳо) ва лоиҳаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва истеъмолкунандагон, истеҳсоли маҳсулот, ҳифз, намоиш ва фурӯши маҳсулот доираи тиҷорати мо, ҳамчунин ҷавонон тангдастӣ доранд.

Дар инҷо дастгирии фаъоли соҳибкорӣ, ин маънои дар амал ва ё гардиш қарор доштани созукорҳои дастгирии соҳбкоронро ифода мекунад. Мисол, ҷорӣ будани низоми озодӣ аз санҷишҳои нақшавӣ ва ё камаҳамият (моратория) нисбат ба соҳибкорон. Яъне, эълон кардани низоми озодӣ ҳоло фаъол будани онро ҳамчуни дастгирии соҳибкорон ифода намекунад, то он лаҳзае, ки он ҷорӣ гардад.

Бо мақсади таъмини кафолатҳои давлатӣ барои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба ҳимоя, дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ аз ҷониби давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорон» қабул карда шудааст, ки маҷмӯи чораҳоро барои рушди соҳибкорӣ муайян мекунад [1].

---

[1] Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1107 [Матн] // Ахборӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. - No 7. - қисми 2. - Моддаи 404

Тибқи ин Қонун мақоми ваколатдори давлатӣ вазифадор аст, ки имкониятҳо ва имтиёзҳои муайянкардаи онро пеш барад ва табиқ намояд. Аммо, аксари шаҳрвандони кишвар, бахусус субъектҳои соҳибкорӣ дар хусуси мавҷудияти ин имтиёзҳо ва ё имкониятҳо ба таври кофӣ огоҳӣ надоранд [1]. Аз ҷумла, ҷавонон, ки аксариятро ташкил медиҳанд, бояд аз чунин тадбирҳои давлатӣ пурра огоҳ бошанд ва бо маълумоти зарурӣ ҷиҳати истифодаи пурраи онҳо таъмин карда шаванд.

Имрӯз ҷомеа бояд барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ дар маҷмуъ тамоми шароиту имкониятҳоро фароҳам оварад, аз ҷумла барои оғози тиҷорат ва рушди он. Чораҳои асосии мусоидаткунанда барои оғози тиҷорати худ, дастгирӣ ва кафолатҳои давлатӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии қонунгузорӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорон» хеле равшан муайян шудаанд; қадами дигар дар инҷо, зарур аст, ки ин муқаррарот дар сатҳи баланд татбиқ карда шуда, шароитҳои дастгирию маблағгузории фаъолияти соҳибкории ҷавонон боз ҳам васеъ карда шавад.

Илова бар ин, дар мамлакат бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ба роҳ мондани фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ҳамчун омили асосии ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишвар тавассути таъмини шуғл ва баланд бардоштани сатҳи воқеии некӯаҳволии аҳолӣ «Барномаи давлатии дастгирии соҳибкорӣ» амалӣ карда мешавад. Амалисозии самараноки чунин барномаҳои давлатӣ метавонад то андозае ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намояд, аммо мушкили дигаре пеш омадааст; субъектҳои татбиққунандаи барномаҳои давлатӣ, бахусус ҳайати

[1]Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1107 [Матн] // Ахборӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. - № 7. - Кисми 2. - Моддаи 404

кордонҳои (кадрии) вобасташуда на ҳамеша фаъоланд, чун аз дониш, таҷриба ва малакаву маҳорати зарурӣ пурра бархурдор нестанд. Зимнан, шуморе аз барномаҳои давлатӣ бо камомад ва ё дастёб нашудан ба нишододҳои муқарраршуда ҷамъбаст мегарданд.

Яъне, зарур аст, ки ҳайати кордонҳои (кадрии) субъектҳои қабулкунандаи қарорҳо низ, мунтазам такмили сатҳи донишу малака намоянд ва зимни таҳияи созукорҳо (механизмҳо) бо доираи илм ва соҳибкорон пайваста дар ҳамкорӣ бошанд.

Мисол. Барои дастгирии молиявии лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва чорабиниҳо дар соҳаи дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он фаъолиятҳои таълимӣ, иттилоотӣ ва таҳлилӣ, нашриявӣ, иқтисодӣ ва молиявӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ «Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуда буд [1]. Ин ниҳод дар давоми ду соли фаъолият барои дастгирии 42 лоиҳа (аз 182 лоиҳаи пешниҳодшуда), ки ба рушди иқтидори истеҳсолӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нигаронида шуда буданд, ба маблағи умумии 34 миллион сомонӣ (тақрибан 7 миллион доллар) қарзҳои имтиёзнок ҷудо кард. Маблағҳо аз Фонд ҳамчун қарзи имтиёзнок бо меъёри 12 фоиз (солона) ба мӯҳлати то ду сол ҷудо карда шуданд [2].

Ин таҳлил нишон медиҳад, ки ҳамагӣ 23 фоизи лоиҳаҳо ё субъектҳои соҳибкорӣ дастгирӣ ёфтаанд. Яъне, ин ҳолат кифоя набудани сатҳи дониш ва малакаи субъектҳои асосӣ ва иқтидори заифи соҳибкоронро, ки дар боло зикр гардида буд, тасдиқ мекунад.

---

[1] Дар бораи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» [Маводи электронӣ]: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2013, №34. – Душанбе: – Тартиби дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=118710

[2] Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон барои дастгирии 17 лоиҳа тақрибан 1,8 миллион доллар ҷудо кард [Манбаи электронӣ]: Портали интернетии ИДМ. – Минск: 2014. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.e-cis.info/news.php?id=9056

Шароити дигаре, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисодиёт, аз ҷумла бахши хусусии кишвар ва беҳтар кардани фазои соҳибкорӣ пешниҳод кардааст, ин ташкил гардидани минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) мебошад. Ташаббуси МОИ бар асоси таҷрибаҳои байналмилалӣ баҳри ноил гардидан ба ҳадафҳои дурамали (стратегии) рушди иқтисодии кишвар амалӣ карда мешавад ва аз ҷониби ҷомеаи тиҷоратӣ ҳамчун имконияти муносиб барои рушди соҳибкорӣ истиқбол гардидааст. То имрӯз дар Тоҷикистон МОИ дар 4 минтақа фаъолият мекунанд: Суғд, Панҷ, Данғара ва Ишкошим.

Яке аз дастовардҳо дар самти рушди иқтисодӣ, ки аҳамияти ҷаҳонӣ дорад, узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) санаи 2 марти соли 2013 мебошад. Айни замон 159 кишвар узви СҶС мебошанд. Узвият дар СҶС ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ эътироф гардад ва ҳамчун мамлакати қобилиятнок ва салоҳиятнок дар самти рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ арзёбӣ гардад. Ин ба кишвар имкон медиҳад, ки сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт бештар ҷалб гарданд ва бо ин васила пояи рушди иқтисодии кишвар тақвият бахшида шавад.

Дар навбати худ, доираи соҳибкорон метавонанд аз ин имконият барои густариши фаъолияти тиҷоратӣ дар хориҷа ва муҳимтар аз ҳама, ҷалби сармоягузории хориҷӣ барои амалисозии лоиҳаҳои нав ва устувори тиҷоратӣ дар ҳошияи рушди шарикӣ бо ширкатҳои хориҷӣ истифода барад.

Аммо, чи тавре мушоҳида мегардад, то имрӯз шумори ками соҳибкорон аз ин имконият истифода бурдаанд; бисёриҳо аз мавҷудияти чунин имконот ва дастрасии чунин майдони рушд (платформа) огоҳ нестанд, зимнан, ширкатҳои хориҷӣ дар бозори кишвар ҷойгоҳи хос ишғол карда истодаанд. Яъне, ҳамагуна холигӣ новобаста аз сабабу омилҳо дер ё зуд пурра карда мешавад.

Бо инобати таҳлили боло метавон хулоса кард, ки намояндагони бахши хусусӣ бояд набзи тиҷорат ва соҳибкории муосирро дарк намоянд, сатҳи дониш ва малакаҳои соҳибкории худро такмил диҳанд ва равишҳои нави тиҷоратро аз худ кунанд. Ҳамчунин, робитаи доимӣ бо ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки салоҳият, имконият ва қобилияти кӯмак ва мусоидат карданро ҷиҳати омӯзонидани донишҳои нави идоракунӣ, тиҷоратӣ ва равишшинохтиро (технологиро) доранд, махсусан муҳим аст. Яъне, дар ҳамкорӣ, муттаҳидӣ ва ҳамоҳангӣ метавон ба ҳадафҳои рушд бо суръати муътадил ва харҷи камтар расид.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои низоми иқтисоди бозорӣ барои рушди бахши хусусӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст (якчанд санадҳои қонунгузорӣ қабул шудаанд, имтиёзҳо муайян карда шудаанд ва низоми дастгирии мунтазами доираи тиҷорат муқаррар шудааст).

Ҷавонон дар ин самт боризони (акторҳои) умедбахш ҳисобида мешаванд, зеро онҳо, аксаран қишри фаъоли иқтисодиро ташкил медиҳанд. Аммо, нерӯи зеҳнӣ, дониш ва малакаҳои соҳибкорон, бахусус ҷавонон заиф мебошад. Гурӯҳи зиёди соҳибкорон қобилият ва малакаҳои таҳилӣ, омӯзишӣ, тавлиди ғояҳои (идеяҳои) муосир, таҳияи консепсияҳо ва лоиҳаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва муштариён, истеҳсоли маҳсулот, ҳифз, намоиш ва фурӯши маҳсулоти худ ва дарки нишондиҳандаҳои байналмилалии тиҷоратро надоранд.

Ҳалли ин масъалаҳо чораҳои таъхирнопазирро тақозо мекунад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Чаро бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ солҳои охир таваҷҷуҳи беши ҷавононро ҷалб кардааст?
2. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ҳадафи олии Тоҷикистон дар кадом санад муқаррар гардидааст?
3. Рушди неруи инсонӣ дар доираи СМР-2030 ба сифати кадом самт ҳадаф гузошта шудааст?
4. Вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳими рушди устувори инсон маҳсуб дар доираи «Ҳадафҳои рушди устувор» кадомҳоянд?
5. Асоси пешрафти давлату ҳукумат ва ҷомеаи кунунӣ на дар зулму истибдод ва ё дар гумону шубҳаву ҳарос, балки дар чи инъикос мегардад?
6. Кадом шакли идоракунӣ озодию соҳибихтиёрӣ ва талошварзию мустақилияти иқтисодии ҳар фардро ва дар умум давлатро тақозо мекунад?
7. Аз шумори беша 160 ҳазор нафар, ки ҳар сол ба бозори меҳнат ҳамчун қувваи нави корӣ ворид мешаванд, чанд фоизашон соҳиби маълумоти касбӣ мебошанд?
8. Фаъолияти соҳибкорӣ барои давлат чи нафъ меорад?
9. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» фаъолияти соҳибкории ҷавонон бояд чи гуна дастгирӣ ёбад?
10. Суръати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар байни ҷавонон дар таносуб бо дигар кишварҳои минтақа заиф аст, чаро?
11. Дастгирии фаъоли соҳибкорӣ чист?
12. Шуморе аз барномаҳои давлатӣ бо камомад ва ё дастёб нашудан ба нишододҳои муқарраршуда ҷамъбаст мегарданд, чаро?
13. Дар Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар 4 минтақа фаъолият мекунанд, кадомҳо?

14. Узвияти Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) чи афзалият дорад ё чи имкон медиҳад?
15. Вобаста ба таъмини рушди иқтисодиёти кишвар намояндагони бахши хусусиро чи мебояд кард?
16. Ҷавонон дар самти рушди бахши хусусӣ боризони (акторҳои) умедбахш ҳисобида мешаванд, чаро?

§ 12. Асосҳои рушди соҳибкории ҷавонон ва сармоягузории шаҳрвандӣ

Асосҳои дастгирӣ ва рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ва доираи тиҷорат пулест байни воқеият ва дурнамои иқтисодиёти кишвар.

Ҷавонон дар Тоҷикистон чун аксариятро ташкил медиҳанд, манбаъ ва ё захираи асосии рушд, ҳамчунин пешбарандаи ислоҳотҳо дар самти рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фаниву навоварӣ ба ҳисоб мераванд. Нерӯи ғоявӣ, эҷодӣ, тавонӣ ва сатҳи зуддаркнамоии онҳо барои таъмини рушди пайвастаи ҷомеа хеле аҳамиятнок мебошад.

Дар робита ба ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони кишвар санаи 23 майи соли 2013 махсусан таъкид мекунанд, ки «...бе *иштироки фаъоли чунин нерӯи бузург (ҷавонон) рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлати моро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, мо пайваста аз иштироки ҳамаҷонибаи ҷавонони кишвар дар раванди созандагии Ватани муқаддасамон пуштибонӣ мекунем ва барои беҳтар кардани шароити зиндагӣ ва таҳсил, омӯхтани касб ва шуғли самараноки онҳо тамоми чорабиниҳои зарурӣро меандешем*» [1, с.1].

[1] Раҳмон Э. Ҷавонон – иқтидори эҷодӣ ва созандаи кишвар: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 23 майи соли 2013 [Матн] / Душанбе: Омӯзгор, 2013. – 12 саҳ .

Асоси иштироки фаъоли ҷавононро дар ҳаёти ҷомеа сиёсати давлатии ҷавонон ташкил медиҳад, ки чаҳорчӯби меъёрию ҳуқуқии онро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи сиёсати миллии ҷавонон», «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон» ва «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон (Барномаи миллии ҷавонон)» ифода мекунад.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии зикршуда гарчанде хусусияти иҷтимоию сиёсӣ дошта бошанд ҳам, масъалаҳои муҳим ва калидии иқтисодии ҷавононро фаро мегиранд.

Мисол: дар «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки давравӣ (ҳар се сол) таҳияи ва амалӣ мегардад, яке аз самтҳои афзалиятнок бо унвони «мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва рушди соҳибкории ҷавонон» муқаррар гардидааст. Ин самти афзалиятнок маҷмӯи чораҳоро оид ба беҳтар кардани вазъи иқтисодии ҷавонони Тоҷикистон, аз ҷумла дастгирии соҳибкории ҷавонон, баланд бардоштани маърифати иқтисодии ҷавонон, дастгирии лоиҳаҳои тиҷоратӣ ва ғайра фаро мегирад.

Дар умум, татбиқи мунтазами ин тадбирҳо барои ба даст овардани натиҷаҳои муайян мусоидат намудаанд, аммо дар муқоиса бо вазъи иқтисодӣ ва талаботи ҷомеаи муосир, онҳо назарраси нестанд.

Мисол, барои амалисозии «Барномаи миллии ҷавонон» дар соли 2017 маблағ дар ҳаҷми 3,7 миллион сомонӣ (420 ҳаз. долл. ИМА) ҷудо карда шуда буд. Аммо, татбиқи воқеии Барномаи мазкур, яъне маблағгузорӣ ва иҷро шудани вазифаҳои он дар саросари кишвар дар ҳадди 76 фоиз таъмин гардид, ин таносуб дар Душанбе-93 фоиз,

Хатлон-97 фоиз, Суғд-86 фоиз, ВМКБ-51 фоиз ва дар ноҳияҳои тобеи марказ-36 фоизро ташкил дод [1].

Дар инҷо ду омилро, ки боиси камфаъолии иқтисодии ҷавонон шуда метавонад, пай бурдан мумкин аст:

Якум, кам будани маблағ; албатта, ин дар доираи имконоти буҷети давлатӣ аст, аммо дар қиёс бо бозори иқтисодии минтақа хеле кам аст;

Дуюм, сатҳи пасти огоҳӣ ё маълумотнокии субъектҳои маҳалӣ; аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ вобаста ба талаботи (принсипҳои) татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла ҳадафҳо ва вазифаҳои барномаҳои давлатӣ ҳиссаи маблағи муайяншуда пурра ҷудо ва ё таъмин карда намешавад.

Боиси зикр аст, ки дар шароити ҷомеаи муосир, имрӯз манбаҳои гуногуни маблағгузории ташаббусҳо дар самти татбиқи сиёсати ҷавонон мавҷуданд, яъне танҳо ба буҷет такя кардан, роҳи ҳалли масъала нест. Гузашта аз ин, имкониятҳои буҷети давлатӣ дар кули кишварҳо якранг аст, яъне маҳдуд аст. Аз ин рӯ, роҳи дурусти ҳалли масъалаи мазкур – маблағгузорӣ ва ё сармоягузорӣ ба ояндаи наздики худ, ин муттаҳид кардани захираҳо мебошад, аз ҷумла истифода аз имкониятҳои доираи тиҷорат, сармоягузорони дохили, минтақавӣ ва хориҷӣ, ташкилотҳои муқими байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра.

Яке аз ҷанбаи муҳимтарин дар самти беҳтар кардани вазъи иқтисодии ҷавонон ин тамоюли соҳибкорӣ мебошад, ки дар шароити ҷомеаи муосир ва бозори меҳнат ҳамчун намуди фаъолияти муносиб, саривақтӣ ва устувор эътироф шудааст ва худро ҳамчунин, яъне афзалиятнок нишон додааст.

[1] Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 [Матн]: Гузориш оид ба татбиқ дар соли 2017 / Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати ҶТ. - Душанбе: 2018.

Барои рушди соҳибкорӣ дар доираи сиёсати давлатии ҷавонон ҷиҳати таъмини дастрасии ҷавонон бо хизматрасониҳои зарурӣ чанде тадбирҳо андешида шудаанд, гарчанде нокифоя бошанд ҳам...

Дар шаҳри Душанбе Корхонаи воҳиди давлатии «Клуби соҳибкорони ҷавон» ҳамчун як ниҳоди ёрирасон ба Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Аммо, аъзои Клуб то андозае аз фаъолияти он қаноатманд нестанд. Тибқи ҳадафҳои оинномавии худ, Клуб бояд ҳамчун тавлидкунандаи имкониятҳои (инкубатори) тиҷоратӣ фаъолият кунад, ба соҳибкорони ҷавон ҳамаҷониба кумак расонад, аз қабили хизматрасонии машваратӣ, омӯзиши малакаи соҳикборӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ташкили имкониятҳо барои гирифтани қарзҳои имтиёзнок, кумакҳои пулӣ (грантҳо), ҳамчунин дарёфти сармоя ва сармоягузорӣ ва ғайра. Яъне, барои соҳибкорони ҷавон боя фазои мусоид ва имкониятҳоеро фароҳам орад, ки онҳо фаъолияти худро рушд диҳанд, васеъ намоянд ва пеш раванд. Аммо, ин натиҷаҳо дар айни ҳол назаррас нестанд.

Масъалаи дарки моҳияти соҳибкорӣ, сатҳи дониш ва малака барои пешбурди мустақилонаи тиҷорати худ дар байни ҷавонон кушода боқӣ мемонад, ҳоло на ҳама ин намуди фаъолиятро пурра дарк карда метавонанд.

Тавре дар боло қайд карда шуд, дар саросари ҷумҳурӣ монеаҳои муайяни субъективӣ ва анъанавӣ мавҷуданд, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ халал мерасонанд ва ин вазъ хеле возеҳ дар фаъолияти соҳибкорони ҷавон ба назар мерасад.

Масъалаи муҳимтарин, ин дастгирии соҳибкорони ҷавон ва навкор (навоғоз ва ё «стартап») аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад. Тибқи қонунгузорӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ бояд барномаҳои маҳаллӣ ва минтақавиро барои дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ бо назардошти роҳандозӣ намудани равишҳои

шавқангезии соҳибкорони ҷавон таҳия ва амалӣ намоянд, аммо чунин барномаҳо то ҳанӯз ба таври мунназам амалӣ намегарданд [1]. Зимнан, дар инҷо маблағи зиёд лозим нест, ингуна барномаҳоро бо ҷалби маблағгузории соҳибкорони муваффақ низ, татбиқ кардан мумкин аст, чуноне ки дар кишварҳои пешрафта роиҷ аст.

Хулоса (илова ба пешниҳодҳои боло), мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ вобаста ба рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон бояд ҳавасманд бошад, зеро ташкил ёфтани дилхоҳ ниҳоди соҳибкорӣ, ин манбаи даромади буҷети маҳаллӣ аст. Гузашта аз ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ фишангҳои иқтисодӣ ва муносибатҳои бозоргонӣ рӯз аз рӯз таҳдидҳои нав ба нав тавлид карда истодаанд, ки як навъ шакли муқовимат бо онҳоро метавонад танҳо аксуламали ин ҳолат ба вуҷуд овардад, яъне мавҷудияти иқтидори муносиби (баробари) иқтисодӣ. Чун аҳолии киршвар ҷавон аст, мо имкони зиёди ташаккул додани чунин иқтидорро дар симои ҷавонони соҳибкори умедбахш дорем. Зиёд шудани шумори соҳбкорони ҷавон - ин таҳким ёфтани иқтидори иқтисодии малакат мебошад.

Ниҳоди дигари мусоидаткунанда ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва рушди доираи тиҷорат ин ҷомеаи шаҳрвандӣ аст.

Дар раванди демократикунонӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди бахши хусусӣ нақши муҳим мебозад. Мустаҳкам гардидани мавқеи захиравии (соҳибимконии) тиҷорат аз сатҳи рушди ҷомеа, вазъи иқтисодии он ва маънавиёту моддиёти ҷомеа вобаста аст. Дар айни замон ҷомеаи шаҳрвандӣ барои мусоидат ба рушди тиҷорати пурмазмун ва аҳамиятнок ва ташаккули пояҳои бунёдии рушди устувор имкониятҳои васеъ дорад. Ба ибораи дигар, ҷомеа ва тиҷорат манфиатҳои муштарак доранд ва бо

[1] Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1107 [Матн] // Ахборӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. - No 7. - Қисми 2. - Моддаи 404

ҳам пайванди ногусастанӣ доранд: агар тиҷорат бозорҳои молу мулк, моддиёт, шуғл ва меҳнатро дар ихтиёр дошта бошад, пас ҷомеаи шаҳрвандӣ сармояи инсониро дар ихтиёр дорад, ки аз захираҳои маънавӣ ва ҷисмонӣ иборат мебошад [1, с.3].

Фаъолтарин ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки то андозае дар робита бо бахши хусусӣ, бахусус доираи тиҷорат қудрати назаррас доранд, инҳо оила ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, чуноне ки дар кишварҳои пешрафта маъмул аст, метавонанд фаъолияти тавлидгарони (инкубаторҳои) тиҷоратиро ҳатто аз ҳисоби худи соҳибкорон фаъолона дастгирӣ кунанд ва ё дар ин самт барномаҳои махсуси машваратӣ, омӯзишӣ ва иттилоотии тиҷоратиро ба амал бароранд ва албатта, ба рушди иқтидори фановарии (технологии) доираи тиҷорат мусоидат намоянд.

Илова бар ин, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имкон доранд, ки барои ташкили тавлидгарони (инкубаторҳои) тиҷоратии шарикӣ ҷиҳати омӯзонидани ҷавонон бо малакаҳои соҳибкорӣ, усулҳои харид ё фурӯши маҳсулот, бозоршиносӣ (маркетинг), роҳҳои истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, масъалаҳои андозбандӣ ва ғайра мусоидат намоянд. Ин тимсоли (модели) амал бо тартиби (принсипи) равонасозӣ ё вобаста кардани вазифаҳо ва масъулиятҳои дуюмдараҷа ба ташкилотҳои махсусгардонидашудаи касбӣ (дар мисоли иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ) ва ҷудо кардани хизматрасониҳои алоқаманд барои ба даст овардани даромадҳои ғайричашмдошт ва натиҷаҳои босифат мувофиқ аст.

Мисол: СҶС, ки иттиҳодияи ҷамъиятии сатҳи ҷаҳонӣ мебошад, танзимшаванда, пешгӯишаванда, шаффоф ва

[1] Колмикова О. Н. Ҳамкории ҷомеа, ҳукумат ва тиҷорат [Матн] / Сабтҳои илмии филиали Тамбови Донишгоҳи илмӣ-методии Русия. - 2015. - С. 1-5 (забон-русӣ)

боадолат гардонидани тиҷорати байналмилалиро ҳадафи худ гузоштааст [1].

Яъне, сохти идоракунии имрӯзаи ҷомеа имкон медиҳад, ки чунин иттиҳодияҳои ҷамъиятии касбӣ дар сатҳ, дараҷа ва соҳаҳои гуногун (маҳаллӣ, минтақавӣ, соҳавӣ ва ғ.) таъсис дода шуда, ба ҳалли мушкилоти рӯзмарраи доираи тиҷорат мусоидат намоянд. Зимнан, дар шароити Тоҷикистон чунин иттиҳодияҳо хеле кам ба назар мерасанд ва ҳамин аст, ки доираи тиҷорати мамлакат камфаъол аст ва дар муносибатҳои бозорӣ ба таври дилхоҳ рақобат карда наметавонад.

Мисоли дигар, тибқи мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои ҷамъиятӣ дар шароити ҳамсоякишвар-Ҷумҳурии халқии Хитой хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) хеле фаъоланд ва истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро асосан тариқи гармхонаҳо ба роҳ мондаанд, дар Тоҷикистон бошад, акнун деҳқонон (бо шумори хеле кам) ба фаъолияти гармхонавӣ гузаштаанд, аммо ба мушкилоти зиёд пешорӯ омадаанд. Муаммо (мушкили асосӣ) дар он аст, ки дар низоми ташкилию ҳуқуқии соҳаи кишоварзӣ як навъ иттиҳодияи ҷамъиятӣ – ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ мавҷуд аст, аммо аксари мардум (деҳқонон) ба ин шакли иттиҳодия эътимоду боварӣ надоранд; сабаб, паст будани сатҳи дониши деҳқонон ва кам будани кордонҳои болаёқат, ҳамчунин талош накардани ҷавонон ба ин сатҳи донишу малака.

Дигар ниҳод, ки дар самти тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи мустақилияти иқтисодӣ масъул дониста мешавад, ин оила аст. Оила дар ҳоли ҳозир, мутаассифона, ба ташаккули малакаҳои соҳибкорӣ ва ё маданияти иқтисодии ҷавонон таъсири кам дорад. Собити ин мушкилот ва ё камфаъолии оила ин ҷорӣ будани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну

[1] Созмони умумиҷаҳонии савдо [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - https://tg.wikipedia.org/wiki/Созмони-умумиҷаҳонии-савдо

маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (№2048, 20.06.2024), ки дар муқаддимаи он чунин оварда шудааст: «*Қонуни мазкур тартиби гузарондани ҷашну маросимро муайян карда, ба ҳифзи арзишҳои асили фарҳанги миллӣ, пешгирии хурофоту таассуб, баланд бардоштани маънавиёт ва сатҳи иҷтимоию иқтисодии мардуми Тоҷикистон равона гардидааст*». Аз тарафи дигар, агар сатҳи маданияти иқтисодии ҷомеа, бахусус оила баланд мебуд ва ё агар ҷомеа, ки ҳама мусалмон ҳастем, ба талаботи аслии дини ислом итоат мекард, зарурати қабули чунин қонун пеш намеомад.

Зимнан, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо ҷалби аъзои оила, албатта, метавонанд, ки чорабиниҳои гуногуни иттилоотиро дар бораи чаҳорчӯбаи қонунгузорӣ ва шароитҳои фароҳамбудаи соҳибкорӣ дар кишвар амалӣ намоянд ва бо ин васила ба тарбияи муносиби иқтисодии ҷавонон муосидат кунанд. Тақозои саҳмгузории онҳо дар омӯзиши ҷавонон ва дастгирии онҳо барои таълим, такмили савияи дониш ва малакаҳои соҳибкорӣ хеле саривақтӣ мебошад.

Умуман, иштироки амалии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон ба назар намерасад, мувофиқан доираи тиҷорат лоиҳаҳои иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандиро дастгирӣ намекунад. Яъне, дар ин муносибат муаммои сарбастае вуҷуд дорад, ки ҳамчун одати кӯҳнашуда яке дигареро сабаб (гунаҳгор) дониста, ба баҳси беохир мепардозанд...

Дар ҷомеаи муосир, ки сохти демократии идоракунӣ ва бозориро пеша кардааст, яке аз манбаъҳои асосии даромади оила, ин фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад. Дар Тоҷикистон яке аз намудҳои соҳибкории анъанавӣ – ҳунарҳои дастӣ босуръат рушд карда истодааст, ки асосан дар шароити хона ба амал бароварда мешавад. Ғайр аз ин, одамон молҳои истеҳсоли оилавиро

(дастиро) нисбат ба молҳои истеҳсоли коргоҳу фабрикаҳо афзалтар медонанд.

Масалан, тиҷорати оилавӣ, аз қабили кандакорӣ дар чӯб, катҳои анъанавии чӯбӣ, сӯзанӣ бо тарҳҳои анъанавӣ хеле маъруфанд. Бо вуҷуди ин, ниҳоди ҳунарҳои дастӣ бо як қатор мушкилоти молиявӣ ва низомнок рӯбарӯ мебошад, ки ҳалли онҳо аз бахши хусусӣ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки роҳбарияти олии кишвар дар солҳои охир ба ин масъала таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад; эълон шудани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инъикосгари ҳамин вазъ аст [1]. Хурсандиовар аст, ки дар доираи ин ташаббус истеҳсоли ҳунарҳои дастӣ аз ҳама гуна андозҳои марбута озод карда шудааст. Истифодаи самараноки ин имкониятҳо роҳҳои навро барои рушди бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ боз хоҳад кард.

Сармоягузории шаҳрвандӣ

Сармоягузории шаҳрвандӣ як тарҳи (модели) комилан нави рушд аст, ки ба оила нигаронида шудааст, дастрастар, намоёнтар, дорои пояи устувор ва кафолатбор мебошад.

Яъне, манбаъ ва ё сармоягузор шаҳрванди давлати муайян мебошад. Ба сифати яке аз чунин манбаъҳои муътамад шаҳрвандони дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордоштаи мо ба ҳисоб меравад, ки хоҳ нохоҳ ба иқтисодиёти мамлкат сармоягузорӣ доранд, аммо бидуни як низоми муайян, ки он ҳам асосан хусусияти иҷтимоӣ дорад.

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 22.12.2017. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/16772

Зимнан, сармоягузориҳои иҷтимоӣ табиатан хосияти камшавӣ ё масрафшавӣ дошта, натиҷаи иқтисодии дилхоҳ ба даст намеоранд. Гузашта аз ин, манбаи сармоягузории иҷтимоӣ ин сармоягузории иқтисодӣ аст. Яъне, барои он ки вазъи иҷтимоӣ беҳтар шавад, ки ҳадафи аввалиндараҷаи давлат ва оила аст, зарур аст, ки манбаи маблағгузорӣ ё сармоягузории он устувор бошад ва ин устувориро танҳо сармоягузории иқтисодӣ ташкил медиҳад.

Ба лафзи дигар, пеш аз онки ба соҳаи иҷтимоӣ сармоягузорӣ равона гардад, аввал мебояд, манбаи иқтисодии онро ташаккул дод, яъне таҳкурсии сармоягузории иҷтимоӣ ин сармоягузории иқтисодии аст, баръакси ин ҳолат ногувории фаъолият ва масрафи бенизомро (исрофкориро) пеш меорад.

Тибқи таҳлилҳо ва маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2024 ҳаҷми умумии интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнатӣ дар чаҳон ба 905 миллиард доллари ИМА баробар гардидааст, ки қисми зиёди ин интиқол ба кишварҳои сатҳи миёна ва паст рост меояд. Аҳамиятнокии вазъ дар он аст, ки ин интиқол нисбат ба ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ва кумаки башардӯстона бештар аст [1].

Соддатар ва равшантар агар иброз намоем, имрӯз зарур аст, ки низоми ҷалб, таҳия ва татбиқи сармоягузории шаҳрвандии муҳоҷирони меҳнатӣ ташаккул дода шавад.

Мутобиқи таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо ҳаҷми маблағи интиқоли солонаи муҳоҷирони меҳнатӣ ҳудудан ба 45-50 фоизи ММД баробар аст.

Мисол: соли 2022 муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаҷми 5,2 миллиард доллари ИМА маблағ интиқол додаанд.

---

[1] Пул аз он ҷое, ки кор ҳаст: чи гуна муҳоҷирати меҳнати Тоҷикистонро дастгирӣ мекунад [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - https://caravan-info.pro/tg/pul-az-on-choe-ki-kor-hast-chi-guna-muhochirati-mehnati-tochikistonro-dastgiri-mekunad/

Барои дарк намудани аҳамиятнокии масъала чунин мисолро баррасӣ менамоем: ба ҳолати имрӯза тибқи таҳлилҳо барои сохтмони НБО «Роғун» ҳудуди 4 миллиард доллари ИМА равона гардидааст [1]. *Яъне, дар сурате, ки агар ҳаҷми солонаи интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба сохтмони НБО «Роғун» равона мегардид, он аллакай ба истифода дода мешуд.* Таъкид мегардад, ки ин мисол барои андеша ва фаҳм рафтани вазъият ва аҳамиятнокии сармоягузории шаҳрвандӣ мебошад.

Аммо, воқеият, мутаассифона, талх аст – то ин давра маблағи ягон нафаре (муҳоҷири меҳнатие) ба самти иқтисодии кишвар ва ё ба худи оила ҳамчун сармоягузории мақсаднок равона нашудааст ва ин даврараро метавон ҳуддуан 25 сол ба ҳисоб гирифт. Яъне, тамоми маблағҳои интиқолӣ сирф хусусияти иҷтимоӣ доранд ва барои ниёзҳои ҳаррӯзаи иҷтимоии аҳолӣ сарф мешаванд. Ин вазъият, дар мисоли манбаи сармоягузорӣ, чоҳеро монанд месозад, ки номаш «рӯзғор» ва ҳар рӯз ба ин чоҳ даҳҳо ҳазор сомонӣ партофта шуда истодааст, албатта, бебозгашт ва бесамар.

Боиси зикр аст, ки ҳадаф аз баррасии ин масъала, аслан, «истифода намудан» ва ё «аз худ кардани» маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба нафъи касе нест ва ҳокимияти давлатӣ низ, ба ингуна муносибат роҳ намедиҳад, чун тибқи ниҳоди демократия ва кафолатҳои конститутсионӣ вазифаҳо ва салоҳиятҳои фард, ҷамъият ва ҳокимияти давлатӣ фарқкунандаанд. Ҳамчунин, таҳлили мазкур маънии «истифода нагаштани маблағҳои интиқолиро ба рӯзғор» надорад, ҳадаф таъмини истифодаи самараноки он аст.

Мисол: дар як моҳ, агар ба як оила 10 ҳазор сомонӣ фиристода (ворид) шавад, хуб мебуд, агар ҳадди аққал 50

[1] Тоҷикистон барои нерӯгоҳи барқи обии Роғун Фонди муштараки фоидаро таъсис медиҳад [Маводи электронӣ] / тартиби дастрасӣ - https://fergana.ru/news/137154/?country=tj

фоизи он ба рӯзғор ва қисми дигари он ба самти иқтисодии худи оила равона мегардид. Зеро муҳоҷирати меҳнатӣ, худ як навъ соҳибкорӣ аст ва агар соҳибкорӣ фоида наорад, пас он самаранок нест. Яъне, ҳар 1 сомонии бадастовардаи ин навъи меҳнат ё заҳмат бояд камаш 2 сомонӣ даромад биёрад.

Дар инҷо тавсия мегардад, ки минбаъд маблағҳои бо заҳмати гарон бадастовардаи ҷавонмардон бенизом (беҳуда) масраф нагардаду самара биёрад. Роҳҳои таъмини самаранокии ин муносибат хеле зиёд ва возеҳ аст, мушкил дар он аст, ки мо то ҳол аз фаҳми он дур ҳастем...

Мисол: мебояд чунин манбаъҳоро ҳамчун сармоягузории иқтисодӣ баррасӣ намуд, аз ҷумла ба сифати 1) маблағгузории фаъолияти истеҳсолии худи оила (ба мисоли рушди хоҷагии фермерӣ, машғулияти дӯзандагӣ ва пазандагии аъзои оила, ҳунармандӣ ва ғайра), 2) ташкили хазинаҳои (фондҳои) сармоягузории шаҳрвандӣ, зимнан, ташкили тиҷоратҳои хурд (бигзор чунин фондҳо даҳҳо ва садҳо адад бошанд), 3) харид, сохтмон ва ё ташкили тиҷорат дар маҳали зист, 4) ташаккули низоми омодасозӣ ва такмили донишу малакаҳои соҳибкорӣ дар мисоли иттиҳодияҳои ҷамъияти ва ё ассотсиатсиҳои алоқаманд.

Албатта, пешбурди низоми омории ин фаъолиятҳоро – бо мақсади дастгирӣ, таъмини шафофият ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳо – дар сатҳи кумитаҳои маҳалаву деҳот ва ё ҷамоатҳо ба роҳ мондан мумкин аст.

Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, зарур аст, ки дараҷаи маълумотнокӣ, огоҳӣ ва дониши иқтисодии худи шаҳрвандони сармоягузор – ҷавонон ё муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо (насли калонсол) ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи истифодаи самараноки маблағҳои интиқолӣ, ба даст овардани даромади устувор ва муносиб аз воридоти пулӣ баланд бардошта шавад.

Ҳамин тариқ, ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳамоҳангӣ ва ҳамкории доираи соҳибкорӣ ва ҷавонон ба дарёфти роҳи беҳтар кардани вазъи иқтисодии ҷавонон ва тақвияти робитаҳо байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ асос меёбад, ки онро дар маҷмӯъ чунин арзёбӣ каран мумкин аст:

- сатҳи дониш, малака ва маҳорати соҳибкории доираи тиҷорат – соҳибкорон ва дараҷаи огоҳӣ ва маълумотнокии онҳо оид ба истифодаи самараноки шароит ва имкониятҳои мавҷуда паст мебошад;
- ҷараёни татбиқи имтиёзҳои муайяншуда, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ва «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорон» аз ҷониби соҳибкорон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи паст қарор дорад;
- нерӯи зеҳнии намояндагони бахши хусусӣ, бахусус соҳибкорон заиф мебошад; гурӯҳи зиёди тоҷирон аз қобилият ва маҳорати таҳлилу омӯзиш, муайян кардани идеяҳо, таҳияи барномаҳо (консепсияҳо) ва лоиҳаҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва истеъмолкунандагон, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, ҳифз, таблиғ ва фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда бархурдор намебошанд;
- сиёсати давлатӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус маълумотнокии ҷавонон дар ин самт аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ хеле суст таблиғ мегардад;
- сатҳи фаҳмиш, дониш ва малакаҳои намояндагони бахши хусусӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба самти соҳибкории байналмилалӣ ва равишҳои нави тиҷоратӣ паст мебошад;
- фаъолияти иттиҳодияҳо, шӯроҳои ҷамъиятӣ ва ҳаркатҳое, ки бо соҳибкорони ҷавон дар самти дастгирӣ оид ба рушди соҳибкории ҷавонон, хизматрасонии машваратӣ, ҳуқуқӣ ва омӯзишию таълимӣ, кӯмак ҷиҳати

дастёбӣ ба қарзҳо ва кумакҳои пулии бебозгашт (грантҳо), фароҳам овардани шароитҳои муносиб барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра хеле заиф аст;

- шахсони масъул – қабулкунандагони қарорҳо, аз ҷумла намояндагони бахши хусусӣ ба таҳлилу таҳияи ғояҳои мафҳумии (консептуалии) тавлидгарони тиҷорат (бизнес-инкубаторҳо) таваҷҷӯҳи кам доранд;

- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки ҳудудию минтақавӣ оид ба дастгирӣ ва рушди соҳибкории ҷавонон камтаваҷҷуҳанд, чунин ташаббусҳо хеле кам ба назар мерасанд;

- низоми сармоягузории шаҳрвандӣ дар кишвар татбиқ намегардад, гарчанде он имрӯз дар кишварҳои гуногун дар сатҳи баланд ва бо самараи хуб амалӣ шуда истодааст;

- сармояи пулии муҳоҷирони меҳнатӣ – маблағҳои интиқолии муҳоҷирон самаранок истифода намегарданд, низоми сармоягузории иқтисодии интиқолҳо ташаккул наёфтааст ва сатҳи дониш, малака ва огоҳии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон дар ин самт хеле паст аст;

- иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ – оила, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ ва мустақилияти иқтисодии ҷавонон қаноатбахш нест.

Дар СМР-2030 оварда шудааст: «Бо *мақсади таъмини бомуваффақият гузаштан аз сиёсати ба эътидоловарӣ ба сиёсати рушди босуботи дарозмуҳлати иҷтимоию иқтисодии мамлакат таҳия намудани стратегияи асосноки рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, ки вазъи сифатан нави маданияти идоракунӣ ва мафкураи ҷомеаро дар маҷмӯъ инъикос мекунад, ки ин татбиқи чораҳои самаранокро дар муқобили таҳдидҳо кафолат медиҳад... Рушди бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, истифодаи самараноки сарватҳои табииро, ки дар*

фаъолияти сармояи инсонӣ, табиӣ ва физикӣ, инчунин тавсеаи фаъолияти инноватсионӣ ифода ёфтаанд, дар назар дорад».

Дар ин замина, сармояи инсонӣ дар мисоли ҷавонон, ки сеяки аҳолиро ҳамчун захираи асосии меҳнатӣ ташкил медиҳад, шароит ва имкониятест, мутобиқи қонунгузорӣ, табиати инсонӣ, техникӣ, моддӣ, низомӣ ва ташкилию амалӣ муқарраршуда. Зимнан, оид ба ҳалли инноватсионии масъала – таҳияи созукори (механизми) муттаҳид кардани имкониятҳои (талошҳои) субъектҳои асосӣ ва ё ҷонибҳои манфиатдор, яъне ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираи тиҷорат дар самти бадастории манфиатҳои умумӣ (ҳалли мушкилот дар доираи низоми аллакай ташаккулёфта - сиёсати давлатии ҷавонон) тақозо мегардад.

ХУЛОСА:

1. Бо вуҷуди иқтидори пасти иқтисодии худ, ҷавонон ҳамчун сармоягузори шаҳрвандӣ (дар мисоли муҳоҷирони меҳнатӣ, ки сармояи онҳо дар рушди иҷтимоии ҷомеа (оила) назаррас аст) арзёбӣ карда мешаванд. Аммо, ин сармоягузориҳо оқилона ва самаранок истифода намешаванд; онҳо бебозгаштанд ва танҳо барои хароҷоти ҳаррӯза сарф мешаванд. Зарур аст, ки дараҷаи маълумотнокӣ, огоҳӣ ва дониши иқтисодии худи шаҳрвандони сармоягузор – ҷавонон ё муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо (насли калонсол) ҷиҳати ноил шудан ба сатҳи истифодаи самараноки маблағҳои интиқолӣ, ба даст овардани даромади устувор ва муносиб аз воридоти пулӣ баланд бардошта шавад.

2. Татбиқи барномаҳои усулии барои омӯзиш ва кӯмак ба соҳибкорон дар шакли тавлидгарони (инкубаторҳои) тиҷоратӣ дар қонунгузорӣ то андозае муқаррар гардидаст ва қисман амалӣ карда мешавад, аммо ин тадбирҳо бо суръати заиф ба роҳ монда шудаанд.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сиёсати давлатиро дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар самти омодасозӣ ва ё омӯзонидани ҷавонон оид ба оғози тиҷорати худ ва истифодаи шароит ва имкониятҳо фароҳамгардида ба қадри кофӣ татбиқ (таблиғ) намекунанд.

4. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ амалан дар фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон иштирок намекунанд ва аз ин рӯ, доираи тиҷорат дар дастгирии лоиҳаҳои иҷтимоии ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳавасманд нестанд, яъне дар ин ҷо шарикӣ вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи баррасии ин қисмат дар ҳошияи муттаҳид намудани се бахши бисёрсамта ва нисбатан мустақили ҷомеа – ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ - дар роҳи расидан ба манфиати умумӣ, ки онро ҷавонон ё бахши чорум, яъне татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муаррифӣ менамоянд, мо ба тарҳи (модели) комилан нави ҳамкории байнисоҳавӣ пешорӯ мегардем. Агар мо ин тарҳро бо формулаи математикӣ ифода кунем, чунин баробариро ба даст меорем:

МБҲС=СДҶ/Ҷ*(ҶШ+БХ)

Дар инҷо:

МБҲС – тарҳи (модели) байнисоҳавии ҳамкории низомнок;

СДҶ – сиёсати давлатии ҷавонон;

Ҷ – ҷавонон;

ҶШ – ҷомеаи шаҳрвандӣ;

БХ – бахши хусусӣ.

Дар ин ҷо, «СДҶ» ҷавонон ва дигар бахшҳоро ҳамчун объект баррасӣ мекунад, ҳамзамон ҷавонон барои ҳамаи ҷонибҳо ба сифати объект истифода мегардад. Ҳамчунин, барои баъзе ҷонибҳо ҷавонон ҳамчун субъект низ баррасӣ мешаванд. Татбиқи амалии тадбирҳои пешниҳодшуда тибқи ин формула ба маҳалликунонӣ ва ғайримарказикунонии муносибатҳо, инчунин тақсимоти баробари

масъулиятҳо мувофиқи имкониятҳои воқеӣ ва вазифавии (функсионалии) субъектҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон нигаронида шудааст, ки ин, дар ниҳоят, манфиати умумӣ ва муштараки ҷонибҳо мебошад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Яке аз самтҳои афзалиятноки «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо унвони «мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва рушди соҳибкории ҷавонон» муқаррар гардидааст, ин самт кадом вазифаҳоро дарбар мегирад?
2. Дар самти татбиқи сиёсати ҷавонон танҳо ба буҷет такя кардан, роҳи ҳалли масъала нест, чаро?
3. Яке аз ҷанбаи муҳимтарин дар самти беҳтар кардани вазъи иқтисодии ҷавонон ин тамоюли соҳибкорӣ мебошад, чаро?
4. Клуби соҳибкорони ҷавон чи гуна ташкилот аст?
5. Фаъолияти Клуби соҳибкорони ҷавон қонеъкунанда аст?
6. Масъалаи дарки моҳияти соҳибкорӣ, сатҳи дониш ва малака барои пешбурди мустақилонаи тиҷорати худ дар байни ҷавонон кушода боқӣ мемонад, чаро?
7. Ҳукуматҳои маҳаллӣ барномаҳои маҳаллӣ ва минтақавиро барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории ҷавонон чигун бояд роҳандозӣ намоянд?
8. Мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ вобаста ба рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон бояд ҳавасманд бошад, чаро?
9. Зиёд шудани шумори соҳбкорони ҷавон – ин ... чист?
10. Мустаҳкам гардидани мавқеи захиравии (соҳибимконии) тиҷорат аз чи вобаста аст?

11. Ҷомеа ва тиҷорат манфиатҳои муштарак доранд, кадомҳоянд?
12. Нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар рушди тиҷорат чи гуна аст?
13. Дар Тоҷикистон акнун деҳқонон ба фаъолияти гармхонавӣ гузаштаанд, аммо ба мушкилоти зиёд пешорӯ омадаанд, кадом мушкилотҳо?
14. Сатҳи таъсир ва саҳми оила дар ташаккули малакаҳои соҳибкорӣ ва ё маданияти иқтисодии ҷавонон чи гуна аст?
15. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо ҷалби аъзои оила чи гуна метавонанд ба ташаккули мустақилияти иқтисодии ҷавонон мусоидат намоянд?
16. Иштироки амалии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон дар ҳоли ҳозир чи гуна аст?
17. Дар ҷомеаи муосир яке аз манбаъҳои асосии даромади оила, ин фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, чаро?
18. Ниҳоди ҳунарҳои дастӣ бо як қатор мушкилоти молиявӣ ва низомнок рӯбарӯ мебошад, ҳалли онҳо аз киҳо ё чиҳо вобаста аст?
19. Сармоягузории шаҳрвандӣ чист?
20. Манбаи сармоягузории иҷтимоӣ кадом аст?
21. Имрӯз зарур аст, ки низоми ҷалб, таҳия ва татбиқи сармоягузории шаҳрвандии муҳоҷирони меҳнатӣ ташаккул дода шавад, чаро?
22. Маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ чи гуна хусусият доранд ва барои кадом ниёзҳо сарф мешаванд?
23. Ҳар 1 сомонии бадастовардаи ин навъи меҳнат ё заҳмат бояд камаш 2 сомонӣ даромад биёрад. Сухан дар бораи кадом навъи меҳнат меравад?

24. Мебояд интиқоли маблағҳои муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун манбаи сармоягузории иқтисодӣ баррасӣ намуд, ба кадом самтҳои онро метавон равона кард?
25. Дар ҳошияи ташаккули мустақилияти иқтисодии ҷавонон тарҳе иборат аз чор гурӯҳ (субъекту объект) ва як формула таҳия гардидааст, он чи гуна аст?

БОБИ III. АСОСҲОИ МЕЪЁРИЮ ҲУҚУҚӢ ВА ҶАНБАҲОИ МАФКУРАВИИ (ИДЕОЛОГИИ) СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН: ХУСУСИЯТҲО ВА РАВАНДҲО

§ 13. Асосҳои меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: вазъи қонунгузорӣ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон»

Заминаи қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз тазодҳои муайян ташаккулёфта арзёбӣ мегардад ва ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: мустақим ва ғайримустақим.

Қонунгузории мустақим, ин маҷмӯи санадҳое меъёрию ҳуқуқие мебошад, ки ҳамчун пойдевори бунёдӣ масъалаҳои ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавононро бевосита, яъне мустақиман фаро гирифтаанд ва ҳамчун низоми қонунгузории соҳавӣ арзёбӣ мегардад.

Қонунгузории ғайримустақим, дар навбати худ, ин маҷмӯи санадҳое меъёрию ҳуқуқие мебошад, ки масъалаҳои ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавононро ба воситаи дигар соҳаҳо ва ё қонунгузории дигар соҳаҳо фаро гирифтаанд.

Дар ин қисмат бинобар маҳдуд будани фурсат танҳо маҷмӯи санадҳое меъёрию ҳуқуқие баррасӣ мегарданд, ки мустақиман ба сиёсати давлатии ҷавонон алоқаманд мебошанд.

Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ соли 1992 ташкил ёфт, ки ин аз таваҷҷӯҳи баланди ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷавонон шаҳодат медиҳад.

Қадами аввал дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба қонунӣ гардонидани он гузошта шуд, таҳрири нахустини Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи - сиёсати давлатии ҷавонон» моҳи марти соли 1992, ки чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва талаботи (принсипҳои) татбиқи ин сиёсатро муайян мекард, қабул гардид.

Соли 2004 ин Қонун такмил дода шуда, дар таҳрири нав қабул мегардад. Ҳамчунин солҳои 2011 ва 2014 ба Қонуни мазкур тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд, ки ба рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон такони нав мебахшад [1, с.360].

Дар ин хусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24.04.2010 таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда, чунин иброз намуд: «*Агар мо хоҳем, ки Тоҷикистонро дар оянда ободу осуда гардонем, имрӯз бояд барои наврасону ҷавонони соҳибистеъдоди ҷӯянда шароит фароҳам оварем. Инчунин барои ихтироъкорону эҷодкорони асил ҳамаи заминаҳоро муҳайё созем, то ки онҳо тавонанд бо корҳои сермаҳсули илмию эҷодӣ ва навоварӣ машғул бошанд*» [2]. Мувофиқан, ба санади қонунгузорӣ дар шакли моддаи аллоҳида, моддаи 19(1) «Дастгирии давлатии ҷавонони боистеъдод» илова карда мешавад. Аз ҷумла, дар ҳамин модда муқаррар кардани идрорпулиҳо (стипендияҳо), мукофотпулиҳо ва кумакҳои пулии бебозгашти (грантҳои) таҳсилоти давлатӣ, ташкили фондҳои махсус, таъсис ва рушди марказҳо барои дарёфт ва омӯзиши (омодасозии) ҷавонони боистеъдод пешбинӣ мегардад.

Маълум аст, ки қонун санади заминавӣ буда, татбиқи амалии он таҳия ва қабули дигар санадҳои зерқонуниро ҳамчун созукори (механизми) амалӣ тақозо мекунад. Аз ин рӯ, ҷиҳати тақвияти иқтидори сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷумҳурӣ «Консепсияи миллии сиёсати

[1] Муртазоқулов Д.С., Миралиён К.А. Ҷанбаҳои сиёсии чаҳорчӯби меъёрии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо [Матн] / Д.С.Муртазоқулов, К.А.Миралиён // Маҷаллаи ҳуқуқи Авруосиё . - № 5 (96). - М.: 2016. - С.360-366

[2] Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [Маводи электронӣ] / Душанбе: 2010. – Тартиби дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/14

ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [1], «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» (ҳоло то соли 2030) [2] ва «Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» (аз соли 1999 инҷониб дар шакли давравӣ, ҳар се сол) қабул ва татбиқ карда мешаванд. Ҳамчунин, бо инобати иҷтимоишавии ҷавонон аз соли 2012 инҷониб «Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» ном ва мундариҷаи иваз карда, ҳамчун «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» давра ба давра таҳия ва амалӣ гардида истодааст [3].

Ҳамин тариқ, заминаи меъёрию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёта ҳисобида мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»

Сиёсати давлатии ҷавонон як зарурати саривақтӣ, хусусияти фавридошта аст, ки дар раванди рушди ҷомеаи муосир ба миён омадааст. Давлати ҷавони Тоҷикистон ин заруратро аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ дарк мекард. Зимнан, дарҳол пас аз ба даст овардани истиқлолият 13 марти соли 1992, Тоҷикистон яке аз аввалинҳо дар фазои ИДМ шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул менамояд, бо ин давраи якуми ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон оғоз меёбад.

Ин Қонун дар таҳрири нахустин давоми 12 сол эътибор дошт, ки ин даврaро метавон давраи якуми

[1] Мафҳуми (консепсияи) миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014, №228 тасдиқ шудааст).

[2] Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 [Матн]: Маҷмӯа барои мақомоти корҳои ҷавонон. - Душанбе, 2011. - 32 саҳ.

[3] Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Ҷумҳурия Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 [Матн]: Дастури методию амадӣ. – Душанбе: САМТ, 2012. – 60 с.

ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон номид. Дар асоси ин Қонун қадамҳои аввалин ар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон гузошта шуданд, аз ҷумла таъсиси мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон – агентии давлатӣ оид ба корҳои ҷавонон; таҳияи созукори (механизми) дастгирии ҷавонони боистеъдод; таҳия ва қабули барномаҳои мақсадноки давлатӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ, шаҳрвандӣ ва фарҳангии ҷавонон; андешидани чораҳо барои дастгирии иттиҳодияҳои давлатии кӯдакон ва ҷавонон; таҳияи барномаи мустақилияти иқтисодӣ ва соҳибкории ҷавонон, барномаи дастгирии оилаҳои ҷавон ва ғайра.

Дар ҳошияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар ва бо мақсади рушди заминаҳои ташкилию ҳуқуқии сиёсати давлатии ҷавонон соли 2004 қонуни соҳавии ҷавонон бо унвони «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар шакли нав қабул карда мешавад [1].

Ҳамчун идомаи мантиқии ислоҳоти низоми идоракунӣ ва бо дарназардошти талаботи ҷомеаи муосир Қонуни асосии ҷавонон – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» 23 декабри соли 2021, №1830 дар таҳрири нав қабул мегардад.

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ташаккулу камолоти ҷавононро бо мақсади амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон пешбинӣ карда, истифодаи самараноки неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳоро ба манфиати ҷомеа муайян менамояд [2].

---

[1] Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, № 1161 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2004. - № 7 - Моддаи 459. - 2011. - № 6 – Моддаи 429

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / ш. Душанбе, 23 декабри соли 2021, №1830

Ҳамчун низоми том ва мустақил будани сиёсати давлатии ҷавонон ва хусусияти (масъулияти) байнисоҳавӣ доштани он дар моддаи 1-уми Қонун муайян шудааст: «сиёсати давлатии ҷавонон – низоми ягонаи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ мебошад, ки аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи босамари неруи зеҳнии онҳо ба манфиати ҷамъият татбиқ мегардад».

Дар ҳақиқат дар шароити рушди муосири давлат ва ҷомеа танҳо бо саъю кӯшишҳои муштарак метавон ҳама - монеаҳои ҳаётиро паси сар кард ва ҷавонони аз ҷиҳати зеҳнӣ ташаккулёфтаро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ ва худшиносию худогоҳӣ тарбия намуд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 5 боб ва 33 модда иборат аст. Барои арзёбӣ ва муайян кардани мушкилоти мавҷуда тафсири кӯтоҳи қонунгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва соҳаи кор бо ҷавонон анҷом дода мешавад.

Боби якуми Қонун, ки муқаррароти умумии қонунро дар бар мегирад, мафҳумҳои асосӣ, субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, ҳадафҳо ва талабот (принсипҳо), самтҳои асосӣ, асосҳои илмӣ ва таъминоти иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳамчунин вазифаҳои мувофиқи қонунгузориро муайян мекунад.

Дар моддаи 1-уми Қонуни мазкур «ҷавонон» бо назардошти хусусияти синнусолӣ шахсони 14-30 сола муқаррар карда мешавад, ки ин мафҳум дар бисёр кишварҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи муҳаққиқон мавриди баҳси доимӣ қарор дорад. Яъне, ин нишондод ҳамчун нишондои калидӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон хеле аҳамиятнок аст.

Дар Федератсияи Русия Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон (то соли 2016) амал мекард, ки ба ҷавонони 14-30 сола нигаронида шуда буд [1, с.280].

Мувофиқи мафҳумгузории «ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон» бо назардошти равишҳои таърихӣ ҷавонон шахсони 16-30 сола дониста мешаванд, аммо дар ин ҷо, ба сифати яке аз муносибтарин усулҳо нишондиҳандаҳои ҳаракати ҷавонон ҳамчун «аз вобастагӣ ба мустақилият» ва «аз бемасъулиятӣ ба масъулиятнокӣ» пешниҳод карда мешавад [2, с. 10].

Ҳамин тариқ, дар шароити Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ, хусусиятҳои ҷомеашиносӣ, сириштшиносӣ (физиологӣ) ва иқтисодӣ сарҳади синнусолии ҷавонон аз 14 то 30 сола муайян карда мешавад.

Дар ҳамин моддаи Қонун ҳамчунин мафҳумҳои «иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон», «оилаи ҷавон», «субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон», «такшилотҳои кор бо ҷавонон» ва «сиёсати давлатии ҷавонон» муқаррар карда шудаанд, ки ба меъёрҳо ва ифодаҳои умумиқабулшуда мувофиқат мекунанд.

Моддаи 2-юми Қонун асосҳои қонунгузориро муайян мекунад, аз ҷумла, муқаррар карда мешавад, ки сиёсати давлатии ҷавонон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

Вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар моддаи 3-юми Қонун чунин муқаррар карда мешаванд:

1) ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон;
2) тарбияи шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ;

---

[1] Шербакова, В. П. Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун омили беҳсозии мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон [Матн] / Бюллетени Донишгоҳи давлатии Тула. Иноснӣ (гуманитарӣ) - № 4. - 2013. - С. 278-290 (забон-русӣ)

[2] Манко, Ю. В. Ҷомеашиносии ҷавонон: китоби дарсӣ [Матн] / Ю. В Манко, М. Оганян. - Петербург: Петрополис , 2008. - 316 с. (забон-русӣ)

3) ҷалб намудани ҷавонон ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар.

Ин нишон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавонон як низоми байнисоҳавӣ буда, доираи васеи табирҳоро дар бар мегирад, он ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавононро дар ҳама бахшҳои ҳаётӣ табиқ менамояд. Ғайр аз ин, ин низом маҷмӯи вазифаҳои мавҷударо, ки барои ҷавонон пешбинӣ шудаанд, пурра мекунад.

Ҳамчунин, пешбинӣ гардидааст, ки ҷавонон бояд ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсии кишвар ба таври фаъол ҷалб карда шаванд, ки иҷрои ин вазифа ба рушду камолоти устувори ҷавонон мусоидат менамояд.

Моддаи 4-уми Қонун талаботи (принсипҳои) асосии сиёсати давлатии ҷавононро чунин муқаррар менамояд:

1) қонуният;

2) ошкорбаёнӣ ва шаффофият;

3) иштироки ҷавонон дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон;

4) дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббусҳои ҷавонон ва иттиҳодияи онҳо;

5) ҳуқуқи баробари ҷавонон ба дастгирии давлатӣ;

6) афзалиятнокии арзишҳои миллӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ;

7) ҳамкории байниидоравӣ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон;

8) амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон.

Дар маҷмуъ, талаботи (принсипҳои) сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун пуле (купруке) байни вазифаҳои амалӣ (функсияҳо) ва сифати татбиқи онҳо муқаррар карда шудаанд.

Масалан, сиёсати давлатии ҷавонон бояд бо назардошти манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла онҳое, ки маъюбӣ (маҳдудияти ҷисмонӣ ва рӯҳӣ) доранд, ҳуқуқҳои қонунии онҳо таъмин карда

шавад. Яъне, ҷавонон новобаста аз вазъи иҷтимоӣ ва имконияти амалӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Ду талаботи (принсипи) зерин боиси таваҷҷӯҳ мебошад: таъмини иштироки ҷавонон дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон ва дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ташаббусҳои ҷавонон ва иттиҳодияи онҳо.

Ин муқаррарот ду ҷанбаи муҳими ҳаёти инсонро дарбар мегирад – сиёсат ва имконият; ин меъёрҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аз нигоҳи бунёдӣ хеле муҳиманд, зеро онҳо ба таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа асос ёфта, ҳамзамон ба шахси ҷавон имконият медиҳанд, ки нерӯи зеҳнию амалии худро баҳри худташаккулёбӣ ва ишғол намудани мавқеи хосса дар ҷомеа сафарбар намоянд.

Дар инҷо дигар меъёри амалӣ низ, боиси баррсӣ аст – ҳавасмандгардонии иттиҳодияҳои ҷавонон дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон. Дар шароити рушди демократия ва ниҳоди фаъоли он (ҷомеаи шаҳрвандӣ) тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи худташаккулёбию мустақилият хеле аҳамиятнок аст.

Дар моддаи 5-уми Қонун самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон иборат аз номгӯи зерин муқаррар карда мешаванд:

1) тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллии онҳо;

2) ташаккули мафкураи миллӣ бо роҳи тарбия намудани ҷавонон дар самти шинохти бештари манфиатҳои миллӣ ва ҳисси оштинопазир ба терроризму экстремизм, коррупсия, нашъаҷалобӣ ва намудҳои дигари ҷиноятқорӣ;

3) ташаккули ахлоқи ҳамидаи ҷавонон, фаъол намудани онҳо дар самти анҷом додани корҳои ихтиёрии ҷамъиятӣ (фаъолияти волонтёрӣ) ва баланд бардоштани ҳисси эҳтироми ҷавонон ба фарҳанги миллӣ;

4) таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо;

5) таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон;

6) таъмини ҳифзи саломатӣ, тарзи ҳаёти солим ва рушди ҷисмонии ҷавонон;

7) фароҳам овардани шароит ҷиҳати гирифтани таҳсилоти сифатнок барои ҷавонон ва таъмини рушди ихтироъкорию эҷодкории онҳо;

8) таъминоти иҷтимоии ҷавонон, таъмини онҳо ба шуғли пурмаҳсул ва ҷойи кори муносиб;

9) таъмини мустақилияти иқтисодии ҷавонон, рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон, ҷалби онҳо ба хоҷагидорӣ ва ҳунармандӣ;

10) омодасозӣ ва дастгирии мутахассисони ҷавон ҷиҳати пешниҳод намудани мутахассисони лаёқатманд ба вазифаҳои роҳбарикунанда.

Боиси зикр аст, маҳз дар доираи рисолаи илмии «Сиёсати ҷавонон» (2012-2015) самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон муайян карда шуданд ва дар лоиҳаи Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон ва таҳрири қаблии Қонуни мазкур ҳамчун меъёр ва нишондиҳандаи асосии фаъолият ҷой дода шуда буданд.

Номгӯи болои самтҳои афзалиятнок аз номгӯи қаблӣ фарқияти куллӣ надоранд, танҳо тартиби ҷойгузорӣ каме иваз шудааст. Аз ин рӯ, дар ин қисмат зиёд намеистем, чун ҳар яки онҳо (самтҳои афзалиятнок) дар алоҳидагӣ баррасӣ гардидаанд.

Боби дуюми Қонун асосҳои идоракунӣ ва ташкилиро дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон фаро мегирад, аз ҷумла: салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон; ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ваколатҳои мақомоти

худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон.

Чи тавре аз мундариҷаи боби дуюми Қонун бармеояд, низоми идоракунии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва кор бо ҷавононро маҳз ҳамин муқаррарот бо фарогирии тамоми ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ, оғоз аз Ҳукумати Тоҷикистон то ба сатҳи ҷамоатҳо дар маҳал ифода менамояд.

Тибқи моддаи 6-уми Қонун дар қатори вазифаҳои (функсияҳои) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбурди сиёсати давлатӣ оид ба амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон, тасдиқи дурнамо, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди соҳаи кор бо ҷавонон ва ташаккул додани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ва ҳамоҳангсозии ҳамкории байналмилалӣ муқаррар гардидаанд, ки устувории (қонунии) низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавононро инъикос менамояд.

Дар моддаи 7-уми Қонун мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон вазифадор гардидааст, ки татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро дар ҳама сатҳ таъмин намояд. Ҳамчунин: омода (тарбия) намудани ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва шинохти бештари манфиатҳои миллӣ; андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати ташаккули ахлоқи ҳамидаи ҷавонон, сафарбар кардани онҳо ба корҳои ихтиёрии ҷамъиятӣ (фаъолияти волонтёрӣ) ва баланд бардоштани ҳисси эҳтироми ҷавонон ба фарҳанги миллӣ; омода сохтани ҷавонон ҷиҳати дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ ширкат варзидан ва омода ва пешниҳод намудани мутахассисони ҷавон ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба сифати вазифаҳои (функсияҳои) асосӣ пешбинӣ гардидаанд.

Аз ин гурӯҳи вазифаҳо ва ё ваклотаҳо бармеояд, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон

(дар сатҳи ҷумҳурӣ – Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сатҳи вилоятҳо – раёсатҳои кор бо ҷавонон ва варзиши ва дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо – бахшҳои кор бо ҷавонон ва варзиши) роҳнамои муайяни худро дошта, дар амалисозии он бояд фаъол бошанд.

Албатта, барои татбиқи босамари ин ваколатҳо ва вазифаҳои амалӣ неруи инсонию (кадрию) иқтидори ташкилӣ лозим аст, ки тибқи таҳлилу мушоҳидаҳо (ахбороти даврии фаъолияти сохтор) айни замон ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар маҳал ин иқтидор заиф арзёбӣ гардидааст.

Дар шароити ҷомеаи мусоир, гузариш ба низоми демократии идоракунӣ ва талаботи Қонуни мазкур шумори ниҳодҳои (ташкилоту муассисаҳои) кор бо ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон бояд хеле зиёд бошанд, бахусус иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва ташкилотҳои соҳибкории ҷавонон, ки айни замон амалан ба назар намерасанд. Дар ҳолати имрӯза танҳо ниҳодҳои давлатии ҷавонон то андозае фаъолият доранд, ки чорабиниҳои онҳо низ аксаран хусусияти оммавию фарҳангӣ дошта, аз иҷрои вазифаҳои (функсияҳои) асосии худ дур мебошанд.

Дар инҷо сабабҳои дурмонӣ ва ё дарк нагардидани вазифаҳои (функсияҳои) асосӣ аз ҷониби кормандони мақомоти давлатии кор бо ҷавонон муайян ва гуногунанд. Яке аз сабабҳо, ин фароҳам набудани шароит ва ё низоми омодасозии кордонҳо (кадрҳо) - мутахассисони соҳавӣ арзёбӣ мегардад.

Масалан, дар Федератсияи Россия низоми омодасозии кордонҳо (кадрҳо) дар соҳаи ташкили кор бо ҷавонон мутобиқи Консепсияи таҳсилоти пайваста ё доимӣ ташаккул дода шудааст, ки омодасозии кордонҳои касбиро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, пас аз дипломӣ, бозомӯзӣ ва такмили

ихтисоси мутахассисон пешбинӣ мекунад. Дар ин самт муайян гардидааст, ки «мутахассисони соҳибихтисос ва босалоҳият дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар марҳилаи кунунии рушди Федератсияи Русия ҳамчун «калидӣ» ва «нишондиҳанда»-и нақшаи стратегӣ ва ҳаётии ҷавонон мебошанд, аз ин рӯ, тайёр кардани онҳо бояд вазифаи асосии донишгоҳҳое бошад, ки ба самти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд» [1, с.215]. Зиман, Институти фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Новосибирски Федератсияи Русия, ки соли 2003 таъсис ёфтааст, ба тайёр кардани кордонҳо оид ба сиёсати ҷавонон ва кори иҷтимоӣ машғул мебошад [11].

Моддаи 8-уми Қонун ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муайян мекунад. Дар қиёс бо мақомоти марказӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифаҳо ва ваколатҳои муайянеро, ки ба онҳо вогузор шудаанд, бояд беовсита амалӣ гардонанд, ба монанди татбиқи сиёсати ҷавонон дар сатҳи маҳал, таҳия ва татбиқи барномаҳои минтақавӣ ва маҳаии ҷавонон бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маҳаллӣ, ҷамъиятӣ (демографӣ); таҳия ва тасдиқи барномаҳои маҳаллӣ, маблағгузорӣ намудани соҳаи кор бо ҷавонон аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ; ташаккул додани фондҳои рушди соҳаи кор бо ҷавонон аз ҳисоби сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ; ба роҳ мондани фармоиши иҷтимоии давлатӣ вобаста ба амалисозии самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ва ғайра.

Мутобиқи таҳлилу мушоҳидаҳо дар айни замон, гурӯҳи зиёди ин вазифаҳо ва чораҳо татбиқи амалии худро пайдо накардаанд. Сабабҳои асосӣ камтаваҷҷуҳӣ, заиф

[1] Такмили системаи рушди захираҳои инсонӣ барои сиёсати ҷавонон дар Федератсияи Русия [Матн]: Маҷмӯаи тезисҳо дар асоси маводи Конфронси илмӣ-амалӣ. – Москва: 2009 – 320 саҳ. (забон-русӣ)-

будани нерӯи инсонӣ (кадрӣ) ва то ба ҳадди зарурӣ дарк нагардидани афзалиятнокии сиёсати давлатии ҷавонон аз ҷониби субъектҳои маҳҳалӣ мебошад.

Мутобиқи моддаи 9 ваколатҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардидаанд. Аз ҷумла, таъмини татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот; тасдиқ ва амалӣ намудани нақшаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот; мусоидат кардан ба фаъолияти субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳудуди дахлдор; тасдиқ ва амалӣ намудани нақшаҳои мақсадноки рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот ва ғайра. Аммо то ин дам аксари ин вазифаҳо амалӣ нагардидаанд. Дар сатҳи ҷамотаҳо ҳамчунин воҳиди кор бо ҷавонон то ҳанӯз таъсис наёфтааст.

Аз инҷо бар меояд, ки камбуд дар созукори (механизми) қонунгузорӣ нест, он хуб аст, аммо камбуд дар татбиққунандагони он, яъне субъектҳо мебошад, ки то ҳол аҳамиятнокӣ ва афзалиятнокии сиёсати давлатии ҷавононро дарк накардаанд.

Моддаҳои 10-11 ва 12-уми Қонун дастгирии фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон, ассотсиатсияҳо ва марказҳои ҷавононро пешнбинӣ менамояд.

Муқаррар гардидааст, ки фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон ҳамчун шарики иҷтимоӣ дар амалисозии самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон бо роҳи амалисозии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, ташкили чорабиниҳои мақсадноки рушди ҷавонон дастгирӣ карда мешавад. Ҳамчунин, барои дастгирии фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон кумакҳои пулии бебозгашти (грантҳои) давлатӣ таъсис дода шудаанд.

Албатта, дар шароити ҷомеаи мусоир ин тадбирҳо мутаносибан маҳдуд ё кам ба ҳисоб мераванд, аммо ҳаминҳо ҳам, татбиқи комили худро наёфтаанд. Дар сурати фаъол гардонидани созукори дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷавонон ба метавон ба нишондиҳандаҳои зиёди сиёсати давлатии ҷавонон дастёб гардид. Кумакҳои пулии бебозгашт (грантҳо) то андозае амалӣ мегарданд, яъне бештар дар сатҳи ниҳодҳои ҷумҳуриявӣ, аммо фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ то ҳол низоми муайяни татбиқро соҳиб нагаштаанд ва ҳамчун меъёри шахшуда боқӣ мондааст.

Дар ҳаминҷо таъсис ва ташкили фаъолияти марказҳои ҷавонон ҳамчун ниҳоди ташкилию амалӣ муайян карда шудааст, ки хеле муҳим аст. Дар шароити давлатҳои тараққикарда маҳз марказҳои ҷавонон макони ҷамъомади ҷавонон, дарёфти посухҳои муносиб ба саволҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилоти рӯзмарра, омӯхтани таҳсилоти иловагӣ, дастёбӣ ба машваратҳои касбӣ ва ғайра чораҳои шавқангез ва дастгирикунанда арзёбӣ мегарданд. Аммо новобаста аз дастгирии фаъоли ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ дар ин самт – таъсиси марказҳои ҷавонон, фаъолияти онҳо ғайриқаноатбахш арзёбӣ мегардад.

Дар инҷо зарур аст, ки тарҳи (модели) мушаххаси фаъолияти маркази ҷавонон дар сатҳи ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо таҳия ва амалӣ гардонида шавад.

Моддаи 14-уми Қонун ташкили фаъолияти шуъбаи кор бо ҷавонони назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбиро муқаррар менамояд. Бо мақсади муттаҳидсозии ҷавонон дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон ва дастгирии фаъолияти таълимию эҷодкорӣ ва ташаббускории донишҷӯён дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ шуъбаи кор бо ҷавонон таъсис дода мешавад. Дар ин самт дар таносуб ба муқаррароти боло (дигар моддаҳо) корҳои муайян анҷом

дода шудаанд, дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти кабсӣ шуъбаҳои кор бо ҷавонон амал мекунанд, аммо фаъолияти онҳо низ дар шароити ҷомеаи муосир қонеъкунанда набуда, таҷдиди назар талаб мекунад.

Бо мақсади дастгирии ҷавонон болаёқат аз ҳисоби донишҷӯён ҳанӯз аз даврaҳои аввали ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон идрорпулии (стипендияи) президентӣ, номи ва муассисавӣ такшил гардида буданд, ки ҳадафи он шавқангезии ҷавонон ба фаъолнокии ҷамъиятӣ ва сиёсӣ муқаррар гардида, зери ҳамоҳангсозии мақомоти ваколатдории давлатии соҳаи кор бо ҷавонон ба роҳ монда мешавад. Зимнан, моддаи 15-уми Қонун таъсиси маҳфили гирандагони идрорпулиҳо (стипендияҳо) барои ҷавонони болаёқат, фаъол ва ташаббускорро аз ҳисоби гирандагони идрорпулии (стипендияи) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва инчунин, идрорпулии (стипендияи) номӣ дар назди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон ва сохторҳои маҳаллии он пешбинӣ менамояд. Ин меъёри аз лиҳози қонунӣ нав аст, итминон дорем, ки натиҷаи хуб ба бор биёрад. То ин замон, гирандагони идрорпулиҳо (стипендияҳо) дар ягон ниҳоди муайян муттаҳид нагашта, фаъолияти онҳо бе назорат ба роҳ монда шуда буд.

Моддаи 16-уми Қонун ташкили маҳфили волонтёрони ҷавонро аз ҳисоби ихтиёриён дар назди ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, пешбинӣ менамояд. Дар таносуб ба созукори (механизми) қаблӣ фаъолияти волонтёрӣ фаъолтар арзёбӣ мегардад. Илова бар ин аз соли 2013 инҷониб вобаста ба ташкил ва рушди фаъолияти волонтёрӣ дар Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» татбиқ мегардад ва созукорҳои зиёди дастгирӣ ва шавқангезию, ҳавасмандгардониро фаро гирифтааст. Аммо татбиқи фаъолияти мазкур, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ

мебошад, қаноатбахш нест; волонтёрон, бештар бидуни чаҳорчӯбаи Қонун, яъне ғайрирасмӣ – бе имзои шартнома, бе кушодани дафтари волонтёрӣ ва бе шаҳодатномаи дахлдор ба фаъолият ҷалб карда мешаванд. Хеле ҳолатҳои кам ба назар мерасад, ки ҷавонон ба фаъолияти расмии волонтёрӣ ҷалб гардида бошанд.

Зарур аст, ки ин намуди фаъолияти ҷавонон равнақ дода шавад, зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки он хеле самаранок аст.

Боби 3-юми Қонун асоси ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷавононро дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла ҳуқуқ дар амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон, иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо, ҳуқуқ ба дастгирии иҷтимоӣ, шуғли пурмаҳсул ва ҷойи кори муносиб, ҳуқуқ ба моликият, фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои дигари иқтисодӣ ва ғайраро фаро мегирад.

Моддаи 17-уми Қонун ҳуқуқҳои ҷавононро барои иштироки фаъол дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муайян мекунад; гирифтани кумаки самаранок ва ҳатмӣ - бо тартиби муқарраршуда; муносибати эҳтиромона ва башардӯстона аз ҷониби ниҳодҳое, ки дастгирии давлатии ҷавононро таъмин мекунанд ва ғайра.

Ҷавонон, мисли дигар табақаҳои аҳолӣ, метавонанд кумаки давлатӣ, аз ҷумла кӯмакпулӣ аз рӯи бекорӣ, машварат дар муассисаҳои дахлдор ва ғайраро ба даст оранд. Барои ин, шаҳрвандони ҷавон бояд ба мақомоти дахлдори давлатӣ мурочиат намоянд.

Созукори (механизми) нав дар шароити Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ин иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ арзёбӣ мегардад. Ин ибтикор дар моддаи 18-уми Қонуни мазкур чунин муайян шудааст: таъмини иштироки

ҷавонон дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ва идоракунии давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо бо мақсади фаъолгардонии сиёсӣ; таҳкими иқтидор ва захираи мутахассисони соҳаи идоракунӣ; ҳавасмандгардонӣ ва таъмини ҳуқуқи ҷавонон ба идоракунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини таҷриба, такмили малака, маҳорати идоракунӣ ва роҳбарии ҷавонон; дастгирии шарикии ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо дар таҳия ва амалисозии барномаҳои мақсадноки алоқаманд, инчунин, амалисозии босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон.

Аммо чуноне аз таҳлилҳои боло бармеояд, дар пеш корҳои хеле зиёд истодааст, то ин ки ин созукор (механизм) ҷомаи амал пӯшад.

Мутобиқи модда 19-ум ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳифз ва таъмин карда мешаванд. Давлат шахсонеро, ки ба синни 18 нарасидаанд, яъне, ҷавонони 14-18 соларо таҳти ҳимоя қарор дода, тартиби махсуси амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои онҳоро муқаррар мекунад.

Аз инҷо бармеояд, ки мақомоти давлатии кор бо ҷавонон ваколати қабул ва баррасии шикоятҳо ва муроҷиатҳоро низ бобати таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон, албатта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дорад. Аммо дар амалия чунин ҳолатҳо қариб, ки ба назар намерасанд, чун дастгоҳи таблиғотии қонунгузории соҳавӣ фаъолияти заиф дорад.

Мутобиқи моддаи 20-ум ҳифзи саломатӣ, солимгардонӣ, истироҳат, тарзи ҳаёти солим ва рушди ҷисмонии ҷавонон таъмин карда мешавад.

Моддаи 21-уми Қонун ҳуқуқи ҷавононро ба гирифтани таҳсилоти сифатнок ва рушди ихтирокорию эҷодкорӣ муқаррар мекунад. Албатта, яке аз усулҳои ба таҳсили самаранок ҷалб кардани ҷавонон, ин ҷорӣ намудани созукорҳои (механизмҳои) гуногуни шавқангезию ҳавасмандгардонӣ ба ҳисоб меравад. Чунончӣ қонунгузор татбиқи ин созукорҳоро тариқи 1) таъсиси идрорпулии (стипендияи) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ва стипендияҳои номӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ, ҷавонони болаёқат ва фаъоли ҷамъиятӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) аз ҷониби давлат дастгирӣ кардани ихтирокорӣ ва эҷодкории ҷавонон; 3) дастгирии давлатии фаъолияти илмиву ихтирокорӣ ва эҷодкории ҷавонон пешбинӣ менамояд.

Боиси зикр аст, дар ҳошияи дастгирии пайвастаи роҳбарияти олии кишвар маҳз ҳамин меъёр ягона муқаррароте мебошад, ки нисбатан фаъол амалӣ гардида истодааст, ба мисли фаъолияти идрорпулиҳои президентӣ, озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷикистон Ватани азизи ман!», «Шоҳномахонӣ», «Илм фурӯғи маърифат» ва ғайра.

Қадами дигар, ин дар сатҳи баланд ва масъулияти хосса татбиқ гардидани ин созукор дар сатҳи маҳал ва муассисаҳои заминавӣ арзёбӣ мегардад.

Моддаи 22-юм татбиқи ҳуқуқи ҷавононро ба дастгирии иҷтимоӣ, шуғли пурмаҳсул ва ҷойи кори муносиб муқаррар мекунад. Аз ҷумла, пешбинӣ гардидааст, ки ҷавонон ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳифзи меҳнат ҳуқуқ доранд. Ҳамчунин, давлат дар таъмини кумакпулӣ, кумаки тиббию равонӣ, таҳсил, ҷойи кор, манзил ва нафақа барои ҷавонон аз гурӯҳҳои осебпазир, инчунин, оилаҳои ҷавоне, ки як ва ё ҳар дуи онҳо маъюб мебошанд, тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Тибқи ҳамин меъёр (модда) муқаррар гардидааст, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ ҷавононро ба ҷойи кори муносиб таъмин менамоянд. Ин хуб аст, аммо ин маъно онро надорад, ки давлат ҷойи кориро ба ҳамаи гурӯҳи ҷавонон таъмин менамояд. Дар инҷо манзур ҷавононе мебошад, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва бо фармоиши мақомоти ҳокимияти давлатӣ таҳсил мекунанд.

Боиси зикраст, ки дар шароити иқтисоди бозоргонӣ тамоми моликият дар ихтиёрдории бахши хусусӣ ва ё ҷомеаи шаҳрвандӣ аст, пас ҷавонон ҳамчун узви ҷомеаи шаҳрвандӣ барои таъмин гардидан бо ҷойи корӣ худ масъул мебошанд. Аммо, албатта, шароитҳои зарурӣ дар ин самт аз ҷониби давлат фароҳам оварда мешавад.

Бо ибораи дигар, ҳокимияти давлатӣ тибқи талаботи ниҳоди демократия ва қонунгузорӣ вазифадор аст, ки барои бо ҷойи корӣ таъмин гардидани ҷавонон шароити зарурӣ фароҳам орад, аммо ин маънои бо ҷойи корӣ таъмин карданро надорад. Яъне, давлат шароит фароҳам меорад ва ин шароит бо истилоҳи иқтисодӣ «бозори меҳнат» ном дорад ва дар ин бозор ҳар кас метавонад дониш, маҳорат ва малкаи худро ба фурӯш барорад. Харидор (кордиҳанда, асосан бахши хусусӣ) дар навбати худ, маҳсулоти муносибро (кадри болаёқатро) метавонад интихоб ва харидорӣ намояд.

Хулоса, шахси ҷавонро лозим меояд, ки (ва ин одилона ҳам ҳаст) барои таъмин гардидан бо ҷойи корӣ дар бозори меҳнат бо роҳи омӯхтани донишу малака ва сайқал додани маҳорати касбӣ талош варзад.

Зимнан, қисмати интиҳоии ҳамин меъёр низ – ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар бораи меҳнат барои бо кор таъмин намудани ҷавонон ҳиссаи (квотаи) ҷойҳои кориро муайян мекунанд – таҷдиди назар тақозо менамояд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 23 давлат ҳуқуқи ҷавононро ба моликият, фаъолияти соҳибкорӣ ва муносибатҳои дигари иқтисодӣ кафолат медиҳад. Ҳамчунин, пешбинӣ шудааст, ки ташкилотҳои кор бо ҷавонон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолияти соҳибкории ҷавононро тавассути таъминоти моддию техникӣ, грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок дар доираи амалисозии барномаҳои мақсадноки рушди соҳавӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ менамоянд.

Ин тадбирҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ хеле саривақтӣ мебошанд, аммо татбиқи онҳо созукорҳои (механизмҳои) мушаххаси таъсиррасонӣ, шавқангезӣ, ҳавасмандгардонӣ ва амалисозиро тақозо менамояд.

Эзоҳ: *зимнан, барои возеҳ шудани масъала ва шинос шудан бо роҳу усулҳои муосир ва муносиби рушди соҳибкорӣ ва мустақилияти иқтисодии ҷавонон ба натиҷаҳои фаслҳои қаблӣ ва ояндаи ҳамин тадқиқот метавонед назар андозед.*

Моддаи 25 маҷмӯи тадбирҳоро барои дастгирии давлатӣ оилаҳои ҷавон пешбинӣ менамояд. Тибқи ин меъёр ба оилаҳои ҷавон кумакҳои моддӣ, таълимӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, равоншиносию омӯзишӣ ба оилаҳои ҷавон ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маишии онҳо ва кумакҳои молиявии таъхирнопазир ба оилаҳои ҷавон дар доираи барномаҳои давлатӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ гардидааст.

Аммо, қисми муайяни ин тадбирҳо ба монанди кумак барои таъмин гардидан бо манзил, кумаки молиявӣ ва ғайра созукори (механизми) амалӣ талаб менамоянд, чун айни замон иҷрои онҳо нокомил арзёбӣ мегардад.

Моддаҳои 26, 27 ва 28 механимзҳои маблағгузориро дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон

муқаррар менамоянд, ки хеле саривақтӣ ва аҳамиятнок мебошанд.

Муқаррар шудааст, ки маблағгузорӣ дар самти сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи маблағҳои барои субъектҳои татбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон пешбинишудаи буҷети давлатӣ ва сарчашмаҳои дигари маблағгузорие, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, таъмин карда мешавад. Яъне, барои татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон аз лиҳози ҷалб ва ташкили маблағгузорӣ монеа дигар нест, аммо ҷараёни маблағгузории фаъолият дар маҳал дар сатҳи паст қарор дорад.

Бо мақсади дастгирии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, моддию маънавӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии ҷавонон таъсис додани «Фонди дастгирии ҷавонони Тоҷикистон», мувофиқан таъсиси дигар фондҳо муқаррар гардидааст. Аммо то имрӯз чунин фондҳо ташкил наёфтаанд, ки ин масъала таваҷҷуҳи субъектҳои асосии сиёсати давлатии ҷавононро тақозо мекунад.

Чи тавре дар таҳлилҳои фаслҳои боло пешниҳод гардида буд, ташаккули низоми сармоягузории шаҳрвандиро метавон бо роҳи таъсиси фондҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла бо ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ бо роҳи шавқангезӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо ташкил намуд. Яке аз роҳҳо ин роҳандозӣ намудани фондҳои гуногуни тиҷоратӣ ва ё соҳибкории ҷавонон ба ҳисоб меравад, ки дар кишварҳои пешрафта даҳсолаҳо боз таҷриба шуда истодааст.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд барои рушди соҳаи кор бо ҷавонон иншооти соҳаи кор бо ҷавононро таъсис дода, онҳоро бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз намоянд, тариқи эҳсонкорӣ молу мулк ва маблағ хайр намоянд, - пешбинӣ гардидааст дар Қонуни мазкур. Ин меъёр имкон медиҳад, ки маблағгузории доираи бахши хусусӣ ҳар чи бештар ба амалисозии барномаҳо ва

лоиҳаҳои иҷтимоии соҳаи кор бо ҷавонон ҷалб карда шавад. Дар робита ба ин аз субъектҳои дахлдор танҳо фаъолнокӣ ва муттаҳидию ҳамгироӣ тақозо мегардад.

Боби 4-уми Қонун муносибатҳои байналмилалиро дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар месозад.

Ҳамчунин, моддаҳои 29 ва 30 ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон ва иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар ташкили инфрасохтори соҳаи кор бо ҷавононро пешбинӣ менамояд.

Муқаррар карда шудааст, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин, созмонҳои байналмилалӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар ташкили инфрасохтори соҳаи кор бо ҷавонон иштирок намоянд. Ин созукор имкон медиҳад, ки бо ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ, аз ҷумла дар шакли кумакҳои пулии бебозгашт сохтмонҳои гуногун дар соҳаи кор бо ҷавонон, аз ҷумла марказҳои ҷавонон, хадамоти хизматрасонӣ ва иҷтимоӣ бунёд карда шаванд.

Дар инҷо, аз таҷриба, масъалаи муҳим ин нигоҳ дошта тавонистани инфрасохтори соҳаи кор бо ҷавонон пас аз анҷоми маблағгузории он мебошад, чун солҳои қабл даҳҳо марказҳои ҷавонон сохтмон гардида, муддате чанд пас аз фаъолият боз мондаанд, аз ҷмула дар шаҳру ноҳияҳои Исфара, Ҳисор, Ёвон, Ваҳдат ва Данғара. Яъне, мақоми ваколтадори давлатиро ва ё дилхоҳ шахси ташаббускорро зарур мегардад, қабл аз ҷалби маблағгузорӣ созукори (механизми) худмаблағгузории иншоот ва ё ташкилотҳои таъсиёфтаро таҳия намояд, чун ҳар як маблағи воридшуда, маблағи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Боби 5-уми Қонун, аз ҷумла моддаҳои 31, 32 ва 33 муқаррароти хотимавии Қонунро дар бар мегирад.

Боиси зикр аст, ки дар таҳрири қаблии Қонун меъёре муқаррар шуда буд, ки таъсиси шӯроҳоро оид ба кор бо ҷавонон дар бар мегирифт, бо назардошти ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои татбиқкунандаи сиёсати давлатии ҷавонон; назорат ва ҳамоҳангсозӣ истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ; пешбурди манфиатҳои субъектҳои дастгирии сиёсати давлатии ҷавонон; баррасии масъалаҳои марбут ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ҳалли мушкилоти ҷавонон ва ғайра.

Зимнан, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қарори №526 аз 18 июли соли 2015 дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии кор бо ҷавонон таъсис дода шуд, мувофиқан дар назди расиони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо шӯроҳои кор бо ҷавонон таъсис ёфтанд.

Дар маҷмӯъ, ин муқаррарот низоми ҳамоҳангшудаи сиёсати давлатии ҷавононро бо иштироки мансабдорони сатҳии олии давлатӣ таъмин мекунад, ки нишондиҳандаи баландтарини рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо дар тарҳи нави Қонун ин меъёр дида намешавад, ки ҷойгир намудани он аз манфиат холӣ нест.

Бо дарназардошти таҳлилҳои боло метавон хулоса намуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» масъалаҳои ҳуқуқии ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавононро мутаносибан пурра фаро мегирад ва асоси рушди ҳамаҷонибаи сиёсати давлатии ҷавонон ва эътирофи шаҳрвандони ҷавон ҳамчун захира ва сармояи устувори инсонӣ, ки рушди ояндаи ҷомеаро таъмин мекунад, ба ҳисоб меравад.

Аммо, гурӯҳи зиёди тадбирҳои муайянкардаи Қонун қисман татбиқ ёфтаанд ё амалӣ нашудаанд ва ё дар ҳолати беамалӣ қарор доранд, ки ин аз иқтидори заифи субъектҳои дахлдор шаҳодат медиҳад ва нисбат ба ояндаи

соҳа, сифати татбиқи чораҳо, самаранокӣ ва таъсири онҳо боиси нигаронӣ мебошад. Зарур аст, ки субъектҳои дахлдори соҳа ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти муайянгардида ва татбиқи саривақтии меъёрҳои қонунгузорӣ чораҳои ҳамоҳангшуда андешанд.

Дар умум, қонунгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан ташаккулёфта ба ҳисоб меравад. Дар кишвар як қатор санадҳои қонунгузорӣ амалӣ мегарданд, ки асоси ҳуқуқию ташкилии низомии сиёсати давлатии ҷавононро фароҳам овардаанд ва имкон медиҳанд, ки тадбирҳои мушаххасе дар самти худташаккулёбӣ ва рушди ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосири демократӣ андешида шаванд.

Бо вуҷуди ин, вазъи умумии татбиқи чаҳорчӯбаи қонунгузории сиёсати давлатии ҷавононро айни замон қаноатбахш ҳисобида намешавад; аксари созукорҳои (механизмҳои) пешбинишуда ҳоло амалӣ нашудаанд.

Омилҳои асосии барангезандаи мушкилот дар самти татбиқи асосҳои қонунгузории соҳаи сиёсати ҷавонон муайян карда шуд, ки иборат аст, аз: набудани созукорҳои (механизмҳои) возеҳи ҳамкории байнисоҳавӣ, усулҳои бонизоми (системавии) амалисозии чорабиниҳо, заиф будани шарикии иҷтимоӣ ва ҳамкорию ҳамоҳангӣ бо субъектҳои асосии манфиатдор.

Таҳлилҳо яктарафа будани низоми идоракунӣ ва татбиқи санадҳои қонунгузориро ошкор кард, ки ба талаботи (принсипҳои) сиёсати давлатии ҷавонон мутобиқ нест. Субъекти нисбатан фаъоли ин раванд мақомоти давлатии соҳаи кор бо ҷавонон буда, иштироки дигар мақомоти маркази ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон нокифоя ва заиф арзёбӣ мегардад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Заминаи қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад, номабар кунед?
2. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон кай ташкил ёфт?
3. Санадҳои зерқонуни сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
4. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна барнома аст?
5. Зарурати ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон ба чи асос меёбад?
6. Давраи якуми ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон как оғоз мегардад?
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ҳамчун қонуни асосии ҷавонон ном гирифтааст, чаро?
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз чанд бобу модда иборат аст?
9. Сиёсати давлатии ҷавонон чист (мутобиқи қонун)?
10. Ҷавонон кадом давраи синусолиро фаро мегиранд?
11. Вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
12. Талаботи (принсипҳои) асосии сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
13. Даҳ самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардидаанд, кадомҳоянд?
14. Низоми идоракунӣ дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон аз кадом ниҳодҳо (сохтор) иборат аст?

15. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавононро дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо кадом сохторҳо ташкил медиҳанд?
16. Ниҳодҳои давлатии ҷавонон то андозае фаъолият доранд, аммо аз иҷрои вазифаҳои (функсияҳои) асосии худ дур мебошанд, чаро?
17. Дар сатҳи ҷамотаҳо воҳиди кор бо ҷавонон то ҳанӯз таъсис наёфтааст, чаро?
18. Барои дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷавонон чи тадбирҳо андешида шудаанд ва онҳо дар кадом сатҳ қарор доранд?
19. Марказҳои ҷавонон барои худташаккулёбии ҷавонон чи аҳамият доранд?
20. Дар назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо кадом мақсад шуъбаи кор бо ҷавонон таъсис дода мешавад?
21. Ҳамоҳангсози идрорпулии (стипендияи) президентӣ, номи ва муассисавӣ кадом сохтор аст?
22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» кай қабул гардидааст ва чи ҳадаф дорад?
23. Волонтёрон, бештар бидуни чаҳорчӯбаи Қонун ба фаъолият ҷалб карда мешаванд, чаро, яъне кадом талабот иҷро намешавад?
24. Ҷавонон, мисли дигар табақаҳои аҳолӣ, метавонанд аз кумаки давлатӣ бархурдор гарданд, кадом кумакҳо?
25. Давлат ҷавонони кадом синнусолро таҳти ҳимоя қарор медиҳад?
26. Оё мақомоти давлатии кор бо ҷавонон ваколати қабул ва баррасии шикоятҳо ва муроҷиатҳоро бобати таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон дорад?
27. Барои бо ҷойи корӣ таъмин гардидани ҷавонон ки(ҳо) масъул ва ё вазифадоранд?

28. Ташкилотҳои кор бо ҷавонон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолияти соҳибкории ҷавононро тавассути кадом василаҳо бояд дастгирӣ намоянд?
29. Маблағгузорӣ дар самти сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи маблағҳо таъмин карда мешавад?
30. Субъектҳои дахлдори соҳа ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти муайянгардида ва татбиқи саривақтии меъёрҳои қонунгузорӣ чи чораҳо бояд андешанд?
31. Омилҳои асосии барангезандаи мушкилот дар самти татбиқи асосҳои қонунгузории соҳаи сиёсати ҷавонон муайян карда шуд, кадомҳоянд?

§ 14. Заминаҳои меъёрию амалӣ ва ташкилии сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити рушди ҷомеаи муосир

Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санади дуюми бунёдӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ин «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки он бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №228 аз 03.06.2006 ҳамчун ҳуҷҷати меъёри ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои умумӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон қабул карда шудааст. Вобаста ба талаботи рушди ҷомеаи муосир ва мутобиқнамоии ниёзҳои ҷавонон ба талаботи бозорҳои меҳнат ва маориф соли 2014 ба Консепсияи мазкур тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд [1].

Дар инҷо барои маълумот мафҳумҳои зерини санад ва ё ҳуҷҷати бунёдиро, ки дар таҷрибаи сиёсати

[1] Мафҳуми (консепсияи) миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014, №228 тасдиқ шудааст)

идоракунӣ бештар истифода мегарданд, мебояд баррасӣ намуд.

Доктрина (лот. doctrina – таълимот) – таълимоти бонизом ва маҷмӯи меъёрҳои мушаххас мебошад. Яъне, ҳуҷҷатест иборат аз маҷмӯи меъёрҳои хусусияти омӯзишӣ, таълимӣ ва илмидошта. Доктрина на ҳамчун санади зерқонунӣ, балки ҳуҷҷати бунёдӣ буда, ҷиҳати таҳияи қонунҳо ва санадҳои дигар ва муайян кардани самтҳои фаъолият ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад.

Консепсия (лот. conception – фаҳмиш, низоми донишҳои мушаххас) – равиши муайяни шарҳу тавзеҳи гурӯҳи масъалаҳо ва мафҳумҳо мебошад. Ҳуҷҷатҳои консептуалӣ ва ё ғоявӣ асосан ҳамчун идомаи мантиқии доктрина бо мақсади тавзеҳ додани мафҳумҳо, меъёрҳо, ғояҳо, назарҳо, муносибатҳои ва донишҳои муайян таҳия ва қабул мегарданд. Ҳама намуди мафҳумҳо ва ё меъёрҳое, ки дар доктрина хусусияти умумӣ доштанд, дар консепсия дар алоҳидагӣ тавзеҳ дода шуда, роҳу усулҳои амалисозӣ баррасӣ карда мешаванд.

Стратегия (юн. strategos – ба корҳои ҳарбӣ машғул гардидан) – нақшаи умумии амалиёт мебошад. Дар қиёс ба ду ҳуҷҷати боло стратегия дар бештар ҳолатҳо ҳамчун санади зерқонунӣ қабул карда мешавад. Аммо ин ҳуҷҷати стратегӣ низ, идомаи мантиқии ду ҳуҷҷати боло буда, роҳу усул ва тартиби амалисозии меъёрҳо ва ё ҳадаф ва вазифаҳои муайянро фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси ғояҳо ва принсипҳои асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Эъломияи ҳуқуқи башар» ва дигар ҳуҷҷатҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, гурӯҳи мафҳумҳои асосӣ ва меъёрҳои умумиқабулшударо

дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон фаро мегирад.

Консепсияи мазкур чаҳорчӯбаест, ки нишондодҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши ҷавононро дар ҷомеаи муосир дар бар мегирад; он самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавононро муқаррар мекунад.

Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон калиди муваффақият ё пояи ҳама гуна фаъолият мебошад ва аз ин рӯ, онҳо татбиқи пурраи сиёсати давлатии ҷавонон таъмин мекунанд.

Яке аз самтгириҳои асосҳои татбиқи Конспесияи мазкур аз таъмини ҳуқуқии механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии сиёсати давлатии ҷавонон, пеш аз ҳама такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, ки мустақиман ин ё он муносибатро бо иштироки ҷавонон, ташкилотҳои ҷавонон ва кӯдакон танзим менамояд.

Таркиби Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст аз:

I. Нақши ҷавонон дар рушди кишвар, таъмини рақобатпазирӣ ва амнияти миллии он
II. Мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонон
III. Принсипҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон
IV. Механизмҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
V. Натиҷаҳои мунтазира вобаста ба татбиқи Консепсия

Ҳуҷҷати мазкур таҳкурсии муносибатҳоро дар ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон бо фарогирии чунин самтҳои афзалиятноки фаъолият ташкил медиҳад: 1) иштироки ҷавонон; 2) шуғли ҷавонон; 3) тарзи ҳаёти солим; 4) таҳсилоти муносиб барои ҷавонон; 5) таъминоти иҷтимоии ҷавонон; 6) таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; 7) мустақилияти иқтисодии

ҷавонон; 8) тарбияи ватандӯстии ҷавонон; 9) ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон; 10) ҷанбаҳои ниҳодсозӣ ва илмию амалии сиёсати давлатии ҷавонон [1, с.54].

Аз ин рӯ, дар тадқиқоти мазкур кулли масъалаҳо маҳз дар доираи ҳамин самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон баррасӣ ва натиҷагирӣ гардидаанд.

Инчунин, дар ин ҳуҷҷат механизмҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, ки татбиқи устувори сиёсати давлатии ҷавонон ва таълиму тарбияи ҳамаҷонибаи ҷавононро таъмин мекунанд.

Ҳамин тариқ, санади мазкур номгӯи 28 масъаларо ҳамчун натиҷа пешбинӣ мекунад [2, с.51–54], ки дар 10–20 соли оянда ноил шудани онҳоро пеш гузоштааст. Яъне ин вазифагузорӣ моро водор месозад, ки дар ояндаи начандон дур бояд ҳадди аққал 50 фоизи вазифаҳо амалӣ карда шаванд.

Мутобиқи таҳлилҳо дар 8-9 соли охир 8 адад ё 28,6 фоиз натиҷаҳо дар ҳоли иҷроиш қарор доранд. Ин маънои онро дорад, ки ба даст овардани ҳамаи натиҷаҳои пешбиникардаи Консепсия имконпазир ҳисобида намешавад. Аммо, натиҷаҳои назаррасе, ки дар ҳоли иҷро ҳастанд, инҳоянд: тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии ҷавонон, эҳтиром ба таърих, фарҳанг ва анъанаҳои он; муқовимат ба омилҳои ифротгароӣ дар байни ҷавонон; ва ғайра.

Қисме аз натиҷаҳо дар ҷараёни таҳиясозӣ мебошанд, яъне татбиқи онҳо нав оғоз шудааст ва эҳтимол дорад, ки аксари онҳо амалӣ нашаванд, зеро дар раванди таҳия

---

[1] Миралиён, К. А. Афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К. А. Миралиён // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. - 2015. - № 3 (46). - С. 54-62

[2] Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯа барои мақомоти кор бо ҷавонон. – Душанбе: 2011. – 146 с.

мушкилоте ба миён меояд, ки натиҷаи онҳо аз ҳолатҳои зерин вобаста хоҳад буд: коҳиш додани нишондодҳои иҷтимоӣ ва тағйир додани рафтори репродуктивии оилаҳои ҷавон; ҷалб гардидани ҷавонон ба соҳибкории рушдёфта дар истеҳсолот ва хизматрасонии давлатӣ; фароҳам овардани шароити иқтисодӣ ва ташкилӣ барои системаи амалкунандаи дастгирии рушди эҷодии ҷавонон, муайян кардан, дастгирӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҷавонони боистеъдод ва болаёқат, аз ҷумла дар соҳаи илм ва фановарӣ ва ғайра.

Тавре аз таҳлили боло равшан мегардад, ноил шудан ба нишондодҳоои асосии сиёсати ҷавонон бидуни ба даст овардани ин натиҷаҳои муҳим ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, барои расидан ба ин нишондодҳо субъектҳои сиёсати ҷавонон, бахусус мақомоти давлатии кор бо ҷавонон бояд фаъолияти худро тақдиди назар кунанд ва таҳким бахшанд, тамоми захираҳои имконпазирро истифода баранд ва ҳамаи ҷонибҳои манфиатдоро ҷалб кунанд.

Муайян карда шуд, ки то имрӯз 11 банди (39,3 фоизи) натиҷаҳои пешбиникардаи Консепсияи мазкур амалӣ нашудаанд. Илова бар ин, бо назардошти имкониятҳои кунунии субъектҳои масъули корҳои ҷавонон, ноил шудан ба онҳо ғайривоқеӣ ҳисобида мешавад. Нишондиҳандаҳои муҳимтарин ва таъсиргузортарине, ки бояд амалӣ мегардиданд, инҳоянд: коҳиш додани сатҳи ҷиноятқорӣ дар байни ҷавонон; таъсиси системаи машварати тахассусӣ барои ҷавонон оид ба сабабҳои мушкилоти иҷтимоӣ; тақвияти низоми ҳифзи иҷтимоии – ҷавонон тавассути ҳамгироии маълумотҳои байнисоҳавӣ, ба монанди таҳсилот, роҳнамоии касбӣ ва омӯзиш, шуғл, такмили ихтисос, омодасозии касбӣ, таъминоти иҷтимоӣ, нигоҳубини тиббӣ, таъмин гардидан бо манзил, таҳкими робитаҳои хориҷӣ; ташаккули низоми омодасозии – кадрҳои баландтахассус дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон; ҳалли мушкилоти ҷавонон дар кишвар дар асоси

таҳлилҳои илмию методологӣ бо истифода аз таҷрибаи пешрафта ва усулҳои навтарини қабули қарорҳо.

Ҳамин тариқ, раванди татбиқи Консепсия, аз ҷумла дараҷаи ноил шудан ба баъзе нишондиҳандаҳо дар ҳоли ҳозир қаноатбахш арзёбӣ мегардад, ки ба рушди сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун як қисми сиёсати давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад ва суръати беҳтар шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавононро заиф мегардонад.

Ба татбиқи чунин ҳуҷҷати бунёдӣ, ки татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро бо назардошти шароит ва имкониятҳои воқеии давлат ва ҷомеа пешбинӣ кардааст, бояд таваҷҷуҳи махсус равона карда шавад. Натиҷаҳои бадастомада дар самти татбиқи сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, ки истифодаи имконоти ҳамаи бахшҳои ҷомеа, аз ҷумла ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тиҷоратро дар бар мегирад, мунтазам бояд баррасӣ карда шаванд.

Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон

Чи тавре дар боло зикр гардид, ҳуҷҷати стратегӣ чаҳорчӯбаи муносибатҳо ва ё маҷмуи чорабиниҳое мебошад, ки иборат аз роҳу усулҳои амалисозоии пайдарпайии тадбирҳои муайян.

Ҳамин тариқ, илова ба асосҳои меъёрию ҳуқуқии боло бо мақсади амалисозии самараноки сиёсати давлатии ҷавонон «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2021, №166 қабул гардидааст. Боиси зикр аст, ки ин таҳрири дуюм аст, таҳрири нахустин бошад, барои давраи то соли 2020 (04.10.2011, №480) қабул гардида буд [1, с.18].

«Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон» аз тарз, тартиб ва усулҳои муносиби татбиқи сиёсати давлатии

[1] Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2021, №166 тасдиқ шудааст)

ҷавонон таркиб ёфта, татбиқи минбаъдаи он самаранокии сиёсати давлатии ҷавононро бояд таъмин намояд. Зимнан, мундариҷаи «Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030» иборат аст, аз: таркиби Стратегия: 1) муқаррароти умумӣ; 2) зарурати қабули Стратегия; 3) мақсад ва принсипҳои татбиқи Стратегия; 4) самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон; 5) Тадбирҳо барои татбиқи Стратегия; 6) созукори (механизми) татбиқи Стратегия; 7) шароите, ки барои татбиқи Стратегия зарур аст; 8) натиҷаҳои татбиқи Стратегия, мониторинг ва баҳодиҳии самарабахшии он; 9) муқаррароти хотимавӣ.

Бояд қайд кард, ки стратегия самти дарозмуддат ва сифатан муайяншудаи рушди як минтақа ё соҳа ва самти фаъолияти мушаххас, захираҳои он, шаклҳои фаъолият ва низоми муносибатҳои байни субъектҳои он, инчунин мавқеи онҳо дар муҳити зист буда, онҳоро ба ҳадафҳо ва вазифаҳои пешгирифтаашон роҳнамоӣ мекунад.

Барои ноил гардидан ба мақсадҳои Стратегияи мазкур ҷорӣ намудани созукорҳои (механизмҳои) таъсири мустақим ба ҷавонон талаб карда мешавад, ки самарабахшии баланд ва ба таври фаврӣ идоракунии равандҳои вобаста ба ҷавонон бамиёномадаро таъмин менамояд.

Аз ин рӯ, самтҳои афзалиятноки Стратегияи мазкур лоиҳаҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ татбиқ карда мешаванд. Дар доираи лоиҳаҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ чорабиниҳое дастгирӣ меёбанд, ки нисбат ба тамоми ҷавонони кишвар нигаронида шудаанд, аз ҷумла маъракаҳои оммавӣ, барномаҳо, озмунҳо, иқдомҳои ҷавонон. Дар доираи лоиҳаҳо дар сатҳи минтақавӣ барои ҳалли вазифаҳое, ки ҳамин Стратегия ва барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоии ҷавонон пешбинӣ намудаанд, шароитҳо фароҳам оварда мешаванд.

Тибқи тартиби муқарраршуда барои ҳар як лоиҳа мақомоти ваколатдори соҳаи иқтисод ва савдо бо иштироки мақомоти ваколатдори соҳаи кор бо ҷавонони асосноксозии техникию иқтисодиро таҳия менамояд, ки он мақсадҳо ва вазифаҳои дахлдори Стратегияро дар бар гирифта, ба самтҳои афзалиятноки сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин нишондиҳандаҳои сиёсати давлатии ҷавонон бояд асос ёфта бошад. Ба ин намуди фаъолият асосан ниҳодҳои таҳлилию илмӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷалб карда мешаванд.

Барои ҷалби иҷрокунандагони самтҳои афзалиятнок, қабл аз ҳама аз ҳисоби мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи кор бо ҷавонон фаъолият менамоянд, озмун гузаронида мешавад. Матлаби озмун интихоби лоиҳа ва чорабиниҳое мебошад, ки ба ҳалли як ё якчанд вазифаҳои муайяннамудаи Стратегия нигаронида шудаанд.

Дар сатҳи ҷумҳуриявӣ барои татбиқи самтҳои афзалиятноки Стратегия мақоми ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон масъул мебошад, фаъолиятро дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳравандӣ ва ниҳодҳои илмӣ анҷом медиҳад. Дар сатҳи минтақавӣ воҳидҳои сохтории мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба кор бо ҷавонон масъул мебошанд.

Чи тавре аз муқаррароти Стратегия ва нуқтаҳои боло бармеояд, он як ҳуҷҷати байнидоравӣ буда, ҳадафҳо ва соҳаҳои афзалиятнокро дар самти татбиқи сиёсати ҷавонон муақаррар кардааст. Ин ҳадафҳо ва соҳаҳои афзалиятнок бошад, дар навбати худ, тариқи барномаҳои рушди мақсаднок ва ё нақшаҳои амал дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақа маҳал, ҳамчунин ҷамоатҳо амалӣ карда мешаванд.

Аз ин рӯ, таҳлили вазъ ва натиҷаҳои Стратегия зимни баррасии барномаҳои рушди мақсаднок нишон дода

мешаванд. Зимнан, чун дигар санадҳо сатҳи татбиқи Стратегия ҳоло қонеъкунанда намебошад.

Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон»

Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон (дар гузашта «Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон») муҳимтарин санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ташаккули василаҳои амалии сиёсати давлатии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир буда, барои дастгирӣ ва инкишофи ҳаматарафаи ҷавонон муносибатҳои маҷмуиро дар бар мегирад.

Барномаи мазкур ҳамчун созукори (механизми) татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон бори аввал соли 1999 барои давраи миёнамӯҳлат – пас 7 соли қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» қабул гардида, дар ин давра нақши бориз гузоштааст, ҳамчун таҳкурсӣ барои дар амал татбиқ намудани сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон мусоидат намуда истодааст [1, с.2].

Барномаи мазкур барои муайян намудани самти (ояндаи наздики) сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон ҳамчун таҷрибаи амалӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон нақши муҳим бозид ва аз ин рӯ, натиҷаҳои он ҳалкунанда дониста шудаанд. Тасмими муҳиме, ки дар ин давра гирифта шуд, ин таҳия ва татбиқи Барнома дар тамоми вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо буд, яъне ҳар як минтақа бояд барномаи ҷавононро дар маҳалҳо қабул ва амалӣ намоянд.

Ҳамин тариқ, бори нахуст дар саросари ҷумҳурӣ Барномаи мазкур барои давраи оянда (2001-2003) қабул гардид. Аз рӯи микдор ин на як, балки 73 барномаро дар

[1] Раҳимов, И. Ҳ. Ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия... кафедраи илмҳои сиёсӣ: 23.00.02 [Матн] / И. Ҳ. Раҳимов. - Душанбе, 2002. –22 с.

сатҳҳои ҷумҳиярвӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ташкил медиҳад.

Бо ҳамин тартиб татбиқи Барномаи ҷавонон 9 даврараро дар бар мегирад: солҳои 1999–2000, 2001–2003, 2004–2006, 2007–2009, 2010–2012, 2013–2015, 2016–2018, 2019-2021 ва 2022–2026. Мутаносибан, ҳадафҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо ва дигар ҷузъҳои Барнома дар заминаи ниёзҳои ҷавонон ва субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон давра ба давра тағйир ёфта, ҳадафи умумӣ, яъне пешниҳоди як қатор хизматрасониҳои зарурӣ барои ҷавонон, бетағйир монд.

Дар муқоиса бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Барномаи мазкур муваффақ буда, дар байни ҷавонон натиҷаҳои назаррас дорад. Дар айни замон Барномаи мазкур ягона созукори (механизми) нисбатан устуворест, ки робитаи ҷавононро ҳамчун объект ва ҳамзамон субъект бо дигар субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, махсусан бо мақомоти ваколатдори давлатӣ таъмин менамояд.

Яке аз ҷузъҳои муҳими Барнома маблағгузории он мебошад, ки асосан аз ҳисоби буҷети давлатӣ пешбинӣ шудааст. Дар маҷмӯъ, ин нишондодро метавон саҳми бевоситаи Ҳукумат дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва маблағгузории тамоми бахшҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавононро саҳми мустақим ва ғайримустақим арзёбӣ кард.


Дар инҷо бояд зикр намуд, ки сатҳи маблағгузории Барномаҳо ҳамасола беҳтар шуда истодааст. Ҷадвали поён сатҳи маблағгузории Барномаро дар даврааи солҳои 1999-2021 ва вазъи воқеиро инъикос мекунад [1, с.43–64].

---

[1] Ҳисоботи фишурда ва муқоисавӣ оид ба натиҷаи фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар соли 2016 ва нақшаҳо барои соли 2017 [Матн] / Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2016. - 56 с.; Гузориши «Барномаи миллии рушди иҷтимоии чавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2018» дар соли 2017 [Матн]: Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе:

Давраҳо маблағгузорӣ	Маблағи Барнома (бо ҳазор сомонӣ)	Шумораи ҷавонон (ҳазор наф.)	Арзиш (сари ҳар як нафар/сол)
1999–2000	200000	1800000	0,04 смн
2001–2003	225000	2000000	0,04 смн
2004–2006	805000	2300000	0,12 смн
2007–2009	2200000	2512000	0,29 смн
2010–2012	4134000	2662000	0,52 смн
2013–2015	6200000	2800000	0,74 смн
2016–2018	8061000	2853000	0,94 смн
2019–2021	8757000	2895000	1,01 смн

Маблағҳои ҷудошуда барои татбиқи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон (сатҳи ҷумҳурӣ/марказӣ), давра ба давра



Динамикаи маблағгузории Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон (сатҳи ҷумҳурӣ/марказӣ), давра ба давра

Чи тавре аз ҷадвалҳои боло дида мешавад, маблағгузории Барнома давра ба давра афзоиш меёбад,

2018. – 28 с; Тоҷикистон дар рақамҳо [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 167 с.

аммо тавозуни он вобаста ба фарогирии ҷавонон аз лиҳози шумора зиёд мешавад, ки ин хуб аст. Агар солҳои 1999-2000 ба сари ҳар нафар ҷавон 0,04 сомонӣ мерасид, ин таносуб дар давраи солҳои 2019-2021 то ба 1,01 сомони зиёд гардидааст.

Бояд гуфт, ки маълумоти дар боло зикршуда танҳо ба сатҳи ҷумҳурияӣ дахл дорад ва агар ҳамаи сатҳҳо ба инобат гирифта шаванд, пас онҳоро 1,5 баробар зиёд кардан лозим аст, зеро дар асл ҳиссаи маблағгузории буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳаҷми умумии маблағгузорӣ якуним баробар зиёд карда мешавад (30-35 фоиз).

Бо вуҷуди ин, ченаки маблағгузории Барнома ба сари ҳар як нафар ҷавон дар як сол 1 сомонӣ (тақрибан 0,1 доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар кишварҳо кам аст.

Дар баробари ин, сарфи назар аз он, ки Барнома устувортарин воситаи тақвиятбахшандаи мафкуравӣ (идеологӣ) ба ҳисоб меравад, созукори (механизми) амалигардонии он таҷдиди назарро тақозо мекунад. Айни замон натиҷаҳои Барнома асосан хусусияти миқдорӣ доранд, зеро иқтидори субъектҳои соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла мақоми ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои сифатӣ бо назардошти хулосаи поён хеле заиф аст.

Якум, созукори (механизми) устувори идоракунии мақсаднок, банақшагирӣ, татбиқ, мониторинг ва арзёбии Барнома то ҳол ташкил наёфтааст, ки ин талаботи асосии сиёсати барномасозӣ мебошад.

Дуюм, нерӯи инсонии (кадрии) мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон мутаносибан заиф мебошад. Дар баробари ин, хизматчии давлатӣ барои бевосита амалӣ намудани чорабиниҳои барнома салоҳият ва имкониятҳои маҳдуд дорад, яъне дастрасӣ надорад (бинобар шумори кам будани онҳо ва паст будани сатҳи

маҳорати кабсӣ). Дар инҷо, бояд зери мафҳумҳои салоҳият ва имкониятҳои маҳдуд андеша намуд. Маҳдудияти салоҳият ва имконият маънои онро дорад, ки хизматчии давлатӣ бояд машғули вазифаи бевоситаи худ бошад, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ, идоракунӣ ва танзим. Ташкилию амалисозии муносибатҳо (чорабиниҳо) бошад, мутобиқи талаботи (принсипҳои) идоракунии ҷомеаи демократӣ ба салоҳдиди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вобаста мебошад. Яъне, ҳамкориро бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мебояд тақвият бахшид.

Сеюм, кормандони соҳаи кор бо ҷавонон мутахассисони соҳибтахассус нестанд, зеро чунин ниҳоди таълимӣ барои омода кардани мутахассисони соҳаи кор бо ҷавонон, бо тахассус ё касби «Кор бо ҷавонон», аз ҷумла ҷиҳати омӯзонидани шахсони дорои малакаи банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ҳоло ташкил нагардидааст.

Чорум, ҳам мақомоти ваколатдори давлатӣ ва ҳам мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар симои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҳамкории суст доранд, яъне меъёрҳое, ки қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар кардааст, пурра амалӣ намегарданд.

Панҷум, дар аксари шаҳру ноҳияҳо татбиқи Барнома бо назардошти ҳамаи самтҳои афзалиятнок ва вазифаҳо таъмин карда намешавад. Таҷриба ва нерӯи зеҳнии кормандони мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон ва дигар субъектҳо, аз ҷумла ҷамоатҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хеле заиф мебошад, дар баробари ин, дар сохтор норасоии кордонҳо (кадрҳо) хеле зиёд ба назар мерасад.

Хулоса, Барномаи миллӣ ҳамчун тарҳи (модели) татбиқи ҳамаҷонибаи сиёсати давлатии ҷавонон ҷорӣ карда шудааст. Аммо тартиби амалии (принсипи) иҷрои он ба ғайр аз сатҳи ҷумҳуриявӣ дар дигар сатҳҳо (вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо) риоя карда намешавад. Дар

баъзе минтақаҳо он ҳамчун барномаи маҳаллӣ ва дар дигар минтақаҳо ҳамчун нақшаи чорабиниҳо амалӣ карда мешавад; нишондиҳандаҳои он амалан нотамом мемонад ва ин мушкилот доманадор боқӣ мондааст.

Илова бар ин, тартиби амалисозии Барнома мухолифи талаботи (принсипи) идоркунии демократӣ ва дур аз рукнҳои илмию равишшиносӣ (методологӣ) ба роҳ монда шудааст, ки маншаи асосии мушкилот арзёбӣ мегардад.

Аз ин рӯ, дар поён ба сифати намуна ё тарҳи (модели) барномасозӣ тартиби татбиқи Барнома, ки фарогири сиёсати ташкилию идоракунии демократӣ, аз ҷумла асосҳои илмию равишшиносӣ (методологӣ), ҳамчунин самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, манзури субъектҳои алоқаманд, аз ҷумла мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон пешниҳод мегардад.

Тарҳи (модели) барномасозии сиёсати давлатии ҷавонон

№	Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон	Маблағ, миллион смн	Афзалиятнокӣ, таносуб	Ба соҳаи илму методология, 50 фоиз бо тартиби афзалиятнокӣ	Ба соҳаи амалия, 50 фоиз бо тартиби афзалиятнокӣ	Барои таҳқиқот, ташкилӣ ва идоркунӣ
1	Иштироки ҷавонон;	10,0 смн	100 фоиз	5,0 смн	5,0 смн	2,7 смн
2	Шуғлнокии ҷавонон;	10,0 смн	95 фоиз	4,8 смн	4,8 смн	2,6 смн
3	Таъмини тарзи ҳаёти солим;	10,0 смн	90 фоиз	4,5 смн	4,5 смн	2,5 смн
4	Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;	10,0 смн	85 фоиз	4,3 смн	4,3 смн	2,4 смн

5	Таъминоти иҷтимоии ҷавонон;	10,0 смн	80 фоиз	4,0 смн	4,0 смн	2,3 смн
6	Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;	10,0 смн	75 фоиз	3,8 смн	3,8 смн	2,2 смн
7	Мустақилияти иқтисодии ҷавонон;	10,0 смн	70 фоиз	3,5 смн	3,5 смн	2,1 смн
8	Тарбияи ватандӯстии ҷавонон;	10,0 смн	65 фоиз	3,3 смн	3,3 смн	2,0 смн
9	Ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯстии ҷавонон;	10,0 смн	60 фоиз	3,0 смн	3,0 смн	1,9 смн
10	Заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон	10,0 смн	55 фоиз	2,8 смн	2,8 смн	1,8 смн

Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон

Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 01.03.2018, №79) сипас барои солҳои 2023-2027 ҷиҳати муайянсозии ҳадафҳо, афзалият ва тадбирҳо, тарбияи маънавию ҷисмонии ҷавонон, инкишофи ҳисси ватандӯстӣ ва муҳаббати онҳо нисбат ба Ватан, эмин нигоҳ доштани насли ҷавон аз таҳдидҳои замони муосир ва таблиғоти ифротгароӣ таҳия гардидааст [1].

[1] Дастури методию амалӣ вобаста ба татбиқи “Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои

Ҳадафи асосии Барнома, ин фароҳам овардани шароити мусоид, имконоти муассир ва ташаккули созукорҳои (механизмҳои) амалӣ ҷиҳати тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, фарҳангсолорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ, инсондӯстӣ, ифтихор ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ мебошад.

Барнома ҳамчун созукори (механизми) амалӣ баҳри амалӣ гардидани босамари афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон бо мақсади тавсеа бахшидани ҳисси худшиносӣ, садоқат ба Ватан, нангу номуси миллӣ ва фароҳам овардани шароит барои таҳкими заминаи маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷавонон муқаррар гардидааст.

Агар шумораи аҳолии Тоҷикистон дар соли 2025 ба 10,5 миллион расида бошад, аз ин шумора 3,5 миллион нафарро ҷавонони аз 14 то 30 сола (33 фоизро) ташкил медиҳанд, ки ба таълиму тарбия ва дастгирии ҳамарӯза ниёз доранд [1].

Дигар масъалае, ки боиси ташвиши ҷаҳониён гардидааст, ин ҳамарӯза афзоиш ёфтани омилҳои номатлуб дар байни насли ҷавон, аз қабили ҳолатҳои даҳшатафканӣ (террористӣ), ифротгароӣ (экстремистӣ), шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои иртиҷоӣ, ҷиноятқорӣ, хариду фурӯши инсон, танфурӯшӣ, нашъамандиву нашъаҷаллобӣ ва ғайра, ки ҳаёти ҷамъиятиро халалдор карда, ба амнияти миллию давлатӣ таҳдид мекунад, мебошад.

Дар баробари ин, бо дар назар доштани пешрафти замон, инкишофи фан (техника) ва фановарӣ (технология) даҳшатафканӣ (терроризм) шакл, усул, восита ва тарзҳои навро ба худ касб менамояд. Ин ҳолат водор месозад, ки

2018-2022” [Матн] / Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: 2019. – 53 с.

[1] Тоҷикистон дар рақамҳо [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 167 с.

пайваста дар ҷустуҷӯи пайдо кардани шаклу усулҳои нав ва таъсирбахши муқовимат бо чунин падидаҳои ҷиноятқорона, махсусан созукори (механизми) иттилоотонӣ ва пешгирикунанда ҳамчун як низоми пайваста мутобиқшаванда ба талаботи замони муосир ба роҳ монда шавад.

Вобаста ба таҳлили вазъияти имрӯза барномасозии сиёсати амалӣ ягона созукори (механизми) муассир ва ё пулест, ки дар шароити рушдёбии кишвар ва ҷой доштани таҳдидҳои замони муосир муносибати ҷавононро бо давлат ва ҷамъият мепайвандад, аз хавфу хатарҳои ҷойдошта эмин нигоҳ медорад, ташаккул медиҳад, устувор мегардонад ва меҳрашонро нисбат ба давлату миллат дучанд менамояд.

Ҳамин тавр, бо дарназардошти таҳлилҳои боло Барномаи мазкур ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид ва имконоти муассир барои худташаккулёбӣ, худамалигардонӣ, тарбия ва маърифатнокии комили ҷавонон дар руҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ бо фарогирии вазифаҳои зерин таҳия гардидааст.

- ташаккули заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дастурдиҳӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонон;
- тарбияи фарҳангӣ, маънавӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ватандӯстии ҷавонон;
- тарбияи ҷисмонӣ, варзишӣ ва ҳарбию ватандӯстии ҷавонон, омодагии дифои онҳо;
- асосҳои иттилоотӣ, тарғиботӣ, бадеӣ ва оммавӣ дар самти тарбияи ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонон;
- тарбияи маърифатӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва эстетикии ҷавонон.

Тибқи банди 6-и Барномаи мазкур муқаррар гардидааст, ки вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барномаҳои соҳавии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии

ҷавононро қабул карда, дар доираи имкониятҳои буҷетӣ чорабиниҳоро амалӣ менамоянд.

Аммо чуноне, ки аз таҳлилҳо бармеояд, ба мисли «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» маблағгузории ин Барнома низ нокифоя ба роҳ монда шуда, аксари шаҳру ноҳияҳо онро иҷро накардаанд.

Таҳлил карда шуд, ки аз 30 вазифаи Барномаи давраи солҳои 2018-2022 ва ё натиҷаи пешбинишуда 22 ё инки 73,3 фоизи вазифаҳо иҷро нашудаанд, ки албатта боиси ташвиш аст. Дар ин сурат мутобиқи қоидаи ҳуқуқэҷодкунӣ ё чунин барномаи дигар таҳия намегардад ва ё тарзу тартиби таҳияи он куллан дигар карда мешавад, яъне такмил дода мешавад.

Аз инҷо маълум мегардад, ки нерӯи зеҳнӣ ва ё инсонии мақомоти ваколатдори давлатӣ барои таҳия ва амалисозии барномаҳои рушди мақсданок кифоя нест, яъне намерасад.

ХУЛОСА:

Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон ҳамчун созукори (механизми) муносиб барои татбиқи ҳамаҷонибаи сиёсати давлатии ҷавонон муаррифӣ гардид. Аммо, талаботи (принсипҳои) татбиқи он дар сатҳи ҳар як субъект/минтақа (вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо) вайрон карда мешавад. Нишондиҳандаҳои он, дар умум, бе иҷро монда, мушкилот ё вазифаҳои пешбинишуда ҳалношуда боқӣ мондаанд.

Дар сатҳи дастгирии касбии сиёсати ҷавонон, аз ҷумла дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа номувофиқатӣ муайян карда шуд. Зимнан, ба сифати роҳи ҳалли мушкилоти муайяншуда, созукори (механизми) омодасозии кордонҳои (кадрҳои) касбӣ барои низоми кор бо ҷавонон ва тарҳи (модели)

барномасозии сиёсати ҷавонон ҷиҳати татбиқи самараноки сиёсати ҷавонон пешниҳод карда шуд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чигуна ҳуҷҷат аст?
2. Доктрина чист?
3. Консепсия чист?
4. Стратегия чист?
5. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
6. Таркиби Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 қисмат иборат аст, кадомҳоянд?
7. Барои расидан ба нишондодҳои «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон» субъектҳои сиёсати ҷавонон, бахусус мақомоти давлатии кор бо ҷавонон бояд чи корҳоро анҷом диҳанд?
8. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030 чигуна ҳуҷҷат аст?
9. Самтҳои афзалиятноки Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030 кадом лоиҳаҳоро пешбинӣ менамояд ва дар кадом сатҳ?
10. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон (дар гузашта «Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон») чигуна барнома аст ва чи аҳамият дорад?
11. Татбиқи «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» 9 даврaро дар бар мегирад, кадомҳо?
12. Робитаи ҷавононро ҳамчун объект ва ҳамзамон субъект бо дигар субъектҳои сиёсати давлатии

ҷавонон, махсусан бо мақомоти ваколатдори давлатӣ кадом ҳуҷҷат таъмин менамояд?

13. Ченаки маблағгузории «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» ба сари ҳар як нафар ҷавон ба чанд сомонӣ баробар аст?
14. Айни замон натиҷаҳои «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» асосан хусусияти миқдорӣ доранд, чаро?
15. Хизматчиёни давлатӣ (кормандони сохторҳои кор бо ҷавонон) барои бевосита амалӣ намудани чорабиниҳои «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» салоҳият ва имкониятҳои маҳдуд доранд, чаро?
16. Кормандони соҳаи кор бо ҷавонон мутахассисони соҳибтахассус нестанд, чаро?
17. «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон» чигуна барнома аст ва чи ҳадаф дорад?
18. Бо назардошти пешрафти замон, инкишофи фан (техника) ва фановарӣ (технология) даҳшатафканӣ (терроризм) шакл, усул, восита ва тарзҳои навро ба худ касб менамояд, барои муқовимат ва ё пешгирии он чи бояд кард?
19. Барномасозии сиёсати амалӣ чист?

§ 15. Банақшагирӣ ва лоиҳасозии иҷтимоӣ дар доираи татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон

Банақшагирии иҷтимоӣ

Тамоми ҳаёту фаъолияти инсон аз нақша ва нақшабандӣ ва ё нақшагирӣ иборат аст. Инсон доимо хоҳ дар ҳаёти шахсӣ хоҳ дар фаъолияти касбӣ машғули

нақшагирии ин ва ё он ҳадаф, амал ва вазифа мебошад. Моҳияти асосии банақшагириро дараҷаи дақиқнокии таҳия, коркард ва ба талаботи муайян ва воқеӣ ҷавобгӯй гардонидани он ташкил медиҳад, ҳамзамон зимни таҳияи нақша мебояд усулҳои мувофиқ ва самараноки истифода ва амалисозандаи он ба инобат гирифта шавад.

Банақшагирӣ ҳамчун бахши муҳими идоракунӣ солҳои 20-30-уми асри гузашта мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад. Нахустин таҷрибаи банақшагирӣ дар давраи собиқ давлати Шӯравӣ соли 1920 дар самти рушди соҳаҳои алоҳида ба роҳ монда мешавад, ки бар асоси он баъдтар бори аввал нақшаи панҷсола қабул мегардад. Дар ҳошияи муваффақиятҳои саноатии собиқ давлати Шӯравӣ дар баъзе кишварҳои Аврупо, ба монанди Фаронса, Шветсия ва Олмон мақомоти давлатии банақшагирӣ ташкил меёбанд [1].

Банақшагирии панҷсола дар шароити Шӯравӣ асосан (то солҳои 60-ум) ба сифати вазифаи афзалиятнок ва аввалиндараҷа зиёд намудани истеҳсолотро, сипас, қонеъгардони талаботи инсонро муқаррар намуда буд. Ин номураттабӣ дар солҳои 90-ум барои кишварҳои пасошӯравӣ хеле равшан намоён шуд, оқибат ин низоми банақшагирӣ ба шикст дучор гардида, ба барҳам дода шуд.

Имрӯз нақши аввалиндараҷаи инсон дар идоракунӣ на танҳо дар низомҳои ташкилии иқтисодии идоракунӣ, балки дар доираи муносибатҳои сиёсии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии фарҳангии идории давлат ифода ёфтаанд. Чуноне ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст «*Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд*», инчунин дар ҷои дигар «*Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд*». Инҳо муқаррароте мебошанд, ки хоси ҷомеаи демократӣ буда, бо талаботи

[1] Баренбойм П.Д. Волоияти қонун ҳамчун шарики ҷомеаи шаҳрвандӣ [Матн]/ Қонунгузорӣ ва иқтисод. 2010. № 9 (забон-русӣ)

(принсипҳои) идоракунии иҷтимоӣ ташкил меёбанд. Бо ин шакли идоракунӣ имрӯзҳо аксари кишварҳои ҷаҳон фаъолият доранд, зимнан дар низомҳои идоракунии онҳо ва ташкилоту муассисаҳо сохти идоракунии иҷтимоӣ ҳукмфармо мебошад - ин муносибатро банақшагирии иҷтимоӣ меноманд.

Моҳияти банақшагирии иҷтимоӣ якчанд хусусиятҳои хоси худро соҳиб мебошад:

1) Банақшагирии иҷтимоӣ ба татбиқи мақсадҳое равона мегардад, ки аз равандҳои воқеии ташкили ҳаёти инсон манша гирифта, талаботи ҳамарӯза ва расидашудаи шахсро қонеъ мегардонад. *Мисол: барои инсон рӯзи нав оғоз мегардад, ӯро дар ин рӯз амалисозии ҳадаф ва ниятҳои расидашуда ё муайян ҳамчун тахаюл дар пеш аст, вале барои табдил додани тахаюл ба воқеият тадбирҳои пайдарпай, имконпазир ва бо вақт ченшавандаро бояд андешид. Тарз ё тартиби табдил додани тахаюл ба воқеиятро нақша асос мегузорад, яъне танҳо ба воситаи тартиб додан ва амалӣ намудани нақшаи тадбирҳо метавон ба ҳадафу ният ва ё тахаюлоти худ расид.*

2) Дар доираи банақшагирӣ нишондиҳандаҳое мавриди истифода қарор дода мешаванд, ки бар асоси онҳо самаранокии мақсадҳои гузошташуда баррасӣ мегарданд, ба монанди: муҳлат, ҳаҷм, сатҳ ва зинаи бадастории меъёрҳо ё ҳадҳо. *Мисол: тибқи «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ», нишондиҳандаи асосии он – <u>сатҳи камбизоатии аҳолӣ</u> аз 83 фоизи соли 2000-ум то ба 21 фоиз дар соли 2025-ум расонида (коҳиш дода) шуд.*

3) Банақшагирии иҷтимоӣ сараввал корҳои таҳиясозиро, сипас, дигар василаҳои дастёбӣ ба мақсадҳои гузошташударо (воситаҳои молиявӣ, моддиро ҳамчун имтиёз ва ё баръакс ба сифати маҳдудият) зимни татбиқ қарор медиҳад. *Мисол: охирҳои соли 2016 дар Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030» қабул гардид, ки он таҳия ва амалигардонии*

теъдоди зиёди барномаҳо ва нақшаҳои мақсаднокро пеш мегузорад.

4) Банақшагирии иҷтимоӣ ҷараёни бефосилаи муносибгардонӣ ва табдилдиҳии фаъолияти маърифатиро фаро мегирад, ки онҳо якдигарро доимо пур мекунанд ва рушд медиҳанд. Ин имконият медиҳад, ки дар роҳи дастёбӣ ба ҳадафҳои гузошташуда захираҳо ва имкониятҳои нав дарёфт гарданд. Мисол: *аввалҳои асри 21 гузариш аз низоми анъанавии (дастии) иттилоот ба низоми худкор (автоматӣ) дар байни ҷомеа ихтилофоти зиёде ба бор оварда, аммо бо дарк намудани имкониятҳои нави робитавию иттилоотӣ ва дарёфт намудани захираҳои нави нерӯ ва тавоноии инсонӣ – дар шакли зуд (бо суръати тез) баанҷомрасонии вазифаҳои иттилоотӣ ва робитавӣ бо сарфа кардани вақт, маблағ ва кам кардани асабоният (аз нуқтаи назари равонӣ) – он бо қаноатмандии зиёд қабул гардид.*

Банақшагирии иҷтимоӣ асосноксозии илмии мақсадҳо, нишондиҳандаҳо, вазифаҳои рушди ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои асосии табдил додани онҳоро ба ҳаёт ва ба манфиати ҳамаи ҷомеа муайян месозад.

Дар ҷомеа, дар умум нақшаҳои дурнамои ҳалли мушкилоти муҳим ва аввалиндараҷа мунтазам таҳия карда мешаванд.

Дар сатҳи миллӣ ё соҳаҳои алоҳидаи ҳаёти ҷомеа, чун иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ҳал намудан ва ё банақшагирии ҳалли мушкилот, ба монанди беҳтар гардонидани шароити меҳнатӣ, омодасозии кордонҳо (кадрҳо), сохтори вақти корӣ ва ғайра фаро гирифта мешаванд.

Дар сатҳи маҳал бошад, банақшагирӣ ҳамчун шакли батанзмидарорандаи ҷараёнҳои иҷтимоӣ дар кишвар ва воҳидҳои ҳудудӣ истифода карда мешавад.

Дар сатҳи ташкилотҳои истеҳсолӣ, банақшагирӣ барои амалисозии мақсадҳои аввалиндараҷа ва

пешбаранда истифода мегардад – чун ҷалби (водорсозии) инсон ба корҳои эҷодӣ, таъмини шароити мусоиди меҳнатӣ ва фаъолияти ҳамарӯза ба якчанд талаботи (принсипҳои) зерин асос меёбад [1]:

Якум, - талабот гузошта мешавад, ки қобилият ва саҳми инсон дар пешрафти ташкилоти худ муайян карда шавад ва он ки худи ӯ дар ин раванд то кадом дараҷа тағйир меёбад ва саҳм мегузорад.

Дуюм, - воқеият ва таъсири нақшаҳои рушди иҷтимоӣ аз шароитҳое вобастагӣ доранд, ки барои корманд дар шакли афзалиятҳои мушаххаси моддӣ ва маънавӣ фароҳам оварда мешаванд.

Сеюм, - ҷараёни муносибатҳои мутақобилаи инсон ва ташкилот набояд номуташаккил бошад, бояд, ки онҳо ба самтҳои оқилонаи фаъолият равона карда шаванд.

Шаклҳо ва усулҳои банақшагирии иҷтимоӣ

Шаклҳои банақшагирӣ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) Банақшагирии суроғавӣ таҳия ва асосноккунии маҷмӯи вазифаҳо аз рӯи ҳисса(ҷудокунӣ), ки манзури ҳамаи иштирокчиёни раванди идоракунӣ пешниҳод шуда, муҳлати амалисозии мақсадҳои гузошташударо муайян месозад. Зимни мақсадҳои мураккаб муҳлати тулонии асосноккунии илмӣ, ташкили нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ ва қабули қарори дахлдор талаб карда мешавад. Камбудии ин низом дар он аст, ки он усулҳои ҳукмфармоиро зиёд мегардонад, таваҷҷуҳро ба ҷузъҳои камаҳамият равона сохта, таъсиррасонии инсонӣ (бюрократикунонӣ) ва инкорнамоии асосҳои илмии рушди тамоюлҳои иҷтимоиро пеш мегузорад. *Мисол: фаъолияти анъанавии (одатшудаи) аксари ташкилоту муассисаҳо дар раванди амалисозии ҳадаф ва мақсадҳои муайяни худ, ки аз таҷрибаи идоракунии сохти шӯравӣ*

[1] Глисина В.И. Ҷомеашиносии идоракунӣ [Матн]: Дастури таълимӣ. Стандарти насли сеюм. – Санкт-Петербург: Питер, 2013–368 с. (забон-русӣ)

маншаъ гирифта, ба амалия ва ҳукфармоӣ бештар афзалият медиҳад.

2) Банақшагирӣ ба воситаи фишангҳои ғайримустақими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шароитҳо, имкониятҳо ва талаботи мушаххасро меомӯзад. Ҷузъҳо ва қисматҳои танзимнашаванда муайян карда шуда, мутаносибан вазифаҳо оид ба андозагирии миқдорӣ ва пешгӯии вазъият ҷиҳати бартараф намудани мушкилти пешомада ва қабули қарорҳои мувофиқ мадди аввал гузошта мешаванд. Вазифа бояд чунин муқаррар карда шавад: ҳаҷми ҳамон коре (меҳнате), ки барзиёд асту такмили ихтисос талаб намекунад, ихтисор карда шавад (яъне, пурра нолозим бошад); инчунин барои азнавсозии фанӣ (техникӣ) зарур мегардад, ки сатҳи касбияти кормандон баланд бардошта шуда, намудҳои кори (меҳнати) нолозим (бинобар рушди имкониятҳои фанӣ ва дигар сабабҳои воқеӣ) аз низоми идоракунӣ берун карда шаванд. *Мисол: дар шароити рақамикунонии муносибатҳои меҳнатӣ дар истеҳсолот бештар воҳидҳое ихтисор карда мешаванд, ки хусусияти ҷисмонии фанӣ (механикӣ) дошта бошанд. Яъне, акнун ихтисос ва ё касби ҳуруфчин дар ташкилотҳо лозим намегардад, чун ҳар як корманд компютери махсуси худро дорад. Ё ин ки, дар хати истеҳсоли консервасозӣ воҳиде, ки ба маҳкамбандии даҳони қуттиҳо вобаста буд, дигар лозим намегардад, чун ин корро роботи истеҳсолӣ ба анҷом мерасонад.* Яъне, зимни ислоҳоти идоракунӣ, мувофиқан ихтисори нерӯи инсонӣ бояд таҳлил гузаронида шуда, маҳз ҳамон касбу ихтисосҳое (воҳидҳое) ихтисор карда шаванд, ки дар ояндаи наздик барои фаъолияти истеҳсолӣ лозим намегарданд.

3) Банақшагирии бомувозинат (даврӣ) ба нақшаҳои мутақобила ва мувофиқашудаи бахши давлатӣ, ҷамъиятӣ ва хусусӣ (соҳибкорон) асос меёбад. Ин тарҳи (модели) муносибе мебошад, ки тарафҳоро барои фаъолияти

бомаром шавқманд месозад ва аз якдигар дастгирӣ ёфтанро кафолат медиҳад. Мисол: *дар шароити иқтисоди бозоргонӣ хоҳ нохоҳ имконияти молиявию амалии мақомоти давлатӣ барои таъминоти пурраи иҷтимоии аҳолӣ, ба монанди: сохтмони мактабҳо, беморхонаҳо, расонидани кӯмакҳои хайрхоҳона ва ғайра маҳдуд мегардад. Аммо дар ин раванд (иқтисоди бозорӣ) имконият ва иқтидори молиявии доираи соҳибкорон хеле зиёд гардида, бо ҷомеа фурсати васеи ташкили робитаҳои фоидаоварро пайдо мекунанд. Дар ин ҷо, манфиати умумӣ робита бо ҷомеа мебошад, мувофиқан амалисозии нақшаҳои бомувозинати муштарак бо саҳми мазмунан (аз рӯи таркиб) баробар ва кафолатноки ҷонибҳо метавонад ба татбиқёбии манфиатҳо, яъне расидан ба мақсадҳои гузошташуда боис гардад.*

Хусусиятнокии усулҳои умумии банақшагирӣ ба муайян кардани роҳҳои имконпазири амалисозии мақсадҳо, ки дар навбати худ, заминаи қонуниятҳои воқеии рушди ҷамъиятро ташкил медиҳанд, асос меёбанд.

Яке аз ин усулҳо - усули мувозинатӣ мебошад, ки ба сифати воситаи таъминкунандаи робита байни талаботи ҷомеа ва имкониятҳои он зимни маҳдудияти захираҳо пайдо шудааст. Ин усул шабеҳи банақшагирии бомувозинат буда, манфиати баробари тарафҳоро зимни мувофиқати талабот ва шароитҳои ҳамкорӣ байни ниҳоди давлатӣ ва хусусӣ таъмин менамояд.

Усули меъёрӣ ба рушди заминаҳои илмии банақшагирӣ мусоидат менамояд. Ин усул талаботи заминавиро барои таҳия ва асосноккунии нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ дар сатҳҳои гуногуни ҷамъият ташкил медиҳад. «Меъёр» имконият медиҳад, ки воқеияти вазифаҳои нақшавӣ ба ҳисоб гирифта, асоснок карда шуда, тамоюли рушди ҷараёнҳои ҷамъият муайян карда шаванд.

Усули таҳлилӣ фарогири муносибатҳои таҳлилӣ, хулосавӣ ва ҷамъбастӣ мебошад. Усули мазкур имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои иҷтимоӣ ба қисматҳои алоҳида ҷудо гардида, зимни таҳлилу омӯзиш қарор дода шуда, самтҳои нисбатан дақиқи мақсади гузошташуда муайян карда шаванд.

Усули тариқаҳо (вариантҳо) дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ якчанд роҳу равишҳои имконпазирро бо назардошти маълумоти пурра ва дақиқ муайян менамояд. Вазифаи ин усул, дарёфти роҳҳои муносиб ва мувофиқи ҳалли масъалаи муайяни иҷтимоӣ буда, бо тариқаи «аввал роҳҳои наздик», «сипас каме дуртар» ва «мудом, дур» ва ғайра амалӣ гардонида мешавад.

Усули маҷмӯӣ таҳияи нақшаро бо назардошти омилҳои асосӣ: моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, инчунин муҳлат ва иҷрокунандагон фаро мегирад.

Усули ҳисобшуда фарогири талаботи ҷорӣ ва оянда буда, ба роҳу равишҳои қонеъгардонии онҳо доимо ҳамбаста мебошад. Ин усул хоси шакли демократии банақшагирӣ низ мебошад, ки низоми таҳиясозии нақшаро «аз поён ба боло» инъикос менамояд.

Усули математикӣ фарогири таҳлили миқдорӣ бо назардошти усулҳои муқарраргардидаи банақшагирӣ мебошад.

Зимни банақшагирӣ мавқеи муҳимро нишондиҳандаҳо соҳиб мебошанд. Маҳз нишондиҳандаҳо имконпазирии амалигардонии мақсади гузошташударо дар таносуб ба имкониятҳо, захираҳои мавҷуда ва оянда муайян месозанд.

Нишондиҳандаҳо дар бисёр мавридҳо бо арқоми оморӣ асос меёбанд, вале барои дастрасӣ ба маълумоти амиқ тадқиқоти ҷомешиносӣ (сотсиологӣ) низ, гузаронида мешавад.

Нишондиҳандаҳо метавонанд миқдорӣ ва сифатӣ, наздик ва дур, имконпазир ва мураккаб бошанд, ки

мувофиқан василаҳои дастрасӣ ба онҳо таҳия карда мешаванд.

Лоиҳасозии иҷтимоӣ

Лоиҳасозӣ заруратест, ки дар раванди гузариш ба сохти муосири идоракунӣ, мутобиқшавӣ ба талаботи сифатан нави муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои мубрами ҳаётӣ ташаккул ёфтааст.

Лоиҳасозӣ яке аз шаклҳои пешгузории (пешбинии) инъикоси воқеият ва ташкил ё бунёди тимсоли (намунаи) объектҳо, падидаҳо ва ё ҷараёнҳои дарназардошташуда ба воситаи татбиқи усулҳои махсус мебошад.

Лоиҳасозии иҷтимоӣ дар шаклҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- таъсис ва ё ташкили объектҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳои нав;
- ҷорӣ намудани муносибатҳо, тартибот ва ҷузъҳои нави бунёдӣ (принсипиалӣ) бо (дар) сохторҳои мавҷуда, ки ба тағйирдиҳии (дигаргунсозии) куллӣ ниёз доранд;
- ислоҳоти пурраи соҳа – азнавсозӣ ва ё азнавташкилдиҳии робитаҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ ҳангоми (дар ҷараёни) тағйир ёфтани кулли низоми идоракунӣ дар роҳи дастёбӣ ба мақсадҳои гузошташуда.

Лоиҳасозӣ дар муносибтаҳои идоракунӣ ба сифати яке аз шаклҳои муҳими таҳия ва қабули қарор арзёбӣ гардида, бо амалисозии ҷараёнҳои ислоҳотдарорӣ ва инноватсионӣ робита дорад.

Лоиҳасозии иҷтимоӣ, ин фаъолияти махсуси алоқаманд ба муқаррароти илман асоснокшудаи тариқаҳои (вариантҳои) рушди объектҳо, ҷараёнҳо, падидаҳои нав ва ҷадиди (навшавандаи) иҷтимоӣ; вобаста ба тағйиротҳои мақсадноки заминавии хосиятҳои иҷтимоии онҳо (тариқаҳо) мебошад.

Фарқият байни лоиҳасозӣ ва банақшагирӣ дар он аст, ки лоиҳасозӣ метавонад дар шакли пешниҳод ё фарзия

дар якчанд тарз ва хос ба якчанд тарҳ (модел) мавҷуд бошад, аммо банақшагирӣ танҳо маҷмӯи вазифаҳои муқарраршударо (додашударо) амалӣ мегардонад. Яъне, лоиҳасозӣ имконияти фаррох ва муносибест барои амалисозии мақсад ва вазифаҳои фасеҳ ва муосир дар роҳи мутобиқат ба талаботи воқеии бозори муносибатҳо.

Усулҳои лоиҳасозӣ

Талаботи асосӣ ва ё равишшинохтии (методологии) лоиҳасозӣ дар он аст, ки онҳо ҳамеша барои дастёбӣ ба натиҷаи ниҳоӣ равона гардида, муносибатҳои ба вазифаҳои гузошташуда бегонаро (ба тарафи дигар ҷалбкунандаро) инкор мекунанд ва тартиби (принсипи) камкунии уҳдадориҳоро дар мадди аввал мегузоранд.

Лоиҳасозӣ, албатта бо роҳу усулҳои илмию тадқиқотӣ робитаи зич дорад.

Усули беҳтаргардонии вазифаҳои асосии субъектҳои иҷтимоӣ ба фароҳам овардани шароитҳо ва такмили фаъолият дар соҳаи иқтисодиёт, сиёсат ва фарҳанг равона гардидааст ва аҳамиятнок арзёбӣ мегардад.

Усули ҳалли мушкилот. Лоиҳасозӣ ба ҳалли мушкилоте равона гардидааст, ки онҳо аз рӯи ташкили ҳаёти ҷамъиятӣ фарқкунанда мебошанд. Мувофиқан лоиҳаҳо одатан барои фарогирии ҳудуди муайян (шаҳр, ноҳия, вилоят) ва қишри алоҳидаи ҷамъият таҳия ва амалӣ гардонида мешаванд.

Усули бадастории натиҷаҳои иҷтимоӣ ва пешгӯии рӯйдодҳои иҷтимоӣ ба баррасии вазъ ва пешгӯии рӯйдодҳо дар ояндаи наздик ва ё алоҳида нигаронида шудааст.

Лоиҳасозӣ ба якчанд зинаҳои фаъолият асос меёбад:

1) Ҷустуҷӯи талаботи (мушкилоти) асосӣ ва муайян кардани мақсади лоиҳа;

2) Ҷамъоварии маълумот бо истифода аз ҳамаи манбаъҳои муносиб – илмӣ, амалӣ, оморӣ ва таҷрибавӣ;

3) Вазифагузорӣ. Маълумоти ҷамъовардаро ба асос гирифта, роҳҳои қонеъгардонии талабот ё мақсади гузошташуда ҳамчун вазифа муайян карда мешаванд (вазифаҳои лоиҳаро беҳтараш дар шакли ҷадвал бо фарогирии нишондодҳои муҳлат ва захираҳои молиявӣ, моддӣ ва меҳнатӣ тартиб додан тавсия мегардад);

4) Қабули қарор, ки роҳу усулҳо, муҳлат ва тартиби амалисозии вазифаҳоро фаро мегирад.

Лоиҳасозӣ талаботи ҷомеаи муосир буда, барои Тоҷикистон, аз ҷумла дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Низоми лоиҳасозиро дар мамлакат қонунгузории бахши танзими муносибатҳои байналмилалӣ, конвенсияҳои хусусияти иҷтимоӣ ва иқтисодидоштаи аз ҷониби Тоҷикистон қабулшуда, сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои дипломатӣ, ташкилотҳо ва фондҳои гуногуни муқими байналмилалии ҷамъиятии Тоҷикистон, инчунин марказҳо ва гурӯҳҳои идоракунии лоиҳаҳои соҳавӣ ташкил медиҳанд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Моҳияти асосии банақшагирӣ ба чи асос меёбад?
2. Нахустин таҷрибаи банақшагирӣ кай ва дар кадом соҳа ба роҳ монда мешавад?
3. Мақомоти давлатии банақшагирӣ дар ҳошияи муваффақиятҳои саноатии собиқ давлати Шӯравӣ дар кадом кишварҳои Аврупо ташкил меёбад?
4. Банақшагирии панҷсола ба сифати вазифаи афзалиятнок ва аввалиндараҷа чиро пеш мегузошт?
5. Нақши аввалиндараҷаи инсон дар идоракунӣ чиро ифода мекунад?
6. Банақшагирии иҷтимоӣ чист?

7. Тарз ё тартиби табдил додани тахаюл ба воқеиятро чи асос мегузорад?
8. Дар сатҳи маҳал банақшагирӣ дар кадом шакл истифода карда мешавад?
9. Дар сатҳи ташкилотҳои истеҳсолӣ банақшагирӣ барои кадом мақсад истифода карда мешавад?
10. Банақшагирии суроғавӣ чист?
11. Банақшагирӣ ба воситаи фишангҳои ғайримустақими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ чист?
12. Банақшагирии бомувозинат чист?
13. Усулҳои умумии банақшагирӣ кадомҳоянд?
14. Мақеи нишондиҳандаҳо зимни банақшагирӣ чигуна аст?
15. Лоиҳасозӣ чист?
16. Лоиҳасозии иҷтимоӣ чист?
17. Фарқият байни лоиҳасозӣ ва банақшагирӣ дар чист?
18. Усулҳои лоиҳасозӣ кадомҳоянд?
19. Лоиҳасозӣ ба 4 зинаи фаъолият асос меёбад, кадомҳоянд?

§ 16. Барномасозии иҷтимоӣ дар доираи татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон

Заминаҳои ташаккулёбии барномасозии иҷтимоӣ

Матлаби асосии барномасозии иҷтимоӣ ин хостагирии вазифаҳои нисбатан муҳими иҷтимоӣ, тақдирсоз ва муайянкунандаи ояндаи рушди иҷтимоӣ мебошад.

Барномасозии иҷтимоӣ дар баробари банақшагирӣ ва лоиҳасозӣ яке аз шаклҳои асосии татбиққунандаи масъалаҳо дар доираи пешгӯии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо, агар: банақшагирӣ батанзимдарории

мақсадноки ҳамаи ҷузъҳои рушди иҷтимоии ҳар як объектро фаро гирад; лоиҳасозӣ ба ташкил ё коркарди тарҳи (модели) объект, ҷараён ва падидаи иҷтимоии муайян равона гардида бошад, пас, мақсади барномасозии иҷтимоӣ, ин ҳал намудани мушкилоти барои ҷомеа муҳим ва аҳамиятноки иҷтимоӣ ва ё барои субъекти дахлдор нисбатан мубрам ва ояндадори иҷтимоӣ мебошад.

Барномасозӣ дар шароити гузариш аз як сохтор ба сохтори дигари идоракунии ҷамъиятӣ дар шакли интихоб ва ҳал намудани масъалаҳои нисбатан муҳим ва тақдирсоз ташаккул ёфтааст. Равнақи он асосан дар асрҳои XIX ва XX ба назар мерасад, ки кишварҳои ҷаҳон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, яке сохти капитализм ва дигаре сотсиализмро интихоб менамуданд, мувофиқан ҳалли мушкилоти зиёде ба миён омада буд, ки интихоб ва ҷобаҷогузории ботартиби онҳро ногузир гардонида буд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон барномасозӣ дар шароити ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ охирҳои солҳои 90-ум ташаккул ёфт. То имрӯз баъзе аз барномаҳои дар ҳамон солҳо қабулшуда табиқ ёфта истодаанд, яъне татбиқи вазифаҳои интихобшуда ҳоло ҳам идома доранд (ба мисоли Стратегияи миллии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон, Стратегияи миллии рушд ва ғайра).

Аз ин ҷо бармеояд, ки асоси барномасозиро муайян намудани мушкилоти иҷтимоӣ, моҳият ва хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории он ташкил медиҳад.

Дар ин замина, ҳамчуни қадами аввал мушкилоти муҳим ё аввалиндараҷаи иҷтимоӣ ва сабабҳои пайдоиши он муайян карда мешавад, ки ба рушди ҷомеа ҳамчун зараррасон монеагӣ дошта бошад.

Хусусиятнокии мушкилоти иҷтимоӣ

Мушкилоти иҷтимоӣ, ин мухолифати байни воқеият ва зарурат, зоҳирӣ ва ниҳонӣ, дилхоҳ ва зарурӣ, ободкорӣ ва вайронкорӣ мебошад, ки бартараф ва ё ҳал нагардидани он ба маҳрум кардани ҷомеа аз рушди муътадил, бомувозинат, пайдарпай ва устувор боис мегардад [1].

Мушкилоти иҷтимоӣ гуногунсохт буда, дар вазъият ва ҳолатҳои гуногун пайдо мешавад. Хусусиятҳои мушкилоти иҷтимоиро метавон ба намудҳои муайян ҷудо намуд.

Мавҷудияти мухолифат байни мақсадҳои дилхоҳ ва шароитҳое, ки одамон ба онҳо талош меварзанд. Дар ин сурат номуносибӣ ва пуртазодии мақсадҳо метавонад ба шиддат гирифтани ихтилофот боис гардад, ки дар натиҷа ба амалҳои беасос ва роҳи бебозгашт оварда мерасонанд, агар мувофиқати онҳо ба даст оварда нашавад.

Мисол: *шахси наврас аслан хоҳиши зиёди хондан, зимнан рафтан ба мактабро надорад, вале низом ва зарурати ҳаётӣ донишандӯзии ӯро талаб мекунад. Агар чунин мақсад ё майлу хоҳиши наврасро амалӣ намоем, пас, бо гузашти начандон вақти тулонӣ (10-15 сол) сатҳи бесаводӣ дар ҷомеа афзоиш ёфта, бозпас гаштан ба вазъияти аввала имконнопазир мегардад. Чун шахси наврас дар ин давра аллакай ба шахси ҷавон (калонсол) ва комилҳуқуқ, мувофиқан камсавод табдил меёбад; зимнан умри инсон гузаранда аст, на бозгарданда.*

Камбудӣ доштан ва нопурра будани воситаҳои ҳалли вазифаи гузошташуда, ки пурра кардани онҳо ба нақша гирифта нашудааст ва агар, онҳо бартараф карда нашаванд боиси шиддатнокии мушкилот гардида, номусоидии муносибатҳоро ба вуҷуд меорад.

Мисол: *барои рушди сатҳи истеҳсолот ба ҳайати ёрирасони ташкилот то 100 нафар қувваи иловагӣ ҷалб*

[1] Глисина В.И., Ҷомеашиносии идоракунӣ [Матн]: Дастури таълимӣ. Стандарти насли сеюм. – Санкт-Петербург: Питер, 2013–368 с. (забон-русӣ)

карда мешавад, аммо пас аз сипарӣ гаштани як моҳи фаъолият мушкилоти норасоии маоши кормандон пайдо мегардад. Асли воқеа он аст, ки зимни ҷалби қуввои иловагӣ ташкилот зиёд кардани фонди музди меҳнат ва ё имконияти худро оид ба пардохти музди меҳнати қуввои иловагӣ ба ҳисоб нагирифта буд.

Афзоиш ёфтани ҷараёнҳои бенизом – бетартибиҳо, ки рафти бонизом ва пайдарпайии рушдёбии рӯйдодҳоро вайрон месозанд.

Мисоли ин намуди мушкилот - ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-ум дар Тоҷикистон шуда метавонад, ки дар натиҷа низоми идоракунӣ вайрон гардида, бесарусомонӣ ва нооромӣ ҷомеаро ба нобудӣ таҳдид мекард.

Сабабнокӣ (далелнокӣ) дар ҷустуҷӯи ғояҳо ва роҳу усулҳои нави идоракунӣ (дар баъзе ҳолатҳо) – дар сурати гузариш ва ё азнавсозии низоми идоракунӣ ташкилотҳо маҷбур мегарданд, ки роҳу усулҳо ва ғояҳои муносиб ва мувофиқи пешбарии ташкилотро дарёфт намоянд; яъне дар ин вазъият мушкилот сабаби рушдёбии муносибатҳои иҷтимоӣ мегардад.

Мисол: *дар марҳалаи гузариши Тоҷикистон аз сохти комунистӣ ба сохти демократии идоракунӣ то як муҳлат фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат дар шакли собиқ «колхозҳо» ва «савхозҳо» боз монд (аз кор монд), чунки ин шакли идоракунӣ ба сохти нави идоракунӣ мутобиқат намекард. Мувофиқан, он ба шакли нави хоҷагидорӣ – фермерӣ табдил ёфта, як хоҷагӣ ба даҳҳо ва садҳо хоҷагиҳои хубмухтор (мустақил) ҷудо гардид. Тибқи низоми нави идоракунӣ хоҷагиҳо на аз боло ба поён (аз кулл ба ҷузъ), балки аз поён ба боло (аз кулл ба ҷузъ) ташкил меёфтанд.*

Аксуламал ва мухолифати субъект. дар бисёр мавридҳо аксуламал ва ё мухолифати субъект ба мушкилоти мавҷуда боиси «худ ба худ» бартараф

гардидани он мегардад. Дар шароити нави муносибатҳои идоракунӣ василаҳои мубориза низ дигаргун шуда истодаанд. Агар солҳои пешин объекти муносибатҳо танҳо мушкилот ба ҳисоб мерафт ва тамоми қувва барои мубориза, зимнан бартараф сохтани он равона мегардид, пас, усулҳои нави идоракунӣ ба сифати объект ҳам мушкилот ва ҳам худи ташкилотро баррасӣ менамояд. Василаи бартарафсозӣ бошад, акнун на бо тартиби (принсипи) мубориза, балки дар шакли муқовимат, истодагарӣ, ҳамкорӣ ва ҳатто дастгирӣ ба роҳ монда мешавад [1].

Мисол: дар шароити рақамикунонии муносибатҳои идоракунӣ дар Тоҷикистон дар назди бисёре аз ташкилотҳо масъалаи аз кор озод намудани кормандоне меистод, ки малакаи кор бо компютерро надоштанд ва албатта, ин хоҳиши маъмурон набуда, тақозои сохти муосири идоракунӣ ба ҳисоб мерафт. Баръакс маъмурон бинобар аз даст додани кормандони ботаҷриба ва босалиқа роҳу усулҳои гуногуни нигоҳ доштани онҳоро меҷӯстанд. Акнун, дар доираи илми идоракунӣ роҳи муносиби ҳалли мушкилот, ин «дастгирии он» коркард гардид, ки дар назди корманд (ниёзманд) чунин вазифа гузошта мешавад – такмили дониш, ихтисос ва касб дар робита ба омӯзиши малакаи кор бо компютер. Мутаносибан касоне, ки вазифаи гузошташударо иҷро намуданд, ҷойи кори худро аз даст надоданд ва касоне, ки натавонистанд, ногузир аз кор рафтанд.

Дар ин ҷо, усули «аксуламал», яъне дастгирии мушкилот ба он оварда расонид, ки мушкилот худ ба худ бидуни дучор омадан ба буҳрони нерӯи инсонӣ (кадрӣ) ва истеҳсолӣ бартараф гардад.

Моҳияти барномасозии иҷтимоӣ

[1] Бестужев-Лада И. В., Луғати энсиклопедӣ оид ба ҷомеашиносӣ [Матн] - М., 1995. - 865 с. (забон-русӣ)

Барномасозии иҷтимоӣ ба дақиқ намудани объектҳо ва тадбирҳои муайян ҷиҳати бартарафсозии мухолифатҳо байни зарурати воқеӣ ва вазъияти дилхоҳ ва ҳақиқӣ равона мегардад [1].

Барномаҳо, ки маҳсули асосии барномасозии иҷтимоӣ мебошанд, ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

1) аз рӯи субъект, ки талаботи он(ҳо) (гурӯҳҳо, шахсият, қишрҳо, ҷамъият) бояд қонеъ гардонида шаванд;
2) аз рӯи мавзуъ – ҷамъиятӣ (демографӣ), иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғ.;
3) аз рӯи давомнокӣ – ҷорӣ, кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат, дарозмуҳлат;
4) аз рӯи ҳаҷм – ҷаҳонӣ, минтақавӣ, миллӣ (ҷумҳуриявӣ), маҳаллӣ, фардӣ, муассисавӣ ва ғ.;
5) аз рӯи мутобиқат ба талаботи ҷамъиятӣ – зарурӣ (эҳтиёҷдор), таъҷилӣ, ояндадор.

Ин гурӯҳбандӣ нисбӣ мебошад, зеро барномаҳо метавонанд дар як вақт бо фарогирии як ё якчанд хусусиятҳои мушкилоти муайяни иҷтимоӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки маҳдуд кардани хусусиятнокии барнома аз рӯи талабот ва вазъияти баамаломада метавонад самаранокӣ ва натиҷанокии онро зиёд намояд.

Ҳамчунин, барои ҳал намудани дилхоҳ мушкилоти иҷтимоӣ метавон якчанд барномаи махсусгардонидашударо аз рӯи гурӯҳи масъалаҳо ва хусусиятнокии муайян рӯи кор равона намуд. Барномаҳо аз рӯи мундариҷа ва ё мазмун чунин ҷанбаҳоро фаро мегиранд:

1) муайян намудани вазифаи идоракунӣ бо назардошти таҳлили мушкилоти иҷтимоӣ нисбат ба вазъи воқеӣ;

[1] Глисина В.И., Ҷомеашиносии идоракунӣ [Матн]: Дастури таълимӣ. Стандарти насли сеюм. – Санкт-Петербург: Питер, 2013–368 с. (забон-русӣ)

2) имконияти ҷудо намудани мушкилот ба қисмҳои таркибии бо ҳам пайваста ва мутақобила, муайян намудани афзалиятҳо;

3) ошкор сохтани шартҳо ва маҳдудиятҳо зимни амалисозии вазифаҳои гузошташуда;

4) асосноксозии усулҳои имконпазири дастёбӣ ба мақсади гузошташуда ва аз миёни онҳо интихоб намудани усулҳои нисбатан муносиб;

5) муайян намудани созукори (механизми) ташкилии татбиқи вазифаҳо;

6) баҳогузорӣ намудани натиҷаҳои ниҳоӣ аз рӯи ҳар як вазифаи гузошташуда.

Дар баробари ин, зимни барномасозии иҷтимоӣ мушкилоти муқарраргардида бояд зинаҳои зерини тафсирсозиро фаро гирад:

1. Таҳлил ва ташхиси мушкилот ва мубрамияти ҳалли он;

2. Муайян намудани мақсад ва вазифаҳои идоракунии аввалиндараҷа, таъҷилӣ ва дарёфти воситаҳо ва усулҳои таъсиррасон;

3. Таҳия намудани тариқаҳои (вариантҳои) амалҳои ҳаммонанд (алтернативӣ) дар роҳи расидан ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда;

4. Баҳогузории ҳар як амали ҳаммонанд (алтернативӣ);

5. Андозагирӣ ва баҳогузории натиҷаҳои ҳалли мушкилот.

Барномасозии иҷтимоӣ якчанд хусусиятҳои хосро соҳиб мебошад:

А) Инкишофи иҷтимоии ҷомеа ба баррасии на як, балки якчанд мушкилотро дар якҷоягӣ афзалият медиҳад. Дар ин ҷо мебояд 2-3 масъалаи мубрамеро, ҷудо намуд, ки амалисозии онҳо ба ҳалли бомуваффақи дигар мушкилот ба мисли таъсиррасонии шабакавӣ мусоидат намояд. Дар

маҷмуъ роҳи ҳал - таҳлили амиқи мухолифатҳои мавҷуда ва вазъияти воқеӣ ба ҳисоб меравад.

Мисол: *худкоргардонӣ ё рақамикунонии истеҳсолот ҳал намудани силсилаи мушкилотро тақозо мекунад, ба монанди 1) ихтисор намудани воҳидҳое, ки вазифаи онҳоро робот (мошин) иҷро мекунад, 2) бо ҷойи корӣ таъмин намудани кормандоне, ки ихтисор мешаванд, 3) ба кор даъват намудани мутахассисони кор бо роботҳо, 4) коркард намудани созукорҳои (механизмҳои) нави шавқангезӣ, ҳавасмандгардонӣ ва муносиб барои кормандони нав.....*

Б) Мебояд донист, ки пас аз ҳалли ҳар як масъала, мушкилоти дигар ва ё ҷанбаҳои дигари он пайдо мегардад, ки барои қабули қарорҳои (амалҳои) идоракунӣ душворию муайян ва нисбатан мураккабро ба вуҷуд меорад.

В) Мувофиқи талаботи илмӣ зимни барномасозии иҷтимоӣ набояд ба ҳамон як муқаррароти мақсадӣ маҳдуд гардид, зеро онҳо азнавсозии доимӣ, аниқсозӣ ва тағйирдиҳиро талаб мекунанд.

Г) Мушкилоти иҷтимоӣ одатан мушаххас аст ва гузаронидани (кӯчонидани) роҳу усулҳои ҳалли он(ҳо) аз як мамлакат ба мамлакати дигар наметавонад кафили муваффақият бошад.

Д) Барномаҳои иҷтимоии инноватсионӣ одатан байни субъектҳо хуб қабул намегарданд, чунки онҳо аз иҷрокунандагон тағйир додани шакл ва усулҳои қолабишудаи кориро талаб мекунанд.

Усулҳои барномасозӣ

Барномасозӣ ба якчанд тартибҳои пайдарпайи (алгоритми) зерини амалҳо асос меёбад:

1) Таҳлил ва ташхиси мушкилот. Таҳлили сотсиологии вазъи мушкилот тақозо мегардад, ҳолати иҷтимоии ҷамъият дар таносуб ба мушкилоти

баррасишаванда мавриди омӯзиш қарор дода мешавад; рафтори гурӯҳҳои мақсаднок - иштирокчиёни алоқаманд ба ҳалли мушкилотро аз рӯи манфиатҳо таҳқиқ менамояд. Дар натиҷа бояд мушкилот бо назардошти ҳаҷм, ҷиддият, таъсирнокӣ ва аҳамиятнокӣ муайян карда шавад.

2) Хостагирии мушкилоти баррасишаванда. Зимни хостагирӣ аҳамиятнокӣ, муҳимият ва сатҳи зарароварии мушкилот, дараҷанокии дастоварди мақсадҳо дар сурати ҳалли муваффақи он, зарурати муттаҳидӣ ва ҷалби имкониятҳои ҳамаи иҷрокунандагон (субъектҳо) ва сатҳи навоварии он низ, муайян карда мешавад.

3) Муайян кардани мақсад. Мақсад бояд мушаххас ва дастрас бошад, ҳамчун дурамали (стратегияи) рушд, инъикоскунандаи манфиатҳои ҳам субъекти муайян ва ҳам ҷомеа бо нишон додани роҳи ҳалли мушкилот мушаххас карда шавад.

4) Амалисозии усулҳои захиравӣ. Муайян намудани имкониятҳои воқеии субъект бо назардошти тамоми захираҳо, аз ҷумла моддӣ, молиявӣ ва меҳнатӣ. Вақтҳои охир дар ин раванд имкониятҳои илмӣ ва иҷтимоӣ ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешаванд.

5) Ташкили созукори (механизми) амалисозии мақсади гузошташуда. Дар ин усул зарур аст, ки тамоми воситаҳои муносиб ва мусоидаткунанда (барои аҳҳли мушкилот) муайян карда шаванд.

6) Таҳлили мунтазами рафти амалисозии барнома ва ислоҳоти он. Барнома набояд шахшуда ва роҳу усулҳои карахти амалисозиро соҳиб бошад. Дар ҷараёни дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва талаботи бозори муносибатҳо – таъсири беруна ҳолатҳои зиёде пайдо мегарданд, ки самти татбиқи барнома ва вазифаҳои он бояд тағйир дода шаванд.

7) Баҳогузории натиҷаи бадастовардашуда. Мутобиқати натиҷаи ноилгардида бо мақсади

гузошташуда ва бо ин восита муайян намудани мақсади нав ва муносиб.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Барномасозии иҷтимоӣ чӣ матлаб дорад?
2. Тафовути байни «банақшагирӣ», «лоиҳасозӣ» ва «барномасозӣ» дар чист?
3. Асоси барномасозиро чӣ муайян менамояд?
4. Мушкилоти иҷтимоӣ чист?
5. Аксуламал ва мухолифати субъект чӣ хосият дорад?
6. Барномаҳо, ки маҳсули асосии барномасозии иҷтимоӣ мебошанд, ба 5 гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳо?
7. Барномаҳо аз рӯи мундариҷа ва ё мазмун 6 ҷанбаро фаро мегиранд, кадомҳо?
8. Зимни барномасозии иҷтимоӣ мушкилоти муқарраргардида бояд 5 зинаи тафсирсозиро фаро гирад, кадомҳо?
9. Хусусиятҳои барномасозии иҷтимоӣ кадомҳоянд?
10. Усулҳои барномасозӣ кадомҳоянд?

БОБИ IV. ҶАНБАҲОИ МАФКУРАВИИ (ИДЕОЛОГИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ВА МАФҲУМИ (КОНСЕПСИЯИ) «ИШТИРОКИ ҶАВОНОН» ҲАМЧУН СОЗУКОРИ (МЕХАНИЗМИ) РУШД

§ 17. Хусусиятҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати ҷавонон

Мафкура, ғоя (идеология) ва сиёсати ҷавонон

Чун то ин лаҳза асосҳои ғоявии (идеологии) сиёсати давлатии ҷавонон ошкор карда шуда, акнун зарур аст, ки тафаккурро (идеологияро) ҳамчун мавзӯи афзалиятнок баррасӣ кунем.

Тафаккур ё мафкура (идеология) ҳамчун низоми назарҳо, донишҳо, ғояҳо, арзишҳо ва шуури сиёсӣ дар асри 18 пайдо шудааст. Олимон ва сиёсатмадорон мафкурароро (идеологияро) ба таври гуногун тавсиф мекунанд, аммо ҳадафи умумӣ, ин дастёб гардидан ба ҳокимияти сиёсӣ мебошад, яъне он ҳамчун воситаи ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимият истифода мегардад.

Мафҳуми нисбатан муфассали мафкура (идеология) ба К. Маркс ва Ф.Энгельс тааллуқ дорад, онҳо онро ба ду маъно пешниҳод мекунанд: 1) ҳамчун ҷаҳонбинии ғояпарастӣ (идеалистӣ), ки дар он идея (ғоя) нақши ҷавҳари ҷаҳонро мебозад, 2) як навъи тафаккури касбии иҷтимоию сиёсӣ, ки субъекти он (инсон) аз аҳамиятнокии (сӯиистифодагардии) худ, аз ҷониби гурӯҳҳои синфии иқтисодӣ муқаррар шудааст, огоҳ нест, аммо онҳоро ҳимоя мекунад.

Мувофиқи ин мафкура, одамон баъзе ғояҳо ва фаҳмишҳоро (консепсияҳоро) дастгирӣ ва амалӣ мекунанд, аммо дарк намекунанд, ки онҳо дар асл баҳри арзишҳои онҳо (бегона) амал менамоянд.

К. Маннхайм мафкурароро (идеологияро) як қисми ҳаёти иҷтимоии ҷомеа мешуморад, зеро маҳз манфиатҳои иҷтимоӣ ғояҳо ва арзишҳои муайянро ташаккул медиҳанд.

Б. А. Исаев тафаккурро (идеологияро) ҳамчун низоми

назарҳое, ки манфиатҳои сиёсии давлатҳо, гурӯҳҳои этникӣ, табақаҳо ва афродро инъикос мекунанд, муайян менамояд [1, с.348].

Мафкура (идеология) бинобар дастрас будан ва хусусияти ҳадафрасӣ доштан дар муносибатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода мегардад ва арзиши хело баланд ва бисёрҷанба низ дорад.

Дастрасии мафкура (идеология) ба каммасраф будан дар истифода, ҷолибияти он барои ҷомеа ва усулҳои гуногуни идоранашаванда доштан асос меёбад. Аз ҷумла, яке аз усулҳои табиқ ин ВАО, бахусус шабакаи интернет мебошад, ки ҳудудан танзими он ғайриимкон гардидааст.

Ҳадафрасии мафкура (идеология) ба он ифода меёбад, ки он бо нерӯи зеҳнӣ ва ё ақлонии инсон сару кор мегирад, василаҳои устувори таъсиррасонии рӯҳию равониро (психологиро) соҳиб аст. Зимнан, рӯҳияи инсон аз низоми хоси (ботинии) рафтору кирдорҳои фардӣ ва иҷтимоие иборат аст, ки шахсияти инсонро дар таносуб ба дигарон муайян месозад ва фарқ мекунонад [2]. Яъне, бо таъсир расонидан ба рӯҳия ва ё низоми равонии инсон, рафтору кирдор ва муносибати ӯро ба осонӣ тағйир додан мумкин аст.

Дар воқеъ мафкура (идеология), бахусус тафаккури комил ва ё тафаккури ҷамъиятии давлатӣ барои миллату давлат ва ҷомеаи соҳибтамаддун арзиш ё нархи гарон дорад ва ба даст овардани он кори саҳлу сабук нест. Мафкура (идеология) худ ба худ роҳнамо ва ё пулеро ташкил медиҳад, ки аҳли ҷомеаро ба сиёсати давлату ҳукумат пайваст мекунад, манфиатҳои сиёсии ҳукуматро ҳифз, пешбарӣ намуд, ба нафъи умум дар байни ҷомеа талқин месозад.

---

[1] Исаев, Б. А. Назарияи сиёсат: Китоби дарсӣ [Матн] / Б. А. Исаев. – Санкт-Петербург: Питер, 2008. – 464 с. (забон-русӣ)

[2] Равонии (рӯҳияи) инсон чист [Маводи электронӣ] / 2026: тартиби дастрасӣ - https://www.nur.kz/family/self-realization/1769996-psihologia-celoveka-knigi-dla-nacinausih/

Идеология ва ё мафкураи миллӣ

Дар шароити соҳибистиқлолӣ ва рушду такомулёбии мамлакат дар робита ба тақозои ҷомеаи муосир дарёфт ва ташаккули заминаҳои гуногуни мусоидаткунанда ба таҳкими муносибатҳои ҷамъиятии ташкилию сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии аҳолӣ ва дар ин замина, устувор гардонидани рукнҳои идоракунии давлатӣ зарурат пайдо кардааст. Яке аз чунин заминаҳо ва ё василаҳои таҳкимбахш ва кафили сулҳу субот, оромӣ ва амнияти миллии давлат ин нерӯи устувори мафкуравӣ ва ё зеҳнии аҳли ҷомеа, ки дар истилоҳоти илмӣ ва сиёсӣ онро «идеология» меноманд, мебошад.

«Идеология»-ро дар як вақт ҳамчун мафкураи миллӣ ва ё мафкураи ҷамъиятии давлатӣ фаҳмидан мумкин аст, вале он нисбатан маънои васеъ дошта, фарогири маҷмӯи муносибатҳо ва назарҳо буда, барои талқини ғояҳо ва манфиатҳои муайяни сиёсати иҷтимоӣ равона мегардад.

Мафкураи миллӣ бошад, хусусияти умумӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дошта, бештар шаҳрвандонро барои ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, пос доштани муқадассоти миллӣ, таърих тамаддун, фарҳанг ва ҳувияти миллӣ ҳидоят месозад.

Боиси зикр аст, ки дар тадқиқоти мазкур зери мафҳуми «мафкураи миллӣ» мафкураи ҷамъиятии давлатӣ, ки хоси тамоми (шаҳрвандон) тоҷикистониён (новобаста аз миллат, нажод, ранги пуст ва дигар нишонаҳои миллӣ ва аққалӣ) мебошад, фаҳмида мешавад.

Ба «идеология» чун дигар мавзуҳои илмию амалӣ аз ҷониби муқаққиқон ва олимон таърифҳои гуногун дода шудааст. Калимаи «идеология» хоси забони юнонӣ буда, ба ду қисм ҷудо мешавад: идея – ғоя, мафкура, фикр, ақида, андеша ва логос – калима, дониш, омӯзиш ва шуур мебошад.

Ҳамин тариқ, мафкура (идеология) - маҷмӯи ақидаҳо ё назарҳои бонизом ва батартибовардашуда буда, манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоиро инъикос менамояд, ки бар асоси он (маҷмӯи ақидаҳо) муносибатҳои одамон нисбат ба воқеияти иҷтимоӣ дарк ва баҳогузорӣ карда мешаванд ва ё шаклҳои муқарраргардидаи ҳокимият эътироф ё ин ки зарурати ислоҳот ва барҳам додани он асоснок карда мешаванд [4].

«Идеология» илми мустақил нест, аммо он ифодагари донишҳои иҷтимоию сиёсии марбут ба манфиатҳои шахсии хусусияти умумидошта буда, муносибатҳои муайяни иҷтимоиро мавриди омӯзиш ва баҳогузорӣ қарор медиҳад.

Мафҳуми «идеология» дар асрҳои XVIII-XIX пайдо шуда, зимни тадқиқоти олимон К.Мангейм, В.Парето, М.Вебер, Р.Арон, Р.Будон ва ғайра қарор дода шудааст. Тибқи назари Р.Будон «идеология» вазифаҳои зиёдро, ба монанди мусоидат намудан ба муттаҳидшавии гурӯҳ, муайян ва асоснок кардани интизориҳои иҷтимоӣ ва ғайра ба иҷро мерасонад [3].

Дар ҷомеаи мусоир «идеология»-ро на ҳамчун василаи давлатӣ, балки маҷмӯи назарҳо ва ақидаҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ медонанд. Чунин тарзи тафаккур ба маданияти либералӣ мувофиқ аст, ки дар он «идеология» ва фаъолият ва манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ алоқаманд дониста мешавад.

Дар шуури қисми зиёди одамон давлат ҳамчун ҳимоятгар ва таъминкунандаи манфиатҳои умумии ҷомеа ҷой дода шудааст. Аммо бо назрдошти таҳлилҳои мафҳумии (консептуалии) боло ва фаъолиятии аслии дастгоҳи давлатӣ, давлат ин муттаҳидкунандаи ғояҳо (идеяҳо), назару ақидаҳои ифодакунандаи ирода ва манфиатҳои шаҳравандон дар маҷмӯъ ва дар самти беҳтар гардонидани тарзи ҳаёт мебошад. Гузашта аз ин, маҳаки «идеология»ро ҳокимият ташкил медиҳад ва ҳокимият ин давлат аст.

Аз инҷо бармеояд, ки давлат бидуни ғояҳо ва назару ақидаҳои сиёсии муайян вуҷуд дошта наметавонад ва ин талабот дар навбати худ, ба ташаккулёбии мафкура (идеология) боис мегардад. Тафаккури (идеологияи) миллӣ тасаввуроти шаҳрвандонро оид ба роҳу усулҳои рушди ҷомеа ва давлат ва самтҳои афзалитяноки сиёсати давлатӣ ифода мекунад.

Мафкура (идеологияи) давлатӣ аз тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба куллӣ фарқ мекунад ва назарҳо ва манфиатҳои онҳо на ҳамеша метавонанд бо ҳам мувофиқат кунанд. Аммо, агар давлат низоми якҳизбиро қабул карда бошад, пас манфиатҳои мафкураи (идеологияи) сиёсӣ бо манфиатҳои мафкураи (идеологияи) давлат мувофиқат мекунанд. Ба ҳамин монанд, агар мафкураи (идеологияи) сиёсии давлат (манфиатҳои ҳизбҳои алоҳидаи сиёсӣ) аз ҷониби конститутсия муқаррар карда шуда бошанд, пас манфиатҳои тафаккурии (идеологии) ҳизби пешбарро ҳамчун мафкураи (идеологияи) давлатӣ ба назар гирифтан мумкин аст; яъне, дар ин ҳолат, манфиатҳои мафкураи (идеологияи) сиёсӣ метавонанд бо манфиатҳои мафкураи (идеологияи) давлат мувофиқат кунанд [1, с.104].

Барои ба таври возеҳ дарк намудани ин тафовутҳо ва аҳамиятнокию афзалитянокии мафкураи (идеологияи) дар ҳаёти ҷомеа ба маълумоти поён таваҷҷуҳи хосса лозим мегардад.

Мафкура (идеология) дар илми муосир ҳамчун ташаккулдиҳандаи маънавиёт ва ҷаҳонбинии иҷтимоии мусоидаткунанда ба таъмини иттилоотии шахс (шаҳрванд) оид ба муносибатҳои иҷтимоӣ, адолати иҷтимоӣ, ояндаи таърихии ҷамъият ва ғайра омӯхта

[1] Миралиён, Қ. А. Баъзе роҳҳои беҳтар кардани таблиғи идеологияи давлатӣ дар байни ҷавонон [Матн] / Қ. А. Миралиён // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои иҷтимоӣ. - Душанбе, 2015. - № 3 (239) 2015. - С. 103-112

мешавад. Яъне, мафкура (идеология) чаҳорчӯбаи муносибатҳо ва амалҳоест, ки ба фард ғизои маънавӣ дода, талаботи иттилоотии иҷтимоии ӯро дар ҷомеа ва нисбат ба ҷомеа қонеъ мегардонад.

Мафкураи (идеологияи) сиёсӣ ин маҷмӯи ғояҳо ва назарияи сиёсӣ мебошад, ки онро ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ дар фаъолияти худ ба сифати роҳнамо барои мустаҳкам ё сарнагун кардани муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода мебаранд.

Мафкураи (идеологияи) сиёсӣ, ки ҳамчун зуҳуроти мафкурвӣ баромад менамояд, воситаи нерӯи зеҳнӣ ва маънавии фаъолияти қувваҳои гуногуни сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Мафкураи (идеологияи) сиёсӣ ба қувваҳои сиёсӣ чигунагии воқеияти сиёсӣ, таносуби қувваҳо, роҳҳои стратегию тактикӣ муваффақгардиро асоснок менамояд ва чун раҳнамо хизмат мекунад. Мафкураи (идеологияи) сиёсӣ воситаи зарурии қувваҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ба шумор меравад

Марксизм «идеология»-ро низоми муайяни тасаввурот, ғояҳо ва таълимоте медонад, ки манфиатҳои синфҳо ва умумиятҳои иҷтимоии пешқадамро таҷассум менамояд.

Т. Парсонс «идеология»-ро ҳамчун воситаи умумии фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ медонад.

Назари фарҳангӣ ба «идеология» низ пурқувват аст. «Идеология» унсури муҳими маданият дониста мешавад. М. Вебер дар «идеология» ҳузури қоидаҳои диниро бештар эътироф менамояд. Қоидаҳо ва арзишҳои динӣ тарзи ҳаёти одамонро муайян менамоянд. Онҳо имконият медиҳанд, ки хосиятҳои ҳаёти сиёсӣ дарк карда шаванд.

Муносибати фарҳангиро ба идеология дар айёми ҳозира Э.Шилз, У.Матс ва ғайраҳо ҷонибдорӣ намуда, тақвият мебахшанд. Мақоми «идеология»-ро дар пешрафти иҷтимоии ҷомеа мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор медиҳанд.

Тафаккури (идеологияи) сиёсӣ аз вазифаҳои хос

иборат мебошад, аз ҷумла сафарбарнамоӣ, мутобиқнамоӣ ё муттаҳидсозӣ, танзимсозӣ ва ҳимоявӣ.

Сафарбарнамоӣ - дар ин айём мафкура (идеология) ба сифати омил ё сабаби фаъолияти сиёсии одамон амал менамояд ва умумиятҳои иҷтимоию нерӯҳои сиёсиро барои воқеӣ гардонидани ормонҳои (идеалҳои) ҷомеаи комилтар равона мекунад.

Мутобиқнамоӣ ва муттаҳидсозӣ - манфиатҳои инфиродӣ ва гурӯҳии одамон ба ҳам мутобиқ ва муттаҳид гардонида мешаванд. Ҳар гуна манфиатҳои хусусӣ қобили қабул дониста намешаванд.

Танзимсозӣ – батартибоварии ҳодисаҳои ҳаёти сиёсиро ба ӯҳда дорад. Мафкура (идеология) метавонад дар лаҳзаҳо ва даврaҳои муайян вазъияти номувофиқ ва пуршиддати ҷомеаро мавзун гардонад ва ба низом дарорад, зиддият ё муқовиматҳоро то андозае ором намояд ва тадриҷан аз байн барад.

Ҳимоявӣ – ҳимояи манфиату талаботи гурӯҳҳои муайяни одамон. Мафкура (идеология) дар заминаи манфиатҳои умумӣ ва муайяни иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Ҳимояи манфиатҳои умумӣ ва таҷассуми он ба вазифаи муҳими мафкураи (идеологияи) сиёсӣ вобаста мегардад.

Аз рӯи тарҳи иҷтимоию сиёсии ҷомеа – мафкураи (идеологияи) сиёсӣ ба навъҳои рост, чапҳо ва марказӣ ҷудо мешавад

Асоси ҷаҳонбинии барандагони мафкураи (идеологияи) сиёсии ростро ғояҳои пешрафти ҷомеа, ки дар заминаи рақобати озод, муносибатҳои бозорӣ, моликияти хусусӣ ва соҳибкорӣ ташаккул ёфтаанд, ташкил медиҳанд.

Барандагони мафкураи (идеологияи) сиёсии чапҳо пешрафти иҷтимоиро дар овардани тағйирот ва азнавсозиҳои доимии ҷомеа мебинанд, онҳо бештар дар таълимот ва фаъолияти сиёсии «коммунистон», «сотсиалистон» ва «сотсиал-демократҳо» ба тарви барҷаста айён мегардад.

Марказиҳо бошанд, доимо кушиш мекунанд, ки бо ҳарду тараф муросо намоянд бо тартиби гузашт кардан (копромис), баъзан ҷонибдори ростҳо ва баъзан чапҳо низ мегарданд.

Аз рӯи муносибат ба пешрафти ҷомеа ва услули воқеигардонии он – тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба навъҳои «идеологияи радикалӣ» ва «идеологияи консервативӣ» ҷудо мешавад.

Мафкураи (идеологияи) сиёсии навъи «радикалӣ» навсозиҳои инқилобии ҷомеаро пеш мегузорад.

«Консерваторон» низоми мавҷудаи сиёсиро нигоҳ доштанӣ шуда, танҳо тағйироти ночизро меписанданд.

Мафкураи (идеологияи) сиёсӣ дар шаклҳои мухталиф вуҷуд дорад, аз ҷумла либерализм, консерватизм, коммунизм, фашизм ва ғайра, ки онҳоро дар поён возеҳтар баррасӣ менамоем.

«Идеологияҳои ҷаҳонӣ» ва таъсири онҳо ба давлатдории миллӣ

Барои равшанӣ андохтан ва дарк намудани зарурат ва мазмуни аслии «идеология» баъзан маълумотҳоро оид ба фаъолияти «идеологияҳои ҷаҳонӣ» баррасӣ менамоем.

Пеш аз ҳама, мебояд зикр намуд, ки мафкура (идеология) асосан хусусияти сиёсӣ дошта, он барои ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва ё нуфуз барои ҳукмфармоӣ намудан бар гурӯҳи муайяни ҷомеа, ҳудуд, фарҳангҳо ва сарватҳои табиию иқтисодӣ истифода мегардад. Ин рисолат пешорӯи тамоми мафкураҳо (идеологияҳо), бахусус тафаккурҳои (идеологияҳои) ҷаҳонӣ қарор дошт ва дорад, яъне ҳадаф аз ташаккулдиҳии мафкура (идеология), ин бавосита ва ё бевосита дахл намудан ба ҷамъиятҳои муайян, сохторҳои идоракунӣ ва фарҳангҳо ҷиҳати ҷорӣ намудани ақида, ғоя ва назарҳои муайяни ҳокимиятхоҳӣ мебошад.

Дар ҷаҳон имрӯз якчанд намуди мафкураҳо (идеологияҳо) фаъолият доранд, ки онҳоро метавон ба ду гурӯҳ,

комил ва номатлуб ҷудо намуд.

Ба гурӯҳи «идеологияҳои комил» мафкураҳои (идеологияҳои) зерин шомил мебошанд, ки дар фазои ташкили муносибатҳо, мубориза ва рақобатҳои солим ташаккул ёфта, бо фарогирии миллионҳо пайравони худ фаъолият менамоянд:

Коммунизм – зинаи олии рушди сотсиализм аст. Одамон бо андешае кор мекунанд, ки он ҳамчун зарурат баҳри нафъи умумӣ равона гардида бошад», В.И.Ленин (декабри 1919) [1, с.355].

Сотсиализм – талаботи (принсипҳои) адолатпарварӣ ва баробарии одамонро талқин намуда, манфиати гурӯҳиро арзиши олӣ медонад ва барои он қурбон намудани ҳама гуна манфиати фардиро талқин менамояд. Мақсади таърихии ин мафкура (идеология) - сарнагун сохтани капитализм буда, дар ин самт то кунун муборизаҳои сиёсӣ идома доранд. Ҳадди баланди муваффақиятро ин мафкура (идеология) ҳангоми ҳукмронии собиқ давлати Шӯравӣ, аз ҷумла байни солҳои 1930-1950 соҳиб гардида буд [2].

Капитализм - низоми иҷтимоию иқтисодии истеҳсол ва тақсимоти мол ва хизматрасонӣ, ки ба талаботи (принсипҳои) моликияти хусусӣ, баробарии ҳуқуқии иштирокчиён, хариду фурӯши қувваи корӣ, бозор ва рақобати озод асос ёфтааст.

Либерализм – тартиби (принсипи) маҳдудсозии мудохилаи давлатро бар муносибатҳои ҷамъиятӣ талқин месозад ва ба озодии фард дар ҷамъият ва анъанаҳои ҷамъиятӣ афзалият медиҳад. Либерализм ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як инсонро арзиши олӣ арзёбӣ намуда, изҳори озоди ақида, интихоби озоди дин, интихоби озоди намояндаи худ дар ниҳодҳои сиёсӣ ва амалӣ гардидани

[1] Исоева, Б.А. Назарияи сиёсат: Китоби дарсӣ [Матн] / Б.А.Исаева. – Петербург: Питер, 2008. – 464 с. (забон-русӣ)

[2] Сотсиализм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Сотщаизм

дигар рукнҳои демократиро тақозо менамояд. Ин мафкура (идеология) рушди иқтисодиётро тариқи бозори озод, ки он дар шароити имрӯза «иқтисоди бозорӣ» ном дорад, талқин менамояд [1].

Консерватизм – тартиби (принсипи) пайравӣ ба анъана ва урфу одатҳои дар ҷомеа ташаккулёфтаро талқин менамояд. Ҷонибдорони ин мафкура (идеология) мухолифи ҳама гуна тағйиротҳои куллӣ баромад намуда, нигоҳ доштани сохти анъанавии фарҳангию таърихиро пеш мегузоранд [2]. Моҳияти (консепсияи) асосии ин мафкураи (идеологияи) сиёсӣ ҳифзи анъана ва урфу одатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ мебошад. Консерватизм дар охири асри 18 ҳамчун вокуниши манфии ашрофони аврупоӣ бар Инқилоби Бузурги Фаронса ва ғояҳои он пайдо шуд.

Тавре маълум мешавад, мафкура (идеология) ҳамеша самти сиёсӣ дорад, яъне амалӣ гардонидани як ғояи (идеяи) устувор мавриди ба даст овардани ҳокимияти сисёсӣ аст. Дар натиҷа, барои ноил шудан ба ин ҳадафи ягона таъсиси як гурӯҳи афроди ҳамфикр - ҳизби сиёсӣ зарур мегардад. Ҳамин тариқ, мафкура (идеология) асосан дар фаъолияти ҳизбҳо, гурӯҳҳо ва ҳаракатҳои сиёсии ҷудо (мустақил) аз ҳукумат татбиқ мешавад.

Дар айни ҳол ду мафкураи (идеологияи) охирини сиёсӣ (либерализм ва консерватизм) аз ҳама бештар доман паҳн кардаанд, ҳудудан ҳамаи давлатҳои демократӣ тавассути ҳизбҳои сиёсии худ аз рӯи ғояҳои либерализм ва консерватизм ё яке аз онҳо роҳнамоӣ мешаванд. Дар давлатҳои демократӣ талаботи (принсипҳои) идоракунии демократӣ асосан бо ҳамин ҷараёнҳои мафкуравии ҷаҳонӣ мувофиқат мекунанд. Аммо, бояд таъкид кард, ки ҳизбҳои коммунистӣ ва

[1] Либерализм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Либерализм

[2] Консерватизм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Консерватизм

сотсиалистӣ низ фаъолият доранд, гарчанде даҳсолаҳо боз онҳо наметавонанд қудрати сиёсиро ба даст оранд.

Ба гурӯҳи «идеологияҳои номатлуб» ҷараёнҳои зеринро дохил кардан мумкин аст, ки дар шароити таҳдиду зуроварӣ ва сӯиистифода аз фарҳангу дин ба вуҷуд омадаанд, зимнан дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо амалҳои номатлуби худ, ба монанди ифротгароӣ (экстремизм), даҳшатафканӣ (терроризм), миллатгароӣ ва ғайра маъруф гардидаанд.

Натсионализм ё Сотсиализми миллӣ – баъди Ҷанги якуми ҷаҳон ҳамчун ҳаракати миллии кишварҳои Аврупо пайдо шуда, ба ғояҳои Ҳизби Сотсиализми Миллии Коргарони Олмон асос меёбад. Ин мафкура (идеология) ба сифати арзиши олӣ хусусиятҳои миллӣ ва этникиро пеш гузошта, бар дигар миллатҳо бадбинӣ ва хусуматро роиҷ мебинад.

Фашизм – тартиби (режими) сиёсӣ ва ё шакли идории диктаторӣ буда, зидди коммунизм, либерализм ва унсурҳои деморкратӣ баромад менамояд. Инчунин, дар ҷаҳони муосир ба амалҳои муаммои ягонагӣ, тавоноӣ ва зуроварӣ маъруф шуда, одатан нажодпарастӣ, таъқиби миллату халқиятҳои бегона, паҳнкунандаи хатар ва қатли омро пешбарӣ менамояд [1]. Бо истифода аз ин мафкураи (идеологияи) номатлуб дар кишварҳои Аврупо, Амрико, Русия ва ғайра ҳаракатҳои зиёди миллатгаро бо ном «скинхед», «бритоголов», «сатанист» ва дигарон фаъолият доранд;

«Исламизм» – мафкураи (идеологияи) сунъӣ, сохташудаи ҷомеаи сиёсии Ғарб мебошад ва ба дини мубини ислом ягон рабт надорад. Тибқи ин мафкура (идеология) тамоми мухолифатҳои дохилии ҷамъиятӣ ва давлатии ҷомеаи (мамлакатҳои) «мусулмонӣ», инчунин муносибатҳои дахлдори байнидавлатӣ аз рӯи меъёрҳои

[1] Фашизм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Фашизм

шариат амалӣ гардонида (ҳал карда) мешавад [1].

Ҳадафи асосии ҷонибдорони ин мафкура (идеология) бо сӯиистифода аз дини мубини ислом ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ мебошад, гарчанде ислом ба сиёсат ягон робита надошта, масъалаҳои боварӣ, эътиқод, маънавиёт, ахлоқ, адолат ва ҳувияти фардиро баррасӣ менамояд [2]. Тафовут дар он аст, ки дигар мафкураҳо (идеологияҳо) асосан дар роҳи ба даст овардани ҳокимияти сёсӣ аз рукнҳои фарҳангӣ, маънавӣ ва динӣ сӯиистифода наменамоянд, вале «исламизм» онро рӯи кор қарор додааст. Ин мафкура (идеология) имрӯз на танҳо мавриди истифодаи ҳизбҳои сиёсӣ (расмӣ) қарор дорад, балки ба ташаккулёбии ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои гуногуни ифротгароӣ ва даҳшатафканӣ бо ном «Ҳизб ут-таҳрир», «Давлати Исломии Шому Ироқ», «Ал-қоида», «Толибон» ва ғайра боис гардидааст ва мутаассифона бо ниятҳои ғаразнок ва амалҳои нопоки худ номи дини мубини исломро бад карда, дар байни ҷомеа, аз ҷумла ғайримусулмонон нафрати зиёдро нисбат ба ин дини поку равшан ва ҳидоятгар ба роҳи рост ба бор овардаанд.

Дар ин ҷо бояд зикр намуд, ки номатлубии «исламизм» бар мухолифати ғояҳо ва ақидаҳои он нисбат ба рисолати воқеии дини мубини ислом асос меёбад ва ин асоснокиро бо далелҳои зерин метавон пешниҳод намуд:

Дини мубини ислом ба сиёсат ва давлат ҳамбастагӣ ё вобастагии бевосита надорад, чунки:

- Дини ислом хусусияти фарҳангӣ ва маънавӣ дошта, хоси ягон давлат, миллат, халқият ва гурӯҳи муайяни одамон намебошад ва сарҳад низ надорад, чуноне ки – *Бисёр бобаракат аст Он (Худой), ки Фурқонро ба бандаи Хеш фуруд овард, то оламиёнро бимкунандае бошад.* – оварда шудааст дар Қуръони Карим [9, с. 359];

---

[1] Исламизм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Исламизм

[2] Ахмедов С. Ислам и исламизм. [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ: http://islam-today.ru/obsestvo/islam-i-islamizm

-Асоси дини исломро Китоби муқадасси Қуръон ташкил медиҳад, ки мазмуни он пурра фарогири панду ҳидоятҳо ба роҳи рост буда, масъалаҳои марбут ба сиёсат ва ҷудоиандозиро фаро нагирифта, баръакс зидди чунин муносибатҳо амр овардааст, ки: «*...чун миёни мардум ҳоким шавед, ба ростӣ ҳукм кунед. Ҳароина некӯ чизе аст, ки Худо бо он ба шумо панд медиҳад...*» [9, с. 87]. Яъне, соҳиб гардидан ба масъулияти сарварӣ бояд зимни боварӣ ва интихоби мардум ба роҳ монда шавад ва ин муносибат низ ҳамчун роҳнамоӣ оварда шудааст, на меъёри сиёсӣ.

-Дини ислом куштор, зурвоварӣ, таҳдид ва дигар рафторҳои зиддиинсониро, ки хоси «Исламизм» дар роҳи ғасби ҳудудҳо, сарватҳо ва ҳокимиятҳои сиёсӣ мебошад, маҳкум менамояд - «*Ва муъминро насазад, ки муъминеро бикушад, магар ба хато*». Яъне, қасдан куштани шахси ҳамдин манъ карда шудааст, ҳатто барои ин амалӣ номатлуб дар ояти дигар оварда шудааст, ки: «*Ва ҳар ки муъминеро ба қасд бикушад, пас, ҷазои ӯ дузах аст, дар он ҷовид бошад; ва Худо бар ӯ хашм гирифтааст ва ӯро лаънат кардааст ва азоби бузургро барои ӯ омода сохтааст*» [9, с. 93];

-Дини ислом талқиндиҳандаи сулҳу субот ва оромию осоиштагии одамон мебошад,– «*Ҷуз ин нест, ки муъминон бародарони якдигаранд, пас, миёни ду бародари хеш сулҳ кунед ва аз Худо битарсед, то бар шумо раҳм карда шавад!*» – оварда шудааст дар Қуръони Карим. Аммо дар фаъолияти ҷонибдорони «Исламизм» аксуламал дида мешавад, ки онро метавон дар мисоли ҳукмронии харобоварӣ онҳо нисбат ба кишварҳои Ироқ, Ливия, Сурия, Афғонистон ва ғайра иброз намуд. Гузашта аз ин, мушоҳида мегардад, ки «Исламизм»-ро на мусулмонон, балки бештар ҷомеаи ғайримусулмонии кишварҳои Ғарб дастгирӣ ва таблиғ менамоянд, онро ҳамчун мафкураи зидди кишварҳои Шарқ (бахусус зидди кишварҳои мусуломнӣ) истифода менамоянд, албатта, ҷиҳати ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва ғанимат, аз қабили нафт, газ

ва ғайра.

Дар шароити Тоҷикистон, ки аксарияти аҳолиро мусулмонон ташкил медиҳанд, мутаносибан таъсири мафкураи (идеологияи) дигари ҷаҳонӣ – «Исламизм» ҷой дорад, ҳатто то солҳои 2015 он дар шакли ниҳоди - Ҳизби наҳзати Исломи Тоҷикистон дар мамлакат фаъолият мекард. Инчунин, дар кишвар пайравони он дар симои ҳаракатҳои ва равияҳои ифротӣ, ба монанди «Салафия», «Ваҳобия» ва ғайра мавҷуд буданд, гарчанде онҳо ҳаркатҳои мамнуъ низ муқаррар шуда бошанд ҳам.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки сохти идораи демократӣ ва дунявиро интихоб кардааст ва намояндагиҳои фарҳангу миллатҳои гуногунро соҳиб буда, кулли шаҳрвандон пайрави дини мубини ислом мебошанд, хоҳ нохоҳ мафкураҳои (идеологияҳои) гуногуни комил ва номатлуби ҷаҳонӣ рӯи хостаҳои муайяни худ ба он таъсир мерасонанд.

Дар шароити демократикунонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур мегардад, ки мафкураҳои (идеологияҳои) заминавии онро, аз қабили либерализм ва консерватизм пайгирӣ намояд, зеро демократия ҳамчун падидаи Ғарб маҳз бо ғояҳо ва талаботи (принсипҳои) ҳамин мафкураҳо (идеологияҳо) асос меёбад. Мувофиқан дахлкунӣ, таъсиррасонӣ, роҳнамоӣ ва иштироки фаъоли намояндагони ҷомеаи Ғарб дар ҷараёнҳои демократисозии муносибатҳо, аз ҷумла идоракунӣ, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ғайра дар кишвар ба ҳукмфаромии ҳамин идеологияҳо (либерализм ва консерватизм) рабт дода мешавад.

Албатта, барои Тоҷикистон чун кишвари тозаистиқлол татбиқи ҳамагуна озодиҳо ва мустақилиятҳо муносиб аст, аммо дахолат кардан ба ҳаёту фаъолияти ҷамъиятию давлатӣ ва ҳукмфармоии берунӣ қобили қабул нест, зеро миллати тоҷик таърихӣ ва тамаддунофар буда, пеш аз ин

миллату халқиятҳо ташаккул ёфтааст ва низоми демократии идоракуниро низ, дар гузашта таҷриба кардааст.

Мисол: Давлати Ҳахоманиш (332–103 пеш аз милод) бо низоми Сатрап амал мекард, ки онро ба сохти Иттиҳоди давлатҳои Аврупо ва ё Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шабоҳат додан мумкин аст. Давлати Ҳахоманиш аз 33 Сатрап (ҷумҳурӣ) ба монанди Бохтар, Миср ва ғайра иборат буд, яъне ҳар як Сатрап як ҷумҳуриро ташкил медод. Низоми Сатрап ба подшоҳи марказӣ – Шоҳаншоҳи Ҳахоманишҳо тобеият дошт, аммо ҳар як Сатрап шоҳи худро низ дошт ва ба содироту воридот, буҷет ва тақдири одамон масъулияти шахсӣ доштанд ва мустақилона фаъолият мекарданд. Сатрапҳо артиш надоштанд, мувофиқан харҷи зиёд намекарданд, аммо ҳар сол ба ҳокимияти марказӣ андоз месупурданд. Артиш ва ба ин васила ҳифзу таъмини амнияти ҷомеа дар уҳдаи ҳокимияти марказӣ буд.

Дар ин ҷо боиси зикр аст, ки сиёсати демкоратӣ ва ё либералии идораи давлатӣ, ба монанди мустақилият ва озодӣ маҳз дар фаъолияти давлати Ҳахоманиш хеле возеҳ инъикос меёбад.

Мафкураи (идеологияи) миллӣ асоси рушди сиёсати ҷавонон

Барои кишвари азизи мо, ки давлати ҷавон аст, меросдори миллату фарҳанги куҳанбунёд мебошад ва акнун (пас аз ҳазор сол) соҳиби истиқлолияти комил гардидааст зарур аст, ки василаҳои мувофиқ ва муносиби муқовиматро бар зиди ҳар як таъсир ва таҳдиди берунӣ дошта, худро – миллат ва халқи шиканҷадидаро аз ҳамагуна ғояҳои бегона ба фарҳанг ва тамаддуни миллӣ, аз ҷумла назар ва мақсаду маромҳои номувофиқи мафкураҳои (идеологияҳои) ҷаҳонӣ ва арзишҳои бегона ҳифз намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити

демократикунонӣ рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва идоракуниро ба роҳ мондааст, чун қисми зиёди кишварҳои ҷаҳон дар фаъолият ба мафкураҳои (идеологияҳои) либералӣ ва консервативӣ такя намуда, мафкураи (идеологияи) сиёсии давлатӣ надорад. Зимнан, дар шароити ҷомеаи демократӣ ягон давлат наметавонад мафкураи (идеологияи) сиёсии ягона дошта бошад, аммо мафкураи (идеологияи) миллӣ дошта метавонанд.

Боиси зикр аст, ки имрӯз маҳз ҳамон кишварҳо ва ҷамъиятҳое, ки мафкураи (идеологияи) сиёсии хоси худро доранд, дар ҳаёту фаъолият пеш рафта истодаанд, ҳатто барои талқини мафкураи (идеологияи) худ барномаҳои зиёди «башардӯстона»-ро дар байни дигар ҷамъиятҳо ва мамлакатҳо татбиқ карда истодаанд.

Зимнан, мафкураҳое (идеологияҳое), ки ба Тоҷикистон демократия овард, аз қабили либерализм ва консерватизм, асосан хоси кишварҳо ва ё ҷамъиятҳои Ғарб (ИМА ва Аврупо) мебошад ва дар кулли мамлакатҳо доман паҳн намудааст ва боиси рушди ин кишварҳо низ гардидааст. Ба ҳамин монанд, мафкураи (идеологияи) ҷаҳонии сотсиализм дар мамлакатҳои Хитой, Кореяи шимолӣ ва дигарон муваффақиятҳои муайянро пеш овардаанд.

Боиси зикр аст, ки кишварҳои Ғарб низ, мафкураи (идеологияи) давлатӣ надоранд, аммо мафкураҳои (идеологияҳои) болозикр маҳсули ҷомеаи онҳо ба ҳисоб меравад.

Албатта, ташаккули мафкураи (идеологияи) давлатӣ аз бисёр ҷиҳат муфид мебуд, аммо дар ин росто якчанд монеаҳои зерин барои ба ин маром расидан мавҷуданд:

- Тоҷикистон давлати сохти демократӣ, мувофиқан плюралистӣ (ташаккулёбӣ дар асоси гунугунандешӣ, гонугунғоявӣ, гуногунфикрӣ) мебошад, ки дар ин сохт ҷомеаи шаҳрвандӣ аз (нисбат ба) давлат мустақил буда, дар ташаккул ва талқини ғояҳои сиёсию маънавӣ озод мебошад. Ин муносибат шароите фароҳам меорад, ки дар

як давлат на як, балки якчанд мафкураи (идеологияи) сиёсӣ тавассути ҳизбҳои (гурӯҳҳои) расмии сиёсӣ ташаккул ёфта ва ҳатто ҳукмфармо буда метавонад;

- Дар мамлакат талаботи (принсипҳои) демократӣ тақозо менамояд, ки муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси бозор ва рақобати солим ба роҳ монда шаванд, яъне аз давлат, таъсир ва ё дахли бевоситаи он озод (мустақил) бошанд. Ҳокимияти давлатӣ наметавонад моликияти ҷамъиятиро (бахши хусусиро) зери инҳисори (ҳукмфармоии) худ қарор диҳад.

Ҳамин талабот дар ҳамагуна кишваре, ки сохти демократиро ихтиёр кардааст, роиҷ мебошад.

Дар ҳамин росто, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз карда буданд, ҳангоми мулоқоти расмӣ бо намояндагони ҷавонони кишвар, 23 майи соли 2013, ки: «*Ҷиҳати ташаккули андешаи миллии наврасону ҷавонон ва омода намудани онҳо дар самти муқовимат ба тазодҳои ҷомеаи муосир ҳоло дар назди сохтору мақомоти давлатӣ, падару модарон ва аҳли ҷомеа корҳои зиёде қарор доранд*». Яъне, имрӯз фурсати он расидааст, ки ба сифати василаи муқовимат ва ё муборизаи шадид бар зидди ҳама гуна зуҳуроти номатлуби халалдорсозанда ва талқиндиҳандаи ғояҳои номатлуб сатҳи шуурнокӣ ва ё нерӯи зеҳнии шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон тақвият бахшида шавад.

Ҳамчунин, Президенти мамлакат зимни Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2014) иброз менамояд, ки: «*Ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва дастовардҳои он, ҳимояи амният ва манфиатҳои милливу давлатӣ, устувор гардонидани ваҳдати миллӣ ва нигоҳ доштани суботу оромии ҷомеа, инчунин таъмин намудани рушди иқтисоди кишвар ва беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар шароити торафт вусъат пайдо кардани барҳӯрди қудратҳои ҷаҳонӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳар*

як шаҳрванди ватандӯсту ватанпарвар мебошад». Таъкидҳои Сарвари кишвар моро водор месозад, ки баҳри таъмини устувори амнияти миллӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ талошҳои доимӣ, дурандеш ва нишонрас дошта бошем.

Аз ин ҷо бармеояд, ки барои рушду нумуи Ҷумҳурии Тоҷикистон, эмин нигоҳ доштани ҷамъият аз ҳар гуна таҳдидҳо ва таъсирҳои берунӣ, аз ҷумла ғояҳои (идеологияҳои) номатлуб ва бегона, ташаккул додани заминаҳои муносиби сиёсӣ, идорӣ ва фарҳангӣ ва ба даст овардани ҷараёни устувори рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар зарур аст, ки Тоҷикистон мафкураи (идеологияи) хоси миллии худро дошта бошад.

Ҳамин тариқ, ташаккули мафкураи (идеологияи) миллӣ ба мақсад мувофиқ буда, метавонад кулли манфиатҳои ҷонибҳоро (субъектҳои сиёсиро) фаро гирад.

Асос ва ё заминаҳои бунёдии мафкураи (идеологияи) миллиро бо дарназардошти таъмини рукнҳои ҳуқуқии он, метавонад ғояҳо ва меъёрҳои конституцсионӣ, ки аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандони комилҳуқуқ қабул гардидаанд, ташкил диҳад. Тибқи Конституцсия мумкин аст, ки ба сифати мафкураи (идеологияи) миллӣ маҷмуи ғояҳои зеринро муқаррар намуд [1, моддаҳои 1, 2, 5, 12, 26, 27, 28, 30, 39]:

- Волоияти қонун ва ҳаёти дунявӣ;
- Зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳама;
- Инсон, ҳуқуқ ва ҳаёти ӯ арзиши олӣ;
- Баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа;
- Кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ;
- Маърифати сиёсӣ таҳкимбахши ҳувияти миллӣ;
- Таҳкими анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ;
- Сулҳу ваҳдат ва муттаҳидии сиёсӣ ҳомии осоиштагии ҷомеа;
- Озодии сухан ва гуногунандешӣ;
- Маҳкум намудани ҳама гуна таҳдид ва дахлкунӣ ба ҳаёт ва фаъолияти шахсӣ;

[1] Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) [Матн] / Душанбе: 1994

- Кафолати таъмини иҷтимоӣ ба ниёзмандон;
- Дониш, касб, меҳнат ба ҳама.

Ҳамин тариқ, метавон атрофи мафкураи (идеологияи) миллӣ муттаҳид гардида, бар зидди мафкураҳои (идеологияҳои) бегона бомаром муқовимат намуд.

Зимнан, мафкураи (идеологияи) миллӣ хоси як миллат набуда, фарогири ҳамаи миллату халқиятҳо ва аққалиятҳои тоҷикистонӣ мебошад.

Бо расидан ба ин ҳадаф – «ташаккул ёфтани мафкураи (идеологияи) миллӣ» халқ ва давлати Тоҷикистон метавонад ба дастовардҳои зиёди зерини таҳкимбахши ҳаёту фаъолияти ҷамъиятӣ соҳиб гардад:

Якум, мафкураи (идеологияи) миллӣ имкон медиҳад, ки фазои сиёсию маънавӣ ҳифз гардад ва аз дахолати ҳама гуна таъсирҳои берунӣ, аз ҷумла мафкураҳои (идеологияҳои) бегона эмин бошад;

Дуюм, бо ҳукмфармо гардидани мафкураи (идеологияи) миллӣ сатҳи маданият ва маърифати сиёсии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон, ки қишри асосӣ ва осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мераванд, баланд гардида, ба самти муносиб ва комили ҳаётӣ равона мегардад;

Сеюм, мафкураи (идеологияи) миллӣ шароит фароҳам меорад, ки талабот ва талаботи (принсипҳои) асосӣ дар ҳошияи демократикунонии ҷомеа амалӣ гардонида шаванд ва аз ҳама муҳим, шакли тоҷикистонии демократия бо фарогирии тамоми манфиатҳои умумимиллӣ ва маънавию сиёсӣ ташаккул дода шавад;

Чорум, ташаккули мафкураи (идеологияи) миллӣ ба пойдорӣ ва устувории сулҳу ваҳдат ва оромию осоиштагии ҷомеа заминаи мусоид ва устувори сиёсию маънавии шаҳрвандонро фароҳам меорад;

Панҷум, бо ташкил ёфтани (расман шинохта шудани) мафкураи (идеологияи) миллӣ имкониятҳои мудофиавии кишвар ва таъмини амнияти миллӣ равнақ меёбанд ва ҳисси ватандӯстии ҷомеа, махсусан ҷавонон, масъулияти шаҳрвандӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллии онҳо

мустаҳкам баланд мегардад;

Шашум, мафкураи (идеологияи) миллӣ метавонад на танҳо ба пос доштан, балки талқини анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ, инчунин тамаддун, таърих ва фарҳанги аҷдодӣ дар ҳудуди мамлакат ва берун аз он, аз ҷумла дар байни тоҷикзабонон ва форсзабонони ҷаҳон мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафкураи (идеологияи) миллӣ дар Тоҷикистон метавонад ҷузъҳои зеринро дошта бошад: *Таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ, баробарҳуқуқӣ дар ҷомеа, кафолати инкишофи мустақили иқтисодӣ ва ташаккулёбии шахсият, мустақилияти ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳифзи Ватан ва арҷ гузоштан ба ягонагӣ, дунявӣ будани Тоҷикистон ва мероси аҷдодию фарҳангӣ.*

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Мафкура (идеология) ҳамчун низоми назарҳо, донишҳо, ғояҳо, арзишҳо ва шуури сиёсӣ кай пайдо шудааст?
2. Ҳадаф ё манфиати умумӣ аз истифодаи мафкура (идеология) ба чӣ асос меёбад?
3. Тафаккур (идеология) дар муносибатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода мегардад ва арзиши хело баланд ва бисёрҷанба низ дорад, чаро?
4. Дастрасии тафаккур (идеология) ба чи асос меёбад?
5. Ҳадафрасии тафаккур (идеология) ба чи асос меёбад?
6. Тафовути идеология аз мафкураи миллӣ дар чист?
7. Мафкураи миллӣ чист?
8. Тафаккур (идеология) чист?
9. Кадом ҳолати давлат ба ташаккулёбии тафаккур (идеология) боис мегардад?

10. Тафаккури (идеологияи) давлатӣ аз тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба куллӣ фарқ мекунад, чаро?
11. Тафаккури (идеологияи) сиёсӣ чист?
12. Тафаккури (идеологияи) сиёсӣ аз 4 вазифаҳои хос иборат мебошад, кадомҳо?
13. Аз рӯи тарҳи иҷтимоию сиёсии ҷомеа – тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба 3 навъ ҷудо мешавад, кадомҳо?
14. Тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба навъҳои «идеологияи радикалӣ» ва «идеологияи консервативӣ» ҷудо мешавад, чи тафовут доранд?
15. Коммунизм чист?
16. Сотсиализм чист?
17. Капитализм чист?
18. Либерализм чист?
19. Консерватизм чист?
20. Натсионализм чист?
21. Фашизм чист?
22. «Исламизм» чист?
23. Давлати Ҳахоманшин чи гуна ҷамъият ва низоми идоракунӣ дошт?
24. Тоҷикистон мафкураи (идеологияи) давлатӣ дорад?
25. Чаро Тоҷикистонро мебояд мафкураи (идеологияи) миллӣ дошта бошад?
26. Тибқи Конститутсия мумкин аст, ки ба сифати мафкураи (идеологияи) миллӣ маҷмуи ғояҳоро муқаррар намуд, кадомҳоро?
27. Мафкураи (идеологияи) миллӣ чист?

§ 18. Ҷанбаҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати давлатии ҷавонон

Аз нигоҳи мафкуравӣ ё ғоявӣ (идеологӣ) сиёсати давлатии ҷавонон, ин низоми муносибатҳои инъикоскунандаи нерӯи маънавӣ ва зеҳнии шаҳрвандони ҷавон аст, ки манфиатҳои давлатро намояндагӣ ва ҳимоя мекунанд, пешрафти он ва шукуфоии ҷомеаи ояндаро таъмин менамоянд.

Зимнан, ин фаҳмиш дар муқаддимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ба таври возеҳ инъикос ёфтааст: «*Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ташаккулу камолоти ҷавононро бо мақсади амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон пешбинӣ карда, истифодаи самараноки неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳоро ба манфиати ҷомеа муайян менамояд*» [1, с.3].

Ҳамчунин, дар доираи «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян гардидааст, ки сиёсати ҷавонон бар асоси ғояҳо ва талаботи (принсипҳои) асосии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил ёфтааст [2, с.33].

Ҳамин тариқ, метавон сиёсати давлатии ҷавононро ҳамчун мафкураи (идеологияи) миллии ҷавонон ном гирифт. Зимнан, ҷавонон аксарияти аҳолии (33-70 фоиз) Тоҷикистонро ташкил медиҳанд; татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон метавонад рушди мафкураи (идеологияи) миллиро дар кишвар таъмин намояд [3, с.3].

---

[1] Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯа барои мақомоти кор бо ҷавонон. – Душанбе: 2011. – 146 саҳ.

[2] Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯа барои мақомоти кор бо ҷавонон. – Душанбе: 2011. – 146 саҳ.

[3] Миралиев, Қ. Ҷавонон ва 20 соли истиқлолият [Матн] / Миралиев Қ. – Душанбе: САМТ, 2012. – 272 с.

Ҳадафҳо ва талаботи (принсипҳои) қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон ҷанбаҳои гуногуни мафкурвӣ ва ғоявиро фаро мегиранд, ки тавассути татбиқи чораҳои дахлдор аз ҷониби субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла ташкилотҳои ҷавонон таъмин карда мешаванд. Аз ҷумла:

- таъмини иштироки ҷавонон дар ташаккул ва амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон;
- ҷалби ҷавонон ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятию сиёсӣ;
- таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳо;
- тарбияи шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ;
- волоияти қонун, ошкорбаёнӣ ва шаффофият;
- ҳуқуқи баробар ба дастгирии давлатӣ;
- афзалиятнокии арзишҳои миллӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангӣ.

Амалисозии ин ҳадафҳо, «худ аз худ» рушди маърифати маънавӣ ва ғоявии (идеологии) шаҳрвандони ҷавонро таъмин мекунад ва бо ин васила иштироки иттиҳодияҳои ҷавононро дар таҳкими мафкураи (идеологияи) миллӣ фаъол мегардонад ва дар ин замина, хусусиятҳои либералии мафкураи (идеологияи) миллӣ – таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳо, баробарҳуқуқӣ, иштирок дар сиёсат ва иқтисодиёт ва дастгирии ҷамъиятиро дар бар мегирад.

Қисми бунёдӣ ва ё муҳтавои мафкураро (идеологияро) иттилоот ташкил медиҳад, аз ин рӯ иттилоотнок будани субъектҳои асосӣ вобаста ба вазъи воқеӣ ва маълумотҳои зарурӣ, ин худ натиҷаи таъсиррасонии мафкуравӣ (идеологӣ) аст.

Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун василаи таъсиррасонӣ аз усулҳои гуногуни иттилоотонӣ таркиб ёфтааст, ки дар ин самт ҳамчун восита ба роҳ мондани фаъолияти ниҳодҳои иттилоотӣ, омӯзишию фарҳангӣ, тарбиявию таълимӣ ва намояндагӣ дар ВАО боиси зикр аст. Дар ҳамин асно, қонунгузор дастгирии иттилоотии

ҷавононро ҳамчун ӯҳдадории мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрвак ва деҳот муқаррар кардааст.

Аз инҷо бармеояд, ки ташаккул ва рушди рукнҳои мафкураи (идеологияи) миллиро метавон таввасути татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон ба даст овард ва ба сифати қадами аввал, аз ташаккул додани низоми иттилоотонии ҷавонон метавон шуруъ намуд.

Бо назардошти он, ки ҷавонон аксарияти аҳолии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, ҳукумат ба ин қишри аҳолӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир менамояд. Ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Ҳукумат меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавононро муайян мекунад ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро кафолат медиҳад. Мувофиқан, ҳангоми баррасии шумори зиёди масъалаҳои афзалиятнок, давлат ба насли ҷавон ҳамчун захираи асосӣ ва ояндаи ҷомеа такя мекунад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ, манфиатҳо, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавонон, аз ҷумла тарбияи мафкуравии (идеологии) онҳо, ҳамеша дар мадди назари мақомоти роҳбарикунандаи кишвар қарор дорад.

Дар ҳақиқат, ҷавонон ҷузъи асосии сармояи инсонӣ ва мафкуравии (идеологии) ҳар як давлат ба шумор меравад – ин воқеияти табиӣ ва иҷтимоӣ аст. Бо тарбияи ҷавонони аз ҷиҳати ғоявӣ (идеологӣ) огоҳ ва босавод, давлат худро бо қудрат ва тавоноии шикастнопазир, насли ватандӯст ва қуввае (шахсиятҳое), ки пешрафт ва шукуфоӣ меорад, муҷаҳҳаз мегардонад.

Тибқи қонунгузорӣ ба таҳияи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон мақомоти ваколатдори давлатии кор ҷавонон масъул мебошад. Аммо татбиқи ин меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавонон ба зиммаи ҳамаи субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва бахши хусусӣ гузошта шудааст.

Илова бар ин, мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон барои татбиқи амалии меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавонон, аз ҷумла ташкил ва пешбурди фаъолиятҳо оид ба таълиму тарбияи ғоявӣ (идеологӣ) масъуланд. Ин фаъолиятҳо асосан дар шакли вохӯриҳо ва муҳокимаҳо, конфронсҳо, форумҳо, семинарҳо, озмунҳо, бозиҳои зеҳнӣ, баҳсҳо ва ғайра сурат мегиранд, гарчанде намудҳои муосири онҳо хеле зиёданд.

Дар ин замина, саҳми ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, аз ҷумла доираи тиҷорат метавонад назаррас бошад. Ин ташкилотҳо мувофиқи ҳуҷҷатҳои таъсисотии худ дар татбиқи чорабиниҳое, ки барномаҳои давлатии ҷавонон пешбинӣ кардаанд, метавонанд саҳм гузоранд.

Таҷриби ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷалб ва иштироки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар татбиқи масъалаҳои иҷтимоии сиёсати давлатӣ, аз ҷумла сиёсати ҷавонон дар доираи имкониятҳои иқтисодии онҳо хеле васеъ паҳн шудааст. Ҳокимияти давлатӣ аз ин усули мутаносибан нави ҳамкорӣ истифода бурда, барои ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ё бахши хусусӣ василаҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ ҷорӣ менамояд, аз ҷумла фароҳам овардани шароити муносиби тиҷорат, то инки онҳо ба барномаҳои иҷтимоӣ бештар маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ кунанд. Ин василаҳо асосан тариқи андозбандии имтиёзнок, ҷудо кардани қитъаи замин, қарзҳои давлатӣ ва ғайра амалӣ мегарданд. Ҳамзамон, ин ташкилотҳо ҳангоми иштирок ва маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсати ҷавонон бо ҷанбаҳои ғоявӣ (идеологӣ) ва омӯзишии сиёсати иҷтимоӣ,

ки ҷузъи хеле муҳими худшиносӣ ва худогоҳии онҳост, шинос мешаванд [1, с.58].

Масъалаи дигари муҳимтар ин маблағгузории чорабиниҳои мафкуравӣ (идеологӣ) мебошад, ки дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ҷорӣ мебошад, аммо дар қиёс бо талаботи воқеӣ, ин ҳиссаи (саҳми) хеле камро ташкил медиҳад. Зимнан, қонунгузорӣ муқаррар мекунад, ки ҳамасола аз буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус амалисозии барномаҳои мақсадноки давлатии ҷавонон маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шаванд [2, с.11].

Боиси зикр аст, ки беш аз 75 фоизи барномаҳои ҷавононро чорабиниҳои мафкуравӣ (идеологӣ) ташкил медиҳанд, ки барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҷавонон ва тарбияи онҳо дар рӯҳияи ватандӯстӣ равона шудаанд, мувофиқан, маблағгузории барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон, ин татбиқи (талқини) мафкураи (идеологияи) миллӣ дар байни ҷавонон мебошад.

Дар Тоҷикистон дастгирии иҷтимоии ҷавонон ҷузъи асосии сиёсати давлатии ҷавонон буда, аз ҳавасмандгардонии (тарбияи) маънавӣ ва кумаки моддӣ таркиб ёфтааст. Аз ҷумла, барои талқини рукнҳои ғоявӣ (идеологӣ) воситаҳои таъсиррасонии мустақим, бахусус хизматрасонии машваратӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, равонӣ, тиббӣ ва соҳибкорӣ амалӣ мегарданд.

Барои дастгирии иҷтимоӣ, дар баробари дигар субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, ниҳодҳои иҷтимоии ҷавонон таъсис дода шудаанд (ба таври мавсимӣ), ки вазифаи онҳо иборатанд аз: иттилоотонии ҷавонон оид ба ҳуқуқ ва имкониятҳо; хизматҳои

---

[1] Миралиён К. А. Идеология миллӣ ва нақши он дар таҳкими асосҳои идоракуни сиёсӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.А.Миралиён. - Душанбе: Шарқи озод , 2016. - №1 (29) 2016. - С.53-62.

[2] Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014, № 1161 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон . - 2004. - № 7 - с . 459 . - 2011. - №6 – Моддаи 429

машвараттӣ ба ноболиғон ва волидони онҳо; кӯмаки ҳуқуқӣ, равонӣ, омӯзишӣ ва табобатӣ; мусоидат ба мутобиқшавии ҷавононе, ки пас аз адои ҷазо аз зиндон озод шудаанд ва ғайра.

Ҳамзамон, ба ин гурӯҳҳои ҷавонон ҳангоми хизматрасонии иҷтимоӣ, маълумотҳои дорои хусусияти ғоявӣ (идеологӣ) расонида мешаванд ва робитаи зич байни субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон таъмин карда мешавад.

Дар натиҷаи ин ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ низоми мутассил ва муассири фаъолият ташаккул меёбад, ки рушди мунтазами ҷанбаҳои мафкуравиро (идеологиро) таъмин мекунад ва дар навбати худ иштироки фаъоли ҷавононро дар ин раванд ва иттилоотонию огоҳии онҳоро вобаста ба рукнҳои мафкураи (идеологияи) миллӣ васеъ мегардонад.

Дар раванди демократикунонии ҷомеа фароҳам овардани шароит барои робитаи мунтазами байни шаҳрвандон ва ниҳодҳои давлатӣ ва иштироки онҳо дар таҳкими муносибтаҳои сиёсӣ хеле муҳим ҳисобида мешавад. Ин рисолатро дар ҳошияи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хеле хуб иҷро карда метавонанд. Яъне, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамкории доимии байни шаҳрвандон ва ҳокимияти давлатиро ҳамчун воситаи амалӣ метавонанд таъмин кунанд ва ин тақозои ҷомеаи муосир ва низоми демократии идоракунӣ мебошад.

Дар робита ба ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» муқаррар менамояд, ки фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон ҳамчун шарики иҷтимоӣ дар амалисозии самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон бо роҳи амалисозии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, ташкили чорабиниҳои мақсадноки рушди ҷавонон дастгирӣ карда мешавад.

Иштироки иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар татбиқ ва рушди ҷанбаҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла дар тақвияти мавқеи сиёсати ҷавонон дар ҷомеа хеле саривақтӣ аст.

Яке аз ҳадафҳои муҳими сиёсати давлатии ҷавонон ҷалб ва таъмини иштироки фаъоли шахсони қабулкунандаи қарор, аз ҷумла аъзои ҳукумат, дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва масъалаҳои ҷавонон мебошад. Бо ин мақсад бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2015, №526 «Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Шӯрои мазкур намояндагони мақомоти ҳокимияти марказӣ ва маҳаллии давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва иттифоқҳои касабаро ҳамчун аъзо фаро гирифта, фаъолиятро ҷиҳати ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондааст.

Шӯрои мазкур асосан масъалаҳои марбут ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавононро баррасӣ намуда, қарорҳои дахлдорро барои ҳалли мушкилоти ҷавонон қабул мекунад, ки ин нишондиҳандаи хеле муҳим ва калидӣ дар самти тарбияи идеологии ҷавонон мебошад.

Чи таври айён мегардад, дар раванди ҳамгироии мафкураи (идеологияи) миллӣ бо сиёсати давлатии ҷавонон мо робитаи зичи онҳоро бештар дар як нуқта – тарбияи ҷавонон ва рушди ҳамаҷонибаи онҳо дар шароити ҷомеаи муосир ошкор месозем.

Асоси талқини тарбияи мафкуравиро (идеологиро) усулҳо ва роҳҳои татбиқ ва талқини (расонидани) он ба гурӯҳҳои мақсаднок ташкил медиҳад. Дар мисоли Тоҷикистон, усулҳо ва роҳҳои асосӣ инҳо шуда метавонанд: вохӯриҳо ва муҳокимаҳои мунтазам; мизҳои

мудаввар ва семинарҳо; озмунҳои оммавӣ ва шавқангез; чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ (фестивалҳо, форумҳо ва сафарҳои сайёҳӣ); дастгирии иттилоотии ҷавонон; ҳавасмандгардонии истеъдодҳои ҷавон ва дастгирии табақаҳои иҷтимоии ҷавонон.

Чорабиниҳои макуравиро (идеологиро) метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард: таълимӣ (омӯзишӣ) ва таблиғотӣ.

Чорабиниҳои омӯзишии ғоявӣ (идеологӣ)

Дар қатори чорабиниҳои таълимию омӯзишӣ тадбирҳои маърифатию иттилоотиро метавон ҳамчун чораҳои мақсаднок арзёбӣ кард, зеро танҳо дониш, маърифат метавонад инсонро ба роҳи дуруст ва шоистаи зиндагӣ ҳидоят кунад.

Маърифат, мисли дигар ҷанбаҳои ҳаёти инсон асосноккуниҳои гуногуни илмӣ дорад, аммо мо ба тафсирҳои маъмултарин ва муносибтарини он такя мекунем. Ба назари файласуфи олмонӣ, Иммануил Кант «*Маърифатнокӣ ин ҳолати берун шудани инсон аз ноқисии (ноболиғии) худ аст, ки ба он ӯ бо айби худ дучор гардида буд. Ноболиғӣ ин нотавониест, ки бе роҳнамоии каси дигар аз неруи ақлонии худ истифода бурда наметавонед*». Дар баробари ин, чунин гуфтор низ муносиб аст: «*Ҷасорати истифода бурда тавонистани ақли худро дошта бош!*» [1].

Оҷизӣ дар истифодаи ақли худ ба дигарон имкон медиҳад, ки онро ба манфиати худ истифода баранд, на ба манфиати соҳиби ақл. Ба ибораи дигар, одамони қобилиятнок ҳамеша дар баробари нерӯи зеҳнии худ, нерӯи (ақли) дигаронро низ, барои беҳтар кардани имкониятҳои худ ва ноил шудан ба манфиатҳои муайяни хеш истифода мебаранд [2, с.56].

---

[1] Кант, И. Ҷавоб ба саволи: Маърифат чист? [Манбаи электронӣ]: Институти фалсафаи Академияи илмҳои Русия / И. Кант. - М.: 2007. – Тартиюи дастрасӣ: http://iph.ras.ru/uplfile/philec/gou/kant.pdf (забон-русӣ)

[2] Миралиён К. А. Идеология милли ва нақши он дар таҳкими асосҳои идоракунии сиёсӣ-иҷтимоӣ [Матн] / Қ.А.Миралиён. - Душанбе: Шарқи озод , 2016. - No1 (29) 2016. - С.53-62

Дар ин мавзуъ, олими дигар, Ҷон Ванамейкер чунин мегӯяд: «*Ҳанӯз сӣ сол қабл ман фаҳмидам, ки шикоят кардан, ин танҳо аблаҳист. Мушкилоти ман бо камбудиҳои худ кофист, пас чаро бояд асабонӣ шавам, ки Худо ба ҳама қобилияти баробари ақлонӣ надодааст*» [1, с.227].

Дар ҳақиқат, Худованд на ба ҳама қобилияти баробари ақлонӣ додааст ва барои он ки дар зиндагӣ аз ранҷу азоб дур бошӣ ва комёб гардӣ, пас, бояд дониш омӯзӣ, равшанфикр, бомаърифат гардӣ ва пеш аз ҳама, - аз он ки қобилиятҳоеро, ки дигарон доранд, надорӣ - дилсард ва рӯҳафтода нагардӣ.

Дар ин ҷо, дигар навъи оҷизӣ низ, мавҷуд аст - *аксари одамон аз камбудиҳои худ огоҳ нестанд; илова бар ин, онҳо ҳамеша худро бо баҳонаҳои муайян соф мекунанд ва барои таҳкими нерӯи зеҳнии худ кӯшиш намекунанд.* Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба худомӯзӣ машғул шавем ва бо сабабҳои гуногуни беасос харҳаша накунем.

Олими Ғарб, Вилям Ҷеймс иброз менамояд, ки «*Дар қиёс бо он ҳолате, ки мо бояд дошта бошем, ин ҳолати моро нимхоб тавсиф кардан мумкин аст. Одамон танҳо қисми ками захираҳои ҷисмонӣ ва рӯҳию равонии худро истифода мебаранд. Ба маънои васеъ метавон гуфт, ки одамон дур аз доираи имкониятҳои худ зиндагӣ мекунанд. Онҳо дорои қобилиятҳои гуногуне ҳастанд, ки одатан намедонанд, чӣ гуна онҳоро истифода баранд*» [2, с.216].

Тасдиқи (исботи) он, ки инсон на ҳамеша метавонад аз қобилиятҳои зеҳнии худ хуб истифода барад, ба он омил асоснок карда мешавад, ки барои ошкор кардани

---

[1] Карнеги, Д. Чӣ тавр дар суханронии оммавӣ эътимод ба худ ва таъсир расонидан ба одамонро инкишоф додан мумкин аст: Чӣ тавр дӯстонро ба даст овардан ва ба одамон таъсир расонидан мумкин аст. Чӣ тавр аз ташвиш даст кашидан ва зиндагӣ карданро оғоз кардан мумкин аст [Матн] / Д. Карнеги. – Минск: Попурри, 2011. – 768 с. (забон-русӣ)

[2] Карнеги, Д. Чӣ тавр дар суханронии оммавӣ эътимод ба худ ва таъсир расонидан ба одамонро инкишоф додан мумкин аст: Чӣ тавр дӯстонро ба даст овардан ва ба одамон таъсир расонидан мумкин аст. Чӣ тавр аз ташвиш даст кашидан ва зиндагӣ карданро оғоз кардан мумкин аст [Матн] / Д. Карнеги. – Минск: Попурри, 2011. – 768 с. (забон-русӣ)

онҳо (қобилиятҳо) таъсири беруна зарур аст, яъне омӯхтани усулҳои истифодаи қобилиятҳои худ аз тариқи дониш, таҷриба, озмоиш ва ғайра.

Зимнан, шахсе, ки қобилиятҳои худро ба самти кори хайру нек сафарбар менамояд ва бо ин васила баъзе ғояҳои худро ба амалия ва воқеият табдил медиҳад, ӯ дар назди мардум фарқкунанда ва шарафёб мегардад.

Ин ақидаро олими амрикоӣ, Д.Карнеги чунин изҳор мекунад: «*Муваффақияти бештарро дар фаъолияти корӣ онҳое ба даст меоранд, ки дар баробари дониш, боз қобилияти суханварӣ ва бовар кунонидани одамонро ба нуқтаи назари худ доранд, ҳамчунин маҳорати «муаррифӣ» ва талқин кардани ғояҳои худро низ соҳибанд*» [1, с.447]. Яъне, барои ноил шудан ба муваффақият зарур аст, ки аз болои худ кор кунем, ба омӯзишу хониш машғул гардем, дониши иловагӣ гирем ва малакаҳои идоракунии одамон ва ҳаёту фаъолияти хешро дошта бошем.

Бо инобати мантиқи таҳлилҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои таъмини самаранокии чорабиниҳои ғоявӣ (идеологӣ) зарур аст, ки шахсони нисбатан фаъолро интихоб карда, ба онҳо малакаҳои байнишахсӣ, муносибат, муошират ва робита бо гурӯҳҳои мақсаднокро омӯзонида шаванд.

Аз ин рӯ, чорабиниҳои маърифатнокию таблиғотӣ дар татбиқи ҷанбаҳои мафкуравии (идеологии) сиёсати давлатии ҷавонон нақши муҳим доранд. Танҳо бо баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии ҷавонон ва мусаллаҳ гардонидани онҳо бо дониш ва малакаи мувофиқ, нерӯи зеҳнии онҳоро метавон ба самти дуруст равона намуд.

---

[1]Карнеги, Д. Чӣ тавр дар суханронии оммавӣ эътимод ба худ ва таъсир расонидан ба одамонро инкишоф додан мумкин аст : Чӣ тавр дӯстонро ба даст овардан ва ба одамон таъсир расонидан мумкин аст. Чӣ тавр аз ташвиш даст кашидан ва зиндагӣ карданро оғоз кардан мумкин аст [Матн] / Д. Карнеги. – Минск: Попурри, 2011. – 768 саҳ.

Чорабиниҳои таблиғотӣ ва ё робитавӣ

Яке аз василаҳои калидӣ, муваффақ, воқеӣ, каммасраф, дастрас, озмудашуда ва таъсиррасони мафкуравӣ (идеологӣ), ин чорабиниҳои таблиғотӣ ва ё робитавии (коммуникатсионии) сиёсӣ мебошанд.

Шахси ҷавон чун фарди нисбатан озод, бесабр, кунҷков, ба вақтхушӣ майлдошта ва ба мушкилоти зиндагӣ камаҳамият аст, ба таъсирҳои робитавии шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла фановариҳои (технологияҳои) иттилоотӣ ва ҳамоишҳои (чорабиниҳои) фарҳангию оммавӣ бештар осебпазир мебошад.

Чорабиниҳои таблиғотӣ ва ё робитавӣ асосан барои ташаккул ва равонасозии афкори ҷамъиятӣ ба самти манфиатҳои пешакӣ муайяншуда бо роҳи паҳн кардани иттилооти мушаххас анҷом дода мешаванд. Зимнан, ин манфиатҳо метавонанд муфид ва фоидавор бошанд, ба мисли идеологияи миллӣ ё зараровар бошанд, ба мисли идеологияи гурӯҳҳои ифротгарою экстремистӣ.

Дар ҷомеаи муосир чорабиниҳои таблиғотию робитавӣ ба василаи асосии таъсиррасонӣ ба сиёсат ва ҳокимияти давлатӣ табдил ёфтааст. Мувофиқан, ингуна василаҳои таъсиррасон, аз ҷумла фановариҳои (технологияҳои) иттилоотӣ метавонанд ба тағйир додан ва дигаргун сохтани ниҳодҳо ва муносибатҳои сиёсӣ ва табодулоти сиёсии ҷомеа ва афкори ҷамъиятӣ боис гарданд [1, с.65].

Дар ҳамин асно, барои боз ҳам мушаххас кардани мазмуну мундариҷа ва моҳияти таъсири василаҳои таблиғотӣ ба ҳаёти ҷомеа ва муносибатҳои сиёсӣ дар поён мо баъзе назарияҳо ва манбаъҳои ташаккулёбии онро баррасӣ менамоем.

Тибқи маълумоти умумидастрас «*таблиғот ин воситаи паҳн кардани ақидаҳо, назарҳо, далелҳо ё дигар иттилоот, аз ҷумла овозаҳо ва маълумоти бардурӯғ барои*

[1] Исоева, Б.А.Назарияи сиёсат: Китоби дарсӣ [Матн] / Б.А.Исаева. – Санкт-Петербург: Питер, 2008. – 464 с.

ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ ё дигар мақсадҳо мебошад» [1].

Ин маънои онро дорад, ки таблиғотро на танҳо барои нафъи ҷомеа, балки бар зарари он низ, - бо роҳи паҳн намудани маълумоти бардурӯғ - истифода мебаранд. Дар ниҳоят, маҳз овозаҳои бардурӯғ ва сохта зуд паҳн мешаванд, одамонро гумроҳ мекунанд ва дар натиҷа онҳоро ба қабули қарорҳои нодуруст (дар аксари мавридҳо) водор месозанд.

Мутобиқи назарияи Г.Лассвелл «*Қудрати таъсиррасонии таблиғот на бо хусусиятҳои паёми мушаххас, балки ба осебпазирии (вобастагии) шуури инсон алоқаманд аст. Ҳама гуна бӯҳрони иқтисодӣ ё низоъи сиёсӣ воқеан хатарнок аст, зеро он ба асабонишавии омма оварда мерасонад ва осебпазирии одамонро ба таъсирҳои таблиғотӣ бештар мегардонад*» [2].

Ин маънои онро дорад, ки таблиғот ба одамон таъсири зиёд дорад, зимнан, чорабиниҳои иттилоотии робитавии махсус омодашуда ва дурамал ба нерӯи зеҳнӣ ва рафтору кирдори онҳо таъсир расонида метавонад. Маҳз ҳамин осебпазирии (вобастагии) одамон ба таблиғот, сарварон ва ходимони сиёсиро водор месозад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоии худ аз фишангҳои таблиғотию робитавӣ ба таври васеъ истифода баранд.

Мисол: истифодаи имкониятҳои ВАО дар давраи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ҳамчун василаи ҷанги равонӣ. Дар барномаҳои омӯзишии қувваҳои мусаллаҳи ИМА ифодаҳои таблиғотии «сафед» нисбат ба сарбозони худ, «хокистаранг» - номуайян ва ифодаи «сиёҳ» ба душман ҳамчун муайянкунанда истифода мегардиданд [3] .

---

[1] Таблиғот [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2015. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Пропаганда

[2]Таблиғот [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2015. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Пропаганда

[3] Панарин, И. ВАО, таблиғот ва ҷангҳои иттилоотӣ [Манбаи электронӣ]: Таърихи таблиғот / И. Панарин. – 2012. - Тартиби дастрасӣ: http://propagandahistory.ru/books/Igor-Panarin_SMI--propaganda-i-informatsionnye-voyny/36

Воқеан, таҳлилу мушоҳидаҳои ҳаёти имрӯза низ, нишон медиҳанд, ки ВАО дигар манбаи иттилооти комил нест, онро ҳар гурӯҳ ба нафъи худ, яъне таҳия ва пахши маълумоти бардурӯғу бофта ва сохта истифода бурда метавонад.

Дар баробари ин, дар ҳолати пеш омадани бӯҳрони иқтисодӣ ва ё сиёсӣ дар кишвари муайян, шаҳрвандони он ба осонӣ метавонанд ба домии ҳаракатҳои зиддиҳукуматӣ, аз ҷумла ҳаракатҳои ифротгароӣ афтанд, ҷонибдори мафкураи (идеологияи) номатлуб гашта, ҷомеа ва давлатро ба бесарусомонӣ, нооромию парокандагӣ ва ҳатто азбайнравӣ расонанд (дар мисоли Афғонистон).

Аз ин рӯ, ҳокимияти сиёсиро мебояд пояи нерӯи макуравии (идеологии) шаҳрвандонро бо тағйир додани шуури онҳо ба самти роҳи рост ва дуруст таҳким бахшад, то онҳо ба ҳар як даъвати хушоянди «дӯстон» дода нашаванд, дуруст ва нодуруст, бад ва некро фарқ кунанд ва дар интихоби роҳи дурусти зиндагӣ иродаи қавӣ дошта бошанд.

В. Одайник дар масъалаи иштироки фард дар рушду такомули давлат ҳамчун узви ҷомеа чунин мегӯяд: «*Фард бояд ҷурьат дошта бошад ва эътироф кунад, ки дар асл маҳз ӯ меҳваресг, ки ҷомеа ва таърих атрофи ӯ чарх мезананд. Ҳеҷ амале бе иштироки ӯ, хоҳ бошуурона ва хоҳ бешуурона рух дода наметавонад. Ва агар чӣ ба фард ва чӣ ба ҷомеа бесарусомонию танназулёбӣ таҳдид кунанд, дар ниҳоят, ин натиҷаи иродаи заиф ё нобиноии (беаҳамиятии) худи афрод аст*». [1, с.78].

Ҷомеашиноси олмонӣ Н. Луман андешаи худро дар бораи вобастагии ҳокимият аз нерӯи робита ва иттилоот (таблиғот) чунин баён мекунад: «*Ҳокимияти сиёсӣ маҳаки (маркази ҳаётии) ҳама гуна низоми сиёсӣ аст ва низоми сиёсӣ, дар навбати худ, ба воситаи унсурҳои робитавӣ бо*

[1] Одайник , В. Равоншиносйи сиёсат [Матн] / В. – Петербург: Ювента , 1996. – 381 с.

ҷомеа ҳамгиро мешавад, ки фаъолияти ҳокимияти сиёсиро амалӣ мегардонад» [1, с.67].

Аз ин бармеояд, ки робита ва таблиғот ин пайванди (пули) байни ҳокимият ва ҷомеа аст. Мавриди аз даст додани ин пул ҳокимият афзалиятнокии худро аз даст медиҳад, зеро дар низоми идоракунии демократӣ халқ манбаи ҳокимият мебошад. Илова бар ин, дар ҳолате, ки ин пул ба дасти ҳаракату гурӯҳҳои зиддиҳукуматӣ ва ифротгаро меафтад, дар ҷомеа бесарусомонӣ ва ноороміҳо ба вуҷуд меоянд.

Дар ҳақиқат, ҳамин ҳолат дар муқовиматҳои инқилобӣ, ки соли 2010 дар кишварҳои араб бо номи «Баҳори араб» ба вуқуъ омад, дар натиҷа дар Тунис президенти он Зайнулобидин Бин Алӣ, 14 январи соли 2011 аз роҳбарӣ даст кашида, ба Арабистони Саудӣ фирор кард; президенти Миср, Ҳуснӣ Муборак санаи 11 феврали соли 2011 пас аз 18 рӯзи эътирозҳои оммавӣ истеъфо дод; раҳбари Либия, Муаммар Қаззофӣ санаи 23 августи соли 2011 барканор шуда, санаи 20 октябри соли 2011 дар зодгоҳаш вилояти Сирт кушта шуд; президенти Яман, Алӣ Абдуллоҳ Солеҳ рӯзи 27 феврали соли 2012 истеъфо дод; президенти Сурия, Башар Асад пас аз муқовиматҳои зиёд соли 2024 аз ҳукумат барканор карда шуд [2].

Боиси зикр аст, ки иродаи мусулмонон, аз ҷумла шаҳрвандони ҳавзаи мамлакатҳои Араб дар қиёс ба шаҳрвандони кишварҳои ғайримусулмонӣ (Ғарб) бояд қаввитар мебуд, чун ислом инсонро ба таври худкор ба фарди қаввиирода табдил медиҳад, аммо ҳолат (дар мисоли боло) баръакс шуд, афсӯс...

Хулоса мегардад, ки ё имони (мусуломонгарии) ин нафарон қаввӣ набудааст, ё инки василаи таблиғоти

---

[1] Исоев, Б.А. Назарияи сиёсат: Китоби дарсӣ [Матн] / Б.А.Исаев. – Петербург: Питер, 2008. – 464 с.

[2] Баҳори араб [Маводи электронӣ] / 2026. Тартиби дастрасӣ – https://tg.wikipedia.org/wiki/Баҳори-араб

сиёсӣ, албатта, зери таъсиррасонии «Ғарб» қаввитар будааст.

Мафкураи (идеологияи номатлуб) ё мо онро ҳамчун чорабиниҳои зарароварии таблиғотиву робитавии ҷомеа меномем, солҳои охир авҷ гирифта, миллатҳо, халқиятҳо ва давлатҳо, меросҳои фарҳангӣ ва захираҳои табииро дар роҳи худ нобуд карда истода, ҷавононро аз ҷаҳони ҷавонӣ маҳрум сохта, дар шуури онҳо доғи сиёҳе гузошта истодааст.

Бояд иброз намуд, ки мафкураи (идеологияи миллӣ) низ, метавонад номатлуб бошад, агар ба ғасби ҳокимият ва захираҳои табии давлати дигаре равона гардида бошад. Масалан, муқовиматҳои инқилобии «Баҳори араб», ки агар аз як тараф, бинобар иродаи заифи шаҳрвандони ҳамин кишварҳо ба вуқуъ омада бошад, аз тарафи дигар, он бо дахолати ҳадафмандонаи кишварҳои Ғарб ҷиҳати дастёбӣ ба сарвати табии ин кишварҳо, асосан нафт ташкил карда шуд.

Дар шароити Шарқ мафкураи (идеологияи) номатлубро одатан бо дини ислом тавъам медонанд, ки албатта, куллан нодуруст ва иштибоҳ ва ҳам гуноҳ аст. Асли ислом ҳаёти маънавӣ ва ахлоқии фард аст, он манбаи пок ва ягона дар ташаккулёбӣ ва рушдёбии инсон мебошад. Бо як ифода ислом, ин сарвати бузург ва арзишманди инсоният аст.

Мутаассифона, бо сӯиистифода аз он ва сатҳи пасти дониш, огоҳию маълумотнокӣ ва иродаи заиф, ҳазорҳо ҷавонон ба осонӣ ба сафи гурӯҳҳои ифротгароӣ (экстремистӣ) ҷалб карда мешаванд. Тавре маълум аст, гурӯҳҳои зиёди гумроҳ, албатта, бо роҳнамоии «хоҷаҳои ғарбӣ» иттиҳодияеро бо номи «Давлати исломӣ» таъсис доданд, ки бо унвонҳои «ДИИШ» ё «ДОИШ» маъруф аст. Ин ҳаракати ифротгароӣ (экстремистӣ), инчунин якчанд гурӯҳи дигарро, ба монанди «Толибон» ва «Ал-Қоида» ҷалб намудааст ва худро паҳнкунандаи «арзишҳои исломӣ» мешуморанд. Дар асл бошад, ин гурӯҳҳо аз ислом хеле дур

буда, эҳтимол мусулмонии худро низ, гум карда бошанд, чун барои расидан ба ҳадафҳои муғрирона ва нпоки худ аз он истифода мебаранд. Далели ин гумроҳӣ дар он аст, ки онҳо асосан, шаҳрвандони мамлакати (ҳамватанони) худро, ки низ мусалмонанд ва мутобиқи шариат «бародар» ҳисобида мешаванд, ба қатл мерасонанд. Аммо китоби муқаддаси Қуръон мусалмононро аз куштани якдигар (бародари худ) ва рондани онҳо аз хонаҳояшон манъ мекунад [1, с.13].

Ҳангоме, ки ВАО зуд-зуд хабар мерасонанд, ки «ҳаракатҳои исломӣ» садҳо мусалмонро дар саросари ҷаҳон мекушанд. Ин нишон медиҳад, ки ин ҳаракатҳо худхоҳанд ва ҳақ надоранд, ки калимаи «ислом»-ро дар номҳои худ истифода баранд ё ақидаҳои худро паҳн кунанд, зеро ислом динест, ки қисми ҳаёти маънавии фард аст, роҳи рост ба сӯи Аллоҳ, на ба сӯи қудрат ё ҳокимият ва на террор ва ё куштор.

Бо вуҷуди ин, мутаассифона, дар байни аҳолӣ одамони камсавод зиёданд ва ВАО бо нашри такрории маълумот дар бораи амалҳои ваҳшиёнаи ҳаракатҳои ифротгароӣ (экстремистӣ) ва даҳшатафкан (террористӣ) ҳар рӯз, хоҳ нохоҳ, ин мафкураи (идеологияи) номатлубро таблиғ мекунанд.

Гузашта аз ин, боиси нигаронӣ аст, ки айни замон инсон бештар ба иттиллои манфӣ майл дошта, иттиллои мусбиро дуюмдараҷа медонад. Аз ин рӯ, ВАО бояд ин воқеиятро ба назар гирад, яъне нерӯи ақлонии инсон хеле чандир ва заиф аст ва иттиллои зуд-зуд такроршавандаро бештар дар хотир нигоҳ медорад. Дар сурати паҳнгардии иттиллои дуруст ва комил дар байни мардум муносибати мусбӣ ташаккул меёбад, аммо ҳангоми паҳнгардии иттиллои манфӣ дар ҷомеа ноороми ва гумроҳӣ ҳукмфармо мегардад.

---

[1] Қуръони Карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн] – Душанбе: Ифрон, 2007. – 616 с.

Муқовимати байни мафкураи (идеологияи) комил ва номатлубро метавон ҳамчун муқовимати байни солимӣ ва беморӣ арзёбӣ кард. Одамон мехоҳанд, ки солим бошанд, аммо на ҳамеша истеъмоли доруву даъво ва риояи тавсияҳои (реҷаи) табибро таъмин мекунанд, зеро дору талху гарон аст ва риояи тавсияҳо вақтро талаб мекунаду барои нафс номуносиб аст. Беморӣ, дар навбати худ, аз иродаи заифи шахс истифода мебарад, ӯро ғулом ва мутеи худ мегардонад, дардманд мекунад ва ба ноумедию марг оварда мерасонад.

Дар чунин шароит ва бо назардошти вазъи ноустувори сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷаҳон, инчунин доманпаҳнкунии босуръати мафкураи (идеологияи) номматлуб тақвияти иқтидори давлат барои таҳия ва татбиқи мафкураи (идеологияи) миллӣ тавассути таблиғоти мунтазам ва чорабиниҳои иттилоотиву робитавии ҳамаҷониба омодашуда ва мақсаднок зарур аст.

Бояд иброз кард, ки айни замон таблиғот ҳамчун фишанги таъсиррасон ва устувор тавассути фановариҳои (технологияҳои) робитавию иттилоотӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла қудратҳои ҷаҳонӣ, дар талошҳои худ барои таъмини мавқеи бартаридошта хеле фаъол истифода мегардад. Дар чунин ҳолат кишварҳои рӯ ба инкишоф ба монанди Тоҷикистон бояд ҳушёр ва чолок бошанд ва иқтидори заруриро барои дифоъ аз чунин таҳдидҳои хатарбор ташаккул диҳанд.

ХУЛОСА:

Муқаррар гардид, ки сиёсати давлатии ҷавонон низоми муносибатҳо ва нерӯи маънавӣ ва зеҳнии шаҳрвандони ҷавон буда, манфиатҳои давлатро ифода ва ҳимоя мекунад ва онҳоро ба самти тараққиёт ва шукуфоии ҷомеаи оянда, яъне татбиқи мафкураи (идеологияи) миллӣ дар байни ҷавонон равона мекунад. Мувофиқан, бо таъмини татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, мо ҷомеаи аз ҷиҳати маънавӣ ва ғоявӣ

(идеологӣ) босавод ва ботаҷрибаеро бунёд месозем, ки барои муқовимат бо ҳама гуна таҳдид ё зуҳуроти манфӣ омода гардида, якпорчагии давлат ва Ватани худро таъмин менамояд.

Усулҳои маърифатноксозӣ бо назардошти тартиби (принсипи) иштироки ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон, ҳамчун воситаи муосир дар татбиқи мафкураи (идеологияи) миллӣ муайян карда шуд. Дар кишварҳои монанди Тоҷикистон, ки ҷавонон аксариятро ташкил медиҳанд, ин навъ (воситаи) таъсири ғоявӣ (идеологӣ) метавонад ду маротиб бештар қудрат ва нуфуз дошта бошад, зимнан, маҳз ҳамин гуна кишварҳо иқтидори бештари рушдро соҳиб мебошанд.

Ташкили чорабиниҳои мунтазами таблиғотӣ, ки бо саъю кӯшиши муштараки давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ баргузор мегарданд, ҳамчун воситаи дастрас ва пуриқтидор бар зидди зуҳуроти ифротӣ пешниҳод карда мешавад. Ин созукор (механизм) муҳити мусоиди мафкуравиро (идеологиро) фароҳам меорад, ки дар муқобили таҳдидҳои сиёсати ҷуғрофӣ (геополитикӣ) дар ҷомеаи муосир ниҳоят арзишманд аст.

Низоми ташкили муносибатҳои маҷмӯӣ пешниҳод карда мешавад, ки татбиқи самараноки василаҳои мафкуравии (идеологии) ҷомеаро дар байни ҷавонон дар доираи фаъолияти ниҳодҳои босалоҳият ва бонуфуз, ба монанди Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон, марказҳои ҷавонон ва барномаҳои мақсадноки рушди ҷавонон (Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон) таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, созукори (механизми) устувор ва пуриқтидори рушди сиёсати давлатии ҷавононро бо роҳи татбиқи хусусиятҳои мафкуравии (идеологии) миллӣ – омӯзонидан ва ҳавасманд гардонидани ҷавонон дар самти ба роҳбарӣ гирифтани талаботи (принсипҳои) демократӣ,

озодӣ, соҳибихтиёрӣ ва арзишҳои фарҳангию маънавии ҳаёт бо усулҳои ҳамкории байнисоҳавӣ ва маҳаллӣ бо ниҳодҳои сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба мақсад мувофиқ аст.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Аз нигоҳи ғоявӣ (идеологӣ) сиёсати давлатии ҷавонон чист?
2. Сиёсати давлатии ҷавонон чи тавр метавонад рушди мафкураи (идеологияи) миллиро дар кишвар таъмин намояд?
3. Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун василаи таъсиррасонӣ аз усулҳои гуногуни иттилоотонӣ таркиб ёфтааст, кадомҳо?
4. ...давлат худро бо қудрат ва тавоноии шикастнопазир, насли ватандӯст ва қуввае (шахсиятҳое), ки пешрафт ва шукуфоӣ меорад, муҷаҳҳаз мегардонад. Ин дар кадом ҳолат имконпазир мегардад?
5. Барои татбиқи амалии меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавонон, аз ҷумла ташкил ва пешбурди фаъолиятҳо оид ба таълиму тарбияи ғоявӣ (идеологӣ) кадом мақомот масъул аст?
6. Таҷриби ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷалб ва иштироки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар татбиқи масъалаҳои иҷтимоии сиёсати давлатӣ, аз ҷумла сиёсати ҷавонон дар доираи имкониятҳои иқтисодии онҳо хеле васеъ паҳн шудааст, чи гуна таҷриба?
7. Дар Тоҷикистон дастгирии иҷтимоии ҷавонон ҷузъи асосии сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, бо кадом восита?

8. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамкории доимии байни шаҳрвандон ва ҳокимияти давлатиро ҳамчун воситаи амалӣ метавонанд таъмин кунанд, чигуна?
9. «Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» кай ва бо кадом мақсад таъсис дода шуд?
10. Дар раванди ҳамгироии мафкураи (идеологияи) миллӣ бо сиёсати давлатии ҷавонон мо робитаи зичи онҳоро бештар дар як нуқта ошкор месозем, кадом нуқта?
11. Асоси талқини тарбияи мафкуравиро (идеологиро) чи ташкил медиҳад?
12. Оҷизӣ дар истифодаи ақли худ ба дигарон имкон медиҳад, ки онро ба манфиати худ истифода баранд, на ба манфиати соҳиби ақл, чаро?
13. «*Ҳанӯз сӣ сол қабл ман фаҳмидам, ки шикоят кардан, ин танҳо аблаҳист. Мушкилоти ман бо камбудиҳои худ кофист, пас чаро бояд асабонӣ шавам, ки Худо ба ҳама қобилияти баробари ақлонӣ надодааст*», муаллифи ин гуфтор кист?
14. Дар яке аз ҳолатҳо шахс дар назди мардум фарқкунанда ва шарафёб мегардад, дар кадом ҳолат?
15. «*Муваффақияти бештарро дар фаъолияти корӣ онҳое ба даст меоранд, ки дар баробари дониш, боз қобилияти суханварӣ ва бовар кунонидани одамонро ба нуқтаи назари худ доранд, ҳамчунин маҳорати «муаррифӣ» ва талқин кардани ғояҳои худро низ соҳибанд*», муаллифи ин гуфтор кист?
16. Барои таъмини самаранокии чорабиниҳои ғоявӣ (идеологӣ) чӣ бояд кард?
17. Чорабиниҳои таблиғотӣ ва ё робитавӣ асосан барои кадом иҷрои кадом манфиатҳо равона гардидаанд ё истифода мешаванд?
18. Таблиғот чист?

19. Сарварон ва ходимони сиёсӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоии худ аз фишангҳои таблиғотию робитавӣ ба таври васеъ истифода мебаранд, чаро?
20. Ҳокимияти сиёсиро мебояд пояи нерӯи макуравии (идеологии) шаҳрвандонро бо тағйир додани шуури онҳо ба самти роҳи рост ва дуруст таҳким бахшад, чаро?
21. Мавриди аз даст додани ин пул (иттилооту таблиғот) ҳокимият афзалиятнокии худро аз даст медиҳад, чаро?
22. Дар асл гурӯҳҳои ифротгароӣ (экстремистӣ) аз ислом хеле дур буда, эҳтимол мусулмонии худро низ, гум карда бошанд, чаро, чи тавр?
23. Айни замон инсон бештар ба иттиллои манфӣ майл дошта, иттиллои мусбиро дуюмдараҷа медонад, чаро?

§ 19. Рушди иштироки ҷавонон дар ҳошияи демократикунонии муносибатҳо

Баъзе масъалаҳои иштироки ҷавонон дар фаслҳои қаблии рисолаи илмӣ баррасӣ гардида буданд, зимнан, дар ин ҷо асосҳои мафҳумии (консептуалии) он ҳамчун мавзӯи бунёдӣ ва афзалиятноки сиёсати ҷавонон баррасӣ карда мешавад.

Эзоҳ: дар матн калимаҳои фаҳмиш, падида, тарҳ ва мафҳум, ки вобаста ба мазмуну муҳтаво нисбат ба «иштироки ҷавонон» истифода мегарданд, ҳаммаъно мебошанд.

Мафҳуми (консепсияи) «иштироки ҷавонон» дар ҳошияи демократикунонии муносибатҳо

Тоҷикистон аз раванди ҷаҳонишавии сиёсӣ ва иқтисодӣ дар канор наистода, пайваста пеш рафта истодааст. Вазифаи таъмини пешрафти Тоҷикистон бо мақсади ноил шудан ба рақобатпазирии миллии кишвар дар раванди ҷаҳонишавӣ, ҳамгироӣ, баланд бардоштани нақш ва эътибори кишвар дар арсаи ҷаҳон рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини амнияти миллӣ, таассури самарабахш, муассир ва шабеҳро нисбат ба муноқиша ва таҳдидҳои замона тақозо менамояд.

Дар чунин вазъ бояд мавқеи кишвар дар соҳаи сиёсати дохилӣ, тақсими ҷаҳонии меҳнат, илми ҷаҳонӣ, фарҳанг ва фановарӣ (технология), фароҳам овардани шароит барои рушд ва татбиқи имкониятҳои шахсӣ, кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, самарабахшии идоракунии давлатӣ ва таъмини сатҳи зарурии қобилияти мудофиавии кишвар таҳким ёбад. Зимнан, ҳалли самарабахши ин вазифаҳо ва ё дурнамо бе иштироки ҷавонон имконнопазир аст.

Беш аз 70 фисади аҳолиии Тоҷикистонро шахсони ҷавон ташкил медиҳанд. Ин нерӯи созандаву пешбарандаи ҷомеа дар солҳои аввали бадастории истиқлолияти давлатӣ бо ифодаи ифтихори миллӣ ва шукргузорӣ аз соҳибистиқлолӣ талош варзида, ташаббусҳои наҷибу ватандӯстона нишон дод.

Дилхоҳ давлату миллат ояндаро дар симои ҷавонон мебинанд. Зеро, ҷавонон нисбат ба дигар табақаи ҷомеа бештар фаъол буда, умеду такягоҳ арзёбӣ мегарданд.

Иштирок – ин ҷалб, саҳм, кӯмак, дастгирӣ, ҳамкорӣ ва муносибатҳои дигаре мебошад, ки кӯшишҳо, қобилиятҳо ва иқтидори ду ё зиёда тарафҳоро дар таҳия, татбиқ ва ҳамоҳангсозии як намуди муайяни фаъолият ва амалҳои мувофиқашуда байни тарафҳо муттаҳид

мекунад, ки ҳам ба манфиатҳои умумӣ ва ҳам ба манфиатҳои фардӣ ноил гарданд.

Зимни ироаи Паёми хеш Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (23.01.2015) қайд карданд, ки: «*Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин нерӯи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунад, кишварро ободу зебо мегардонад ва номи ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардорад, ҳамеша такя менамояд*».

Воқеан ҳам сатҳи тараққиёт ва нуфузи ҳар кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ, донишу малака ва касбу тахассуси муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.

Аз давраи бадастории истиқлолияти давлатӣ инҷониб Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани нақши ҷавонон дар ҷомеа, фаъолгардонии мақоми онҳо дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар тадбирҳои амалӣ андешида истодааст. Дар ин муддати кӯтоҳ вобаста ба таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон, ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти онҳо, зимнан татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон гурӯҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии сиёсати ҷавонони Тоҷикистон, Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди саломатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон қабул гардидаанд, ки татбиқи онҳо боиси баланд шудани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид.

Дар баробари санадҳои соҳавӣ як қатор қонунҳо, консепсия ва барномаҳо дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ амалӣ мегарданд, ки бевосита ва ё бавосита барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат менамоянд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикстон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мисоли равшани ин гуфтаҳо мебошад.

Муссалам аст, ки таваҷҷӯҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин қишри ҷомеа рӯз аз рӯз зиёд мегардад. Зеро дар замони барҳӯрди тамаддунҳо ва муқовимат ба даъвату тазодҳои ҷаҳони муосир, насли ҷавон ягона василаи устувор ва сарватест, ки метавонад дар ин раванд ба муваффақият ноил гардад.

Дар воқеъ, имрӯз ҷавонони кишвар дар замоне кору зиндагӣ доранд, ки дар баробари фароҳам будани шароитҳо ҷиҳати худташаккулёбӣ ва инкишофёбӣ мушкилоти зиёде низ, сади роҳи зиндагии онҳо гаштааст.

Ҳукумати Тоҷикистон маҳз барои бартараф сохтани ин мушкилоти ҳаётии ҷавонон ва мусоидат ба мутобиқшавию рушду камомлоти онҳо пайваста талошҳо меварзад.

Дар баробари ин, иштироки ҷавонон дар арҷ гузоштан ва пос доштани арзишҳои миллӣ ва муқадассоти Ватан, тарбияи онҳо дар рӯҳияи худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстӣ, дарки баланди масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсондӯстӣ, шуғли муносиб, тарзи ҳаёти солим, азхудкунии касб ва илмомӯзӣ ҳидоят намудани насли ҷавон, қонеъ гардонидани талаботҳои иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва таъмини манфиатҳо ва мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар ҳаёти рӯзмараи ин насл хело муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир ва ҷаҳонишавии кишвар дар доираи

татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон самти нав ва мубрам арзёбӣ гардида, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои фаррох барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд ва ғайраро фаро мегирад.

Мутобиқи таҳлилҳо ва муқаррароти қонуни соҳавӣ иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаи устуворро барои иқтидори идорӣ ва нерӯи инсонӣ (кадрӣ) ташкил медиҳад.

Яъне, иштироки ҷавонон ҳамчун василаи қонунии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон муқаррар гардидааст, аммо шароит, усулҳо ва тартибҳои (принсипҳои) татбиқи он баррасии алоҳидаро талаб мекунад.

Аҳамиятнокии падидаи (консепсияи) «иштироки ҷавонон» хеле баланд аст, зимнан, дар рӯйхати 10 самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон он мавқеи аввалро ишғол менамояд:

1. Иштироки ҷавонон;
2. Шуғлнокии ҷавонон;
3. Таъмини тарзи ҳаёти солим;
4. Таҳсилоти муносиб барои ҷавонон;
5. Таъминоти иҷтимоии ҷавонон;
6. Таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;
7. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон;
8. Тарбияи ватандӯстии ҷавонон;
9. Ахлоқи шоиста ва фарҳангдӯстии ҷавонон;
10. Заминаи илмию амалӣ ва идории сиёсати давлатии ҷавонон.

Иштироки ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир дар доираи татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон самти нав ва мубрам буда, он фаъолгардонии сиёсӣ, такомули малакаҳои идорӣ ва имкониятҳои васеъро

барои роҳбарӣ дар мақомоти дахлдори идорӣ, иштирок дар таҳия ва амалисозии барномаҳои алоқаманд, дастрасӣ ба кумакҳои пулии бебозгашт (грантҳо), таъсиси ташкилотҳои мустақил ва кафолати таъмини адолати ҳуқуқиро фаро мегирад.

Фаъолгардонии сиёсии ҷавонон, ки онро ҷомеаи муосир тақозо менамояд барои Тоҷикистон аз назари иҷтимоию иқтисодӣ ва ҷамъиятии (демографии) он бисёр муҳим арзёбӣ мегардад. Дар робита ба ин, барои ба таври мунтазам таъмин намудани ҳар се шохаи ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия ва судӣ) бо кордонҳои ҷавон ҷорӣ кардани низоми ҳавасмандгардонӣ – бартарият додан (муқаррар намудани квота) мувофиқи мақсад мебошад.

Чӣ тавре аз таҳлилҳо бармеояд, сатҳи маълумотнокии гурӯҳи муайяни масъулон – субъектҳои асосӣ оид ба афзалияти сиёсати давлатии ҷавонон нисбатан паст мебошад, зимнан, баргузор намудани силсила чорабиниҳои омӯзишӣ ва иттилоотӣ барои онҳо тақозо мегардад.

Дар самти иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мунтазам ҷалб намудани онҳо дар таҳия ва амалигардонии барномаҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии алоқаманд мувофиқи мақсад мебошад. Ҳамзамон вобаста ба васеъ гардонидани имконоти амалии ҷавонон ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои мубрам татбиқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ба воситаи иттиҳодияҳои ҷавонон, аз ҷумла ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавонон ба мақсад муовфиқ мебошад.

Бо мақсади фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ташаккул ва рушди ҳаракати волонтёрӣ ва муқаррар сохтани созукорҳои (механизмҳои) шавқангезӣ ва ҳавасмандгардонии шахсони волонтёр дар чаҳорчӯбаи қонунгузории ҷорӣ бояд тадбирҳо андешида шаванд.

Яке аз роҳҳои самарабахш дар самти рушди имконоти маданӣ ва худтакмилдиҳии ҷавонон, ин дастгирии фаъолияти китобхонаҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, иншооти варзишӣ, муассисаҳои таълимии берун аз мактабӣ, интишори адабиёти таълимӣ, бадеӣ ва амалӣ, таҳияи барномаҳои давлатӣ ва минтақавӣ оид ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ мебошад. Махсусан васеъ гардонидани шабакаи марказҳои ҷавонон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳо ба ҷавонон имконият медиҳад, ки чорабиниҳои зиёди маърифатӣ, ба монанди машғулиятҳои (тренингҳои) омӯзишӣ, мизҳои мудаввар, озмунҳо, маҳфилҳои фарҳангию эҷодӣ ва ғайра бо иштироки бевоситаи худи ҷавонон доир карда шаванд ва иқдом метавонад ҷавононро ба корҳои манфиатнок ва фоидабахш машғул намуда, аз оворагардию бекорӣ ва даст задан ба падидаҳои номатлуб эмин нигоҳ дорад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки таъсис ва дастгирии маҳфилҳои худфаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон бо иштироки бевоситаи олимону кордидагони ботаҷриба, аз ҷумла зиёиён муҳимтарин василае ҳаст, ки метавонад барои баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии ҷавонон, ташаккули фарҳанги маънавию сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва омӯзиши асосҳои таъриху фарҳанги миллӣ мусоидат намояд.

Худ ба худ иштироки ҷавонон мафҳуми (консепсияи) муосири фаъолсозии сиёсӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва интизомии ҷавонон мебошад, ки барои рушди сармояи инсонӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, таъмини устуворӣ ва таҳкими иқтидори василаҳои идоракунии давлатӣ зарур аст; истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ва зеҳнӣ ва муҳимтар аз ҳама иштироки ҷавонон ин кафили рушди устувор, амният ва рушди демократии ҷомеа мебошад.

Аҳамиятнокӣ ва саривақтӣ будани истифодаи ин созукорро (механизмро) Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар назди намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 23 майи соли 2013 қайд намуда буданд: «*Бе иштироки фаъоли чунин қувваи бузург, тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ва мадании давлати моро тасаввур кардан имконнопазир. Аз ин рӯ, мо барои иштироки ҳамаҷонибаи ҷавонони кишвар дар бунёди Ватани муқаддасамон, барои беҳтар намудани шароити таҳсилу зиндагӣ, аз худ кардани касбу кор ва фаъолияти пурсамари онҳо тамоми чораҳои зарурӣ андешида, пайваста ҷонибдорӣ мекунем*» [1, с.10–11]. Яъне, Ҳукумат ба насли наврас ва бахусус татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус равона кардааст ва татбиқи тарҳи «иштироки ҷавонон»-ро ҳамчун падидаи муосир дастгирӣ ва тақозо менамояд.

Гузашта аз ин, сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз шаш самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон шудааст, ки таҳия ва татбиқи чораҳои таъхирнопазири ноил шудан ба ин ҳадафро дар назар дорад ва аз ин рӯ, иштироки ҷавонон дар ин самт муҳим мебошад [2, с.43].

Тарҳ ва ё мафҳуми «иштироки ҷавонон» вақтҳои охир дар сатҳҳои гуногуни байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ ва ё давлатию ҷамъиятӣ татбиқи васеъ пайдо кардааст.

Соли 1979 Ассамблеям Генералии СММ соли 1985-ро «Соли байналхалқии ҷавонон: иштирок, тараққиёт ва сулҳ» эълон кард. Инчунин, соли 1995 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид «Барномаи ҷаҳонии амалиёти ҷавонон то соли 2000 ва баъд аз он»-ро қабул кард.

---

[1] Миралиев, К.А. Президент ва ҷавонон [Матн]: Дастури методию иттилоотӣ / К. А. Миралиев. – Душанбе: Тараккиёт, 2013. – 55 с.

[2] Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ [Матн]: Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Басанта, 2014. – 203 с.

Барнома 10 самти афзалиятнокро дар бар мегирад, ки яке аз онҳо «Иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ» мебошад.

Тавре маълум гардид, СММ яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ буда, қариб ҳамаи кишварҳои ҷаҳон аъзои он мебошад, яке аз самтҳо ва ҳадафҳои дурамали фаъолияти худро – таъмини иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа муайян менамояд ва ин таваҷҷуҳ бори дигар дуруст ва сари вакт будани ин созукор ва татбиқи саривақтии онро собит месозад.

Дар арсаи ҷаҳонӣ яке минтақаҳои фаъол вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Аврупо ба ҳисоб меравад. Дар даҳаи аввали асри 21 дар Аврупо ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон қадами ҷиддии таърихӣ гузошта мешавад, низоми амалисозии сиёсати ҷавонон ташаккул дода шуда, барномаҳо ва лоиҳаҳои гуногун дар самти фаъолсозии ҷавонон қабул карда мешаванд; марказҳо ва маҳфилҳои махсуси ҷавонон таъсис дода мешаванд. Соли 2001 Комиссияи Аврупо «Китоби сафед оид ба ҷавонон»-ро қабул менамояд, ки он ҳамчун чаҳорчубаи соҳаи кор бо ҷавонон эътироф мегардад ва яке аз вазифаҳои он афзалиятнокии мусоидат ба иштироки ҷавонон, мавқеи фаъоли шаҳрвандии онҳо ва фаъолияти волонтёрии ҷавонон муқаррар мегардад. Ҳамчунин, соли 2005 аз ҷониби Шӯрои Аврупо «Барномаи Аврупоӣ оид ба манфиатҳои ҷавонон» қабул мегардад, ки мақсади он – таҳкими иштироки ҷавонон дар таълим, шуғл ва ҳаёти ҷамъиятӣ муайян карда мешавад [1, с.3].

Муҳимияти иштироки ҷавонон аз якчанд хусусиятҳои илмӣ ва алоқаманди ҷомеаи муосир вобаста аст. Ҷавонон на танҳо ояндаи ҷомеаи устувор, балки иштирокчиёни демократияи имрӯза низ мебошанд.

Тадқиқотчиён Х.Виллемс, А.Хейнен ва С.Майерс вазъияти муаммобастаи (парадоксалии) иштироки

[1] Георгиенко, В. Сиёсати ҷавонон ИА, ША, СММ [Маводи электронӣ] / 2010. – 30 с. – Тартиби дастрасӣ: https://www.georgienko.com

ҷавононро дар маъракаҳои сиёсӣ муайян намуданд. Ҷавонон дар интихобот фаъолона иштирок намекунанд, илова бар ин, насли калонсол иддао доранд, ки иштироки ҷавонон дар маъракаҳои сиёсӣ коҳиш ёфтааст [1, с.1].

Иштироки ҷавонон дар кишварҳои Аврупо аз рӯи се шакл муайян карда мешавад: 1) кор бо ҷавонон ҳамчун баҳрабардор (объект); 2) ҷалби ҷавонон ба сифати шарикон; 3) дастгирии (эътирофи) ҷавонон ҳамчун сарвар [2, с.5].

Аз ин рӯ, тарҳи «иштироки ҷавонон»-ро бояд ҳамчун воситаи муҳимтарини рушди сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа дарк кард, ба ҷавонон на танҳо ҳамчун як гурӯҳи осебпазир (ба кӯмак ва дастгирӣ эҳтиёҷдошта), балки ҳамчун як шарик ва сарвари оянда дар ҷомеа баррасӣ муносибат кард; дар баробари ин, ба онҳо дар масъалаҳои идоракунӣ бояд имкониятҳо ва ҳуқуқҳои баробар муҳайё карда шавад.

Ҳамин тариқ, иштироки ҷавонон ҳамчун воситаи муҳим ва беназир дар татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, рушди ҷанбаҳои нерӯи инсонӣ ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва давлат дар шароити демократикунонии ҷомеа арзёбӣ мешавад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Сатҳи тараққиёт ва нуфузи ҳар кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои ... чӣ бошанд?
2. То ин замон як гурӯҳ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки татбиқи онҳо боиси баланд шудани

[1] Шарикии ҷавонон [Матн] / Мақолаи таҳлилӣ оид ба иштироки ҷавонон – 7 с.
[2] Иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеа [Матн]: Дастур барои агентиҳои рушд ва сиёсатмадорон / Гурӯҳи кории ҷавононии DFID–CSO – Лондон: 2010. - 120 с. (забон-русӣ)

нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид, кадом санадҳо?

3. Таваҷҷӯҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин қишри ҷомеа (ҷавонон) рӯз аз рӯз зиёд мегардад, чаро?
4. Иштироки ҷавонон чист?
5. Дар самти иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чи бояд кард?
6. Барои фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ташаккул ва рушди ҳаракати волонтёрӣ чи корҳоро мебояд анҷом дод?
7. Дар самти рушди имконоти маданӣ ва худтакмилдиҳии ҷавонон чи бояд кард?
8. «Соли байналхалқии ҷавонон: иштирок, тараққиёт ва сулҳ» аз ҷониби кадом ниҳод ва кай эълон гардидааст?
9. «Барномаи ҷаҳонии амалиёти ҷавонон то соли 2000 ва баъд аз он» аз ҷониби кадом ниҳод ва кай қабул гардидааст?
10. «Китоби сафед оид ба ҷавонон» аз ҷониби кадом ниҳод ва кай қабул гардидааст?
11. Соли 2005 аз ҷониби Шӯрои Аврупо «Барномаи Аврупоӣ оид ба манфиатҳои ҷавонон» қабул мегардад, он чи мақсад дошт?

§ 20. Иштироки ҷавонон дар таҳкими рукнҳои демократии ҷомеа

Воқеан мафҳуми «иштироки ҷавонон» ҳамчун тарҳи (модели) муосири идоракунии иҷтимоию сиёсии ҷомеа ба намудҳо, сатҳҳо ва гурӯҳҳои гуногун ҷудо мешавад, аммо дар ин чанде аз он қисматҳоеро, ки дар илми сиёсӣ ва

амалия омӯзиш ва таҷриба гардидаанд, манзури хонанда пешниҳод менамоем.

Иштироки ҷавонон ба ду намуд - ғайримустақим ва мустақим, ва ҳафт сатҳ – (1) байналмилалӣ, (2) байниминтақавӣ, (3) миллӣ, (4) вилоятӣ, (5) ноҳиявӣ/шаҳрӣ, (6) маҳаллӣ ва (7) аввалӣ ва инчунин ба якчанд самтҳо ҷудо мешавад, ки асоситарини онҳо дорои хусусияти иҷтимоӣ мебошанд.

Барои таҳқиқоти васеътар, аз ҷумла муайян кардани роҳҳо ва усулҳои татбиқи самаранок, мо ҳоло кӯшиш мекунем, ки намудҳо, сатҳҳо ва самтҳои муайяни ин падидаро муфассал баррасӣ намоем.

1. Иштироки ғайримустақими ҷавонон

Иштироки ғайримустақими ҷавонон намуди иштирокест, ки дар доираи ҳамкорӣ ва муносибатҳои муайян зимни фаъолиятҳои (хизматрасониҳои) алоқаманд ба амал бароварда мешавад. Дар инҷо ҷавонон метавонанд ҳамчун шарик-иштирокчӣ ва ё ҳамчун истифодабаранда (истеъмолкунанда) амал намоянд.

Дар ҳоли ҳозир, ин намуди иштирок дар заминаи ба инобат гирифтани ҷавонон ҳамчун истифодабаранда (истеъмолкунанда) тақрибан дар ҳама кишварҳо маъмул аст, яъне дар ин ҷо асосан ҷавонон ҳамчун як бахши осебпазир, гурӯҳи ниёзманди аҳолӣ дониста мешавад.

Новобаста аз ин, дар партави тағйиротҳои ахир ва афзудани нақш ва аҳамияти захираи инсонӣ, ҷавонон ҳамчун шарик дар ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи идоракунӣ ҷалб карда мешаванд.

Аз ин бармеояд, ки фароҳам овардани шароит ва ҷалби ҷавонон ҳамчун шарик дар таҳия ва татбиқи тадбирҳои сиёсӣ муносиб аст, аз ҷумла:

- чаҳорчӯбаи иштироки ҷавонон бояд ба таври возеҳ муайян карда шавад, бо назардошти (1) мӯҳлат (кай онҳо метавонанд иштирок кунанд), (2) дараҷаи иштирок (дар кадом сатҳ иштирок карда метавонанд) ва (3) масъулият (аз онҳо чӣ талаб карда мешавад);

- муайян кардани намудҳои фаъолиятҳое, ки ҷавонон бояд дар онҳо иштирок кунанд;
- муайян кардани ниҳодҳое, ки ба ҷалб ва таъмини иштироки ҷавонон дар таҳия ва татбиқи тадбирҳои дахлдор масъул мебошанд;
- муқаррар кардани дараҷаи ҳуқуқи иштироки ҷавонон дар баъзе соҳаҳои фаъолият.

2. Иштироки мустақими ҷавонон

Иштироки мустақим, ин иштироки мустақилонаи ҷавонон дар ташкил ва амалисозии фаъолиятҳои (хизматрасониҳои) алоқаманд мебошад, ки дар ҷараёни он шахси ҷавон ҳамчун истифодабаранда (истеъмолкунанда), ҳамзамон иҷрокунанда ва муштарӣ мавқеъ пайдо мекунад.

Мутаассифона, ин намуди иштирок камтар маъмул аст, зеро созукори (механизми) возеҳи татбиқи он айни замон ташаккул наёфтааст. Ин камбудӣ аз одати кӯҳнашудаи (стереотипи) муносибати байни наслҳо маншаъ мегирад. Яъне, *калонсолон ба худ иҷозат намедиҳанд, ки ба ҷавонон эътимод дошта бошанд, мувофиқан ҷавонон имконияти рушд пайдо намекунанд ва дар ин нокомӣ калонсолонро айбдор медонанд.*

Бо вуҷуди ин, дар баъзе давлатҳо, аз ҷумла кишварҳои аврупоӣ аҳамиятнокии сиёсати ҷавонон ва рушди башардӯстонаи ҷомеаро эътироф карда, қадамҳои аввалинро дар самти ташаккули созукори (механизми) иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ гузоштанд.

Бар асоси ин ва бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷавонон ҳамчун як қисми фаъоли ҷомеа, зарур аст, ки шароитҳои зурурӣ фароҳам оварда шаванд ва иштироки мустақими ҷавонон дар таҳия ва татбиқи фаъолиятҳои сиёсию ташкилӣ таъмин карда шавад, аз ҷумла:

- муайян кардани иштироки ҷавонон дар таҳкими муносибатҳои сиёсии давлат ва ҷомеа ҳамчун самти афзалиятнок;

- фароҳам овардани шароит, аз ҷумла таҳияи созукори (механизми) дастгирӣ ва ҳавасмандгардонӣ оид ба васеъ гаштани шабакаи иттиҳодияҳои ҷавонон, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва соҳибкорӣ (масалан: ҷудо кардани маблағҳои грантӣ, имтиёзҳои андозбандӣ ва ғайра);

- тақвияти иқтидори мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва васеъ кардани намояндагии онҳо дар мақомоти олии идоракунӣ – ҳокимияти иҷроия ва қонунгузорӣ;

- таъмини иштироки ҷавонон дар фаъолияти ҳама сохторҳои идоракунии ҳокимияти давлатӣ ва аз ҷиҳати қонунгузорӣ мустаҳкам кардани ин талабот;

- муайян кардани имконияти (квотаи) озод барои иштироки ҷавонон дар сохторҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии низоми идоракунии ҳокимияти давлатӣ.

Дараҷа ё сатҳи иштироки ҷавонон нисбӣ буда, аз омилҳои гуногуни субъективӣ вобаста аст.

Дар сатҳи байналмилалӣ иштироки ҷавонон мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ муқаррар ва дастгирӣ карда шуда, дар асоси талаботи (принсипҳои) умумии рушди муносибатҳо пеш бурда мешавад. Зимнан, ин меъёрҳо метавонанд дар соҳаҳои гуногуни фаъолият, ба монанди иҷтимоӣ, иқтисодӣ, инсонӣ (гуманитарӣ) ва сиёсӣ бо ҳам мувофиқат накунанд. Ҳамин тариқ, дар сатҳи байналмилалӣ низ, меъёрҳои ягонаи таъмини иштироки ҷавонон ҳоло таҳия нашудаанд. Ин махсусан дар фаъолияти ниҳодҳои байналмилалӣ ба назар мерасад; дар дастгоҳи идоракунии ин ташкилотҳо аксар калонсолон фаъолият менамоянд ва барои иштироки ҷавонон ягон имконият ва ё имтиёзи махсус вуҷуд надорад.

Зимнан, иттиҳодияҳои байналмилалиро зарур мегардад, ки бо назардошти тавсияҳои дар давраи солҳои 1965-1995 таҳияшуда, корро дар самти рушди падидаи «иштироки ҷавонон» чунин идома диҳанд.

- муайян кардани меъёрҳо ё стандартҳои байналмилалӣ барои иштироки ҷавонон, бо назардошти хусусияти бисёрсамтаи ин падида дар самтҳои амнияти иҷтимоӣ, рушди иқтисодӣ ва ташаккулёбии сиёсӣ;

- таҳияи созукори (механизми) хос барои ҳавасмандгардонии фаъолияти ҷавонон дар соҳаи идоракунӣ, бахусус дар низоми байналмилалии идоракунӣ;

- таҳияи маҷмӯи (ё тарҳи (модели)) тавсияҳо оид ба иштироки ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеаи муосир.

Дараҷаи дигари иштироки ҷавонон – байниминтақавӣ буда, минтақаҳои гуногуни кураи заминро фаро мегирад: Осиё, Шарқ, Аврупо, Амрико, Африқо ва ғайра. Дар ин минтақаҳо (байни кишварҳо) ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун вуҷуд доранд, мувофиқан дар бахшҳои мухталиф дастовардҳои хос ба даст оварда шудаанд: дар ҷое низоми ҳамкорӣ дар иқтисодиёт, дар дигар ҷой рушд дар сиёсат ва дар ҷое дар соҳаи фарҳанг.

Минтақаи Аврупо, айни замон, дорои низоми нисбатан инкишофёфтаи сиёсати ҷавонон буда, фаъолияти муассири комиссияҳо, кумитаҳо, мақомоти давлатӣ ва марказҳои ҷавононро дарбар мегирад. Аммо дар ин минтақа низ, падидаи «иштироки ҷавонон» созукори (механизми) комил надорад. Чун дар сатҳи байналмилалӣ квотаҳо ё имтиёзҳои возеҳ ҷиҳати таъмини иштироки ҷавонон дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ то имрӯз татбиқ нагардидаанд. Новобаста аз ин, чи тавре дар боло зикр гардид, ин минтақа дар самти таъмини иштироки ҷавонон дар муносибтаҳои иҷтимоию сиёсӣ фаъолтар аст ва моро мебояд гурӯҳи таҷрибаҳоро аз ин минтақа омӯхт.

Ҳамин тариқ, таҳияи тарҳҳои минтақавии рушди иштироки ҷавонон бо дарназардошти хусусиятҳои мушаххас чунин тавсия мегардад, аз ҷумла:

- муқаррар кардани меъёр ё стандарти минтақавӣ барои иштироки ҷавонон дар муносибтаҳои сиёсию иҷтимоӣ;

- таҳияи созукорҳои (механизмҳои) ҳавасмандгардонии ҷавонон барои иштирок дар фаъолияти идоракунӣ, бахусус дар ниҳодҳои минтақавӣ;

- роҳандозии созукори (механизми) арзёбии (мониторинги) раванд ва таҳлили самаранокии тарҳи иштироки ҷавонон дар минтақа ва кишварҳои минтақа.

Дараҷаи иштироки ҷавонон дар сатҳи миллӣ хусусияти калидӣ дошта, дар пешбурди ин усули сиёсати давлатии ҷавонон нақши ҳалкунанда ва таъсиргузор мебозад. Мусаллам аст, ки дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ташаккули низомҳо бештар хусусияти машваратию тавсиявӣ ва ё тимсолӣ (озмоишӣ) доранд, аммо дар сатҳи миллӣ татбиқи онҳо ҳатмӣ буда, ба ҷомеа таъсири бевосита дорад.

Дараҷаи иштироки ҷавонон дар сатҳи миллӣ ё давлатӣ нисбат ба сатҳи минтақавӣ ё байналмилалӣ тафовут дорад, зеро ҳар як кишвар дорои низоми идоракунии хос мебошад ва аз ин рӯ, сиёсати ҷавонон мутобиқ ба равишҳои маҳал ва бо услуби гуногун татбиқ карда мешавад. Аммо, барои ноил шудан ба ҳадафи умумии иштироки ҷавонон риоя ва ё татбиқи қоидаҳои умумии таҳияшуда дар сатҳҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ зарур аст.

Айни замон дар аксари кишварҳои ҷаҳон сиёсати давлатии ҷавонон мавқеи амалӣ дорад, новобаста аз он, ки тарҳи нави он – «иштироки ҷавонон» ҳоло дар ҳама ҷо татбиқи густурдаи худро пайдо накардааст. Яъне, ҳоло кишварҳо ба таври фаъол ба тарҳи «иштироки ҷавонон» ва татбиқи ислоҳот дар робита ба он таваҷҷуҳи хосса зоҳир накардаанд, ки албатта, сабаб бинобар надоштани иттилоот ва ё то ҳол дарк накардани аҳамиятнокии он арзёбӣ мегардад.

Тибқи маълумоти «Индекси рушди ҷавонон», ки тариқи сомонаи www.youthpolicy.org тартиб дода шудааст, аксари кишварҳои ҷаҳон заминаҳои қонунгузориро барои сиёсати давлатии ҷавонон таҳия кардаанд ва аксаран иштироки ҷавононро низ ҳамчун нишондиҳандаи рушд фаро гирифтаанд, аммо, дар асл, яъне дар амал вазъият дигар аст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти уҳдадориҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ, муҳимтар аз ҳама барои гузоштани пойдевори мустаҳкам баҳри ояндаи ҷомеа ва давлат, кишварҳо бояд чораҳои алоқамандро амалӣ созанд, аз ҷумла:

- таҳқиқ ва арзёбии мунтазами вазъи иҷтимоӣ дар байни ҷавонон, бахусус, тамоюли иштирок дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва садоқат ба сиёсати давлат;

- таҳия ва татбиқи меъёр ё стандарти давлатии «иштироки ҷавонон» бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ, ки ба фаъолгардонии шаҳрвандони ҷавон ва таҳкими мавқеи шаҳрвандии онҳо нигаронида шуда бошад;

- таҳияи созукорҳои (механизмҳои) шавқангезӣ ва ҳавасмандгардонӣ (квотаҳо барои ҷойи кор ва дигар имтиёзҳо) барои фаъолияти ҷавонон дар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, аз ҷумла дар низоми мақомоти иҷроия ва қонунгузор, ки масъалаи иштироки ҷавононро дар тамоми ҷанбаҳои идоракунии давлатӣ ба таври расмӣ тасдиқ мекунад;

- таҳияи барномаҳои миллӣ ва рушди мақсаднок бо иштироки бевоситаи ҷавонон;

- арзёбии раванди иштироки ҷавонон ва таъмини самаранокии он дар сатҳи миллӣ.

Тавре дар боло ишора шуд, идоракунии сатҳи ҷумҳуриявӣ худ ба сатҳҳои вилоятӣ, ноҳиявию шаҳрӣ ва маҳаллӣ ҷудо мешавад. Ин сатҳҳо дар аксари ҷанбаҳои сиёсат бо ҳам алоқаманданд, аммо ҳар қадар сатҳи

идоракунӣ поён бошад, фаъолият ҳамон қадар осонтар, вале масъулиятноктар мешавад, чун сарборӣ камтар камтар мегардаду, дастрасӣ ба объект бештар.

Минтақаҳо ё вилоятҳо (дар Тоҷикистон) дар ду самт фаъолият мекунанд: назариявию дастурӣ (методӣ) ва ташкилию амалӣ.

Вале сатҳи ҷумҳуриявӣ, асосан ба назариявию дастурӣ машғул аст.

Мувофиқан, сатҳи шаҳрӣ/ноҳиявӣ асосан вазифаи ташкилию амалиро ва қисман дастуриро бар уҳда доранд

Сатҳи маҳаллӣ (ҷамоатҳо ва кумитаҳои деҳот ва маҳалла) бошад, танҳо вазифаи амалӣ (иҷрокунӣ) доранд.

Сатҳи идоракунӣ	Вазифаҳои (функсияҳои) асосӣ			
Ҷумҳуриявӣ (миллӣ)	Назариявӣ	Дастурӣ (методӣ)		
Вилоятӣ (минтақавӣ)	Назариявӣ	Дастурӣ (методӣ)	Ташкилӣ	Амалӣ
Шаҳрӣ/ноҳиявӣ (маҳаллӣ)		Дастурӣ (методӣ)	Ташкилӣ	Амалӣ
Маҳал (Ҷамоат, кумитаҳои маҳаллаву деҳа)				Амалӣ

Эзоҳ: вазифаи дастурӣ ҳамчунин вазифаи назоратию ҳамоҳангсозиро фаро мегирад.

Чуноне, ки маълум гардид, дар шароити идоракунии шакли демократӣ масъулиятҳои асосӣ байни мақомотҳо (ниҳодҳо) тақсим карда мешаванд ва ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо дар доираи чаҳорчӯбаҳои муайян анҷом дода мешавад, ки дар навбати худ, дар асоси имкониятҳои воқеӣ муқаррар карда мешаванд.

Аз ин рӯ, ниҳодҳои дахлдори минтақавӣ (вилоятӣ) бояд заминаи назариявӣ, равишшинохтӣ (методологӣ) ва ташкилию амалии иштироки ҷавононро фароҳам оваранд, аз ҷумла:

- таҳияи созукори (механизми) минтақавӣ барои ҳавасмандгардонии ҷавонон (квотаҳо барои шуғлнокӣ, имтиёзҳо ва ғайра) ва ҷалби онҳо барои иштирок дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ мутобиқи меъёрҳои давлатии иштироки ҷавонон;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ, ки иштироки мустақими ҷавононро дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи минтақа таъмин мекунад;

- ташаккули захираи инсонӣ бо роҳи ташкили фаъолияти ниҳодҳои алоқаманд оид ба омодасозӣ, таҷрибаомӯзӣ ва бозомӯзии кордонони тахассуси кор бо ҷавонон;

- мониторинг ва арзёбии раванди иштироки ҷавонон ва таъмини самаранокии он дар сатҳи минтақа.

Тибқи таҳлилҳо айни замон дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот тарҳи «иштироки ҷавонон» ба таври кофӣ пайгирӣ (корбарӣ) карда намешавад, зеро ин сатҳҳо асосан ба иҷрои як намуди вазифа (функсия) - амалӣ машғуланд, вале ин масъала таъсиррасонии назариявию дастуриро хеле зиёд талаб мекунад. Гузашта аз ин, дар сатҳи маҳал (ҷамоатҳо) ҳоло сохтори фаъол ва ё воҳиди «кор бо ҷавонон» ташкил наётфааст, ки ин масъаларо боз ҳам печидатар мегардонад, чун аксари аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд (беш аз 70 фоиз).

Дар ин замина, ба санадҳои меъёрию ҳуқуқии алоқаманд ба фаъолияти мақомоти маҳалӣ (ноҳиявӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот) ворид намудани тағйироту иловаҳо бо мақсади таъмини татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла иштироки ҷавонон дар сатҳи маҳал зарур аст.

Барои ноил шудан ба ин мақсад ва таҳким бахшидани муносибатҳо дар сатҳи маҳал тадбирҳои зеринро амалӣ кардан лозим аст:

- барои таҳлил ва дастурдиҳӣ дар таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва дар сатҳи ҷамоат таъсис додани воҳиди махсуси кор бо ҷавонон чора андешида шавад;

- дар сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия низ, оид ба баррасии санадҳои самти кор бо ҷавонон воҳиди алоқаманд ташкил гардад;

- мувофиқи меъёр ё стандарти давлатии иштироки ҷавонон ва бо дарназардошти хусусиятҳои маҳаллӣ низомномаҳо (дастурҳо) таҳия ва созукори (механизми) маҳаллии ҳавасмандгардонии ҷавонон ва ҷалби онҳо ба идоракунии корҳои маҳаллӣ роҳандозӣ карда шавад;

- барномаи маҳаллиро чи дар сатҳи ноҳия/шаҳр ва чи дар сатҳи ҷамоат таҳия ва татбиқ намуда, ба иштироки фаъолонаи ҷавонон дар рушди имконоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии маҳал мусоидат карда шавад;

- омодасозӣ, таҷрибаомӯзӣ ва бозомӯзии мутахассисони кор бо ҷавонон таъмин карда шавад.

Инчунин иштироки ҷавонон дар таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа маҷмӯи масъалаҳоеро фаро мегирад, ки татбиқи онҳо имкон медиҳад, ки ҳам ҷавонон, ҳам ҷомеа ва ҳам сохторҳои давлатӣ вазъи иҷтимоӣ ва иқтидори иқтисодии худро беҳтар гардонанд.

Насли наврас дорои бартариҳои (сифатҳои) зиёд дар шакли дастрасӣ ба иттилооти номаҳдуд, иртиботи фарох бо тамоми ҷаҳон, фаҳми (малака ва дониши) истифодаи фановариҳои (технологияҳои) иттилоотӣ ва робитавӣ (коммуникатсионӣ) буда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ захира ё василаи мутобиқшуда маҳсуб мегардад, ҳамчунин сармояи аз ҷиҳати иқтисодӣ устуворро барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди ҷомеа ташкил медиҳанд. Зимнан, насли калонсол, ки масъули ҳалли мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад, дорои кулли ин сифатҳо намебошад.

Аз ин рӯ, дар ҳошияи пешрафти иҷтимоию иқтисодии ҷомеа зарур аст, ки байни наслҳо робитаи ногусастанӣ фароҳам оварда шуда, бо ҳамин васила

иштироки ҷавонон дар масъалаҳои банақшагирӣ, таҳия ва татбиқи тадбирҳои дахлдор таъмин карда шавад. Вобаста ба ин, созукори (механизми) ҳавасмандгардонии иштироки ҷавонон, бахусус соҳибкорони ҷавон ва гурӯҳҳои ҷавонони аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъол дар татбиқи масъалаҳои рушд таҳия карда шавад. Иштироки ҷавонон дар рушди устувори иқтисодиёт, ки ҳадафи дурамали кишвар аст, бояд таъмин карда шавад, аз ҷумла бо роҳи:

- ҷалб намудани ҷавонон дар таҳия ва амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои дахлдори давлатию ҷамъиятӣ;

- ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнок, грантҳо тавассути таъсиси фондҳои дастгирӣ, омӯзиши ҷавонон бо малакаҳои молиявӣ, дастгирии иттилоотии онҳо;

- соддагардонии раванди бақайдгирӣ ва ҳуҷҷатгузории фаъолият, яъне рақамикунонии ҳисоботдиҳӣ;

- кӯмаки мақсаднок ба гурӯҳҳои осебпазир;

- ҳавасмандгардонии соҳибкорони ҷавон, волонтёрон ва дигар гурӯҳҳои фаъол;

- тавсеа бахшидани доираи тиҷорат, тавлидгарҳо (бизнес-инкубаторҳо), лоиҳаҳои истеҳсолӣ, волонтёрӣ ва ғайра.

Дар робита ба ин, мисоли барҷастатарин таъмини имтиёзҳо барои рушди соҳибкории ҷавонон мебошад.

Соҳибкорӣ фаъолиятест, ки ҳам рушди иқтисодӣ ва ҳам беҳбудии иҷтимоиро таъмин мекунад. Ҳамоҳангии соҳибкорӣ бо ҷавонон ин аст, ки иштироки ҳар як ҷавон дар фаъолияти соҳибкорӣ боиси афзоиши шумори соҳибкорон мегардад – сармояи инсонӣ / зеҳнӣ, тиҷорати нав, ҷойҳои нави корӣ, афзоиши андоз, сармоягузорӣ ба иқтисодиёт ва ғайра. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон, ин рушди устувори ояндаи иқтисодӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоиро, махсусан барои худи ҷавонон ва оилаҳои онҳо таъмин мекунад.

Зимнан, мутобиқи таҳлилҳо айни замон ин захира ва ё созукор (механизм) ба таври васеъ истифода намешавад.

Субъектҳои дахлдор, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллӣ бештар усули «андозбандии зуд»-ро нисбат ба усули «иқтисодиёти устувор ва андози зиёд» афзалтар медонанд. Аммо мувофиқи қонунгузорӣ мумкин аст, ки барои рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон имтиёзҳо муқаррар карда шаванд, ба мисоли озодкунии муваққатӣ аз баъзе андозҳо, таъмини қитъаҳои замин, таъмини бино, кӯмак ба гирифтани қарзҳои камфоиз ва бефоиз, содда кардани ҳуҷҷатгузорӣ ва ғайра.

Эҳсос мегардад, ки ин василаи рушди соҳибкорӣ (соҳибкории ҷавонон) аз мадди назар дур мондааст, аммо он на танҳо рушди устувори иқтисодиро таъмин мекунад, балки ба рушди сиёсати иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ боис мегардад ва ин нишондиҳандаи хеле муҳими рушди демократия низ, мебошад.

Фарҳанг барои мардуми тоҷик қисми асосии мероси тамаддуни миллиро ташкил медиҳад, ки он ҳазорсолаҳо умр дорад ва муаррифгари халқи тоҷик ҳамчун миллати тамаддунофар мебошад. Хусусияти иҷтимоии фарҳанг дар он аст, ки он бояд ҳифз ва аз насл ба насл мерос гузошта шавад. Аз ин рӯ, танҳо иштироки фаъоли ҷавонон дар раванди ташаккул ва татбиқи сиёсати фарҳанг метавонад амалисозии ояндаи ин рисолати ҳувиятсозии миллиро таъмин намояд.

Роҳҳои гуногуни ҷалб ва саҳмгузории ҷавонон дар самти фарҳанги миллӣ ва ҳифзи мероси фарҳангӣ мавҷуданд, аммо дастрастарин, ин иштироки ҷавонон дар таҳия ва татбиқи сиёсат, банақшагирӣ, арзёбӣ ва муайян кардани мушкилот ва ҳамчнуин ҳалли онҳо мебошад.

Дар ин самт гузаронидани чорабиниҳои мунтазам, васеъ ва гуногунҷанбаи фарҳангӣ ва сайёҳӣ бо иштироки мустақими ҷавонон хеле саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Айни замон, мушкилот дар ин самт чунин аст: 1) иштироки заифи ҷавонон (набудани созукори (механизми) иштироки мустақим), 2) номунтазамӣ, 3) ноустувор (асоснопазир) будани чорабиниҳои фарҳангӣ.

Бо дарназардошти таҳлили боло ҷалби ҷавонон барои иштироки фаъол дар таҳия ва ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои худшиносӣ, худогоҳӣ ва рушди фаъолияти эҷодии онҳо, ҳамзамон дастгирии татбиқи лоиҳаҳои фарҳангии омехта (классикӣ ва муосир) ва ташаббусҳои навоварии (инноватсионии) ҷавонон ва муайян кардани намудҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ зарур шуморида мешавад.

Самти дигари иштироки ҷавонон ин ахлоқ ва маънавиёт аст, ки ҳамеша ҷавононро ҳамроҳӣ мекунад ва бо рафтору кирдор ва хусусиятҳои равонии онҳо алоқаманд аст, сарфи назар аз он ки барои шахси ҷавон то андозае рад кардани онҳо хос аст.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ ахлоқ одатан аз ҷониби калонсолон ба ҷавонон талқин карда мешавад, аммо ҷомеаи муосир ва сиёсати ҷавонон як қатор равишҳои дигари худфаъолро (интерактивиро) пешниҳод мекунанд, ки яке аз онҳо «иштироки ҷавонон» – иштирок дар тарбияи худ мебошад. Ин равиш, ки дар илми муосир бо номи омӯзиши «ҳамсол ба ҳамсол» маъруф аст, дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст. Дар сатҳи миллӣ созукори (механизми) амалисозии возеҳи ин равиш ҳоло ташаккул наёфтааст, ягон чаҳорчӯбаи омӯзишӣ ё таҷрибаи амалӣ барои мутахассисон низ, ҷорӣ нест, ба истиснои чанде аз ташаббусҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки онҳо низ, ба таври доимӣ тадбиқ намегарданд [1, с.185].

Дар асл, барои аксари одамон тасаввур кардани иштироки ҷавонон дар тарбияи ахлоқӣ душвор аст; бисёриҳо фикр мекунанд, ки ин воқеан имконнопазир аст, аммо ин талаботи ҷомеаи муосир ва зарурати пухтарасида дар раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад.

Беназирии ин усули дар он аст, ки ҳадафу вазифаҳо дар самти тарбияи ахлоқию маънавӣ ва рафтории ҷавонон нисбат ба усули анъанавӣ зудтар, дастрас, сарфакорона ва

[1] Миралиён, Қ. А. Асосҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир [Матн] / Бюллетени ДДТБП. - Душанбе, 2015. - № 3 (3) 2015. - С. 182-188

самаранок ба даст меоянд. Дар ин усул ду тараф – имконият ва синну сол дар бар гирифта мешавад, ки хеле аҳамиятнок аст.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати иштироки ҷавонон дар тарбияи ахлоқию маънавӣ зарур аст, ки:

- заминаи меъёрию ҳуқуқии иштироки ҷавонон дар масъалаҳои тарбиявӣ, аз ҷумла тариқи усули омӯзишии «ҳамсол ба ҳамсол» таҳия ва татбиқ карда шавад;

- иштироки ҷавонон дар муносибатҳои идоракунии низоми маориф ва соҳаи кор бо ҷавонон таъмин карда шавад;

- барномаи мақсадноки давлатӣ дар самти таъмини иштироки ҷавонон таҳия ва амалӣ карда шавад;

- фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷиҳати таъмини иштироки ҷавонон дар масъалаҳои тарбиявӣ дастгирӣ карда шавад;

- воситаҳои ахбори омма ба татбиқи барномаҳои иттилоотӣ дар самти иштироки ҷавонон ҷалб карда шаванд.

Иштироки ҷавонон дар рушди мафкураи шаҳрвандӣ ва масъулияти ҷамъиятӣ раванди ташаккули давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр ва дунявиро тақвият мебахшад.

Масъулияти шаҳрвандӣ ин муҳаббати шахс ба Ватан, ба кишваре, ки дар он зиндагӣ мекунад, ин волоияти қонун ва ҳифзи Ватан, таъмини сулҳу оромӣ ва осоиштагӣ мебошад. Масъулияти шаҳрвандии шахс бо мафкураи (идеологияи) миллӣ пайванди ногусастанӣ дорад, ки дар навбати худ дар кишварҳои ҷавон (аз лиҳози аҳолӣ) он бештар аз ҷавонон вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, фарди ҷавони бомаърифат (аз назари ғоявӣ (идеологӣ), шаҳрвандест дорои эҳсоси баланди масъулият ва уҳдадорӣ ва барои риояи меъёрҳои умумиинҷтимоӣ ва ҳифзи Ватани худ доимо омода аст.

Дар ин самт, бахусус дар ростои тарбияи ғоявии (идеологии) шаҳрвандон лоиҳаҳо ва барномаҳо хеле кам амалӣ мегарданд. Зимнан, падидаҳои манфӣ ба монанди

ифротгарӣ (экстремизм), даҳшатафканӣ (терроризм) ва амсоли инҳо афзоиш ёфта истодаанд. Аз ин рӯ, иштироки ҷавонон дар рушди рукнҳои ғоявӣ (идеологӣ) ва мафкураи шаҳрвандӣ, ҳамчун як тарҳи (модели) муосир, метавонад таъсири назаррас расонад ва афзоиши рафторҳои номатлубро дар ҷомеа коҳиш диҳад.

Дар робита ба ин, барои рушди мафкураи шаҳрвандӣ дар ҷомеа ва таҳкими мафкураи (идеологияи) миллӣ андешидани чораҳои таъхирнопазир ва маҷмӯӣ, бахусус бо иштироки ҷавонон зарур аст. Аз ҷумла, таҳия ва татбиқи барномаи маҷмӯии маърифатии ҷавонон дар доираи усули омӯзиши «Ҳамсол ба ҳамсол»; татбиқи барномаи таълимии худфаъол (интерактивӣ) оид ба «Масъулияти шаҳрвандӣ» ва «Мафкураи (Идеологияи) миллӣ»; баргузории фестивалҳо ва озмунҳои фарҳангӣ ва маърифатии ҷавонон; ҳавасмандгардонии ҷавонон бо усулҳои нав ва муосир барои хизмат дар артиши миллӣ; мусоидат ба ташаккули шабакаи иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон барои рушди масъулияти шаҳрвандӣ тавассути фармоиши иҷтимоии давлатӣ ва грантҳо; ҳавасмандгардонии эҷодкорӣ ва ихтирокории ҷавонон дар таҳия ва нашри барномаҳои гуногуни фановарии (технологияи) иттилоотӣ ва ғайра.

Муҳимтарин омили татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон фаъолияти сиёсии ҷавонон ё иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад.

Иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа аз иштирок дар қабули қарорҳо, таҳия ва татбиқи барномаҳои дахлдори давлатӣ, идоракунии давлатӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, таълиму тарбияи насли наврас ва ғайра иборат мебошад. Тавре аз таҳлилҳо бармеояд имрӯз шумораи ками давлатҳо иштироки ҷавононро дар маҷмӯи муносибатҳо таъмин карда тавонистаанд. Зимнан, дар он сурат муваффақият ба даст оварда мешавад, ки агар иштироки ҷавонон дар соҳаҳои

ҳаёту фаъолияти сиёсӣ ба таври фаъол таъмин карда шавад.

Бояд гуфт, ки падидаи «иштироки ҷавонон» дар дигаргунсозии сиёсии ҷомеа ҷузъи таркибии низоми сиёсии ҳокимияти давлатӣ, бахусус дар шароити демократикунонии ҷомеа маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, устуворӣ ва муваффақияти сиёсатро танҳо тавассути фаъолияти пурҳаракти ҷавонон ба даст овардан мумкин аст. Гузашта аз ин, дар кишварҳое, ки аксарияти аҳолии онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд, ин усул самаранокии зиёд дорад.

Ҳамин тариқ, барои таъмини суботи сиёсии давлат амалисозии тадбирҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- мафҳуми (консепсияи) миллии иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа таҳия ва амалӣ карда шавад;

- ҷавонон ба сифати намояндаи халқ, вакили парламент ба мақомоти қонунгузории сатҳи марказию маҳаллии кишвар ҷалб карда шаванд;

- дар раванди таҳияи ҳама гуна барномаҳои давлатие, ки ба ҷавонон алоқамандӣ доранд, намояндагони ҷавонон ва ё иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷалб карда шаванд;

- дар дастгоҳи идоракунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ воҳиди махсуси кор бо ҷавонон ташкил карда шавад;

- ниҳодҳои гуногуни илмию таҳқиқотӣ ва таълимӣ оид ба омодасозии нерӯи инсонии (кадрии) соҳаи кор бо ҷавонон таъсис дода шаванд;

- низоми фаъолияти волонтёрии ҷавонон, ки тибқи қонунгузорӣ муқаррар шудааст, дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла худташаккулдиҳӣ ва худогоҳии ҷавонон ташаккул дода шавад.

ХУЛОСА:

Нақши ҷавонон дар демократикунонии ҷомеа хеле назаррас ҳисобида мешавад, чун аксарияти аҳолиро ташкил медиҳанд ва онҳо дар қиёс ба насли калонсол

қобилияти беши таъсиррасониро соҳибанд, ҳамчунин захираи асосии инсонӣ ва меҳнатии кишвар мебошанд.

Дар таҷрибаи байналмилалӣ амалисозии тарҳи «иштироки ҷавонон» тавассути муттаҳид кардани талошҳои шаҳрвандони ҷавон ва иттиҳодияҳои ҷавонон таъмин карда мешавад. Аммо, дар Тоҷикистон вазъи фаъолияти иттиҳодияҳои ҷавонон боиси таваҷҷуҳ мебошад; бахусус, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавононе, ки фаъолият мекунанд, аз иқтидори заиф доранд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Иштироки ғайримустақими ҷавонон чист?
2. Иштироки мустақими ҷавонон чист?
3. Дар сатҳи байналмилалӣ иштироки ҷавонон мутобиқи кадом меъёрҳо муқаррар ва дастгирӣ карда мешавад?
4. Дараҷаи дигари иштироки ҷавонон – байниминтақавӣ мебошад, он кадом минтақаҳоро фаро мегирад?
5. Айни замон кадо минтақа дорои низоми нисбатан инкишофёфтаи сиёсати ҷавонон мебошад ва чаро?
6. Дараҷаи иштироки ҷавонон дар сатҳи миллӣ чи хусусият дорад?
7. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ кадомҳоянд?
8. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи вилоятӣ кадомҳоянд?
9. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи шаҳрӣ/ноҳиявӣ кадомҳоянд?
10. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи маҳал кадомҳоянд?
11. Насли ҷавон дорои сифатҳое (бартариҳое) мебошад, ки кулли онҳоро насли калонсол надорад, кадомҳоянд?

12. Ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон чи натиҷа меорад?
13. Фарҳанг барои мардуми тоҷик чи аҳамият дорад?
14. Хусусияти иҷтимоии фарҳанг дар он аст, ки он бояд ҳифз ва аз насл ба насл мерос гузошта шавад, барои ин чи бояд кард?
15. Аз нигоҳи иҷтимоӣ ахлоқ одатан аз ҷониби калонсолон ба ҷавонон талқин карда мешавад, аммо ҷомеаи муосир ва сиёсати ҷавонон як қатор равишҳои дигари худфаъолро (интерактивиро) пешниҳод мекунанд, кадомҳо?
16. Иштироки ҷавонон дар рушди мафкураи шаҳрвандӣ ва масъулияти ҷамъиятӣ чи аҳамият дорад?
17. Масъулияти шаҳрвандӣ чист?
18. Фарди ҷавони бомаърифат кист?
19. Иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа аз чи иборат аст?
20. Устуворӣ ва муваффақияти сиёсатро дар кадом ҳолат ба даст овардан мумкин аст?

БОБИ V. ФАНОВАРИҲОИ (ТЕХНОЛОГИЯҲОИ) РУШДИ УСТУВОРИ СИЁСАТИ ҶАВОНОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

§ 21. Нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва фаъолияти волонтёрӣ дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни ҷавононро ифода мекунанд ва мисли дигар иттиҳодияҳо, ҳадафи онҳо амалӣ гардонидани ғояҳои (идеяҳои) иҷтимоии муносиб ва таҳкимбахши муносибатҳо мебошад. Ҷавонон, ки дар атрофи ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххас муттаҳид шудаанд, иттиҳодияҳо таъсис медиҳанд ва чораҳои заруриро барои ноил шудан ба онҳо амалӣ менамоянд. Аҳамияти иттиҳодияҳои ҷавонон дар он аст, ки барои муттаҳидсозӣ, ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозии кӯшишу талошҳои худ замина фароҳам меоранд ва ин ба такмили таҷрибаи идоракунӣ ва васеъ гардонидани донишу малакаҳои ҷавонон муҳим аст.

Бо инобати он ки ҷавонон қисми зиёди аҳолиро ташкил медиҳанд, муттаҳидшавии ҷавонон на танҳо ба ташаккулёбии шахсият ва худамалисозии онҳо мусоидат мекунад, балки ба беҳтар шудани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, баланд гардидани сатҳи маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ, махсусан дар самти демократикунонии ҷомеа, рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати соҳибихтиёр низ боис мегардад.

Аммо, вазъияти ташкилию идории иттиҳодияҳои ҷавонон чандон хуб нест. Дар Тоҷикистон тақрибан 200 иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон расман ба қайд гирифта шудаанд, аммо аксари онҳо фаъолият намекунанд ё фаъолиятро қатъ кардаанд. Қисми зиёди онҳо бо тартиби «аз лоиҳа то лоиҳа» фаъолият мекунанд ва аз лоиҳаҳои грантии ташкилотҳои байналмилалӣ вобастагӣ доранд. Ҳамчунин, тақрибан 1700 иттиҳодияҳои ғайридавлатиӣ низ мавҷуданд, ки бо ҷавонон кор мекунанд, ки бо мушкилоти ҳаммонанд дар робита бо имконоти молиявӣ

рӯбарӯ ҳастанд. Тафовути байни ин иттиҳодияҳо дар он аст, ки якумӣ ташкилоти махсусгардонидашудаи ҷавонон мебошад ва кормандони асосии онҳо (на кам аз 80 фоиз) ҷавонон, шахсони то 30-сола мебошанд [1], дуюмӣ бошад, ягон маҳдудияти хос надошта, танҳо чанде аз самтҳои фаъолияти онҳо ба соҳаи кор бо ҷавонон равона гардидааст.

Мутаассифона, ҳар ду намуди иттиҳодияҳо, новобаста аз он ки ҷузъи фаъоли ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил доданашон, аз дастгирии худи ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ниҳодҳои оила, кумитаҳои маҳаллаву деҳот, иттифоқҳои касаба, соҳибкорон ва ғайра баҳравар нестанд, яъне дар инҷо ноқисии дохилӣ ҷорӣ аст.

Дар ин зимн, сабабу омилҳои ин ноқисӣ зиёд аст, аммо ду гурӯҳи онҳоро баррасӣ кардан мумкин аст.

Якум, ташкил ёфтани иттиҳодияи ҷамъиятӣ дар ҳошияи амалисозии чорабиниҳои лоиҳаҳо ва ё барномаҳои ташкилотҳои муқими байналмилалӣ, зимнан, дар баробари ба анҷом расидани муҳлати барномаи ташкилоти байналмилалӣ иттиҳодияи ҷамъиятӣ низ, аз фаъолият боз мемонад. Дар ин ҷо низ ду зерҳолат ҷой дорад: 1) ташкилоти байналмилалӣ, ки барои лоиҳаи худ маблағ ворид кардааст, - албатта, барои ин саҳмгузорӣ сипосгузорем, - бояд онро амалӣ созад, зимнан, субъектҳои муносиб, ин иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд. Мусаллам аст, ки иттиҳодияҳои ҷамъиятии таҷрибадор бояд ҷалб карда шаванд, аммо дар сурати мавҷуд набудани ингуна иттиҳодияҳо зарурати таъсис додани иттиҳодияҳои нави ҷамъиятӣ пеш меояд; 2) ҳадафу вазифаҳои барномаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ на ҳамеша бо ҳадафҳои ниҳодҳои алоқаманди ҳокимияти давлатӣ мувофиқ меафтанд ва дар ҳамин нуқта байни ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилотҳои

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон”, №1830 аз 23.12.2021

муқими байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ихтилофот ба миён меяд. Оқибат, пас аз анҷом ёфтани маблағгузории лоиҳаҳои ташкилотҳои муқими байналмилалӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ чун таҷрибаи кам доранду ҳамчун зарурат таъсис ёфта буданд, фаъолияташон қатъ мегардад.

Дуюм, сатҳи маълумотнокӣ ва дониши субъектҳои маҳал – ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ вобаста ба талаботи (принсипҳои) идоракунии ҷомеаи демократӣ паст аст, зимнан, зарурати таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятиро баҳри бартараф кардани мушкилоти ҷомеа пурра сарфаҳм намераванд, дар ниҳоят омилҳои таъсисиёбии иттиҳодияҳои ҷамъиятии «аз лоиҳа то лоиҳа», мувофиқа нагардидани лоиҳаи барномаҳои иҷтимоӣ байни ташкилотҳои байналмилалӣ ва давлатӣ, кам ворид шудани маблағҳои грантӣ ба кишвар, бе татбиқ боқӣ мондани вазифаҳои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, зиёд гардидани сарбории ниҳодҳои давлатӣ аз ҷумла дар самти амалисозии сиёсати ҷавонон ва ғайра амсоли инҳо ташаккул меёбанд.

Барои ҳалли ин мушкилот бо ҳамоҳангсозии мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон соли 2014 Ассотсиатсияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон таъсис меёбад, ки ҳадафи он муттаҳид кардани талошҳои ташкилотҳои ҷавонон ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо мебошад. Мақоми ин Ассотсиатсия ҳамчун машваратӣ муқаррар мегардад ва шумори зиёди ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятии ҷавононро муттаҳид ва ҳамоҳанг месозад. Дар оғоз ба ин Ассотсиатсия 154 аъзо шомил мегардад ва дар чорабиниҳои гуногуни самти сиёсати давлатии ҷавонон иштирок мекард. Ин Ассотсиатсия ҳар сол Форуми ҷумҳуриявии ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистонро баргузор менамуд, ки дар доираи он ташкилотҳои ҷавонон хоҳ ҷамъиятӣ, хоҳ давлатӣ аз вазъи

кор дар самти сиёсати ҷавонон гузориш медоданд ва рӯи ҳалли мушкилоти ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷавонон мубоҳисаҳои судманд амалӣ гардонида мешуд. Аммо, Ассотсиатсия ҳанӯз ба натиҷаҳои назаррас ноил нашудааст, зеро созукори (механизми) дастгирии устувори ташкилотҳои ҷавонон ҳоло ҳам ташаккул наёфтааст [1, с.3].

Дар айни замон ҷавононро мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон, марказҳои ҷавонон, бахшҳои корҳои ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва маҳфилҳои волонтёрон намояндагӣ мекунанд, ки дар маҷмӯъ шумори онҳо ба беш аз 500 адад мерасад, яъне дар таносуб ба ҳаҷми кор хеле кам аст [2, с.32].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, татбиқи чораҳои зерин имконпазир ва саривақтӣ ба шумор меравад:

- таҳияи созукори (механизми) ҳавасмандгардонӣ ва шавқангезии шаҳрвандони ҷавон ва иттиҳодияҳои ҷавонон ва васеъ кардани шабакаи иттиҳодияҳои ҷавонон, аз ҷумла муайян кардани имтиёзҳои самти андозбандӣ ва молиявӣ ҷиҳати рушди фаъолияти онҳо;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки давлатӣ оид ба рушди иттиҳодияҳои ҷавонон бо назардошти дастгирии ташкилию фании (техникии) фаъолияти онҳо, тақвияти захираҳои инсонӣ ва рушди идоракунӣ;
- густариши таҷрибаи ҷудо кардани маблағҳои грантӣ (давлатӣ) барои рушди фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар самти татбиқи масъалаҳои мубрами сиёсати давлатии ҷавонон. Ҳамзамон, ҷалби бахши тиҷорат дар ин самт (ҷиҳати ҳал намудани мушкилоти иҷтимоии худи бахши тиҷорат) ба мақсад мувофиқ аст;

---

[1]Анҷуманҳои иттиҳодияҳои ҷавонони Тоҷикистон [Матн]: Ҳисоботи солона барои соли 2015. – Душанбе: 2016. – 15 саҳ.

[2] Миралиев К.А., Ҷураев, К. К. Дастури амалӣ оид ба ташаккул ва рушди марказҳои ҷавони дар Тоҷикистон [Матн] / Душанбе, 2012. – 90 с.

- таҳкими заминаҳои равишшинохтӣ (методологӣ), ҳуқуқӣ ва молиявии татбиқи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон, аз ҷумла ҷалби вазорату идораҳои дахлдор, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ташаккули низом ва татбиқи амалии фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ. Ин ба субъектҳои давлатӣ имкон медиҳад, ки дар самти рушди сармояи инсонӣ ва истифодаи самараноки он муваффақ гарданд, маблағ ва вақтро сарфа кунанд, сатҳи маҳсулнокии корро афзоиш диҳанд, доираи таъсирро васеъ кунанд ва сифати хизматрасониро таъмин намоянд ва бо ин васила ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ноил гарданд;

- таъсиси марказҳои таълимӣ (омӯзишӣ) барои тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва таҷрибаомӯзии мутахассисони (кормандони) иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон (маблағгузории фаъолияти ингуна марказҳоро метавон ҳамчун хизматрасонии пулакӣ таъмин намуд). Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дар навбати худ, метавонанд маблағҳои грантӣ, аз ҷумла фармоишҳои иҷтимоии давлатиро ва ё даромадҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ бадастомадаро ҳамчун манбаъ истифода намоянд;

- иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро дар таҳия ва дастгирии равишшинохтии (методологии) барномаҳои давлатӣ, чуноне ки дар бисёр кишварҳои пешрафта амалӣ карда мешавад, ҷалб намоянд;

- ҳар сол номгӯи мушкилоти ҷавонон ё хизматрасониҳоеро, ки барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон пешбинӣ шудаанд, муайян ва интишор намоянд. Ин номгӯй метавонад ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ба инобат гирифта шавад.

Иттиҳодияҳои волонтёрии ҷавонон ва нақши онҳо дар рушди сиёсати ҷавонон

Ихтиёригӣ ва ё волонтёрӣ қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи муосир мебошад, зеро маҳз он тобоварандаи талаботи имрӯз буда, ба ҳама гуна шароит мутобиқ ва василаи ягонаи ҷаҳонии устувор аст, ба давлат ва ҷомеа ба таври ройгон кӯмак расонида, ташаббусҳои онҳоро пайваста дастгирӣ менамояд. Тавассути ихтиёргӣ, шаҳрвандон бо роҳҳои гуногун ба рушди имконоти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи худ саҳм мегузоранд. Илова бар ин, волонтёрон ба васеъ гардидани имкониятҳо ва устуворсозии ниҳодҳои ҷоемаи шаҳрвандӣ мусоидат менамоянд, ҳамзамон малакаҳои ба худ хосро тақвият бахшида, қуллаҳои касбию амалии ҳаётро мустақилона фатҳ мекунанд.

Волонтёр – аз калимаи лотинии «voluntarius» гирифта шуда, дар забони тоҷикӣ маънои ихтиёрӣ, ризоӣ ва фидоиро дорад.

Новобаста аз хусусияти байналмилалӣ касб кардани истилоҳи «волонтёр(ӣ)» он дар бисёр кишварҳо он бо забони давлатӣ тарҷума ва мавриди истифода қарор дода шудааст. Чунончӣ дар Федератсияи Россия «Добровольчество», Олмон «Еҳренамт», Ирон «Ризокорӣ/Довталабон», Озарбойҷон «Конулу», Туркия «Гонулу», Тоҷикистон «Ихтыяры» ва ғайра мавриди амал қарор дорад.

Боиси зикр аст, ки солҳои охир истилоҳи «волонтёр» дар фаъолияти ғаразноки ҳаракатҳои экстремистӣ ва террористӣ бештар истифода гардида истодааст ва ба ин васила то андозае нисбат ба ин истилоҳ дар байни ҷомеа эҳсоси манфӣ ҷой гирифтааст.

Ҳамин тариқ, дар баробари дигар кишварҳо ҷиҳати устувор гардонидани мақоми ин самти фаъолият дар ҷомеа ва дар роҳи баланд бардоштани нуфузи забони тоҷикӣ истифодаи истилоҳи «волонтёрӣ» ва «фаъолияти

волонтёрӣ» бо забони давлатӣ муовфиқан «ихтиёрӣ» ва «фаъолияти ихтиёригӣ» аз манфиат холӣ намебошад.

Ихтиёригӣ (волонтёрӣ) - ин гурӯҳи фаъолиятҳое мебошад, ки аз ҷониби шахси воқеӣ, иттиҳодияҳо ва ё шахси ҳуқуқӣ барои беҳдошти вазъи ҳаёти инсонӣ бо интихоби озод ва бе даромади молиявӣ, берун аз чаҳорчӯбаи хизматӣ, ҳамчун хизмати холиси шаҳрвандӣ ба амал бароварда мешавад.

Ихтиёрӣ (волонтёр) - ин шахси воқеие мебошад, ки бо хоҳиши худ ва ё интихоби озод вақт, кор ва малакаи худро мувақатан ва ё мунтазам бе интизории ҷуброни молиявӣ, яъне ройгон (ба истиснои пардохти зарурии хароҷотҳо, ки ба иҷрои вазифаи ихтиёрии ӯ нигаронида мешавад) ба манфиати ҷомеа бевосита (шахсан) ва ё ба воситаи ташкилотҳои ҷалбкунанда пешниҳод (манзур) менамояд.

Ҳамчунин, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ» ҳамин фаъолият бо унвони «Дастёрони ихтиёрӣ» оварда шудааст, ки ҳамчун ниҳоди кумакрасон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муқаррар гардидааст.

Дастёрони ихтиёрӣ - гурӯҳи ихтиёрии на камтар аз даҳ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҷойи кор, таҳсил ва маҳали зисти шаҳрвандон бо мақсади мусоидат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шуда, аз қайди баҳисобгирии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаштааст ва дар маҳалҳо таҳти роҳбарии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фаъолият мекунад.

Дар Тоҷикистон ин мафҳум ҳамчун «Ихтиёрӣ» ҳануз аз солҳои 2000-ум инҷониб дар амал мебошад, инчунин, ҳамин мафҳум дар якчанд санадҳои ҷории меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешавад, аз ҷумла қонунгузорӣ дар

соҳаи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ, эҳсонкорӣ, милитсия, ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон, иттиҳодияи корфармоён, дружинаи ихтиёрӣ ва ғайра.

Мутобиқи тачрибаи давлатҳои пешрафта андоза ва ё ченаки хизматрасонии ихтиёрӣ аз рӯи соат муайян карда шудааст. Дар соли 2013 қиммати ихтиёрӣ барои як соат 22,5 доллари ИМА-ро ташкил додааст [1].

1) Тибқи маълумоти Корпоратсияи хизматрасонии миллӣ ва ҷамъиятии ИМА дар соли 2012 64,5 млн. шаҳрвандони ИМА ва ё 26,5 фоиз аҳолии калонсоли ин кишвар 7,9 млрд./соат хизмати ихтиёрӣ кардаанд, ки арзиши он ба иқтисодиёти ҳамин кишвар 175 млрд. доллари ИМА-ро ташкил додааст [2]. Ин таносбунокӣ ба сари ҳар ихтиёрӣ 2,7 млн. доллари ИМА дар як сол рост меояд.

2) Саҳми ихтиёрӣ 8 фоиз Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии (ММД) кишварҳоро ташкил медиҳад ва ҳатто дар баъзеи онҳо то ба 14 фоиз ММД мерасад. Соли 2003 ихтиёриён ба иқтисодиёти Британияи Кабир 42,6 млрд. фунт стерлинг (64 млрд. доллари ИМА) даромад овардаанд [3].

3) Тадқиқоти дар байни 24 кишварҳои Аврупо гузаронидашуда нишон медиҳад, ки 65 фоиз даромадҳои хайриявии ин кишварҳо ба ихтиёриён рост меояд ва танҳо

---

[1] Вақти волонтёрӣ [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.independentsector.org/volunteer_time (забон-англисӣ)

[2] Волонтёрӣ дар ИМА [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - www.volunteer-inginamerica.gov. (забон-англисӣ)

[3] Омӯзиши миқёс ва нақши ихтиёрӣ – 1997, Маркази миллии ихтиёрӣ, иқтибос аз Шӯрои Аврупо, “Беҳтар кардани мақом ва нақши ихтиёриён ҳамчун саҳми Ассамблеяи Парлумонӣ бахшида ба Соли байналмилалии ихтиёриён 2001”, Ҳуҷҷати 8917, 22 декабри соли 2000 [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.seeyn.org/files/4/6_Voluntarism_and_public_institutions.pdf (забон-англисӣ).

35 фоиз он бевосита, яъне дар шакли маблағӣ ҷалб карда шудааст [1].

Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки саҳми ихтиёриён дар рушди иқтисодиёти ҷомеа хело назаррас мебошад ва ба он на танҳо кишварҳои тараққикарда, балки тамоми кишварҳо, аз ҷумла кишварҳои дар ҳоли рушдбуда бештар ниёз доранд, зеро маҳз иқтисодиёти ҳамин кишварҳо василаҳои иловагии таҳкимбахши иқтисодиётро тақозо дорад.

Ихтиёрӣ дар соҳаи иҷтимоӣ нақши калидӣ дорад. Нишондиҳандаҳо он дар ин самт, ин: устувории робитаи иҷтимоӣ; ташаккулёбии (қоматафрозии) устувор, бехатар, ҷамъияти иттифоқ; рушдёбии робитаи шаҳравандон ва таъмини хизматрасонӣ ва молрасонии ҷамъиятӣ мебошад.

1) Фаъолияти ихтиёригӣ шахсонро ба ҳам муттаҳид месозад, барои онҳо имконияти ташаккули малакаҳои муошират ва таҷрибаандузӣ фароҳам меорад. Ихтиёрӣ имкон пайдо мекунад, ки бо ташкилоту муассисаҳои гуногун ва кору фаъолияти онҳо шинос шавад, ҳамзамон бо ташкил гардидани робита байни ихтиёрӣ ва ташкилот, кордиҳанда имкон пайдо мекунад, ки аз миёни ихтиёриён беҳтаринҳоро барои кор даъват намояд. Яъне, дар ин росто ҳам шахси бекор соҳиби кор мегардад ва ҳам кордиҳанда соҳиби корманди чолоку ботаҷриба.

2) Ихтиёрӣ кӯмакрасони давлат дар роҳи беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳолӣ мебошад. Ба қишрҳои ниёзманд, осебпазир ва душвортарбия, ки давлат тангдастӣ дорад, дар шаклҳои гуногун кӯмак расонида мешавад. Ҳатто ба ташкилоту идораҳо кӯмаки машвратии касбӣ пешниҳод

[1] Лестер М. Саламон, Войсех Соколовски, «Ихтиёрӣ дар дурнамои байнимиллӣ: Далелҳо аз 24 кишвар», Ҳуҷҷатҳои кории Лоиҳаи муқоисавии бахши ғайритиҷоратии Ҷонс Хопкинс, № 40 (2001) [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.jhu.edu/~ccss/publications/pdf/cnpwp401.pdf (забон-англисӣ)

карда мешавад, ки рушди фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

3) Ҳангоми ҳолатҳои фавқуллода ихтиёриён дар сафи пеш мебошанд. Дар Ҳиндустон аз ҷониби ихтиёриён ба 500 ҳазор аҳолии деҳот малакаи эмин будан дар ҳолатҳои фавқуллода омӯзонида шуда, дар 78 ҳазор деҳотҳо низоми огоҳсозӣ аз ҳолатҳои фавқуллода бо фарогирии гурӯҳи ихтиёриён таъсис дода шуд [1].

4) Мутобиқи яке аз таҳқиқотҳои аврупоӣ 43 фоиз кормандони иҷтимоии 35 кишварҳои таҳқиқгардидаро ихтиёриён ташкил медиҳанд. Дар Полша 87 фоиз кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба ихтиёриён рост меояд [2].

5) Дар Англия дар солҳои 2007–2008 ҳудуди 2 млн. нафар тавассути барномаи хизматчии ихтиёрӣ соҳиби ҷойи кор гардиданд. Дар инҷо 87 фоиз хизматчиён (коргарон) ба он ақидае мебошанд, ки ихтиёрӣ барои дарёфти ҷойи корӣ ва ташкили карера барои ҷавонони 16-25 сола мусоидат менамояд [3].

Аз инҷо бармеояд, ки ихтиёригӣ мусоидаткунада ва шарики боэътимоди давлат дар роҳи беҳдошти вазъи иҷтимоии шаҳрвандон, аз ҷумла қишри ниёзманди аҳолӣ мебошад, ки ба ин нишондиҳанда тамоми кишварҳо ниёз дошта, ҳатто талоши доимӣ доранд.

Дар кишвар барои рушди фаъолияти волонтёрӣ ва ё ихтиёрӣ соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» қабул гардидааст, ки мутобиқи он (моддаи 1):

---

[1] Саҳми ихтиёриён дар Ҳиндустон [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.pointsoflight.org/sites/default/files/sitecontent/files/social_impact_of_volunteerism_pdf (забон-англисӣ)

[2] Тарин Нелсон, "Нигоҳи муқоисавӣ ба қонунгузории миллии ихтиёрӣ", Ташаббуси байниамрикоӣ барои сармояи иҷтимоӣ, ахлоқ ва рушд, Бонки рушди байниамрикоӣ, июни соли 2005 (забон-англисӣ)

[3] Хизматчии ихтиёрӣ [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.ivr.org.uk/ivr-volunteering-stats/180-volunteering-and-employment (забон-англисӣ)

- фаъолияти волонтёрӣ – фаъолияте, ки дар шакли кор ва хизматрасонӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур дар самти беҳдошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии давлат ва ҷомеа ба амал бароварда мешавад;
- волонтёр – шахси воқеие, ки ихтиёран ва бо интихоби озод вақт, кор ва малакаи худро бемузд ва ё ҷуброни хароҷот бевосита ва ё ба воситаи ташкилотҳои ҷалбкунанда ба манфиати ҷомеа пешниҳод менамояд;
- дафтарчаи волонтёрӣ – ҳуҷҷати расмии бақайдгирии фаъолияти волонтёрӣ, ки дорои маълумот оид ба собиқаи меҳнатии волонтёрӣ, мукофотҳо ва тайёрии иловагӣ мебошад;
- ташкилоти ҷалбкунанда – шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратие, ки шахсони воқеиро барои амалигардонии фаъолияти волонтёрӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ҷалб менамояд;
- самтҳои фаъолияти волонтёрӣ – самтҳои дорои хусусияти иҷтимоии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар соҳаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, тандурустӣ, маориф, илм, фарҳанг, варзиш, туризм, эҳсонкорӣ, ҳифзи муҳити зист, ки барои рушди онҳо фаъолияти волонтёрӣ амалӣ карда мешавад;
- истифодабарандаи фаъолияти волонтёрӣ – шахси воқеӣ ва (ё) ҳуқуқие, ки ба фоидаи ӯ фаъолияти волонтёрӣ бидуни ғаразҳои сиёсӣ, инчунин бе мақсади пайравӣ намудан ба дин ва паҳн кардани эътиқоди динӣ амалӣ карда мешавад;
- шартнома оид ба фаъолияти волонтёрӣ – созиши хаттии байни волонтёр ва ташкилоти ҷалбкунанда, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шуда, дар он шартҳои амалишавии фаъолияти волонтёрӣ нишон дода мешаванд.

Чи тавре аз маҷмуи мафҳумҳо маълум мегардад, фаъолияти ихтиёригӣ (волонтёрӣ) ба тамом ба рушди ҷомеаи ва шахсият, зимнан кумак ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар татбиқи ҳадафҳои иҷтимоӣ равона гардидааст, ки истифодаи ин тарҳ (модел) ҳамчун замина барои таҳкими ҳамкории ҷомеа ва ҷавонон муфид мебошад.

Созукори (механизми) ҳавасмандгардонии шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон дар моддаи 14-и Қонун чунин муқаррар гардидааст, ки бисёр мувофиқ ва муносиб аст.

- Давраи машғул шудан ба фаъолияти волонтёрии мувофиқ ба соҳаи таҳсилот ва ихтисоси таълимӣ, ки бо дафтарчаи волонтёрӣ ва шаҳодатномаи волонтёрӣ тасдиқ мегардад, ҳангоми қабул ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбӣ ба эътибор гирифта мешавад.
- Давраи машғул шудан ба фаъолияти волонтёрӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон собиқаи меҳнатии волонтерӣ эътироф карда мешавад, агар он шарти ҳатмии ба кор қабул кардан бошад ва волонтёр дар соҳаи ҷавобгӯй ба ихтисоси дахлдори гирифтааш кор карда, ин ҳолат бо дафтарчаи волонтёрӣ, шаҳодатномаи волонтёрӣ ва шартнома оид ба фаъолияти волонтёрӣ тасдиқ карда шавад.

Дар умум, бо истифода аз созукорҳои (механизмҳои) қонунии фаъолияти волонтёрӣ мумкин аст, ки ҷавононро ҳамчун шаҳрвандони фаъол барои ҳамкорӣ ва кумак ба қишри ниёзманди ҷомеа ҷалб намуд.

ХУЛОСА:

Дар таҷрибаи байналмилалӣ иштироки ҷавонон тавассути муттаҳид кардани талошҳои шаҳрвандони ҷавон ва иттиҳодияҳои ҷавонон таъмин карда мешавад. Аммо, дар Тоҷикистон вазъи фаъолияти иттиҳодияҳои ҷавонон хеле заиф арзёбӣ мегардад; бахусус,

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва марказҳои ҷавононе, ки фаъолият мекунанд, аз иқтидори зарурии рушд, дар айни замон, фориғанд.

Созукори (механизми) рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳошияи татбиқи сиёсати ҷавонон пешниҳод шуд, ки он аз: васеъ кардани шабакаи иттиҳодияҳои ҷавонон ва ҳавасманд гардонидани ҷавонон дар ин самт; дастгирии ташкилию техникии фаъолияти онҳо; тақвияти иқтидори захираҳои инсонӣ ва рушди низоми идоракунӣ бо истифода аз иқтидори иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва таъмини иштироки фаъоли онҳо дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ва фармоишҳои иҷтимоӣ иборат мебошад. Ҳамзамон, ҷалби дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар татбиқи ин созукор ба тақвияти иқтидори фании иттиҳодияҳои ҷавонон мусоидат хоҳад кард.

Фаъолияти ихтиёригӣ (волонтёрӣ) низоми мусоидаткунада ва шарики боэътимоди давлат дар роҳи беҳдошти вазъи иҷтимоии шаҳрвандон, аз ҷумла қишри ниёзманди аҳолӣ мебошад.

Бо истифода аз созукорҳои қонунии фаъолияти волонтёрӣ мумкин аст, ки ҷавононро ҳамчун шаҳрвандони фаъол барои ҳамкорӣ ва кумак бо қишри ниёзманди ҷомеа ҷалб намуд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон чӣ ҳадаф доранд?
2. Дар Тоҷикистон чанд иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон расман ба қайд гирифта шудааст?
3. Дар Тоҷикистон чанд иттиҳодияи ғайридавлатӣ расман ба қайд гирифта шудааст?
4. Тафовути байни ин иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон ва иттиҳодияи ғайридавлатӣ дар чист?

5. Ҳар ду намуди иттиҳодияҳо, новобаста аз он ки ҷузъи фаъоли ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил доданашон, аз дастгирии худи ҷомеаи шаҳрвандӣ, баҳравар нестанд, чаро?
6. Чаро ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ зарурати таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятиро баҳри бартараф кардани мушкилоти ҷомеа пурра сарфаҳм намераванд?
7. Ассотсиатсияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон чи гуна ташкилот аст ва кай таъсис ёфта буд?
8. Дар айни замон ҷавононро кадом ниҳодҳо намояндагӣ мекунанд, ки дар маҷмӯъ шумори онҳо ба беш аз 500 адад?
9. Ихтиёригӣ ва ё волонтёрӣ чист?
10. Волонтёр кист?
11. Дастёрони ихтиёрӣ кистанд?
12. Андоза ва ё ченаки хизматрасонии ихтиёрӣ (волонтёрӣ) аз рӯи чӣ муайян карда шудааст?
13. Саҳми ихтиёриён дар рушди иқтисодиёти ҷомеаи ҷаҳон чӣ гуна аст?
14. Кадом кишварҳои ба хизматрасониҳо ва ё фаъолияти ихтиёригӣ (волонтёрӣ) бештар ниёз доранд?
15. Фаъолияти ихтиёригӣ ба шахс, аз ҷумла шахси бекор ба мисли донишҷӯ чӣ имконият медиҳад?
16. Созукори (механизми) рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳошияи татбиқи сиёсати ҷавонон чиро ифода мекунад?

§ 22. Парламентаризми ҷавонон: ҳолат, таҷриба, мушкилот ва дурнамо

Дар давмои чанд даҳсолаи охир дар фазои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) тағйироти зиёде ба вуқуъ омад. Ин тағйирот, аз як тараф, аз давраи гузарише, ки ҳар як давлати узви ИДМ аз сар гузаронидааст, вобаста буд ва аз тарафи дигар, натиҷаи талошҳои муштараки кишварҳои узви ИДМ барои идоракунии равандҳои ҷаҳонишавӣ буд. Дар шароити ташаккулёбии тарҳҳои (моделҳои) гуногуни рушди муносибатҳои сиёсӣ дар ҳошияи демократикунонӣ парламентаризми ҷавонон ҳамчун як шакли иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба миён омад.

Ҳамин тариқ, ҳадаф гузоштем, ки парламентаризми ҷавонон ва амалияи татбиқи онро дар кишварҳои ИДМ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода, зарфиятҳо ва таҷрибаҳоро баррасӣ намуда, усулҳои муваффақ ва самараноки татбиқи онро дар сатҳи кишварҳои ИДМ ва Тоҷикистонмуайян намоем.

Тарҳи (модели) парламенти ҷавонон аз Олмон ва Фаронса маншаъ мегирад. Парламенти ҷавонон бори аввал дар ҷануби Париж ҳамчун як лоиҳаи мактабӣ таъсис дода шуд ва аввалин ҷаласаҳои сатҳи байналмилалӣ дар ҳаминҷо (соли 1988) баргузор шуданд [1].

Тарҳи (модели) парламенти ҷавонон дар ИДМ пас аз 11 сол ҳамчун тарҳи (модели) донишгоҳӣ ташаккул ёфт, соли 1999 дар толори собиқ Институти ҷавонони Донишгоҳи гуманитарии Маскав мизи мудаввар дар мавзӯи «Парламенти ҷавонон - созукори (механизми) татбиқи сиёсати ҷавонон ва манфиатҳои ҷавонон тавассути иштирок дар интихобот дар ҳама сатҳҳо» баргузор шуд. Соли

[1] Парлумони ҷавонони Аврупо [Маводи электронӣ] / Википедия. – Тартиби дастарсӣ: https://en.wikipedia.org/wiki/European_Youth_Parliament (забон-русӣ)

2003 аввалин семинар-конфронси умумирусиягӣ зери унвони «Рушди парламенти ҷавонон дар Федератсияи Русия» баргузор гардид, ки ҳадафи он таҳияи тавсияҳо барои рушди низоми парламенти ҷавонон буд. Ҳамин тариқ, таъсиси сохторҳои парламенти ҷавонон дар Федератсияи Русия дар даҳаи охири сари 20 оғоз ёфт.

Сарфи назар аз он, ки тарҳи (модели) парламентаризми ҷавонон аз Аврупо сарчашма мегирад, он барои кишварҳои ИДМ комилан нав нест. Инро як навъ идомаи мантиқии низоми куҳнашудаи собиқ Комсомол, вале дар шакли мутаносибан дигар ва такмилёфта арзёбӣ кардан мумкин аст. Комсомол мисли парламенти ҷавонон бар асоси тартиби (принсипи) мақомоти интихобии идоракунӣ фаъолияти худро ҷорӣ намуда, мақоми машваратии ҷамъиятӣ дошт, он соли 1918 таъсис ёфта буд. Таҷрибаи фаъолияти он дар бисёр кишварҳои ҷаҳон омӯхта шуд ва тарҳҳои (моделҳои) гуногуни ин низом дар баъзе кишварҳо истифода гардиданд. Беназирии тарҳи (модели) Комсомол дар сохти иерархии идоракунии он буд [1, с.29], аз ҷумла: 1) намояндагӣ дар ҳама ташкилотҳо, бахусус мактабҳо ва донишгоҳҳо, фабрикаҳо, коргоҳҳо, мақомоти ҳокимияти давлатӣ; 2) тартиби (принсипи) иштирок – ҳамаи аъзои Комсомол дар раванди қабули қарорҳои ташкилию ҳамоҳангсозӣ иштирок мекарданд; 3) тартиби (принсипи) интихобот – аъзои Комсомол аз ҷониби раёсати ташкилот ва роҳбарони он аз ҷониби аъзои ташкилот бо мизони ҳудудӣ интихоб мешуданд; 4) тартиби (принсипи) ғайримуттамарказӣ – ташкилотҳои ибтидоии (маҳаллии) Комсомол вобаста ба масъалаҳои ташкилию идоракунӣ мустақил буданд, масъалаҳои иқтисодӣ ва маъмуриро мустақилона ҳал мекарданд.

Ҳамин тариқ, парламенти ҷавонон то андозае ба низоми комсомол монандӣ дорад, аммо он ҳамчун низоми

[1] Тошенко Ж. Т. Ҷомеашиносии идоракунӣ. Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо [Матн]. Москва: Маркази пешгӯии иҷтимоӣ ва маркетинг, 2011 (забон-русӣ)

ҳамкории байни давлат ва ҷавонон дар шакли нав, муосир, бо талаботи (принсипи) демократӣ татбиқ карда мешавад.

Яке аз таърифҳои маъмултарини мафҳуми «парламентаризми ҷавонон» чунин аст: *низоми намояндагии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон ҳамчун гурӯҳи махсуси иҷтимоӣ, ки ба таъсис ва фаъолияти сохтори махсуси машваратии ҷамъиятӣ барои ҷавонон - парламенти ҷавонон - дар назди мақомоти давлатӣ ё бо тартиби муқаррарнамудаи онҳо, инчунин дигар муассисаҳои иҷтимоӣ барои иштироки фаъоли шаҳрвандони ҷавон дар ҳаёти давлат асос ёфтааст* [1].

Низоми намояндагӣ (дар инҷо) – созукорест (механизмест), ки барои ҷалб ва иштироки намояндагони ҳамаи гурӯҳҳои ҷавонон бо назардошти маҳали зист, машғулият ва нуқтаи назари онҳо ҳангоми қабули қарорҳо равона гардидааст. Моҳият ва ё рисолати созукори (механизми) мазкур, ин демократикунонии муносибатҳо, таъмини иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар равандҳои қабули қарорҳо ва иттилоотонии гурӯҳҳои мақсаднок оид ба фаъолияти ташкилот (парламенти ҷавонон) мебошад. Бо ин васила ҳадафи муҳими идоракунӣ - ҳавасмандгардонии сохторҳои поёнӣ - таъмин мегардад.

Парламенти ҷавонон бо тартиби идоракунии иреархӣ (боло-поён) метавонад дар назди мақомоти ҳокимияти намояндагӣ / қонунгузор ва ё ҳокимияти иҷроияи давлатӣ таъсис дода шавад. Ҳамчунин, Парламенти ҷавононро метавон дар назди муассисаҳои таълимӣ ташкил намуд, вале бо тартиби (принсипи) идоракунии маҳаллӣ. Аммо, дар таҷриба бо назардошти хусусияти мушаххаси намояндагӣ доштани ҳадафҳо, парламентҳои

[1] Парламентаризми ҷавонон [Маводи электронӣ] / Википедия. – Тартиби дастарсӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Youth_parliamentarism

ҷавонон асосан дар назди мақомоти ҳокимияти намояндагӣ – парламентҳои касбӣ фаъолият мекунанд.

Азбаски парламентаризми ҷавонон барои фаъол гардонидани ҷавонон ва иштироки онҳо дар равандҳои рушди сиёсии ҷомеа ва давлат пешбинӣ шудааст, фаъолияти парламенти ҷавонон ҳамчун як иттиҳодияи ҷамъиятии машваратию тавсиявӣ ба рисолати зикршуда мувофиқат мекунад.

Мақоми парламенти ҷавонон ҳамчун иттиҳодияи ғайридавлатӣ (ғайритиҷоратӣ) ба рушди сиёсии ҷомеа таъсири назаррас низ, дорад, аммо ин иттиҳодияҳо бинобар маҳдудияти имконоти (ваколатҳои) ҳуқуқӣ, шароитҳои молиявӣ ва иқтидори заифи идоракунӣ наметавонанд, ки ба талаботи ин тарҳи (модели) ҳаракати ҷавонон пурра ҷавобгӯ бошанд. Албатта, ин маҳдудиятҳо вобаста ба шароити идоракунии давлат ва бо назардошти хусусиятҳои фарҳангӣ, динӣ ва дигар хусусиятҳои маҳаллӣ фарқ мекунанд. Аммо дар аксари кишварҳои узви ИДМ (бинобар таъсири таърихи сиёсӣ дар гузаштаи наздик) иқтидори ташкилӣ ва молиявии ташкилотҳои ғайридавлатӣ (ғайритиҷоратӣ) ҳаммонанд - хеле заиф аст, зимнан барои онҳо татбиқи ташаббусҳои ҷавонон, ки сармоягузории доимии молиявӣ талаб мекунанд, душвор аст.

Яке аз талаботи (принсипҳои) парламентаризми ҷавонон, ин иштироки ҷавонон дар раванди қабули қарорҳо мебошад ва ин сазовори таваҷҷӯҳи махсус аст. Таъмини «иштироки ҷавонон» гуфта, мо иштироки мустақим ва ғайримустақими ҷавононро дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа, фаъолгардонии онҳоро дар таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди мақсаднок ва васеъ кардани имкониятҳо ва роҳёбӣ ба зинаи роҳбарии мақомоти давлатиро дар назар дорем. Дар ҳақиқат, фаъолгардонии ҷавонон ин рушди имкониятҳои фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷомеа тавассути ҷалби

шаҳрвандони ҷавон ва саҳми онҳо дар татбиқи самараноки қарорҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Аксари одамон, бахусус насли калонсол, метавонанд бипурсанд: Чаро парламентаризми ҷавонон? Оё барои ҷавонон омӯхтан ва таҷриба пайдо кардан дар соҳаи идоракунии қонунгузорӣ ва сиёсӣ - парламентаризм - ҳанӯз барвақт нест?

Албатта, барвақт нест, ҳатто метавонем гӯем, ки дер ҳам шудааст, зеро:

- ✓ синни миёнаи аҳолии дунё 28,5 солро ташкил медиҳад, аз ин рӯ, аксарияти интихобкунандагон ва иштирокчиёни маъракаҳои сиёсӣ (тақрибан 50 фоиз) ҷавонони аз 20 то 39 сола мебошанд;
- ✓ шаҳрвандон на ҳамеша омодаанд дар маъракаҳои сиёсӣ ва раванди қабули қарорҳои муҳим иштирок кунанд ва на ҳамеша дар ин масъалаҳо нақши фаъол доранд. Дар натиҷа, ниёзҳо ва талаботи воқеии онҳо метавонад дар оянда ба назар гирифта нашаванд. Зимнан, қарорҳое, ки манфиатҳои аксариятро ба назар намегиранд, наметавонанд фарогир ва ё салоҳиятнок ҳисобида шаванд ва ҳатто метавонанд ба ҷомеа зарари ҷиддӣ расонанд. Иштироки ҷавонон дар ин равандҳо бо назардошти он ки онҳо қисми зиёди ҷомеаро ташкил медиҳанд, метавонад ҳалкунанда бошад ва бо ин васила кафолати аҳамиятнокии қарорҳои муҳими сиёсӣ ва қонунгузориро таъмин кардан мумкин аст. Ғайр аз ин, иштироки ҷавонон талаботи (принсипҳои) демократии қабули қарорҳоро таъмин мекунад ва тақвият мебахшад;
- ✓ иштироки ҷавонон дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ ва намояндагӣ метавонад сатҳи баланди таваҷҷӯҳ ва иштироки фаъоли онҳоро дар ҳаёти сиёсӣ таъмин намояд. Илова бар ин, имконияти иштирок дар равандҳои сиёсӣ ва

қонунгузорӣ метавонад ҳавасмандии ҷавононро барои саҳм гузоштан (ҳамчун фарди баркамол ва интихобкунандаи фаъол) дар ҳалли масъалаҳои идоракунии сиёсӣ дар ояндаи наздик зиёд намояд [1, с.5].

Ҳамин тариқ, мо метавонем хулоса барорем, ки парламентаризми ҷавонон:

- ин иштироки фаъоли ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ва фаъолияти давлат мебошад;
- ин мактаби тарбияи сарварони ҷавони аз ҷиҳати сиёсӣ омодашуда, кордонҳое (кадрҳое), ки дастовардҳо ва манфиатҳои миллиро метавонанд сазоворона дар оянда муаррифӣ кунанд, мебошад;
- ин имконияти рушди ниҳодҳои демократӣ дар ҷомеа ва татбиқи талаботи (принсипҳои) идоракунии самараноки низоми давлатӣ мебошад.

Пеш аз баррасии таҷрибаи амалии татбиқёбии тарҳи (модели) парламенти ҷавонон дар кишварҳо бояд якчанд нишондиҳандаҳо ё талаботи заминавии зеринро, ки барои ташкил ва пешбурди фаъолияти пурсамари ин ниҳод хос аст, пешниҳод намуд:

1) Парламенти ҷавонон бояд дар назди мақомоти ҳокимияти қонунгузор (намояндагӣ) ҳамчун воҳиди алоҳида ё мустақил (сохтори мустақил) таъсис дода шавад бо назардошти ҳамоҳангсозии мустақими мақомоти қонунгузор (намояндагӣ);

2) Парламенти ҷавонон мақоми машваратӣ ва тавсиявии ҷамъиятиро бояд доро бошад;

3) Парламенти ҷавонон ҳамчун иттиҳодияи ҷамъиятӣ (ғайриҳукуматӣ) бояд фаъолият кунад;

[1] Иштироки ҷавонон дар парлумонҳои миллӣ [Маводи электронӣ] / Иттиҳоди байнипарлумонӣ. Берлин: 2011. С. 19. – Тартиби дастрасӣ: http://www.ipu.org/pdf/publications/youth_en.pdf (забон-русӣ)

4) Парламенти ҷавонон фаъолиятро бояд дар шакли иҷлосия амалӣ гардонад; ҷаласаҳои худро мунтазам, вале на камтар аз ду маротиба дар як сол баргузор намояд;

5) Парламенти ҷавонон бояд тартиби (принсипи) интихобии фаъолият ва шакли ягонаи муттаҳидсозии аъзоро дар ҳама сатҳҳои ҳудудӣ дошта бошад;

6) Парламенти ҷавонон бояд дорои сохтори идоракунии иерархӣ ё маҳаллӣ ва намояндагӣ бошад, яъне дар ҳама сатҳҳои ҳудудӣ сохтори ягонаи идоракунӣ дошта бошад;

7) Парламенти ҷавонон фаъолияти қонунгузориро бояд анҷом диҳад ва имкониятҳои (механизмҳои) васеъ барои пешниҳоди қарорҳои худ ба мақомоти ҳокимияти қонунгузор (намояндагӣ)-ро ҷиҳати баррасӣ ва татбиқи минбаъда дошта бошанд; қарорҳои парламенти ҷавонон хусусияти машваратӣ ва тавсиявӣ доранд.

Ассамблеяи байнипарламентии ҷавононии кишварҳои узви ИДМ

Боиси зикр аст, ки дар фазои кишварҳои ИДМ дар назди Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои узви ИДМ Ассамблеяи байнипарламентии ҷавононии кишварҳои узви ИДМ фаъолият мекунад, ки бо қарори Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои узви ИДМ аз 22 ноябри соли 2012 таъсис ёфтааст.

Ассамблеяи байнипарламентии ҷавонон ниҳоди машваратии доимии Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои узви ИДМ мебошад. Ҳадафи асосии Ассамблеяи байнипарламентии ҷавонон, ин ҷалби вакилони ҷавон ба раванди рушди ҳамкориҳо байни кишварҳои узви ИДМ, фароҳам овардани шароит барои муколама ва мубодилаи таҷриба байни вакилони ҷавони ИДМ ва намояндагони иттиҳодияҳои ҷавонон, ҷалби ҷавонон ба дипломатияи

парламентӣ, беҳтар кардани фарҳанги ҳуқуқӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва шаҳрвандии насли ҷавон мебошад [1].

Парламентаризми ҷавонон дар Федератсияи Русия

Тавре дар боло қайд карда шуд, татбиқи тарҳи (модели) парламентаризми ҷавонон дар Федератсияи Русия соли 2003 бо қабули «Тавсияҳо оид ба рушди парламентаризми ҷавонон дар Федератсияи Русия» оғоз гардид. Дар байни кишварҳои ИДМ, Федератсияи Русия дорои нисбатан таҷрибаи пуриқтидор дар самти рушди парламентаризми ҷавонон мебошад. Агар мо рушди тарҳи (модели) парламентаризми ҷавононро ба марҳилаҳо - ташаккулёбӣ, рушд ва устуворӣ - ҷудо кунем, пас дар Федератсияи Русия парламентаризми ҷавонон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад.

Имрӯз дар Федератсияи Русия ташкилоти ҷамъиятии умумирусиягии «Ҳаракати ягонаи парламентии ҷавонони Федератсияи Русия», ки моҳи декабри соли 2012 таъсис ёфтааст, фаъолият мекунад. Ҳадафи он мусоидат ба рушд ва ҳамкории парламенти ҷавонон ва сохторҳои он, ки дар Федератсияи Русия фаъолият мекунанд, мебошад. Бояд қайд кард, ки таҷрибаи Русия дар татбиқи тарҳи (модели) парламенти ҷавонон барои омӯзиш хеле муносиб аст, зеро ташаккули парламенти ҷавонон, аз ҷумла дар сатҳҳои маҳаллӣ (шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва дигар сатҳҳо) масъалаҳои (саволҳои) зиёдеро ба миён меорад ва ҳалли онҳо ва маҷмӯи посухҳоро дар асоси таҷрибаи амалӣ талаб мекунад.

Дар дохили Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия, яъне дар сатҳи федералӣ ду парламенти ҷавонон амал мекунанд: 1) Парламенти ҷавонон дар назди Думаи

[1] Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавонони кишварҳои узви ИДМ [Маводи электронӣ] / Сомонаи Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узви ИДМ. – Тартиби дастарсӣ: http://www.iacis.ru/structure/mmpa/

давлатӣ ва 2) Палатаи қонунгузорони ҷавонон дар назди Шӯрои Федератсия.

Вобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ Парламенти ҷавонон дар назди Думаи давлатӣ ниҳоди машваратӣ буда, аз намояндагони ҷавонон иборат аст, ки дар ҷаласаҳои парламенти ҷавонони минтақавӣ интихоб шудаанд. Ин ниҳод барои мусоидат ба фаъолияти Думаи давлатӣ дар соҳаи танзими қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷавонон таъсис дода шудааст. Сохтори Парламенти ҷавонон дар назди Думаи давлатӣ иборат аст, аз: Раиси фахрӣ - Раиси Думаи давлатӣ, Сарпараст - муовини Раиси Думаи давлатӣ, Шӯрои Парламенти ҷавонон (Раиси Парламенти ҷавонон ва муовинони ӯ, котиби иҷроия) ва 11 комиссияи соҳавӣ [1].

Дар сатҳи «ҳудудҳои федералӣ» шӯроҳои ҳамоҳангсози парламенти ҷавонон ташкил ёфтаанд, ки ҳамчун иттиҳодияи ихтиёрӣ дар назди мақомоти қонунгузор (намояндагӣ)-и ҳокимияти давлатии субъектҳои Федератсияи Русия таъсис дода шудаанд. Аъзоёни шӯроҳо парламентҳои ҷавонон мебошанд, ки дар назди мақомоти қонунгузор (намояндагӣ)-и ҳокимияти давлатии субъектҳои Федератсияи Русия фаъолият мекунанд (дар мисоли Ассотсиатсияи парламентии «Шарқи Дур ва Забайкале») [2].

Дар сатҳи минтақавӣ (дар сатҳи субъектҳои алоҳидаи Федератсияи Русия) 79 парламенти ҷавонон фаъолият мекунад, ки онҳо низ ҳамчун ниҳоди машваратии ҷамъиятӣ дар назди мақомоти қонунгузории

[1] Парлумони ҷавонон дар назди Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи ҳаракати парлумонии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/pages/view/structure/88

[2] Шӯрои ҳамоҳангсозии парлумонҳои ҷавонон [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи Ҷунбиши парлумонии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/pages/view/structure/14 (12.03.2017)

(намояндагии) субъектҳои Федератсияи Русия таъсис ёфтаанд [1].

Тартиби (принсипи) узвият дар парламенти ҷавонон дар сатҳи минтақавӣ гуногун аст. Масалан, дар вилояти Киров Парламенти ҷавонон аз намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон, донишгоҳҳо ва коллеҷҳо, мақомоти худидоракунии донишҷӯён ва хонандагон ва намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ташкил карда мешавад [2]. Аммо, тартиби (принсипи) умумии пешбарӣ кардани намояндагони ҳар як маҳал бетағйир боқӣ мемонад: дар вилояти Вологда, илова бар гурӯҳҳои ҷавонони дар боло зикршуда, як намоянда аз ҳар як ноҳия ва 10 намоянда аз ҳар як ҳудуди шаҳрӣ метавонанд ба парламенти ҷавонон ворид шаванд [3].

Ғайр аз ин, дар Федератсияи Русия парламенти ҷавонон дар сатҳи маҳаллӣ низ, вуҷуд дорад, ки дар он ҷо онҳо асосан мувофиқи тартиби умумиқабулшуда ташкил карда мешаванд. Аммо, талаботи узвият барои парламенти ҷавонон вобаста ба гурӯҳҳои ҷавононе, ки онҳо ҷалб мекунанд, фарқ мекунад. Масалан, мувофиқи Низомнома дар бораи Парламенти ҷавонони шаҳри Егоревск вакилон/аъзоёни Парламенти ҷавонон аз ҷумлаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ интихоб карда мешаванд [4].

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки дар Федератсияи Русия парламентаризми ҷавонон дорои

---

[1] Ҳаракати парлумонии ҷавонон: Сатҳи минтақавӣ [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи Ҳаракати парлумонии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/workspaces/regional

[2] . Парлумони ҷавонони вилояти Киров [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи ҳаракати парлумонии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/workspaces/about/4

[3] Низомнома дар бораи Парлумони ҷавонони вилояти Вологда [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи ҳаракати парлумонии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/pages/view/documents/1207 (забон-русӣ)

[4] Низомнома дар бораи парлумони ҷавонони ноҳияи шаҳри Егоревский [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи ҳаракати парлумонии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/pages/view/documents/1232 (забон-русӣ)

низоми нисбатан ташаккулёфтаи идоракунӣ мебошад – аз сатҳи федералӣ то сатҳи маҳалӣ, бо тартиб ва меъёрҳои фаъолияти намояндагӣ, машваратии ҷамъиятӣ (машваратӣ), усули интихоботии ташаккул ва қабули қарорҳои демократии дорои хусусияти машваратӣ.

Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон парламенти ҷавонон соли 2010 ба фаъолият шурӯъ кард. Он бо ташаббуси Кумитаи оид ба корҳои ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иттиҳодияи ҷамъиятии «Мо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ» ҳамчун як ниҳоди машваратии ҷамъиятӣ таъсис дода шудааст. Аз нигоҳи мақоми ташкилӣ ва ҳуқуқии худ, парламенти ҷавонон як ташкилоти ҷамъиятӣ (бе мақоми ҳуқуқӣ) мебошад, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрии муассисони худ ва санадҳои қонунгузории татбиққунандаи сиёсати давлатии ҷавонон фаъолият мекунад.

Парламенти ҷавонон бо парламенти кишвар робитаи ташкилӣ ё ҳуқуқӣ надорад, аммо он метавонад пешниҳодҳо ва тавсияҳои худро тавассути мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон пешниҳод кунад. Сохтори идоракунии парламенти ҷавонон дар Тоҷикистон сирф миллӣ буда, ҷаласаҳои он ҳадди ақал ду маротиба дар як сол баргузор мешаванд. Аъзои Парламенти ҷавонон асосан донишҷӯёни донишгоҳҳо аз тамоми минтақаҳои кишвар мебошанд.

Айни замон ниҳоди мазкур фаъол намебошад ва дигар намудҳои парламентаризми ҷавонон низ, таҷриба намешаванд.

Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Қазоқистон

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон тибқи маълумоти дастрасгашта ду шакли парламенти ҷавонон вуҷуд дорад.

1). Парламенти ҷавонон ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ.

Парламенти ҷавонон ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ фаъолияти худро соли 2003 оғоз кард. Мақоми олии роҳбарикунандаи он маҷлиси умумии вакилон - аъзои ташкилот мебошад. Парламенти ҷавонон дар шаҳри Остона низ ба ҳамин шакл фаъолият мекунад. Мақомоти роҳбарикунанда аз Шӯрои ҳамоҳангсозӣ иборат аст, ки ба мӯҳлати як сол интихоб мешавад. Парламенти ҷавонон бо Маҷлиси Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамкорӣ мекунад. Узвият дар ин созмон ба таври ғайриоддӣ зоҳир мешавад: ҳар касе, ки мехоҳад вакили парламенти ҷавонон гардад, бояд ариза пешниҳод кунад ва номзадии худро ба маҷлиси умумии вакилони кунунии парламенти ҷавонон пешниҳод кунад. Ҳар як узви ташкилот (вакил) ҳаққи узвияти пардохт мекунад, ки маблағи он солона ба ҳисоб гирифта мешавад [1].

Метавон хулоса кард, ки парламенти ҷавонон дар шакли тавсифшуда бесалоҳият аст, зеро бо мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ робитаи мустақим надорад, ташкилот мақоми машваратӣ надорад ва дар идоракунӣ аз рӯи тартиби (принсипи) интихобот амал намекунад ва дар минтақаҳо низ, намояндагӣ надорад.

2). Парламенти ҷавонон дар асоси ихтиёрӣ.

Парламенти ҷавонон дар асоси ихтиёрӣ ба сифати ниҳоди машваратии ҷамъиятӣ дар се сатҳ фаъолият мекунад: Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон, парламенти минтақавии Ҷумҳурии Қазоқистон ва донишгоҳҳо. Дар соли 2011 дар натиҷаи интихобот ба парламенти ҷавонон

[1] Дар бораи Парлумони ҷавонон [Маводи электронӣ] / 2009. – Тартиби дастарсӣ: https://sites.google.com/site/youthparliam/about-yp (забон-русӣ)

гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон намояндагӣ карданд: намояндагони созмонҳои ҷавонон, донишҷӯён, тоҷирон, олимон ва ғайра [1].

Аз ду шакли тавсифшуда, шакли дуюм нисбатан ба нишондиҳандаҳои хоси парламенти ҷавонон ҷавобгӯ мебошад. Парламенти ҷавонон дар Ҷумҳурии Қазоқистон фаъолият дорад, аммо масъалаи мавҷудияти сохтори иерархии идоракунӣ, яъне намояндагии парламенти ҷавонон дар ҳамаи вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо ҳанӯз ҳам кушода боқӣ мемонад.

Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Қирғизистон

Ҷумҳурии Қирғизистон барои рушди парламентаризми ҷавонон аз равиши хеле муосир истифода мебарад — тавассути татбиқи лоиҳаҳо. Парламенти ҷавонон ҳамчун ниҳоди лоиҳавӣ таъсис дода шудааст, ки дар ҷомеашиносии идоракунӣ ба сифати сохтори иқтисоди бозорӣ омӯхта мешавад. Ниҳоди лоиҳавӣ дар давоми 18 моҳ бо иштироки 40 нафар фаъолони 18-29 сола аз тамоми минтақаҳои Қирғизистон амалӣ гардонида шуд. Намояндагони ташкилотҳои ҷавонони ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷавонон ва дигар гурӯҳҳои фаъоли ҷавонон дар кори парламенти ҷавонон иштирок карданд. Лоиҳа соли 2014 ба анҷом расид [2].

Ин тарҳи (модели) парламенти ҷавонон аз нигоҳи назариявӣ ва равишшинохтӣ (методологӣ) хеле устувор аст. Аммо, чуноне ки таҷриба нишон медиҳад, камбудиҳои асосии аксари ғояҳои лоиҳавии ин навъ парламенти

[1] Тукушева Л. Интихобот ба парлумони ҷавонон [Маводи электронӣ] / Л.Тукушева, И.Алпысаева, М.Дидигова. Остона, 2011. – Тартиби дастарсӣ: http://repository.enu.kz/bitstream/handle/123456789/1360/vybor-molodej.pdf (забон-русӣ)

[2] Парлумони ҷавонон дар Бишкек ба кор шурӯъ кард [Маводи электронӣ] / Кабар, 2016 http://old.kabar.kg/rus/society/full/111772 (забон-русӣ)

ҷавонон, ин хусусияти муваққатӣ доштан, набудани ҳамкории наздик бо мақомоти давлатӣ, зимнан, дастгирии заифи ҳукумат арзёбӣ мегардад.

Ин лоиҳа ба анҷом расид, аммо натиҷаҳо, аз ҷумла рушди парламентаризми ҷавонон дар кишвар ба даст наомад.

Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Беларус

Дар Ҷумҳурии Беларус дар назди Шӯрои вакилони шаҳри Минск палатаи ҷавонон фаъолият мекунад, ки бар асоси талаботи (принсипҳои) умумиқабулшудаи интихоби вакилон аз байни ҷавононии фаъол ва намояндагии ҷавононии минтақаҳо асос ёфтааст. Дар назди Шӯрои вакилони шаҳри Могилёв инчунин парламенти ҷавонон таъсис дода шудааст; аввалин маъракаи интихоботӣ соли 2014 баргузор гардид. Иштирокчиёни парламенти ҷавонон асосан донишҷӯён мебошанд [1].

Ҳамин тариқ, дар Беларус тарҳи (модели) парламентаризми ҷавонон дар ҳоли ташаккулёбӣ аст.

Парламентаризми ҷавонон дар Арманистон

Дар Арманистон парламенти ҷавонон соли 2011 ба фаъолият шурӯъ кард (Раиси Маҷлиси Миллии Арманистон, О. Абраҳамян, фармонеро дар бораи таъсиси парламенти ҷавонон имзо кард [2]). Мувофиқи низомнома парламенти ҷавонон аз 12 кумита ва 131 вакил иборат хоҳад буд, ки 39 нафари онҳо аз ҷониби фраксияҳои Маҷлиси Миллӣ пешбарӣ карда мешаванд, 50 ҷой ба донишгоҳҳои давлатӣ, 20 ҷой ба минтақаҳо ва 22 ҷой ба

[1] Парлумони ҷавонон дар Белорусия [Маводи электронӣ] / Кумитаи иҷроияи вилояти Минск. – Тартиби дастарсӣ: http://www.mrik.gov.by/ru/molodezhnyj-parlament-budet(забон-русӣ)

[2] Парлумони ҷавонон таъсис дода мешавад [Маводи электронӣ] / Сомонаи расмии Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Арманистон. – Тартиби дастарсӣ: http://www.parliament.am/news.php?do=view&cat_id=2&day=04&month=04&year=2011&NewsID=4434&lang=rus (забон-русӣ)

номзадҳои ҷавон бо усули худпешбарӣ дода мешавад. Аммо, парламенти ҷавононро ҳамчун як ниҳоди алоҳида дар сохтори Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Арманистон пайдо кардан имконнопазир гардид.

Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон

Парламенти ҷавонони Озарбойҷон соли 2005 бо дастгирии ташкилии Вазорати ҷавонон ва варзиш ва Ассотсиатсияи ҷамъиятии ихтиёриёни Озарбойҷон таъсис дода шудааст. Парламенти ҷавонони Озарбойҷон ҳамчун як ташкилоти ғайриҳукуматӣ ва иттиҳодияи машваратии ҷамъиятӣ фаъолият мекунад, ки манфиатҳо ва ҳуқуқҳои қонунии ҷавононро намояндагӣ мекунад. Узвият дар Парламенти ҷавонон бар асоси пурсишнома ва мусоҳиба сурат мегирад ва ҷавонон аз саросари кишвар ҷалб карда мешаванд [1].

Мутобиқи таҳлилҳои маълумоти зерин низ мавҷуд аст (аз соли 2012): «*Дар Озарбойҷон Парламенти ҷавонон таъсис дода мешавад. Парламенти ҷавонон як лоиҳаи дарозмуддат аст, ки аз ҷониби гурӯҳи ташаббускори иборат аз 11 нафар пешниҳод шудааст. Интихоби аъзои парламент дар ду марҳила сурат мегирад: дархост ва мусоҳиба. Ҷавонони фаъоли иҷтимоӣ аз синни 18 то 29 сола, донишҷӯёни боистеъдод ва фаъоли иҷтимоӣ, ҷавононе, ки дар созмонҳои байналмилалӣ, ВАО, сохторҳои хусусӣ ва давлатӣ ва дар соҳаи илм кор мекунанд, метавонанд вакилони ҷавони парламент шаванд*» [2].

---

[1] Парлумони ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии Озарбойҷон нақши фаъол хоҳад бозид - Ҷейҳун Усмонлӣ [Маводи электронӣ] / 1NEWS.AZ, 2012. – Тартиби дастарсӣ: http://www.1news.az/news/molodezhnyy-parlament-budet-igrat-aktivnuyu-rol-v-obschestvenno-politicheskoy-zhizni-azerbaydzhana---dzheyhun-osmanly (забон-русӣ)

[2] Дар Озарбойҷон Маркази ҷавонон таъсис дода мешавад [Маводи электронӣ] / Агентии иттилоотии Trend. – Тартиби дастарсӣ: http://www.trend.az/azerbaijan/politics/2026125.html (забон-русӣ)

Ин маънои онро дорад, ки парламенти ҷавонон дар Озарбойҷон шакли устувори фаъолият надорад. Ғайр аз ин, парламенти ҷавонон қисми мақоми қонунгузории давлатӣ нест, балки як шахси ҳуқуқии мустақил аст, ки ин хилофи хусусиятҳои дар боло зикршудаи парламенти ҷавонон мебошад.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Парламенти ҷавонон бори аввал дар куҷо таъсис дода шуд?
2. Тарҳи (модели) парламенти ҷавонон дар ИДМ кай ташкил ёфт ва дар кадом шакл?
3. Комсомол чи гуна ташкилот буд ва кай таъсис ёфта буд?
4. Парламентаризми ҷавонон чист?
5. Низоми намояндагӣ чист?
6. Парламенти ҷавононро бо тартиби идоракунии иреархӣ (боло-поён) мумкин аст дар назди кадом ниҳод(ҳо) таъсис дода шавад?
7. Яке аз талаботи (принсипҳои) парламентаризми ҷавонон, ин иштироки ҷавонон аст, он ба чӣ асос меёбад?
8. Таъмини «иштироки ҷавонон» чист?
9. Фаъолгардонии ҷавонон чист?
10. Синни миёнаи аҳолии дунё чанд солро ташкил медиҳад?
11. Иштироки ҷавонон дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ ва намояндагӣ чӣ натиҷа меорад?
12. Қарорҳои парламенти ҷавонон чигуна хусусият дорад?
13. Парламенти ҷавонон ба ҳокимияти давлатӣ чӣ вобастагӣ дорад?

14. Ассамблеяи байнипарламентии ҷавонони кишварҳои узви ИДМ чӣ гуна ташкилот аст ва кай таъсис ёфтааст?
15. Парламентаризми ҷавонон дар Федератсияи Русия чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?
16. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ вазъ дорад?
17. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Қазоқистон чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?
18. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Қирғизистон чӣ вазъ дорад?
19. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Белорус чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?
20. Парламентаризми ҷавонон дар Арманистон чӣ вазъ дорад?
21. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон чӣ вазъ дорад?

§ 23. Аҳамиятнокии фаъолияти парламенти ҷавонон дар ҳошияи рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ

Чи тавре аз таҳлилҳо бармеояд дар кишварҳои ИДМ, ба истиснои Русия вазъият дар самти ташаккул ва рушди парламентаризми ҷавонон қариб, ки яксон - камфаъол аст. Дар айни ҳол ҳамаи кишварҳои ИДМ-ро аҳамиятнокии парламентаризми ҷавонон – фаъолнокии сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон муттаҳид кардааст. Ҳама татбиқи онро дар низоми идоракунии давлатии қонунгузорӣ (намояндагӣ) дастгирӣ мекунанд, ки инро қарори Шӯрои Ассамблеяи байнипарламентии кишварҳои узви ИДМ аз 22.11.2012 №47 дар бораи таъсиси Ассамблеяи

байнипарламентии ҷавононi кишварҳои узви ИДМ тасдиқ (исбот) мекунад [1].

Далели дастгирии фаъолияти парламенти ҷавонон дар фазои ИДМ ба он асос меёбад, ки парламенти ҷавонон дар (сохтори) назди Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ бо ризоияти (қарори) кишварҳои узви Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ таъсис ёфтааст ва зарурати ташкили фаъолияти парламенти ҷавонон дар кишварҳои узви ИДМ дар Низомномаи Парламенти ҷавонон дар (сохтори) назди Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ ба таври возеҳ инъикос ёфтааст: «Парламенти ҷавонон дар (сохтори) назди Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ аз ҳайатҳои парламентии ҷавононi кишварҳои узви ИДМ иборат аст». Аъзои ҳайатҳои парламентии ҷавонон, ки дар ин Низомнома муайян шудаанд, метавонанд (1) аъзои ҷавони парламенти кишварҳои ИДМ (то 35-сола) ва (2) намояндагони парламенти ҷавонон ва сохторҳои машваратӣ ва намояндагии ҷавонон, ки дар дохили парламенти миллии кишварҳои узви ИДМ таъсис дода шудаанд, бошанд.

Ин ду нишондиҳанда (талабот) ҷузъиёти хеле муҳими қарори дар боло зикршуда мебошад, ки кишварҳои узви ИДМ-ро вазифадор мекунад, ки онҳоро риоя ва таъмин намоянд. Яъне, вобаста ба уҳдадорӣ, тартиботи (принсипи) ҳуқуқӣ ва тақозои ҳамкории минтақавӣ имрӯзҳо бояд дар ҳамаи кишварҳои узви ИДМ парламенти ҷавонон фаъолияти босамар дошта бошад, аммо воқеият дигар аст...

Айни замон дар сатҳи кишварҳои ИДМ ҳолатҳое, ки шумори назарраси намояндагони ҷавононi то 35-сола (10-20 нафар) ба парламентҳои миллӣ роҳ ёфта бошанд,

[1] Низомнома дар бораи Ассамблеяи байнипарлумонии ҷавононi кишварҳои узв [Маводи электронӣ] / Сомонаи расмии Ассамблеяи байнипарлумонии кишварҳои узв дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. – Тартиби дастарсӣ: http://iacis.ru/upload/iblock/a61/kp.2_polozhenie-mmpa-sng.pdf (забон-русӣ)

хеле кам ба назар мерасад. Аз ин рӯ, ташкили ҳайати парламентии ҷавонон (миллӣ) иборат аз 8-10 нафар аз ҳар як кишвар ғайриимкон аст, мувофиқан иҷрои талаботи якум барои кишварҳои узви ИДМ имконнопазир аст. Иҷрои талаботи дуюм низ бо сабаби фаъол набудани парламентҳои ҷавонон дар парламентҳои миллии бисёре аз кишварҳои узви ИДМ аз имкон дур аст.

Қобили зикр аст, ки «Стратегияи ҳамкории байналмилалии ҷавонони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил то соли 2020» , ки аз ҷониби Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ 10 декабри соли 2010 тасдиқ шудааст, вазифаи зеринро муқаррар мекард: «*Таъсиси тарҳи (модели) муассири ҳамкорӣ байни иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии кӯдакон ва ҷавонони кишварҳои узви ИДМ*». Новобаста аз он ки давраи татбиқи Стратегияи мазкур анҷом ёфта бошад ҳам, ин тарҳи (модели) ҳамкории устувор байни иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар ИДМ ташаккул наёфт, яъне вазифаи муқарраргардида, беиҷро боқӣ мондааст.

Тарҳи (модели) парламенти ҷавонон, ки ҳамтои он дар сатҳи Ассамблеяи байнипарламентии ИДМ фаъолият мекунад, маҳз созукорест (механизмест), ки метавонад ҳамкории шакли муосирро байни иттиҳодияҳои ҷавонон ва ҷавонони фаъоли кишварҳои узви ИДМ дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон, фаъолсозии ҷавонон ва иҷтимоишавии онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти таҳлили боло, вазъияти мавҷуда ва таҷрибаи андухта дар самти ташаккули парламентаризми ҷавонон татбиқи чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад.

1. Дар кишварҳои ИДМ (ниг. ба суратгузориши поён) ташаккул додани низоми парламентаризми ҷавонон бо роҳи таъсис ва ташкили фаъолияти парламентҳои ҷавонон дар назди мақомоти намояндагии (қонунгузори)

ҳокимияти давлатӣ (парламентҳо) ҳамчун иттиҳодияи машваратии ҷамъиятӣ.

2. Дар доираи «Тавсияҳо оид ба танзим ва рушди парламентҳои ҷавонон дар давлатҳои аъзои ИДМ», ки бо Қарори Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДМ оид ба таъсиси Ассамблеяи ҷавонони байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДМ аз 19.04.2019, №49-9 тасдиқ шудааст:

- Парламенти ҷавонон дар сохтори мақомоти қонунгузори (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ (маъмурӣ) дар ҳама сатҳҳо таъсис дода шавад;
    - дар дохили парламенти миллӣ (*масалан, Палатаи ҷавонони ҷамъиятӣ (Парламенти ҷавонон) дар дохили Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия ва Палатаи қонунгузорони ҷавон дар назди Шӯрои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия, Парламенти ҷавонон дар назди Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Арманистон ва Шӯрои вакилони ҷавон дар назди Кенеши Жогоркуи Ҷумҳурии Қирғизистон*);
    - дар дохили мақоми қонунгузор (намояндагӣ) дар сатҳи минтақавӣ (*масалан, Палатаи ҷавонон дар назди Шӯрои вакилони шаҳри Минск*);
    - дар дохили мақоми намояндагии худидоракунии маҳаллӣ (маъмурӣ) (*масалан, Парламенти ҷавонон дар назди Шӯрои вакилони ноҳияи шаҳри Любертси дар вилояти Маскав*).
- Барои таъмини фаъолияти самараноки парламенти ҷавонон, тавсия дода мешавад, ки талаботи (принсипҳои) зерин риоя (таъмин) карда шавад:
    - намояндагии манфиатҳои қонунии ҷавонон дар мақомоти давлатӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- фароҳам овардани шароит барои ҳамкорӣ байни парламенти ҷавонон ва мақомоти давлатӣ барои таъмини иштироки мустақими ҷавонон дар таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳо ва ташаббусҳои қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон;
- қонунӣ будани таъсис, рушд ва фаъолияти парламенти ҷавонон;
- тавозуни муносиб (оптималӣ) байни шумораи парламенти ҷавонон дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ;
- мустақилияти парламенти ҷавонон аз таъсири ҳизбҳои сиёсӣ.

- Вазифаҳои асосии парламенти ҷавонон бояд аз инҳо иборат бошад:
  - иштирок дар таҳияи лоиҳаи қонунҳо, пеш аз ҳама дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон: муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи ҷавонон; омодасозии ташаббусҳои ҳуқуқи қонунгузорӣ ва пешниҳоди онҳо ба мақомот ва шахсони дорои ваколати ташаббуси ҳуқуқи қонунгузорӣ.

    Ин ба ҷавонон имкон медиҳад, ки ба муайян кардани самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон таъсир расонанд. Ин вазифа дар фаъолияти парламенти ҷавонон калидӣ ҳисобида мешавад;
  - намояндагии манфиатҳои қонунии ҷавонон дар мақомоти давлатӣ ё мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

    Парламенти ҷавонон ҳамзамон имконият медиҳад, ки таваҷҷӯҳи ҷомеа ба масъалаҳои ҷавонон ҷалб карда шавад ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ҷавонон дар ҳалли ин масъалаҳо ҳамкорӣ кунанд. Ин ба ноил шудан ба

натиҷаҳои мушаххаси иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҷалби шаҳрвандони ҷавон дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва ба баланд бардоштани сатҳи маданияти ҳуқуқӣ ва иштироки шаҳрвандӣ дар байни ҷавонон мусоидат мекунад;

- рушди захираҳои инсонӣ барои мақомоти иҷроия ва қонунгузории (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.
- фаъолияти парламенти ҷавонон ба муайян кардан, ташкили омӯзиш ва пешрафти сарварони ҷавони умедбахш, ки ба фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ ва маъмурӣ манфиатдоранд, мусоидат мекунад.

  Истифодаи шаклҳо ва усулҳои гуногун дар низоми парламенти ҷавонон ба фарди ҷавон кӯмак мекунад, ки ҳамзамон донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалиро дар фаъолияти қонунгузорӣ ва маъмурӣ ба даст оранд. Аъзои парламенти ҷавонон гурӯҳи афроди ҳамфикрро бо ҷаҳонбинии фаъол ташкил медиҳанд, ки омодаанд ғояҳо ва барномаҳои мақомоти қонунгузории (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро дастгирӣ ва якҷоя амалӣ созанд;
- баргузории чорабиниҳои аҳамияти иҷтимоидошта.

  Парламентии ҷавонон дар татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳои алоҳидаи аҳамияти иҷтимоидошта, ки дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ баргузор мешаванд, фаъолона иштирок мекунанд. Ҳам худи парламенти ҷавон ва ҳам иттиҳодияҳое, ки ҳамчун аъзо парламенти ҷавононро намояндагӣ

менамоянд, метавонанд дар ташкили ин чорабиниҳо иштирок кунанд;
    - амалисозии тадбирҳои таълимӣ, ки аз як тараф ба ташкили омӯзиш барои ҷавононе, ки аъзои парламенти ҷавонон мебошанд, равона мегардад ва аз тарафи дигар, гузаронидани омӯзишҳои аъзои парламенти ҷавонон дар байни ҷавонон дар самти баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии интихобкунандагони ҷавон ва дастрасии онҳо ба иттилооти иҷтимоию сиёсӣ, ҳамчунин тақвияти иштироки фаъоли ҷавонон дар маъракаҳои сиёсӣ нигаронида шудаанд;
    - таъмини ҳамкории байналмилалии ҷавонон.
- Парламенти ҷавонон бо ҷалби шаҳрвандони ҷавон ҳамчунин ташкил карда мешавад, аз ҷумла аз ҳисоби:
    - вакилони мақомоти қонунгузори (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (идоракунӣ);
    - намояндагони сохторҳои парламенти ҷавонон, ки дар назди мақомоти қонунгузори (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (идоракунӣ) дар ҳама сатҳҳо таъсис дода шудаанд;
    - намояндагони муассисаҳои таълимӣ, иттиҳодияҳои (созмонҳои) ҷамъиятии ҷавонон ва дигар сохторҳое, ки вазифаҳои онҳо татбиқи масъалаҳои сиёсати ҷавононро дар бар мегирад.
- Парламенти ҷавонон мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Низомномаи фаъолият метавонад:
    - дар баррасии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон дахл доранд, иштирок намояд;

- ташаббусҳои қонунгузорӣ ва тавсияҳои худро барои баррасӣ ба мақоми қонунгузори (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ё мақоми (маъмурияти) маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод намояд;
- аз мақоми қонунгузори (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ё мақоми (маъмурияти) маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар он таъсис ёфтааст, мавод, тавзеҳот ва дигар маълумоти заруриро барои баррасии масъалаҳо дар доираи фаъолияти худ дархост кунад;
- дар кори ҷаласаҳои мақоми қонунгузори (намояндагии) ҳокимияти давлатӣ ё мақоми (маъмурияти) маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар он таъсис ёфтааст ва ҷаласаҳои кумитаҳои (комиссияҳои) дахлдори он, инчунин дар конфронсҳо, семинарҳо ва дигар чорабиниҳое, ки аз ҷониби он баргузор мешаванд, иштирок кунад;
- семинарҳо, мизҳои мудаввар, таҳқиқоти сотсиологӣ ва дигар чорабиниҳоро дар доираи салоҳияти худ ташаббус намояд ва ё дар ин самт ҳамкорӣ кунад;
- бо ташкилотҳо ва муассисаҳои дахлдор оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти худ ҳамкорӣ кунад.

3. Парламенти ҷавонон метавонад ба сифати мақоми машваратии ҷамъиятӣ таъсис дода шавад;


4. Барои парламенти ҷавонон (вакилон он) фаъолияти ихтиёрӣ афзалтар аст (он набояд мустақиман ба мақомоти иҷроияи давлатӣ, созмонҳои ғайритиҷоратӣ ё тиҷоратӣ вобаста бошад);

5. Парламенти ҷавонон ҳамчун мақоми намояндагӣ бояд тартиби (принсипи) интихоби кордонҳои (кадрҳои) роҳбарикунандаро риоя кунад ва шакли ягонаи

муттаҳидсозии аъзоёнро дар ҳама сатҳҳои татбиқи ҳудудӣ дошта бошад;

6. Парламенти ҷавонон бояд сохтори иерархии идоракунӣ дошта бошад, ки зерсохторҳоро бо шакли ягонаи идоракунӣ дар ҳама сатҳҳои имконпазири ҳудудӣ фаро гирад (ниг. ба рақамгузориши поён);

7. Аъзоён (вакилони) парламенти ҷавонон бояд имкони иштирок дар кори кумитаҳо, комиссияҳо ё дигар сохторҳои мақоми намояндагиро (қонунгузориро) дошта бошанд.



8. Албатта, дар шароити рушди муносибатҳои демократӣ ва намояндагӣ усулҳои гуногуни ташкили фаъолияти ниҳоди намояндагии ҷавонон вуҷуд дорад, аммо муносиб ва мувофиқтар аз байни онҳо тартиби зерин арзёбӣ мегардад (барои истифода бо назардошти рақамгузориши боло тавсия дода мешавад):

а) ҳайати вакилони парламенти ҷавонон дар сатҳи миллӣ бояд аз ҳисоби вакилони сатҳи минтақавӣ интихоб карда шаванд;

b) ҳайати вакилони парламенти ҷавонон, дар сатҳи минтақавӣ ва донишгоҳҳо бояд аз ҳисоби вакилони сатҳи маҳаллӣ ва донишҷӯёни фаъол интихоб карда шаванд;

c) ҳайати вакилони парламенти ҷавонон дар сатҳи маҳал (шаҳру ноҳияҳо) ва донишгоҳҳо бояд аз ҳисоби вакилони сатҳи ҷамоатҳо ва донишҷӯёни фаъол интихоб карда шаванд;

d) ҳайати вакилони парламенти ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳо бояд бо тартиби (принсипи) демократии умумиқабулшуда аз ҳисоби ҷавонони фаъоли маҳал ва хонандагони синфҳои болоӣ ва омӯзишгоҳҳои ибтидоии касбӣ интихоб карда шаванд.

9. Дар сатҳи миллӣ масъалаи таҳия ва ташаккули низоми парламентаризми ҷавонон бояд аз ҷиҳати қонунгузорӣ таҳким бахшида шавад, яъне ба санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла низомномаи мақоми намояндагии (қонунгузори) ҳокимияти давлатӣ, ки дорои меъёрҳои таъмини фаъолияти самараноки парламенти ҷавонон дар кишвар мебошанд, иловаҳо ва ислоҳоти мувофиқ ворид карда шаванд.

10. Фароҳам овардани шароити иқтисодӣ барои фаъолияти самараноки парламенти ҷавонон муҳим аст, зеро парламенти ҷавонон иттиҳодияи ҷамъиятии худихтиёри ғайритиҷоратӣ аст ва қобилияту имконияти худмаблағгузорӣ надорад. Илова бар ин, рисолати он ҳалли як ҳадафи хеле муҳими миллиро дар бар мегирад: фаъолнокии сиёсӣ ва ҳуқуқии ҷавонон.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Дар айни ҳол ҳамаи кишварҳои ИДМ-ро аҳамиятнокии парламентаризми ҷавонон муттаҳид кардааст, чаро?
2. Вобаста ба уҳдадорӣ, тартиботи (принсипи) ҳуқуқӣ ва тақозои ҳамкории минтақавӣ имрӯзҳо бояд дар

ҳамаи кишварҳои узви ИДМ парламенти ҷавонон фаъолияти босамар дошта бошад, аммо воқеият дигар аст..., чи гуна аст ва чаро?

3. «Тавсияҳо оид ба танзим ва рушди парламентҳои ҷавонон дар давлатҳои аъзои ИДМ» чи гуна санад аст, кай қабул гардидааст?
4. Фаъолияти парламенти ҷавонон ба муайян кардан, ташкили омӯзиш ва пешрафти сарварони ҷавони умедбахш, ки ба фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ ва маъмурӣ манфиатдоранд, мусоидат мекунад, чи тавр?
5. Парламенти ҷавонон чи вазифаҳо дорад?
6. Барои парламенти ҷавонон (вакилон он) фаъолияти ихтиёрӣ афзалтар аст, чаро?
7. Парламенти ҷавонон бояд сохтори иерархии идоракунӣ дошта бошад, чӣ гуна сохтор?
8. Ҳайати вакилони парламенти ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳо бояд бо тартиби (принсипи) демократии умумиқабулшуда интихоб карда шаванд, чӣ тавр, бо кадом усул?
9. Рисолати парламенти ҷавонон ҳалли як ҳадафи хеле муҳими миллиро дар бар мегирад, кадом ҳадаф?

§ 24. Заминаҳои назариявии рушди сиёсати ҷавонон дар ҳошияи таҳкими ҳамкориҳо байни субъектҳои асосӣ

Заминаҳои назариявӣ ва асосҳои мафҳумии (консептуалии) рушди сиёсати ҷавонон

Аз нигоҳи назариявӣ (ҳамчун натиҷа ё амалия) сиёсати ҷавонон таҳкурсии хоссаи худро аллакай дорад, дар аксари кишварҳо он аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ташаккулёфта ва ҷузъи сиёсати давлат ҳисобида мешавад ва ҳамчун

созукори (механизми) фаъолсозӣ ва рушди ҷавонон эътироф шуда, ҳамчун низоми идоракунии мукаммал амал мекунад. Татбиқи амалии сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи захираҳои (фондҳои) гуногуни молиявии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла тавассути буҷет ва барномаҳои давлатӣ, ҳамчунин лоиҳаҳои муайяни иҷтимоӣ таъмин карда мешавад.

Сиёсати ҷавонон мавзӯи омӯзиш ва таҳқиқоти илму тахассусҳои гуногун, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, фалсафа, ҳуқуқ, равоншиносӣ ва ғайра қарор дорад, зимнан, нашрияҳои гуногуни таҳлилию илмии фарогирии масъалаҳои сиёсии ҷавонон мунтазам интишор мегарданд. Ҳамчунин, дар чанде кишварҳо ниҳодҳои махсуси тадқиқотию илмӣ ва таълимию тарбиявӣ фаъолият доранд ва дар қисми зиёди онҳо кордонҳо (мутахассисон) аз рӯи касб ва тахассусҳои соҳаи сиёсати ҷавонон, бахусус «кор бо ҷавонон» омода карда мешаванд.

Зимнан, дар сатҳи ҷаҳон ҳанӯз дар асри гузашта барои татбиқи сиёсати ҷавонон заминаи ташкилию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шудааст, ки ниҳодҳои банйлмилалӣ бо қабули қарорҳо, фармоишҳо, барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дурамали (стратегии) дахлдор давлатҳоро барои андешидани чораҳо ҷиҳати беҳтар гардонидани вазъи ҷавонон ҷалб ва уҳдадор кардаанд. Барои татбиқи сиёсати ҷавонон бисёр кишварҳо мунтазам ҳамоишҳои гуногуни байналмилалӣ, конфронсҳо, фестивалҳо ва анҷуманҳоро баргузор мекунанд, ки ба рушди сиёсати ҷавонон дар саросари ҷаҳон мусоидат мекунад. Масалан, дар соли 2014 аввалин Форуми умумиҷаҳонии сиёсати ҷавонон баргузор гардид, ки натиҷаҳои он то имрӯз дар саросари ҷаҳон татбиқ мешавад [1].

[1] Эзоҳи консептуалӣ барои аввалин Форуми умумиҷаҳонии сиёсати ҷавонон [Маводи электронӣ] – Боку, 2014. - Тартиби дастрасӣ : http://www.youthpolicy.org/ (забон-англисӣ)

Илова бар ин, дар заминаи татбиқи сиёсати ҷавонон ва муайян кардани нишондиҳандаҳои умумӣ ё ягона барои арзёбии вазъи ҷавонон Маъхази додаҳои махсуси байналмилалӣ дар шакли платформаи интернетӣ ташаббус карда шуд, ки дар он дар бораи вазъи ҷавонон ва сиёсати ҷавонон дар сатҳи кишварҳои ҷаҳон ва нисбат ба ҳар як кишвар (дар алоҳидагӣ) маълумот ҷамъоварӣ карда мешавад. Бояд қайд кард, ки ин платформа Индекси рушди ҷавононро муайян мекунад, ки бар асоси нишондиҳандаҳои сиёсати ҷавонон дар кишварҳо тартиб дода мешавад ва ин беҳтарин дастовард дар самти татбиқи сиёсати ҷавонони дар сатҳи байналмилалӣ ҳисобида мешавад.

Усулҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳар кишвар ҳаргуна аст. Дар баъзе кишварҳо ба сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷӯҳи махсус равона мегардад, он ба сохтори ҳукумат ҳамчун соҳаи афзалиятнок ва воҳид ҷойгир карда шудааст ва аз маблағгузории муназам, таъмин бо кордонҳо (кадрҳо) ва низоми устувори идоракунии давлатӣ бархӯрдор аст. Аммо дар гурӯҳи дигар кишварҳо сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун як самти алоҳида амалӣ гардонида мешавад ва мушкилоти зиёдеро дучор аст, аз ҷумла маблағгузории нокифоя, норасоии кордонҳо (кадрҳо), эътироф нашудан ҳамчун низоми давлатӣ ва ғайра.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки заминаи мафҳумии (консептуалии) сиёсати ҷавонон ва аҳамиятнокии он дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ тақвият дода шавад, соҳаи «кор бо ҷавонон» ҳамчун касб ва ё тахассуси самти сиёсати ҷавонон эътироф карда шавад, марказҳои ватанӣ ва байналмилалии таълимӣ (омӯзишӣ) таъсис дода шаванд ва барномаҳои байналмилалии табодули таҷриба ба роҳ монда шаванд.

Дар ин замина, албатта, баъзе аз заминаҳои назариявии сиёсати ҷавонон дар сатҳи ҳар кишвар

метавонанд хусусиятҳои хоси худро дошта бошанд, ки бо шароити маҳаллӣ, нерӯи шуурнокӣ (менталитет), анъанаҳои миллӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва низоми идоракунии давлатӣ (сиёсӣ) алоқаманданд.

Мисол, дар шароити Тоҷикистон мутобиқи таҳлилҳо баъзе асосҳои назариявие муайян гардидаанд, ки ба рушди сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳошияи демократикунонии ҷомеа алоқаманданд ва метавон онҳоро дар сатҳи ҳар кишвари демократӣ татбиқ намуд.

Муайян карда шуд, ки сиёсати давлатии ҷавонон бо назардошти вазъ ва имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷавонон ва бо хусусияти бисёрҷанбаи худ амалисозии тадбирҳоро бо равишҳои амудӣ, уфуқӣ, бисёрсоҳавӣ, интизомӣ ва бунёдӣ (принсипиали) тақозо мекунад [1, с.25].

Дар ҳақиқат, дар сурати ба роҳбарӣ гирифтани ин муқаррароти мафҳумӣ (консептуалӣ) ва таҳияи роҳҳои ноил шудан ба онҳо метавон тасвири воқеии сиёсати давлатии ҷавонон, аҳамият ва нақши онро дар ҳаёти ҷомеа ва ҷавонон инъикос намуд.

Усули амудӣ ё равиши идоракунии амудӣ бештар дар низомҳои сотсиалистии ҳокимияти сиёсӣ таҷриба мегардад [2, с.86]. Азбаски Тоҷикистон солҳои зиёд қисми чунин низом буд, равишҳои амудии идоракунӣ ҳоло афзалият доранд. Аммо, бо дарназардошти он ки мо дар роҳи демократикунонӣ ва татбиқи унсурҳои либералии ҳокимият қарор дорем, равиши уфуқии идоракунии ҷомеа мутаносибан афзалтар арзёбӣ мегардад.

Аз ин бармеояд, ки барои татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун як қисми сиёсати

---

[1] Миралиён, Қ. А. Баъзе назарияҳои сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / Қ. А. Миралиён // Маркази ҳамкории илмӣ “Интерактив Плюс”: Фановариҳои (технологияҳои) инноватсионӣ дар илм ва маориф. - 2015. - № 3 (3). - С. 24-30 (забон-русӣ)

[2] Гостенина, В. И. Ҷомеашиносии идоракунӣ: Стандарти насли сеюм [Матн] / В. И. Гостенина. – Санкт-Петербург: Питер, 2013. – 368 с. (забон-русӣ)

умумии идоракунӣ бояд равишҳои омехтаи идоракунии истифода гардад, аз ҷумла дар ҳошияи демократикунонии ҷомеа истифодаи усули уфуқӣ - ғайримарказонии муносибатҳо ё маҳаллисозии сиёсати идоракунӣ аҳамиятнок ба ҳисоб меравад (таҳлилҳо дар фаслҳои боло).

Усули дигари татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, ин усули байнисоҳавӣ ё таъсиррасонии байнисоҳавӣ муайян гардидааст, ки масъулият ва ё уҳдадории якчанд соҳаро чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ муштарк (бисёрсоҳавӣ) тақозо менамояд. Аҳамиятнокии амалии (функсионалии) усули байнисоҳавии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон метавонад на танҳо рушди мутаносибан комили ҷавононро таъмин кунад, балки вазифаҳои ҳокимияти давлатиро сабук менамояд, маблағҳои буҷетиро сарфа карда, иҷрои самараноки вазифаҳои соҳаҳои алоқамандро содда гардонида ва аз ҳама муҳим, дастгоҳи ёрирасони инкишофдиҳандаи соҳаҳоро ташаккул медиҳад.

Усули интизомӣ барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маҷмӯи чораҳои рафторӣ (интизомӣ), бонизом, ҳамоҳангшуда, банақшагирифташуда ва мувофиқашударо ифода мекунад, ки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро (субъектҳоро), аз ҷумла худи ҷавононро дар бар мегирад. Ин равишест, ки бисёре аз субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон онро пайгирӣ мекунанд, чун он ба тарбияи интизомии ҷавонон ва таъмини ояндаи устувор мусоидат мекунад.

Василаи муҳим дар самти татбиқи сиёсати ҷавонон ин усули бунёдӣ (принсипиалӣ) мебошад, ки ба тарбияи маънавии насли ҷавон мусоидат менамояд. Дар ростои муқовимат бо зуҳуроти номатлуб дар байни ҷавонон, аз қабили ифротгароӣ (экстремизм), даҳшатафканӣ (терроризм), нажодпарастӣ, ҷиноятқорӣ, танфурӯшӣ,

нашъамандӣ ва ғайра талабот ба усули таъсиррасонии бунёдӣ зиёд аст.

Истифодаи самараноки усулҳои болозикр имкон медиҳад, ки ба тарбия ва таълими ҷавонон аз диди нав таваҷҷуҳ карда шавад ва ҳадафҳои мушаххаси давлатӣ амалӣ карда шаванд. Аҳамиятнокии ин равишҳо дар он аст, ки ҷавонон ҳамчун захираи асосии инсонӣ ҳолати имрӯза ва заминаи ояндаро месозанд (муайян мекунанд), мутаносибан, татбиқи чораҳои бунёдӣ сифат ва манфиатнокиро таъмин намуда, аҳамияти сиёсати давлатии ҷавононро барои ҳукумат ва ҷомеа афзоиш медиҳад.

Дар заминаи демократикунонии ҷомеа ва иҷтимоишавии ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон беҳтар кардани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон – татбиқи маҷмӯи чораҳое мебошад, ки ба таъмини иҷтимоӣ ва фаъолсозии ҷавонон, иштироки ҷамъиятӣ, маърифатнокӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва ғайра нигаронида шудаанд (таҳлилҳо дар боби II).

Вазъи сиёсии ҷавонон аз фаъолнокии сиёсӣ ва иштирок дар маъракаҳои сиёсӣ вобаста аст. Дар даҳсолаи охир мафҳуми (консепсияи) «иштироки ҷавонон», яъне иштирок дар ҳаёти сиёсии ҷомеа дар саросари ҷаҳон эътирофи бештар пайдо кардааст. Аз инҷо бармеояд, ки сарфи назар аз тартиби қатъии низоми идоракунӣ, ҷавоникунонии нерӯи инсонӣ (кадрӣ), зимнан, ҷалби ҷавонон ба ниҳодҳои сиёсӣ ва маъмурӣ, шунидани андешаҳои онҳо ва қабули қарорҳои мувофиқ аҳамиятнок ҳисобида мешавад.

Барои ҳар як халқу миллат фарҳанг, эҷодкорӣ, ихтироот ва адабиёт нуқтаи пайвандсозии байни наслҳо, даврaҳои таърихӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ ва мардумӣ арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, тарбияи фарҳангию эҷодии ҷавонон ва таъмини саҳми (ҷалби) онҳо дар самти ҳифзи

мероси фарҳангӣ мустаҳкамии ин нуқтаи пайвандсозро таъмин мекунад [1, с.270]. Дар шароити ҷомеаи муосир фаъолияти эҷодӣ дар байни ҷавонон мавқеи хеле муҳим дорад, ки ҳамчун ҷузъи огоҳсозанда ва муаррификунандаи фарҳанг ҳисобида мешавад, зимнан, рушди муштараки онҳо ба ҳамин ҳадаф хизмат мекунад.

Вазъи ахлоқии ҷавонон маҷмӯи хусусиятҳои равонӣ ва рафториро дар бар мегирад ва аҳамиятнокии рафтору кирдорҳои ҷавононро нисбат ба муҳити зист муайян мекунад, ки ин, дар навбати худ, аз сатҳи таълиму тарбияи фарди ҷавон аз ҷониби худи муҳити зист вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми пайгирии талаботи (принсипи) демократии идоракунии давлатӣ татбиқи барномаҳои мафкуравӣ (идеологӣ) барои ҷавонон ва ҷомеа набояд маҳдуд карда шавад. Баръакс, онҳо бояд таҳия ва барои дарк ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва муҳаббати ҷавонон ба Ватани худ татбиқ карда шаванд, зеро озодӣ, истиқлолият, эътирофи арзишҳои инсонӣ ва дигар меъёрҳои демократӣ ба манфиатҳои миллӣ ва фарҳангии давлат хос буда, ҷузъи ҳадафҳои мафкуравии (идеологии) он мебошанд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Аз нигоҳи назариявӣ (ҳамчун натиҷа ё амалия) сиёсати ҷавонон таҳкурсии хоссаи худро аллакай дорад, асосҳо кадомҳоянд?
2. Сиёсати ҷавонон мавзӯи омӯзиш ва таҳқиқоти якчанд илму тахассусҳои гуногун мебошад, кадомҳо?
3. Дар чанде кишварҳо ниҳодҳои махсуси тадқиқотию илмӣ ва таълимию тарбиявии самти сиёсати ҷавонон фаъолият доранд, онҳо чӣ рисолат доранд?

[1] Набиев, В. М. Созандагони Тоҷикистони соҳибкорлол [Матн] / В.М. Набиев. - Душанбе: Ирфон, 2013. - 340 с.

4. Аввалин Форуми умумиҷаҳонии сиёсати ҷавонон кай баргузор гардид?
5. Дар самти сиё ҷавонон Маъхази додаҳои махсуси байналмилалӣ дар шакли платформаи интернетӣ фаъолият дорад, он чӣ рисолат дорад?
6. ... соҳаи «кор бо ҷавонон» ҳамчун касб ва ё тахассуси самти сиёсати ҷавонон эътироф карда шавад, чаро?
7. Сиёсати давлатии ҷавонон бо назардошти вазъ ва имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷавонон ва бо хусусияти бисёрҷанбаи худ амалисозии тадбирҳоро бо 4 равиш ё усул пешбинӣ менамояд, кадомҳо?
8. Тафовути байни усулҳои амудӣ ва уфуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар чист?
9. Вазъи сиёсии ҷавонон чист?
10. Сарфи назар аз тартиби қатъии низоми идоракунӣ, ҷавоникунонии нерӯи инсонӣ (кадрӣ) аҳамиятнок ҳисобида мешавад, чаро?
11. Тарбияи фарҳангию эҷодии ҷавонон чи аҳамият дорад?
12. Вазъи ахлоқии ҷавонон чиро дар бар мегирад?

§ 25. Тарҳи (модели) рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон: иштироки ҷавонон; шуғлнокӣ; тандурустӣ, таҳсилоти муносиб ва таъминоти иҷтимоӣ

Тарҳи (модели) рушди муназзами сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳамкории байни ҳокимияти сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ

Сиёсати ҷавонон якчанд даҳсола боз дар саросари ҷаҳон (оғоз аз асри гузашта), аз ҷумла дар Тоҷикистон татбиқ мегардад. Аммо, ҳадафҳо ва вазифаҳои он ҳанӯз ба қуллаи худ нарасидаанд ва ба рисолати воқеии ин сиёсат ҷавобгӯ нестанд. Мушкилоти асосӣ дар инҷо, дар истифодаи усулҳои гуногуни татбиқи сиёсати ҷавонон аст, ки дар навбати худ на ҳамеша ба муваффақият оварда мерасонад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷавонон қариб дар ҳама ҷо бо мушкилоти якхела ва роҳи умумии рушд рӯбарӯ мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки усулҳои татбиқи сиёсати ҷавонон набояд ба таври куллӣ фарқ кунанд, мувофиқан барои ноил шудан ба комёбӣ дар татбиқи сиёсати ҷавонон риояи тартиботи (тактикаҳои) мушаххасе зарур аст, ки ба масъалаҳои ҷавонон, хусусият, талабот ва шароити рушди онҳо хос бошанд.

Аз ин рӯ, ин қисмати мавод ҷиҳати дарёфт ва муайян кардани созукори (механизми) ягонаи дурамал (стратегӣ) оид ба таъмини самаранокӣ ва рушди устувори сиёсати ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа равона мегардад.

Ҳангоми таҳияи тарҳи (модели) мазкур барои инъикоси вазъи беҳтар ва ҳолати кунунии фаъолият дар доираи қонунгузории ташаккулёфта ва заминаҳои назариявӣ ва равишшинохтии (методологии) муайяншуда, мо ба самтҳои афзалиятноки асосӣ ҳамчун

созукори (механизми) дурамали (стратегии) татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон такя менамоем.

Бояд иброз намуд, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд.

Аҳамиятнокӣ, мубрамият, саривақтӣ ва мувофиқ будани самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон (дар маҷмӯъ 10 афзалият) дар таҳлилҳои боло дар ҳошияи иҷтимоишавӣ ва фаъолнокии сиёсии шаҳрвандони ҷавон муайян карда шудаанд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти такмили асосҳои назариявӣ ва фановарӣ (технологӣ) ва таъмини фаъолияти амалии (функсионалии) низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди ҷавонон дар шароити демократикунонии ҷомеа, роҳу усулҳои дурамал (стратегӣ), муосир, дастрас ва самараноки татбиқ намудани ҳар як самти афзалиятнок, бахусус иштироки ҷавонон, дастгирии давлатӣ, нақш ва имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва саҳми бахши хусусӣ (доираи тиҷорат) дар ин самт ба сифати тарҳи (модели) рушди бонизоми сиёсати ҷавонон пешниҳод карда мешавад.

Равишҳои мафҳумии (консептуалии) ҳар як самти афзалиятнок бо назардошти мушкилот, ҳолатҳои муайяншуда ва таҷрибаи омӯхташуда (таҷриба ва технология) дар соҳаи рушди сиёсати ҷавонон, иҷтимоишавӣ, фаъолнокии ҳуқуқӣ ва сиёсии ҷавонон таҳия карда мешаванд.

Самти афзалиятноки I. ИШТИРОКИ ҶАВОНОН


Барои он ки сиёсати ҷавонон самаранок, эътирофшуда ва низомнок бошад, иштироки ҷавонон дар ҳама соҳаҳои ҷомеа ва давлат бояд таъмин карда шавад.

Бахусус вақти он расидааст, ки дар доираи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи сиёсати

давлатии ҷавонон ва меъёрҳои иштироки ҷавонон дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвар афзалият дода шавад.

Иштироки ҷавонон дар соҳаи идоракунии давлатӣ шароитеро фароҳам меорад, ки сохторҳои ҳокимияти давлатӣ мунтазам бо кордонҳои (кадрҳои) ҷавони ҳамаҷониба омӯзонидашуда, омодашуда, ботаҷриба ва босалоҳият таъмин мегардад. Илова бар ин, мутобиқи ин падида ҷойивазкунии доимии кордонҳо (кадрҳо) дар асоси рақобат ва бо сарфаи хароҷот осон мегардад ва бо ин васила самаранокӣ ва навсозии (модернизатсияи) устувори идоракунии сиёсати давлатӣ таъмин мегардад.

Дар ҳамин асно зарур аст, ки созукори (механизми) ҷалб ва иштироки ҷавонон дар муносибатҳои идоракунӣ ва зинаҳои роҳбарии ниҳодҳои давлатӣ, аз ҷумла мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия ва амалӣ карда шавад. Ин созукорро (механизмро) мебояд ҳамчун мактаби омӯзишӣ (бо равиши «аз поён ба боло») ва омодасозии (омӯзонидани онҳо бо малакаҳои идоракунӣ дар муассисаҳои таҳсилотии касбӣ) кордонҳои (кадрҳои) ҷавон бо тимсоли поён роҳандозӣ намуд [дар мисоли Донишгоҳи ҷавонони Чин оид ба илмҳои сиёсӣ].



Тартиби фаъолияти мактаби омодасозии кордонҳои (кадрҳои ҷавон) - созукори (механизми) иштироки ҷавонон дар идоракунӣ

Иштироки ҷавонон дар низоми идоракунии ҳокимияти намояндагӣ (қонунгузор) эътимод ва эҳтиром мардумро ба сиёсати қонқнгузории кишвар афзун мегардонад. Чун аксарияти аҳолӣ ҷавононанд, намояндагони ҷавонон метавонанд бо иштироки фаъоли худ риояи меъёрҳои қонунгузорӣ ва ҳифзи манфиатҳои сиёсии давлатро таъмин намоянд. Дар баробари ин, мутобиқи ин созукор захираи нерӯи муосири инсонӣ (кадрҳо) ва босалоҳият дар самти татбиқи сиёсати қонунгузорӣ ва намояндагӣ метавонад ташаккул дода шавад.

Барои фаъолияти чунинин созукор фароҳам овардани шароит барои шавқмандӣ, ҳавасмандгардонӣ ва фаъолсозии ҷавонон, аз ҷумла муайян кардани бурсия (ҷойи корӣ) барои фаъолияти касбии ҷавонони синни 25-35 сола дар сохторҳои намояндагӣ (Парламент) пешниҳод мегардад.

Албатта, дар ҷойи холӣ амалӣ гардонидани ин созукор (механизм) мумкин нест, зимнан талаботи (принсипҳои) идоракунии демократӣ бар ин пешниҳод мухолифанд, аммо дар шароити имрӯза ва давраи созандагӣ ин ташаббусро мумкин аст, ки дар муҳлати муайян татбиқ намуд. Гузашта аз ин, чи тавре аз таҳлилҳои боло бармеояд, барои татбиқи ин намуди иштироки ҷавонон, созукори (механизми) таҷрибашуда аллакай мавҷуд аст – парламентаризми ҷавонон. Бо ташкили парламентҳои ҷавонон дар асоси ҷамъиятӣ дар назди мақомоти намояндагии (қонунгузории) ҳокимияти давлатӣ метавон иштироки касбии ҷавононро дар низоми идоракунии ҳокимияти намояндагӣ (қонунгузор) дар сатҳи баланд таъмин намуд.

Аз ҳизбҳои сиёсӣ низ, интизор меравад, ки ин созукорро (механизмро) барои тақвияти имконияти иштироки ҷавонон дар мақомоти намояндагӣ ба роҳбарӣ гирифта, бо тартиби муқаррагардида таваҷҷӯҳ ва иштироки ҷавононро дар маъракаҳои интихоботии сиёсӣ ба таври фаъол таъмин намоянд.

Иштироки ҷавонон дар идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро метавон ҳамчун дастгоҳи доимӣ ва фаврии амалисозандаи ҳадафҳо ва вазифаҳо пешбинӣ намуд. Ҷавонон табиатан ихроҷкунандаи қувва ва тавононии зиёде мебошанд, ки ин имкониятро насли калонсол надорад. Истифодаи дурусти ин қувва ва ё захираи меҳнатӣ на танҳо кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро беҳтар мекунад, балки аксарияти

аҳолиро аз рафтори номуносиб эмин нигоҳ медорад ва онҳоро ба иҷрои дастурҳои давлатию ҷамъиятӣ ҳавасманд менамояд.

Дар робита ба ин, зарур аст, ки чаҳорчӯбаи фаъолияти (вазифаҳои) ҷавонон ҳамчун як воҳиди (шуъбаи) махсусгардонидашуда дар мақомоти ҳокимияти иҷроия ва квотаи (ҳиссаи) ҷойҳои корӣ барои кордонҳои (кадрҳои) ҷавон дар ҳар як низоми идоракунии дастгоҳи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда шавад (мисол дар ҳудуди то 30 фоиз). Ин таносуб инчунин метавонад ба ҷойивазкунӣ ва ҷойгиркунии мунтазами кордонҳои (кадрҳои) ҷавон (аз поён ба боло) ва фароҳам овардани муҳити рақобатпазир барои рушд мусоидат намояд, ки ин воситаи хеле муҳим барои рушди нерӯи инсонӣ (кадрӣ) мебошад.

Иштироки ҷавонон дар идоракунии мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ маҳсулнокӣ ва рақобатпазирии вазифаҳои маъмурии ин мақомотро афзоиш медиҳад ва барои беҳтар кардани фаъолияти кормандон ва рушди захираҳои кордонҳои (кадрии) ин низом шароити зарурӣ фароҳам меорад. Ин созукор (механизм) инчунин эътимоди ҷомеаро нисбат ба низоми адлия зиёд мегардонад ва фасодро коҳиш медиҳад, ки хеле нишондиҳандаи муҳим аст.

Ин талабот пешниҳод мекунад, ки ҳиссаи кормандон дар мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла кормандони роҳбарикунанда ба андозаи то 30 фоиз аз ҳисоби мутахассисони ҷавони ботаҷриба муайян карда шавад.

Ҳамчунин зарур аст, ки барои аъзои оилаи кордонҳои (кадрҳои) ҷавон имтиёзҳо дар шакли таъмин кардан бо манзил ва кӯмакпулӣ пешниҳод карда шаванд, то шавқи онҳо ба фаъолияти касбӣ зиёд гардад ва бо ин васила нуфузи сохторро баланд бардоранд. Ин муносибат имкон медиҳад,

ки шароити зарурӣ барои интихоби кордонҳои (кадрҳои) беҳтарин ва фидоӣ фароҳам оварда шавад.

Иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ иқтидор ва имкониятҳоро барои васеъ кардани шабакаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сифати хидматрасонии онҳо ба ҷомеа афзоиш медиҳад, зимнан, нақш, мавқеъ ва аҳамияти онҳо дар ҷомеа баланд мегардад, ки боиси афзоиши иштироки онҳо дар татбиқи ҳадафҳои давлатӣ ва масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ мегардад.

Татбиқи ин созукор муайян кардани чаҳорчӯбаи иштироки ҷавонон дар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро тақозо мекунад. Аз нигоҳи ҳуқуқӣ зарур аст, ки иттиҳодияи ҷавононро ҳамчун ниҳоде муқаррар кунем, ки дар он ҳадди ақал 75 фоиз ҳайати роҳбарикунандаро ҷавонон ташкил диҳанд.

Ҳамчунин зарур аст, ки барномаи омодасозии мутахассисон барои кор дар иттиҳодияҳои ҷавонон, аз ҷумла дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, роҳандозӣ карда шавад ва созукори (механизми) ҷалби кордонҳо (кадрҳо) дар низоми идоракунии давлатӣ то андозае (масалан, ҳадди ақал 5 фоиз) тавассути ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии ҷавонон амалӣ карда шавад.

Иштироки ҷавонон дар рушди бахши хусусӣ имкониятҳои таҳкими иқтисодии давлат, ҷомеа ва худи ҷавононро васеъ мегардонад; бо ин васила иқтидори тиҷоратро тақвият мебахшад, намудҳои нави хизматрасонӣ ва равишҳои муосири хизматрасонии шаҳрвандонро мекушояд. Ҷавонон ба рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ, ки дар ҷомеаи имрӯза саривақтӣ аст, такони нав мебахшанд, зеро хизматрасониҳои он дар саросари кишвар дастрас ва паҳн шудаанд. Ғайр аз ин, созукори мазкур шароити рақобатнокиро фароҳам меорад ва ҳолатҳои инҳисорро (монополияро) дар бахши тиҷорат коҳиш медиҳад,

зимнан, сифат ва арзиши хизматрасониро беҳтар мекунад ва ба рушди устувори муносибатҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, амалисозии низоми сармоягузории шаҳрвандӣ бо истифода аз захираҳои мавҷуда, бахусус муҳофизати меҳнатӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳам барои таъминоти иҷтимоии муҳофизон дар оянда шароит фароҳам меорад ва ҳам имрӯз барои доираи соҳибкорони ҷавон манбаи сармоявиро ташкил медиҳад.

Барои самаранокии ин воситаи муҳим, зарур аст, ки барои соҳибкории ҷавонон, аз ҷумла фаъолияти тиҷории онҳо имтиёзҳо дар шакли озодкунӣ аз андоз, грантҳо, субсидияҳо ва дигар имтиёзҳо муқаррар карда шавад. Барои ташкилотҳое (соҳибкорӣ, кишоварзӣ ва ғайра), ки на кам аз 50 фоизи қувваи кории онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд, имтиёзҳои амволӣ ва молиявӣ ҷорӣ карда шавад. Масалан, бо қарзҳои бефоиз ё камфоиз ба мӯҳлати 5–10 сол ва ё бо дороиҳои зарурии амволи ғайриманқул, ба монанди бино, замин ва ғайра, бояд ба мӯҳлати аз 2 то 5 сол таъмин карда шаванд.

Самти афзалиятноки II. ШУҒЛНОКИИ ҶАВОНОН

Дар баробари дигар василаҳо, иштироки ҷавонон дар шуғлмандии худ ё худшуғлнокиро метавон тавассути фаъолсозии иттиҳодияҳои ҷавонон, ташаббусҳои волонтёрӣ (ихтиёрӣ) ва намояндагии онҳоро дар мақомоти ваколатдори давлатии шуғл ва меҳнат татбиқ кард. Ин усул, тавассути баргузории чорабиниҳои иттилоотӣ дар байни ҷавонон, аз ҷумла бо усули «ҳамсол ба ҳамсол» ба устуворӣ ва афзоиши сатҳи шуғлмандии ҷавонон дар бозори меҳнат мусоидат мекунад, зеро ҳамсолон нисбат ба калонсолон бештар ба якдигар эътимод доранд ва такя мекунанд. Илова бар ин, созукори (механизми) мазкур метавонад сарфаи хароҷотро

(буҷетро) таъмин кунад ва роҳҳои муосири шуғлнокии шаҳрвандони ҷавонро дар ҳошияи истифодаи фановариҳои (технологияҳои) муосири иттилоотӣ муайян ва амалӣ намояд.

Барои ноил шудан ба ин натиҷаҳо фаъолгардонии низоми фармоиши иҷтимоии давлатӣ ва таъсиси кумакҳои пулии бебозгашт (грантҳо) барои иттиҳодияҳои ҷавонон дар самти таъмини шуғлнокии ҷавонон, инчунин татбиқи ҳадафҳои барномаҳои мақсадноки давлатӣ муҳим ҳисобида мешавад.

Ҳамзамон, усулҳои муосири шуғлмандгардонии ҷавонон бояд истифода бурда шаванд, аз ҷумла ҷалби захираҳои меҳнатӣ ва нерӯи зеҳнӣ ба бозори меҳнат ва фаъолгардонии ҷонибҳои манфиатдор барои ба даст овардани ин захираҳо бо шартҳои (тартиби) озоди бозорӣ. Бо ин роҳ арзишмандии нерӯи зеҳнӣ ва ё захираи инсонӣ ҳамчун мутахассиси бозорӣ (дар бозори меҳнат талаботдошта) баланд мегардад, ки яке аз шартҳои таъмини адолати меҳнатӣ ва демократикунонии ҷомеа мебошад.

Ҷавонон бояд роҳи дурусти шуғлмандӣ, интихоби ихтисос ё касби мувофиқро (бо назардошти қобилият ва хоҳишу завқи худ) пеш гиранд, то инки дар оянда барои онҳо дарёфти ҷойи кор душвор нагардад.

Дар баробари ин, ҷавонон бояд ба назар гиранд, ки гаронтарин неъмат дар ҳаёт вақт аст ва онро бояд доим сарфа кард ва оқилона истифода бурд, аз ҷумла барои таҳсил, омӯхтани малака ва касбу ҳунар, тарбияи ҷисмонӣ ва тақвияти маънавӣ ва мебояд аз рафторҳои номатлуб – макорӣ, ҳиллаву найранг, айшу ишрат, дилхушӣ, беҳудгӯӣ, танбалӣ, бекоргардӣ, рӯҳафтодагию дилсардӣ ҳазар кард.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти он ки ҷавонон қисми зиёди қувваи кориро ташкил медиҳанд,

шуғлмандии ҷавонон рушди назарраси иқтисодиётро таъмин намуда, бозори меҳнатро танзим ва вазъи иҷтимоии аҳолиро беҳтар мегардонад. Мувофиқан, саҳми давлат ва ҷомеа дар шуғлмандии ҷавонон, ин сармоя дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҷомеа мебошад. Дар ин замина, аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ бояд чораҳои маҷмӯӣ ҷиҳати мусоидат ба шуғлнокии устувори ҷавонон таҳия ва амалӣ карда шавад.

Таҳия ва татбиқи барномаи рушди мақсаднок оид ба таъмини шуғли ҷавонон бо фарогирии маҷмӯи чораҳое, ки ба баланд бардоштани сатҳи маълумот, тамоюли касбӣ ва омӯзиши малакаҳои меҳнатии ҷавонон нигаронида мешавад, мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Ҳамчунин пешниҳод мегардад, ки муқаррароти қонуние таҳия ва татбиқ карда шавад, ки корфармоёнро барои ҷалби шаҳрвандони ҷавон барои кор ҳавасманд гардонад. Мисол, тавассути додани қарзҳои имтиёзнок ва субсидияҳо барои ташкилотҳое, ки ҳадди ақалл 30 фоизи ҳайтаи кории онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ, оғоз аз оила то ба иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имкон дорад, ки бо роҳи тарбия, омӯзонидан ва огоҳонии ҷавонон оид ба воситаи дурусти интихоби касбу ихтисос ва шуғлмандии онҳо таъсири қаввӣ расонад. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд бидуни монеа ва ҳатто бо шартҳои мутақобилан судманд самаранокии фаъолияти иқтисодиро тавассути ҷалби ҷавонон ҳамчун намояндагони корфармоён, аз ҷумла соҳибкорон, таъмин намоянд. Ин созукор (механизм) инчунин ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имкон медиҳад, ки вазифаҳоеро, ки дар назди ҷомеа ба уҳда доранд, самаранок амалӣ намоянд, дар байни ҷомеа обрӯ гиранд ва иқтидори молиявии худро тақвият диҳанд.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бо мақомоти давлатии шуғл ва

корфармоён, аз ҷумла бахши хусусӣ ҳамкории зич дошта, барои онҳо аз ҳисоби ҷавонон қувваи корӣ омода карда, пешниҳод намоянд. Дар шароити ҷомеаи муосир иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имкониятҳои фаррохи омодасозӣ ва ё омӯзонидани ҷавононро ҳамчун захираи меҳнатӣ бо малка ва маҳорати касбӣ доранд.

Барои таъмини шуғл ва ҷойи корӣ ба ҷавонон, зимнан, ба онҳо омӯзонидани малакаҳои ҳаётӣ ва фароҳам овардани шароит барои интихоби касб ё ихтисос зарур аст, ки бо ҷалби маблағҳои дохилӣ ва хориҷӣ лоиҳаҳои иҷтимоӣ (грантҳо) таҳия ва амалӣ карда шаванд.

Дар шароити рушди иқтисодиёти бозорӣ бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон ҷиҳати афзун гардонидани даромаднокӣ бо истифода аз сармояи инсонӣ, бахусус ҷавонон ва бо ин васила таъмини онҳо бо ҷойҳои корӣ имконияти фаррох доранд. Ҷавонон вобаста ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва инфиродии худ нисбат ба насли калонсол дастрастар мебошанд. Ғайр аз ин, бинобар қобилиятҳои чандири зеҳнии худ, ҷавонон зуд меомӯзанд ва метавонанд ба талаботи муосири тағйирёбанда мутобиқ шаванд. Азбаски ҷавонон ҳамчун манбаъ ва захираи дастрас, тоза, қавӣ ва устувор арзёбӣ мегарданд, сармоягузорӣ ба онҳо таваккали (риски) ночиз дошта, устувории бахши тиҷоратро таъмин мекунад.

Дар ин робита, бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон бояд бо ҷавонон робитаи наздик дошта бошанд ва барои онҳо ҷиҳати шарикӣ шароитҳои муносиб фароҳам оваранд.

Барои ҷалби ҷавонон ба соҳибкорӣ таҳия ва татбиқи се барнома ё лоиҳа тавсия мегардад: 1) ҳавасмандгардонии (шавқмандгардонии) ҷавонон, 2) ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, 3) саҳмгузорӣ дар татбиқи барномаҳои давлатии шуғлнокии ҷавонон.

1) Ҳавасмандгардонии ҷавонон бояд тавассути таҳия ва амалисозии барномаҳои (лоиҳаҳои) омӯзишии ҷавонон ҷиҳати бо шуғл ва касб таъминкунии онҳо бо фарогирии гурӯҳҳои мақсаднок (бекорон) ба роҳ монда шавад. Чунин лоиҳаҳо бо унвони «study tour» (сафари омӯзишӣ) маъруф мебошанд ва дар шароити имрӯзаи бозорӣ муносиб арзёбӣ мегардад. Доираи тиҷорат инчунин бояд бо муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ робитаи наздик ё шарикӣ дошта бошанд, то инки мутахассисони (кадрҳои) мувофиқ ва муносиби тиҷорати худро омӯзонанд, омода созанд ва ба бозори меҳнат бароранд, яъне самаранок истифода намоянд.

2) Ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро мебояд ҳамчун шарти асосӣ зимни фармоиши барномаҳои омӯзишӣ ва ҷалби ҷавонон ҷиҳати такмили дониш, ихтисос ва рушди малакаҳои идоракунӣ гузошт. Яъне, доираи тиҷоратро хоҳ-нохоҳ зарур мегардад, ки кормандони худро омӯзонад ва ё кормандони нави соҳибмалакаро ҷалб намояд, пас онҳоро зарур аст (тавсия мегардад), ки дар ин самт бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҳамкорӣ намоянд.

3) Саҳмгузорӣ дар татбиқи барномаҳои давлатӣ бояд дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дахлдори давлатӣ анҷом дода шавад. Ин тарзи ҳамкорӣ, дар навбати худ, ба гирифтани қарзҳои имтиёзнок ва субсидияҳо барои татбиқи лоиҳаҳои доираи тиҷорат мусоидат мекунад.

Самти афзалиятноки III. ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ҶАВОНОН

Бинобар сабаби мутаносибан серҳаракат будан ва шавқи зиёд ба варзиш доштани ҷавонон фароҳам овардани шароит барои тарзи ҳаёти солими онҳо тақозо мегардад. Зимнан, қисми зиёди гурӯҳҳои осебпазири (носолими) аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд,

мувофиқан, бо назардошти ин вазъ, ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим бештар таваҷҷӯҳ доранд. Ин тамоюл ба он асос меёбад, ки ҷавонон нисбат ба калонсолон якдигарро хубтар мефаҳманд ва ба якдигар то андозае эътимод доранд ва онҳо равишҳо ва робитаҳои хоси худро низ доранд.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки шумораи кормандони субъектҳои соҳаи тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла муассисаҳои дахлдори тандурустӣ ва иншооти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз ҳисоби мутахассисони ҷавон бештар карда шаванд.

Тарҳ ва ё усули омӯзиши «ҳамсол ба ҳамсол», ки дар сатҳи байналмилалӣ эътироф шудааст, бояд дар низоми таълиму тарбияи ҷавонон ҷорӣ карда шавад. Иштироки фаъоли ҷавонон дар татбиқи ин барнома таъмин карда шавад.

Ҷавонон бояд донанд, ки некӯаҳволӣ дар ҳаёт метавонад танҳо тавассути таъмини мувозинати ҷисм ва рӯҳ (маънавиёт) ба даст оварда шавад, мувофиқан, вайроншавии ин мувозинат, яъне нобаробарии ҷисму рӯҳ набзи ҳаёт ва фаъолияти инсонро халалдор ва вайрон мекунад. Аз ин рӯ, хеле муҳим аст, ки тарзи ҳаёти солимро пеш барем ва ба маслиҳати мутафаккири барҷаста ва ҷаҳонии тоҷику форс Умар Хайём пайравӣ намоем:

Ду чиз ки ҳаст мояи доноӣ,
Беҳтар зи ҳама ҳадиси ногӯёӣ.
Аз хӯрдани ҳар чиз ҳаст, нохӯрдан беҳ,
Ва-з муҳаббати ҳар чӣ ҳаст беҳ танҳоӣ.

Ҳукумат барои тарзи ҳаёти солими ҷавонон шароити зарурӣ фароҳам меорад ва имкониятҳои нави зиёдеро барои таъмини тандурустии ҷамъиятӣ ташкил менамояд, аз ҷумла тавассути татбиқи усулҳои сарфакорӣ - баргузории чорабиниҳои омӯзишӣ (пешгирикунанда) бо ҷалби ихтиёриёни ҷавон (волонтёрон) ва афзоиши

ташриф ба муассисаҳои тиббӣ ва варзишӣ роҳандозӣ мешаванд. Дар ин росто ду нишондиҳандаи муҳим ба даст оварда мешавад: 1) коҳиши сатҳи бемориҳо дар байни шаҳрвандон; 2) рушди иқтисодӣ (аз ҳисоби хизматрасонии пулакӣ ва пасандозҳо дар бахши тандурустӣ) ва беҳтар шудани тарзи ҳаёти аҳолӣ.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, таҳия ва татбиқи барномаи мақсадноки давлатӣ оид ба тарзи ҳаёти солими ҷавонон, баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ ва бедорнамоии шавқу рағбати онҳо ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш зарур аст.

Шабакаи иншооти варзишӣ бояд бо дарназардошти намудҳои нави машғулиятҳои варзишӣ, аз ҷумла варзиши миллӣ васеъ карда шавад, то ки ҳама ба хизматраосниҳои самти тартияи ҷисмонӣ ва варзиш дастрасӣ дошта бошанд ва бо ин васила саломатии худро беҳтар гардонанд.

Зарур аст, ки меъёрҳо (стандартҳо), аз ҷумла низоми сертификатсияи иншооти варзишӣ таҳия карда шавад ва бо ин васила метавон ба ташкили хизматрасонии босифати варзишӣ ба ҷавонон мусоидат намуд.

Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро инчунин мебояд барои тарғиби тарзи ҳаёти солим тавассути татбиқи фармоиши иҷтимоии давлатӣ ва грантҳои давлативу байналмилалӣ талош намоянд. Ин маънои аз нав тамаркуз кардани вазифаҳои таблиғотии давлатӣ ва иттилоотӣ ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро дорад. Бояд қайд кард, ки ин усули фаъолият захираҳо ва вақти мақомоти давлатиро (воҳидҳоеро, ки воқеан норасоии онҳо вуҷуд дорад) сарфа мекунад. Ғайр аз ин, ин усул яке аз талаботи низоми идоракунии демократӣ мебошад, ки ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун як ниҳоди ёрирасони ҳокимияти давлатӣ нигаронида шудааст.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ барои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон тавассути барномаҳо ва лоиҳаҳои гуногуни грантии байналмилалӣ, ки барои бахшҳои ғайритиҷоратӣ ва ғайриҳукуматӣ дастрасанд, имкониятҳои фаровон дорад. Бо истифода аз ин имкониятҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд лоиҳаҳо ва барномаҳои муштаракро дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон таҳия ва амалӣ намоянд - равише, ки ҳам ниҳодҳои байналмилалӣ ва ҳам ҳукуматӣ онро истиқбол мекунанд. Ин равиш ба ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон имкон медиҳад, ки маблағгузории бештарро ҷалб кунанд ва барномаҳои бештарро барои ҷавонон амалӣ созанд, иқтидори молиявӣ ва моддии худро тақвият диҳанд ва дар байни ҷавонон, мақомоти давлатӣ ва ҷомеа мавқеи намоён ва эҳтиром пайдо кунанд.

Барои ин, муҳим аст, ки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон бо мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла дар сатҳи маҳал робитаҳои зичи ҳамкорӣ ва танзимшавандаро нигоҳ доранд ва дар таҳия ва татбиқи чорабиниҳо дар самти тарзи ҳаёти солим барои ҷавонон иштирок кунанд.

Ҳамзамон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон бояд на бештар аз се самти фаъолиятро интихоб кунанд, то инки сифати хизматрасонӣ дар як минтақаи муайян таъмин карда шавад. Ташкилотҳое, ки ба тарзи ҳаёти солим тамаркуз мекунанд, тавсия дода мешаванд, ки захираи нерӯи инсонии (кадрии) худро тавассути ҷалби мутахассисони соҳибтахассус таҳким диҳанд. Барои кормандони ташкилотҳои ҷамъиятӣ тавсия дода мешавад, ки реҷаи доимии корро пайгирӣ намоянд, зимнан, мумкин аст, ки ба таври ҳамкор ё ихтиёрӣ фаъолият намоянд.

Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ инчунин бояд роҳи интихобкардаи худро дар самти хизмат ба ҷомеа фаъолтар пеш баранд, аз ҷумла ҷалб ва интихоби кормандони худ ҳанӯз дар солҳои донишҷӯӣ машғул гарданд, бо онҳо омӯзишҳо гузаронанд ва онҳоро ба сифати волонтёр дар амалисозии чорабиниҳои самти тарзи ҳаёти солим ҷалб намоянд.

Дар ин самт зарур аст, ки талошҳо барои таблиғи тарзи ҳаёти солим ва пешгирии бемориҳои махсусан хатарнок дар байни ҷавонон, аз қабили нашъамандӣ, ВНМО/БПНМ ва бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда тақвият бахшида шаванд.

Дар ҷомеаи демократӣ тарзи ҳаёти солим барои бахши хусусӣ имкониятҳои зиёдеро ҷиҳати ба даст овардани даромад ва нуфуз (имиҷ) фароҳам меорад. Солҳои охир шумори бештари одамон аз хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзишии бахши хусусӣ, ки сифат ва дастрасии беҳтар доранд, истифода мебаранд. Таъсиси хадамот ва иншооти нави варзишӣ, аз қабили марказҳои варзишии фарогир, маҳфилҳои баданпарварӣ, майдонҳои теннис, маҳфилҳои футбол, мактабҳои гуштин, маҳфилҳо ва роҳҳои дучархаронӣ, пайроҳаҳо барои давидан, марказҳои барқарорсозии саломатӣ ва ғайра дар ҳамкории зич бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои махсуси ғайритиҷоратӣ метавонад имкониятҳои бештареро барои тақвияти иқтидори молиявии онҳо ва ҳам хизматрасонии иҷтимоӣ фароҳам оварад.

Ин усул ба бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон, имкон медиҳад, ки вақт ва пулро сарфа кунанд. Бо ҳамкории зич бо мақомоти давлатӣ онҳо метавонанд масъалаҳои таъминоти ҳуқуқиро зуд анҷом диҳанд ва эҳтимолан дар баъзе хизматрасониҳои марбут ба истифодаи замин ва биноҳо маблағи зиёд сарфа кунанд. Дар ин росто,

иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имкон доранд, ки кормандони (мураббиён, хизматрасонони) иншооти варзиширо дар сатҳи баланди касбӣ ва рақобатпазир бо назардошти донишҳои равонӣ, ҷисмонӣ, педагогӣ, тозагӣ ва зебошиносии (эстетикии) онҳо, ки ҷузъи хеле муҳим дар пешниҳоди хизматрасонӣ мебошад, омода созанд.

Татбиқи ин созукор (механизм) баланд бардоштани сатҳи дониши намояндагони бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкоронро дар самти тарзи ҳаёти солим, пешниҳоди хизматрасонӣ ва ҷалби ҷавонон тақозо мекунад.

Бахши хусусӣ бояд бо мақомоти давлатӣ ҷиҳати муайян кардани намуди фаъолияти варзишии тиҷоратӣ ва макони баргузории он, аз ҷумла меъёрҳои (стандартҳои) иншооти дахлдор робитаи наздик дошта бошад.

Ҳамчунин, барои ҳар як ниҳод ва соҳибкор зарур аст, ки ба сатҳи нави рушд барояд – ҷалби мардум ва таблиғи хизматрасониҳои худ. Ин амалро бо ду роҳи махсусан фаъол анҷом додан мумкин аст: ҷалби намояндагони ВАО (яъне, пардохти хидматҳои онҳо) ва саҳмгузорӣ дар чорабиниҳои оммавии дорои аҳамияти миллӣ. Ин намуди фаъолият барои таблиғоти ройгон ё камарзиш ва ҷалби истеъмолкунандагон (гурӯҳҳои мақсаднок) шароит фароҳам меорад.

Намояндагони бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон бояд доираи фаъолияти худро аз ҷиҳати сифат ва дастрасии хизматрасонӣ васеъ гардонанд ва бо ин васила ташкилотҳои махсусгардонидашуда, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятиро барои омӯзиш ва омода кардани мутахассисон оид ба усулҳои робита, муошират ва кор бо муштариён ҷалб намоянд.

Самти афзалиятноки IV. ТАҲСИЛОТИ МУНОСИБ БАРОИ ҶАВОНОН

Иштироки ҷавонон дар раванди таълим, аз ҷумла дар таҳия ва татбиқи сиёсати маориф, ҳамчун созукори (механизми) беназир, метавонад сифати таълим ва тахассуси касбии мутахассисони ҷавонро таъмин кунад. Бо назардошти гуногунрангӣ ва мураккабии бозори меҳнат ва иҷтимоикунонии ҷавонон, ҷалби ҷавонон ва ба эътибор гирифтани назару андеша ва пешниҳодҳои онҳо ҳангоми муайян кардани меъёрҳои таълимӣ, аз ҷумла самтҳо ва барномаҳои таълимӣ самаранок хоҳад буд. Ин равиш имкон медиҳад, ки сиёсати маориф чуноне таҳия гардад, ки ба ниёзҳо ва имконоти гурӯҳи мақсаднок мувофиқтар бошад ва бо ин васила шаклҳои нолозим ё бесамари таълимро аз байн барад. Ғайр аз ин, иштироки ҷавонон ҳамчун истеъмолкунанда ё истифодабаранда эътимодро дар интихоби роҳи дуруст таъмин мекунад ва аз ҳама муҳимтар, ҷавононро барои иштироки фаъолона дар амалисозии барномаҳои таҳияшуда талқин мекунад.

Барои татбиқи ин созукор (механизм), намояндагони фаъоли ҷавонон бояд (тавассути озмун) дар таҳияи чаҳорчӯбаи қонунгузории соҳаи маориф, аз ҷумла меъёрҳо (стандартҳо) ва барномаҳои таълимӣ ҷалб карда шаванд. Ин амалро метавон тариқи ҷалби иттиҳодияҳои ҷамъияти ҷавонон ва ВАО ва дархост кардани андеша, пешниҳодҳо ва шарҳҳои онҳо анҷом дод.

Зарур аст, ки дар раёсати (ректорати) ҳама намуди муассисаҳои таҳсилоти касбӣ воҳиди (вазифаи) «кор бо ҷавонон» таъсис дода шавад, то инки ҷалби ҷавонон дар раванди таҳияи барномаҳои таълимӣ ва иштироки фаъоли онҳо дар чорабиниҳои ҷамъиятию таълимӣ таъмин карда шавад. Бар асоси таҳлилҳо ва таҷрибаҳои омӯхташуда масъалаи тарбияи ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бояд аз нав дида баромада шуда, ҳамоҳангсозии он ба воҳиди кор бо ҷавонон вогузор карда шавад.

Васеъ кардани фаъолияти мутаносибан мустақил ва масъулиятҳои вазифавии (функсионалии) воҳидҳои кор бо ҷавонони муассисаҳои таҳсилоти кабсӣ ба мақсад мувофиқ аст, аз ҷумла вогузор кардани назорати нишондодҳои давомот, сатҳи донишандӯзӣ, фаъолнокии ҷамъиятӣ, инчунин ниёзҳо ва дигар талаботи таълимгирандагон (донишҷӯён).

Фарди ҷавон бояд роҳи муносиб ва мувофиқи таҳсилро интихоб кунад, зеро он асоси рушди ояндаи фардии ӯ буда, муваффақияти ӯро дар ҷои кор ва ҳаёти оилавӣ муайян мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми интихоби касбу ихтисос фарди ҷавонро зарур аст, ки тавсияҳои волидон ва дигар наздиконро ба назар гирад; аммо бояд эҳсос кунад, ки ояндаи худ дар дасти худи ӯ аст, қарори интихоб бояд мустақилона ва бошуурона қабул гардад ва ба қобилият, хоҳиш, азм, ирода ва имконияти воқеии ӯ, ҳамчунин талаботи бозори меҳнат мухолифат накунад.



Раванди иштироки ҷавонон дар таҳсил ва рушди шахсӣ

Дар шароити ҷомеаи имрӯза талабот ба сатҳи маълумоти касбии шахс ҳар рӯз зиёд мегардад, мувофиқан, барои ноил шудан ба муваффақият дар таҳсилот, шахси ҷавон бояд донишҳои муосирро ба даст орад, вале на ҳамаи онҳо дар низоми кунуни таҳсилот дастрасанд. Айни замон зарур аст, ки барои таҳсилоти босифат ва муносиби ҷавонон шароити арзанда фароҳам оварда шавад, зеро ҷавонони босавод - ҷомеаи босавод ва давлати устуворро дар ояндаи наздик ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, ташаккул ва дастгирии низоми тариқавӣ (алтернативӣ) ва иловагии таҳсилот, ба монанди даврaҳои хурди омӯзишӣ, курсҳои кӯтоҳмуддат, таҳсилоти фосилавӣ, таҳсилоти беруна ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст. Чунин низом, илова бар низоми анъанавӣ метавонад ба беҳтар шудани сатҳи таҳсилоти ҷавонон мусоидат кунад, муҳити рақобатпазирро фароҳам оварад ва дар натиҷа, сифати таълими ҷавононро таъмин намояд, имконоти давлатро васеъ кунад ва дастрасии ҷавононро ба барномаҳои таълимии муосир фароҳам оварад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки заминаи қонунгузории низоми тариқавии (алтернативии) таҳсилоти иловагӣ ташаккул ва тақвият дода шавад ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ барои таҳия, коркард ва амалисозии хадамоти иловагӣ ва фосилавии таълим ҳавасманд гардонида шаванд.

Ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти фарогир ва фосилавӣ кафолат медиҳад, ки ҷавонони гурӯҳҳои осебдида, аз ҷумла маъюбон ба таҳсилоти муносиб (ҳатмӣ) фаро гирифта шаванд ва мақоми иҷтимоии беҳтарро соҳиб гарданд.

Барои ҳавасмандгардонии доираи тиҷорат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати таъсиси (сохтмони) муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун ва муосир зарур аст, ки уҳдадориҳои андозии низоми маориф сабук карда шавад. Зеро,

таъсиси муассисаҳои нави таълимӣ ҷойҳои нави корӣ ва андозсупорандагони навро ба вуҷуд меорад, ки дар ниҳоят дастгирии низоми андоз ба ҳисоб меравад. Яъне, дар инҷо созукори оддии бадастории даромад ба назар мерасад; бо гузоштани сармоя (озод кардан ё сабукӣ додан аз андоз) ба миқдори кам даромади зиёд (ҷойи корӣ, андоз) ба даст меояд.

Ҳамчунин зарур аст, ки низоми таҳсилоти ғайрирасмӣ дар кишвар ташаккул дода шуда, созукори (механизми) эътирофи сатҳи татбиқи онҳоро дар раванди таълим муайян кунем, зеро ин навъи таҳсилоти иловагӣ ба омӯзонидани малакаҳои ҳаётӣ ва маҳорати амалӣ ба ҷавонон мусоидат мекунад, ки на ҳамеша дар низоми маориф вуҷуд дошта метавонад. Яъне, ҳар нафар ба ҳар шакл метавонад ба омӯзиш ва такмили касб, ихтисос ва малка машғул гардад, ҳатто ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ кунад; муҳим он аст, ки дониш ҳар навъе бошад, албатта, ба нафъи фард ва ҷомеа, мо онро қабул дошта бошем... Зимнан, барасмиятдарории онро метавон тариқи низоми эътирофи салоҳият (валидатсия), яъне бо имтиҳон кардани сатҳи дониш ва касби мавҷудаи шахс амалӣ намуд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ниҳоди калидии демократия масъули огоҳонидани мардум дар бораи аҳамиятнокии омӯзишу донишу таҳсил барои инсон аст. Дар баробари ин, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд баробар бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таъмини ҷавонон бо хидматрасониҳои пулакӣ ва ройгон, асосӣ ва иловагии таълимӣ иштирок кунанд. Ин созукор (механизм) иқтидори амалии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро, бахусус иттиҳодияҳои ҷамъиятиро тақвият мебахшад.

Бо ин мақсад, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд лоиҳаҳоеро пиёда намоянд, то ба мардум, аз ҷумла калон-

солон дар бораи аҳамият ва нақши маориф, аз ҷумла низомҳо, дараҷаҳо, шароит, усулҳо ва роҳҳои бо маълумот ё таҳсилот фаро гирифтани фарзандон ва худи онҳо, иттилоот расонида шавад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон бояд бо муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳамкорӣ кунанд ва ба онҳо барои таблиғи барномаҳои таълимии худ дар байни ҷавонон кумак расонанд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон бояд дар доираи вазифаҳои оинномавии худ муассисаҳои таълимӣ, марказҳои омӯзишию машваратӣ ва омодасозии довталабон таъсис диҳанд ва донишҳои зарурӣ ва малакаҳои ҳаётиро ба ҷавонон омӯзонанд ва ё ба ин самт роҳнамоӣ кунанд.

Нақши доираи тиҷорат, бахусус корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки ба истеҳсолот нигаронида шудаанд, дар рушди имконоти таҳсилоти ҷавонон ва тайёр кардани кордонҳои (кадрҳои) тахассуснок баланд аст. Дар шароити бозори меҳнат дар аксари кишварҳо доираи тиҷорат даҳсолаҳо боз ба сатҳи нави рушди соҳибкорӣ – тавассути омодасозии кордонҳои (кадрҳои) баландихтисос гузаштааст. Ин маънои онро дорад, ки доираи тиҷорат дигар интизори шумораи зиёди кормандони эҳтимолан номувофиқ (номуносиб) намеистад. Ин талаботи худро пешакӣ (3-4 сол пеш) муайян карда, бо бахши маориф (муассисаҳои таҳсилоти касбӣ) мустақиман робита ва ҳамкорӣ ба роҳ монда, кордонҳои (кадрҳои) тахассуснокро (яъне, кордонҳои ба талаботи онҳо мувофиқро) фармоиш медиҳанд. Ин созукор (механизм) аз ҷониби ҳам кордиҳандагон (доираи тиҷорат) ва ҳам хизматрасонон (муассисаҳои таълимӣ) дастгирии васеъ пайдо кардааст ва барои кишварҳои рушдёбанда, ба монанди Тоҷикистон хеле аҳамиятнок ва саривақтӣ мебошад.

Масъалаи дигар, кушодани муассисаҳои таҳсилоти касбии махсусгардонидашуда аз ҷониби доираи тиҷорат

аст. Ин иқдом барои рақобати солим шароит фароҳам меорад, то инки донишҷӯёни қобилиятнок бештар ҷалб карда шаванд ва бо ин васила сифат ва сатҳи таълим беҳтар гардад. Ин созукор (муассисаҳои таҳсилоти махсусгардонидашуда) сарфи назар аз таҷрибаи кам доштанашон муассисаҳои таҳсилоти анъанавиро як тараф мегузоранд, чун аз ҷиҳати рушди шабакавӣ ва қобилияти рақобатпазирии бозорӣ онҳо пешсафанд. Илова бар ин, ин созукор имконияти давлатро барои маблағгузории рушди дигар соҳаҳои маориф, ки ҷомеаи муосир талаб мекунад, васеъ месозад.

Барои татбиқи ин созукор (механизм), тақвияти заминаи қонунгузорӣ ва муайян кардани меъёрҳо барои муносибатҳои байни доираи тиҷорат ва муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки сифати ҳамкории мутақобиларо кафолат медиҳанд, зарур аст.

Дар айни замон, намояндагони доираи тиҷорат бояд барномаи сиёсати нерӯи инсонии (кадрии) худро муайян ё таҳия кунанд ва талаботи худро ба кордонҳои (кадрҳои) тахассуснок пешбинӣ намоянд. Зимнан, бо муассисаҳои таҳсилоти касбии алоқаманд (соҳавӣ) ҷиҳатаи омодасозии (фармоиши) ба кордонҳои (кадрҳои) тахассусснок робита ва ҳамкорӣ ба роҳ монанд. Ҳамзамон, кордиҳандагон дар давоми таҳсили ба кордонҳои (кадрҳои) ояндаи худ бо онҳо робита барқарор кунанд ва сифати таҳсилоти онҳро назорат намоянд.

Ҳамчунин, доираи тиҷорат бояд муассисаҳои таҳсилоти касбии худро таъсис диҳанд. Ин имкон медиҳад, ки дар баробари таҳсил шароити таҷрибаомӯзии ба кордонҳои (кадрҳои) ояндаи худро фароҳам оваранд. Ҳамзамон, аз созукорҳои (механимзҳои) дигари омодасозии кордонҳо (кадрҳо), ба монанди барномаи фосилавии омодасозӣ (акселераторӣ) истифода бурдан, тавсия мегардад.

Боиси зикр аст, ки дар қиёс ба ҷаҳони муосири тиҷорат ва таҳсилот ҷомеаи мо то андозае қафо монда-аст... Созукорҳои (механизмҳои) болозикр шумори чанде аз пешравиҳои ҷомеаи муосир мебошад.

Самти афзалиятноки V. ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН

Дар шароити имрӯза бар асоси имкониятҳои буҷетӣ хизматрасониҳои давлатӣ на ба ҳама талаботи иҷтимоии ҷомеа дастрасӣ дорад, зимнан, ҷорӣ намудани хидматҳои тариқавии (алтернативии) дастгирии иҷтимоӣ, ба монанди кумаки ихтиёриёни ҷавон саривақтӣ ба шумор меравад. Нақши ҷавонон дар ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ, ҳамдардӣ ва хайрхоҳии онҳо дар ин самт вобаста ба қобилият ва имкониятҳои онҳо арзишманд ҳисобида мешавад. Илова бар ин, иштироки ҷавонон дар таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ, аз ҷумла барномаҳои рушди иҷтимоии давлатӣ метавонад муттасилии дастгирии иҷтимоиро таъмин кунад.

Барои татбиқи ин созукор (механизм) зарур аст, ки фаъолияти ихтиёрӣ (волонтёрӣ), бахусус ихтиёриёни ҷавон дар ҷумҳурӣ ба низом дароварда ва инкишоф дода шавад. Ба назар мерасад, ки таҳияи намудҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ, ки барои ниёзмандон дастрасанд ва ҳамзамон ташаккули захираи инсонии низоми хизматрасонии иҷтимоӣ саривақтӣ мебошад.

Ҷавонони бекор бояд ихтисос ё касберо ба даст оранд, ки ба қобилияти фардӣ ва талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ бошад ва имконияти расмии шуғлмандиро пайдо кунанд. Ғайр аз ин, ҷавонони боистеъдод бояд фаъолияти соҳибкории худ ё муштаракро ташкил намоянд ва ҳамсолони худро ба кор ҷалб кунанд, махсусан имрӯзҳо, ки бозори муосири меҳнат кулли шароитҳо ва имкониятҳоро фароҳам овардааст.

Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ аст ва ба ин ҷанбаи ҳаёти ҷамъиятӣ аҳамияти хоса медиҳад. Аз ин лиҳоз, иҷтимоишавии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон метавонад ба рушди устувори кишвар ва дар ин замина, ба беҳтар шудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, ҳокимияти давлатӣ бояд рӯи татбиқи равишҳои нав ва чандир ҷиҳати рушди иҷтимоӣ, ки ба илм ва фановарии (технологияи) иттилоотӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ асос ёфтаанд, кор барад.

Яке аз созукорҳои (механизмҳои) муосир, чӣ тавре дар боло зикр шуда буд, ин иштироки корфармоён дар ҷараёни таҳсил, ҳамзамон фармоши мутахассисон мутобиқи барномаи «омӯзиши амалӣ (study tour)» мебошад. Ҳамчунин, таъсиси пойгоҳҳои додаҳои фосилавӣ (онлайнӣ) оид ба захираи мутахассисоне, ки хидматҳои худ, ҷойҳои кории холӣ ва ғайраро пешниҳод мекунанд, муҳим аст ва бо ин васила сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон коҳиш меёбад.

Бо пайвастан ба самти интихобшуда ва озмӯдашудаи кишварҳои пешрафта ва татбиқи равишҳои демократӣ дар рушди ҳокимияти давлатӣ, зарур аст, ки вазифаҳои муҳими иҷтимоии давлатиро байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ тақсим намуд, созукори (механизми) татбиқи фармоишҳои иҷтимоии давлатиро тавассути иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тақвият дод ва онҳоро пеш аз ҳама барои иҷтимоикунонии ҷавонон равона кард.

Дастгирӣ ва рушди таҳсилоти фарогир ва кумаки иҷтимоии мақсаднок барои ҷавонони ниёзманд, аз ҷумла ҷавонони маъюб, низ заруранд.

Ташкили боғҳои (марказҳои) иҷтимоӣ ва фурӯшгоҳҳои маҳсулоте, ки барои ҷавонони маъюб шуғлмандӣ ва мустақилияти иқтисодии онҳоро таъмин мекунанд, саривақтӣ ҳисобида мешавад. Ин созукор

(механизм) ба дастгирии маънавӣ ва рушди зеҳнии ҷавонони маъюб, истифодаи қобилият ва истеъдодҳо, омӯзиши малакаҳои муҳими ҳаётӣ ва беҳтар кардани имкониятҳои иқтисодии онҳо мусоидат менамояд.

Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ниҳоди фаъоли демократӣ дар рушди иҷтимоии ҷавонон хеле назаррас бояд бошад. Дар ҷомеаи демократӣ аксари вазифаҳои рушди иҷтимоӣ ба зиммаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ вогузор мешаванд. Зимнан, нақши фаъол ва иштироки онҳо дар ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ нуфуз ва таъсири онҳоро зиёд мегардонад. Барои иҷрои вазифаҳои худ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд мустақилона хазинаҳои (фондҳои) гуногуни иҷтимоиро, ҳам давлатӣ ва ҳам байналмилалӣ, ки ҳоло дар даврaи ҷаҳонишавӣ шумораи онҳо зиёд аст, ҷалб намоянд. Ғайр аз ин, бо назардошти иқтисоди бозорӣ ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ имкониятҳои худро барои худмаблағгузорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва тақвияти иқтидори ташкилию амалӣ васеъ карда метавонанд.

Ин имкониятҳои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар заминаи фаъолияти густурдаи онҳо, аз ҷумла робитаи мустақим ва наздик бо ҷомеа, намояндагони маҳал ва гурӯҳҳои ҷавонон, татбиқ мешавад.

Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ бояд тавассути ҷалби хазинаҳои (фондҳои) байналмилалӣ ва саҳмҳои бахши хусусӣ нерӯи инсонӣ ва фании (техникии) худро афзоиш диҳанд. Муайян кардани самти касбии фаъолият ва хидматрасонии онҳо махсусан муҳим аст.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон бояд бо мақоматоти давлатӣ робитаи зич дошта бошанд ва дар татбиқи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ мувофиқи барномаҳо ва дурамалҳои (стратегияҳои) давлатӣ иштирок намоянд.

Ин самт мустақиман бо фаъолияти хайриявию эҳсонкории бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон

алоқаманд аст. Барои соҳибкорон саҳмгузорӣ дар рушди иҷтимоии давлат на танҳо як амали хайриявӣ, балки баланд бардоштани обрӯ ва эътимоди муштариён ва ҳокимият, инчунин таблиғи хизматрасониҳо ва имкониятҳои худ мебошад, ки ин амалҳо ба дарёфти манбаи иловагии даромад боис мегардад. Ин созукор инчунин асоси накукорӣ баҳри ободсозии охиратро ифода мекунад, чунонки дар Қуръони Карим оварда шудааст, ки «*ҳар як донае, ки дар роҳи Худо сарф мешавад, ба ҳафт хӯша табдил меёбад, ки ҳар кадоме 100 дона медиҳад*» [1, с.44]. Яъне, кумак ва хайру эҳсоне, ки 100 сомонӣ арзиш дорад, ба хайркунанда дар ҳаҷми 10 ҳазор сомонӣ мегардад. Ғайр аз ин, некӯаҳволии иҷтимоии ҷомеа, бахусус рушди иҷтимоии ҷавонон маънои зиёд шудани шумори муштариёни тиҷоратро дорад, яъне ба ҳар сурат доираи тиҷорат аз эҳсонкорӣ фоида мегирад.

Амалиёбии ин низом воқеан имконпазир аст, ба шарте ки бахши хусусӣ иқтидори идоракунӣ ва захираҳои инсонии худро беҳтар созад ва барномаҳои хайриявию эҳсонкории мувофиқро бо қалби ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия кунад. Ин маънои онро дорад, ки соҳибкорон бояд барномаи хайриявию эҳсонкории худро дошта бошанд, ки бо ҳамкории зич бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ амалӣ гардонида шавад.

Илова бар ин, соҳибкорони ҷавон барои такмили дониши ҳуқуқии худ ташвиқ карда мешаванд, зеро қонунгузорӣ барои фаъолиятҳои хайриявию эҳсонкорӣ имтиёзҳои зиёдеро фароҳам овардааст.

[1] Қуръони Карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн] – Душанбе: Ифрон, 2007. – 616 с.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Сиёсати ҷавонон якчанд даҳсола боз дар саросари ҷаҳон татбиқ мегардад, аммо, ҳадафҳо ва вазифаҳои он ҳанӯз ба қуллаи худ нарасидаанд ва ба рисолати воқеии ин сиёсат ҷавобгӯ нестанд, чаро?
2. Муайян кардани созукори (механизми) ягонаи дурамал (стратегӣ) оид ба таъмини самаранокӣ ва рушди устувори сиёсати ҷавонон бо кадом сабаб/омил пеш омад?
3. Равишҳои мафҳумии (консептуалии) ҳар як самти афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон бо назардошти кадом ҳолатҳо таҳия карда шудаанд?
4. Иштироки ҷавонон дар ҳама соҳаҳои ҷомеа ва давлат бояд таъмин карда шавад, чаро?
5. Иштироки ҷавонон дар низоми идоракунии ҳокимияти намояндагӣ (қонунгузор) чӣ аҳамият дорад?
6. Иштироки ҷавонон дар идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
7. Иштироки ҷавонон дар идоракунии мақомоти судӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
8. Иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
9. Иштироки ҷавонон дар рушди бахши хусусӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
10. Иштироки ҷавонон дар шуғлмандии худ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
11. Гаронтарин неъмат дар ҳаёт вақт аст ва онро бояд доим сарфа кард ва оқилона истифода бурд, чигуна?

12. Саҳми давлат ва ҷомеа дар шуғлмандии ҷавонон, ин сармоя дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҷомеа мебошад, чаро?
13. Ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон дорад, ки ба интихоби касбу ихтисос ва шуғлмандии ҷавонон таъсири қавӣ расонад, чигуна?
14. Сармоягузорӣ ба ҷавонон таваккали (риски) ночиз дошта, устувории бахши тиҷоратро таъмин мекунад, чӣ тавр ё чаро?
15. Фароҳам овардани шароит барои тарзи ҳаёти солими онҳо тақозо мегардад, чаро?
16. Бо истифода аз ин имкониятҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд лоиҳаҳо ва барномаҳои муштаракро дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон таҳия ва амалӣ намоянд, кадом имкониятҳо?
17. Иштироки ҷавонон дар раванди таълим чӣ аҳамият дорад?
18. Зарур аст, ки дар раёсати (ректорати) ҳама намуди муассисаҳои таҳсилоти касбӣ воҳиди (вазифаи) «кор бо ҷавонон» таъсис дода шавад, чаро?
19. Фарди ҷавон бояд роҳи муносиб ва мувофиқи таҳсилро интихоб кунад, чӣ тавр?
20. Низоми эътирофи салоҳият (валидатсия) чист?
21. Дар шароити бозори меҳнат дар аксари кишварҳо доираи тиҷорат даҳсолаҳо боз ба сатҳи нави рушди соҳибкорӣ – тавассути омодасозии кордонҳои (кадрҳои) баландихтисос гузаштааст, кадом сатҳи нав он чӣ гуна аст?
22. Иштироки ҷавонон дар таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ чӣ аҳамият дорад?

23. Иҷтимоишавии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон чӣ аҳамият дорад?
24. Ба ҳар сурат доираи тиҷорат аз эҳсонкорӣ фоида мегирад, чӣ тавр?

§ 26. Тарҳи (модели) рушди сиёсати ҷавонон дар Тоҷикистон: ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон; мустақилияти иқтисодӣ; ватандӯстӣ; ахлоқи шоиста ва усулҳои рушди сиёсати давлатии ҷавонон

Дар зербоби қаблӣ 5 самти афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун дурамал баррасӣ карда шуда буданд, инак 5 самти дигари он пешниҳод мегарданд.

Самти афзалиятноки VI. ТАЪМИНИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА МАНФИАТҲОИ ҶАВОНОН

Меъёрҳои асосии таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон дар санадҳои қонунгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон инъикос ёфтаанд, аз ҷумла дар қонунуҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Дар бораи ҳуқуқи кӯдак», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак», «Дар бораи маориф» ва бисёр дигар санадҳо. Ҳадафи ин санадҳо фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои рушди ҳаматарафаи ҷавонон, таҳсили онҳо, тарбияи ахлоқӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, мутобиқшавӣ ба ҷомеаи муосир, шуғлнокӣ, тарзи ҳаёти солим ва ғайра мебошад.

Дар ҳамаи ин соҳаҳо комёбии комилро дар он сурат ба даст овардан мумкин мегардад, агар ҷавонон бевосита дар раванди татбиқи ин соҳаҳо ҷалб карда шаванд, зеро

роҳи муносиби таъсиррасонӣ ба рушди нерӯи зеҳнӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқии ҷавонон аз худи ҷавонон вобастагӣ дорад.

Ҷавонон инчунин бояд дар раванди таҳия ва татбиқи қонунгузорӣ ва барномаҳои дахлдори давлатӣ, ки барои дастгирии ҳуқуқии онҳо равона шудаанд, иштирок кунанд.

Ҳамчунин зарур аст, ки таъсис ва рушди иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва пешбурди манфиатҳои ҷавонон дастгирӣ карда шавад. Аз ҷумла, дастгирии шабакаи иттиҳодияҳои донишҷӯён (дар мисоли Парламенти ҷавонон) ва хонандагон ва васеъ кардани имкониятҳо ва салоҳиятҳои онҳо дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон ба мақсад мувофиқ аст, зеро шумори онҳо хеле зиёд аст, зимнан, низоми дурусти фаъолиятҳоро ташкил намудан имконпазир аст.

Шаҳрвандони ҷавонро мебояд аз хурдӣ ҷанбаҳои ҳуқуқии давраи ҳаётро, бахусус ҳуқуқҳои худро дар давраи наврасӣ ва калонсолӣ омӯзанд, то аз мушкилот канорагирӣ кунанд ва ҳуқуқҳои худро дар ҳама ҳолат ҳифз карда тавонанд. Дониши ҳуқуқӣ роҳи боэътимоди қабули қарорҳои оқилона ва рушди шахсият, инчунин роҳи некӯаҳволии инсон аст.

Маърифати ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон кафолати амнияти ҳуқуқии кулли аҳолии кишвар мебошад ва дар давраи гузариш нишондиҳандаи махсусан муҳим ба ҳисоб меравад, ки ба рушди ҳамаи соҳаҳои давлат мусоидат мекунад. Аз ин лиҳоз, муҳим аст, ки меъёрҳои қонунгузорӣ созукори (механизми) татбиқи устувор ва таъсиррасонии дақиқ ва мақсаднок дошта бошанд. Тарбияи ҳуқуқии наврасон ва ҷавонон дар ҳошияи татбиқи тарҳи (модели) адлияи ноболиғон дар кишвар инчунин созукори (механизми) муносибати одилона ва дӯстона бо насли ҷавон – ояндаи ҷомеаро тақозо мекунад.

Ниҳодҳои давлатиро мебояд вобаста ба ҳар як санади қонунгузорӣ созукори (механизми) муносиби татбиқро дар шакли консепсия, стратегия ва барномаҳои мақсаднок таҳия ва амалӣ намоянд.

Ҳангоми таҳияи низоми адлияи ноболиғон шабакаи судяҳои ноболиғон бояд васеъ карда шавад ва марказҳои боздошти муваққатӣ (тарбия ва барқарорсозӣ) барои наврасоне, ки бо қонун дар низоъ қарор доранд, таъсис дода шавад. Мувофиқан, судяҳое, ки бо наврасон кор мекунанд, бояд дар асоси хусусиятҳои равонӣ ва барномаҳои тарбиявии онҳо аз нав омӯзонида шаванд.

Имкониятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус оила ва дини ислом дар тарбияи ҳуқуқии ҷавонон хеле муҳиманд. Зеро таълиму тарбияи дурусти кӯдакон амрест, ки Худованд муқаррар кардааст. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд як қатор лоиҳаҳоеро таҳия ва амалӣ намоянд, ки ба татбиқи равишҳои муосири дастгирии ҳуқуқӣ ва равонии кӯдакон – адлияи ноболиғон нигаронида шуда бошанд. Ғайр аз ин, хазинаҳои (фондҳои) дастгирии ҳуқуқӣ, ки дар шакли гуногун фаъолият доранд, ҳамчун манбаи муносиби майлаггузории лоиҳаҳо барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар ин самт, оилаҳо ва иттиҳодияҳои динӣ бояд ҷавононро ҳанӯз аз синни хурдсолӣ дар ҷоддаи таъмини ҳифзи ҳуқуқ, адолат ва манфиатҳои оилавию ҷамъиятӣ тарбия намоянд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ инчунин бояд лоиҳаҳои бештари омӯзиширо таҳия ва амалӣ намоянд, аз ҷумла дар самти татбиқи тарҳи (модели) адлияи ноболиғон дар ҷумҳурӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши кормандони суд ва ҳифзи ҳуқуқ, волидон ва ҷавонон ва бо ин васила маблағгузории беруна (байналмилалӣ) ва дохилиро ҷалб намоянд.

Дар ҷомеаи демократӣ доираи тиҷорат барои рушди худ имкониятҳои бештар дорад, ки тавассути пешниҳоди хидматҳои зарурӣ ба шаҳрвандон ба он ноил мегардад, аз қабили хизматрасонии ҳуқуқӣ оид ба ҳимоя, тафтишот, таъмини бехатарӣ ва ғайра. Зимнан, сармоягузорӣ ва ё саҳмгузорӣ дар таъсис ва рушди марказҳои дастгирии ҳуқуқии барқарорсозӣ ва равонӣ метавонад ба густариши хидматҳои нав (манбаъҳои нави соҳибкорӣ) мусоидат кунад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо соҳибкоронро мебояд ба рушди захираи инсонӣ ва фанӣ (техникӣ) дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мусоидат намуда, шабакаи хадамоти нав ва муосири ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла адлияи ноболиғонро таъсис диҳанд.

Илова бар ин, соҳибкорон, бахусус ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳои онҳо бояд лоиҳаҳои дурнамоеро таҳия кунанд, ки ба муайян кардани хизматрасониҳои нав, аз ҷумла дар самти хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, равонӣ ва барқарорсозӣ мусоидат намоянд.

Самти афзалиятноки VII. МУСТАҚИЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ҶАВОНОН

Дар шароити ташаккули муносибатҳои бозорӣ иштироки ҷавонон дар таъмини мустақилияти иқтисодии худ тариқи саҳмгузорӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати иқтисодӣ ва барномаҳои иқтисодии самти сиёсати давлатии ҷавонон дида мешавад.

Дар ин замина, ҷавонон бояд дар ташаккули иқтидори иқтисодии худ фаъолона иштирок намоянд ва ба ин масъала ҳамчун ҷузъи асосии ҳаёти худ таввҷуҳ дошта, самти рушди иқтисодии худро ҳанӯз аз синни наврасӣ муайян созанд, мувофиқан дар интихоби тахассус (самти таҳсил), касб ва шуғл фаъол бошанд.

Ҷомеаи муосир иштироки мустақими ҷавононро дар таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои мустақили иқтисодӣ, бахусус дар самти соҳибкорӣ ва истифодаи самараноки шабакаи интернет тақозо мекунад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки иштироки доимии намояндагони ҷавонон дар раванди таҳия ва татбиқи қонунгузорӣ, стратегияҳо ва барномаҳои мақсадноки рушди иқтисодии ҷомеа таъмин карда шавад.


Дар шароити дигаргуниҳои демократии ҷомеа ва муносибатҳои бозорӣ, ҷавонон қабл аз интихоби касб, аввал бояд нақшаи мустақилияти иқтисодиро худро тарҳрезӣ намоянд, сипас касбу ихтисоси мувофиқро интихоб карда, барои ноил шудан ба ҳадафҳои нақшавӣ чораҳо андешанд. Бояд қайд кард, ки ҳама гуна меҳнати инсонӣ, новобаста аз намуди он, хусусияти иқтисодӣ дорад. Аз ин рӯ, фарди ҷавон мисли меҳмонест, ки дар остонаи хонаи зиндагӣ истодааст, ин хона якчанд дари даромад (роҳ) дорад, ӯ бояд дари (роҳи) дурустро интихоб намояд, ки он муносиб, мувофиқ ва дастрас бошад.

Ҷавононе, ки майли соҳибкорӣ доранд, бояд ҳам дар якҷоягӣ ва ҳам дар алоҳидагӣ талош варзанд, то инки маҳорат ва малакаҳои соҳибкории худро инкишоф дода, хадамоти муосири тиҷоратӣ таъсис диҳанд, ки ба талаботи шаҳрвандон ва ғояҳои тиҷоратӣ муфид ва ҷавобгӯ бошад.

Мустақилияти иқтисодии ҷавонон ин кафолати вазъи иқтисодии устувор ва беҳбудии ҷомеа ва давлат аст, ки аз сатҳи маълумотнокӣ ва ё маърифати иқтисодӣ, шароити интихоби захираву имкониятҳои иқтисодӣ ва мавҷудияти асосҳои ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии ҷавонон, бахусус соҳибкории онҳо маншаъ мегирад. Ин нишондиҳандаҳо хеле муҳиманд ва албатта, ба дастгирӣ ва ҳамоҳангсозии густурдаи давлат ниёз доранд, зеро онҳо хусусияти байнисоҳавӣ доранд.

Барои татбиқи ин механизмҳо зарур аст:

- *таҳия ва амалӣ гардонидани стратегияи давлатӣ оид ба ташаккул ва рушди мавқеи иқтисодии ҷавонон зери унвони «Иқтисод аз мактаб то бозор», ки маҷмӯи чораҳоро оид ба фаъолсозии ҷавонон, аз ҷумла тарбия ва таълими онҳо дар рӯҳияи маданияти иқтисодӣ ва роҳҳои ноил шудан ба онро дар бар гирад;*
- *таҳия ва амалӣ намудани барномаи мақсадноки давлатӣ оид ба рушди соҳибкории ҷавонон бо фарогирии ҷанбаҳои таълимии сиёсати соҳибкорӣ ва чораҳои ҳавасмандгардонӣ барои мусоидат ба рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон;*
- *амалисозии чораҳои ҳавасмандгардонии маҳаллӣ, аз ҷумла дар самти дастгирии ҳуқуқӣ ва молиявӣ барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.*



Раванди рушди иқтисодии (соҳибкории) ҷавонон

Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули мустақилияти иқтисодии ҷавонон пеш аз ҳама дар раванди тарбия, иттилоотнокӣ ва таълимӣ инъикос

меёбад. Аз аёми кӯдакӣ то наврасӣ оила бояд дар тарбияи иқтисодии ҷавонон иштирок кунад. Баъдтар, ба инкишофи шахсият ва мустақилияти бештари шахси ҷавон аҳли ҷомеа, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд саҳмгузорӣ намоянд.

Мустақилияти иқтисодии ҷавонон, дар навбати худ, барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатҳои зиёде хоҳад овард, аз ҷумла ҳамчун манбаи дастгирии молиявии лоиҳаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар оянда ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки фарди ҷавон (дар оила) ҳанӯз аз синни хурдӣ донишҳои заминавиро дар бораи ҷанбаҳои иқтисодии ҳаёти инсон ба даст орад, яъне волидон бояд фарзандони худро вобаста ба мафкура ва маданияти иқтисодӣ тарбия намоянд.

Оилаҳо, бахусус волидон, бояд мероси фарҳанги ҳунармандиро эҳё ва ҳифз кунанд ва бо ин васила ба ҷавонон малакаҳои ҳунармандиро омӯзонанд, то аз ҷиҳати иқтисодӣ ва маънавӣ худкифо бошанд.

Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд лоиҳаҳои гуногунро барои тарбияи иқтисодии ҷавонон ва мутобиқсозии онҳо ба талаботи бозори меҳнат таҳия ва амалӣ намоянд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятиро инчунин мебояд барои намояндагони мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ дар заминаи мустақилияти иқтисодии ҷавонон омӯзишҳои даврӣ (мунтазам) ташкил ва амалӣ намоянд.

Доираи тиҷорат аз сиёсати мустақилияти иқтисодии ҷавонон нафъи калон мебинад, ин созукор ба бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки шабакаҳои хидматрасонии худро васеъ кунад, имкониятҳои молиявӣ ва дигар имкониятҳои худро тақвият диҳад, дар ҷомеа обрӯй ва нуфуз пайдо кунад, доираи гурӯҳҳои мақсаднок ва

истеъмолкунандагони худро васеъ кунад ва ба лоиҳаҳои бештари давлатӣ дастёб гардад.

Айни замон, барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон бояд бо ҷавонон, ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ робита ва ҳамкории зич дошта бошанд, то ин ки барои рушди дарозмуддат заминаи муносиб фароҳам оварда тавонанд. Аз ҷумла, бо роҳи сармоягузорӣ дар барномаҳои давлатӣ ва лоиҳаҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба тарбияи ҷавонон дар самти мустақилияти иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Ин созукорро метавон «Дурнамои рушди хусусӣ» номид, ки мутаносибан ба ҳамкории мутақобила ва дастгирии мунтазам ниёз дорад.

Барои самаранокии ин созукор, зарур аст, ки:

- *татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, ки ба фаъолияти иқтисодии ҷавонон, аз ҷумла рушди соҳибкорӣ дар байни онҳо нигаронида шудаанд, дастгирӣ (саҳмгузорӣ) карда шаванд;*
- *лоиҳаҳои ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба тарбия ва омӯзиши ҷавонон дар самти рушди иқтисодӣ ва мустақилияти ҷавонон нигаронида шудаанд, дастгирӣ карда шаванд;*
- *лоиҳаҳои муосир ва муштараки тиҷоратии ҷавонон бо ҷалби олимон ва соҳибкорони ҷавон, ки ба фаъолсозӣ ва бедор кардани шавқи ҷавонон ба соҳибкорӣ мусоидат таҳия ва татбиқ карда шаванд;*
- *лоиҳаҳои омӯзишии мунтазами тиҷоратӣ ва дарсҳо (мастер-классҳо) барои бозомӯзӣ ва такмили малакаҳои соҳибкорӣ дар байни ҷавонон ва соҳибкорони ҷавон бо ҷалби соҳибкорони муваффақ ва олимони соҳаи иқтисодиёт таҳия ва амалӣ гардонида шаванд.*

Самти афзалиятноки VIII. ВАТАНДӮСТИИ ҶАВОНОН (МАСЪУЛИЯТИ ШАҲРВАНДӢ)

Нақши ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дифоъи Ватан хеле баланд аст, зеро онҳо қисми зиёди аҳолии кишварро ташкил медиҳанд ва захираи асосӣ ва фаъоли инсонӣ мебошанд.

Дар шароити тағйирёбиҳои демократӣ яке аз усулҳои муосири тарбияи шаҳрвандии ҷавонон ин ҷалби худи ҷавонон дар татбиқи чораҳои тарбиявӣ мебошад. Иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати рушди шаҳрвандӣ, идоракунии давлатӣ, бахшҳои маънавиёти (идеологии) ҷомеа ва андешидани чораҳои гуногуни – зеҳнии иттилоотӣ, тарбиявӣ ва таълимию фарҳангӣ ба пайдоиши равишҳои нав дар самти тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии ҷавонон мусоидат мекунад.

Барои ноил шудан ба ин равишҳо ҷавонон бояд дар таҳия ва татбиқи қонунгузорӣ, стратегияҳои давлатӣ ва чорчӯбаҳои равишшинохтии (методологии) тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии ҷавонон иштирок кунанд. Ин созукорро (механизмро) метавон тавассути ҳамкорӣ бо – мақомоти ваколатдори давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон амалӣ намуд.

Зарур аст, ки ҷавонон ба низоми идоракунии масъалаҳои тарбияи мафкуравии (идеологии) ҷавонон бевосита ҷалб карда шаванд ва бо ин васила сиёсати ҷавонисозии нерӯи инсонӣ (кадрҳо) дар соҳаи тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандии ҷавонон амалӣ карда шавад.

Субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон бояд равишҳои нави низомнокро барои самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон, аз қабили усули «ҳамсол ба ҳамсол», хизматрасониҳои дӯстона ба ҷавонон, ихтиёрӣ (волонтёрӣ), муошират ва робитаҳои фосилавӣ ва ғайра татбиқ намоянд.

Фарди ҷавон бояд донад, ки ӯ метавонад ба ҳама неъматҳо, манфиатҳо ва арзишҳои ҳаётие, ки ӯ ҳақ дорад танҳо дар Ватани худ, ки дар онҷо таваллуд шуда, ба воя

расидааст ва масъулияти шаҳрвандӣ бар дӯш дорад, ноил гардад. Аз ин рӯ, онҳо бояд Ватани худро эҳтиром кунанд, онро аз нерӯҳо ва таҳдиди душман ҳифз ва дифоъ кунанд ва ҳама уҳдадориҳои шаҳрвандии худро иҷро намоянд.

Барои давлат ҷавонони ватандӯст ва бо ҳиссиёти баланди масъулияти шаҳрвандӣ – захираи устувори мудофиавӣ аз таҳдидҳои дохиливу беруна буда, манфиатҳо ва марзҳоро муҳофизат мекунанд ва ба таъмин будани амнияти кишвар кафил мебошанд; онҳо инчунин ҷомеаи солим, комилҳуқуқ ва пояи устувори рушди ояндаро таъмин мекунанд.

Аз ин рӯ, ҳокимияти сиёсӣ бояд ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳошияи тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва шаҳрвандии ҷавонон, аз ҷумла татбиқи чораҳои маҷмӯии муосир ва бо ин васила пешбурди рукнҳои ғоявӣ (идеологӣ) ва бедорсозии шавқу завқ дар самти эҳсоси ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии ҷавонони кишвар чораҳо андешад.

Самаранокии ин созукрорро (механизмро) бо роҳҳои зерин ба даст овардан мумкин аст:

- *таҳия ва татбиқи консепсияи миллии тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва шаҳрвандии ҷавонон, аз ҷумла барномаи ғайримарказонии амал;*
- *ҷалб ва дастгирии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, тавассути татбиқи фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ дар соҳаи тарбияи шаҳрвандии ҷавонон;*
- *андешидани чораҳо барои ҳавасмандгардонии ҷавонон тавассути фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди малакаҳои касбӣ ва ҳаётӣ ҳангоми хизмати ҳарбӣ, кӯмак ҷиҳати тамоюли касбӣ ва шуғл, имтиёзҳо пас аз адои хизмати ҳарбӣ ва ғайра;*

- *таҳияи созукори (механизми) тарбияи ғоявӣ (идеологӣ) ва ватандӯстии ҷавонон тавассути татбиқи барномаҳои дахлдори тарбиявӣ дар бахшҳои тарбияи ҷисмонӣ ва дифоъ, амалисозии чорабиниҳои таълимӣ ва фароғатӣ, лоиҳаҳои адабӣ ва эҷодӣ ва ғайра.*



Зинабандии раванди тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандии ҷавонон

Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус оила дар тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстии ҷавонон хеле муҳим буда, имкониятҳои нисбатан васеъ дорад. Зимнан, ҷавононе, ки масъулияти баланди шаҳрвандӣ доранд, ҷомеаи шаҳрвандии рушдёфтаро ташкил медиҳанд ва ин нишондиҳанда дар раванди демократикунонии кишвар хеле аҳамиятнок мебошад.

Тарбияи шаҳрвандии ҷавонон ҳанӯз аз синни хурдсолӣ бояд дар оила ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шавад, чун оила нисбат ба дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба тарбияи фард чӣ аз ҷиҳати равонӣ (маънавӣ) ва чӣ аз лиҳози моддӣ таъсири бештар дорад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ низ метавонанд ба таҳкими нерӯи зеҳни, равонӣ ва тарбияи шаҳрвандии ҷавонон ва дар ниҳоди онҳо ҷой додани эҳсоси ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва сулҳдӯстӣ нақш дошта бошанд. Муттаҳид кардани имкониятҳои оила, созмонҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои динӣ созукори (механизми) ягонаи тарбияи фарогири ҷавононро ташкил медиҳад, ки саривақтӣ мебошад.

Дар робита ба ин, зарур дониста мешавад, ки талошу имкониятҳои оила ва иттиҳодияҳои ҷамъиятию диннӣ вобаста ба тарбияи шаҳрвандии ҷавонон муттаҳид ва ҳамоҳанг карда шаванд ва дар ин самт бо ҷалби хазинаҳои дахлдори дохилию хориҷӣ, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалӣ лоиҳаҳои муштарак амалӣ карда шаванд.

Оила бояд ҷиддияти вазъиятро дарк намояд, чун шахси бетарбия ва бадахлоқ на танҳо ба ҷомеа, балки ба худи оила ва наздикон низ зарари ҷиддӣ мерасонад. Аз ин рӯ, оила, бахусус навхонадорони ҷавон бояд ба тарбия ва таълими шоиста, қонунӣ ва масъулиятноки кӯдакон (ҷавонон) дар рӯҳияи шуури шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ диққат диҳанд. Зимнан, афзоиши сатҳи таваллуд, яъне шумори зиёди фарзанд дар шароити имрӯза то андозае монеи тарбия ва таълими комили фарзанд – ҷавонон ва ояндаи ҷомеа арзёбӣ мегардад; танҳо танзим ва банақшагирии таваллуд (оила) роҳи ҳалли ин мушкилот мебошад.

Бо назардошти эътимод ва эътиқоди шаҳрвандон ба арзишҳои динӣ, ходимон ва иттиҳодияҳои диниро мебояд барномаҳои махсусгардонидашудаи тарбиявии ҷавононро таҳия ва амалӣ намоянд, ин тадбир барои дур кардани ҷа-

вонон аз рафтору кирдори номатлубу ношоиста, рӯй овардан ба донишу илм ва эҳтиром ба калонсолону ҷомеа мусосидат менамояд.

Намояндагони ВАО, аз ҷумла расонаҳои иттилоотию иҷтимоии интернетӣ бояд мунтазам дар байни ҷавонон лоиҳаҳо ва барномаҳои тарбиявӣ интишор намоянд ва бо ин васила онҳоро барои қабули қарорҳои дуруст ва шоистаи ҳаётӣ, орӣ аз майлу рағбатҳои манфӣ талқин созанд.

Барои таъмини рақобатпазирӣ ва фоидаоварии тиҷорат ба бахши хусусӣ, аз ҷумла доираи соҳибкорон муҳити бехатар ва фазои орому осуда лозим аст, зимнан, ин шароитро танҳо дар ҷамъияте метавон фароҳам овард, ки аъзои он аз лиҳози масъулияти шаҳрвандӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ бархурдор бошанд. Ба ибораи дигар, хидматҳои бахши хусусӣ дар ҷомеаи ҳуқуқӣ бо эҳсоси баланди масъулияти шаҳрвандӣ ва муҳаббат ба Ватани худ зарур ва самаранок хоҳанд буд.

Барои ноил шудан ба фазои орому осуда доираи тиҷорат бояд дар татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои давлатии мақсадноки самти тарбияи шаҳрвандӣ, инсондӯстӣ ва ватандӯстии ҷавонон фаъолона иштирок ва саҳмгузорӣ намояд.

Илова бар ин, ҳамкории наздики бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла дар раванди татбиқи лоиҳаҳое, ки ба таълиму тарбияи шаҳрвандӣ ва ҷавонон нигаронида шудаанд, инчунин огоҳӣ ва роҳнамоии волидон дар тарбияи дурусти фарзандон ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳамчунин зарур аст, ки дар самти тарбияи ватандӯстӣ дар байни ҷавонон ва соҳибкорони ҷавон лоиҳаҳои тиҷоратии омехта (ҳамгиро) амалӣ карда шаванд, ки ин тадбир метавонад ба таҳкими асосҳои ғоявӣ (идеологӣ) ва инсондӯстонаи бунёди ҷомеаи демократӣ мусоидат намояд.

Самти афзалиятноки IX. АХЛОҚИ ШОИСТА ВА ФАРҲАНГИ ҶАВОНОН

Табиати фарди ҷавон бисёр сеҳрнок аст, қисми муайяни ҷавонон аз рукнҳои ахлоқӣ дида, бештар ба рафтор ва кирдорҳои зидиахлоқӣ таваҷҷӯҳ доранд. Зимнан, маҳз ҳамин таваҷҷӯҳпазирии номатлуб ҷавононро барои амалисозии ғояи мушаххас ва ягона (ҳамчун муқовимат) водор месозад, ки онро дар навбати худ, метавон ба сифати василаи муқовимат бо рафтор ва кирдори ғайриахлоқии ҷавонон истифода бурд. Яъне, иштироки ҷавонон дар ташаккули асосҳои ахлоқӣ, рафторӣ ва фарҳангӣ дар байни ҳамсолони худ равиши муносибест дар самти тарбияи ахлоқии онҳо.

Дар ин росто, ҷалби ҷавонон дар ҷараёни қабули қарорҳо, иштирок дар таҳия ва татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои мақсадноки самти тарбияи ахлоқӣ ва фарҳангӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Муҳим аст, ки шароити ҷавонигардии нерӯи инсонӣ (кадрҳо) дар сохторҳои фарҳанг ва тарбия фароҳам оварда шавад. Ин тадбир ба афзоиши маҳсулнокии ин сохторҳо ва дастрасии онҳо ба ҷавонон боис мегардад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки ҷавонон имкон пайдо мекунанд, ки таҷрибаҳои худро таҳмил диҳанд ва аз муваффақияту нокомиҳои якдигар сабақ омӯзанд. Ҳамин тариқ, ба воситаи якчанд нафар ҷавони тарбиятдида ва омӯзонидашуда метавон ҳазорҳо нафарро бо барномаҳои тарбиявию омӯзишии талқинсозандаи ахлоқ ва рафтори шоиста фаро гирифт.

Барои баргузории чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ва маънавию ахлоқӣ дар байни ҷавонон имкониятҳо бояд васеъ карда шаванд, то инки ҷавонон худ, ба таври мустақилона машғули баргузории чунин чорабиниҳо бошанд; ин имконият медиҳад, ки фарди ҷавон рисолати

масъулиятнокиро эҳсос кунад ва ба тағйир додани рафтори ҳамсолон талош варзад.

Ҷавонон бояд дар ҳифз ва интиқоли тамаддун, арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии миллӣ – аз насл ба насл – фаъол бошанд, зеро онҳо пояи давлат, миллат ва халқ мебошанд. Ҷавонон ҳамеша аз тарбияи миллӣ ва фарҳанги тарбияи оилавии хеш бояд пуштибонӣ намоянд ва бо ахлоқи ҳамида, рафтори шоиста ва таҳаммулпазири худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фарқкунанда ва намуна бошанд, зеро яке аз пешрафти миллии мо дар арсаи ҷаҳонӣ, ки аксар онро эътироф кардааст, ин фарҳанги тарбиявӣ ва арзишҳои оилавӣ ва маданияти рафторӣ мо мебошад.

Ҷавонон ворисони тамаддун, фарҳанг ва таърихи миллӣ мебошанд, аз ин рӯ, рушди ояндаи маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа аз онҳо вобаста аст. Бо татбиқи сиёсати фарҳангии ҷавонон ҳокимият захираи боэътимодеро пайдо мекунад, ки ба ҳифз ва интиқоли арзишҳо ва мероси фарҳангию таърихӣ қодир ҳастанд.

Илова бар ин, рафтори шоиста ва меъёрҳои баланди ахлоқӣ дар байни ҷавонон кафили сулҳ ва рушди устувори ҷомеа арзёбӣ мегардад, ки таъмини он барои давлат хеле арзишманд аст.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф тақвияти низоми чорабиниҳои тарбиявӣ ва воситаҳои иттилоотию маънавӣ дар муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва фарҳангӣ зарур мегардад.

Ҷалби ВАО дар татбиқи барномаҳои гуногуни тарбиявӣ ва фарҳангӣ, таҳияи наворҳо ва намоишномаҳои бадеӣ матлуб аст. Дар ин замина, татбиқи хизматрасониҳои муосир бо истифода аз шабакаи интернет ва алоқаи мобилӣ муносиб аст, зеро ин хизматрасониҳо дар байни ҷавонон нисбат ба хизматрасониҳои анъанавӣ талабот ва дастрасии бештар доранд.

Рушди сайёҳии дохилӣ, ки бар пояи ҷолибияти он сурат мегирад, сатҳи дониши фарҳангӣ ва таърихии ҷавононро баланд мебардорад, рафтори онҳоро тағйир медиҳад ва эҳсоси муҳаббати онҳоро ба арзишҳои миллӣ тақвият мебахшад.

Дастгирӣ ва баргузории мунтазами озмунҳо ва фестивалҳои фарҳангӣ, маърифатӣ ва фароғатии натиҷабор дар байни ҷавонон фаъолнокии насли ҷавонро дар самти рушди фарҳанг ва арзишҳои миллӣ таъмин хоҳад кард.

Дар шароити дигаргуниҳои демократӣ ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус оила барои тарбияи ҷавонон, ахлоқ ва фарҳанги онҳо масъулияти хосса дорад. Ҳамчунин, бо назардошти маданияти миллӣ, анъанавӣ ва эътимоди динии шаҳрвандон, нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои динӣ дар тарбияи ахолқӣ ва рафтории ҷавонон назаррас аст.

Муҳим аст, ки оила дар доираи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдакон» дар тарбияи рафторӣ, ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон нақши фаъол дошта бошад. Дар робита ба ин, волидон инчунин бояд кӯдакони хурдсолро аз дастрасии озод ба сомонаҳое, ки дорои мундариҷаи ношоиста мебошанд, муҳофизат намоянд.

Аз нигоҳи рафтор ва арзишҳои оиладорӣ, аъзоёни оила бояд дарсҳои аз ҳаёт омӯхташударо ба ҷавонон, аз ҷумла марбут ба ташаккули оила ва камолоти ҷинсӣ (репродуктивӣ) омӯзонанд, то инки ба оқибатҳои номатлуб ва нохуш дучор нашаванд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бояд лоиҳаҳои маҳаллӣ ва муштаракро ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва маърифати ҷавонон оид ба малакаҳои рафторӣ ва ахлоқӣ дар ҷомеа амалӣ гардонанд.

Ходимони динӣ бояд бо насли калонсол ва ҷавонон мунтазам чорабиниҳои тарбиявии иттилоотӣ ва ахлоқии маърифатиро ташкил намоянд, ба онҳо муносибатҳои дурусти инсонӣ ва қоидаҳои рафторро дар ҷамъият фаҳмонанд, дар ниҳоди ҷавонон эҳтиромро нисбат ба калонсолон ва пиронсолон ҷой диҳанд, муносибати калонсолонро нисбат ба ҷавонон дар самти тарбияи ахлоқӣ, фарҳанги рафтор, одоб ва ғайра тақозо намоянд.

Муваффақияти ҳар як фард дар баробари қобилияти касбӣ аз хусусиятҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, муносибатҳои рафторӣ ва кирдори хосса нисбат ба дигар одамон, гурӯҳҳои мақсаднок, муштариён ва ё истеъмолкунандагон вобаста аст.

Бахши хусусӣ табиатан ба пешниҳоди хизматрасонӣ ва муайян кардани (таҳлилу омӯзиш ва дарёфти) манбаъҳои нави даромад ва фоида машғул аст. Бо вуҷуди ин, ҷанбаҳои назариявӣ, ахлоқӣ ва мадании фаъолият, ки асоси муносибатҳои тиҷоратиро ташкил медиҳад ва ба муҳити истеъмолкунандагон таъсир мерасонанд, бештар ба назар гирифта намешаванд. Зимнан, дар ҳоле ки доираи тиҷорат ба хизматрасониҳои амалӣ тамаркуз мекунад, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва баъзе мақомоти давлатӣ вобаста ба ҷанбаҳои назариявӣ ва равишшинохтии (методологии) хизматрасониҳо барномаҳои рушди мақсаднокро таҳия ва амалӣ месозанд. Ҳамин тариқ, омезиши (муттаҳидии) онҳо ба ҳарду ҷониб фоида меорад.

Аз ин рӯ, барои фаъолияти ин созукор (механизм), доираи тиҷорат бояд:

- *дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба тарбияи рафторӣ, ахлоқӣ ва рушди фарҳангии ҷавонон иштирок кунад ва саҳм гузорад;*

- *барои омӯзиши кормандон оид ба усулҳои хизматрасонӣ, рукнҳои ахлоқӣ ва маданият ва муносибатҳои байнишахсӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти дахлдори давлатӣ ҳамкории зич намояд;*

- *барои ташкили сайёҳии дохилӣ, ки ҷиҳати тарбияи маънавӣ ва ватандӯстию худогоҳии кордонҳои ҷавон муфид мебошад, лоиҳаҳои махсус роҳандозӣ намояд;*

- *чорабиниҳои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро дар самти тарбияи рафторӣ, ахлоқӣ ва рушди фарҳангии ҷавонон дастгирӣ (сарпарастӣ) намояд.*

Самти афзалиятноки Х. ҶАНБАҲОИ НИҲОДСОЗӢ ВА ИЛМИЮ АМАЛИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

Аз нигоҳи мантиқӣ танҳо ҷавонон бояд дар сохтори идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок кунанд ва ё масъул бошанд. Аммо, дар асл, ин низом барои таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон коркард шудааст, ки дар навбати худ, танҳо мутахассис, яъне шахси соҳибтахассус ва ботаҷриба метавонад масъулияти идоракуниро уҳдабаро шавад. Ин маънои онро дорад, ки корманд бояд дар соҳаи худ (сиёсати ҷавонон) ихтисосманд ё касбӣ бошад, малакаҳои идоракунӣ ва қобилияти роҳбарӣ дошта, таҷрибаи кор бо ҷавононро дошта бошад, зимнан, ин талабот (меъёр) дар чаҳор нишондодҳои зерин ба таври воқеӣ тамъин карда мешавад:

1) Ихтисосманд - касбӣ будан. Ихтисос ва ё касбро метавон танҳо пас аз хатми муассисаи таҳсилоти олии касбӣ соҳиб гардид. Аммо, барои таҳсили тахассуси соҳаи сиёсати ҷавонон ё кор бо ҷавонон ба шахс 4-6 сол лозим аст. Албатта, дар ин муддат шахси ҷавон ба камол мерасад, ба синни 24-солагӣ;

2) Таҷрибаи амалӣ доштан. Албатта ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти касбӣ, ҳамзамон мумкин аст, ки

ба сифати волонтёр ва ё таҷрибаомӯз соҳиби таҷриба гардид, аммо на дар сатҳи маъмурият. Яъне, дар сурати таҷрибаи волонтёрӣ доштан дар соҳаи кор бо ҷавонон метавон танҳо дар зинаи мутахассис фаъолияти меҳнатиро оғоз намуд;

3) Таҷрибаи касбӣ доштан. Шахс танҳо пас аз соҳиб гардидан ба дараҷаи муайяни касбӣ метавонад ба фаъолияти касбӣ машғул шавад. Зимнан, дар шароити Тоҷикистон, ки мутахассиси самти кор бо ҷавонон омода карда намешавад, корманди ояндаи ин соҳаро зарур мегардад, ки дар низоми таҳсилоти иловагӣ, дониш ва малакаҳои заруриро аз худ кунад, тахмин дар муҳлати 1-2 сол. Дар ин муддат шахси ҷавон ба синни 26-солагӣ мерасад;

4) Таҷрибаи роҳбарӣ доштан. Тибқи тартиби муқарраршуда якчанд зинаи фаъолияти касбӣ мавҷуд аст, ки шахс бо гузаштани онҳо ба зинаи роҳбарӣ мерасад, аз ҷумла мутахассис (2 сол), сармутахассис (2-3 сол), мудир (4-5 сол), сардор. Яъне, барои то ба зинаи роҳбарӣ расидан ба шахс (корманд) лозим мегардад, ки 8-10 сол таҷрибаи касбӣ ва фаъолияти натиҷанок дошта бошад. Ҳамин тариқ, шахси ҷавон ба синни 36 солагӣ мерасад, зимнан, 6 соли ҷавонӣ сипарӣ мегардад.

Аз инҷо бармеояд, ки мантиқ ва ё фаҳмиши он ки «танҳо ҷавонон бояд дар сохтори идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон фаъолият кунанд ё масъул бошанд» нодуруст аст. Дар ҳаминҷо низ тахассуси касбии шахс дар соҳаи кор бо ҷавонон ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад: ниҳоди (ташкилоти) ҷавонон ва ниҳоди (ташкилоти) кор бо ҷавонон.

1) Ниҳоди (ташкилоти) ҷавонон – ташкилотест, ки дар он аксариятро, на кам аз 50 фоизи ҳайтаро бояд ҷавонони то 30 сола ташкил намояд. Ингуна ташкилот метавонад: иттиҳодияи ҷамъиятии

ҷавонон, маркази ҷавонон, маҳфили волонтёрони ҷавон ва ғайра бошад. Яъне, ниҳоде, ки ба татбиқии ҷанбаҳои ҷамъиятию ташкилӣ ва амалии сиёсати давлатии ҷавонон машғул мегардад.

2) Ниҳоди (ташкилоти) кор бо ҷавонон ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад, 1) ташкилоти мустақими кор бо ҷавонон ва 2) ташкилоти ғайримустақими кор бо ҷавонон

2.1.) Ниҳоди (ташкилоти) мустақими кор бо ҷавонон – ташкилотест, ки самти асосии фаъолияташ ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон нигаронида шуда, дар зинаҳои поёнии ҳайати идоракунӣ то 50 фоиз ҷавонони то 30 сола фаъолият менамоянд ва дар зинаи роҳбарӣ бошад, маҳдудияти синнусолӣ вуҷуд надорад. Мисол: *мақомоти ваколтадори давлатии кор бо ҷавонон, бахши кор бо ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ.* Яъне, ниҳоде, ки ба татбиқии ҷанбаҳои сиёсию дастурӣ, такшилию ҳуқуқӣ ва идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон машғул мегардад.

2.2.) Ниҳоди (ташкилоти) ғайримустақими кор бо ҷавонон – ташкилотест, ки як ё чанде аз самтҳои фаъолияташ ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон нигаронида шуда, ба амалисозии ҷанбаҳои алоқаманди (маҳдуди) соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон машғул ва масъул аст.

Ҳамин тариқ, бо назардошти мушкилоти муайяншуда ва муқаррароти дар боло зикршуда, бо мақсади фаъолсозии ҷавонон дар шароити рушди демократии ҷомеа, бо назардошти тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ ва бар асоси таҷрибаҳои омӯхташуда, татбиқи амалҳои зерин зарур дониста мешавад:

- *ҷалби ҷавонон барои фаъолияти меҳнатӣ ва касбӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон бо назардошти мафҳумоҳои (нишондодҳои) боло ба роҳ монда шавад;*

- *низоми давлатии идоракунии сиёсати ҷавонон ва ё яке аз иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон бояд ҳамчун мактаби омодасозии кордонҳои (кадрҳои) ҷавон пазируфта шавад;*

- *иқтидори иттиҳодияҳои ҷавонон, аз ҷумла ташкилотҳои донишҷӯён ва хонандагонро (бахшҳои кор бо ҷавонон, муассисаҳои таълимиро) тақвият дода, вазифаи амалии (функсияи) идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо ба мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ё инки як аз иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон вогузор карда шавад;*

- *ба низоми идоракунии ҳаракати ҷамъиятии хонадагони синфҳои болоии мактабҳои миёна ислоҳот дароварда шуда, вазифаҳои амалии (функсияҳои) идоракунӣ аз соҳаи маориф гирифта шуда, ба мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ё инки як аз иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон вогузор (вобаста) карда шавад;*

- *новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ дар ҳар як ташкилоте, ки дар он зиёда аз сад нафар ҷавонон фаъолияти меҳнатӣ доранд бояд иттиҳодияи ҷавонон (бахш, шуъба, марказ) таъсис дода шуда, ҳамоҳангсозии он ба мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон вогузор (вобаста) карда шавад;*

- *дар сатҳи маҳал тавассути муқаррар кардани имтиёзҳои андоз, пешниҳоди грантҳои махсус ва фармоиши иҷтимоии давлатӣ созукори (механизми) дастгирӣ ва ташвиқи таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон ба роҳ монда шавад;*

- *ҷавононро мебояд бо мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва марказҳои ҷавонон дар тамоси доимӣ ва*

ҳамкории фаъол бошанд ва аз хизматрасониҳои онҳо истифода баранд, ҳамзамон ба онҳо хидматҳои худро пешниҳод кунанд ва бо ин васила ба сатҳи муайяни рушди фардӣ метавонанд ноил гарданд.

Низоми идоракунии давлатӣ асоси рушди сиёсати давлатии ҷавононро ташкил медиҳад. Дар амалия, дар бисёр ҳолатҳо тафовути байни низоми сиёсати давлатии ҷавонон ва низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон нодуруст фаҳмида мешавад, ки боиси қабули хулосаҳо ва қарорҳои нодуруст мегардад. Мафҳуми сиёсати давлатии ҷавонон дар боби аввал тавсиф шудааст, зимнан низоми идоракунии сиёсати ҷавонон фаъолияти идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи кор бо ҷавонон мебошад, ки чаҳорчӯбаи ҳуқуқию ташкилӣ ва идоракунии сиёсати давлатии ҷавononро дар ҷумҳурӣ танзим мекунад.

Бо назардошти камбудиҳои муайяншудаи идоракунӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва мушкилоте, ки ҷавонон бо онҳо рӯбарӯ ҳастанд, бахусус афзоиши зуҳуроти номатлуб ва суръати заифи иҷтимоишавии ҷавонон, низоми идоракунии давлатии сиёсати давлатии ҷавонон бояд тақвият дода шавад ва бо ин васила ба ҷавонон шароитҳои худташаккулёбӣ ва мустақилият, маърифати ҳуқуқӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ фароҳам оварда шавад. Ҳамчунин, шароити касбикунонии низоми идоракунии сиёсати ҷавонон ва омодасозии кордонҳои (кадрҳои) тахассуси (касби) «кор бо ҷавонон», зимнан, таъминоти назариявӣ, илмӣ, равишшиносӣ (методологӣ), иттилоотӣ ва таҳлилии сиёсати давлатии ҷавонон ташаккул дода шавад. Танҳо дар ҳамин сурат метавон интизор буд, ки сиёсати давлатии ҷавонон ва ҷавонон мутаносибан рушд мекунанд ва ба фаъолиятҳои иттилоотӣ, амалӣ ва илмию дастурӣ машғул мешавад.

Барои рушди низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон амалисози тадбирҳои зерин зарур аст:

- *васеъ намудани вазифаҳои амалӣ (функсияҳо) ва захираҳои нерӯи инсонии (кадрии) мақомоти ваколатдори давлатӣ кор бо ҷавонон:*
  - *шумораи кормандони низомро зиёд намуда, дар ҳар як ҷамоат (мақомоти худидоракунии маҳаллии шаҳрак ё деҳа) бахши кор бо ҷавонон таъсис дода шавад;*
  - *идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии ҳаракатҳои донишҷӯён ва хонандагон ба мақомоти давлатии (ё ниҳоди ҷамъиятии) кор бо ҷавонон вогузор карда шавад.*
- *дар сохтори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ Кумита ё Комиссия оид ба сиёсати давлатии ҷавонон таъсис дода шавад;*
- *дар сохтори мақоми олии судӣ таъсиси бахши махсусгардонидашуда оид ба корҳои ҷавонон, инчунин фароҳам овардани шароити зарурӣ ва таъсиси шабакаи судяҳои ноболиғон дар ҷумҳурӣ тавсия дода мешавад;*
- *дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи иҷроияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бахши кор бо ҷавонон ҳамчун воҳиди салоҳиятнок таъсис дода шавад;*
- *тибқи тартиби муқарраршуда дар низоми маорифи кишвар тахассуси «кор бо ҷавонон» таъсис дода шавад ва дар ин самт стандарти давлатии ихтисос (дараҷаи бакалавр ва магистр) таҳия ва амалӣ карда шавад;*
- *барои хизматчиёни давлатӣ, махсусан шахсони масъули мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба нақш ва аҳамияти сиёсати давлатии ҷавонон ва низоми идоракунии он, масъулият, ҳуқуқ, салоҳият ва ваколатҳои*

онҳо мунтазам даврaҳои омӯзишӣ (тренингҳо) ва иттилоотӣ, робитавӣ ва дастурӣ баргузор карда шаванд;

- ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати мақсаднок ва устувор дар самти кор бо ҷавонон ниҳодҳои илмию тадқиқотӣ ва ихтисосии омӯзиш ва таълими сиёсати давлатии ҷавонон таъсис дода шаванд;

- бо мақсади ҳал намудани гурӯҳи мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа дар самти худшиносӣ, худгоҳӣ, ҳувияти миллӣ, захираи нерӯи инсонӣ (кадрӣ), рушди сармояи инсонӣ, таҳкими шуури сиёсӣ, маданияти иқтисодӣ ва ғайра ва ҳалли муносиб ва муосири онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фанни «Сиёсати ҷавонон» ҷорӣ карда шавад;

- дар буҷаи давлатӣ барои сиёсати давлатии ҷавонон сатри алоҳидаи маблағгузорӣ муқаррар карда шавад;

- дар буҷаи давлатӣ сатри фармоиши иҷтимоии давлатии марбут ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар карда шавад;

- шабакаи марказҳои ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон васеъ карда шавад;

- дастгирӣ ва маблағгузории татбиқи барномаҳо ва ташаббусҳои ҷавонон аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба таври фаъол ба роҳ монда шавад.

Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ниҳодсозии сиёсати давлатии ҷавонон дар раванди демократикунонӣ, бахусус ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ хеле муҳим аст. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, аз ҷумла ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ё ғайриҳукуматӣ метавонанд дар ҷанбаҳои амалӣ, равишшиносӣ ва таҳлилии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон иштирок кунанд. Ин вазифаҳо дар баробари вазифаҳои идоракунӣ ва ҳамоҳангсозӣ айни замон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон амалӣ карда мешаванд. Зимнан, сифат, маҳсулнокӣ

ва самаранокии ин талошҳо ба беҳбудиро тақозо менамояд.

Бояд қайд кард, ки низоми демократии идоракунӣ вазифаҳоро байни ниҳодҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираи тиҷорат одилона тақсим мекунад. Воқен, чуноне ки дар кишварҳои пешрафтаи демократӣ роиҷ аст, ниҳодҳои давлатӣ ба таҳия, идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии сиёсат муваззаф буда, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ ба татбиқи ташкилию амалии сиёсат, қонунгузорӣ, стратегияҳо ва барномаҳои мақсаднок бояд машғул гарданд. Ба ибораи дигар, ҳар се ниҳодҳои ҷомеа бояд якҷо амал кунанд: давлат ҳамчун фармоишгар ва ҳамоҳангсоз ва бахши ғайриҳукуматӣ ҳамчун иҷрокунанда. Танҳо бо ҳамин созукори (механизми) муштарак метавон шароити рақобатпазирро фароҳам овард ва дар натиҷа ба сифат, маҳсулнокӣ ва самаранокии сиёсати амалӣ ноил гардид.

Дар робита ба ин ва бо назардошти таҳлилҳои боло ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро мебояд чунин тадбирҳоро амалӣ намоянд:

- такя ба таҷрибаҳои муваффақ ва сабақҳои омӯхташуда дар ҳамкории зич бо ниҳодҳои давлатӣ, бахусус мақомоти давлатии соҳаи кор бо ҷавонон нерӯи инсонӣ (кадрӣ) ва иқтидори ташкилию фанӣ тақвият дода шавад;

- шабакаи иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар саросари ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар деҳот васеъ карда шуда, дар ин замина, марказҳои омӯзишӣ ва омодасозии мутахассисон барои иттиҳодияҳои ҷавонон таъсис дода шавад;

- самтҳои фаъолият вобаста ба соҳаҳои муайяни хизматрасонӣ маҳдуд карда шуда, хидматҳои касбӣ ба ҷавонон пешниҳод карда шаванд;

- дар самти ниҳодсозии сиёсати давлатии ҷавонон, аз ҷумла дар доираи ҳамкорӣ байни ташкилотҳои ҷавонон имконияти иштироки ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон тариқи роҳандозии

фармоишҳои иҷтимоии давлатӣ, мониторинг ва арзёбии раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва ғайра лоиҳаҳои муштарак таҳия ва амалӣ карда шаванд;

- *оид ба ҷалби ВАО ба таблиғи асосҳои ниҳодсозӣ ва нақши сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷомеа лоиҳаҳои дахлдор таҳия ва амлӣ карда шаванд;*
- *дар самти татбиқи лоиҳаҳои дахлдори ниҳодсозӣ, аз ҷумла тақвияти иқтидори фанӣ (техникӣ) тавассути барномаҳои ихтиёрӣ (волонтёрӣ) бо бахши хусусӣ ҳамкорӣ (ҷиҳати ҷалби маблағгузорӣ) ба роҳ монда шавад;*
- *ҷавонон ва ҳама намуди иттиҳодияҳои ҷавонон ба ҷустуҷӯи роҳҳои нав ва муосири ниҳодикунонӣ ба воситаи фановариҳои (технологияҳои) иттилоотӣ ва усулҳои худфаъол (интерактивӣ) ҷалб карда шаванд.*

Бо назардошти он ки тақвияти иқтидори ниҳодсозии сиёсати давлатии ҷавонон бозори хизматрасониро васеъ мекунад, бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорон метавонанд дар ин самт саҳми назаррас гузоранд.

Ҳамзамон, соҳибкорон барои омӯзонидан ва омодасозии мутахассисони худ ва таҳлили бозори хизматрасонӣ имкон доранд, ки бо ниҳодҳои таҳқиқотӣ ва таҳлилии соҳаи сиёсати ҷавонон тариқи шартномавӣ ҳамкорӣ ба роҳ монанд. Ғайр аз ин, дар таҷриба фармоиши хариди молу хизматрасонӣ бо усули мутақобила ҷой дорад; ин усул ба ниҳодҳои давлатии ҷавонон имкон медиҳад, ки бо бахши хусусӣ дар шарикӣ дошта бошанд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон метавонанд тариқи барномаҳои ихтиёрӣ (волонтёрӣ) бо намояндагони бахши хусусӣ ҳамкорӣ намуда, маҳсулоти онҳоро ба фурӯш бароранд ва бо ин васила иқтидори фании (техникии) худро тақвият диҳанд.

Аз ин рӯ, намояндагони бахши хусусиро мебояд:

– дар тақвияти иқтидори ниҳодсозии сиёсати давлатии ҷавонон, бахусус таъсиси инфрасохтори муосир ва нави иттиҳодияҳои ҷавонон саҳм дошта бошанд;

– бо мақомоти давлатии кор бо ҷавонон барои хариди мол, кор ва хизматрасонӣ ҳамкорӣ ва шарикӣ ба роҳ монанд;

– омодасозии кордонҳо (кадрҳо) ва таҳлили бозори хизматрасониро ба ниҳодҳои тадқиқотии ҷавонон фармоиш диҳанд;

– дар чорабиниҳо ва маъракаҳои оммавии ташкилнамудаи мақомоти давлатии кор бо ҷавонон барои таблиғи мол, кор ва хизматрасониҳои худ дар шароити ҳамкории мутақобила истифода баранд;

– бо иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҷиҳати таблиғ ва фурӯши мол, кор ва хизматрасониҳо тавассути барномаҳои ихтиёрӣ (волонтёрӣ) ҳамкорӣ ба роҳ монанд.

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ

1. Меъёрҳои асосии таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон дар санадҳои қонунгузории соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон инъикос ёфтаанд, кадом санадҳо?
2. Роҳи муносиби таъсиррасонӣ ба рушди нерӯи зеҳнӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқии ҷавонон аз кӣ(ҳо) вобастагӣ дорад?
3. Шаҳрвандони ҷавон бояд аз кадом вақт ҷанбаҳои ҳуқуқии давраи ҳаётро омӯзанд?
4. Маърифати ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон чӣ арзишмандӣ дорад?
5. Сармоягузорӣ дар таъсис ва рушди марказҳои дастгирии ҳуқуқии барқарорсозӣ ва равонӣ ба чӣ мусоидат мекунад?

6. Иштироки ҷавонон дар таъмини мустақилияти иқтисодии худ чӣ гуна имконпазир мегардад?
7. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон ин кафолати вазъи иқтисодии устувор ва беҳбудии ҷомеа ва давлат аст, аммо он аз куҷо маншаъ мегирад?
8. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар чӣ инъикос меёбад?
9. Иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати рушди шаҳрвандӣ, идоракунии давлатӣ, бахшҳои маънавиёти (идеологии) ҷомеа ва андешидани чораҳои гуногуни зеҳнии иттилоотӣ, тарбиявӣ ва таълимию фарҳангӣ ба пайдоиши кадом равишҳо мусоидат мекунад?
10. Ҳокимияти сиёсӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳошияи тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва шаҳрвандии ҷавонон кадом амалҳоро бояд амалӣ гардонад?
11. Нақши оила дар тарбияи шаҳрвандии ҷавонон чӣ гуна аст?
12. Шахси бетарбия ва бадахлоқ ба ки зарари ҷиддӣ мерасонад?
13. Афзоиши сатҳи таваллуд, яъне шумори зиёди фарзанд дар шароити имрӯза то андозае монеи тарбия ва таълими комили фарзанд – ҷавонон ва ояндаи ҷомеа арзёбӣ мегардад, чаро?
14. Табиати фарди ҷавон бисёр сеҳрнок аст, қисми муайяни ҷавонон аз рукнҳои ахлоқӣ дида, бештар ба рафтор ва кирдорҳои зидиахлоқӣ таваҷҷӯҳ доранд, чаро?
15. Яке аз пешрафти миллии мо дар арсаи ҷаҳонӣ, ки аксар онро эътироф кардааст, чӣ аст?

16. Танҳо ҷавонон бояд дар сохтори идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок кунанд ва ё масъул бошанд ё киҳо?
17. Чаҳор нишондодҳои касбияти корманди соҳаи кор бо ҷавонон кадомҳоянд?
18. Тахассуси касбии шахс дар соҳаи кор бо ҷавонон ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад, кадомҳо?
19. Тафовути байни низоми сиёсати давлатии ҷавонон ва низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон дар чист?
20. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ниҳодсозии сиёсати давлатии ҷавонон чӣ аҳамият дорад?
21. Ҳар се ниҳодҳои ҷомеа бояд якҷо амал кунанд: давлат ҳамчун фармоишгар ва ҳамоҳангсоз ва бахши ғайриҳукуматӣ ҳамчун иҷрокунанда, чаро?

АДАБИЁТ ВА САРЧАШМАҲО

АЗ РИСОЛАҲОИ ВА СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] – Душанбе, 2016. – Тартиби дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/12756
2. Паёми Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [Маводи электронӣ] / Душанбе: 2010. – Тартиби дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/14
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ] – Душанбе, 2016. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/13747
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 22.12.2017. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/16772
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ [Маводи электронӣ] – Душанбе, 2016. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/13747
6. Раҳмон Э. Ҷавонон – иқтидори эҷодӣ ва созандаи кишвар: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 23 майи соли 2013 [Матн] / Душанбе: Омӯзгор, 2013. – 12 саҳ .
7. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба муносибати 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Маводи электронӣ] / Э. Раҳмон. – Душанбе - Тартиби дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/2943

8. Раҳмонов, Э. Ватани худро дӯст доред, эҳтиром кунед ва ҳифз кунед: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 21 майи соли 2005 [Матн] / Э. Раҳмонов - Душанбе: Деваштич, 2005. - 49 с.;
9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ, 23 майи соли 2013 [Манбаи электронӣ] – Душанбе: 2013. - Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/node/4438

АДАБИЁТ ВА МАНБАҲОИ РАҚАМӢ

10. Анҷуманҳои иттиҳодияҳои ҷавонони Тоҷикистон [Матн]: Ҳисоботи солона барои соли 2015. – Душанбе: 2016. – 15 с.
11. Анҷуманҳои созмонҳои ҷавонони Тоҷикистон [Матн]: Ҳисоботи солона барои соли 2017. – Душанбе: 2017. – 18 с.
12. Асадуллоев, Р. Н. Ҷавонон дар равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ дар кишвар (бо истифода аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мисол) [Матн] / Р. Н. Асадуллоев. – Душанбе, 2004. – 179 с. (забон-русӣ)
13. Ассамблеяи байнипарламентии ҷавонони кишварҳои узви ИДМ [Маводи электронӣ] / Сомонаи Ассамблеяи байнипарламентии кишварҳои узви ИДМ. – Тартиби дастарсӣ: http://www.iacis.ru/structure/mmpa/
14. Ахмедов С. Ислам и исламизм. [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ: http://islam-today.ru/obsestvo/islam-i-islamizm
15. Ашуров, С. Б. Ташаккул ва танзими бозори меҳнат дар минтақаи изофаи меҳнат (назария, методология ва амалия) [Матн]: Хулосаи рисолаи доктори илмҳои иқтисодӣ: 08.00.05 / Ашуров С. Б. – Душанбе, 2012. – 40 с. (забон-русӣ)
16. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ [Матн] / Душанбе: «Адиб», 2022. – 688 с.
17. Баренбойм, П.Д. Волоияти қонун ҳамчун шарики ҷомеаи шаҳрвандӣ: ба муносибати 150-солагии мафҳуми (консепсияи) «Давлат ҳамчун асари санъат» [матн] //

Қонунгузорӣ ва иқтисод. - 2010. - № 9. - С. 7 – 11 (забон-русӣ)
18. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2018 [Матн]: Гузориш оид ба татбиқ дар соли 2017 / Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати ҶТ. - Душанбе: 2018.
19. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Ҷумҳурия Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 [Матн]: Дастури методию амадӣ. – Душанбе: СМТ, 2012. – 60 с.
20. Барномаи рушди хизматрасониҳои дӯстона барои ҷавонони номуташаккил [Матн]: Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои татбиқ / Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва роҳнамоии ҷавонон. - Душанбе, 2006. - 35 с.
21. Барномаи ҷаҳонии амал барои ҷавонон: Резолютсияи СММ аз 13.03.1996 #50/81 [Маводи электронӣ] – Нбйорк, 2010. – Тартиби дастрасӣ: www.un.org/youth. (забон-анлисӣ)
22. Баҳори араб [Маводи электронӣ] / 2026. Тартиби дастрасӣ – https://tg.wikipedia.org/wiki/Баҳори-араб
23. Бозори меҳнат, 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 327 с.
24. Бронников И, А. Хусусиятҳои муосири аудиторияи интернетии Русия ҳамчун иштирокчии муошарати сиёсӣ [матн] // PolitBook. – 2013. - № 2. – С. 44 - 59 (забон-русӣ)
25. Вазъи ҷиноятқорӣ дар байни ҷавонон [Матн]: Бюллетени иттилоотӣ / Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва роҳнамоии ҷавонон. – Душанбе : 2014. – 52 с.;
26. Вазъияти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҳисобот дар асоси натиҷаҳои пурсиши қувваи корӣ, ки аз 20 июл то 20 августи соли 2016 гузаронида шудааст, таҳия шудааст) [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: ҶДММ Бебок, 2018. - 219 саҳ .
27. Вақти волонтёрӣ [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.independentsector.org/volunteer_time (забон-англисӣ)
28. Википедия. Ислом [Маводи электронӣ]. - Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/

29. Википедия. Ювенология [Маводи электронӣ]. Тартиби дастрасӣ - http://dic.academic.ru/dic.nsf/ruwiki (забон-русӣ)
30. Волонтёрӣ дар ИМА [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - www.volunteeringinamerica.gov. (забон-англисӣ)
31. Георгиенко, В. Сиёсати ҷавонон ИА, ША, СММ [Маводи электронӣ] / 2010. – 30 с. – Тартиби дастрасӣ: https://www.georgienko.com
32. Гостенина, В. И. Ҷомеашиносии идоракунӣ: Стандарти насли сеюм [Матн] / В. И. Гостенина. – СПБ.: Питер, 2013. – 368 с. (забон-русӣ)
33. Гузориши «Барномаи миллии рушди иҷтимоии чавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2018» дар соли 2017 [Матн]: Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ. - Душанбе: 2018. - 28 с.
34. Гузориши «Барномаи миллии рушди иҷтимоии чавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 – 2018» дар соли 2017 [Матн]: Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2018. – 28 с;
35. Дар бораи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 сентябри соли 2012, № 901 [Матн] // Ахборӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2012. - № 9. - Моддаи 838. – 2013. - № 12. - Моддаи 889
36. Дар бораи Қатъномаи Шӯрои Амнияти СММ аз 9.12.2015, № 2250 [Манбаи электронӣ] – Ню Йорк: 2015. - Тартиби дастрасӣ: http://www.un.org/en/ga/search/view_doc.asp?symbol=S/RES/2250(2015)&referer=http://www.youthpolicy.org/blog/peacebuilding/un-security-council-resolution-youth/&Lang=R (забон-русӣ)
37. Дар бораи масъулияти волидон дар тарбия ва таълими кӯдакон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 08/02/2011, № 762 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – № 7–8. - модда. 616.

38. Дар бораи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» [Маводи электронӣ]: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2013, №34. – Душанбе: – Тартиби дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=118710
39. Дар бораи Парламенти ҷавонон [Маводи электронӣ] / 2009. – Тартиби дастарсӣ: https://sites.google.com/site/youthparliam/about-yp (забон-русӣ)
40. Дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи кор бо ҷавонон: Созишномаи кишварҳои узви ИДМ аз 25.11.2005 [Маводи электронӣ] – М: 2005. – Тартиби дастрасӣ: http://cis.minsk.by/reestr/ru/Reestr.html#reestr / view / text ?doc =3044 (забон-русӣ)
41. Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорон: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2014, № 1107 [Матн] // Ахборӣ Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. - № 7. - Қисми 2. - Моддаи 404
42. Дар Озарбойҷон Маркази ҷавонон таъсис дода мешавад [Маводи электронӣ] / Агентии иттилоотии Trend. – Тартиби дастарсӣ: http://www.trend.az/azerbaijan/politics/2026125.html (забон-русӣ)
43. Дар Тоҷикистон фоизи ҷойҳои холиро дар мақомоти давлатӣ номбар карданд [Маводи электронӣ]. – Душанбе: 2016. - Тартиби дастрасӣ: https://tj.sputniknews.ru/20250721/tajikistan-vakansiy-gosstruktura-1069183884.html
44. Дастури методию амалӣ вобаста ба татбиқи «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» [Матн] / Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе: 2019. – 53 с.
45. Диаспора – шарики рушди Тоҷикистон [Матн] / Созмони байналмилалии муҳоҷират. Миссия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2014. – 149 с.
46. Донишгоҳи ҷавонони Хитой оид ба илмҳои сиёсӣ [Манбаи электронӣ] – 2025. – Тартиби дастрасӣ: https://www.cyu.edu.cn/ (забон-англисӣ)

47. Елисеева, И. И., "Ювенология ва сиёсати ноболиғон дар асри 21: Таҳқиқоти ҳамаҷонибаи байнифаннӣ" (баррасии монографияи муштарак) [Матн] / И. И. Елисеева // Бюллетени Донишгоҳи Санкт-Петербурги Вазорати корҳои дохилии Русия. – №3 (31). - 2011. - С. 383-386 (забон-русӣ)
48. Зотов В.Д., Зотова Л.В. Таърихи омӯзишҳои сиёсӣ: Китоби дарсӣ [Матн] / М.: Юрист, 2005. – 605 с. (забон-русӣ)
49. Институти илмии ҷавонон дар Калифорния (ИМА) [Манбаи электронӣ] – 2025. – Тартиби дастрасӣ: https://www.ysi-ca.org/index.html (забон- англисӣ)
50. Институти Тадқиқоти Ҷавонони Коннектикут (ИМА) [Манбаи электронӣ] – 2025. – Ҳолати дастрасӣ: https://sites.tufts.edu/iaryd/about/ (забон- англисӣ)
51. Институти фарҳанг ва сиёсати ҷавонони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Новосибирски Федератсияи Русия [Манбаи электронӣ] – 2025. – Тартиби дастрасӣ: https://nspu.ru/obuchenie/instituty-fakultety/detail.php?ID=176 (забон-русӣ)
52. Институти ҷавонони Олмон [Манбаи электронӣ] – 2015. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.dji.de/ (забон- англисӣ)
53. Исаев, Б. А. Назарияи сиёсат: Китоби дарсӣ [Матн] / Б. А. Исаев. – Санкт-Петербург: Питер, 2008. – 464 с. (забон-русӣ)
54. Исаев, Д. Н. Тарбияи ҷинсӣ ва психогигиенаи ҷинсӣ дар кӯдакон (русӣ) [Матн] / Д. Н. Исаев, В. Е. Каган // Ҷавонони Русия: Феҳристи библиографӣ/РГУБ. - М., 1995. - шумораҳои 1-4. - С. 154-162;
55. Исламизм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Исламизм
56. Исоев, Б.А. Назарияи сиёсат: Китоби дарсӣ [Матн] / Б.А.Исаев. – Петербург: Питер, 2008. – 464 с. (забон-русӣ)
57. Истифодабарандагони шабакаҳои иҷтимоӣ дар соли 2026: Ҳама рақамҳо, тамоюлҳо ва далелҳо барои маркетинги шумо [Манбаи электронӣ] – 2016. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.blog2social.com/en/blog/monthly-active-users-in-social-media/ (забон-англисӣ)

58. Иштироки ҷавонон дар парламентҳои миллӣ [Маводи электронӣ] / Иттиҳоди байнипарламентӣ. Берлин: 2011. С. 19. – Тартиби дастрасӣ: http://www.ipu.org/pdf/publications/youth_en.pdf (забон-русӣ)
59. Иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеа [Матн]: Дастур барои агентиҳои рушд ва сиёсатмадорон / Гурӯҳи кории ҷавонони DFID–CSO – Лондон: 2010. - 120 с. (забон-русӣ)
60. Кант, И. Ҷавоб ба саволи: Маърифат чист? [Манбаи электронӣ]: Ниҳоди фалсафаи Академияи илмҳои Русия / И. Кант. - М.: 2007. – Тартиюи дастрасӣ: http://iph.ras.ru/uplfile/philec/gou/kant.pdf (забон-русӣ)
61. Каримов Ш.Т. Ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ҳамчун ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон – Душанбе: 2021. – Тартиби дастрасӣ: https://www.osiyoavrupo.tj/pdf/nepravitelstvennye-organizacii-kak-institut-grazhdanskogo-obshchestva-v-tadzhikistane (забон-русӣ)
62. Карнеги, Д. Чӣ тавр дар суханронии оммавӣ эътимод ба худ ва таъсир расонидан ба одамонро инкишоф додан мумкин аст: Чӣ тавр дӯстонро ба даст овардан ва ба одамон таъсир расонидан мумкин аст. Чӣ тавр аз ташвиш даст кашидан ва зиндагӣ карданро оғоз кардан мумкин аст [Матн] / Д. Карнеги. – Минск: Попурри, 2011. – 768 с. (забон-русӣ)
63. Колмикова О. Н. Ҳамкории ҷомеа, ҳукумат ва тиҷорат [Матн] / Сабтҳои илмии филиали Тамбови Донишгоҳи илмӣ-методии Русия. - 2015. - С. 1-5 (забон-русӣ)
64. Кон, И. С. Ҷавонон: Энсиклопедияи бузурги шӯравӣ. Нашри 3-юм. Ҷилди 16. [Матн] / И. С. Кон.– Москва: 1998. (забон-русӣ)
65. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.06.2014, №228 тасдиқ шудааст)
66. Консерватизм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Консерватизм
67. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994) [Матн] / Душанбе: 1994

68. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [Матн] / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №1 қисми 2, мод. 12
69. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» [Матн] / №1830 аз 23.12.2021
70. Қуръони Карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ) [Матн] – Душанбе: Ифрон, 2007. – 616 с.
71. Лестер М. Саламон, Войсех Соколовски, «Ихтиёрӣ дар дурнамои байнимиллӣ: Далелҳо аз 24 кишвар», Ҳуҷҷатҳои кории Лоиҳаи муқоисавии бахши ғайритиҷоратии Ҷонс Хопкинс, № 40 (2001) [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.jhu.edu/~ccss/publications/pdf/cnpwp401.pdf (забон-англисӣ)
72. Либерализм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Либерализм
73. Лисовский, В. Т. Ҷомеашиносии ҷавонон: Китоби дарсӣ [Матн] / В. Т. Лисовский. - Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи Санкт-Петербург,1996. - 460 с. (забон-русӣ)
74. Лукичев, О. В. Падидаи ювенология ҳамчун дониши ҳамаҷонибаи байнифаннӣ дар бораи насли ҷавон [Матн] / О. В. Лукичев // Криминология. – 2011. - С. 36-40 (забон-русӣ)
75. Луков, А. Ювенология: Масъалаҳои ташаккули назарияи ҷавонон [Матн] / Вал. А. Луков // Бюллетени Академияи Байналмилалии Илмҳо.– 2007. - №2. - С. 66-69 (забон-русӣ)
76. Лупандин, В. Н. Ҷомеашиносии ҷавонон: Китоби дарсӣ [Матн] / В. Н. Лупандин. – Орел: 2011 - 238 с. (забон-русӣ)
77. Манко, Ю. В. Ҷомеашиносии ҷавонон: маводи таълимӣ [Матн] / Ю. В. Манко, М. Оганян. - СПб.: Петрополис, 2008. - 316 с. (забон-русӣ)
78. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 96 саҳ .
79. Масалов, А. Г. Равишҳои назариявӣ барои муайян кардани моҳияти ҷавонон [Матн] / А. Г. Масалов //

Бюллетени силсилаи илмҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Шолохов, илмҳои сиёсӣ – 2012. - С. 102-110 (забон-русӣ)

80. Маҷаллаи «Youth & Policy Journal» [Маводи электронӣ]: NE21 6DX. – (1982) 2016. – Тартиби дастрасӣ: https://www.youthpolicyandpolicy.org (забон-англисӣ)
81. Маҷмӯаи омории шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025. [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 55 с.
82. Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон [Матн]: Маҷмӯа барои мақомоти кор бо ҷавонон. – Душанбе: 2011. – 146 с.
83. Маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ [Матн]: Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Басанта, 2014. – 203 с.
84. Миралиев К.А., Ҷураев, К. К. Дастури амалӣ оид ба ташаккул ва рушди марказҳои ҷавони дар Тоҷикистон [Матн] / Душанбе, 2012. – 90 с.
85. Миралиев Қ.: Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва нақши он дар таҳкими иқтидори ҳаракатҳои ҷавонон дар Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи муосир [Матн] - Душанбе: Рафиграф , 2006. - 186 с.
86. Миралиев Қ.А. Президент ва ҷавонон [Матн]: Дастури иттилоотӣ / Қ. А. Миралиев. – Душанбе: Тараққиёт, 2013. – 55 с.
87. Миралиев, Қ., Ҷавонон ва 20 соли истиқлолият [Матн] / Миралиев Қ. – Душанбе: САМТ, 2012. – 272 с.
88. Миралиён К. А. Идеология миллӣ ва нақши он дар таҳкими асосҳои идоракунии сиёсӣ-иҷтимоӣ [Матн] / Қ.А.Миралиён. - Душанбе: Шарқи озод , 2016. - No1 (29) 2016. - С.53-62
89. Миралиён Қ. А. Баъзе назарияҳои сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / Қ. А. Миралиён // Маркази ҳамкории илмӣ «Интерактив Плюс»: Фановариҳои (технологияҳои) инноватсионӣ дар илм ва маориф. – 2015. - №3 (3). - С. 24-30 (забон-русӣ)

90. Миралиён, Қ. А. Асосҳои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ҷаҳони муосир [Матн] / Бюллетени ДДТБП. - Душанбе, 2015. - № 3 (3) 2015. - С. 182-188
91. Миралиён, Қ. А. Афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / К. А. Миралиён // Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир. - 2015. - № 3 (46). - С. 54-62
92. Миралиён, Қ. А. Баъзе назарияҳои сиёсати давлатии ҷавонон [Матн] / Қ. А. Миралиён // Маркази ҳамкории илмӣ «Интерактив Плюс»: Фановариҳои (технологияҳои) инноватсионӣ дар илм ва маориф. - 2015. - № 3 (3). - С. 24-30 (забон-русӣ)
93. Миралиён, Қ. А. Баъзе роҳҳои беҳтар кардани таблиғи идеологияи давлатӣ дар байни ҷавонон [Матн] / Қ. А. Миралиён // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои иҷтимоӣ. - Душанбе, 2015. - № 3 (239) 2015. - С. 103-112
94. Миралиён, Қ. А. Муҳоҷирати меҳнатии ҷавонон: мушкилот ва дурнамо [Матн] / Қ. А. Миралиён // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шуъбаи илмҳои ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2015. - № 1 (237) 2015. - С. 97-103
95. Миралиён, Қ. А. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар рушди сиёсати ҷавонон [Матн] / К. А. Миралиён // Сино . – 2014. - №3/3(316). - С. 195-200
96. Миралиён, Қ. Ташаккули сиёсати ҷавонон ва ҷанбаҳои идеологии он [Матн] / Қ. Миралиён. – Олмон: Нашриёти академии LAPLAMBERT, 2015. – 89 с. (забон-русӣ)
97. Муртазоқулов Д.С., Миралиён К.А. Ҷанбаҳои сиёсии чаҳорчӯби меъёрии сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо [Матн] / Д.С.Муртазоқулов, К.А.Миралиён // Маҷаллаи ҳуқуқи Авруосиё . - № 5 (96). - М.: 2016. - С.360-366
98. Набиев, В. М. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол [Матн] / В.М.Набиев. - Душанбе: Ирфон , 2013. - 340 с.
99. Низомнома дар бораи Ассамблеяи байнипарламентии ҷавонони кишварҳои узв [Маводи электронӣ] / Сомонаи расмии Ассамблеяи байнипарламентии кишварҳои узв дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил. – Тартиби дастарсӣ:

http://iacis.ru/upload/iblock/a61/kp.2_polozhenie-mmpa-sng.pdf (забон-русӣ)

100. Низомнома дар бораи Парламенти ҷавонони вилояти Вологда [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи ҳаракати парламентии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/pages/view/documents/1207 (забон-русӣ)
101. Одайник, В. Равоншиносӣи сиёсат [Матн] / В. – Петербург: Ювента , 1996. – 381 с.
102. Омори ҷаҳонӣ оид ба ВНМО: Дастурамали иттилоотӣ, 2024. [Маводи электронӣ] Тартиби дастрасӣ - https://www.unaids.org/sites/default/files/media_asset/UNAIDS_FactSheet_ru.pdf (бо забони русӣ)
103. Омӯзиши миқёс ва нақши ихтиёрӣ – 1997, Маркази миллии ихтиёрӣ, иқтибос аз Шӯрои Аврупо, «Беҳтар кардани мақом ва нақши ихтиёриён ҳамчун саҳми Ассамблеяи Парламентӣ бахшида ба Соли байналмилалии ихтиёриён 2001», Ҳуҷҷати 8917, 22 декабри соли 2000 [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.seeyn.org/files/4/6_Voluntarism_and_public_institutions.pdf (забон-англисӣ).
104. Орлова, В. В. Усулҳои таҳқиқоти ҳамаҷониба ва арзёбии мавқеи ҷавонон дар ҷомеа: китоби дарсӣ. [Матн] / В. В. Орлова. - Томск: Нашриёти Томск. Донишгоҳи давлатии системаҳои идоракунӣ ва радиоэлектроника, 2013. – 224 с. (забон-русӣ)
105. Пайравӣ аз суннат: 3 вазифаи падар нисбат ба фарзандонаш [Маводи электронӣ] / 2026. Тартиби дастрасӣ - https://islam-today.ru/veroucenie/sleduem-sunne-3-obazannosti-otca-pered-svoimi-detmi/ (забон-русӣ)
106. Панарин, И. ВАО, таблиғот ва ҷангҳои иттилоотӣ [Манбаи электронӣ]: Таърихи таблиғот / И. Панарин. – 2012. - Тартиби дастрасӣ: http://propagandahistory.ru/books/Igor-Panarin_SMI--propaganda-i-informatsionnye-voyny/36

107. Парламентаризми ҷавонон [Маводи электронӣ] / Википедия. – Тартиби дастарсӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Youth_parliamentarism
108. Парламенти ҷавонон дар Белорусия [Маводи электронӣ] / Кумитаи иҷроияи вилояти Минск. – Тартиби дастарсӣ: http://www.mrik.gov.by/ru/molodezhnyj-parlament-budet(забон-русӣ)
109. Парламенти ҷавонон дар Бишкек ба кор шурӯъ кард [Маводи электронӣ] / Кабар, 2016 http://old.kabar.kg/rus/society/full/111772 (забон-русӣ)
110. Парламенти ҷавонон дар назди Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Русия [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи ҳаракати парламентии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/pages/view/structure/88
111. Парламенти ҷавонон дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии Озарбойҷон нақши фаъол хоҳад бозид - Ҷейҳун Усмонлӣ [Маводи электронӣ] / 1NEWS.AZ, 2012. – Тартиби дастарсӣ: http://www.1news.az/news/molodezhnyy-parlament-budet-igrat-aktivnuyu-rol-v-obschestvenno-politicheskoy-zhizni-azerbaydzhana---dzheyhun-osmanly (забон-русӣ)
112. Парламенти ҷавонон таъсис дода мешавад [Маводи электронӣ] / Сомонаи расмии Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Арманистон. – Тартиби дастарсӣ: http://www.parliament.am/news.php?do=view&cat_id=2&day=04&month=04&year=2011&NewsID=4434&lang=rus (забон-русӣ)
113. Парламенти ҷавонони Аврупо [Маводи электронӣ] / Википедия. – Тартиби дастарсӣ: https://en.wikipedia.org/wiki/European_Youth_Parliament (забон-русӣ)
114. Парламенти ҷавонони вилояти Киров [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи ҳаракати парламентии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/workspaces/about/4
115. Пул аз он ҷое, ки кор ҳаст: чи гуна муҳоҷирати меҳнати Тоҷикистонро дастгирӣ мекунад [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - https://caravan-info.pro/tg/pul-az-

on-choe-ki-kor-hast-chi-guna-muhochirati-mehnati-tochikistonro-dastgiri-mekunad/

116. Равонии (рӯҳияи) инсон чист [Маводи электронӣ] / 2026: тартиби дастрасӣ - https://www.nur.kz/family/self-realization/1769996-psihologia-celoveka-knigi-dla-nacinausih/
117. Раҳимов, И. Ҳ. Ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: диссертатсия... кафедраи илмҳои сиёсӣ: 23.00.02 [Матн] / И. Ҳ. Раҳимов. - Душанбе, 2002. – 22 с.
118. Резолютсияи марбут ба шуғли ҷавонон [Маводи электронӣ] / ТҶМ. – Женева, 2005. – 21 с. – Тартиби дастрасӣ: http://www.ilo.org/employment/areas/youth (забон-русӣ)
119. Россия 120 ҳазор тоҷикро ба рӯйхати вайронкунандагони қонун ворид кард [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ: https://oila.tj/news/rossiya-120-azor-toikro-ba-rykhati-vayronkunandagoni-onun-vorid-kard
120. Самаранокии чаҳорчӯбаи ниҳодсионалӣ ва қонунгузорӣ барои таъмини ҳуқуқи шахсони таҳти васоят ва парастorӣ қарордошта [Матн]: Ҳисоботи тадқиқотӣ / ТҒҲ «Ҳуқуқ ва некӯаҳволӣ». - Душанбе: 2005. - 15 саҳ.
121. Самтҳои фаъолияти раёсати огоҳонӣ ва пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - https://www.mvd.tj/7350-samtoi-faolijati-korii-raesati-ogoon-va-peshgirii-uuvajronkun-dar-bajni-nobolion-va-avononi-vkd-tarbijai-avonon-dar-ruijai-vatandstiju-vatanparast.html
122. Саҳми ихтиёриён дар Ҳиндустон [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.pointsoflight.org/sites/default/files/sitecontent/files/social_impact_of_volunteerism_pdf (забон-англисӣ)
123. Сиёсати ҷавонон (русӣ) [Матн]: Бюллетени иттилоотӣ / Ниҳоди ҷавонон. - М .: Socium, 1996. - № 127.
124. Слутский, Э. Г. Ювенология дар асри 21: Дониши ҳамаҷонибаи байнифаннӣ дар бораи насли ҷавон [Матн]

/ таҳрири Э. Г. Слутский ва В. В. Журавлев. - Санкт-Петербург: 2007. – 734 с. (забон-русӣ)
125. Созмони умумиҷаҳонии савдо [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - https://tg.wikipedia.org/wiki/Созмони-умумиҷаҳонии-савдо
126. Сотсиализм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Сотщаизм
127. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [матн] / Душанбе, 2015 – 103 с.
128. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04.2021, №166 тасдиқ шудааст)
129. Стэнли, Г. Ҷавонон - маориф, низом ва гигиена [Матн] / Г. Стэнли Холл. - Зеландияи Нав: Донишгоҳи Кларк, 1904. –168 с. (забон-англисӣ)
130. Суханронӣ дар ҷаласаи Шӯрои саронии давлатҳои аъзои СҲШ [Манбаи электронӣ] – Русия, 2015. – Тартиби дастрасӣ: http://president.tj/ru/node/9366
131. Таблиғот [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2015. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Пропаганда
132. Таблиғот [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2015. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Пропаганда
133. Такмили системаи рушди захираҳои инсонӣ барои сиёсати ҷавонон дар Федератсияи Русия [Матн]: Маҷмӯаи тезисҳо дар асоси маводи Конфронси илмӣ-амалӣ. – Москва: 2009 – 320 саҳ. (забон-русӣ)-
134. Тақдими 32 ҳазор китоби Қуръон бо тарҷумаи тоҷикӣ дар арафаи моҳи Рамазон [Маводи электронӣ] / 2023. Тартиби дастрасӣ https://old.asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/society/20230316/tadimi-32-azor-kitobi-uron-bo-tarumai-toik-dar-arafai-moi-ramazon
135. Тарин Нелсон, "Нигоҳи муқоисавӣ ба қонунгузории миллии ихтиёрӣ", Ташаббуси байниамрикоӣ барои

сармояи иҷтимоӣ, ахлоқ ва рушд, Бонки рушди байниамрикоӣ, июни соли 2005 (забон-англисӣ)
136. Тоҷикистон барои нерӯгоҳи барқи обии Роғун Фонди муштараки фоидаро таъсис медиҳад [Маводи электронӣ] / тартиби дастрасӣ - https://fergana.ru/news/137154/?country=tj
137. Тоҷикистон дар рақамҳо [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. - 167 с .
138. Тоҷикистон дар рақамҳо [Матн]: Маҷмӯаи оморӣ / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе: 2025. – 167 с.
139. Тошенко Ж. Т. Ҷомеашиносии идоракунӣ. Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо [Матн]. Москва: Маркази пешгӯии иҷтимоӣ ва маркетинг, 2011 (забон-русӣ)
140. Тукушева Л. Интихобот ба парламенти ҷавонон [Маводи электронӣ] / Л.Тукушева, И.Алпысаева, М.Дидигова. Остона, 2011. – Тартиби дастарсӣ: http://repository.enu.kz/bitstream/handle/123456789/1360/vybor-molodej.pdf (забон-русӣ)
141. Фарҳанг ва ҳаёти ҳаррӯза [Маводи электронӣ]: Маркази миллии иттилоотии фарҳанг ва санъат / Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: – Тартиби дастрасӣ: http://www.mmifs.tj/index.php/kultura
142. Фашизм [Манбаи электронӣ] / Википедия. – 2026. – Тартиби дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/Фашизм
143. Фонди дастгирии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон барои дастгирии 17 лоиҳа тақрибан 1,8 миллион доллар ҷудо кард [Манбаи электронӣ]: Портали интернетии ИДМ. – Минск: 2014. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.e-cis.info/news.php?id=9056
144. Фрич, П. Ҷавонон дар шаҳрҳои пур [Маводи электронӣ] Лондон: 2015. – Тартиби дастрасӣ: http://www.youthpolicy.org/blog/youth-research-knowledge/cities-are-definitely-full-of-youth-but-are-they-youthful/#FN1 (забон-англисӣ)

145. Хизматчии ихтиёрӣ [Маводи электронӣ] / Тартиби дастрасӣ - http://www.ivr.org.uk/ivr-volunteering-stats/180-volunteering-and-employment (забон-англисӣ)
146. Хулосаҳо аз Форуми якуми ҷаҳонӣ оид ба сиёсати ҷавонон [Маводи электронӣ] – ш.Боку : 2014 (2015). – Тартиби дастрасӣ - http://www.youthpolicy.org/ (забон-русӣ)
147. Ҳаракати парламентии ҷавонон: Сатҳи минтақавӣ [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи Ҳаракати парламентии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/workspaces/regional
148. Ҳисоботи фишурда ва муқоисавӣ оид ба натиҷаи фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ дар соли 2016 ва нақшаҳо барои соли 2017 [Матн] / Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2016. - 56 с.;
149. Ҳисоботи ҷаҳонии рушд 2007 [Маводи лектронӣ] / Бонки фаҳонб. - Вашингтон (ИМА)., 2006. - Тартиби дастрасӣ: http://www-wds.worldbank.org/external/default/WDSContentServer/WDSP/IB/2006/09/13/000112742_20060913111024/Rendered/PDF/359990WDR0complete.pdf (забон-англисӣ)
150. Ҳисоботи ҷаҳонии ҷавонон [Маводи электронӣ] / СММ. – Нюйорк (ИМА) – тартиби дастрасӣ: https://www.un.org/publications (забон-англисӣ)
151. Ҷомеаи шаҳрвандӣ [Манбаи электронӣ]: Давлат ва ҳуқуқ. – 2016. – Реҷаи дастрасӣ: http://otherreferats.allbest.ru/law/00314820_0.html (забон-русӣ)
152. Ҷон, О. Ҷ. Дюи ва омӯзиши таҷрибавӣ: Таҳияи назарияи кори ҷавонон [Матн] / О. Ҷ. Ҷон // Ҷавонон ва сиёсат. – 2012. - №108. - С. 55-72 (забон-англисӣ)
153. Шарикии ҷавонон [Матн] / Мақолаи таҳлилӣ оид ба иштироки ҷавонон – 7 с.
154. Шарҳи бахши энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]: Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: – Тартиби дастрасӣ: http://mfa.tj/ru/energetika/obzor-energeticheskogo-sektora-rt.html

155. Шелина, Т. Т. Падидаи вобастагии интернетӣ ҳамчун сабаби рафтори каҷравии наврасон [Маводи электронӣ] // Олими ҷавон / Т. Т. Шелина, В. С. Маслова. - 2014. № 21.1. - С. 143-145. - Тартиби дастрасӣ: http://www.moluch.ru/archive/80/13809/
156. Шербакова, В. П. Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун омили беҳсозии мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон [Матн] / Бюллетени Донишгоҳи давлатии Тула. Инсонӣ (гуманитарӣ) - № 4. - 2013. - С. 278-290 (забон-русӣ)
157. Шумора ва ҳайати хонавода [Матн]: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2024. – 75 с.
158. Шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 январи соли 2025 [Матн] / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: 2025. – 55 саҳ.
159. Шумораи ҳолатҳои бақайдгирифташудаи ВИЧ дар Тоҷикистон, аз соли 1991 инҷониб [Маводи электронӣ] / Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо СПИД. - Душанбе: 2021. – Тартиби дастрасӣ: http://nac.tj/omori_rasmi/
160. Шӯрои ҳамоҳангсозии парламентҳои ҷавонон [Маводи электронӣ] / Портали ягонаи Ҷунбиши парламентии ҷавонони Русия. – Тартиби дастарсӣ: http://newparlament.ru/pages/view/structure/14 (12.03.2017)
161. Эзоҳи консептуалӣ барои аввалин Форуми умумиҷаҳонии сиёсати ҷавонон [Маводи электронӣ] – Боку, 2014. - Тартиби дастрасӣ: http://www.youthpolicy.org/ (забон-англисӣ)

САВОЛҲО БАРОИ ТАКМИЛИ САТҲИ ДОНИШ
(барои омодасозии саволномаи озмоишӣ (тестӣ)

1. Тафовути байни наслҳои калонсолону ҷавонон дар чи ифода меёбад?
2. Чанд фоизи аҳолии ҷаҳонро шахсони то 30-сола, яъне ҷавонон ташкил медиҳанд?
3. Синни миёнаи аҳолӣ дар Тоҷикистон чанд аст?
4. Чанд фоизи аҳолии кишварро шахсони то 30-сола, яъне ҷавонон ташкил медиҳанд?
5. Чанд фоизи аҳолии кишварро шахсони ҷавон ташкил медиҳанд?
6. Ҷавонон кистанд (назарҳои олимонро тавзеҳ диҳед)?
7. «Ҷавонишиносӣ (ювенология)» чист?
8. Мактаби илмии ҷавонишиносӣ (ювенология) кай ва дар куҷо маъруфият пайдо кардааст?
9. Бори нахуст рисолаи илмии дастаҷамъии «Ҷавонишиносӣ (ювенология) ва сиёсати ноболиғон дар асри 21: таҷрибаи омӯзиши байнисоҳавӣ» кай ба нашр расидааст?
10. Ҷавонишиносӣ ҳамчун илми байнисоҳавӣ ба кадом нишондиҳандаҳо асос меёбад?
11. Аз рӯи ихтисоси «Кор бо ҷавонон» бори нахуст дар фазои Шӯравӣ дар куҷо мутахассисон тайёр карда мешуданд?
12. «Ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон» чист?
13. Ҷомеашиносии ҷавонон ҳамчун илм аз кадом марҳилаҳо иборат аст?
14. «Ҷомеашиносии (сотсиологияи) ҷавонон: китоби дарсӣ» кай ва дар куҷо интишор гардидааст?
15. Чор марҳилаи бебозгашти шуғлмандии ҷавонон (назари Д.Колб) кадомҳоянд?
16. Се хусусияти таҳсилоти амалии М. Смит кадомҳоянд?
17. Сиёсати ҷавонон чист?
18. Чарои сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун сиёсати байнисоҳавӣ ном бурда мешавад?

19. Донишгоҳи ҷавонони Чин оид ба илмҳои сиёсӣ кай таъсис ёфтааст ва дар кадом самт фаъолият дорад?
20. Институти илмии ҷавонон дар Калифорния (ИМА) кай таъсис ёфтааст ва дар кадом самт фаъолият дорад?
21. Институти ҷавонони Олмон кай таъсис ёфтааст ва дар кадом самт фаъолият дорад?
22. Таълими сиёсати ҷавонон ҳамчун фанни мустақил ба чи асос меёбад?;
23. Дар ҳошияи рушди сармояи инсонӣ дар ҳамбастагӣ ба татбиқи сиёсати ҷавонон кадом амал тақозо карда мешавад?
24. Ҷавонон ҳамчун субъект ва ё объекти сиёсати давлатӣ баррасӣ мегарданд?
25. Сиёсати давлатии ҷавонон аз ҷониби кадом ниҳодҳо амалӣ карда мешавад?
26. Дар давраи солҳои 1993-2025 аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ чанд вохӯрӣ ва мулоқотҳои васеи расмӣ бо намояндагони ҷавонони кишвар ташкил карда шудаанд?
27. Кадом сол «Соли ҷавонон» эълон гардида буд?
28. Чанд кишвар узви Созмони Милали Муттаҳид қабул гардидааст?
29. Хусусияти бисёрҷонибаи сиёсати ҷавонон 4 усулҳои зарурии фаъолиятро пеш мегузорад, онҳо кадомҳоянд?
30. Усули амудии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
31. Усули уфуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
32. Усули биёрсоҳавии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
33. Усули интизомии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
34. Усули бунёдии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон чист?
35. Роҳу усулҳои татбиқи тадбирҳои бунёдии сиёсати давлатии ҷавонон ба 4 гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳоянд?

36. Нишондиҳандаҳои асосии таъмини самаранокии сиёсати давлатии ҷавонон ба кадом унсурҳо асос меёбанд?
37. Вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷавонон кадом чораҳоро фаро мегирад?
38. Вазъи сиёсии ҷавонон кадом чораҳоро фаро мегирад?
39. Иштироки ҷавонон чиро ифода мекунад?
40. Тарбияи фарҳангӣ ва эҷодии ҷавонон кадом чораҳоро фаро мегирад?
41. Мавқеи ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон ба чи асос меёбад?
42. Дар шароити демократикунонии кишвар ҷавонон ба 3 гурӯҳ ҷудо карда шудаанд, онҳо кадомҳоянд?
43. Синни миёнаи аҳолии Тоҷикистон чанд сол аст?
44. Чанд фоизи аҳолии Тоҷикистонро шахсони то 30-сола (кӯдакон ва ҷавонон) ташкил медиҳанд?
45. Иштироки ҷавонон чист?
46. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон чи гуна низом аст?
47. Афзалиятнокии низоми омодасозии кадрии «Комсомол» ба чи асос меёфт?
48. Фаъолияти босамари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба чи тақозо мегардад?
49. Дар Тоҷикистон шумори ниҳодҳои давлатии кор бо ҷавонон чанд адад аст?
50. «Меҳнати сиёҳ» чист?
51. «Мардикор» кист?
52. Фаъолияти меҳнатии муваққатӣ чист, намудҳои онро номбар кунед?
53. Чаро қисми зиёди муҳоҷирони тоҷикистонӣ дар Федератсия Русия доимо зери маломат қарор доранд?
54. Дар ҷомеаи демократӣ барои таъмингардии ҷавонон бо ҷойи корӣ чи чора андешида мешавад?
55. Иқтисоди бозоргонӣ нисбат ба шахси ҷавон чи талабот мегузорад?
56. Нақши ниҳодҳои сиёсати давлатии ҷавонон вобаста ба шуғлмандии ҷавонон ба чи асос меёбад?
57. Ташаккули тарзи ҳаёти солим чи гуна омил аст?

58. Чанд нафар аҳолии дунё бо бемории сироятии ВНМО/БПНМ зиндагӣ зиндагӣ мекунанд?
59. Сабаби асосии ба бемориҳои махсусан хавфнок гирифтор шудани ҷавонон дар чист?
60. Вобаста ба истифодаи захираҳои шабакаи интернет танбалии таълимгиранда ва омӯзгор дар чи инъикос мегардад?
61. Аз бӯҳронҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дида, кадом мушкилот хатраноктар аст?
62. Чаро шакли (низоми) имрӯзаи таҳсилот талаботи ҷавононро то дараҷаи лозима қонеъ намегардонад?
63. Мутобиқи таҳлилҳо шакли (низоми) имрӯзаи таҳсилот талаботи ҷавононро то дараҷаи зарурӣ қонеъ намегардонад, чаро?
64. Тибқи таҳлилҳои оморӣ дар соли 2024 ба чанд ҳазор нафар хатмкардагон мақоми бекорӣ дода шудааст (яъне мутахассисони нав, ки ба бозори меҳнат баромадаанд, натавонистаанд, ки бо ҷойи кори мувофиқ таъмин шаванд)?
65. Чаро ҷавонзанон бояд имконияти аз худ кардани (омӯхтани) маълумоти касбии дастрасро (ибтидоӣ ва миёнаро) дар наздикии макони зисти худ дошта бошанд?
66. Мутобиқи шариат, фарҳанги ислом ҳуқуқи зан ва мард дар кадом сатҳ аст?
67. Кадом шаклҳои таҳсилотро медонед, ки шахси ҷавон метавонад дар ҳар ҷо ва дар ҳар вақти муносиб аз онҳо истифода карда, таълим гирад?
68. Низоми таъмини кӯмак ва дастгирии иҷтимоии ҷавонон чист?
69. Киҳо ба гурӯҳҳои осебпазири ҷавонон дохил мешаванд?
70. Паёмади интихоби дуруст ва интихоби нодуруст дар ҳаёти инсон ба чи асос меёбад?
71. Ҳангоми ба синни балоғат, яъне 18-солагӣ расидан, наврасони маъюб ва ятим бояд мактаб-интернатро тарк кунанд, пас онҳо куҷо мераванд?

72. Чаро масъалаи таъминот бо манзили истиқоматӣ барои гурӯҳҳои осебдидаву осебпазир ва ҳамчунин барои навхонадорони ҷавон мушкилбор аст?
73. Афзоиши табиии солонаи аҳолии Тоҷикистон ба ҳисоби миёна чанд ҳазор нафарро ташкил медиҳад?
74. Сабаби асосии афзоиши сатҳи бекорӣ дар байни ҷавонон ба чи асос меёбад?
75. Чаро дар давраи Шӯравӣ таъмингардии шахси ҷавон бо ҷойи кор кафолат дода мешуд?
76. Мушкилоти асосии ҷавонон вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба чи асос меёбад?
77. Муҳоҷирати меҳнатӣ чист?
78. Чанд фоизи аҳолии Тоҷикистон қишри қобили меҳнат мебошад?
79. Чанд фоизи муҳоҷирони меҳнатӣ маълумоти касбӣ надоранд?
80. Сармоягузорӣ барои оянда, ин сармоягузорӣ ба насли имрӯзаи ҷавонон аст, чаро?
81. Чанд фоизи аҳолӣ ҷавонони синни издивоҷ мебошанд?
82. Рафтори номатлуб чист?
83. Наврасон ва ҷавононро чиҳо ба тақлидкорӣ ва намоиш додани худ ба мисли «қаҳрамонҳо»-и дӯстдошта такон медиҳанд?
84. Сабабҳои афзоиши ҷиноятқории ҷавонон, ки ба волидон вобаста дониста мешаванд, кадомҳоянд?
85. Вазъи иқтисодии ҷавонон аз чи вобастагӣ дорад?
86. Дар шароити ҷамъиятии (демографии) Тоҷикистон ба рушди устувори (динамикии) иқтисодӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоӣ кадом тадбирҳо метавонанд мусоидат намоянд?
87. Тақдири инсон чист ва ё дар дасти кист (мутаносибан)?
88. Чи бояд кард барои рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон?
89. Ҷавононро чи мебояд кард барои рушди фаъолияти соҳибкории худ?

90. Хостагирӣ, дастгирӣ ва омодасозии соҳибкорони ҷавон ҳанӯз аз давраи дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ чи аҳамият дорад?
91. «Барномаи тарбияи ҷавонони Тоҷикистон дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ» бори нахуст кай қабул гардида буд?
92. Кадом вазъият ба ташаккулёбии маданияти махсуси худамалигардии ҷавонон боис гардид?
93. Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва мадании ҷавононро чи ташкил медиҳад?
94. Тартиби фаъолияти кадом марказҳо (нуқтаҳои хизматрасон) бештар ба талқини бадахлоқии ҷавонон равона буда, аз фарҳанги миллӣ бегона мебошанд?
95. Ба сифати василаи асосии таҳким бахшидани тафаккури шаҳрвандӣ барои ҷавонон иҷрои кадом амалҳо заруранд?
96. Кадом давра аксари аҳолии Тоҷикистон доимо зери андешаи «зинда мондан» қарор доштанд?
97. Таъсири манфии шабакаи интернет ва синамо чи гуна аст?
98. Роҳи раҳоӣ аз таъсири манфии шабакаи интернет ва синамо кадом аст?
99. Эҳтиром чист?
100. Иртиботи дини ислом ба бадахлоқӣ, беэҳтиромӣ, нажодпарастӣ, бадахлоқӣ, тундравӣ (экстремизм) ва даҳшатафканӣ (терроризм) чигуна аст?
101. Асли мафҳуми ислом чист?
102. Ба ҷавонони гумроҳ тундгароён чигуна ақидаро талқин менамоянд?
103. Намунаи ибрат (идеал) кист?
104. Чи бояд кард, то инки дар ниҳоди ҷавонон таҳаммулпазирӣ ва сабр ҷой дода шавад?
105. Фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон умқи қадимӣ доранд, чаро ё чигуна?
106. Дар дунё чанд нафар бо забони тоҷикӣ (дар гузашта форсӣ) сухан мегӯянд?
107. Бахши сайёҳӣ чи афзалият дорад?
108. Сайёҳии дохилӣ чист?

109. Чаро гурӯҳи зиёди ҷавонон ба доми фиреб, шиканҷа, зӯроварӣ ва даҳшат меафтанд?
110. Барои ҳифзи мероси фарҳангӣ ва тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи инкишофи фарҳанг, таҳаммулпазирӣ ва сулҳдӯстию муттаҳидӣ чи бояд кард?
111. Чун анъана кадом соҳа ҳамчун ниҳоди омодасозии кордонҳо (кадрҳо) ба ҳисоб меравад?
112. Ҷомеаи муосир татбиқи устувори сиёсати ҷавононро иборат аз панҷ зина тақозо менамояд, ин зинаҳо кадомҳоянд?
113. Амалӣ гардонидани ҷанбаҳои илмӣ ва равишшинохтии (методологии) сиёсати давлатии ҷавононро бидуни мавҷуд будани ниҳодҳои махсуси илмию тадқиқотӣ имконнопазир аст, чаро?
114. Кадом низом ё мақомот мутахассисони ҷавонро барои пешбарӣ ба вазифаҳои роҳбарикунанда омода ва пешниҳод менамояд?
115. Барои таъмини мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятию тиҷорӣ бо мутахассисони ҷавон чигун меъёр бояд муқаррар карда шавад ва чаро?
116. Низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон, ки сохтори амудӣ (иерархӣ) дорад оё то ба сатҳи маҳал – ҷамоатҳо ва кумтаҳои маҳаллаву деҳа фаъолият мекунад?
117. Дар сатҳи вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд бахши нави (алоҳидаи) омори давлатӣ дар робита ба сиёсати ҷавонон ҷорӣ карда шавад, чаро?
118. Таҳияи созукори (механизми) устувори ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии давлатии олимону муҳаққиқон, лаёқатмандон ва ташаббускорони ҷавон тавассути барномаҳои мақсадноки давлатӣ зарур шуморида мешавад, чаро?
119. Вазъи татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон чигуна арзёбӣ мегарад?
120. Чаро низоми кор бо ҷавонон дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон бояд дорои иқтидори устувор бошад?
121. Муайян карда шуд, ки дар ҷумҳурӣ низоми сиёсати давлатии ҷавонон бештар хусусияти иттилоотӣ,

ниҳодӣ ва амалию ташкилӣ дорад, пас, кадом самтҳо дар канор мондаанд ва чи аҳамият доранд?

122. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фаъолнокии сиёсии ҷавонон дар Тоҷикистон дар айни замон чигуна аст?
123. Барои ҳалли ҳамаҷонибаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқӣ ва сиёсии ҷавонон чи бояд кард?
124. Зарурати татбиқёбии сиёсати давлатии ҷавонон ба чи асос меёбад?
125. Чаро сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун самти калидии рушди захираҳои дурамали (стратегии) ҷомеа бояд баррасӣ шавад?
126. Нақши ҷавонон дар доираи манфиатҳо ва арзишҳои миллӣ ва давлатӣ чигуна аст?
127. Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба чи нигаронида шудааст?
128. Сиёсати давлатии ҷавонон самти дурамали (стратегии) давлатро дар дар кадом самтҳо инъикос менамояд?
129. Сиёсати давлатии ҷавонон кадом сол дар Тоҷикистон ташкил ёфт?
130. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» кай қабул гардид?
131. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» якчанд маротиб дар таҳрири нав қабул гардидааст, чаро?
132. Ҳадаф ва вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қонунгузорӣ муқаррар кардааст, кадомҳоянд?
133. Татбиқи меъёрҳои амалии сиёсати давлатии ҷавонон чи аҳамият доранд?
134. Низоми пурраи идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон аз кадом гурӯҳи ниҳодҳо ташкил ёфтааст?
135. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
136. Иштироки ҷавонон чист?
137. Калонсолон бояд ба ҷавонон имкон диҳанд, ки муносибатҳоро дар раванди ташкили таҳсил, касбу

ихтисос ва ҳаёти оиладорӣ мутаносибан мустақилона ба роҳ монанд, чаро?

138. Шуғл чист ва шуғлмандии ҷавонон чи аҳамият дорад?
139. Таъмини тарзи ҳаёти солими ҷавонон дар доираи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба се самт ҷудо карда мешавад, кадомҳо?
140. Дар ҷомеаи муосир маориф воситаи асосии рушди шахсият арзёбӣ мегардад, чаро?
141. Таҳсилоти муносиб чист?
142. Барои таъмини сифати таълим дар ҳошияи рушди сиёсати давлатии ҷавонон чи бояд кард?
143. Мушкилоти мубрами иҷтимоие, ки ҷавонони гурӯҳи осебдида бо онҳо рӯбарӯ ҳастанд, кадомҳоянд?
144. Ба таври кофӣ огоҳ набудани ҷавонон аз ҳуқуқу манфиатҳои худ ба чи оварда мерасонад?
145. Ба мустақилияти иқтисодии ҷавонон чи мусоидат мекунад?
146. Кишварҳое, ки захираи фаровони табиӣ (дар мисоли канданиҳои фоиданок) ё қобилияти коркард ва фурӯши онҳоро надоранд ба чигуна мушкилот рӯбарӯанд?
147. Барои таҳким бахшидани ҳувияти миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ ва баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандии ҷавонон чи бояд кард?
148. Ахлоқи шоиста ва фарҳанги ҷавонон ба кадом амалҳо асос меёбад?
149. Барои рушди муътадил ва устувори сиёсати давлатии ҷавонон чи бояд кард?
150. Вобастагии ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҷавонон дар чи инъикос меёбад?
151. Тибқи мушоҳидаҳо имрӯз на ҳамаи ҷавонон дар худ малакаҳои худфаъолӣ ва мутобиқшавиро парвариш медиҳанд, чаро?
152. Ҷомеаи шаҳрвандӣ чист?
153. Кадом ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ медонед?
154. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва пешрафти илму техника як ниҳоди дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфтааст, кадом аст?

155. Нақши шабакаи интернет дар ҳаёти ҷавонон дар сурати дуруст истифода шудан чи гуна аст?
156. Айни замон вазъи фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳоди фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ чи гуна аст?
157. Чаро фаъолияти ТҒҲ ва ё иттиҳодияҳои ҷамъиятии расмӣ мавсимӣ арзёбӣ гардидааст?
158. Иттиҳодияи ҷамъиятии ҳудудӣ чигуна ниҳод аст?
159. Чаро шумори зиёди кумитаҳои маҳаллаву деҳот мутобиқи қонунгузорӣ фаъолият намебаранд?
160. Чаро кӯчиши аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо афзоиш дорад?
161. Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон чигуна ташкилот аст?
162. Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон чигуна ташкилот аст?
163. Дар шароити демократикунонии ҷомеа иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ чи гуна саҳм гузошта метавонанд?
164. Аз соли 2005 инҷониб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон кадом кӯмаки пулии бебозгашт (грант)-ро таъсис додааст?
165. Ташаббусҳои ҷумҳуриявии ҷавонон (дастгирии грантӣ) чи аҳамият доранд?
166. Нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои маҳаллӣ дар фаъолсозии ҷавонон ва татбиқи ташаббусҳои давлатӣ дар кадом сатҳ аст?
167. Кадом манбаъҳои маблағгузории фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мавҷуданд?
168. Нақши дини ислом дар ҳошияи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чигуна аст?
169. Қуръони Карим бо забони тоҷикӣ ва бо ҳуруфи кириллӣ чанд нусха ва кай тарҷума ва интишор шудааст?
170. Нақши Қуръони Карим дар таълим ва тарбияи кӯдакон ва духтарон чигуна аст?
171. Чор (навъ) амале барои зиндагон (барои ба даст овардани савоб аз ҷониби Аллоҳ) амр шудааст, кадомҳоянд?
172. Роҳи рост ва дуруст дар ҷомеаи муосир чиро ифода мекунад?
173. Нақши оила дар рушди шахсияти инсон чигуна аст?

174. Серфарзанд будани оила дар ҷомеаи муосир чи аҳамият ва ё чи зарар дорад?
175. Аз лиҳози иқтисодӣ ҷомеаи мо барои идома додани тамоюли серфарзандӣ омода аст?
176. Чанд фоизи аҳолии Тоҷикистонро сокинони деҳот ташкил медиҳанд?
177. Мақомоти худидоракунандаи маҳаллӣ чи гуна ниҳод аст?
178. Мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ чи гуна ниҳод аст?
179. Мақоми худидоракунандаи маҳаллӣ аз ҷониби ки(ҳо) интихоб мешавад?
180. Раису раёсати кумитаҳои маҳалла/деҳа аз ҷониби ки(ҳо) интихоб мегарданд?
181. Чаро шаҳрвандон оид ба интихобӣ будани роҳбарияти ҷамоат иттилои пурра надоранд?
182. Чанд фоиз ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар маҳалҳо фаъолият доранд?
183. Камфаъолии шаҳрвандон вобаста ба фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба чи асос меёбад?
184. Қисми муайяни аҳолӣ мавқеъи интизориро касб кардаанд ва интизоранд, ки кай Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои онҳо шароити беҳтари зисту зиндагониро фароҳам меорад, чаро?
185. Талаботи (принсипҳои) ҷомеаи демократӣ аз шаҳрвандон чи тақозо мекунад?
186. Шаҳрвандон ба сифати мақомоти худфъолияти ҷамъиятӣ ва ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шахси воқеъӣ, дар маҷмуъ ҷомеаи шаҳрвандӣ амалан ба чи корҳо бояд машғул бошанд?
187. Буҷети Ҷамоат, ҳамчунин Кумитаи маҳалла / деҳа тибқи талаботи қонунгузорӣ чигуна ташкил меёбад?
188. Вобаста ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон Ҷамоат чи имкониятҳо дорад?
189. Гурӯҳе аз масъулон барои ташкили фаъолияти хоҷагидорӣ ва ё соҳибкории шаҳрвандон монеаҳо эҷод мекунанд, чаро?
190. Дар самти рушди соҳибкорӣ Ҷамоат кадом тадбирҳоро бояд ба роҳ монад?

191. Масъалаҳои иҷтимоӣ, аз қабили таъминоти иҷтимоӣ, кӯмакпулӣ, тандурустӣ, дастгирии маъюбон, бепарасторон ва оилаҳои камбизоат, беҳдошти вазъи мактабҳо чиро тақозо мекунанд?
192. Дар дастгоҳи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (Ҷамоат) воҳиди махсуси кор бо ҷавонон амал мекунад?
193. Чаро бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ солҳои охир таваҷҷуҳи беши ҷавононро ҷалб кардааст?
194. Баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун ҳадафи олии Тоҷикистон дар кадом санад муқаррар гардидааст?
195. Рушди неруи инсонӣ дар доираи СМР-2030 ба сифати кадом самт ҳадаф гузошта шудааст?
196. Вазифаҳои асосӣ ва шартҳои ҳаётан муҳими рушди устувори инсон маҳсуб дар доираи «Ҳадафҳои рушди устувор» кадомҳоянд?
197. Асоси пешрафти давлату ҳукумат ва ҷомеаи кунунӣ на дар зулму истибдод ва ё дар гумону шубҳаву ҳарос, балки дар чи инъикос мегардад?
198. Кадом шакли идоракунӣ озодию соҳибихтиёрӣ ва талошварзию мустақилияти иқтисодии ҳар фардро ва дар умум давлатро тақозо мекунад?
199. Аз шумори беша 160 ҳазор нафар, ки ҳар сол ба бозори меҳнат ҳамчун қувваи нави корӣ ворид мешаванд, чанд фоизашон соҳиби маълумоти касбӣ мебошанд?
200. Фаъолияти соҳибкорӣ барои давлат чи нафъ меорад?
201. Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» фаъолияти соҳибкории ҷавонон бояд чи гуна дастгирӣ ёбад?
202. Суръати рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар байни ҷавонон дар таносуб бо дигар кишварҳои минтақа заиф аст, чаро?
203. Дастгирии фаъоли соҳибкорӣ чист?
204. Шуморе аз барномаҳои давлатӣ бо камомад ва ё дастёб нашудан ба нишододҳои муқарраршуда ҷамъбаст мегарданд, чаро?

205. Дар Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар 4 минтақа фаъолият мекунанд, кадомҳо?
206. Узвияти Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо (СҶС) чи афзалият дорад ё чи имкон медиҳад?
207. Вобаста ба таъмини рушди иқтисодиёти кишвар намояндагони бахши хусусиро чи мебояд кард?
208. Ҷавонон дар самти рушди бахши хусусӣ боризони (актoрҳои) умедбахш ҳисобида мешаванд, чаро?
209. Яке аз самтҳои афзалиятноки «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо унвони «мустақилияти иқтисодии ҷавонон ва рушди соҳибкории ҷавонон» муқаррар гардидааст, ин самт кадом вазифаҳоро дарбар мегирад?
210. Дар самти татбиқи сиёсати ҷавонон танҳо ба буҷет такя кардан, роҳи ҳалли масъала нест, чаро?
211. Яке аз ҷанбаи муҳимтарин дар самти беҳтар кардани вазъи иқтисодии ҷавонон ин тамоюли соҳибкорӣ мебошад, чаро?
212. Клуби соҳибкорони ҷавон чи гуна ташкилот аст?
213. Фаъолияти Клуби соҳибкорони ҷавон қонеъкунанда аст?
214. Масъалаи дарки моҳияти соҳибкорӣ, сатҳи дониш ва малака барои пешбурди мустақилонаи тиҷорати худ дар байни ҷавонон кушода боқӣ мемонад, чаро?
215. Ҳукуматҳои маҳаллӣ барномаҳои маҳаллӣ ва минтақавиро барои дастгирӣ ва рушди соҳибкории ҷавонон чигун бояд роҳандозӣ намоянд?
216. Мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ вобаста ба рушди фаъолияти соҳибкории ҷавонон бояд ҳавасманд бошад, чаро?
217. Зиёд шудани шумори соҳбкорони ҷавон – ин ... чист?
218. Мустаҳкам гардидани мавқеи захиравии (соҳибимконии) тиҷорат аз чи вобаста аст?
219. Ҷомеа ва тиҷорат манфиатҳои муштарак доранд, кадомҳоянд?
220. Нақши иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар рушди тиҷорат чи гуна аст?

221. Дар Тоҷикистон акнун деҳқонон ба фаъолияти гармхонавӣ гузаштаанд, аммо ба мушкилоти зиёд пешорӯ омадаанд, кадом мушкилотҳо?
222. Сатҳи таъсир ва саҳми оила дар ташаккули малакаҳои соҳибкорӣ ва ё маданияти иқтисодии ҷавонон чи гуна аст?
223. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо ҷалби аъзои оила чи гуна метавонанд ба ташаккули мустақилияти иқтисодии ҷавонон мусоидат намоянд?
224. Иштироки амалии ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон дар ҳоли ҳозир чи гуна аст?
225. Дар ҷомеаи муосир яке аз манбаъҳои асосии даромади оила, ин фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб меравад, чаро?
226. Ниҳоди ҳунарҳои дастӣ бо як қатор мушкилоти молиявӣ ва низомнок рӯбарӯ мебошад, ҳалли онҳо аз киҳо ё чиҳо вобаста аст?
227. Сармоягузории шаҳрвандӣ чист?
228. Манбаи сармоягузории иҷтимоӣ кадом аст?
229. Имрӯз зарур аст, ки низоми ҷалб, таҳия ва татбиқи сармоягузории шаҳрвандии муҳоҷирони меҳнатӣ ташаккул дода шавад, чаро?
230. Маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ чи гуна хусусият доранд ва барои кадом ниёзҳо сарф мешаванд?
231. Ҳар 1 сомонии бадастовардаи ин навъи меҳнат ё заҳмат бояд камаш 2 сомонӣ даромад биёрад. Сухан дар бораи кадом навъи меҳнат меравад?
232. Мебояд интиқоли маблағҳои муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун манбаи сармоягузории иқтисодӣ баррасӣ намуд, ба кадом самтҳои онро метавон равона кард?
233. Дар ҳошияи ташаккули мустақилияти иқтисодии ҷавонон тарҳе иборат аз чор гурӯҳ (субъекту объект) ва як формула таҳия гардидааст, он чи гуна аст?
234. Заминаи қонунгузории сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад, номабар кунед?

235. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон кай ташкил ёфт?
236. Санадҳои зерқонуни сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
237. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чи гуна барнома аст?
238. Зарурати ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон ба чи асос меёбад?
239. Давраи якуми ташаккули сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон как оғоз мегардад?
240. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» ҳамчун қонуни асосии ҷавонон ном гирифтааст, чаро?
241. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз чанд бобу модда иборат аст?
242. Сиёсати давлатии ҷавонон чист (мутобиқи қонун)?
243. Ҷавонон кадом давраи синусолиро фаро мегиранд?
244. Вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
245. Талаботи (принсипҳои) асосии сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?
246. Даҳ самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон муқаррар гардидаанд, кадомҳоянд?
247. Низоми идоракунӣ дар самти амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон аз кадом ниҳодҳо (сохтор) иборат аст?
248. Мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кор бо ҷавононро дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо кадом сохторҳо ташкил медиҳанд?
249. Ниҳодҳои давлатии ҷавонон то андозае фаъолият доранд, аммо аз иҷрои вазифаҳои (функсияҳои) асосии худ дур мебошанд, чаро?
250. Дар сатҳи ҷамотаҳо воҳиди кор бо ҷавонон то ҳанӯз таъсис наёфтааст, чаро?
251. Барои дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷавонон чи тадбирҳо андешида шудаанд ва онҳо дар кадом сатҳ қарор доранд?

252. Марказҳои ҷавонон барои худташаккулёбии ҷавонон чи аҳамият доранд?
253. Дар назди муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо кадом мақсад шуъбаи кор бо ҷавонон таъсис дода мешавад?
254. Ҳамоҳангсози идрорпулии (стипендияи) президентӣ, номи ва муассисавӣ кадом сохтор аст?
255. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ» кай қабул гардидааст ва чи ҳадаф дорад?
256. Волонтёрон, бештар бидуни чаҳорчӯбаи Қонун ба фаъолият ҷалб карда мешаванд, чаро, яъне кадом талабот иҷро намешавад?
257. Ҷавонон, мисли дигар табақаҳои аҳолӣ, метавонанд аз кумаки давлатӣ бархурдор гарданд, кадом кумакҳо?
258. Давлат ҷавонони кадом синнусолро таҳти ҳимоя қарор медиҳад?
259. Оё мақомоти давлатии кор бо ҷавонон ваколати қабул ва баррасии шикоятҳо ва муроҷиатҳоро бобати таъмини ҳифзи ҳуқуқи ҷавонон дорад?
260. Барои бо ҷойи корӣ таъмин гардидани ҷавонон ки(ҳо) масъул ва ё вазифадоранд?
261. Ташкилотҳои кор бо ҷавонон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ фаъолияти соҳибкории ҷавононро тавассути кадом василаҳо бояд дастгирӣ намоянд?
262. Маблағгузорӣ дар самти сиёсати давлатии ҷавонон дар доираи маблағҳо таъмин карда мешавад?
263. Субъектҳои дахлдори соҳа ҷиҳати бартарафсозии мушкилоти муайянгардида ва татбиқи саривақтии меъёрҳои қонунгузорӣ чи чораҳо бояд андешанд?
264. Омилҳои асосии барангезандаи мушкилот дар самти татбиқи асосҳои қонунгузории соҳаи сиёсати ҷавонон муайян карда шуд, кадомҳоянд?
265. Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чигуна ҳуҷҷат аст?
266. Доктрина чист?
267. Консепсия чист?
268. Стратегия чист?
269. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон кадомҳоянд?

270. Таркиби Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 қисмат иборат аст, кадомҳоянд?
271. Барои расидан ба нишондодҳои «Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон» субъектҳои сиёсати ҷавонон, бахусус мақомоти давлатии кор бо ҷавонон бояд чи корҳоро анҷом диҳанд?
272. Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030 чигуна ҳуҷҷат аст?
273. Самтҳои афзалиятноки Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон барои давраи то соли 2030 кадом лоиҳаҳоро пешбинӣ менамояд ва дар кадом сатҳ?
274. Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон (дар гузашта «Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон») чигуна барнома аст ва чи аҳамият дорад?
275. Татбиқи «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» 9 давраро дар бар мегирад, кадомҳо?
276. Робитаи ҷавононро ҳамчун объект ва ҳамзамон субъект бо дигар субъектҳои сиёсати давлатии ҷавонон, махсусан бо мақомоти ваколатдори давлатӣ кадом ҳуҷҷат таъмин менамояд?
277. Ченаки маблағгузории «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» ба сари ҳар як нафар ҷавон ба чанд сомонӣ баробар аст?
278. Айни замон натиҷаҳои «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» асосан хусусияти миқдорӣ доранд, чаро?
279. Хизматчиёни давлатӣ (кормандони сохторҳои кор бо ҷавонон) барои бевосита амалӣ намудани чорабиниҳои «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон» салоҳият ва имкониятҳои маҳдуд доранд, чаро?
280. Кормандони соҳаи кор бо ҷавонон мутахассисони соҳибтахассус нестанд, чаро?
281. «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон» чигуна барнома аст ва чи ҳадаф дорад?

282. Бо назардошти пешрафти замон, инкишофи фан (техника) ва фановарӣ (технология) даҳшатафканӣ (терроризм) шакл, усул, восита ва тарзҳои навро ба худ касб менамояд, барои муқовимат ва ё пешгирии он чи бояд кард?
283. Барномасозии сиёсати амалӣ чист?
284. Моҳияти асосии банақшагирӣ ба чи асос меёбад?
285. Нахустин таҷрибаи банақшагирӣ кай ва дар кадом соҳа ба роҳ монда мешавад?
286. Мақомоти давлатии банақшагирӣ дар ҳошияи муваффақиятҳои саноатии собиқ давлати Шӯравӣ дар кадом кишварҳои Аврупо ташкил меёбад?
287. Банақшагирии панҷсола ба сифати вазифаи афзалиятнок ва аввалиндараҷа чиро пеш мегузошт?
288. Нақши аввалиндараҷаи инсон дар идоракунӣ чиро ифода мекунад?
289. Банақшагирии иҷтимоӣ чист?
290. Тарз ё тартиби табдил додани тахаюл ба воқеиятро чи асос мегузорад?
291. Дар сатҳи маҳал банақшагирӣ дар кадом шакл истифода карда мешавад?
292. Дар сатҳи ташкилотҳои истеҳсолӣ банақшагирӣ барои кадом мақсад истифода карда мешавад?
293. Банақшагирии суроғавӣ чист?
294. Банақшагирӣ ба воситаи фишангҳои ғайримустақими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ чист?
295. Банақшагирии бомувозинат чист?
296. Усулҳои умумии банақшагирӣ кадомҳоянд?
297. Мақеи нишондиҳандаҳо зимни банақшагирӣ чигуна аст?
298. Лоиҳасозӣ чист?
299. Лоиҳасозии иҷтимоӣ чист?
300. Фарқият байни лоиҳасозӣ ва банақшагирӣ дар чист?
301. Усулҳои лоиҳасозӣ кадомҳоянд?
302. Лоиҳасозӣ ба 4 зинаи фаъолият асос меёбад, кадомҳоянд?
303. Барномасозии иҷтимоӣ чӣ матлаб дорад?
304. Тафовути байни «банақшагирӣ», «лоиҳасозӣ» ва «барномасозӣ» дар чист?

305. Асоси барномасозиро чӣ муайян менамояд?
306. Мушкилоти иҷтимоӣ чист?
307. Аксуламал ва мухолифати субъект чӣ хосият дорад?
308. Барномаҳо, ки маҳсули асосии барномасозии иҷтимоӣ мебошанд, ба 5 гурӯҳ ҷудо мешаванд, кадомҳо?
309. Барномаҳо аз рӯи мундариҷа ва ё мазмун 6 ҷанбаро фаро мегиранд, кадомҳо?
310. Зимни барномасозии иҷтимоӣ мушкилоти муқарраргардида бояд 5 зинаи тафсирсозиро фаро гирад, кадомҳо?
311. Хусусиятҳои барномасозии иҷтимоӣ кадомҳоянд?
312. Усулҳои барномасозӣ кадомҳоянд?
313. Мафкура (идеология) ҳамчун низоми назарҳо, донишҳо, ғояҳо, арзишҳо ва шуури сиёсӣ кай пайдо шудааст?
314. Ҳадаф ё манфиати умумӣ аз истифодаи мафкура (идеология) ба чӣ асос меёбад?
315. Тафаккур (идеология) дар муносибатҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ ба таври васеъ истифода мегардад ва арзиши хело баланд ва бисёрҷанба низ дорад, чаро?
316. Дастрасии тафаккур (идеология) ба чи асос меёбад?
317. Ҳадафрасии тафаккур (идеология) ба чи асос меёбад?
318. Тафовути идеология аз мафкураи миллӣ дар чист?
319. Мафкураи миллӣ чист?
320. Тафаккур (идеология) чист?
321. Кадом ҳолати давлат ба ташаккулёбии тафаккур (идеология) боис мегардад?
322. Тафаккури (идеологияи) давлатӣ аз тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба куллӣ фарқ мекунад, чаро?
323. Тафаккури (идеологияи) сиёсӣ чист?
324. Тафаккури (идеологияи) сиёсӣ аз 4 вазифаҳои хос иборат мебошад, кадомҳо?
325. Аз рӯи тарҳи иҷтимоию сиёсии ҷомеа – тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба 3 навъ ҷудо мешавад, кадомҳо?
326. Тафаккури (идеологияи) сиёсӣ ба навъҳои «идеологияи радикалӣ» ва «идеологияи консервативӣ» ҷудо мешавад, чи тафовут доранд?
327. Коммунизм чист?
328. Сотсиализм чист?

329. Капитализм чист?
330. Либерализм чист?
331. Консерватизм чист?
332. Натсионализм чист?
333. Фашизм чист?
334. «Исламизм» чист?
335. Давлати Ҳахоманшин чи гуна ҷамъият ва низоми идоракунӣ дошт?
336. Тоҷикистон мафкураи (идеологияи) давлатӣ дорад?
337. Чаро Тоҷикистонро мебояд мафкураи (идеологияи) миллӣ дошта бошад?
338. Тибқи Конститутсия мумкин аст, ки ба сифати мафкураи (идеологияи) миллӣ маҷмуи ғояҳоро муқаррар намуд, кадомҳоро?
339. Мафкураи (идеологияи) миллӣ чист?
340. Аз нигоҳи ғоявӣ (идеологӣ) сиёсати давлатии ҷавонон чист?
341. Сиёсати давлатии ҷавонон чи тавр метавонад рушди мафкураи (идеологияи) миллиро дар кишвар таъмин намояд?
342. Сиёсати давлатии ҷавонон ҳамчун василаи таъсиррасонӣ аз усулҳои гуногуни иттилоотонӣ таркиб ёфтааст, кадомҳо?
343. ...давлат худро бо қудрат ва тавоноии шикастнопазир, насли ватандӯст ва қуввае (шахсиятҳое), ки пешрафт ва шукуфоӣ меорад, муҷаҳҳаз мегардонад. Ин дар кадом ҳолат имконпазир мегардад?
344. Барои татбиқи амалии меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рушди ҷавонон, аз ҷумла ташкил ва пешбурди фаъолиятҳо оид ба таълиму тарбияи ғоявӣ (идеологӣ) кадом мақомот масъул аст?
345. Таҷриби ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷалб ва иштироки ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар татбиқи масъалаҳои иҷтимоии сиёсати давлатӣ, аз ҷумла сиёсати ҷавонон дар доираи имкониятҳои иқтисодии онҳо хеле васеъ паҳн шудааст, чи гуна таҷриба?
346. Дар Тоҷикистон дастгирии иҷтимоии ҷавонон ҷузъи асосии сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, бо кадом восита?

347. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамкории доимии байни шаҳрвандон ва ҳокимияти давлатиро ҳамчун воситаи амалӣ метавонанд таъмин кунанд, чигуна?
348. «Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» кай ва бо кадом мақсад таъсис дода шуд?
349. Дар раванди ҳамгироии мафкураи (идеологияи) миллӣ бо сиёсати давлатии ҷавонон мо робитаи зичи онҳоро бештар дар як нуқта ошкор месозем, кадом нуқта?
350. Асоси талқини тарбияи мафкуравиро (идеологиро) чи ташкил медиҳад?
351. Оҷизӣ дар истифодаи ақли худ ба дигарон имкон медиҳад, ки онро ба манфиати худ истифода баранд, на ба манфиати соҳиби ақл, чаро?
352. «*Ҳанӯз сӣ сол қабл ман фаҳмидам, ки шикоят кардан, ин танҳо аблаҳист. Мушкилоти ман бо камбудиҳои худ кофист, пас чаро бояд асабонӣ шавам, ки Худо ба ҳама қобилияти баробари ақлонӣ надодааст*», муаллифи ин гуфтор кист?
353. Дар яке аз ҳолатҳо шахс дар назди мардум фарқкунанда ва шарафёб мегардад, дар кадом ҳолат?
354. «*Муваффақияти бештарро дар фаъолияти корӣ онҳое ба даст меоранд, ки дар баробари дониш, боз қобилияти суханварӣ ва бовар кунонидани одамонро ба нуқтаи назари худ доранд, ҳамчунин маҳорати «муаррифӣ» ва талқин кардани ғояҳои худро низ соҳибанд*», муаллифи ин гуфтор кист?
355. Барои таъмини самаранокии чорабиниҳои ғоявӣ (идеологӣ) чӣ бояд кард?
356. Чорабиниҳои таблиғотӣ ва ё робитавӣ асосан барои кадом иҷрои кадом манфиатҳо равона гардидаанд ё истифода мешаванд?
357. Таблиғот чист?
358. Сарварон ва ходимони сиёсӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоии худ аз фишангҳои таблиғотию робитавӣ ба таври васеъ истифода мебаранд, чаро?
359. Ҳокимияти сиёсиро мебояд пояи нерӯи макуравии (идеологии) шаҳрвандонро бо тағйир додани шуури

онҳо ба самти роҳи рост ва дуруст таҳким бахшад, чаро?

360. Мавриди аз даст додани ин пул (иттилооту таблиғот) ҳокимият афзалиятнокии худро аз даст медиҳад, чаро?
361. Дар асл гурӯҳҳои ифротгарой (экстремистӣ) аз ислом хеле дур буда, эҳтимол мусулмонии худро низ, гум карда бошанд, чаро, чи тавр?
362. Айни замон инсон бештар ба иттиллои манфӣ майл дошта, иттиллои мусбиро дуюмдараҷа медонад, чаро?
363. Сатҳи тараққиёт ва нуфузи ҳар кишвар дар арсаи байналмилалӣ пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки ҷавонон то чӣ андоза дорои ... чӣ бошанд?
364. То ин замон як гурӯҳ санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардидаанд, ки татбиқи онҳо боиси баланд шудани нақши ҷавонон дар ҳаёти ҷомеа гардид, кадом санадҳо?
365. Таваҷҷӯҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба ин қишри ҷомеа (ҷавонон) рӯз аз рӯз зиёд мегардад, чаро?
366. Иштироки ҷавонон чист?
367. Дар самти иштироки фаъоли насли ҷавон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чи бояд кард?
368. Барои фаъолгардонии ҷамъиятии ҷавонон ташаккул ва рушди ҳаракати волонтёрӣ чи корҳоро мебояд анҷом дод?
369. Дар самти рушди имконоти маданӣ ва худтакмилдиҳии ҷавонон чи бояд кард?
370. «Соли байналхалқии ҷавонон: иштирок, тараққиёт ва сулҳ» аз ҷониби кадом ниҳод ва кай эълон гардидааст?
371. «Барномаи ҷаҳонии амалиёти ҷавонон то соли 2000 ва баъд аз он» аз ҷониби кадом ниҳод ва кай қабул гардидааст?
372. «Китоби сафед оид ба ҷавонон» аз ҷониби кадом ниҳод ва кай қабул гардидааст?
373. Соли 2005 аз ҷониби Шӯрои Аврупо «Барномаи Аврупой оид ба манфиатҳои ҷавонон» қабул мегардад, он чи мақсад дошт?
374. Иштироки ғайримустақими ҷавонон чист?

375. Иштироки мустақими ҷавонон чист?
376. Дар сатҳи байналмилалӣ иштироки ҷавонон мутобиқи кадом меъёрҳо муқаррар ва дастгирӣ карда мешавад?
377. Дараҷаи дигари иштироки ҷавонон – байниминтақавӣ мебошад, он кадом минтақаҳоро фаро мегирад?
378. Айни замон кадо минтақа дорои низоми нисбатан инкишофёфтаи сиёсати ҷавонон мебошад ва чаро?
379. Дараҷаи иштироки ҷавонон дар сатҳи миллӣ чи хусусият дорад?
380. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ кадомҳоянд?
381. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи вилоятӣ кадомҳоянд?
382. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи шаҳрӣ/ноҳиявӣ кадомҳоянд?
383. Вазифаҳои (функсияҳои) идоракунии ниҳодҳои сатҳи маҳал кадомҳоянд?
384. Насли ҷавон дорои сифатҳое (бартариҳое) мебошад, ки кулли онҳоро насли калонсол надорад, кадомҳоянд?
385. Ҳавасмандгардонии рушди соҳибкорӣ дар байни ҷавонон чи натиҷа меорад?
386. Фарҳанг барои мардуми тоҷик чи аҳамият дорад?
387. Хусусияти иҷтимоии фарҳанг дар он аст, ки он бояд ҳифз ва аз насл ба насл мерос гузошта шавад, барои ин чи бояд кард?
388. Аз нигоҳи иҷтимоӣ ахлоқ одатан аз ҷониби калонсолон ба ҷавонон талқин карда мешавад, аммо ҷомеаи муосир ва сиёсати ҷавонон як қатор равишҳои дигари худфаъолро (интерактивиро) пешниҳод мекунанд, кадомҳо?
389. Иштироки ҷавонон дар рушди мафкураи шаҳрвандӣ ва масъулияти ҷамъиятӣ чи аҳамият дорад?
390. Масъулияти шаҳрвандӣ чист?
391. Фарди ҷавони бомаърифат кист?
392. Иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии ҷомеа аз чи иборат аст?
393. Устуворӣ ва муваффақияти сиёсатро дар кадом ҳолат ба даст овардан мумкин аст?
394. Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон чӣ ҳадаф доранд?

395. Дар Тоҷикистон чанд иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон расман ба қайд гирифта шудааст?
396. Дар Тоҷикистон чанд иттиҳодияи ғайридавлатӣ расман ба қайд гирифта шудааст?
397. Тафовути байни ин иттиҳодияи ҷамъиятии ҷавонон ва иттиҳодияи ғайридавлатӣ дар чист?
398. Ҳар ду намуди иттиҳодияҳо, новобаста аз он ки ҷузъи фаъоли ҷомеаи шаҳрвандиро ташкил доданашон, аз дастгирии худи ҷомеаи шаҳрвандӣ, баҳравар нестанд, чаро?
399. Чаро ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ зарурати таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятиро баҳри бартараф кардани мушкилоти ҷомеа пурра сарфаҳм намераванд?
400. Ассотсиатсияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон чи гуна ташкилот аст ва кай таъсис ёфта буд?
401. Дар айни замон ҷавононро кадом ниҳодҳо намояндагӣ мекунанд, ки дар маҷмӯъ шумори онҳо ба беш аз 500 адад?
402. Ихтиёригӣ ва ё волонтёрӣ чист?
403. Волонтёр кист?
404. Дастёрони ихтиёрӣ кистанд?
405. Андоза ва ё ченаки хизматрасонии ихтиёрӣ (волонтёрӣ) аз рӯи чӣ муайян карда шудааст?
406. Саҳми ихтиёриён дар рушди иқтисодиёти ҷомеаи ҷаҳон чӣ гуна аст?
407. Кадом кишварҳои ба хизматрасониҳо ва ё фаъолияти ихтиёригӣ (волонтёрӣ) бештар ниёз доранд?
408. Фаъолияти ихтиёригӣ ба шахс, аз ҷумла шахси бекор ба мисли донишҷӯ чӣ имконият медиҳад?
409. Созукори (механизми) рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳошияи татбиқи сиёсати ҷавонон чиро ифода мекунад?
410. Парламенти ҷавонон бори аввал дар куҷо таъсис дода шуд?
411. Тарҳи (модели) парламенти ҷавонон дар ИДМ кай ташкил ёфт ва дар кадом шакл?
412. Комсомол чи гуна ташкилот буд ва кай таъсис ёфта буд?

413. Парламентаризми ҷавонон чист?
414. Низоми намояндагӣ чист?
415. Парламенти ҷавононро бо тартиби идоракунии иреархӣ (боло-поён) мумкин аст дар назди кадом ниҳод(ҳо) таъсис дода шавад?
416. Яке аз талаботи (принсипҳои) парламентаризми ҷавонон, ин иштироки ҷавонон аст, он ба чӣ асос меёбад?
417. Таъмини «иштироки ҷавонон» чист?
418. Фаъолгардонии ҷавонон чист?
419. Синни миёнаи аҳолии дунё чанд солро ташкил медиҳад?
420. Иштироки ҷавонон дар фаъолияти мақомоти қонунгузорӣ ва намояндагӣ чӣ натиҷа меорад?
421. Қарорҳои парламенти ҷавонон чигуна хусусият дорад?
422. Парламенти ҷавонон ба ҳокимияти давлатӣ чӣ вобастагӣ дорад?
423. Ассамблеяи байнипарламентии ҷавонони кишварҳои узви ИДМ чӣ гуна ташкилот аст ва кай таъсис ёфтааст?
424. Парламентаризми ҷавонон дар Федератсияи Русия чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?
425. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чӣ вазъ дорад?
426. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Қазоқистон чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?
427. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Қирғизистон чӣ вазъ дорад?
428. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Белорус чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?
429. Парламентаризми ҷавонон дар Арманистон чӣ вазъ дорад?
430. Парламентаризми ҷавонон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон чӣ вазъ дорад?
431. Дар айни ҳол ҳамаи кишварҳои ИДМ-ро аҳамиятнокии парламентаризми ҷавонон муттаҳид кардааст, чаро?
432. Вобаста ба уҳдадорӣ, тартиботи (принсипи) ҳуқуқӣ ва тақозои ҳамкории минтақавӣ имрӯзҳо бояд дар ҳамаи кишварҳои узви ИДМ парламенти ҷавонон фаъолияти

босамар дошта бошад, аммо воқеият дигар аст..., чи гуна аст ва чаро?

433. «Тавсияҳо оид ба танзим ва рушди парламентҳои ҷавонон дар давлатҳои аъзои ИДМ» чи гуна санад аст, кай қабул гардидааст?
434. Фаъолияти парламенти ҷавонон ба муайян кардан, ташкили омӯзиш ва пешрафти сарварони ҷавони умедбахш, ки ба фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ ва маъмурӣ манфиатдоранд, мусоидат мекунад, чи тавр?
435. Парламенти ҷавонон чи вазифаҳо дорад?
436. Барои парламенти ҷавонон (вакилон он) фаъолияти ихтиёрӣ афзалтар аст, чаро?
437. Парламенти ҷавонон бояд сохтори иерархии идоракунӣ дошта бошад, чӣ гуна сохтор?
438. Ҳайати вакилони парламенти ҷавонон дар сатҳи ҷамоатҳо бояд бо тартиби (принсипи) демократии умумиқабулшуда интихоб карда шаванд, чӣ тавр, бо кадом усул?
439. Рисолати парламенти ҷавонон ҳалли як ҳадафи хеле муҳими миллиро дар бар мегирад, кадом ҳадаф?
440. Аз нигоҳи назариявӣ (ҳамчун натиҷа ё амалия) сиёсати ҷавонон таҳкурсии хоссаи худро аллакай дорад, асосҳо кадомҳоянд?
441. Сиёсати ҷавонон мавзӯи омӯзиш ва таҳқиқоти якчанд илму тахассусҳои гуногун мебошад, кадомҳо?
442. Дар чанде кишварҳо ниҳодҳои махсуси тадқиқотию илмӣ ва таълимию тарбиявии самти сиёсати ҷавонон фаъолият доранд, онҳо чӣ рисолат доранд?
443. Аввалин Форуми умумиҷаҳонии сиёсати ҷавонон кай баргузор гардид?
444. Дар самти сиё ҷавонон Маъхази додаҳои махсуси байналмилалӣ дар шакли платформаи интернетӣ фаъолият дорад, он чӣ рисолат дорад?
445. ... соҳаи «кор бо ҷавонон» ҳамчун касб ва ё тахассуси самти сиёсати ҷавонон эътироф карда шавад, чаро?
446. Сиёсати давлатии ҷавонон бо назардошти вазъ ва имкониятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ахлоқии ҷавонон ва бо хусусияти бисёрҷанбаи худ

амалисозии тадбирҳоро бо 4 равиш ё усул пешбинӣ менамояд, кадомҳо?

447. Тафовути байни усулҳои амудӣ ва уфуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар чист?
448. Вазъи сиёсии ҷавонон чист?
449. Сарфи назар аз тартиби қатъии низоми идоракунӣ, ҷавоникунонии нерӯи инсонӣ (кадрӣ) аҳамиятнок ҳисобида мешавад, чаро?
450. Тарбияи фарҳангию эҷодии ҷавонон чи аҳамият дорад?
451. Вазъи ахлоқии ҷавонон чиро дар бар мегирад?
452. Сиёсати ҷавонон якчанд даҳсола боз дар саросари ҷаҳон татбиқ мегардад, аммо, ҳадафҳо ва вазифаҳои он ҳанӯз ба қуллаи худ нарасидаанд ва ба рисолати воқеии ин сиёсат ҷавобгӯ нестанд, чаро?
453. Муайян кардани созукори (механизми) ягонаи дурамал (стратегӣ) оид ба таъмини самаранокӣ ва рушди устувори сиёсати ҷавонон бо кадом сабаб/омил пеш омад?
454. Равишҳои мафҳумии (консептуалии) ҳар як самти афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон бо назардошти кадом ҳолатҳо таҳия карда шудаанд?
455. Иштироки ҷавонон дар ҳама соҳаҳои ҷомеа ва давлат бояд таъмин карда шавад, чаро?
456. Иштироки ҷавонон дар низоми идоракунии ҳокимияти намояндагӣ (қонунгузор) чӣ аҳамият дорад?
457. Иштироки ҷавонон дар идоракунии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
458. Иштироки ҷавонон дар идоракунии мақомоти судӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
459. Иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
460. Иштироки ҷавонон дар рушди бахши хусусӣ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?
461. Иштироки ҷавонон дар шуғлмандии худ чӣ гуна бояд таъмин карда шавад?

462. Гаронтарин неъмат дар ҳаёт вақт аст ва онро бояд доим сарфа кард ва оқилона истифода бурд, чигуна?
463. Саҳми давлат ва ҷомеа дар шуғлмандии ҷавонон, ин сармоя дар рушди иқтисоди миллӣ ва ҷомеа мебошад, чаро?
464. Ҷомеаи шаҳрвандӣ имкон дорад, ки ба интихоби касбу ихтисос ва шуғлмандии ҷавонон таъсири қаввӣ расонад, чигуна?
465. Сармоягузорӣ ба ҷавонон таваккали (риски) ночиз дошта, устувории бахши тиҷоратро таъмин мекунад, чӣ тавр ё чаро?
466. Фароҳам овардани шароит барои тарзи ҳаёти солими онҳо тақозо мегардад, чаро?
467. Бо истифода аз ин имкониятҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ метавонанд лоиҳаҳо ва барномаҳои муштаракро дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон таҳия ва амалӣ намоянд, кадом имкониятҳо?
468. Иштироки ҷавонон дар раванди таълим чӣ аҳамият дорад?
469. Зарур аст, ки дар раёсати (ректорати) ҳама намуди муассисаҳои таҳсилоти касбӣ воҳиди (вазифаи) «кор бо ҷавонон» таъсис дода шавад, чаро?
470. Фарди ҷавон бояд роҳи муносиб ва мувофиқи таҳсилро интихоб кунад, чӣ тавр?
471. Низоми эътирофи салоҳият (валидатсия) чист?
472. Дар шароити бозори меҳнат дар аксари кишварҳо доираи тиҷорат даҳсолаҳо боз ба сатҳи нави рушди соҳибкорӣ – тавассути омодасозии кордонҳои (кадрҳои) баландихтисос гузаштааст, кадом сатҳи нав он чӣ гуна аст?
473. Иштироки ҷавонон дар таҳия ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ чӣ аҳамият дорад?
474. Иҷтимоишавии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон чӣ аҳамият дорад?
475. Ба ҳар сурат доираи тиҷорат аз эҳсонкорӣ фоида мегирад, чӣ тавр?
476. Меъёрҳои асосии таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон дар санадҳои қонунгузории

соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон инъикос ёфтаанд, кадом санадҳо?

477. Роҳи муносиби таъсиррасонӣ ба рушди нерӯи зеҳнӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ахлоқии ҷавонон аз кӣ(ҳо) вобастагӣ дорад?
478. Шаҳрвандони ҷавон бояд аз кадом вақт ҷанбаҳои ҳуқуқии давраи ҳаётро омӯзанд?
479. Маърифати ҳуқуқӣ дар байни ҷавонон чӣ арзишмандӣ дорад?
480. Сармоягузорӣ дар таъсис ва рушди марказҳои дастгирии ҳуқуқии барқарорсозӣ ва равонӣ ба чӣ мусоидат мекунад?
481. Иштироки ҷавонон дар таъмини мустақилияти иқтисодии худ чӣ гуна имконпазир мегардад?
482. Мустақилияти иқтисодии ҷавонон ин кафолати вазъи иқтисодии устувор ва беҳбудии ҷомеа ва давлат аст, аммо он аз куҷо маншаъ мегирад?
483. Нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ташаккули мустақилияти иқтисодии ҷавонон дар чӣ инъикос меёбад?
484. Иштироки ҷавонон дар татбиқи сиёсати рушди шаҳрвандӣ, идоракунии давлатӣ, бахшҳои маънавиёти (идеологии) ҷомеа ва андешидани чораҳои гуногуни - зеҳнии иттилоотӣ, тарбиявӣ ва таълимию фарҳангӣ ба пайдоиши кадом равишҳо мусоидат мекунад?
485. Ҳокимияти сиёсӣ ҷиҳати таҳкими сиёсати давлатии ҷавонон дар ҳошияи тарбияи ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва шаҳрвандии ҷавонон кадом амалҳоро бояд амалӣ гардонад?
486. Нақши оила дар тарбияи шаҳрвандии ҷавонон чӣ гуна аст?
487. Шахси бетарбия ва бадахлоқ ба ки зарари ҷиддӣ мерасонад?
488. Афзоиши сатҳи таваллуд, яъне шумори зиёди фарзанд дар шароити имрӯза то андозае монеи тарбия ва таълими комили фарзанд – ҷавонон ва ояндаи ҷомеа арзёбӣ мегардад, чаро?
489. Табиати фарди ҷавон бисёр сеҳрнок аст, қисми муайяни ҷавонон аз рукнҳои ахлоқӣ дида, бештар ба

рафтор ва кирдорҳои зидиахлоқӣ таваҷҷӯҳ доранд, чаро?

490. Яке аз пешрафти миллии мо дар арсаи ҷаҳонӣ, ки аксар онро эътироф кардааст, чӣ аст?
491. Танҳо ҷавонон бояд дар сохтори идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон иштирок кунанд ва ё масъул бошанд ё киҳо?
492. Чаҳор нишондодҳои касбияти корманди соҳаи кор бо ҷавонон кадомҳоянд?
493. Тахассуси касбии шахс дар соҳаи кор бо ҷавонон ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад, кадомҳо?
494. Тафовути байни низоми сиёсати давлатии ҷавонон ва низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон дар чист?
495. Иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ниҳодсозии сиёсати давлатии ҷавонон чӣ аҳамият дорад?
496. Ҳар се ниҳодҳои ҷомеа бояд якҷо амал кунанд: давлат ҳамчун фармоишгар ва ҳамоҳангсоз ва бахши ғайриҳукуматӣ ҳамчун иҷрокунанда, чаро?

Барои сабтҳои махсус

Миралиён Қиёмиддин Абдусалимзода

СИЁСАТИ ҶАВОНОН

Китоби дарсӣ

Бо қарори Шурои илмӣ-методии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/17 аз28.08.2026 барои нашр тавсия дода шуд.

Барои чоп имзо шуд: аз «10» октябри соли 2026.

Бо формати 60Х90(1/16). Чоп ва қоғази офсетӣ.